ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2024. №8.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2024. №8.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2024. No.8.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.



***САРМУҲАРРИР:***

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Исмонов Кароматулло** — *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***иқтисод***

**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Қудрат Қамбар** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***ҳуқуқшиносӣ***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Тақдиршо Шарифович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***сиёсатшиносӣ***

**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***илмҳои иқтисодӣ:***
***илмҳои ҳуқуқшиносӣ**:*
***илмҳои сиёсӣ:***
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2024. – №8.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2024

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМ
ИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

**Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** — *Доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

**Исмонов Кароматулло** — *доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***Экономика***

**Ганиев Таварали Бобоевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Давлатзода Кудрат Камбар** *Доктор экономических наук, профессор*
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** *Доктор экономических наук, профессор*
**Исайнов Хисайн Рахимович** *Доктор экономических наук, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
**Калемуллоев Мунир Вохидович** *Доктор экономических наук, доцент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин**
**Низомов Самариддин** *Доктор экономических наук, профессор*
**Фахриевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна**
**Одинаев Хаёт Абдулхакович** *Доктор экономических наук, профессор*
**Умаров Ходжимухаммад** *Доктор экономических наук, профессор*
**Файзуллоев Машраб** *Доктор экономических наук, профессор*
**Курбоналиевич** *Доктор экономических наук, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович**
*Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Шамсов Илёс Сафарович**
*Доктор экономических наук, профессор*

***Юриспруденция***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** *Доктор юридических наук, профессор*
**Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** *Доктор юридических наук, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** *Доктор юридических наук, профессор*
**Муртазозода Джамшед Сайдали** *Доктор юридических наук, профессор*
**Рахмон Дилшод Сафарбек** *Доктор юридических наук, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** *Доктор юридических наук, профессор*
**Шарипов Такдиршо Шарифович** *Доктор юридических наук, профессор*

***Политология***

**Зокиров Гулмахмад Нозимович** *Доктор политических наук, профессор*
**Курбонов Абдурахмон Шерович** *Доктор философских наук, профессор*
**Махмадизода Нозим Давлатмурод** *Доктор философских наук, профессор*
**Муҳаммад Абдурахмон Navruz** *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** *Доктор политических наук, профессор*
**Поцелуев Сергей Петрович** *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** *Кандидат политических наук, доцент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.
Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**экономических наук:**
**юридических наук:**
**политических наук:**
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических
и общественных наук.**
– 2024. – №8.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
**Журнал подготавливается к изданию
в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2024

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***
**Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University*
**DEPUTY CHIEF EDITOR:**
**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*
***DEPUTY CHIEF EDITOR:***
**Ismonov Karomatullo** — *Doctor of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
*Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar**
**Chaya Vladimir Tigranovich** *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich**
**Israilov Mukash Israilovich** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
*Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** *(Kyrgyz Republic)*
*Doctor of Economic Sciences, Associate*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** *Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
*Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich**
**Umarov Khojamuhammad** *Doctor of Economic Sciences, Professor*
*Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** *Doctor of Law, Professor*
**Rahmon Dilshod Safarbek** *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz**
*Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation
The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:
**economic sciences:**
**jurisprudence:**.
**political sciences**.
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).
**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2024. – №8.
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2024

ТДУ: 311:313(575.3)

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Саидмуродова М.А., Қурбонова М.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тақвияти иқтисоди миллӣ, устуворгардонии истеҳсолоти дохилӣ ва касбӣ мавқеи муайян дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои аксари кишварҳои ҷаҳон ҳадафи асосӣ ба шумор меравад. Дар ибтидои асри XXI ва охири садаи XX барои кишварҳои рӯ ба инкишоф имконияти рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба воситаи механизми минтақаҳои озоди иқтисодӣ фароҳам оварда шуд. Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун механизми ҷалбкунандаи сармояи хориҷӣ ба болоравии рақобатнокии молу маҳсулоти ин кишварҳо ва ҳамгироии иқтисодии онҳо ба дигар мамлакатҳо заминаи заруриро ба миён овард. Дар рушди иқтисодиёти миллии қариб ҳамаи кишварҳо, ки сеяки як ҳиссаи рейтингҳои маълуми рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузориро ташкил медиҳанд, минтақаҳои махсус ё ба таври дигар, минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) саҳми назаррас гузоштанд.

Заминаи ташаккули МОИ ҳанӯз аз давраҳои қадим, дар давлатҳои Рим, Юнон ва Чин фароҳам оварда шудааст. Чунин минтақаҳо миёни кишварҳое, ки байни ҳамдигар тиҷорат менамуданд ва дар ин замина савдои байналхалқӣ инкишоф ёфта буд, пайдо гардиданд. Аммо новобаста аз давраи пайдоиш, МОИ ҳамчун механизми иқтисодӣ дар амалияи ҷаҳонӣ тайи 50-соли охир ба таври назаррас мавриди истифода қарор гирифтааст. Айни замон дар ҷаҳон тақрибан 30 шакли чунин минтақаҳо мавҷуд мебошад, ки шумораи онҳо мувофиқи маълумотҳои мухталиф зиёда аз 4 ҳазор мебошанд [2,с.345]. Қайд намудан бамаврид аст, ки ба туфайли истифодаи чунин механизми иқтисодӣ, самаранокии иқтисодиёти аксари кишварҳоро боло бурд ва иқтисодиёти яккатор кишварҳо ба ин васила хеле мустаҳкам гардид. Баъзе аз ин кишварҳо (Чин, Ҷопон, Олмон, ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Малайзия) имрӯз дорои иқтисодиёти пешрафта ва такмилёфта мебошанд. Кифоя аст, ки танҳо рушди иқтисодиёти Чин ва дигар кишварҳои осиёиро тайи 10-15-соли охир мисол орем (Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Сингапур, Тайланд, Туркия) [5,с.11]. Чин дорои таҷрибаи бузурги ташаккул ва инкишофи МОИ аст, ки онро метавон дар дигар мамлакатҳо низ истифода намуд. Айни замон дар Ҷумҳурии Халқии Чин худуди 4500 корхона ва ташкилот дар МОИ фаъолият доранд, ки ҳаҷми умумии сармоягузории онҳо ба иқтисодиёт беш аз 30 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Бо назардошти муваффақияти возеҳи МОИ-ҳои Чин, ки ба суръати баланди рушди иқтисодӣ, ҳаҷми назарраси сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳо, афзоиши назарраси ҳосилнокии меҳнат ва ба таври назаррас баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ифода ёфтааст, ба мақсад мувофиқ аст, ки таҷрибаи ташкил кардан ва ба кор андохтани минтақаҳои озоди иқтисодии Чин баррасӣ карда шавад. Ҳанӯз соли 1980 ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар музофотҳои Шэнчжэн, Чжухай, Шанту, Гуандун, Сямэни Футсзян ва Хайнань, минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шуданд [5,с.10]. Ҳадафи асосии ташкили МОИ дар Чин рушди савдои байналхалқӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияи муосири истеҳсолӣ, менеҷмент ва воситаи тараққидиҳандаи иқтисодёт ба шумор мерафт. Дар ин минтақаҳо имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ҷорӣ гардиданд ва дар давраи аввали ташкилёбӣ ба ҳар гектар замини ин митақаҳо аз 15 то 17 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ мегардид. Бояд зикр кард, ки дар сиёсати иқтисодӣ-ислоҳотии Чин, МОИ мақоми хосеро касб намудаанд ва рушди ин минтақаҳо ҳамчун самти афзалиятнок баҳогузорӣ гардида буд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар озмоиши шаклҳои нави идоракунии корхонаҳо ва ҳамкории иқтисодӣ бо ҷаҳони беруна як навъ нақши пешбаранда бозиданд [1,с.112]. Самти муҳимми аз ҷиҳати стратегӣ асоснокшудаи ташкили МОИ дар Чин, ин амалӣ намудани манфиатҳои зиёдатии қувваи кории арзон буд. Ташкили МОИ дар Чин яке аз марҳилаҳои дар амал татбиқ намудани

“сиёсати кушод” ба ҳисоб мерафт. Ба ин васила Чин ба дигар кишварҳои олам нишон дод, ки дорои иқтисодиёти кушод аст ва метавонад ҷалби сармояи хориҷиро роҳандозӣ намояд. Дар марҳилаи аввали таъсиси минтақаҳо ҳукумати Чин ҷиҳати тарҳрезӣ ва омодасозии пешакии инфрасохтори минтақаҳо барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ маблағҳои зиёд ҷудо намуд. Бо назардошти хусусиятҳои дақиқи музофоти муайян тартиботи инфиродӣ ташкил карда шуд, ки дар ҳудуди ин ё он МОИ фаъол буд ва тибқи вазифаҳои иқтисодии гузошташуда амал менамуд.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ аз пешниҳоди имтиёзҳо ба ташкилоту корхонаҳои хориҷӣ оғоз ёфт. Аз ин лиҳоз, МОИ дар Чин ҳамчун марказҳои бузурги ҷалби сармояи хориҷӣ рушд ёфтанд. Зеро дар чунин минтақаҳо, ки дар дигар кишварҳои ҷаҳон камчин буданд, имкониятҳо бештар фароҳам оварда шуда буданд. Мутобиқати афзалиятҳои Чин тавассути таҳияи ҳадафҳои мушаххас (ҳавасмандгардонии истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, рушди содирот ва саноати дорои технологияи баланд) ва мутаносибан тафриқаи шартҳои ҷойгиркунии сармояи хориҷӣ таъмин карда шуд. Тартиботи нисбатан хуб ва имкониятҳову имтиёзҳои бештар дар музофоти нисбатан кӯчак ташкил карда шуд. Ва ин омил ба рушди музофотҳои гуногуни Чин замина фароҳам оварда, дар минтақаҳо марказҳои бузурги саноатӣ, ки ба содироти молу маҳсулот нигаронида шуда буданд, бунёд ёфтанд. Аввалин сармоягузориҳои хориҷӣ дар музофотҳои гуногуни Чин тавассути сарватмандони хитоии бурунмарзӣ сурат гирифт, ки як навъ пешравии фазои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ширкатҳои бузурги ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Аврупо ҷиҳати ташкили истеҳсолот дар Чин таваҷҷуҳ зоҳир намуданд [7,с.4]. Айни замон МОИ дар Чин аҳаммияти стратегӣ доранд ва таъмингари рушди устувори иқтисодиёт ба ҳисоб мерав箘 (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Минтақаҳои озоди иқтисодии Чин дар соли 2022**
**Table 1. China's Free Economic Zones in 2022**

| МОИ | ММД, млрд.юан | Шумораи ташкилотҳо | Содирот ва воридоти молҳо, млрд долл.амрикоӣ | Ташкилотҳо бо сармояи хориҷӣ, шумора | Масоҳат, км.кв. |
|---|---|---|---|---|---|
| Шанхай Вайгаоя | 31,50 | 7054 | 20,93 | 5364 | 8,5 |
| Далян | 5,33 | 3848 | 1,86 | 1536 | 4,60 |
| Тянсзин | 8,30 | 8152 | 3,62 | 4541 | 3,8 |
| Квингдао | 2,50 | 2365 | 0,86 | 935 | 2,54 |
| Сзянсзин | 3,90 | 3312 | 1,90 | 373 | 4,10 |
| Лингбо | 4,01 | 4586 | 1,18 | 742 | 2,30 |
| Фунджоу | 0,27 | 636 | 0,44 | 419 | 0,8 |
| Сямэн | 0,72 | 32 | 1,65 | 19 | 0,63 |
| Шантоу | 1,19 | 1103 | 0,16 | 269 | 2,34 |
| Гуанҷоу | * | 2003 | 1,56 | 592 | 2,0 |
| Шэничжэн | 15,18 | 1246 | 17,90 | 1099 | 2,25 |
| Сзухай | 0,40 | 137 | 0,70 | 106 | 3,0 |
| Ҳайкоу | 0,60 | 541 | 0,02 | 95 | 1,93 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои [5] таҳия намудаанд.

Маълумотҳои ҷадвали 1 гувоҳӣ медиҳанд, ки МОИ дар саросари Ҷумҳурии Халқии Чин паҳн гардидаанд, ки аз ҳама бузургтари онҳо дар музофотҳои Шанхай Вайгаоя, Далян, Сзянсзин ва Сзухай ҷой гирифтаанд [1,с.111]. Метавон қайд намуд, ки рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аз афзоиши истеҳсолот дар бисёр соҳаҳои хоҷагии халқ вобастагӣ дорад. Ташаккули истеҳсолоти дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ воситаи муҳим дар тараққиёбии иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин самт зарур аст, ки таҷрибаи Чин оид ба ташкили МОИ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шавад. Таҷрибаи Чин ҳамчун механизми асосӣ дар самти рушди соҳибкории хурду миёна ба воситаи таъсиси МОИ дониста мешавад. Чунин минтақаҳо ба соҳибкорон озодии бештар барои фаъолият пешниҳод менамоянд ва ин омил сабаб мегардад, ки соҳибкории хурду миёна дар ноҳияҳои қафомонда рушд намояд ва дараҷаи бекорӣ коҳиш дода шавад.

Дар баробари Ҷумҳурии Халқии Чин таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) низ дар самти ташкил ва инкишофи МОИ ғанӣ арзёбӣ мегардад. Аввалин МОИ дар ИМА соли 1934 таъсис дода шуд ва ҳамчун минтақазои махсуси соҳибкорӣ ба фаъолият шуруъ намуданд. Тибқи маълумотҳои оморӣ соли 2021 дар ИМА 270 МОИ ба қайд гирифта шудааст. Ҷиҳати ташкил ва рушди МОИ дар ИМА Қонун "Дар бораи минтақаҳои савдои берунӣ" қабул гардид ва фаъолияти чунин минтақаҳо ба воситаи ин қонун танзим карда мешуд. Қонуни болозикр баъд аз ба вуқуъ пайвастани "Депрессияи бузург" қабул гардид ва ҳадафи асосси он рушди тиҷорат ва коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ ба ҳисоб мерафт [6]. Мувофиқи адабиётҳои иқтисодӣ айни замон дар ИМА се шакли МОИ фаъолият мекунанд ва ҳамчун заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин кишвар хизмат менамоянд. Шаклҳои амалкунандаи МОИ дар ИМА инҳоянд [1; 6; 8]:

- ⇨ Минтақаҳои озод барои соҳибкорӣ.
- ⇨ Минтақаҳои махсус барои рушди тиҷорат.
- ⇨ Бошишгоҳҳои технологӣ (технопаркҳо).

Метавон зикр намуд, ки ИМА дар ҷаҳон оид ба ташкил ва пешбурди фаъолияти МОИ яке аз мақомҳои калидиро касб намудааст. МОИ дар пешрафти тиҷорат дар музофотҳои ИМА нақши сазовор доранд. Мисоли бебарори ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ зиёд аст, вале ҳоло дар ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ бомуваффақият амал мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи ИМА вобаста ба таъсиси МОИ ба мақсад мувофиқ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки иқтисоддонони бисёр кишварҳо имрӯз таҷрибаи ИМА-ро дар ин самт меомӯзанд, зеро маҳз дар ин ҷо МОИ-и зиёд амал мекунанд ва дорои шаклҳо гуногун мебошанд. Горян Э.В. чунин меҳисобад, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои ИМА ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷалби сармояи хориҷӣ ва тақвияти фазои соҳибкорӣ кумак менамоянд [6]. Дар воқеъ, МОИ дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун маркази ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил карда мешавад. Барои ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун ангезае дар самти такомули масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ хизмат намуда, аз соли 1938 то 1995 панҷто агентиҳои давлатӣ ҷиҳати маблағгузории МОИ таъсис дода шуданд. Агентиҳои давлатии ташкилшуда, раванди мабалғгузориҳоро ба МОИ тезонида, рушди устувори онҳоро таъмин менамоянд.

Вобаста ба гузориши Шурои МОИ (FTAS) ба Конгресси ИМА, давоми соли 2021 дар ИМА 260 МОИ фаъолият менамоянд, ки маҷмуан зиёда аз 330 амалиёти фаъоли истеҳсолӣ доранд. Аз ин минтақаҳои номбаргардида, 195 номгӯи онҳо фаъол мебошад. Дар ин минтақаҳо 3300 ташкилоту корхонаҳо амал намуда, 440000 нафар аҳолӣ ба кори доимӣ фаро гирифта шудааст (ҷадвали 2) [1,с.110].

**Ҷадвали 2. Фаъолияти МОИ-и дар ИМА амалкунанда тайи солҳои 2017-2021**
**Table 2. Activity of SEZs operating in the USA in 2017-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017,% |
| Истеҳсоли молу маҳсулот, млрд доллари амрикоӣ | 798,1 | 659,4 | 610,4 | 669,2 | 793,8 | 99,5 |
| Ҳаҷми содирот, млрд доллари амрикоӣ | 99,2 | 84,6 | 75,7 | 87,1 | 112,9 | 13,8 |
| Шумораи МОИ, адад | 258 | 262 | 263 | 262 | 260 | 100,8 |
| Шумораи минтақаҳо фаъол, адад | 179 | 186 | 195 | 191 | 195 | 108,9 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои [1] таҳия намудаанд.

Маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда, гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд. Минтақаҳои озоди иқтисодии умумӣ ва минтақаҳои озоди фаъол. МОИ фаъол шумораашон сол аз сол зиёд гардида, дар соли 2021 195 ададро ташкил додааст. Ҳаҷми содирот низ дар соли 2021 112,9 млрд доллари амрикоиро ташкил додааст, ки нисбати соли 2017 13,8% афзоиш ёфтааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ИМА ҳамчун механизмаи махсуси дорои хусусиятҳои хос мебошад ва ҳангоми таъсиси чунин минтақаҳо Ҳукумати ИМА имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва иқтисодӣ пешниҳод менамояд, ки раванди ташаккули онҳоро густариш медиҳад. Илова бар ин, метавон зикр намуд, ки минтақаҳои озоди иқтисодии

ИМА тибқи модели махсуси таҳиягардида фаъолият менамоянд ва тартиби амали онҳо аз дигар кишварҳои ҷаҳон фарққунанда арзёбӣ мегардад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Тартиби фаъолияти МОИ дар ИМА**
**Table 3. Procedures for the operation of SEZs in the USA**

| | |
|---|---|
| **Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ** | МОИ дар ИМА аз рӯи Қонун "Дар бораи минтақаҳои озоди тиҷоратӣ", ки соли 1934 қабул гардида буд, амал менамяд. Инчунин, дар назди Конгресс Шуро оид ба МОИ амал мекунад, ки имтиёзҳо ва имкониятҳои МОИ-ро муайян менамояд. |
| **Ҷанбаҳои ташкилӣ** | МОИ тибқи талаботи Шурои байниидоравии махсус ташкилшуда таъсис дода мешавад ва раванди иҷроиши онро Шурои мазкур назорат менамояд. Инчунин, дар назди Вазорати савдои ИМА ниҳоде таъсис дода шудааст, ки масоили марбут ба МОИ-ро танзим ва назорат менамояд. |
| **Тартиби маблағгузорӣ** | МОИ аз ҷониби сармоягузори хориҷӣ ва резидентҳои ИМА маблағгузорӣ карда мешавад. |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои [6] таҳия намудаанд.

Бо таҳқиқи ташаккул ва инкишофи МОИ дар ИМА метавон ба хулосае омад, ки рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ-иҷтимоии ин кишвар бо такомули пайвастаи чунин минтақаҳо сахт вобаста буда, ин минтақаҳо дар пешравии хоҷагии халқ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Бояд дарҷ намуд, ки МОИ дар ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна, ташаккули ширкатҳои истеҳсолии миллӣ, рақобатпазирии бозори истеҳсолӣ, таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти баландсифат ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ аҳаммият беандоза дорад. МОИ фазои сармоягузории ИМА-ро тақвият бахшида, савдои байналхалқиро дар ин мамлакат рушд медиҳад, ки боиси омӯзиш ва таҳқиқотҳои олимони ҷаҳон гардидааст. Таҷрибаи ИМА ҳамчун кишвари пешсаф дар самти ташкили чунин минтақаҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муфид арзёбӣ мегардад ва ҷанбаҳои афзалиятноки он бояд мавриди истифода қарор дода шавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар собиқ кишварҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ баъд аз пошхӯрии ин иттиҳод оғоз ёфт. Баъд аз гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳар як кишвари алоҳида МОИ-ро мавриди истифода қарор доданд. Яке аз кишварҳое, ки дар ин самт миёни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ пешгом дониста мешавад, Федератсияи Русия мебошад. Дар Федератсияи Русия минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун минтақаҳои махсус таъсис меёбанд ва тибқи қонунгузории ин кишвар чунин минтақаҳо ҳудуди муайяне, ки давлат барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ муайян намудааст, дониста мешавад [2,с.344]. Дар чунин минтақаҳои Федератсияи Русия низоми содакардашудаи андозӣ, гумрукӣ ва иқтисодӣ амал мекунад, ки фазои мусоиди соҳибкориро фароҳам овардааст. Ҳадафҳои асосии ташкил ва рушди МОИ дар Федератсияи Русия (ФР) аз инҳо иборат мебошад: -зиёд намудани сармояи хориҷӣ ба ФР; - болобарии ҳаҷми содирот; - тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо бозорҳои ҷаҳонии молу коло; - коркарди технологияи нав; - ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот ва ғ. Ба таври дигар, ҳадафи асосии МОИ, фаъол гардонидани иқтисодиёти минтақаи зери фишор қарордошта тавассути ҷорӣ намудани тартиби махсуси пешбурди тиҷорат дар ҳудуди он мебошад. Метавон қайд кард, ки рушди системавии МОИ дар ФР баъд аз қабули Қонуни Федеролӣ "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" оғоз ёфт. Қонуни мазкур самтҳои муҳимми фаъолияти МОИ-ро дарбар гирифта, тартиби таъсисдиҳии минтақаҳои мазкурро мушаххас намудааст [7,с.4]. Истифодаи навъҳои гуногуни имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонӣ, ки барои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ шароити мувофиқ фароҳам меорад, дар Қонуни мазкур оварда шудааст, аз ҷумла:

⇨ имтиёзҳои гумрукӣ – коҳишдиҳӣ ва ё барҳам додани боҷҳои гумрукӣ, ҷорисозии тартиби сабуки амалиёти тиҷорати хориҷӣ;

⇨ имтиёзҳои фискалӣ – чунин имтиёзҳо дар самти андозбандӣ, унсурҳои алоҳидаи он, коҳишдиҳии сатҳи андозҳо аз рӯи навъҳои алоҳидаи андозҳо, озодкунии доимӣ аз андозҳо ва пешниҳоди қарзҳоро дар бар мегирад;

⇨ имтиёзҳои молиявӣ – шаклҳои гуногуни субсидияҳои давлатӣ, қарзҳои имтиёзноки давлатӣ, коҳишдиҳии қарзи хизматрасониҳои коммуналӣ, кам кардани иҷорапулиҳо, ташкили инфрасохтори зарурӣ ва ғ.;

⇨ имтиёзҳои маъмурӣ – бақайдгирии корхонаву ташкилотҳо, иҷозатномадиҳӣ, низоми раводиди махсус, низоми содашудаи воридшавии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ.

Дар Федератсияи Русия натиҷаи имтиёзҳои пешниҳодгардида, назаррас арзёбӣ мегардад ва даромаднокии МОИ дар соли 2021 нисбат ба соли 2018 то андозаи 30-35% афзоиш ёфтааст. Шаклҳои гуногуни МОИ дар ФР амал менамоянд ва шумораи зиёди аҳолӣ дар ин минтақаҳо ба кори доимӣ фаро гирифта шудаанд (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Шаклҳои МОИ ва шумораи аҳолии дар он фаъолияткунандаи ФР барои соли 2021**

**Table 4. Forms of the SEZ and the population of the Federal Republic of Germany operating in it for 2021**

| Шаклҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ | Шумораи аҳолии дар МОИ фаъолияткунанда |
|---|---|
| *МОИ саноатӣ-истеҳсолӣ* | *1562* |
| *МОИ техникӣ – татбиқӣ* | *1075* |
| *МОИ сайёҳӣ – рекреатсионӣ* | *754* |
| *МОИ дар бандаргоҳҳо* | *84* |
| *Ҳамагӣ* | *3475* |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои [7] таҳия намудаанд.

Аз ҷадвали 4 бар меояд, ки самтҳои фаъолияти МОИ дар ФР гуногун буда, ҳар як минтақа тибқи таъиноти худ фаъолият менамояд ва таҳкимбахши соҳаи муайяни хоҷагии халқ мебошад. Тибқи маълумотҳои омории соли 2021 дар ҳудуди ФР 27 МОИ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 11 – адад минтақаҳои саноатӣ-истеҳсолӣ, 6 – адад техникӣ-татбиқӣ, 9 – адад сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва 1 – адад намуди бандарӣ мебошанд. Маълумотҳои омории соли 2021 нишон медиҳанд, ки дар МОИ-и Россия 33 кишвари хориҷӣ, ба монандӣ: Кипр, ИМА, Нидерландия, Туркия, Олмон, Швейтсария, Белгия, Италия, Исроил, Дания, Шведсия, Ҳолландия ва дигар давлатҳо сармоягузорӣ намудаанд [1,с.114]. Сохтори сармоягузории хусусии резидентҳо аз рӯйи мамлакатҳои номбурда 369371 млн рублро ташкил намудааст. Сохтори сармоягузории мустақим аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли 2021 бошад 65619,01 млн рублро дар бар гирифт, ки аз ин миқдор: сармоягузории резидентҳои ғайрибуҷетӣ – 59920,2 млн рубл (91,3%), воситаҳои буҷети федералӣ – 2091,99 млн рубл (3,2%) ва воситаҳои буҷети минтақавӣ – 3606,82 млн рубл (5,5%)-ро ташкил намуд. Шумораи умумии таъсиси ҷойҳои корӣ дар ММИ-и Россия дар соли 2018 ба 36869 нафар баробар гардид [8]. Камбудӣ дар модели идоракунӣ дар МОИ-и Россия ба мисли дигар мамлакатҳои хориҷӣ дар он аст, ки ду шохаи идораи чунин минтақаҳо, яъне давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон, дар Россия идоракунии федералии чунин минтақаҳо назар ба дигар шаклҳо бештар мебошанд. Дар ин самт бояд бештар таваҷҷуҳро ба таҷрибаи Чин равона намуд. Зеро дар Чин фаъолияти МОИ бо ёрии санадҳои меъёрии қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад, ки онҳоро ҳукуматҳои музофотҳои алоҳида қабул кардаанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти модели идоракунии МОИ-ии Россия бо мавҷуд набудани стратегияи муайяни рушд вобаста мебошад. Ҷиҳати беҳбуд бахшидан ва тақвият додани МОИ дар ФР, бояд стратегияи муайяни дарозмуддат қабул карда шавад. Новобаста аз ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи ФР-ро ба таври васеъ истифода намояд. Махсусан, ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, заминаи ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва имтиёзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон мавриди истифода қарор дод. Имтиёзҳое, ки дар МОИ-ии ФР пешниҳоди субъектони иқтисодӣ карда мешаванд, боиси ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ мегарданд ва омили мазкур тақвиятбахшандаи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар баробари кишварҳои Чин, ИМА, Федератсияи Русия МОИ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ маъмул гардидаанд ва зина ба зина инкишоф ёфта истодаанд. Ин ҷо

дар баробари ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон таҷрибаи Ӯзбекистон низ омӯзанда ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Ӯзбекстон МОИ-ро ҳамчун механизми муҳим дар иқтисоди миллӣ қабул карда, ҷиҳати татбиқи он корҳои заруриро ба анҷом расонидааст. Аввалин коре, ки дар ин самт ба анҷом расонида шуд, таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [3,с.83]. Соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" қабул гардид. Қонуни қабулгардида заминаи калидии рушди МОИ-ро дар Ӯзбекистон таъсис дод ва тартиби ташкили чунин минтақаҳо мушаххас карда шуд [3,с.89]. Баъд аз ташкили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, МОИ ба фаъолияти густурда оғоз намуданд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба санаи 31 декабри соли 2021, 21-адад минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва 115-адад минтақаҳои хурди саноатӣ таъсис ёфтааст. МОИ-ии Ҷумҳурии Ӯзбекистон асосан дар самтҳои: саноат, саноати сабук, саноати вазнин, хизматрасонӣ, кишоварзӣ, коркарди маъданҳои зеризаминӣ ва ғайра фаъолият менамоянд, ки бо сармоягузории субъектони хориҷӣ ва резидентҳо ташкил гардидаанд. МОИ амалкунанда дар давоми соли 2021 ба маблағи 1,76 трлн сӯм молу маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2020 ба андозаи 29,14% афзудааст [4,с.33]. Ба МОИ-ии Ҷумҳурии Ӯзбекистон кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва маблағҳои зиёд сармоягузорӣ кардаанд. Сармоягузории кишварҳое ба монанди: Чин, Британияи Кабир, Кореяи Шимолӣ, АМА, Ҳиндустон, Италиё ва ғайра назаррас мебошад. Дар маҷмуъ, аз ҷониби кишварҳои болозикр ба МОИ-и ин кишвар зиёда аз 300 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузории Ӯзбекистон, 356 лоиҳаи нави сармоягузорӣ бо маблағи умумии зиёда аз 2 миллиард доллари амрикоӣ пешбинӣ гардидааст, ки то давраи соли 2025, бояд татбиқ карда шавад [3,с.88]. Кишварҳое, ки аз ҳама зиёд ба МОИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон сармоягузорӣ кардаанд Чин (40% аз ҳаҷми умумӣ), Австрия (37%) ва Британияи Кабир (10%) ба ҳисоб мераванд. Кишварҳои болозикр асосан ба самтҳои хоҷагии халқ, коркади маъданҳои зеризаминӣ, истифодаи нанотехнология, кишоварзӣ, саноати вазнин ва ғайраҳо сармогузорӣ намудаанд.

Бо таҳқиқи паҳлуҳои назариявӣ-амалии ташаккули МОИ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавон дарҷ намуд, ки самтҳои афзалиятноки онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кард. Алалхусус, доир ба коркарди маъданҳои зеризаминӣ, коркарди нахи пахта, истихроҷи металлҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра, мис, платинӣ), тақвияти соҳаи кишоварзӣ, саноати вазнин бояд таҷрибаи МОИ-и Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

Маълум аст, ки рушди МОИ дар ҳар як кишвари алоҳида метавонад ҳамчун омили таҳкимбахшандаи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бошад ва ба ин васила сатҳи некуаҳволии мардум боло бурда шавад. Илова бар ин, МОИ на танҳо сатҳи некуаҳволии аҳолиро боло мебарад ва дараҷаи бекориро коҳиш медиҳад, балки ҳамчун механизми таъминкунандаи инкишофи иқтисодиёт ба шумор меравад. МОИ ҳамчун таъминкунандаи иқтисодиёти мамлакатҳо буда, таъсири амалии он дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

1. Ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба мамлакат. Ба таври мисол, дар минтақаҳои озоди Чин, ки дар ҷаҳон нисбатан фаъолияти муваффақона доранд, ҳаҷми сармоягузориҳои ҷалбшуда гуногун арзёбӣ мегардад. Шумораи лоиҳаҳо бо сармояи хориҷӣ дар ин кишвар тайи солҳои 1993-2020 аз 1628 то ба 10000 адад афзоиш ёфт [5]. Ҳаҷми сармоягузориҳои ба ин лоиҳаҳо равонашуда зиёда аз 300 млрд доллари амрикоиро дар соли 2021 ташкил медиҳад. Дар Ҳиндустон бошад, ҳиссаи сармоягузориҳо ба МОИ то ба андозаи 38%-и ММД-и ин кишвар арзёбӣ гардидааст (соли 2020). Аз ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок роҳандозӣ карда шавад.

2. Тақвиятбахшандаи содирот. Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти босамари МОИ заминаи мусоидро ҷиҳати болобарии содироти молу маҳсулот фароҳам меоварад. Тақрибан 100%-и содироти молу маҳсулоти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ аз ҳисоби МОИ роҳандозӣ мегардад. Содироти молу маҳсулоти Тайван низ аз ҳасоби МОИ татбиқ мегардад. Содироти кишварҳои: Маврикий – 77%, Филиппин – 67%, Коста-Рика – 51%, Хитой – 57%, Туркия – 45% ва Мексика – 45% аз ҳисоби фаъолияти МОИ ба роҳ монда шудааст. Тавре дида мешавад, дар кулли кишварҳои пешрафта МОИ ҳамчун ниҳоди

тақвиятбахшандаи содирот хизмат менамояд ва ба ин васила рушди иқтисоди миллиро таъмин намудааст [1; 2; 9].

3. Таъминкунандаи иқтисодиёт бо захираҳои асъорӣ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ василаи муҳимми даромади асъории кишвар арзёбӣ мегарданд. Ин ҷо метавонем таҷрибаи Мавританияро омӯзанда арзёбӣ намоем. Дар ин мамлакат, аз соли 1994 то соли 2018 ба андозаи 65,7% афзудааст. Агар соли 1994 даромади асъории ин кишвар 3%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2018 ин нишондиҳанда 68,7%-ро ташкил дод. Инчунин, даромади асъории кишварҳои Индонезия, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва Тайван дар ин давра аз 49 то ба 63% расонида шуд, ки гувоҳи фаъолияти самараноки МОИ дар ин кишварҳо мебошад [8].

4. Таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ. МОИ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ аҳаммияти махсусро касб намудааст. Дар Малайзия шумораи коргарони МОИ дар даҳ соли охир аз 21 000 то ба 123 000 нафар расидааст [7]. Шумораи коргарони Чин дар МОИ зиёда аз 3 млн нафарро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи аз ҳама бузург дар ҷаҳон дониста мешавад. Филиппин низ дар ин самт пешсаф мебошад ва таЙи солҳои 1994-2020 шумораи коргарон дар ин мамлакат аз 23651 нафари соли 1994, дар соли 2020 то ба 70000 расид. Ба маротиб афзоиш ёфтани шумораи коргарон дар МОИ аз касби мавқеи устувори ин минтақаҳо гувоҳӣ медиҳад.

5. Таъмини рақобатпазрии иқтисоди миллӣ. Фаъолияти самараноки МОИ барои рушди истеҳсолоти дохилӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти миллии ҳар як кишвар нақши муҳим дорад. Ширкатҳо ва ташкилоту корхонаҳои миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеи устувори худро касб намуда, ба раванди тиҷорати байналхалқӣ ворид мегарданд. Дар ин асос рақобапазирии маҳсулоти миллӣ таъмин мегардад ва субъектони иқтисодӣ маҳсулоту хидматҳои худро ба дигар кишварҳо пешкаш менамоянд, ки ин омил сабагори тақвияти муносибатҳои иқтисодӣ мегардад.

6. Баландбардории савияи дониши синфи коргар ва менеҷерони ташкилоту корхонаҳо. Дар ширкатҳои дорои сармояи хориҷӣ, чун қоида, шабакаи омӯзишӣ таъсис дода мешавад, ки барои кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳои дар ҳоли гузариш муҳим аст. Зеро бо таъсиси чунин шабака дараҷаи кордонии коргарон тақвият меёбад ва ин сабаби зиёдшавии самаранокии меҳнат мегардад. Маъмурияти МОИ барои чунин сармоягузорон имкониятҳо ва имтиёзҳои зиёдро пешниҳод менамоянд.

7. Баландбардории соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақаҳо. Дар кулли кишварҳои пешрафта музофоти аз нигоҳи иқтисодӣ қафомонда бо истифодаи МОИ ба минтақаҳои пешрафта табдил дода шуданд. Масалан, минтақаи Шеннони Ирландия, музофоти Шенҷен ва Шанхай дар Чин, музофоти Манаус дар Бразилия, минтақаи Мадраси Ҳиндустон ва ҳоказо бо татбиқи МОИ ба минтақаҳои пешрафтаи савдо ва истеҳсолот табдил ёфтанд. Чунин таҷрибаро метавонем дар минтақаҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоем.

8. Татбиқкунандаиислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат. Минтақаҳои озоди иқтисодии Чин мисол шуда метавонанд, ки сиёсати ба истилоҳ “дарҳои боз” аз онҳо оғоз шудааст, яъне либерализатсияи дастрасӣ ба сармояи мустақими хориҷӣ, молу хидматҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, баъдан чунин сиёсат дар доираи ислоҳоти миллӣ дар маҷмуъ, дар кишвар амалӣ карда шуд.

Умуман, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар музофотҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон арзиш ва самаранокии худро ҳамчун василаи ҳавасмандгардонии содирот, воридшавии сармояи миллӣ ва хориҷӣ, бунёди истеҳсолоти саноатӣ, технологӣ ва шуғли аҳолӣ собит намуданд. Яъне, МОИ аксар вақт ҳамчун танзимгари муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди минтақа тавассути истифодаи технологияҳои ташкилӣ, воситаҳои иқтисодӣ, механизмҳои иҷтимоӣ ва дигар низомҳои махсус амал мекунад, ки барои мусоидат ба иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар натиҷа, сокинони минтақа соҳиби ҷойҳои корӣ мегарданд ва фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам оварда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Парвизи С.**

## АДАБИЁТ


1. Андреева Е.С. Мировая практика создания и функционирования свободных экономических зон / Е.С. Андреева // Актуальные проблемы социально-экономического развития России. - 2012. –№3. -С.112-115.
2. Алиев Ш.Т. Влияние специальных экономических зон на мирохозяйственные процессы в условиях глобализации / Ш.Т. Алиев // Экономика и управление: новые вызовы и перспективы. - 2010. -№1. -С.346.
3. Акрамова Ш.Г. Состояние развития свободных экономических зон в Республике Узбекистан / Ш.Г. Акрамова // Экономика и социум. - 2020. -№8(75). -С.82-90.
4. Бозаров С. Свободные экономические зоны в развитии экономики Республики Узбекистан / С. Бозаров // Вестник юридических наук. – 2018. -№4. -С.31-36. – EDN GWEWAI.
5. Данько Т.П. Свободные экономические зоны / Т.П. Данько, Э.М. Окрут. -М.: Инфра-М, 1998.
6. Котляров Н.Н. Экономические аспекты функционирования особых экономических зон в условиях глобализации (на примере Китая) / Н.Н. Котляров, Г. Тяньмин // Российский внешнеэкономический Вестник. - 2009. -№6. -С.11.
7. Горян Э.В. Программа внешнеторговых зон США: национальная концепция института особой экономической зоны. [Электронный ресурс]. URL: http://www.nbpublish.com/.
8. Козловская А.А. Свободные экономические зоны в России и проблемы их функционирования / А.А. Козловская, А.В. Кравченко // Международный студенческий научный вестник. – 2015. -№4-3.
9. Кейнс Дж.М. Избранные произведения / Дж.М. Кейнс; пер. с англ., предисл., коммент., сост. А.Г. Худокормов. -М.: Экономика, 1993. -544 с. -(серия "экономическое наследие").
10. Костюнина Г.М. Свободные экономические и офшорные зоны (экономико-правовые вопросы зарубежной и российской практики): учеб. пособие / Г.М. Костюнина, В.И. Баронов. -М.: ИНФРА_М, 2019. -560 с.
11. Рыбалкина В.Е. Международные экономические отношения: Учебник для вузов / В.Е. Рыбалкина. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003. -С.35.
12. Семенов, Г.В. Развитие свободных экономических и оффшорных зон / Г.В. Семенов // Российский экономический журнал. – 2010. -№11. -С.23-35.
13. Смородинская Н.В. Свободные экономические зоны: мировой опыт и российские перспективы / Н.В. Смородинская, А. Капустин // Вопросы экономики. - 1994. -№12. -С.126-140.
14. Тоштемиров Д.А. Состояние и перспективы развития свободных экономических зон в Республике Узбекистан / Д.А. Тоштемиров // Аналитический доклад. Институт прогнозирования и макроэкономических исследований. – Ташкент, 2015. -С.4.
15. Хасанова Ю.М. Тенденция развития свободных экономических зон в регионах Республики Узбекистан / Ю.М. Хасанова, З.И. Рузиев // Материалы международного научного форума "Образование. Наука. Культура": Материалы международного научного форума «Образование. Наука. Культура». В 5 ч., Гжель, 20 ноября 2019 года. Том Ч. 3. -Гжель: Гжельский государственный университет, 2020. -С.274-276. – EDN BDWNMI.
16 Шевчук А.В. Особенности, виды и характеристика особых (свободных) экономических зон в России. [Электронный ресурс]. URL: http://newinspire.ru/lektsiipo-mirovoy-ekonomike/.


## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ-амалии ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта ва дар ҳоли рушд мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили тамоюли рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар мамлакатҳои ҷаҳон самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо муайян гардидааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки чунин минтақаҳо ҳамчун механизми калидӣ ва муҳим дар низоми иқтисодии ҳар як давлат баромад менамоянд ва дараҷаи рушди соҳаҳои иқтисодӣ – иҷтимоии давлат аз самаранокии фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Муаллифон бо такя ба адабиёти таҳқиқгардида, имкониятҳои истифодаи таҷрибаи кишварҳои ҷаҳонро оид ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, ки ин метавонад раванди ташаккули ин минтақаҳоро дар ҷумҳурӣ суръат бахшад. Дар маҷмуъ, вобаста ба рушди минтақаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешсаф аз ҷониби муаллифон яккатор пешниҳодҳои мушаххас тавсия гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** минтақаҳо озоди иқтисодӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, иқтисоди миллӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, савдои байналхалқӣ, тиҷорат, иқтисоди воқеӣ.


## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СОЗДАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье исследуются теоретические и практические аспекты формирования и развития свободных экономических зон в экономически развитых странах мира. На основе изучения и анализа тенденций развития свободных экономических зон в странах мира определены приоритетные направления их деятельности. Опыт развитых стран в направлении создания свободных экономических зон показывает, что такие зоны выступают ключевым и важным механизмом в экономической системе каждого государства и от эффективности их использования зависит степень развития экономической и социальной сфер государства, их деятельность. На основе изученной литературы автором определены возможности использования опыта стран мира по развитию

свободных экономических зон в Республике Таджикистан, что может ускорить процесс формирования этих зон в республике. В целом, в связи с развитием экономических районов в Республике Таджикистан, используя опыт ведущих стран, автором рекомендован ряд конкретных предложений.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, валовый внутренний продукт, национальная экономика, особые экономические зоны, международная торговля, бизнес, реальная экономика.

## FOREIGN EXPERIENCE IN CREATING FREE ECONOMIC ZONES AND THE POSSIBILITY OF ITS USE IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the theoretical and practical aspects of the formation and development of free economic zones in the economically developed countries of the world. Based on the study and analysis of trends in the development of free economic zones in the countries of the world, priority areas for their activities have been identified. The experience of developed countries in the direction of creating free economic zones shows that such zones are a key and important mechanism in the economic system of each state, and the degree of development of the economic and social spheres of the state depends on the effectiveness of their use. their activities. On the basis of the studied literature, the author identified the possibilities of using the experience of the countries of the world in the development of free economic zones in the Republic of Tajikistan, which can accelerate the process of formation of these zones in the republic. In general, in connection with the development of economic regions in the Republic of Tajikistan, using the experience of leading countries, the author recommended a number of specific proposals.

**Keywords:** free economic zones, gross domestic product, national economy, special economic zones, international trade, business, real economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Қурбонова Марҳабо Сафаровна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-45-44-77**

**Сведения об авторах:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Курбонова Мархабо Сафаровна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры мировой экономики. **дрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-45-44-77**

**Information about the authors:** ***Saidmurodova Malika Abduvahobovna*** – Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-62-68-95**
***Kurbonova Marhabo Safarovna*** – Tajik National University, PhD student of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-45-44-77**

ТДУ: 657.47

# БАҲИСОБГИРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ҲАМЧУН УНСУРИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

*Қурбонализода Ҳ.Қ., Шоимардонов С.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди иқтисодиёти миллӣ дар низоми бозор ташкили босамари идоракуниро дар корхонаҳо талаб менамояд, ки ин мубрамии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракуниро дар амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, эътирофи онро ҳамчун соҳаи фаъолияти идоракунӣ ва намуди мустақили баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунад. Вобаста ба ин, солҳои охир дар доираҳои илмӣ ва амалии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва унсурҳои он бағоят зиёд шудааст.

Иқдоми аввалӣ дар омӯзиши баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ дар илми ватанӣ рисолаи илмии М.В. Калемуллоев мебошад, ки дар давраи аввали ташаккули низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар охири солҳои 1990 ба нашр расидааст [6]. Сипас рисолаҳои илмии С.Ф. Низомов, ки дар онҳо масъалаҳои ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон таҳқиқ шудаанд, арзи ҳастӣ намудаанд [13; 14]. Муддате дар таҳқиқи баҳисобгирии идоракунӣ танаффус мушоҳида шуда, сипас дар оғози солҳои 2020 таҳқиқот дар ин самти илми баҳисобгирии муҳосибӣ авҷ мегирад, дар интишороти зиёд масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, дар субъектҳои иқтисодии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Ба ақидаи муаллиф дар айни замон, мо бояд дар таҳияи постулатҳои асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, ки баъзе дастовардҳо мавҷуданд, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ равона шудааст, нисбат ба он, ки ба амалия равона шуда бошад [3; 4; 7; 8; 9; 15; 17; 19; 20]. Дар асарҳои мазкур ба ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва унсурҳои он, ки яке аз муҳимтарини онҳо баҳисобгирии истеҳсолӣ мебошад, диққати муҳим дода мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба дигар намудҳои он нав буда, ба дигаршавии шароити хоҷагидорӣ ва технологияҳои истеҳсолии дар корхона истифодашаванда ҳассостар аст [21,с.67]. Тавре таҳқиқи адабиёти марбут ба таърихи баҳисобгирии идоракунӣ тасдиқ мекунад, «биниши муосири баҳисобгирии истеҳсолӣ дарҳол ба вуҷуд наомадааст, бисёр олимон ҳангоми омӯзиши марҳилаҳои таърихӣ барои муайян кардани заминаҳои асосӣ ва шароити ташаккули он кӯшиш мекунанд» [1,с.38].

Муҳаққиқи рус Т.Б. Кувалдина зикр мекунад, ки мафҳуми баҳисобгирии истеҳсолӣ барои муҳосибон, иқтисодчиён ва менеҷерҳои муосир аз баҳисобгирии муҳосибии даврони шуравӣ ба мерос монда, дар баробари ин, «баҳисобгирии истеҳсолӣ бахши муҳимтарини низоми иттилоотии корхона мебошад, ки дар навбати худ вазифаҳои муҳимми идоракунӣ, чун банақшагирӣ, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаҳо, назорат ва танзимкуниро бо иттилоот таъмин мекунад» [11,с.24]. Муҳаққиқони дигар В.А. Пипко ва Л.Н. Булавина қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии идоракунӣ – бахши баҳисобгирии муҳосибӣ буда, ҳамаи намудҳои иттилооти барои идоракунӣ дар доираи ҳар як субъекти хоҷагидорӣ зарурӣро фаро мегирад» [16,с.503].

Бештари муҳаққиқон баҳисобгирии истеҳсолиро бо хароҷот алоқаманд медонанд [5,с.28; 10,с.23; 18,с.28]. Чуноне муаллифони алоҳида иброз медоранд, баҳисобгирии истеҳсолӣ, баҳисобгирии бонизоми хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, зернизоми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад [11,с.25]. Дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамтосозӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, омодасозӣ, тафсир ва пешниҳоди иттилоот дар бораи хароҷот барои мақсадҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ (ҳисобкунии хароҷот дар ҳамбастагӣ бо маконҳои пайдошавии онҳо ва воҳидҳои маҳсулот), назорати истеҳсолот, идоракунии фаврии истеҳсолот ва коркарди сиёсати истеҳсолӣ анҷом дода мешавад.

Ақидаи нисбатан ҷолиброро дар бораи баҳисобгирии истеҳсолӣ ва муносибати он бо баҳисобгирии идоракунӣ профессор аз Донишгоҳи молиявии назди Ҳукумати

Федератсияи Россия (ш. Москва) М.А. Вахрушина пешниҳод кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки «Таърихан баҳисобгирии истеҳсолӣ пешгузаштаи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Низомҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ қаблан ҳамчун низомҳои ҳисобкунӣ рушд кардаанд, ки ҳадафи асосии онҳо муайян кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва даромад аз воҳиди маҳсулот буд. Ҳоло ба баҳисобгирии истеҳсолӣ талаботи бештар гузошта мешавад, ... Он бояд тамоми равандҳои бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона алоқамандро равшан ва муфассал инъикос кунад» [2,с.36-37]. Ҳамин тариқ, М.А. Вахрушина ҳамчун бахшҳои асосии баҳисобгирии истеҳсолии муосир, баҳисобгирии хароҷот аз рӯи намудҳо, маконҳои пайдошавӣ ва барандагони онҳоро ҷудо карда, таъкид мекунад, ки баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии истеҳсолиро дар бар мегирад ва баҳисобгирии истеҳсолӣ дар навбати худ, пойгоҳи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, имрӯз қитъаи муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як корхонаи истеҳсолӣ, баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва ҳисобкунии арзиши аслии он мебошад. Дар ин маврид, арзиши аслии маҳсулот ҳамчун маҷмуи хароҷоти корхона барои истеҳсол ва фурӯши он, ки бо пул ифода ёфтааст, баррасӣ мешавад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди корхонаҳои истеҳсолӣ диққати муҳим дода мешавад. Соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ, ки ба истеҳсоли намудҳои зиёди маҳсулоти барои истеъмолкунандагон зарурӣ машғул аст, саноати хӯрокворӣ мебошад. Бо шарофати иқдомҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои рушди воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ дар солҳои охир иқтидори техникии корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ баланд гардида, технологияҳои нави коркарди ашёи хом ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот ба роҳ монда шудааст. Акнун саноати хӯроквории мамлакат талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти гӯшту шир, консерва ва шарбатҳои меваю сабзавот, намак, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор таъмин намуда, ҳамчунин, ҳаҷми содироти ин намудҳои маҳсулотро зиёд кардааст. Бо вуҷуди ин, тавре мутахассисон арзёбӣ мекунанд, ҳамасола наздики 40%-и маҳсулоти кишоварзӣ, ки ашёи хоми асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад, бинобар ба коркарди саноатӣ фарогир нашудан дар саҳроҳою боғҳо ва анборҳо талаф мешавад.

Фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо истифодаи захираҳои барои истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот зарурӣ алоқаманд аст. Ҳарчи қадаре, ки корхона барои истеҳсоли маҳсулот миқдори камтари захираҳоро харҷ кунад ва ҳамзамон, сифат ва ҳаҷми қаблии онро нигоҳ дорад, самараи кори он ҳамон қадар баланд мешавад. Ин хусусан дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар бозор, ки аксари корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мустақил мебошанд ва бо ҳам рақобат доранд, аҳаммияти калон пайдо мекунад. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои маҳдуд дар мубориза барои ҳастии корхона ва пешравии он дар бозор аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки ин ба корхона барои ноил шудан ба бартариҳои рақибона имкон медиҳад. Дар чунин шароит зарурати воқеъбинонаи баланд бардоштани нақши баҳисобгирии идоракунӣ ва унсури муҳимтарини он – баҳисобгирии истеҳсолӣ дар идоракунии корхона ба миён меояд.

Таҳқиқоте, ки мо ҷиҳати арзёбии вазъи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат анҷом додем, нишон медиҳад, ки дар бештари онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аҳаммият дода намешавад, дар беҳтарин ҳолат ҳисобкунии содаи арзиши аслии маҳсулот ба хотири дуруст муайян кардани манбаи андозбандӣ ва ҳисоб кардани маблағи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба ҷо оварда мешавад. Вале имрӯз корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити рақобат ва мубориза барои ҳастии худ дар бозор зарурати таъҷилии ташкили низоми самарабахши баҳисобгирии идоракунӣ, хусусан унсури муҳимми он – баҳисобгирии истеҳсолиро ҳис мекунанд.

Ба андешаи мо, сабаби асосии рушд наёфтани баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ набудани пойгоҳи ягонаи методологӣ, тавсияҳои методӣ оид ба ташкили ин намудҳои баҳисобгирӣ дар корхонаҳои

зерсоҳаҳои алоҳидаи саноати хӯрокворӣ бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолӣ ва равандҳои технологии онҳо мебошад.

Ҳангоми таҳқиқот мо барои арзёбии вазъи баҳисобгирии идоракунӣ пурсиш гузаронидем, ки мусоҳибони мо асосан кормандони муҳосибот ва хадамоти истеҳсолию молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ буданд. Наздики 20%-и мусоҳибон иқрор шуданд, ки умуман дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ маълумот надоранд, 36%-и мусоҳибон дар бораи асосҳои баҳисобгирии идоракунӣ маълумот доранд, вале низоми мавҷудаи идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ имкон намедиҳад, ки дониши худро амалӣ кунанд; 42%-и мусоҳибон аз усулҳои содатарини ҳисобкунии арзиши аслӣ (ҷараёнӣ, марҳилавӣ, меъёрӣ) ҳамчун фаъолияти асосӣ дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ бохабар буда, арзиши аслиро асосан барои муайян кардани хароҷоти аз манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ тарҳшаванда ҳисоб мекунанд; 6%-и мусоҳибон дар фаъолияти худ усулҳои нисбатан муосири баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслиро истифода мебаранд; 62%-и мусоҳибон сабаби асосии татбиқ нашудани баҳисобгирии идоракуниро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба мавҷуд набудани нишондодҳои методӣ ва дастурамалҳои соҳавӣ вобаста медонанд. Вале ҳамаи мусоҳибони ба пурсиш ҷалбшуда зарурати ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва дар доираи он роҳандозӣ намудани баҳисобгирии истеҳсолиро тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки то чанде пеш, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии танзимкунанда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар он масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот баррасӣ мешуданд, Низомномаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, № 210) буд, ки бо сабаби мутобиқ набудан бо шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва ба инобат нагирифтани технологияи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ истифода намешуд. Санади мазкур замоне аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда буд, ки дар мамлакат ҳанӯз муносибатҳои бозорӣ пойдор нашуда буданд ва аксари санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои молиявию хоҷагидорӣ ба шароити бозор мутобиқ набуданд. Дар муҳтавои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ баъзе хусусиятҳои танзим ва назорати қатъии давлатӣ ба назар мерасид, ки қабул кардан ва истифодаи онҳо дар шароити мустақилияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ғайриимкон буд.

Ҳолати мазкурро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 28 октябри соли 2023, № 505 Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро тасдиқ ва Низомномаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит кард.

Дар Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) низ хусусиятҳои соҳавии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулот ба инобат гирифта нашудаанд [12]. Бинобар ин, мақоми ваколатдор дар соҳаи саноати хӯрокворӣ –Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки тартиби баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулотро барои зерсоҳаҳои алоҳидаи саноати хӯрокворӣ таҳия ва барои истифода ба корхонаҳои зерсоҳаҳои мазкур дастрас кунад. Дар ин маврид, ба хотири пайдо нашудани мухолифат бо қонунгузории андоз ва ҳимояи рақобат, бояд дар назар дошт, ки тартиби баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, бояд ба талаботи Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) мувофиқ бошад.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои баҳисобгирии хароҷот, аз ҷумла ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо қонунгузории андоз танзим карда мешаванд. Масъалаҳори мазкур дар бобҳои алоҳидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, аз ҷумла дар боби 13 «Баҳисобгирии андозӣ ва ҳисоботдиҳии андозӣ» (моддаи 93 – тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот бо усули ҳисобузамкунӣ), боби 28 «Тарҳҳо аз даромади умумӣ» (моддаи 190 – тарҳи хароҷоти вобаста ба гирифтани даромад, моддаи 192 – хароҷоте, ки тарҳ карда намешаванд, моддаи 193 – тарҳ барои пардохтҳои эҳсонкорӣ, моддаи 194 – маҳдудияти тарҳҳо нисбат ба

фоизҳо, моддаи 195 – тарҳҳо нисбат ба қарзҳои беэътимод, моддаи 196 – тарҳҳо нисбат ба хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, моддаи 197 – ба давраи дигар гузаронидани зарар, зарар ҳангоми фурӯш ё супоридани молу мулк), боби 29 «Тарҳҳо аз рӯи воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ».

Ҳамин тариқ, бо мақсадҳои баҳисобгирии хароҷот, ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ва натиҷаҳои молиявии фаъолият (фоида ё зарар), ки ба доираи фаъолияти баҳисобгирии истеҳсолӣ мансуб мебошанд, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро бояд истифода баранд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 190 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҳисобкунии арзиши аслӣ, муайян кардани натиҷаҳои молиявии фаъолият ва даромади бо андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ андозбандишаванда, аз даромади умумии субъекти хоҷагидорӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд тарҳ карда мешаванд, аз ҷумла: хароҷоти музди меҳнат (пардохти меҳнат), хароҷоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда, хароҷоти ашёи хом, мавод, энергияи воқеан дар давраи андозбандӣ истифодашуда, ба истиснои хароҷоти вобаста ба сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва васлсозии онҳо, инчунин хароҷоти дигаре, ки хосияти асосӣ (капиталӣ) доранд, хароҷоти таблиғ.

Дар Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) хароҷоти ташаккулдиҳандаи арзиши аслӣ вобаста аз муҳтавои иқтисодӣ ба чунин ҷузъҳо гурӯҳбандӣ (тасниф) карда шудаанд:

- хароҷоти моддӣ (бо тарҳи арзиши партовҳои бозгашта);
- хароҷоти музди меҳнат;
- маблағҷудокунӣ ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа (андози иҷтимоӣ);
- истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ.

Албатта, барои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот аломати муҳтавои иқтисодӣ асосӣ мебошад, вале дар баробари ин, хароҷот бо мақсадҳои иштирок дар ташаккули арзиши аслӣ бояд бо дигар аломатҳои муҳим низ тасниф карда шавад. Вале дар Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) дигар ягон хел таснифи хароҷот оварда нашудааст.

Бояд қайд кард, ки дар санади меъёрии қаблӣ (Низомномаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки бо қабули Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) аз эътибор соқит карда шуд, вобаста ба муҳтавои иқтисодӣ хароҷоти ташаккулдиҳандаи арзиши аслӣ дар баробари чор намуди муқарраршуда (хароҷоти моддӣ бо тарҳи партовҳои бозгашта, музди меҳнат, андози иҷтимоӣ ва истеҳлок), инчунин ҷузъи панҷум - «дигар хароҷот» низ муқаррар шуда буд. Дар ин маврид, тамоми хароҷоте, ки ба таркиби чор ҷузъи пешин дохил намешуданд, ба дигар хароҷот мансуб дониста мешуданд ва ин гуна хароҷот дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ зиёд буда метавонад.

Ба андешаи мо, санади мазкур (Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)) барои истифодабарӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ (баҳисобгирии истеҳсолӣ) қобили истифода нест. Зеро баҳисобгирии истеҳсолӣ таснифи хароҷотро аз рӯи дигар аломатҳои барои худ муҳимтар талаб мекунад, аз ҷумла вобаста аз хосияти хароҷот, шароит ва самтҳои фаъолият (хароҷоти намудҳои муқаррарии фаъолият, дигар хароҷот).

Аз нуқтаи назари ташаккули арзиши аслии маҳсулот маҳз хароҷоти намудҳои муқаррарии фаъолият, муҳим мебошанд, зеро асосан онҳо дар раванди ташаккули арзиши аслӣ иштирок мекунанд. Ҳамчунин, тамоми намудҳои хароҷот метавонанд аз рӯи аломатҳои дигар - таркиб, маконҳои пайдошавӣ ва марказҳои масъулият тасниф карда шаванд.

Барои мақсадҳои идоракунӣ, аз ҷумла баҳисобгирии истеҳсолӣ баҳисобгирии хароҷот аз рӯи моддаҳои хароҷот ташкил карда мешавад. Номгӯйи моддаҳои хароҷотро ҳар як корхона вобаста аз хусусиятҳои соҳавии фаъолияти худ муқаррар мекунад.

Дар баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ гурӯҳбандии намунавии хароҷот ба кор бурда мешавад, ки чунин моддаҳоро дар бар мегирад:

1) ашёи хом, маводи асосӣ ва нимтайёраҳо;
2) партовҳои бозгашта (тарҳ карда мешаванд);
3) маводи ёрирасон;
4) сӯзишворӣ ва энергия барои мақсадҳои истеҳсолӣ;
5) музди меҳнати коргарони асосии истеҳсолӣ;
6) маблағҷудокуниҳо барои эҳтиёҷи иҷтимоӣ (андози иҷтимоӣ);
7) хароҷоти омодасозӣ ва азхудкунии истеҳсолот;
8) хароҷоти нигоҳдорӣ ва истифодаи таҷҳизоти истеҳсолӣ;
9) хароҷоти умумиистеҳсолӣ (умумикоргоҳӣ);
10) хароҷоти умумихоҷагӣ;
11) дигар хароҷоти истеҳсолӣ;

***Ҳамагӣ - арзиши аслии истеҳсолии маҳсулот***

12) хароҷоти тиҷоратӣ

***Ҳамагӣ - арзиши аслии пурраи маҳсулот***

Бояд дар назар дошт, ки агар корхонаи саноати хӯрокворӣ нимтайёраҳои худиро истеҳсол кунад, ки на танҳо барои истеҳсолоти худӣ, балки барои фурӯш ба берун низ истифода шаванд, пас ба таркиби гурӯҳбандӣ моддаи «нимтайёраҳои истеҳсоли худӣ» дохил карда мешавад. Чунин моддаи хароҷот барои истеҳсолоти қаннодӣ, машрубот, оби ҷав, саноати коркарди гӯшт хос мебошад. Агар корхонаи саноати хӯрокворӣ маҳсулотеро истеҳсол кунад, ки пеш аз фурӯхтан бояд бастабандӣ ё борпеч карда шавад, пас моддаи «зарфҳо, маводи ёрирасон ва борҷома» низ илова карда мешавад. Чунин моддаи хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, ки дар он вазни қоғази рӯпечон ба вазни маҳсулоти тайёр зам карда мешавад, хос аст. Ғайр аз ин, моддаи мазкур барои истеҳсоли консерва ва шарбатҳои меваю сабзавот, истеҳсол ва коркарди гӯшт низ хос аст.

Барои баҳисобгирии истеҳсолӣ таснифи хароҷот ба намудҳои мустақим ва ғайримустақим аҳаммияти калон дорад. Хароҷоти мустақим он хароҷоте мебошанд, ки бевосита ба истеҳсоли маҳсулоти намуди муайян марбут буда, бинобар ин, бевосита ба арзиши аслии ҳамин намуди маҳсулот дохил карда мешаванд. Онҳо хароҷоти ашёи хом ва мавод, хароҷоти пардохти меҳнати кормандони истеҳсолии асосӣ ва маблағи истеҳлоки ҳисобузамшудаи таҷҳизоти истеҳсолии ба раванди истеҳсоли маҳсулот ҷалбшударо дар бар мегиранд. Ин хароҷот дар ҳисоби муҳосибии 10731 «истеҳсолоти асосӣ» инъикос карда мешаванд. Номгӯйи хароҷоти мустақим, тартиби баҳодиҳии захираҳои молию моддӣ ва маҳсулоти тайёр кушода буда, вобаста аз хусусиятҳои технологии истеҳсолот дар корхонаҳои зерсоҳаҳои алоҳидаи саноати хӯрокворӣ ба таркиби он ҳама гуна хароҷоти бевосита ба истеҳсоли маҳсулот алоқаманд дохил карда мешавад.

Хароҷоти ғайримустақим дар баҳисобгирии истеҳсолӣ асосан хароҷоти идоракунӣ (маъмурӣ)-и дар ҳисобҳои 10734 «хароҷоти умумиистеҳсолӣ», 10735 «хароҷоти умумихоҷагӣ» инъикосшаванда мебошанд. Онҳо наметавонанд бевосита ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда дохил карда шаванд, бинобар ин, мутаносибан бо ягон поя ба арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот тақсим карда мешаванд. Тартиб ва қоидаҳои тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим ба арзиши аслии маҳсулот дар сиёсати баҳисобгирии корхона муқаррар карда мешаванд. Тибқи қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар охири давраи ҳисоботӣ (моҳ) хароҷоти ғайримустақим аз ҳисоби 10734 «хароҷоти умумиистеҳсолӣ» ба дебети ҳисобҳои 10731 «истеҳсолоти асосӣ» ё 10733 «истеҳсолоти ёрирасон» соқит карда мешаванд; ҳисоби 10735 «хароҷоти умумихоҷагӣ» ё ба дебети ҳисоби 10731 «истеҳсолоти асосӣ» ё якбора ба дебети ҳисоби 55010 «арзиши аслии фурӯш» соқит карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ки ҳоло дар шумораи онҳо тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мешавад, ба рушди таъминоти методии баҳисобгирии истеҳсолӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ин маврид, баҳисобгирии истеҳсолӣ хусусиятҳои фаъолияти ҳар як корхонаи мушаххаси саноати хӯрокввориро инъикос намуда, дар асоси истифодаи равишҳои илмӣ, воситаҳои муосири баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, бамеъёрдарории истифодаи захираҳои моддию меҳнатӣ ва назорати онҳо, барои ташкили низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии идоракунии истеҳсолот ва қабули қарорҳои идоракунӣ имконият фароҳам меорад.

Ҳангоми ташкили баҳисобгирии истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ барои роҳбарияти корхона вазифаи муҳим муайян кардани усули нисбатан самарабахши ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва дар сиёсати баҳисобгирӣ муқаррар кардани он мебошад. Дар натиҷаи роҳандозӣ намудани баҳисобгирии истеҳсолӣ, ноилгардии ҳадафҳои асосии низоми баҳисобгирии идоракунии муосир - кам кардани хароҷот, паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва баланд бардоштани даромаднокии он таъмин мегардад. Ташкили низоми самарабахши баҳисобгирии истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои асосии ҳам худи баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот; баҳисобгирии натиҷаи молиявӣ аз фурӯши маҳсулот ва муайян кардани даромаднокии он) ва ҳам баҳисобгирии идоракунӣ (банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати истеҳсолот, қабули қарорҳои идоракунӣ) самарабахш иҷро карда шаванд. Дар ин маврид, баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ таъминкунандаи асосии иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад (расми 1).

**Расми 1. Алоқамандии баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ**
**Figure 1. Relationship between production accounting and management accounting**




Таҳқиқоти мо нишон дод, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дорои хусусиятҳои умумие мебошанд, ки ба интихоби усули баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- дараҷаи баланди муттасилии раванди технологӣ, бинобар зарурати коркарди зуд ва саривақтии ашёи хом;
- ашёи хом ва маҳсулоти тайёр муҳлати истифодаи маҳдуд доранд, ки аксаран бо соатҳо чен карда мешавад;
- бартарӣ доштани равандҳои биокимиёвӣ ва табиӣ дар технологияи истеҳсоли маҳсулот;
- ба даврҳо (марҳилаҳои технологӣ) тақсим шудани раванди истеҳсолот.

Ба хотири ташккули хароҷот ва идоракунии онҳо имконияти корбурди усулҳои анъанавӣ (ҷараёнӣ, меъёрӣ, фармоишӣ, марҳилавӣ)-и баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунем. Ҳамзамон, қайд мекунем, ки ҳоло дар амалияи хориҷии баҳисобгирии идоракунӣ, усулҳои нисбатан нави баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ, аз қабили таргет-костинг, кайзен-костинг, бенчмаркинг ва дигарҳо низ маъмул мебошанд. Вале шароити корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъминоти низоми идоракунии онҳо бо мутахассисон, тағйирёбии доимии

муҳити иқтисодӣ (қонунгузории дахлдор, нархҳои ашёи хом, қурби асъор) барои истифодаи ин усулҳо имконият намедиҳад. Инчунин шароити мазкур ва хусусиятҳои номбаршудаи истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон намедиҳанд, ки усулҳои муосири стандарт-кост ва директ-костинг дар низоми баҳисобгирии истеҳсолӣ барои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти саноати хӯрокворӣ самарабахш ба кор бурда шаванд. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти худ танҳо ба таҳқиқи шароити истифодаи усулҳои анъанавӣ – ҷараёнӣ, меъёрӣ, фармоишӣ ва марҳилавӣ диққат медиҳем.

Усули ҷараёнӣ дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки истеҳсоли маҳсулот аз пайдарпайии якчанд амалиёт ва ҷараёнҳои беист ё такроршаванда иборат аст. Моҳияти ин усул дар он ифода меёбад, ки ҳисобкунии арзиши аслӣ дар ҳар як марҳилаи истеҳсолӣ, аз ҷумла амалиёт ва ҷараёнҳо ба ҷо оварда мешавад, хароҷот на ба ҳар як маҳсулоти алоҳида тақсим карда мешавад, балки якбора ба тамоми ҳаҷми истеҳсол мансуб дониста мешавад. Тамоми хароҷоти баамаломада ҳармоҳа ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр соқит карда мешавад. Дар ин маврид, хароҷотро метавон ба коргоҳҳо ё воҳидҳои истеҳсолии алоҳидаи корхона тақсим кард. Хароҷот дар байни маҳсулоти тайёр ва нимтайёраҳо ё номгӯйҳои маҳсулот мувофиқи аломатҳои махсус тақсим карда мешаванд, масалан, мутаносибан ба вазни маҳсулот ё нимтайёраҳо.

Истифодаи усули ҷараёнӣ барои корхонаҳое тавсия дода мешавад, ки ҳангоми коркард аз ашёи хом дар аввал нимтайёра ва сипас маҳсулоти тайёр истеҳсол карда мешавад. Масалан, дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки дар марҳилаи аввалӣ аз шири хом қаймоқ гирифта, сипас қаймоқ ба равған коркард мешавад. Ҳамчунин, усули ҷараёнӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ордӣ низ истифода шуда метавонад.

Усули меъёрӣ ба таҳияи пешакии меъёрҳои харҷи моддаҳои хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ва минбаъд муқаррар кардани инҳироф аз ин меъёрҳо асос меёбад. Дар ин маврид, ҳисобкунии меъёрии азиши аслӣ барои муайян кардани арзиши аслии воқеии маҳсулот, муайян кардани ноқис дар истеҳсолот ва ҳаҷми истеҳсолоти нотамом истифода мешавад. Ҳамаи тағйирёбиҳои меъёрҳои амалкунанда дар давоми моҳ дар ҳисобкуниҳои меъёрии арзиши аслӣ инъикос меёбанд. Меъёрҳо метавонанд бо мурури азхудкунии истеҳсолот ва беҳгардии шароити истифодаи сарватҳои моддию меҳнатӣ тағйир ёбанд (паст шаванд).

Усули меъёрӣ асосан дар соҳаҳои истеҳсолие қобили истифода аст, ки он ҷо нархҳои сарватҳо нисбатан кам тағйир меёбанд ва худи маҳсулоти истеҳсолшаванда дар давоми муддати тулонӣ дигар намешаванд. Вобаста ба ин, корбурди усули меъёрӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тавсия дода намешавад.

Усули фармоишӣ дар корхонаҳое истифода мешавад, ки он ҷо хароҷоти истеҳсолот аз рӯи фармоишҳои алоҳида барои истеҳсоли маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Таҳқиқи равандҳои технологии аксари маҳсулоти саноати хӯрокворӣ тасдиқ мекунад, ки барои корхонаҳои ин соҳа беш аз ҳама истифодаи усули марҳилавӣ мақбул аст. Зеро қариб дар натиҷаи ҳар як даври раванди технологӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ё нимтайёра, ё маҳсулоти тайёр гирифта мешавад. Дар ин маврид, даври раванди технологӣ, ки дар натиҷаи он нимтайёра ё маҳсулоти тайёр истеҳсол мешавад, марҳила номида мешавад. Ҳамчунин, хусусияти истеҳсолии аксари маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ин аст, ки ашёи хоми аввалӣ дар раванди истеҳсолот аз якчанд марҳилаҳо мегузарад ва аз як намуди ашёи хом дар як раванди технологӣ якчанд намудҳои маҳсулоти тайёр ҳосил мешавад (масалан, дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ).

Ҳангоми корбурди усули марҳилавии баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии хароҷот марҳилаи истеҳсолӣ қабул мешавад, ки дар доираи он баҳисобгирӣ аз рӯи моддаҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ва намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда бурда мешавад.

Хусусиятҳои истеҳсолии намудҳои гуногуни маҳсулоти хӯрокворӣ ва равандҳои технологии корхонаҳои соҳа имконият медиҳанд, ки барои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти хӯрокворӣ ду тарзи пешбурди баҳисобгирӣ бо усули марҳилавӣ истифода шавад: нимтайёрадор ва бенимтайёра.

Ҳангоми истифодаи тарзи бенимтайёра арзиши аслии нимтайёраҳое, ки аз як марҳила ба марҳилаи дигар дода мешаванд, ҳисоб карда намешавад. Баҳисобгирии хароҷоти мустақим дар доираи ҳар як марҳила бурда шуда, арзиши ашёи хом ва маводи аввалӣ танҳо дар таркиби хароҷоти марҳилаи аввалӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин маврид, арзиши аслии маҳсулоти тайёр бо ҷамъ кардани хароҷоти тамоми марҳилаҳо муайян карда мешавад.

Дар мавриди корбурди тарзи нимтайёрадори усули марҳилавӣ, арзиши аслии маҳсулоти ҳар як марҳила ҳисоб карда мешавад: арзиши аслии нимтайёраҳои ҳар як марҳилаи минбаъда бо ҷамъ кардани хароҷоти ҳамин даври коркард ва арзиши аслии нимтайёраҳои дар даври қаблӣ ҳисобкардашуда муайян карда мешавад. Ҳамон як хароҷот якчанд маротиба ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслии нимтайёраҳо дар давраҳои истеҳсолии минбаъда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мо тасдиқ менамояд, ки дар корхонаҳои саноати хӯроквории, баҳисобгирии истеҳсолӣ унсури асосии низоми баҳисобгирии идоракунӣ буда, рушди минбаъдаи он бо корбурди усулҳои анъанавии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, таҳқиқи хусусиятҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории алоқаманд аст. Дар корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар низоми баҳисобгирии истеҳсолӣ барои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот истифодаи усулҳои анъанавии ҷараёнӣ ва марҳилавӣ мақбул аст. Агар дар ҳар як марҳила якчанд намуди маҳсулот истеҳсол шавад, ё якчанд фармоишҳо иҷро карда шаванд, пас барои баҳисобгирии хароҷоти ҳар як марҳила ҳамзамон истифодаи усули фармоишӣ низ тавсия дода мешавад. Агар дар натиҷаи ҳар як марҳила як намуди маҳсулот истеҳсол шавад, пас ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар давраҳои истеҳсолии мобайнӣ метавонад бе тақсим кардан ба намудҳои маҳсулот (бо усули дегӣ – усули содатарини баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ) ба ҷо оварда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Аверина О.И. Предпосылки возникновения и эволюция производственного учета / О.И. Аверина, Л.В. Пермитина // Международный бухгалтерский учет. – 2015. -№45. -С.38-46.
2. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / М.А. Вахрушина. - 8-е изд., испр. -М.: Издательство «Омега-Л», 2010. -570 с.
3. Ғаниев У.Ф. Нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми менеҷменти корхона / У.Ф. Ғаниев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№8. -С.129-133.
4. Давлатзода М.Х. Основы развития управленческого учета в условиях цифровых технологий / Давлатзода М.Х. // Таджикистан: экономика и управление. – 2021. -№1. -С.78-86.
5. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет / К. Друри; пер. с англ. -М.: Аудит ЮНИТИ, 1994. -560 с.
6. Калемулоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета: дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук: 08.00.12 / М.В. Калемуллоев. –М., 1999. -187 с.
7. Каримиён М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ / Каримиён М.Б. // Идоракунии давлатӣ. – 2022. -№4/1(58). -С.160-170.
8. Каримов Б.Х. Составление плана счетов бухгалтерского учета на основе МСФО / Б.Х. Каримов, Каримиён М.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№7. -С.76-83.
9. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. -С.169-179.
10. Костюкова Е.И. Совершенствование системы управленческого учета в рыбоводческих организациях / Е.И. Костюкова, Р.И. Галилова // Международный бухгалтерский учет. - 2012. -№27. -С.23-30.
11. Кувалдина Т.Б. Производственный учет: сущность и необходимость / Т.Б. Кувалдина // Международный бухгалтерский учет. – 2015. -№31. -С.24-31.
12. Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ). Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505. [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj /docs/postanovleniya-pravitelstvo/Qaror_505_Kalkulatsiya_2023 _ tj.pdf
13. Низомов С.Ф. Организация учета производственных затрат в строительстве в условиях формирования рыночных отношений: (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук: 08.00.12 / С.Ф. Низомов. -Воронеж, 2001. -221 с.

14. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс. на соиск. уч. степ. докт. экон. наук: 08.00.12 / С.Ф. Низомов. -Москва, 2011. -482 с.
15. Ойев Н.А. Ташаккули баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Ойев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№3. -С.9-16.
16. Пипко В.А., Булавина Л.Н. Настольная книга бухгалтера и аудитора. – 2-е изд., доп. / В.А. Пипко, Л.Н. Булавина; под ред. акад. Н.В. Бондаренко. -М.: Финансы и статистика, 2000. -592 с.
17. Розиев Д.А. Хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№3(32). -С.113-118.
18. Хорнгрен Ч., Фостер Дж., Датар Ш. Управленческий учет / Ч. Хорнгрен, Дж. Фостер, Ш. Датар. -10-е изд.; пер. с англ. -Спб.: Питер, 2005. -1008 с.
19. Хушвахтзода Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев / Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. -№4(72). -С.108-118.
20. Шоймардонов Х.К. Стратегический управленческий анализ как элемент системы управленческого учета на предприятиях / Х.К. Шоймардонов // Материалы Международной научно-практической конференции. -Душанбе, 2024. -С.329-336.
21. Шоймардонов Ҳ.Қ. Заминаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот / Ҳ.Қ. Шоймардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. -№1. -С.66-74.

## БАҲИСОБГИРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ҲАМЧУН УНСУРИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

Имрӯз мушкилоти ташаккул ва рушди баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми баҳисобгирии идоракунӣ, яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар назария ва амалияи идоракунӣ ва баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Хусусан корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ки яке аз соҳаҳои нисбатан рушдёфтаи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ба татбиқи усулҳои пешқадами баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд, ниёз доранд. Дар доираҳои илмӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ воситаи зарурии идоракунии корхона буда, барои беҳтар кардани сифат ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад. Вале дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ диққати муҳим дода намешавад, роҳбарон ва менеҷменти онҳо аҳаммияти баҳисобгирии идоракуниро барои рушди иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ҳанӯз дарк накардаанд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ баррасӣ шуда, имконияти татбиқи усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ арзёбӣ карда мешаванд. Барои татбиқи баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳқиқи шароити фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва хусусиятҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ асос меёбанд.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ, арзиши аслии маҳсулот, хароҷот, саноати хӯрокворӣ, таснифи хароҷот, усули марҳилавии баҳисобгирии хароҷот, усули ҷараёнии баҳисобгирии хароҷот.

## ПРОИЗВОДСТВЕННЫЙ УЧЕТ КАК ЭЛЕМЕНТ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

На сегодняшний день проблема становления и развития производственного учета как важного элемента системы управленческого учета является одним из дискуссионных вопросов в теории и практике управления и бухгалтерского учета хозяйствующих субъектов. Особенно предприятия пищевой промышленности, являющейся одной из относительно развитых отраслей национальной экономики, нуждаются во внедрении передовых методов учета затрат и исчисления себестоимости продукции, что должно быть реализовано в рамках производственного учета как важного элемента системы управленческого учета. В научных и практических кругах бухгалтерского учета признано, что управленческий учет является необходимым инструментом управления предприятием, позволяющим улучшить качество и повысить эффективность управленческих решений на производственных предприятиях. Однако на предприятиях пищевой промышленности Республики Таджикистан не уделяется должного внимания организации управленческого учета, их руководство и менеджмент еще не осознали важность управленческого учета для экономического развития хозяйствующих субъектов. В данной статье рассматриваются вопросы формирования системы управленческого учета на предприятиях пищевой промышленности, а также оценивается возможность применения методов учета расходов и исчисления себестоимости продукции в рамках производственного учета. Предложены рекомендации по внедрению производственного учета как важного элемента системы управленческого учета на предприятиях пищевой промышленности. Предложенные рекомендации основаны на исследовании условий работы предприятий пищевой промышленности и технологических особенностей производства продуктов питания.

**Ключевые слова:** управленческий учет, производственный учет, себестоимость продукции, затраты, пищевая промышленность, классификация затрат, по процессный метод учета затрат.

**PRODUCTION ACCOUNTING AS AN ELEMENT OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN FOOD INDUSTRY ENTERPRISES**

Today, the problem of the formation and development of production accounting as an important element of the management accounting system is one of the controversial issues in the theory and practice of management and accounting of business entities. Especially enterprises of the food industry, which is one of the relatively developed sectors of the national economy, need to introduce advanced methods of cost accounting and calculation of product costs, which should be implemented within the framework of production accounting as an important element of the management accounting system. In the scientific and practical circles of accounting, it is recognized that management accounting is a necessary tool for enterprise management, allowing to improve the quality and increase the efficiency of management decisions in manufacturing enterprises. However, food industry enterprises of the Republic of Tajikistan do not pay due attention to the organization of management accounting; their leadership and management have not yet realized the importance of management accounting for the economic development of business entities. This article discusses the issues of forming a management accounting system at food industry enterprises, and also evaluates the possibility of using cost accounting methods and calculating product costs within the framework of production accounting. Recommendations are offered for the introduction of production accounting as an important element of the management accounting system at food industry enterprises. The proposed recommendations are based on a study of the operating conditions of food industry enterprises and technological features of food production.

**Keywords:** management accounting, production accounting, product cost, costs, food industry, cost classification, incremental cost accounting method, process-based cost accounting method.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қурбонализода Ҳабибулло Қурбоналӣ* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Шоймардонов Сафарали Қурбоналиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-98-98-26.** E-mail: **safar15_02@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Курбонализода Хабибулло Курбонали* -** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Шоймардонов Сафарали Курбоналиевич* -** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-98-98-26**. E-mail: **safar15_02@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Kurbonalizoda Habibullo Kurbonali* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**
***Shoymardonov Safarali Qurbanalievich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-98-98-26.** E-mail: **safar15_02@mail.ru**

**ТДУ: 311:313(575.3)**

# ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ

*Маҷидзода Д.М., Искандаров Ҳ.Ҳ., Муродова Р.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аҳаммияти инфрасохтор бахусус бахши иҷтимоии он дар солҳои 40-50-уми асри XX ба вуҷуд омада, баъдан иқтисоддонҳои амрикоӣ ва аврупоӣ: Р. Нурксе, А. Хиршман, П. Розенштейн-Родан, У. Ростоу, П. Самуэлсон ва дигарон таҳқиқотҳои илмии худро дар ин мавзуи муҳимми иқтисодӣ анҷом додаанд. П. Розенштейн-Родан инфрасохторро ҳамчун «маҷмуи шароитҳои умумие, ки инкишофи мусоиди соҳибкории хусусиро дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт таъмин намуда, талаботи тамоми аҳолиро қонеъ мегардонад» [15], ҳисобидааст.

П.Самуэлсон исбот кард, ки инфрасохтор барои давлат аҳаммияти аввалидараҷа дорад, зеро «давлат бо мақсади муайян ба инфрасохтор маблағгузорӣ мекунад», зеро «афзоиши сармояи ёрирасони давлатӣ» «манфиатҳои ғайримодди»-ро ба вуҷуд меорад [11]. Олимони номбурда таваҷҷуҳашонро ба он ҷалб карданд, ки барои рушд ва инкишофёбии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани объектҳои ёрирасон заруранд. Онҳо инчунин исбот карданд, ки дастгирии рушди инфрасохтор шарти зарурии рушди иқтисодӣ ва объектҳои таснифшудаи инфрасохтор мебошад.

Дар солҳои 70-уми асри XX натиҷаи таҳқиқотҳои олимон ва муақиқони хориҷӣ В.А. Жамина, С.Г. Важенина, Ж.Т. Тошенко, А.И. Кочергу, А.А. Мазараки боис ба он гашт, ки давлат ба ин категорияи иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар намояд. Олимон моҳияти инфрасохтор, нақш ва мавқеи онро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дарки назариявӣ анҷом додаанд, инчунин барои муайян кардани инфрасохтори иҷтимоӣ равишҳои гуногунро пешниҳод намуда, унсурҳои онро тасниф кардаанд. Чуноне Ж.Т. Тошенко қайд менамояд, «инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири мутақобилаи муҳити моддӣ ва субъектҳои иҷтимоиро (шахс, гурӯҳ, синф, ҷамъият) тавсиф мекунад», ки ба оптимизатсияи инкишофи иҷтимоӣ ва «...ташаккули одами нав, инкишофи ҳаматарафаи шахсият, такмили тарбияи иҷтимоии ҳаёт» нақши муҳим дорад [12].

Бояд қайд кард, ки аксар вақт олимон ҳангоми омӯзиши инфрасохтори иҷтимоӣ онро бо мафҳумҳои ба он шабеҳ, ба монандӣ: «соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ», «бахши хизмати давлатӣ», «соҳаҳои иҷтимоӣ» омехта мекунанд ва аз ин рӯ, зарурати фарқи байни онҳо ба миён меояд.

Соҳаи ғайриистеҳсолӣ, ки маҷмуи соҳаҳои саноат ва фаъолиятеро дар назар дорад, ки дар истеҳсолоти моддӣ иштирок намекунанд, он фаъолиятҳоеро дар назар доранд, ки натиҷаи меҳнатӣ онҳо дар шакли ҷисмонӣ дида намешавад. Меъёри интихоби он «ғайримоддӣ»-и маҳсулот ё хизматрасонии истеҳсолшуда мебошад.

Соҳаи хизматрасонӣ категорияи умумӣ буда, пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасониро дар назар дорад. Ба он ғайр аз соҳаҳои саноат ва фаъолияти ғайриистеҳсолии таснифшуда, дигар ҳама он соҳаҳои хоҷагии коммуналӣ, хоҷагии роҳу нақлиёт, савдои чакана, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ ва истироҳат дохил мешаванд. Ҳамзамон, ин тоифа аз доираи худ идораи давлатӣ, дифоъ, илм ва хадамоти илмиро берун мегузорад. Яъне, мазмуни асосии соҳаи хизматрасонӣ аз хизматрасониҳо вобаста ба таъиноташон мебошад.

Инфрасохтори иҷтимоӣ бошад, маҷмуаи объектҳо, иншоотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо дониста шуда, дар ҳудуди муайян амал намуда, ба аҳолӣ хизматрасониҳои иҷтимоӣ менамоянд ва аз ин рӯ, шакли ифодаи он объектҳои моддии марбут ба комплекси иқтисодии ҳудуди муайян ва ба амал бароварда мешаванд.

Меъёрҳои самаранокии рушди соҳаи хизматрасонӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз нуқтаи назари хизматрасонӣ, сифати хизматрасонӣ ва аз нуқтаи назари инрасохтори иҷтимоӣ, сифати зиндагии мардум баҳогузори карда мешавад.

Намоиши умумии инфрасохтори иҷтимоӣ дар системаи категорияҳои илмӣ, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам монананд, дар расми 1 нишон дода шудааст.

**Расми 1. Алоқамандиҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бо соҳаҳои хизматрасонӣ ва ғайриистеҳсолӣ**
**Figure 1. Connections of social infrastructure with service and non-production sectors**




Чуноне аз расм дида мешавад, инфрасохтори иҷтимоӣ бо соҳаҳои хизматрасонӣ ва ғайриистеҳсолӣ аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳояшон бо ҳам алоқаманданд ва аз рӯи баъзе дигарашон аз якдигар фарқ менамоянд.

Инчунин, инфрасохтори иҷтимоиро бо соҳаҳои хизматрасонӣ, ки нишондиҳандаҳояшон бо ҳам монананд якҷиз дониста намешавад, инфрасохтори иҷтимоӣ «ҳаёти иҷтимоии мақсадноки одамон аз ҷониби ҷомеа ташкилшуда» фаҳмида мешавад, Соҳаи хизматрасонӣ бошад, соҳаҳои хоҷагии коммуналӣ, хоҷагии роҳу нақлиёт, савдои чакана, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ ва истироҳат дохил мешаванд.

Боз дар баробари инҳо соҳаи иҷтимоӣ низ истифода бурда мешавад. Тавре Туишева М.Р., қайд менамояд, соҳаи иҷтимоӣ метавонад инҳоро дар бар гирад: инфрасохтори иҷтимоӣ, хизматрасонӣ дар заминаи он (маърифатӣ, тиббӣ, фарҳангӣ, истироҳатӣ ва ғайра), «механизмҳо ва заминаҳои меъёрии танзими рафтори иҷтимоии аҳолӣ» [13]. Ба таркиби он ба ғайр аз унсурҳои дар боло зикргардидаи соҳаи иҷтимоӣ, баъзе олимон муносибатҳои иҷтимоӣ ва одамонро дохил мекунанд.

Дар мавриди таҳқиқи моҳияти инфрасруктураи иҷтимоӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, дар шароити имрӯза дар илми иқтисодӣ тавсифҳои зиёди ин мафҳум вобаста ба мазмун, вазифаҳо, мақсадҳо ва категорияҳое, ки онро тавсиф мекунанд, ташаккул ёфтаанд. Ба фикри мо, равиши асосии дарк кардани моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ сохторӣ буда, аниқтараш моддию соҳавӣ мебошад.

Дар воқеъ, муҳимтарин унсур ва заминаи моддии инфрасохтори иҷтимоӣ фондҳои асосии он (бино, иншоот ва коммуникатсия) мебошанд. Аммо масъалаи таъминоти кадрҳо, механизми ташкилию иқтисодии идоракунӣ, инчунин идоракунии объектҳои дар ҳудуди муайяни маҳаллиро сохторҳои ташкилии дохили соҳаҳо ҳал мекунанд, инро ба инобат гирифта, аз нуктаи назари модели макроиқтисодӣ инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи соҳаҳои хизматрасонӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Вобаста ба ин, дар тафсири моҳияти категорияи таҳқиқшаванда, равиши соҳавӣ ташаккул ёфтааст, ки намояндагони он инфрасохтори иҷтимоиро «маҷмуи соҳаҳое медонанд, ки дар ташаккул ва рушди қувваи корӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зисти аҳолӣ мусоидат менамоянд» [14].

Аммо дар айни замон тафсири инфрасохтори иҷтимоӣ танҳо ҳамчун маҷмуи унсурҳои моддӣ ё соҳаҳои саноат, ки барои инкишофи ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоӣ

шароитҳои умумӣ ба вуҷуд меоранд, хеле кам истифода мешавад, зеро он аҳаммияти онро паст мекунад. Дар марҳалаи ҳозираи инкишофи илм дар рафти васеъ намудани марзҳои дарки мақсад ва вазифаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин омӯзиши механизми ҳамкории истеҳсолкунандаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва истеъмолкунандаи он дар асоси равиши сохторӣ равишҳои фаъолиятӣ ва истеҳсолӣ ташаккул ёфтаанд.

Барои намояндагони равиши фаъолиятӣ (Ж.Т. Тошенко, С.Г. Важенин, Ю.Б. Рандалов, Т.В. Третяченко ва дигарон) бо дарки инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун «системаи вазифаҳои мушаххас хос аст, ки аз тарафи соҳаҳо (ё объектҳо)-и дахлдори саноат ба сифати шароити воқеии фаъолияти иҷтимоии ... аҳолии минтақа иҷро карда мешаванд», яъне ба ақидаи онҳо натиҷаи ниҳоии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ, фаъолияти хизматрасонии иҷтимоӣ, ки системаи муайяни шаклҳои фаъолияти ҳаётии аҳолиро ба вуҷуд меоранд.

Солҳои охир равиши истеҳсолӣ мавриди истифодаи илмӣ қарор гирифтааст, ки тибқи он инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои сохториро дорад, ки барои қонеъ кардани доираи васеи ниёзҳо бо мақсади такрористеҳсолшавии насли одамон ва ҷомеа шароит фароҳам меоранд. Ин нуктаи назар дар корҳои олимон: Э.Г. Рускова, Г.И. Осадчей, Ю. Болшакова, Л.В. Бондаренко, И.Т. Шаяхметова ва як қатор муаллифони дигар дида мешавад.

Комбинатсияҳои гуногуни равишҳои муайяншуда дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Дар доираи ин таҳқиқот тадриҷан тағйир додани дарки мақсади инфрасохтори иҷтимоӣ - аз ташаккули шароити зарурии зиндагӣ барои аҳолӣ то таъмини такрористеҳсолии инсон ва ҷомеа таваҷҷуҳи хосса дорад. Фаҳмидани ин воқеият ба мо имкон дод, ки моҳияти инфрасохтори иҷтимоиро беҳтар дарк кунем ва дар чунин ақида қарор гирем, ки ҳадафи фаъолияти он фароҳам овардани муҳити бароҳат, ки ба беҳтар кардани шароити зиндагӣ, рӯзгор ва фаъолияти аҳолии минтақа, таъмини некуаҳволии ҷисмонӣ, инкишофи интеллектуалӣ ва маънавии онҳо нигаронида шудааст.

Мавҷудияти равишҳои гуногуни омӯзиши моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ ва мураккабии худи категория имкон медиҳад, ки он аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф карда шавад.

**Ҷадвали 1. Равишҳои назариявӣ оид ба дарки инфрасохтори иҷтимоӣ**
**Table 1. Theoretical approaches to understanding social infrastructure**

| Истифодаи равиш | | Фаҳмиши инфрасохтори иҷтимоӣ аз нуқтаи назари равиши сохторӣ | |
|---|---|---|---|
| | | **Материалӣ** | **Соҳавӣ** |
| **Усули пешниҳодшуда** | | М.А. Абрамов: «маҷмуа ё ҷамъи объектҳо, иншоотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳое, ки барои аҳолии ҳудуди муайян шароити зарурии моддӣ, фарҳангӣ ва маиширо фароҳам меоранд» [1]. | Б.Н. Хомелянский: «маҷмуи соҳаҳои саноат, ки дар ташаккул ва инкишофи қувваи коргарӣ, инчунин муҳайё намудани шароити зиндагонии аҳолӣ машғуланд» [14]. |
| **Усули пешниҳодшуда дар якҷоягӣ** | **Бо дарназдошти фаъолият** | Ю.Б. Рандалов: «маҷмуи объектҳо..., ки фаъолията-шон ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, таъмини фаъолияти ҳаётан муҳим, рушди маънавию зеҳнии аҳолӣ нигаронида шудааст» [10]. | А.Н. Кочетов, Д.А. Харитонов: «маҷмуи соҳаҳои саноат, зерсоҳаҳои иқтисодиёт ва намудҳои фаъолияте, ки мақсади функсионалии онҳо дар истеҳсолу фурӯши хизматрасонӣ ва неъматҳои маънавии аҳолӣ ифода ёфтааст» [5]. |
| | **Бо дарназардошти такрористеҳсолкунӣ** | Г.И. Осадчая: «маҷмуи устувори унсурҳои моддӣ, ки барои қонеъ гардонидани ҷамъи талабот бо мақсади такрористеҳ-солкунии қувваи корӣ ва ҷамъият шароит фароҳам меоваранд» [8]. | Л.В. Бондаренко, И.Т. Шаяхметов: «маҷмуаи ҳудудӣ- истеҳсолие, ки барои такрористеҳсоли қувваи коргарӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нигоҳ доштан ва инкишоф додани неруи инсонӣ, меҳнатӣ ва маънавии ҷамъият шароити иҷтимоию иқтисодӣ таъмин менамояд» [3]. |

Аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба манбаъҳои ташаккул, сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва маҳалли ҷойгиршавии ҳудудӣ объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва хизматрасониро метавон дар шакли ду гурӯҳ муаррифӣ кард: Ба гурӯҳи якум объектҳое дохил мешаванд, ки дар корхонаҳо амал мекунанд ва аз ҳисоби маблағҳои субъектҳои хоҷагидор бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва таъмини бехатарии меҳнат дар истеҳсолот сохта шудаанд. Ба ин гурӯҳ хизматрасониҳо оид ба бозомӯзӣ ва ҳифзи меҳнат, биноҳои маишӣ, муассисаҳои хӯроки умумӣ, китобхонаҳо, утоқҳои тиббӣ, ҳамом, пунктҳои зиддисухтор ва ғайра дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюмро объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ки дар маҳалҳои аҳолӣ ва маҳалҳои байнимаҳалҳо ҷойгир шудаанд, аз ҳисоби сармоягузории давлат ё субъектҳои хоҷагидории калон фаъолияташон ба роҳ монда мешаванд. Ба ин ташкилотҳо, муассисаҳо ва соҳаҳои саноат, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти тамоми аҳолии ҳудудӣ хизматрасонӣ пешбинӣ шудаанд: хоҷагии манзилию коммуналӣ, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, савдои чакана; муассисаҳои соҳаи маориф ва маданият, нигоҳдории тандурустӣ, хизмати санаторию курортӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъминоти иҷтимоӣ, суғурта, мехмонхонаҳо, нақлиёти мусофиркашонӣ, ҳаммомҳо, шуъбаҳои танзиму анъана ва ҷашну маросимҳо, почта, шуъбаҳои алоқа ва ғайра.

Ин таснифот ба фарқи объективии байни гурӯҳҳои объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ асос ёфтааст. Таснифоти инфрасохтори иҷтимоии минтақаро метавон аз рӯи чунин хусусиятҳо: ташкили ҷомеа, намуди тақсимот ва таркиби соҳавӣ ҷудо намуд. Дар баробари ин, дар таҳқиқотҳои илмии баъзе муаллифон асосҳои тасниф ба таври шартӣ мувофиқи мақсадҳои таҳқиқ интихоб карда мешаванд, ки дар натиҷа, инфрасохтори иҷтимоиро вобаста ба таъиноти функсионалӣ ба маҷмӯи объектҳо ё соҳаҳои саноат чудо мекунанд.

Ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши инфрасохтори иҷтимоиро баррасӣ намуда, таснифоти онро аз рӯи меъёрҳои гуногун чунин ҷамъбаст намудем (нигаред ба ҷадвали 2).

Чуноне, ки аз ҷадвал дида мешавад, дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт инфрасохтори иҷимоиро ба ёздаҳ гурӯҳ ҷудо менамоянд. Ин гурӯҳбандиҳоро чунин номбар кардан мумкин аст, ба монандӣ: сатҳи хоҷагидорӣ, ташкилӣ, молиягузории объектҳо, навъи моликият, марҳилаи давраи камолот, субъектҳо, ҳудудбандиҳо, таркиби соҳавӣ, мақсади функсионалӣ ва шаклҳои қонеъкунандаи талаботҳои инсонӣ.

**Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии инфрасохтори иҷтимоӣ аз рӯи мавқеашон**
**Table 2. Grouping of social infrastructure according to their location**

| | Аломатҳои гурӯҳбандӣ | Инфрасохтори иҷтимоӣ |
|---|---|---|
| 1 | Сатҳи хоҷагидорӣ | Инфрасохтор дар сатҳи макроиқтисодӣёт, мезоиқтисодиёт, микроиқтисодиёт ва наноиқтисодиёт |
| 2 | Сатҳи ташкилӣ | Хаттӣ ва нуқтавӣ |
| 3 | Сатҳи молиягузории объектҳо | Объектҳое, ки аз худ маблағгузоранд. Объектҳое, ки пурра ё қисман аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд. |
| 4 | Навъи моликият | Давлатӣ, муштарак, хусусӣ |
| 5 | Марҳилаи давраи камолот | Бартаридошта, рукудкунанда, бухронӣ, афсурдашуда, табдилёбанда. |
| 6 | Субъектҳо (хукумат, аҳолӣ) | Давлатӣ, муштарак, инфрасохтори корхонаҳо ва муассисаҳо, инфрасохтори хоҷагиҳои хонагӣ. |
| 7 | Субъектҳо (гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ) | Кӯдакона, ҷавонон, оилавӣ; инфрасохтор барои маъюбон, пиронсолон ва ғайра. |
| 8 | Аз рӯи ҳудуд | Шаҳрӣ, минтақавӣ |
| 9 | Таркиби соҳавӣ | Тандурустӣ, маълумотгирӣ, фарҳангӣ ва ғайра |
| 10 | Мақсади функсионалӣ | Маҷмуаи фарҳангӣ-фароғатӣ, маҷмуаи манзили коммуналӣ, маҷмуаи таъминоти иҷтимоӣ, маҷмуа барои хизматрасонии фаъолияти меҳнатӣ |
| 11 | Шаклҳои қонеъкунандаи талаботҳои инсон | Соҳаҳое, ки талаботҳои физиологӣ, бехатарӣ, иҷтимоӣ ва маънавии инсонро қонеъ менамояд. |

Аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст.

Бояд гуфт, ки бо назардошти мансубияти ҳудудӣ инфрасохтори иҷтимоӣ ба шаҳрӣ ва минтақавӣ тақсим мешавад. Параметрҳои асосие, ки инфраструктураи минтақавиро тавсиф мекунанд, ҷойгиршавии он берун аз шаҳрҳо ва канори шаҳрҳо, инчунин расонидани хадамоти иҷтимоӣ, асосан ба аҳолии минтақа мебошад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт нақш ва аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоии минтақа хело муҳим буда, барои рушди иқтисодиёти кишвар ва муҳайё намудани шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра кумаки ҷиддӣ менамояд. Маҳз ҳамин чиз такмил додани шаклу усулҳои мунтазам рушд додани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият, боз ҳам амиқтар гардонидани назарияи идоракунии илмии ҷараёнҳои ҷамъиятиро талаб мекунад. Ҷараёни иҷтимоӣ ва илмию техникӣ зарурати ҳалли ҷамъи муаммоҳои иҷтимоию иқтисодиро хеле фаъол мегардонад. Зарурати ба назар гирифтани нақши инсон ва фароҳам овардани шароитҳои корӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле меафзояд.

Таҳияи барномаҳо ва рушду инкишофдиҳии инфрасохтори иҷтимоӣ муҳимтарин муаммои бунёди ҳокимияти муосири иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, зеро сатҳ ва сифати ҳаёти инсонро бештар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ муайян мекунад. Аз ин ҷост, ки масъалаҳои рушд ва инкишофи ҷамъият ҳангоми дида баромадани ҳар як паҳлуи он барои ҳар як аъзои ҷамъият асосӣ баҳисоб меравад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки масъалаҳои алоқамандӣ ва таъсири ҳамдигарии омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳамеша мавзуи диққати ҷиддӣ мебошанд. Дар байни онҳо муаммоҳои инкишофи чунин зуҳуроти иҷтимоӣ, ба монанди «инфрасохтор ва паҳлуҳои он» ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Муҳаққиқон ва олимони соҳа то ба имрӯз баррасии муфассали раванди фаъолияти инфрасохтори иҷтимоии минтақаро баррасӣ намуда, нақш ва мавқеи онро дар рушд ва инкишофи иқтисодиёт ва минтақаҳои он шарҳу тавзеҳ додаанд. Баъзе аз ин муҳаққиқон ва олимони соҳа пайдоиши инфрасохторро бо истеҳсолоти саноатӣ алоқаманд карда, онро бо таҳкурсии сохторҳо ва чаҳорчӯбаҳои асосии он муайян кардаанд. Ба маънои маҷозӣ, он ба ифодаи маҷмуи сохторҳои берунии истеҳсолот, ки раванд ва ҷараёни истеҳсолиро такмил медоданд, медонистанд. Баъзе дигарашон пайдоиши ин истилоҳро бо намуди низомии амалҳо, ҳамчун маҷмуи сохторҳо ва коммуникатсияҳое, ки амалиёти бомуваффақияти ҳарбиро таъмин мекунанд, мепайвандад, яъне хидматҳо ва системаҳои дастгирии онҳо.

Бо вуҷуди ин, ҳама таҳқиқотчиён эътироф мекунанд, ки инфрасохтори иҷтимоӣ ҷузъи муҳимми ҳар як системаи ягонаи иқтисодӣ мебошад.

Дар баробари ин гуфтаҳо, таваҷҷуҳнамоӣ ва таҳлилу баррасиҳои иқтисодиёти муосир моро водор ба он менамояд, ки мо бо тағйирёбии марҳалаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо назар афканда, дар тамоми зерсистемаҳои минтақа ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ тағйирот ворид намоем. Дар шароити муосир субъектони ҳар як минтақа як системаи мураккаби муташаккил мебошад, ки дар доираи он масъалаҳои маърифатнокӣ, тандурустӣ, фароғат ва истироҳати ҳар як инсон ҳал карда мешаванд. Дар ҳалли ин масъалаҳо инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун зерсистемаи асосии он нақши калон дорад, ки дар расми 2 равшан нишон дода шудааст.

Чуноне аз расм дида мешавад, ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун зерсистема системаи иҷтимоию иқтисодии он як қатор вазифаҳо гузошта шудаанд. Онҳоро чунин номбар кардан мумкин аст: иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташаккулдиҳандаи маънавиёти шахсиятҳо, таълимӣ, тарбиявӣ ва арзишӣ. Ба андешаи мо, дар баробари ин, инфрасохтори иҷтимоӣ низ чунин вазифаҳои дигарро, ба мисли ташаккул ва рушди ҳаёти солим, омодасозии мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат, таъмини минтақа бо кадрҳо, нигоҳ доштани кадрҳо ва муҳайё намудани шароити зисту зиндагонии онҳо, таъмини рушди иқтисодии минтақаро иҷро мекунад. Татбиқи ин вазифаҳо аз нуқтаи назари таҳқиқот муҳим буда, онҳо инчунин ба таъмини ташаккули сармояи инсонии зарурӣ дар минтақа ва истифодаи самараноки он нигаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи иқтисодӣ инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар ташаккули иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо нақши асосӣ дошта, барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар оянда замина мегузорад.

**Расми 2. Мавқеи инфрасохтори иҷтимоӣ дар системаи иҷтимоӣ- иқтисодии минтақа**
**Figure 2. The position of social infrastructure in the socio-economic system of the region**




Инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун зерсистемаи минтақа ташаккули иқтидори меҳнатиро таъмин менамояд (расми 3).

**Расми 3. Нақш ва вазифаи инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтидори меҳнатии минтақа**
**Figure 3. The role and function of the social infrastructure of the region in the formation and development of the labor force of the region**




Тавре аз расм дида мешавад, унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба ташаккулёбӣ ва инкишофи таркиби миқдорӣ ва сифатии иқтидори меҳнатии минтақа, ба ибораи дигар, аҳолии фаъоли иқтисодиро бо мақсади самаранок истифодабарии он дар системаи иҷтимоию иқтисодии минтақа таъмин мекунанд.

Воқеан, инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар асоси омезиши органикии принсипҳои ҳудудию соҳавӣ ташкил карда шуда, на ба истеъмолкунандаи махсусгардонидашудаи соҳавӣ, балки ба истеъмолкунандаи ҳудудӣ, яъне аҳолии минтақаи муайян нигаронида шудааст. Ин ақида дар корҳои илмии бисёр муаллифон ифода ёфтааст, ки нақш ва мавқеи инфрасохтори иҷтимоии минтақаро мувофиқи мақсаду вазифаҳои асосии он ба назар мегиранд.

Болшакова Ю.А., оид ба нақш ва аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоии минтақа чунин мефармояд: «маҷмуи унсурҳои моддии ба ҳам алоқаманд ва иловагиро дорад, ки дар

ҳадди аксар дастрас ва наздикии фазоӣ-вақтӣ ба соҳаҳои фаъолияти инсон ҳастанд, ки барои қонеъ кардани доираи васеи ниёзҳои тамоми аҳолии деҳот нигаронида шуда, баҳри фароҳам овардани шароит барои ташаккули такрористеҳсол ва нигоҳдории захираҳои инсонӣ нигаронида шудааст» [2]. Яъне, нақш ва аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҷамъи унсурҳои моддии бо ҳам алоқаманд, ки барои бештари аҳолии минтақа дастрас ва ба соҳаҳои фаъоляти онҳо наздик буда, барои қонеъ намудани талаботҳои аввалаи онҳо нигаронида шуда, ташаккули такрористеҳсолӣ ва нигоҳдории иқтидори меҳнатии аҳолиро таъмин менамояд.

Бондаренко А.В. ва Шаяхметов И.Т., ки инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ҳамчун «маҷмуи ҳудудию соҳавие, ки шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро барои такрористеҳсоли қувваи корӣ, иҷтимоигардонӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нигоҳдорӣ ва инкишофи неруи демографӣ, меҳнатӣ ва маънавии ҷамъият» медонанд [3].

Дар баробари ин, ба ақидаи Т.Н. Ларина, ки инфрасохтори иҷтимоии минтақаро объекти таҳқиқотҳои оморӣ дониста, онро ҳамчун «маҷмуи намудҳои фаъолияти иқтисодие, ки талаботи шахсии аҳолии минтақаро (нигоҳдории тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маориф, хизматрасонии моддию маишӣ, алоқа, нақлиётӣ ва ғайра), ки бо мақсади фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ амал мекунанд» [6].

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки дар айни замон вазифаи асосии таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ҳифз ва нигоҳдории иқтидори меҳнатии аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳимтарини такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ, бунёд ва рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии минтақа мебошад. Инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун маҷмуи объектҳои ба ҳам амалкунанда (соҳаҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра), ки барои фаъолияти бароҳати ҷомеа шароит фароҳам ва нигоҳ медорад, фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, инфрасохтори иҷтимоӣ объектҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ, варзиш, нақлиёт, инфрасохтори роҳ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти аҳолиро дар бар мегирад. Мавҷудияти ин объектҳо ва ҳолати онҳо, аз ҷумла, ба рафтори демографии аҳолӣ ва такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонад.

Бисёр олимон дар давраҳои гуногун мафҳуми инфраструктураи иҷтимоии минтақа, нақш ва вазифаҳои асосии онро омӯхтаанд. Ҳамин тариқ, ин олимон ва муҳаққиқон имкони истифодаи равишҳои гуногунро истифода бурдаанд. Дар байни ин равишҳо дар таҳлил ва баҳодиҳии сатҳи рушд, самараноктаринаш системанокӣ дониста мешавад. Ин равишҳо аз ҷумла, дар корҳое истифода мешаванд, ки ба арзёбии таъсири рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва ба такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ бахшида шудаанд. Чуноне олимон Полякова Г.П., Паченова М.А. қайд менамоянд: «ҷанбаи баробари муҳимми омӯзиши инфрасохтори иҷтимоӣ ва баҳодиҳии сатҳи рушди он барои системаҳои гуногуни ҳудудӣ (минтақавӣ, мунисипиалӣ, шаҳрӣ, деҳотӣ ва ғайра) мебошад. Аксари таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба истифодаи усули индексӣ асос ёфтаанд» [9].

Дар баробари ин гуфтаҳо тавассути фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа, масъалаи бо захираҳои инсонӣ таъмин намудани он бо хусусиятҳои додашуда ҳал карда мешавад. Бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаҳо инфрасохтори иҷтимоӣ бояд на танҳо бозори меҳнатро бо меҳнат таъмин намояд, балки зарур аст, ки ин низом ба талаботи иқтисодиёти минтақавӣ ҷавобгӯ бошад. Ташаккули захираҳои инсониро бо хусусиятҳои мавҷудаи ҳар як минтақа мутобиқи нишондодҳо таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, маълум аст, ки хизматрасонии инфрасохтори иҷтимоӣ бояд на танҳо аз ҷониби талаботҳои аҳолӣ, балки аз нигоҳи ҳалли мушкилоти ташаккули захираҳои инсонӣ дар минтақа ба талаботи он ҷавобгӯ бошад.

Инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ вазифаи асосии давлат дар марҳилаи рушдёбии иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста ба шароити муосир ва рушду инкишофёбии сохтори технологӣ мебошад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба талабҳои замон, хусусан ба талабу эҳтиёҷоти ҳар як инсон ҷавоб диҳад. Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва рушду инкишофёбии инсон дар мадди аввал қарор гирифта, яке аз масъалаҳои асосии имрӯзаи ҷомеа қарор гирифтааст.

Зери мафҳуми маҷмуаи зарурии ҳаёти инсон, дастрасии инсон ба тамоми шароитҳои зиндагӣ, ба монандӣ: дастрасӣ ба маълумотгирӣ, кумакҳои тиббӣ, дастраси бо беҳтарин шароитҳои зиндагӣ ва ғайра, инчунин муҳити хуби зиндагӣ ва дастрасии инсон бо беҳтарин арзишҳои волои инсонӣ дохил мешавад. Сатҳи зиндагӣ маънои онро дорад, ки агар инсон аз мавқеи моддӣ таъмин карда шавад, аммо паҳлуи маънавии он холӣ монад, дар ин ҳолат дараҷаи ниҳоии таъмини зиндагии аҳолӣ дар як дараҷаи хуб қарор дошта наметавонад. Бинобар ин, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳтар намудани он вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлат буда, ки ба афзоишёбии даромадҳои аҳолӣ ба монанди музди меҳнат, дастгирии гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ба монанди маориф, тандурустӣ, васеънамоии ҷойҳои корӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок иборат мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Давлатова Р.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абрамов, М.А. Производство и сфера обслуживания / М.А. Абрамов. -М., 1977.
2. Большакова, Ю.А. Обеспечение устойчивого развития социальной инфраструктуры сельских территорий: дисс. … канд. эконом. наук: 08.00.05 / Ю.А. Большакова. –Княгинино, 2014. -174 с.
3. Бондаренко, Л.В. Методологические основы формирования социальной инфраструктуры села / Л.В. Бондаренко, И.Т. Шаяхметов. -М.: НИПИаг-ропром, 2002. -66 с.
4. Ғаниев Т.Б. Хусусиятҳои тавсифии ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт / Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Ҳ. Искандаров, Р.М. Саломова // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№10. -қ.2. -С.12-20.
5. Кочетов, А.Н. Харитонов, Д.А. Современный взгляд на роль инфраструктуры в социальном развитии общества // Электрон. журн. Поволжский гуманитарный журнал. - 2001. [Электронный ресурс]. URL: http://www.seun.ru/oldssea/Win/Journal/% 20j2000_2r/Socio/kochet.htm
6. Ларина Т.Н. Статистическое обеспечение управления качеством жизни населения сельских территорий: монография / Т.Н. Ларина. -Оренбург: Издательский центр ОГАУ, 2012. -226 с.
7. Маҷидзода Д.М. Ҷанбаҳои назариявӣ, равишҳо ва унсурҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа / Маҷидзода Д.М., Саидзода С.С. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№11. -С.23-29.
8. Осадчая, Г.И. Социальная сфера. Методология анализа и управления / Г.И. Осадчая // Общество и экономика. - 2002. -№9-10. -С.8-29.
9. Полякова Г.П. Комплексная оценка социальной инфраструктуры регионов Приволжского федерального округа / Г.П. Полякова, М.А. Паченова // Вопросы статистики. – 2015. -№8. -С.56-64.
10. Рандалов, Ю.Б. Социальная инфраструктура региона: проблемы развития / Ю.Б. Рандалов, Ц.Б. Будаева. - Новорыбинск: Найка, 1989. -72 с.
11. Самуэльсон, П. Экономика / П. Самуэльсон. -М., 1992. -232 с.
12. Тощенко, Ж.Т. Социальная инфраструктура: сущность и пути развития / Ж.Т. Тощенко. -М.: Мысль, 1980. - С.35.
13. Туишева, М.Р. Социальная сфера как экономическая категория и ее структура / М.Р. Туишева // Вопросы инновационной экономики. – 2012. -№1(11). -С.35-39.
14. Хомелянский, Б.Н. Социальное воспроизводство: воспроизводственный потенциал социальной инфраструктуры / Б.Н. Хомелянский. -М.: Экономика, 1989. -С. 138.
15. Rosenstein-Rodan P.N. The Notes of the Theory of the «Big Push» in «Economic Development for Latin America». - London -New York, 1961.


## ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт нақш ва аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоии минтақа хело муҳим буда, барои рушди иқтисодиёти кишвар ва муҳайё намудани шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра кумаки ҷиддӣ менамоян. Маҳз ҳамин чиз такмил додани шаклу усулҳои мунтазам рушд додани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият, боз ҳам амиқтар гардонидани назарияи идоракунии илмии ҷараёнҳои ҷамъиятиро талаб мекунад. Ҷараёни иҷтимоӣ ва илмию техникӣ зарурати ҳалли ҷамъи муаммоҳои иҷтимоию иқтисодиро хеле фаъол мегардонад. Зарурати ба назар гирифтани нақши инсон ва фароҳам овардани шароитҳои корӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле меафзоядֹ. Айни замон вазифаи асосии таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ҳифз ва нигоҳдории иқтидори меҳнатии аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳимтарини такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ бунёд ва рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии минтақа мебошад. Инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун маҷмуи объектҳои ба ҳам амалкунанда (соҳаҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра), ки барои фаъолияти бароҳати ҷомеа шароит фароҳам ва нигоҳ медорад, фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, инфрасохтори иҷтимоӣ объектҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ, варзиш, нақлиёт, инфрасохтори роҳ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти аҳолиро дар бар мегирад. Мавҷудияти ин объектҳо ва ҳолати онҳо, аз ҷумла, ба рафтори демографии аҳолӣ ва такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонад.

**Калимавожаҳо:** инфрасохтори иҷтимоии минтақа, шароитҳои иқтисодӣ, соҳаҳои ҳайёти ҷамъиятӣ, иқтидори меҳнатӣ, такрористеҳсолии қувваи корӣ, захираҳои инсонӣ.

## СОЦИАЛЬНАЯ ИНФРАСТРУКТУРА РЕГИОНА И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ЭФФЕКТИВНОМ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА

В современных экономических условиях роль и значение социальной инфраструктуры региона очень велики, и они оказывают серьезную помощь развитию экономики страны и обеспечению социальных, экономических, культурных и т.д. условий. Именно это требует совершенствования форм и методов планомерного развития различных сфер жизни общества, углубления теории научного управления социальными процессами. Социальное и научно-техническое течение активизирует необходимость решения всех социальных и экономических проблем. Возрастает необходимость учета роли человека и обеспечения условий труда во всех сферах общественной жизни. В настоящее время основной задачей обеспечения социально-экономического развития государства является защита и сохранение трудового потенциала населения. При этом одним из важнейших факторов воспроизводства человеческих ресурсов является создание и устойчивое развитие социальной инфраструктуры региона. Под социальной инфраструктурой региона понимается совокупность взаимодействующих объектов (отраслей, предприятий, учреждений и т.п.), обеспечивающих и поддерживающих условия для комфортного функционирования общества. Таким образом, социальная инфраструктура включает в себя объекты здравоохранения, образования, культуры, туризма, спорта, транспорта, дорожной инфраструктуры, жилищно-коммунального хозяйства и других сфер жизни населения. Существование этих объектов и их состояние, помимо прочего, оказывает существенное влияние на демографическое поведение населения и воспроизводство рабочей силы.

**Ключевые слова:** социальная инфраструктура региона, экономические условия, сфера общественной жизни, рабочая сила, воспроизводство рабочей силы, человеческие ресурсы.

## SOCIAL INFRASTRUCTURE OF THE REGION AND ITS IMPORTANCE IN THE EFFECTIVE USE OF LABOR POTENTIAL

In modern economic conditions, the role and importance of the region's social infrastructure is very great, and they provide serious assistance to the development of the country's economy and the provision of social, economic, cultural, etc. conditions. This is precisely what requires improving the forms and methods of systematic development of various spheres of social life, deepening the theory of scientific management of social processes. Social and scientific-technical trends are activating the need to solve all social and economic problems. There is an increasing need to take into account the role of man and ensure working conditions in all spheres of public life. Currently, the main task of ensuring the socio-economic development of the state is to protect and preserve the labor potential of the population. At the same time, one of the most important factors in the reproduction of human resources is the creation and sustainable development of the social infrastructure of the region. The social infrastructure of a region is understood as a set of interacting objects (industries, enterprises, institutions, etc.) that provide and maintain conditions for the comfortable functioning of society. Thus, social infrastructure includes facilities for healthcare, education, culture, tourism, sports, transport, road infrastructure, housing and communal services and other spheres of life of the population. The existence of these objects and their condition, among other things, has a significant impact on the demographic behavior of the population and the reproduction of the labor force.

**Keywords:** social infrastructure of the region, economic conditions, spheres of public life, labor force, reproduction of the labor force, human resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҷидзода Давлатбахт Маҷид*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
***Искандаров Ҳофиз Ҳакимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail**: hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Муродова Розия Абдувалиевна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **906-88-64-77**

**Сведения об авторах:** ***Маджидзода Давлатбахт Маджид*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
***Искандаров Хофиз Хакимович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Муродова Розия Абдувалиевна*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 906-88-64-77**

**Information about the authors:** ***Majidzoda Davlatbakht Majid* –** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**
***Iskandarov Khofiz Khakimovich* –** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resources Management. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Murodova Roziya Abduvalievna* -** Tajik National University, applicant of the Department of Human Resources Management. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **906-88-64-77**

ТДУ: 338.1

# МОДЕЛСОЗИИ ИҚТИСОДӢ-РИЁЗИИ ФАЪОЛИЯТ ВА САМАРАНОКИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ҳофиззода Ҳ.А., Аскарова С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар замони муосир ва равандҳои пуртазоду серпечутоби вазъияти сиёсиву иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ рушди устувори иқтисодиёти миллӣ бештар ба самаранокии амалишавии сиёсати саноатӣ асоснок мегардад. Дар ин замина, бояд роҳҳои беҳтарини ҳалли масъалаҳо пайдо карда шаванд, ки онҳо бо таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ ва рушди устувори инноватсионии он мусоидат намоянд. Масоили мукаммалгардонии механизмҳои коркард ва амалисозии сиёсати саноатӣ дар ин росто, аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ислоҳотҳои гузаронидашуда сабабгори зуҳур намудани шаклҳои гуногуни муносибатҳои истеҳсолӣ гардиданд, ки манфиатҳои тарафҳои мухталифро муттаҳид сохтанд. Ҳамзамон, ба таври комил коркард нагардидани асосҳои назариявию методии идораи муносибатҳои истеҳсолӣ омили калидии боздорандаи самаранокона амлисозии сиёсати саноатӣ дар бештари кишварҳои пасошуравӣ гардиданд, ки ба онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил мебошад.

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектонаш барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ бо шарикони хориҷӣ, ҳавасмандии сусти фаъолияти сармоягузорӣ ва сатҳи пасти рушди равандҳои ҳамгироӣ фаъолият мекунад. Масоили ташаккули сисёсати саноатии самаранок дар остонаи гузариш ба тартиби технологии навин аҳаммият ва мубрамияти хосса пайдо мекунад. Бояд аз чаҳорчӯбаи равишҳои дар умум қабул гардидаи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва амалисозии он берун шуда, ба усулҳои навине такя кард, ки барои давра ба давра аз ҳолатҳои бӯҳронӣ берун шудани он мусоидат карда тавонанд. Ба чунин равиш айни замон метавон консепсияи кластерикунонии бахши саноатиро шомил намуд, ки он дорои принсипҳои истифода ва татбиқи принсипҳои воридотивазкуниро доро мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки зарурати мукаммалсозии системаи идораи ташаккулёбии самтҳои нави рушди соҳаҳои саноат дар пояи усулҳои муосир ба монанди сиёсати кластерӣ ва консепсияи воридотивазкунӣ аз муҳтавои сенарияи индустриалию инноватсионии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бармеояд, ки тибқи он «... ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгироӣ ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад. Аз рӯи сенарияи мазкур манбаъҳои рушди иқтисодиёт ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, инкишофи рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда … шуда метавонанд» [10,с.18-19]. Ақидаҳои дар боло зикргардида ба зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муҷтамаъҳои саноатӣ дар кишвар, мукаммалгардонии сиёсати саноатӣ тавассути коркард ва татбиқи механизмҳои самаранок, ки дар таҷрибаҳои ҷаҳонӣ татбиқ гардидаанд, ишора менамояд.

Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, таъмини устувору мутавозини рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолоти саноатиро талаб мекунад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ракобатпазир равона гардидааст. Дар натиҷаи амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои саноати кишвар, дар пояи як қатор ташкилотҳову корхонаҳо тағйироти куллие гузаронида шудаанд ва шаклҳои ташкилии хоҷагидориҳое ба вуҷуд омадаанд, ки ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилотӣ эҳтиёҷ доранд. Иқтисодиёти муосири бозорӣ равандест, ки ҳамчун низом ба таҷҳизоту механизмҳои рушди устувор ниёз дорад, ки онҳоро баҳри бештар ва самаранoктар истифода намудани захираҳо равона бисозад. Дар замони муосир барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои рушди самараноки бахшҳои саноатӣ, бояд ба тағйироти ба таври

эндогениву эгзогении бавуҷудоянда саривақт аҳаммият дода шавад. Барои ба таври фаъол ба роҳ мондани равандҳои муайянсозӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли масоили мавҷуда аз абзори васеи таҳқиқотӣ истифода намудан лозим аст, ки дар ин миён таҷҳизоти моделсозии риёзии равандҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои маҳсулнок ва муассир баромад мекунад.

Самаранокии фаъолияти корхона дар назар дорад, ки арзиши он дар муддати вақти муайян бо дарназардошти омилҳои ба самаранокӣ таъсиррасони инноватсионӣ, сармоягузорӣ, таҷдидсозӣ, бозомӯзӣ, шиддатнокӣ, маҳсулнокӣ ва ғайраҳо афзоиш ёфта, идоракунии самараноки рушди корхонаро талаб мекунад. Барои марҳилаҳои идоракунӣ судманд гардидан истифодаи усулҳои гуногуни ба натиҷаҳо ноил гардидан татбиқ карда мешаванд. Дар равандҳои муайянсозии самаранокии бахши саноат ва корхонаҳои он татбиқи таҷҳизотҳои риёзӣ дар пояи моделсозии риёзӣ-иқтисодӣ дар доираи барномаҳои татбиқӣ дар замони муосир мубрам буда, баҳодиҳӣ тавассути он объективона сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, дар идома истифодаи моделсозии математикии самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллиро дида мебароем.

Дар навбати аввал, бо истифода аз маълумотҳои омории давраҳои муайян, нишондиҳандаҳои ибтидоиро интихоб мекунем, ки онҳо дар маҷрои хаттӣ иштирок карда тавонанд (ҷадвали 1). Маҷмуи интихобиро ба тарзе муайян месозем, ки нишондиҳандаҳо дар функсияи хаттӣ ҷойгир шуда, аз ин миён саҳми нишондиҳандаи саноат маълум гардад [8].

**Ҷадвали 1. Маълумотҳои ибтидоӣ барои сохтани модели риёзӣ-иқтисодӣ, (бо нархҳои соли 2021), млн. сомонӣ**

**Table 1. Initial data for creating a mathematical-economic model (at 2021 prices), mln. somoni**

| **Давраҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 |
| МММ | 43745,9 | 49921,1 | 56001,8 | 61368,4 | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 16770 | 19453 | 23597 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 27395,2 | 28802,4 | 30765,9 | 31984,5 | 34264,8 | 37298,5 | 39769,4 |
| Сармоягузорӣ | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | 4129,5 | 5406,6 | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,8 | 5561,3 |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана | 22181,6 | 23512,5 | 24993,8 | 26843,4 | 300645,9 | 29433,2 | 33259,5 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 14304,8 | 14236,3 | 14563,7 | 14272,5 | 14515,1 | 14094,1 | 15165,3 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 |
| Содирот | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 |
| Воридот | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 |
| Даромади буҷети давлатӣ | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 30053,8 |

Таҳияи муаллифон аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -С. 12,13,212.

Тибқи талаботи моделсозии математикӣ, барои муайян сохтани то чӣ андоза дар маҷрои хаттӣ ҷойгир шудани нишондиҳандаҳо бояд зичии алоқамандии онҳоро аниқ созем. Барои иҷрои ин кор аз муҳити ҷадвали электронии «EXCEL» истифода намуда, алоқамандии коррелятсионии нишондиҳандаҳоро муайян месозем. Бояд дар назар дошт, ки гузаронидани раванди моделсозии регрессионӣ-коррелятсионӣ талаб мекунад, ки давраи таҳлил камаш аз 7-солро фарогир бошад. Дар сурати кам будани давра аз 7-сол саҳеҳии моделсозии математикӣ дуруст намешавад. Аз ин лиҳоз, мо бо нишондиҳандаҳои давраи солҳои 2015-2021 иктифо мекунем. Натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ дар муҳити «EXCEL» дар намуди ҷадвали 2 инъикос карда мешавад.

Аз маълумоти ҷадвали 2, маълум мегардад, ки аз 12 нишондиҳандаи дар модел истифодашуда, 4 нишондиҳанда (дар ҷадвал бо ранги тира ва хатти курсив нишон дода шудаанд) алоқамандии аз қимати ниҳоии вобастагӣ паст (қимати ниҳоии вобастагиро баробар ба 0,75 қабул мекунем) доранд. Аз лиҳози иқтисодӣ ин маънои онро дорад, ки

**Ҷадвали 2. Натиҷаи таҳлили ибитидоии коррелятсионии нишондиҳандаҳо**
**Table 2. The result of the bibliometric analysis of the correlation of the indicators**

| | ММД | МММ | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти кишоварзӣ | Сармоягузорӣ | Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | Ҳаҷми гардиши моли чакана | Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | Гардиши савдои хориҷӣ | Содирот | Воридот | Даромади буҷети |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ММД** | 1 | | | | | | | | | | | |
| **МММ** | 0,9935 | 1 | | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти саноатӣ** | 0,9990 | 0,9951 | 1 | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти кишоварзӣ** | 0,9895 | 0,9853 | 0,9911 | 1 | | | | | | | | |
| **Сармоягузорӣ** | 0,8570 | 0,8713 | 0,8596 | 0,7961 | 1 | | | | | | | |
| ***Ба кор андохтани фондҳои асосӣ*** | *0,4695* | *0,4237* | *0,4829* | *0,5138* | *0,1443* | 1 | | | | | | |
| ***Ҳаҷми гардиши моли чакана*** | *0,2236* | *0,1728* | *0,2044* | *0,1696* | *0,1243* | *0,4569* | 1 | | | | | |
| ***Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ*** | 0,5980 | 0,6460 | 0,5988 | 0,5272 | 0,6908 | -0,0076 | 0,1026 | 1 | | | | |
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | 0,8142 | 0,8559 | 0,8084 | 0,7918 | 0,7617 | -0,0064 | 0,0133 | 0,8183 | 1 | | | |
| **Содирот** | 0,9041 | 0,9357 | 0,9088 | 0,8964 | 0,8063 | 0,2547 | -0,0490 | 0,7983 | 0,9331 | 1 | | |
| ***Воридот*** | *0,6275* | *0,6734* | *0,6122* | *0,5938* | *0,6246* | *-0,2544* | *0,0711* | *0,7357* | *0,9395* | *0,7534* | 1 | |
| **Даромади буҷети давлатӣ** | 0,9537 | 0,9489 | 0,9590 | 0,9276 | 0,9012 | 0,4382 | 0,0823 | 0,6471 | 0,7472 | 0,8983 | 0,5104 | 1 |

Ҳисоби муаллифон

нишондиҳандаҳои мазкур новобаста аз ворид будан ба маҷрои хаттӣ барои рушди соҳаҳои ҳамҷавор таъсири начандон хуб доранд ва онҳоро метавонем аз таҳлили минбаъда хориҷ созем. Дар ҳолати баракс метавонад проблемаи мултиколлинеарии модели регерссионӣ ба вуҷуд ояд. Нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти саноатӣ бо коэффитсиенти баландтарин (0,999) ба омили муҳимми таъсиррасон ва вобастагии баланд доштанаш ишора мекунад.

Дар идома ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар ташкили маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) боқимонда нишондиҳандаҳо низ бевосита алоқамандии зич доранд, пас онро ба ҳайси нишондиҳандаи вобаста (У) қабул намуда, таҳлили регрессиониро иҷро менамоем.

**Ҷадвали 3. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ**
**Table 3. The result of the regression analysis**

| Натиҷа | |
|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | |
| R-маҷмуавӣ | 1 |
| R-квадрат | 1 |
| R- квадрати меъёришуда | 65535 |
| Хатоии стандартӣ | 0 |
| Мушоҳида | 7 |
| *Коэффитсиентҳо* | |
| Y-аъзои озод | 28668,93 |
| МММ | -2,74763 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 7,698806 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 0,306955 |
| Сармоягузорӣ | 3,18285 |
| Содирот | 20,04683 |
| Даромади буҷети давлатӣ | -2,64659 |

Ҳисоби муаллифон

Барои муайян сохтани муодилаи регрессионӣ одатан аз усули классикии «квадратҳои хурдтарин» истифода менамоянд, ки он ҳамчун усули базавӣ дар моделсозии муҳити электронии «EXCEL» татбиқи худро ёфтааст. Пас аз гузаронидани таҳлили регерессионӣ, муодилаи регрессия чунин намудро мегирад:

$$У=28668,93 - 2,74763X_1 + 7,698806\ X_2 + 0,306955\ X_3 + 3,18285\ X_4 + 20,04683\ X_5 - 2,64659X_6$$

Ҳамин тавр, бо истифода аз муодилаи регрессия натиҷаи ояндабинӣ (пешгӯӣ) чунин мешавад (ҷадвали 4)

**Ҷадвали 4. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ ва маълумотҳои пешгӯӣ**
**Table 4. The result of regression analysis and forecast data**

| **Даврахо** | **ММД** | **МММ** | **Маҳсулоти саноатӣ** | **Маҳсулоти кишоварзӣ** | **Сармоя-гузорӣ** | **Содирот** | **Даромади буҷети давлатӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 50977,8 | 43745,9 | 16770 | 27395,2 | 9749,9 | 890,6 | 16586,5 |
| 2016 | 54790,3 | 49921,1 | 19453 | 28802,4 | 11179,7 | 898,7 | 18483,8 |
| 2017 | 64434,3 | 56001,8 | 23597 | 30765,9 | 11371,6 | 1198 | 23307,3 |
| 2018 | 71059,2 | 61368,4 | 26098 | 31984,5 | 13361 | 1073,3 | 24097,2 |
| 2019 | 79109,8 | 68691,3 | 29543 | 34264,8 | 12517,8 | 1174,4 | 23490,4 |
| 2020 | 83958,3 | 73870,5 | 32143 | 37298,5 | 11775,5 | 1406,9 | 25065 |
| 2021 | 98910,7 | 91932 | 38829 | 39769,4 | 15124,9 | 2149,6 | 30053,8 |
| **Ояндабинӣ (пешгӯӣ)** | | | | | | | |
| **2023** | 110607,6 | 100280,6 | 44044,54 | 43185,4 | 15451,27 | 2107,679 | 32609,75 |
| **2024** | 118350,8 | 107607,3 | 47526,79 | 45243,04 | 16110,66 | 2278,029 | 34529,3 |
| **2025** | 126094 | 114933,9 | 51009,04 | 47300,67 | 16770,04 | 2448,379 | 36448,85 |
| **2026** | 133837,3 | 122260,6 | 54491,29 | 49358,3 | 17429,43 | 2618,729 | 38368,4 |
| **2027** | 141580,5 | 129587,3 | 57973,54 | 51415,93 | 18088,81 | 2789,079 | 40287,95 |
| **2028** | 149323,7 | 136913,9 | 61455,79 | 53473,56 | 18748,2 | 2959,429 | 42207,5 |
| **2029** | 157066,9 | 144240,6 | 64938,04 | 55531,2 | 19407,59 | 3129,779 | 44127,05 |
| **2030** | 164810,1 | 151567,3 | 68420,29 | 57588,83 | 20066,97 | 3300,129 | 46046,6 |

Ҳисоби муаллифон

Ҳамин тавр мебинем, ки дар баробари нишондиҳандаҳои асосии таъсиррасони ММД, таъсири маҷмуи маҳсулоти саноатӣ (ММС) хело баланд мебошад, ки ба соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ даромади назаррас меорад. Акунун бо ҳамин тартиб моделсозии риёзии омилҳои таъсиррасон ба ММС-ро дида мебароем. Барои ин, дар навбати аввал, нишондиҳандаи ММС-ро ба ҳайси омили вобаста (У) қабул намуда, омилҳои новобастаро (X-ҳо) интихоб мекунем, ки онҳо бевосита ба омили асосӣ вобастагӣ

дошта, барои ташкили он таъсир расонида тавонанд. Дар ин раванд омилҳоеро ба назар гирифтан лозим аст, ки самарнокии фаъолияти корхонаҳои саноатиро муайян созанд ва дар навбати худ, нақши онҳо дар ташаккулдиҳии равандҳои кластерикунонӣ аниқ шаванд. Ин омилҳоро дар намуди ҷадвали 5 инъикос менамоем.

**Ҷадвали 5. Маълумотҳои ибтидоӣ барои сохтани модели риёзӣ-иқтисодии муайянсозии вобастагии саноат**

**Table 5. Primary data for creating a mathematical-economic model for determining industrial dependence**

| Давраҳо | У | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 16770 | 9749,9 | 4129,5 | 22181,6 | 14304,8 | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | 16586,5 | 52,8 |
| **2016** | 19453 | 11179,7 | 5406,6 | 23512,5 | 14236,3 | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | 18483,8 | 58,4 |
| **2017** | 23597 | 11371,6 | 6678,5 | 24993,8 | 14563,7 | 3972,9 | 1198 | 2774,9 | 23307,3 | 70,6 |
| **2018** | 26098 | 13361 | 4859,3 | 26843,4 | 14272,5 | 4224,3 | 1073,3 | 3151 | 24097,2 | 66,8 |
| **2019** | 29543 | 12517,8 | 7033,3 | 300645,9 | 14515,1 | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | 23490,4 | 74,1 |
| **2020** | 32143 | 11775,5 | 7266,8 | 29433,2 | 14094,1 | 4557,8 | 1406,9 | 3150,9 | 25065 | 75,3 |
| **2021** | 38829 | 15124,9 | 5561,3 | 33259,5 | 15165,3 | 6359,1 | 2149,6 | 4209,5 | 30053,8 | 85,6 |
| **Эзоҳ:** У - маҳсулоти саноатӣ; $X_1$- сармоягузорӣ; $X_2$ - ба кор андохтани фондҳои асосӣ; $X_3$ - ҳаҷми гардиши моли чакана; $X_4$ - хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ; $X_5$ - гардиши савдои хориҷӣ; $X_6$ - содирот; $X_7$ - воридот; $X_8$ - даромади буҷети давлатӣ; $X_9$ - иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ | | | | | | | | | | |

Таҳияи муаллифон аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -С. 12,13,212, 254. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -С.14.

Таҳлили коррелятсионии маълумотҳои дар ҷадвали 5 овардашударо гузаронида, натиҷаашро дар намуди ҷадвали 6 тасвир мекунем. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки дар байни нишондиҳандаҳо омилҳои $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ), $X_3$ (ҳаҷми гардиши моли чакана), $X_4$ (хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ) ва $X_7$ (воридот) алоқамандии пасти коррелятсионӣ ба омили вобаста дошта, онҳо дар ташаккули он таъсири назаррас надоранд. Бинобар ин, ин омилҳо аз қатори нишондиҳандаҳо хориҷ карда мешаванд.

Дар ин росто, алоқамандии бениҳоят зич доштани нишондиҳандаи $X_9$ (иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ) бо коэффитсиенти баробар ба 0,9705 ба назар хело хуб мерасад. Ин маънои онро дорад, ки алоқамандии илму истеҳсолот дар кишвар ба таври зарурӣ фаъолият карда истодааст. Аммо алоқамандии кам доштани омили $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ) нишон медиҳад, дар ташаккулёбии рушди бахшҳои саноати ҷумҳурӣ то ба ҳол ба равандҳои таҷдиди фондҳои асосӣ аҳаммияти хос дода намешавад. Ҳарчанд нишондиҳандаи «сармоягузорӣ» ($X_1$) алоқамандии зичи баробар ба коэффитсиенти 0,8596 дошта бошад ҳам, аммо, аз нигоҳи мо, он бояд дар қатори дигар омилҳо алоқамандии баландтарини нишондиҳандаи омилиро дошта бошад.

Сухан дар бораи он меравад, ки кадом вақт омилҳои зикргардида метавонанд алоқамандии баланд ва вобастагии зичи нишондиҳандаҳои омилӣ бо тағйирёбандаи вобастаро доро шаванд? Барои ба ин савол ҷавоб додан, кӯшиши сенариясозии модели иқтисодӣ-риёзиро амалӣ сохтан лозим аст.

Дар марҳилаи навбатӣ, нишондиҳандаҳои $X_1$, $X_5$, $X_6$, $X_8$, $X_9$-ро дар ҷадвал боқӣ монда, нишондиҳандаҳои $X_1$-ро ба сутуни охири ҷадвал кӯчонида, баъди он сутуни дигарро илова мекунем, ки дар он маълумотҳои нишондиҳандаи $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ)-ро ҳамроҳ мекунем. Баъдан нишондиҳандаҳои омилҳои $X_1$ ва $X_2$-ро бо навбат ба як коэффитсиент ва дар давраи оянда ба як коэффитсиент зиёд (n+1) афзоиш медиҳем, ки онро сенарияи шиддатнокӣ гуфтан мумкин аст (ҷадвали 7).

Бо дарназардошти сенариясозии моделиронӣ таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои омилҳоро гузаронида, натиҷаи ҳисобкуниҳоро дар намуди ҷадвали 7 тасвир месозем.

Чи тавре аз натиҷаи таҳлили дар ҷадвали 7 оварда шуда бармеояд, нишондиҳандаҳои омилҳо баъди сенариясозӣ, яъне шиддат бахшидан ба таври куллӣ тағйир ёфта, алоқамандии баландро инъикос мекунанд.

**Ҷадвали 6. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ибтидоии модели риёзӣ-иқтисодии муайянсозии вобастагии саноат**
**Table 6. The result of the correlation analysis of the primary data of the mathematical-economic model for determining industrial dependence**

| | *У* | *$X_1$* | *$X_2$* | *$X_3$* | *$X_4$* | *$X_5$* | *$X_6$* | *$X_7$* | *$X_8$* | *$X_9$* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 1 | | | | | | | | | |
| $X_1$ | 0,8596 | 1 | | | | | | | | |
| $X_2$ | 0,4829 | 0,1443 | 1 | | | | | | | |
| $X_3$ | 0,2044 | 0,1243 | 0,4569 | 1 | | | | | | |
| $X_4$ | 0,5988 | 0,6908 | -0,0076 | 0,1026 | 1 | | | | | |
| $X_5$ | 0,8084 | 0,7617 | -0,0064 | 0,0133 | 0,8183 | 1 | | | | |
| $X_6$ | 0,9088 | 0,8063 | 0,2547 | -0,0490 | 0,7983 | 0,9331 | 1 | | | |
| $X_7$ | 0,6122 | 0,6246 | -0,2544 | 0,0711 | 0,7357 | 0,9395 | 0,7534 | 1 | | |
| $X_8$ | 0,9590 | 0,9012 | 0,4382 | 0,0823 | 0,6471 | 0,7472 | 0,8983 | 0,5104 | 1 | |
| $X_9$ | 0,9680 | 0,8274 | 0,5963 | 0,2349 | 0,6490 | 0,7291 | 0,8895 | 0,4857 | 0,9705 | 1 |

Ҳисобҳои муаллифон

**Ҷадвали 7. Нишондиҳандаҳои сенариявии моделсозии иқтисодӣ-риёзии омилҳои ба ММС таъсиррасони Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 7. Scenario indicators of economic-mathematical modeling of factors influencing the MMS of the Republic of Tajikistan**

| **Солҳо** | **У** | **$X_5$** | **$X_6$** | **$X_8$** | **$X_9$** | **Сенариякунонии нишондиҳандаҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | **Пеш аз шиддатдиҳӣ** | | **Коэффитс. шиддатнокӣ** | **Баъд аз шиддатдиҳӣ** | |
| | | | | | | **$X_1$** | **$X_2$** | | **$X_1$** | **$X_2$** |
| **2015** | 16770 | 4326,2 | 890,6 | 16586,5 | 52,8 | 9749,9 | 4129,5 | 1 | 9749,9 | 4129,5 |
| **2016** | 19453 | 3929,9 | 898,7 | 18483,8 | 58,4 | 11179,7 | 5406,6 | 2 | 22359,4 | 10813,2 |
| **2017** | 23597 | 3972,9 | 1198 | 23307,3 | 70,6 | 11371,6 | 6678,5 | 3 | 34114,8 | 20035,5 |
| **2018** | 26098 | 4224,3 | 1073,3 | 24097,2 | 66,8 | 13361 | 4859,3 | 4 | 53444,0 | 19437,2 |
| **2019** | 29543 | 4523,7 | 1174,4 | 23490,4 | 74,1 | 12517,8 | 7033,3 | 5 | 62589,0 | 35166,5 |
| **2020** | 32143 | 4557,8 | 1406,9 | 25065 | 75,3 | 11775,5 | 7266,8 | 6 | 70653,0 | 43600,8 |
| **2021** | 38829 | 6359,1 | 2149,6 | 30053,8 | 85,6 | 15124,9 | 5561,3 | 7 | 105874,3 | 38929,1 |
| **Эзоҳ:** У - маҳсулоти саноатӣ; $X_1$- сармоягузорӣ; $X_2$ - ба кор андохтани фондҳои асосӣ; $X_5$ - гардиши савдои хориҷӣ; $X_6$ - содирот; $X_8$ - даромади буҷети давлатӣ; $X_9$ - иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ | | | | | | | | | | |

Ҳисоби муаллифон аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -С. 12,13,212, 254. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -С.14.

**Ҷадвали 8. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ибтидоии модели иқтисодӣ-риёзии муайянсозии вобастагии саноат**

**Table 8. The result of the correlation analysis of the primary data of the economic-mathematical model for determining industrial dependence**

| | **У** | **X5** | **X6** | **X8** | **X9** | **X1** | **X2** | **X1** | **X2** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **У** | 1 | | | | | | | | |
| **X5** | 0,808356 | 1 | | | | | | | |
| **X6** | 0,908847 | 0,933105 | 1 | | | | | | |
| **X8** | 0,958992 | 0,747194 | 0,898289 | 1 | | | | | |
| **X9** | 0,967984 | 0,729092 | 0,889465 | 0,970481 | 1 | | | | |
| *X1* | *0,859646* | *0,761711* | *0,806252* | *0,901165* | *0,827417* | *1* | | | |
| *X2* | *0,48286* | *-0,00642* | *0,254693* | *0,438233* | *0,596275* | *0,144325* | 1 | | |
| **X1** | 0,994815 | 0,832603 | 0,909834 | 0,956886 | 0,949038 | *0,899256* | *0,404809* | 1 | |
| **X2** | 0,923854 | 0,581215 | 0,733253 | 0,839804 | 0,909117 | *0,641867* | *0,739961* | 0,88869 | 1 |

Ҳисоби муаллифон

Нишондиҳандаи $X_1$ (сармоягузорӣ) ба 0,994815 ва нишондиҳандаи $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ) бошад, ба 0,923854 расидаанд. Ҳамакнун нишондиҳандаҳои мазкурро, ки аз натиҷаи таҳлили сенариявӣ берун омадаанд, истифода намуда, равандҳои таҳлили регрессияи маҷмуавиро амалӣ месозем (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. Натиҷаи таҳлили регерессионӣ тибқи сенарияи сохташуда**

**Table 9. The result of the regression analysis according to the created scenario**

| **Натиҷа** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | | | | | |
| R-маҷмуавӣ | | 1 | | | |
| R-квадрат | | 1 | | | |
| R- квадрати меъёришуда | | 65535 | | | |
| Хатогии стандартӣ | | 0 | | | |
| Мушоҳида | | 7 | | | |
| *Таҳлили дисперсионӣ* | | | | | |
| | *df* | | *SS* | *MS* | |
| Регрессорҳо | 6 | | 3,46 | 57650884 | |
| Боқимонда | 0 | | 0 | 65535 | |
| *Коэффитсиентҳо* | | | | | |
| | *Коэффитсиентҳо* | | Хатогии стандартӣ | *Поёнӣ 95%* | *Болоӣ 95%* |
| Y-аъзои озод | 6825,187 | | 0 | 6825,187 | 6825,187 |
| X5 | 0,688521 | | 0 | 0,688521 | 0,688521 |
| X6 | 0,536988 | | 0 | 0,536988 | 0,536988 |
| X8 | 0,217546 | | 0 | 0,217546 | 0,217546 |
| X9 | 21,67613 | | 0 | 21,67613 | 21,67613 |
| X1 | 0,123267 | | 0 | 0,123267 | 0,123267 |
| X2 | 0,129126 | | 0 | 0,129126 | 0,129126 |

Ҳисоби муаллифон

Намуди илюстратсионии раванди мазкурро дар шакли расми 1, инъикос намудан мумкин аст.

Натиҷаи таҳлили регрессионии ҷадвали 9 ва расми 1 нишон медиҳад, ки қиматҳои R-маҷмуавӣ ва R-квадрат ба 1 баробар буда, маънои онро дорад, ки модели тартибдодашудаи коррелятсионӣ-регрессионӣ тавсифи хуб дошта, байни нишондиҳандаҳо вобастагии зич ва алоқамандии баланд мавҷуд мебошад.

Дар моделсозии риёзӣ хатоии стандартӣ вуҷуд надошта, қиматҳои ҳисобшуда оморӣ-аҳаммиятнок мебошанд. Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳлили регерсиониро истифода намуда, муодилаи регрессиониро дар намуди зерин тартиб медиҳем:

$$Y = 6825{,}187 + 0{,}123267X_1 + 0{,}129126X_2 + 0{,}688521X_5 + 0{,}536988X_6 + 0{,}217546X_8 + 21{,}67613X_9$$

**Расми 1. Нишондиҳандаҳои маҷрои хаттии регрессияи маҷмуавӣ тибқи сенарияи сохташуда**
**Figure 1. Indicators of the linear flow of cumulative regression according to the created scenario**




Дар муодилаи регрессионӣ қимати омили вобаста (аъзои озод) калон буда, боқимонда қиматҳои нишондиҳандаҳои новобаста ҳамагӣ мусбат мебошанд. Маънои иқтисодии он чунин аст, ки дар ташаккули қиматҳои пешгӯишавандаи омили вобаста, нишондиҳандаҳои омилӣ саҳми назаррас дошта, дар раванди афзоиш ёфтани он алоқамандии зич доранд. Баъд аз тартиб додани муодилаи регрессия онро истифода намуда, маълумотҳои пешгӯикуниро ҳисоб намудан мумкин аст (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ ва маълумотҳои пешгӯӣ**
**Table 10. The result of regression analysis and forecast data**

| Давраҳо | У | X5 | X6 | X8 | X9 | X1 | X2 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 16770 | 4326,2 | 890,6 | 16586,5 | 52,8 | 9749,9 | 4129,5 |
| 2016 | 19453 | 3929,9 | 898,7 | 18483,8 | 58,4 | 22359,4 | 10813,2 |
| 2017 | 23597 | 3972,9 | 1198 | 23307,3 | 70,6 | 34114,8 | 20035,5 |
| 2018 | 26098 | 4224,3 | 1073,3 | 24097,2 | 66,8 | 53444 | 19437,2 |
| 2019 | 29543 | 4523,7 | 1174,4 | 23490,4 | 74,1 | 62589 | 35166,5 |
| 2020 | 32143 | 4557,8 | 1406,9 | 25065 | 75,3 | 70653 | 43600,8 |
| 2021 | 38829 | 6359,1 | 2149,6 | 30053,8 | 85,6 | 105874,3 | 38929,1 |
| **Ояндабинӣ (пешгӯӣ)** | | | | | | | |
| **2023** | 44044,5 | 5967,9 | 2107,7 | 32609,8 | 93,3 | 125082,5 | 57641,9 |
| **2024** | 47526,8 | 6250,3 | 2278,0 | 34529,3 | 98,2 | 139848,0 | 64252,8 |
| **2025** | 51009,0 | 6532,6 | 2448,4 | 36448,9 | 103,0 | 154613,6 | 70863,7 |
| **2026** | 54491,3 | 6814,9 | 2618,7 | 38368,4 | 107,9 | 169379,1 | 77474,5 |
| **2027** | 57973,5 | 7097,3 | 2789,1 | 40288,0 | 112,7 | 184144,6 | 84085,4 |
| **2028** | 61455,8 | 7379,6 | 2959,4 | 42207,5 | 117,6 | 198910,1 | 90696,3 |
| **2029** | 64938,0 | 7661,9 | 3129,8 | 44127,1 | 122,4 | 213675,7 | 97307,2 |
| **2030** | 68420,3 | 7944,3 | 3300,1 | 46046,6 | 127,2 | 228441,2 | 103918,1 |

Ҳисоби муаллифон

Ҳамин тавр, таҳлил нишон дод, ки дар ҳолати бамаротиб афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳое, ки ба рушди бахши саноат алоқамандии зич доранд, метавонанд ба бахши саноат такони ҷиддӣ диҳанд. Аз натиҷаҳои таҳлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластеркунонии саноат, пеш аз ҳама, ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдидсозии фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. Дар баробари таъсири омилҳои зикргардида ва рушд ёфтани омили аслӣ дигар омилҳо, ба монанди содирот, даромади буҷети давлатӣ мутаносибан афзун мешаванд, ки ба сатҳу сифати иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор мегарданд.

Ҳамин тавр, моделсозии иқтисодӣ-риёзии дар таҳқиқот коркардшуда инъикосгари равнақёбии корхонаҳои саноатии кишвар буда, барои мукаммал гардонидани равандҳои

таҳлилкунӣ ва идоракунӣ мусоидат хоҳад кард. Дар навбати худ коркарди муаллифон ва татбиқи он ба тавсияҳои назариявии муаллифон мусоидат намуда, далолат ба асоснок будани онҳо мекунад. Ҳамин тариқ, модели коркардшуда ва татбиқгардида метавонад дар доираи банақшагирӣ ва идораи давлатӣ ҳангоми муайянсозии самаранокии соҳаҳои саноат бо дарназардошти ҷалби сармоягузориҳо, таҷдидсозии воситаҳои асосӣ, равандҳои молиявии корхонаҳо ва самарнокии фаъолияти онҳо ва ғ. ҳамчун абзори иловагӣ барои идоракунӣ ва баҳодиҳии иқтисодӣ истифода шавад.

Умуман таҳлили гузаронидашударо ба назар гирифта, метавон тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои воқеии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавҷуд аст, ки алоқамандии онро метавон бо мавҷудияти соҳаҳои технологияҳои пешрафта таҷассум намуд. Иқтидори мавҷудаи санотии кишвар, ки дорои шароитҳои созмон додани корхонаҳои муштарак бо дарназардошти ҷалби сармояҳои хориҷиву ватанӣ мебошад, алоқамандии зичи рушди инноватсиониашро метавонад бо ҳамкориҳои судманди марказҳои бонуфузи илмии кишвар ба роҳ монда, аз иқтидори илмии ниҳодҳои ватанӣ истифода намояд. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳо бояд воридотивазкунандагии маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ, ташкили ҳамгироиҳои судманд бо ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии бахши саноат ва дастгирии ҳамҷонибаи рушди кластерии соҳаҳои афзалиятнок бошад. Таҳлили ҳолати ҳозира ва тамоюлҳои рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳа динамикаи мусбат доранд. Дар чунин шароит амалисозии тадбирҳои пешгирикунанда, ки ба таҷдиди принсипҳои асосии ҷойгиркунии корхонаҳо, рушди равандҳои ҳамгироӣ, кооператсия ва тахассусият равона шудаанд, муҳим мебошанд. Ин барои гузаштани корхонаҳои саноатӣ ба тартиботи технологии навин мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Комилов С.Дж. Теоретические аспекты инновационно-инвестиционного развития промышленных предприятий в Республике Таджикистан / С.Дж. Комилов, Е.Ш. Мирзоева // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). -Душанбе, 2019. -№1(65). -С.12-21.
2. Муртазоев О.К. Перспективы формирования региональных промышленных систем на базе инновационно-промышленных кластеров / О.К. Муртазоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. -С.214-222.
3. Низамова Т.Д. Разработка стратегии развития предприятия / Т.Д. Низамова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2021. -№3. -С.60-66.
4. Низамова Т.Д. Государственная кластерная политика: вопросы выбора реализации / Т.Д. Низамова, П.А. Мухсинова // Таджикистан: экономика и управление. -Душанбе, 2020. -№1. -С.39-44.
5. Низомова, Т.Д. Роль государственной промышленной политики в развитии промышленных предприятий Республики Таджикистан / Т.Д. Низамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2012. -№2/5(92). -С.3-9.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -414 с.
7. Саидмуродов, Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан / Л.Х. Саидмуродов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2015. -№6(49). -С.20-25.
8. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2022. -192 с.
9. Семенов К.С. Экономико-математическое моделирование как функция управления (на примере регионального предприятия газовой промышленности) / К.С. Семенов // Региональная экономика: теория и практика. -М., 2014. -№45. -С. 46-61.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. -Душанбе: КОНТРАСТ, 2016. -103 с.
11. Файзуллоев, М.К. Индустриализация как базис инновационно-промышленной политики и драйвер модернизации экономики Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Таджикистан: экономика и управление. - Душанбе, 2020. -№1. -С.60-67.
12. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. -№2-5. -Част II. -С.63-66.
13. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/8(215). -С.24-29.
14. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№2. -С.44-53.

15. Хофизов Х.А. Методология оценки инвестиционных проектов в современных условиях / Х.А. Хофизов, П.А. Ахмадпур // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№1. -С.147-154.
16. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.
17. Шарипов Б.К. Моделирование региональной инновационной системы / Б.К. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/8(215). –С.38-41.

## МОДЕЛСОЗИИ ИҚТИСОДӢ-РИЁЗИИ ФАЪОЛИЯТ ВА САМАРАНОКИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур моделсозии математикии самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллӣ иҷро гардида, тариқи маълумотҳои оморӣ дар муҳити ҷадвали электронии «EXCEL» муоидилаи регрессия муайн карда шудааст. Интизор меравад, ки дар ҳолати бамаротиб афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳое, ки ба рушди бахши саноат алоқамандии зич доранд, метавонанд ба бахши саноат такони ҷиддӣ диҳанд. Аз натиҷаҳои таҳлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластерикунонии саноат, пеш аз ҳама, ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдиди фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. Дар баробари таъсири омилҳои зикргардида ва рушд ёфтани омили аслӣ дигар омилҳо, ба монанди содирот, даромади буҷети давлатӣ мутаносибан афзун мешаванд, ки ба сатҳу сифати иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор мегарданд. Дар навбати худ, ҳолати мазкур ба он далолат медиҳад, ки рушди уствори иқтисодиёти миллӣ бештар аз самаранокии амалишавии сиёсати саноатӣ асос меёбад. Бояд роҳҳои беҳтарини ҳалли масъалаҳо пайдо карда шаванд, ки онҳо бо таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ ва рушди устувори инноватсионии он мусоидат намоянд. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектонаш барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ бо шариконии хориҷӣ, ҳавасмандии сусти фаъолияти сармоягузорӣ ва сатҳи пасти рушди равандҳои ҳамгироӣ фаъолият мекунад. Масоили ташаккули сисёсати саноатии самаранок дар остонаи гузариш ба тартиби технологии навин аҳаммият ва мубрамияти хосса пайдо мекунад. Бояд аз чаҳорчӯбаи равишҳои дар умум қабул гардидаи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва амалисозии он берун шуда, ба усулҳои навине такя кард, ки барои давра ба давра аз ҳолатҳои буҳронӣ берун шудани он мусоидат карда тавонанд.

**Калидвожаҳо:** саноат, рушд, моделсозии риёзӣ, натиҷа, регрессия, коррелятсия, самаранокӣ, нишондиҳанда, таъсир, алоқамандӣ.

## ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье проведено математическое моделирование эффективности промышленных предприятий и промышленного сектора Республики Таджикистан в национальной экономике, с использованием статистических данных в электронной таблице «EXCEL» выявлено уравнение регрессии. Ожидается, что в случае роста показателей, которые тесно связаны с развитием отрасли, промышленный сектор получит существенный толчок. Из результатов анализа следует, что необходимо особое внимание уделить инвестиционному обеспечению развития отрасли, имеющему существенное влияние на рост экспортного потенциала и увеличение дохода государственного бюджета. В свою очередь, данное обстоятельство указывает на то что совершенствование механизмов промышленной политики нуждается в реализации комплекса мероприятий, способствующих производству конкурентоспособной экспортной продукции. Так как устойчивое развитие национальной экономики в значительной степени обусловлено эффективностью реализации промышленной политики. Необходимо найти оптимальные пути решения проблем, связанных с обеспечением конкурентоспособности промышленного производства и ее устойчивого инновационного развития. Промышленность Республики Таджикистан в настоящее время функционирует в условиях недостатка финансовых ресурсов, недостаточной готовности ее субъектов к равноправному сотрудничеству с зарубежными партнерами, слабой мотивации к активизации инвестиционной деятельности и низкого уровня развития интеграционных процессов. Вопросы формирования эффективной промышленной политики на пороге перехода к новому технологическому укладу приобретают особое значение. Необходимо выйти за рамки общепринятых подходов к формированию промышленной политики и ее реализации и опираться на новые методы, обеспечивающие поэтапный выход отрасли из кризисной ситуации.

**Ключевые слова:** промышленность, развитие, математическое моделирование, результат, регрессия, корреляция, эффективность, показатели, влияние, взаимосвязанность, результат.

## ECONOMIC AND MATHEMATICAL MODELING OF ACTIVITY AND EFFICIENCY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article carried out mathematical modeling of the efficiency of industrial enterprises and the industrial sector of the Republic of Tajikistan in the national economy, using statistical data in the EXCEL spreadsheet to identify a regression equation. It is expected that in case of growth in indicators that are closely related to the development of the industry, the industrial sector will receive a significant boost. From the results of the analysis it follows that it is necessary to pay special attention to investment support for the development of the industry, which has a significant impact on the growth of export potential and the increase in state budget revenue. In turn, this circumstance indicates that improving the mechanisms of industrial policy requires the implementation of a set of measures that contribute to the production of competitive export

products. Since the sustainable development of the national economy is largely determined by the effectiveness of the implementation of industrial policy. It is necessary to find optimal ways to solve problems related to ensuring the competitiveness of industrial production and its sustainable innovative development. The industry of the Republic of Tajikistan currently operates in conditions of insufficient financial resources, insufficient readiness of its subjects for equal cooperation with foreign partners, weak motivation to intensify investment activities and a low level of development of integration processes. The issues of forming an effective industrial policy on the threshold of the transition to a new technological structure are of particular importance. It is necessary to go beyond generally accepted approaches to the formation of industrial policy and its implementation and rely on new methods that ensure a gradual recovery of the industry from the crisis situation.

**Keywords:** industry, development, mathematical modeling, result, regression, correlation, efficiency, indicators, influence, interconnectedness, result.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳофиззода Ҳофиз Асғар* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-12-60-44.** E-mail: **boadab@mail.ru**
***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1. E-mail: **sanam85@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хофиззода Хофиз Асгар* –** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-12-60-44.** E-mail: **boadab@mail.ru**
***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна* –** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры мировой экономики. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **sanam85@mail.ru**

**information about the authors:** ***Hofizzoda Hofiz Asgar*** – Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935-12-60-44**. E-mail: **boadab@mail.ru**
***Askarova Sanavbarkhon Sultonkhodjaevna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of World Economy. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Passage 1. E-mail: **sanam85@mail.ru**

ТДУ: 336:31(575.3)

# ҶАЗЗОБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ БАХШИ САНОАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА БУҶЕТИКУНОНИИ ҲАДАФМАНД

***Ҳанифаи Э.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи таъминоти сармоягузорӣ ба бахшҳои мухталифи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои рузмарра ва мубрами бахши таҳлилҳои корҳои таҳқиқотию илмӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ айни замон корҳои сершумори олимон ба ҷанбаҳои мухталифи ҷалби сарчашмаҳои сармоягузорӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла масоили ҷаззобияти сармоягузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, хусусан ҷаззобияти он дар бахши саноат кушода боқӣ мемонад.

Аслан ҷаззобияти сармоягузорӣ аз лиҳози пешниҳоди таърифи муаллифӣ инъикоси ягонаи таъорифи истилоҳро надошта, аз ҷониби ҳар муаллиф вобаста ба бархӯрди он дар ин ё он соҳаи истифодашавӣ пешниҳод шудааст. Масалан О.В. Буторина ва И.В. Шишкина қайд менамоянд, ки “ Ҷаззобияти сармоягузорӣ гуфта бузургиеро дар назар медоранд, ки на танҳо бо тавсифи пардохтшавӣ ва уствории ҳолати молявии корхона инъикос мегардад, инчунин самаранокии истифодаи моликияти он, рушд кардани он аз ҳисоби баланд шудани даромаднокиаш, имкониятҳои устувор нигоҳ доштани истеҳсолот, рушди рақобатпазирӣ ва истеҳсоли босифати молу маҳсулотро фаро мегирад ва аз ҳамин лиҳоз метавон иброз дошт, ки ҷаззобияти сармоягузории корхона - ин нишондиҳандаи маҷмуии миқдоран муайянкунандаи сармоягузориҳо ва воситаҳои ба корхонаи мушаххас вогузошташуда мебошад” [1,с.206-221].

Бояд тазаккур дод, ки дар бештари корҳои таҳқиқотии мавриди назари таҳлилии мо қарор гирифта, оид ба мафҳуми “ҷаззобияти сармоягузорӣ” аз лиҳози дар кадом бахш равона гардидани он (дар кишвар, минтақа, соҳа, бахш, корхона ва ғ.) таърифоти мухталиф пешниҳод карда шудааст. Аммо И.В. Чистов ва А.В. Газукин дар таҳқиқоти худ истилоҳи мазкурро дар якчанд бахшҳои аслии иқтисодиёт кушода намудаанд, ки муҳтавояш чунин мебошад: “... таҳти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар сатҳи макро бояд шароитҳое (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) фаҳмида шавад, ки аз ҷониби давлат барои тамоми субъектони хоҷагидорӣ, инчунин сармоягузорони хориҷӣ барои сармоягузории даромаднокро бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ амалӣ намуда, коркард карда шудааст. Таҳти ҷаззобияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт тавсифи интегралии соҳаҳои ҷудогонаи иқтисодиёт бояд фаҳмида шавад, ки онҳо ҷанбаҳои афзалиятнокии рушд, даромаднокии сармоя ва сатҳи хатарҳои сармоягузориро инъикос намоянд” [12,с.134-137].

Ҷолиб аст, ки муаллифон ба ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат диққати махсус дода, дар қатори таърифоти ба бахшҳои гуногуни асосии иқтисодиёт мутааллиқ буда, ҷаззобияти он дар бахши корхонаҳои саноатиро ҷудо намуда, дар маркази таҳқиқоти хеш қарор додаанд, ки аз нигоҳи мо писандидатар мебошад: “Ҷаззобияти сармогузории корхонаҳои саноатӣ – категорияи иқтисодие мебошад, ки самаранокии истифодаи захираҳои корхона, тавони онҳо барои мустақилона рушд кардан ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти баланди аз лиҳози таъмини техникӣ устувор ва сифати баланду рақобатпазирдоштаву дорои ҳолати молиявии устувор тавсиф карда мешавад. Ҷаззобияти сармоягузории корхона тавсифи маҷмуии афзалиятнокӣ, самаранокӣ ва камхавф будани маблағҳои сармоягузоримешударо инъикос менамояд, ки барои рушди худаш аз маблағҳои сармоягузорон ва маблағҳои молиявии худаш истифода мекунад” [12].

Олими ватанӣ Ҳофизов Ҳ.А. дар масоили ҷалби сармоягузорӣ барои азхуд намудани захираҳои табиии минтақа ҷаззобияти сармоягузориро дар масири омӯзиши он бо дарназардошти потенсиали сармоягузорӣ ва хавфҳои сармоягузорӣ дида баромада, иброз медорад, ки ҷаззобияти сармоягузорӣ аз вобастагии рушд кардани потенсиали он ва камтарин намудани таъсири хавфҳои имконпазири ба он алоқамандӣ дошта, дар доираи ҷаззобияти муҳити сармоягузорӣ, дар раванди афзоиш ёфтани потенсиали сармоягузорӣ

хавфҳои он кам гардида, баракси он, яъне кам шудани хафҳои сароягузорӣ ба афзун гардидани потенсиали сармоягузорӣ мусоидат мекунад [7; 8; 10].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо далолат ба он медиҳанд, ки баҳогузории ҷаззобияти сармоягузорӣ раванди мураккаб буда, ҷанбаҳои сершумори равишҳои таҳлилиро фаро мегиранд. Равишҳои арзёбии ҷаззобияти сармоягузории бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла саноат низ дар навбати худ мураккаб буда, бештар дорои усулҳое мебошанд, ки асоси онҳоро баҳоҳои нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо, нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи фаъолиятҳои молиявию хоҷагидорӣ, арзёбии таъсири омилҳои берунаву дохила ба сатҳи ҷаззобияти сармоягузориҳои корхонаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ҳиссаи сармоягузориҳо дар бахшҳои саноат нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодӣ назаррас мебошад (расми 1).

**Расми 1. Харитаи сармоягузории лоиҳаҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Investment map of industrial sector projects of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://investcom.tj/investmap.html (санаи муроҷиат ба сомона: 20.03.2024)

Агар ба харитаи сармоягузории тартибдодаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бингарем, маълум мегардад, ки бештари ҳиссаи сармоягузориҳо ба бахши лоиҳаҳаои саноатӣ равона гардидаанд. Ин албатта, ба ҷаззоб будани соҳаи саноат нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳоро инъикос намояд ҳам, аммо танҳо тақсимоти сармоягузориҳо ва равона кардани бахши калони онҳо ба соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад инъикосгари пурра ва комили ҷозиб будани соҳа бошад. Чун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ ғанӣ буда, самарнокона истифода бурдани онҳо омили асосии рушди

иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он аз муҳтавои барномаҳои стартегӣ ба монанди “Стартегияи миллии рушд барои давраҳои то солҳои 2030”, бурун меояд.

Раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутавофит буда, он дар давраҳои муайян ба гунаи зер мунъакис мегардад (расми 2).

**Расми 2. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2021**
**Figure 2. Attracting foreign investments to sectors of the economy of the Republic of Tajikistan in the period 2015-2021**




Сарчашма: Омори солонаиҶумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.241.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи дар расми 2 инъикосгардида, бармеояд, ки сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар тамоюли печида доранд. Чун ҳарчанд нишондиҳандаи соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба миқдори 67,3% афзун шуда бошад ҳам, аммо он нисбат ба соли 2015 ба миқдори 26,5% кам гардидааст. Дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаи аз ҳама баланди ҷалби сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ба қайд гирифта шудааст, ки он нисбат ба нишондиҳандаи соли охири таҳлилӣ 53,2% зиёд мебошад. Ин бо он алоқаманд аст, ки соли 2018 буҳрони молиявӣ зуҳур карда, баъдан дар пайи пайомади пандемияи “COVID-19” солҳои 2019-2020 номуайянӣ дар масири ҷаҳон ба вуҷуд омада буд ва лиҳозо бозори сармоягузорӣ ба шак афтода буд.

**Ҷадвали 1. Сармоягузориҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022, млн. долл. ИМА**
**Table 1. Investments by types of economic activity of enterprises of the Republic of Tajikistan in 2022, mln. dollar USA**

| **Бахшҳои сармоягузорӣ** | | **Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ** | **Сармоягузориҳои ҳомадонӣ ва дигар намуди онҳо** |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | 2576,8 | 618,4 | 1958,4 |
| Дар бахшҳои саноат | 856,9 | 458 | 398,9 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **33,3** | **74,1** | **20,4** |
| Аз ҷумла: саноати коркард | 199,7 | 104,4 | 95,3 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **7,7** | **16,9** | **4,9** |
| саноати истихроҷ | 657,2 | 353,6 | 303,6 |
| **Нисбат ба маҷмуъ, %** | **25,5** | **57,2** | **15,5** |

Ҳисоби муаллиф тибқи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.244.

Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 зиёда аз 33 фисади сармоягузориҳои ҷалбгардида ба бахши саноат равона гардида, аз ин ҳисса ба саноати коркард зиёда аз 7% ва ба бахши саноати истихроҷ 25,5% ҷалб карда шудаанд. Дар

маҷмуъ, дар соли 2022 саромягузориҳои мутсақими хориҷӣ ба бахши саноат 458 млн. сомониро ташкил медиҳанд, ки он 71,1% ҷамъи сармоягузориҳо дар ин солро ташкил дода, 20,4%-и сармоягузориҳо ба бахши саноатро сармоягузориҳои ҷомадонӣ ва дигар намуди сармоягузориҳо ташкил медиҳанд. Аз миқдори умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2022 ба бахши саноати коркард 16,9% (104,4 млн. долл. ИМА) ҷалб гардидаанд, ки он нисбат ба тамоми сармоягузориҳои кишвар 57,2%-ро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки самараи фаъолияти сармоягузорӣ аз баҳраманд будани низоми идоракунӣ ва ташкили дурусти равандҳои сармоягузорӣ вобаста буда, ҷаззобияти сармоягузориро муайян мекунад. Барои баҳогузории дурусти нишондиҳандаҳои фаъолияти сармоягузорӣ таҳлили ҳолати тавсифии он ба инобат гирифта мешавад, ки унсурҳои сифативу миқдориро фаро мегирад ва ҷаззобияти сармоягузорӣ ва муҳити он фарогири объектҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ мегардад. Ин объектҳо дар навбати худ дорои ҷанбаҳои гуногуни арзёбӣ буда, муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузорӣ нисбат ба ҳар кадоми он муҳтавои гуногунро мегирад.

Дар адабиёти иқтисодӣ методика ва усулҳои муайян намудани ҷаззобияти сармоягузорӣ аз атрофи гуногуни он ба таври мухталиф пешниҳод мегардад, ки онҳо тавсифи универсалии фарогирандаи ҳамаҷонибаро надоранд ва аз нигоҳи мо, онҳо бояд аз лиҳози фаро гирифтани равишҳое, ки лоақал миқдори максималии омилҳоеро, ки ба ҷаззобияти сармоягузорӣ таъсиррасонро ба назар гирифта битавонанд, тавсеа ва таҷдиди назарро талаб мекунанд.

Муаллифони сершуморе тарафҳои хуб ва ҷанбаҳои камбудидоштаи усулҳоро мавриди таҳлил қарор дода, хулоса мекунанд, ки барои арзёбии дурусти ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳои мушаххас усули универсалӣ ва мукаммалсохташудае истифода шавад, ки он ҷанбаҳои сершумори омилҳои берунаву дохиларо фарогиранда ва барои амалӣ сохтани баҳогузории дурусти ҷаззобияти сармоягузорӣ ба маълумотҳои зарурӣ ва кифоягӣ таъмин бошад [1; 2; 4; 6; 7; 10; 12; 13; 15]. Албатта, истифодаи усул ва ё методикаи фарогири бештари ҷанбаҳои ба ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳо мутааллиқ буда, барои корхона ва ҳам барои сармоягузорӣ потенсиали имконияти мақсаднок ва самаранок тартиб додани лоиҳаҳоро фароҳам меоварад. Аммо бояд тазаккур дод, ки дар раванди татбиқи усулҳои арзёбӣ, ба як қатор мушкилот дучор меоянд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дастрасӣ ба маълумотҳо дар бораи маблағҳои корхонаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки онҳо душвор мебошад. Зеро онҳо маълумотҳои мазкурро расонаӣ ва пешниҳоди ҳамагонӣ намекунанд.

Омилҳои мазкур ва пешниҳоди усулҳои дар адабиёт инъикосгардидаи мавриди таҳлил ва баррасии мо қарор гирифтаро ба инобат гирифта, кӯшиши гузаронидани арзёбии нисбии баҳои рейтингии корхонаро амалӣ месозем ва бо ин ваҷҳ мақоми корхона барои сармоягузорӣ намуданро муайян месозем.

Барои тартиби дурусти методикӣ бояд ба нишондиҳандаҳое такя кунем, ки битавонанд ба таъсири ҷаззобияти сармоягузории корхона саҳми калон доштанашонро инъикос намоянд. Яке аз нишондиҳандаи фаъолияти мусбати (молиявӣ) корхонаро инъикоскунанда, ин нишондиҳандаи коэффитсиенти гардиши молия мебошад, ки онро дар баъзе сарчашмаҳо коэффитсиенти гирдгардиш ҳам ном мебаранад. Баъдан коэффитсиенти даромаднокӣ, ки баргардонидашавандагии дороиҳоро дар назар дорад, истифода мешавад. Пасон нисбати арзиши активҳои фаъол ба уҳдадроиҳои фаъолро ба инобат мегирем, ки онро коэффитсиенти бозоргирӣ ном мебаранд. Нишондиҳандаи махсуси дигаре, ки бояд мо онро ба инобат гирем, ин нишондиҳандаи ҳиссаи дороиҳои худии корхона мебошад, ки онро ҳамчун коэффистиенти соҳибихтиёрӣ ифода мекунанд. Барои пурратар гардидани раванди ҳисобҳо ҳамчунин, иқтидори захираҳои молиявӣ ва нишондиҳандаи фишангҳои амалиётиро, ки барои дар нигоҳи сармоягузор ба хотири камтарин инъикскунандаи хавфи сармоягузорӣ баромад мекунад, ба инобат гирифта мешаванд.

Нишондиҳандаҳои мазкурро истифода намуда, нишондиҳандаи (интегралӣ) ҷаззобияти сармоягузории корхонаро баҳогузорӣ менамоем, ки асосноккунии он тавассути формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

$$К_{љс} = \sqrt{\left(\sum_{i-1}^{n} 1 - \frac{Y_{ij}}{Y_{iм}}\right)^2},$$

Дар ин ҷо $К_{чс}$ – нишондиҳандаи (интегралӣ) ҷаззобияти сармоягузории корхона; n - миқдори коэффитсиентҳои молиявии дар раванди ҳисобкунӣ ба инобат гирифташуда; $Y_{ij}$ – қимати коэффитсиенти молиявии $i$, ки онро корхонаи $j$ доро мебошад; $Y_{iм}$ – қимати меъёрии коэффитсиенти $i$ мебошад.

Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳои се корхонаи ватаниро аз минтақаҳои гуногун мегирем, ки онҳо дар соҳаи ба ҳамдигар мувофиқ фаъолият мебаранаду аз нишондиҳандаҳои онҳо қимати меъёриро аз миёни нишондиҳандаҳои бартаридоштаи онҳо қабул менамоем. Ин корхонаҳо ҶММ "Моҳир семент"-и Вилояти Хатлон, ҶММ "Ганҷ 2000"-и НТҶ ва ҶММ "Суғд семент"-и Вилояти Суғд буда, асоси фаъолияти онҳоро саноати коркард ташкил дода, ба истеҳсоли семент шуғл доранд.

Бояд тазаккур дод, ки интихоби онҳо ихтиёрӣ ва ё тахминӣ набуда, дар доираи интихоб намудани онҳо авомили гуногун ба инобат гирифта шудаанд. Интихоби онҳо ба он асос меёбад, ки дар сатҳи кишвар фаъолияти ин корхонаҳо дар доираи фаъолияти корхонаҳои молиявии миёна ба инобат гирифта мешаванд. Онҳо ҳамчун корхонаҳои бахши саноати коркард, дорои нишондиҳандаҳои ба ҳам тавъам доранд ва аз лиҳози географӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ҷойгир шудаанд. Ғайр аз ин, барои муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузории корхонаи мушаххас, бояд нишондиҳандаҳои мавриди таҳлил қарор мегирифта ба таври максималӣ аз якдигар дар масофаи каноран дур ҷойгир набошанд. Нишондиҳандаҳои корхонаҳои интихобшуда нисбатан ба ҳамдигар тамоюли мутавофит доранд (аз қабили шумораи кормандон, ҳаҷми истеҳсолоти солона, даромади умумӣ, хароҷот ва ғ.) ва ҳангоми ҷойгир намудани нишондиҳандаҳои онҳо дар маҷрои хаттӣ, онҳо дар маҷрои хатти рости дар масири масофаҳои канорӣ мавқеъ гирифта, наздик ҷойгир мешаванд. Ҷойгиршавии парокандаи авомили таҳлилӣ дар раванди ҳисобкуниҳо аз рӯи маслиҳат набуда, тибқи натиҷаи онҳо пешниҳод ва ё хулосабарории мувофиқ намудан саҳеҳ нест ва ба он эътимод намудан шубҳанок мебошад. Илова бар ин, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани чунин шакли корхонаҳо метавонад дар оянда ба рушди корхонаҳои миёнаи бахшҳои мухталифи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Чунин фаъолияти раванди истеҳсолӣ барои ба миён омадани истеҳсолоти рақобатпазир мусоид хоҳад буд, ки дар навбати худ татбиқи унсурҳои навини инноватсионӣ дар раванди фаъолиятро тақозо мекунад. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши саноат дар он ҳанӯз қадамҳои ибтидоии хешро устуворона ва қавиёна гузошта, барои рушд кардан ва самаранок гардидан кӯшиш намуда истодааст. Дар ин росто, рушд кардани корхонаҳои хурду миёна аҳаммияти хосса доранд ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин бахши иқтисодӣ бештар ба сармоягузориҳо ниёз дошта, афзун гардидани потенсиали фаъолияти онҳо ва дар ин асос рушд кардани ҷаззобияти муҳити сармоягузорӣ ба ин бахш, дар маҷмуъ, таконбахши соҳаи саноат хоҳад гардид.

Маълумотҳое, ки дар раванди таҳлил истифода мешаванд, аз ҷониби худи корхонаҳо пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба таври зайл инъикос шудаанд. Дар соли 2022 истеҳсолот дар корхонаи "Моҳир семент" 302,4 ҳазор тонна, "Ганҷ 2000" 81,1 ҳазор тонна ва дар "Суғд семент" бошад 746,3 ҳазор тоннаро ташкил дода аст. Ҳаҷми дороиҳои гардони ҶММ "Моҳир семент" 95250,0 ҳазор сомониро ташкил дода, дороиҳои ҶММ "Ганҷ 2000" бошад дар соли 2022 дар маҷмуъ 44147,9 ҳазор сомонӣ ва дар ҶММ "Суғд семент" 38565,4 ҳазор сомониро ташкил додааст. Барои осонии равандҳои ҳисобкунӣ аз таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотии муосир, аз қабили ҷадвали электронии MS-Exel истифода намудан ба фоидаи кор буда, дар ин раванд аз авомили молиявии он, ки дар замимаи "Мастер функции" ҷойгир карда шудаанд, истифода мебарем (ҷадвали 2).

Натиҷаи таҳлил ва ҳисобкуниҳои дар ҷадвали 2 оварда шуда, далолат ба он медиҳанд, ки дар байни нишондиҳандаҳо аз рӯи қимати меъёрӣ тамоман номутаносибӣ ҷой дошта, тибқи он муайян намудани корхонае, ки дар ҳама нишондиҳандаҳо мавқеи ҳамаҷонибаи ба қимати меъёрӣ мувофиқ буда, мавҷуд нест. Чун мебинем, ки қимати меъёрӣ дар нишондиҳандаҳои корхонаҳо бояд лоақал аз се нишондиҳанда бархӯрдор

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо дар ҳисоби интегралӣ**
**Table 2. Financial indicators of enterprises in the integrated account**

| **Нишондиҳандаҳои ҳисоб** | | **ҶММ “Моҳир семент”** | **ҶММ “Ганҷ 2000”** | **ҶММ “Суғд семент”** | **Қимати меъёрӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Коэффитсиентҳо** | **гирдгардиш** | 1,46 | 1,36 | 0,84 | 1,46 |
| | **даромаднокӣ** | 0,32 | 0,91 | 0,75 | 0,91 |
| | **бозоргирӣ** | 4,12 | 3,82 | 3,01 | 4,12 |
| | **соҳибихтиёрӣ** | 0,010 | 0,118 | 0,054 | 0,118 |
| **Иқтидори захираҳои молиявӣ** | | 0,31 | -0,14 | 0,41 | 0,41 |
| **Фишангҳои амалиётӣ** | | 1,21 | -2,62 | 3,1 | 3,1 |

Ҳисоби муаллиф тибқи: Маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://industry.tj/tj/services/rayesati-madan/korkhona-oi-so-a/ (санаи муроҷиат: 16.03.2024)

бошад. Аммо натиҷаи ҳисоббарориҳо нишон доданд, ки танҳо ду корхона (ҶММ “Моҳир семент” ва ҶММ “Суғд семент”) фақат дорои ду нишондиҳандаи меъёрӣ гардидаанд. Ин ҳам бошад дар мисоли корхонаи аввала нишондиҳандаи 1,46-и коэффитсиенти гирдгардиш бар муқобили 4,12-и коэффитсиенти бозоргирӣ ва дар мисоли корхонаи баъдӣ 0,41-и иқтидори захиравӣ бар муқобили 3,1-и фишангҳои амалиётӣ буда, барои хулосаи ниҳоӣ баровардан нокифоя мебошанд.

Агар дар таҳлили гузаронидашуда мақоми корхона вобаста ба ҷозиб будани муҳити сармоягузориаш муайян мегардид, он гоҳ ҳисоби коэффитсиенти интегралӣ онро комил мегардонид. Лиҳозо ҳарчанд дар таркиби ибтидоӣ мақоми корхона дар инъикоси ҷозиб буданаш барои сармоягузорон ба таври мукаммал асоснок нашуда бошад ҳам, аммо бо итминон метавон қайд намуд, ки ҳисоб кардани қимати интегралии он ба пуррагӣ метавонад мақоми корхонаро вобаста ба ҷаззобияти сармоягузорӣ муайян созад. Натиҷаи ҳисобро дар ҷадвали 3 инъикос менамоем.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо дар ҳисоби интегралӣ**
**Table 3. Financial indicators of enterprises in the integrated account**

| **Нишондиҳандаҳо** | **ҶММ “Ганҷ 2000”** | **ҶММ “Моҳир семент”** | **ҶММ “Суғд семент”** |
|---|---|---|---|
| Қиммати интегралии ҳисобидашуда | 3,91 | 1,74 | 1,12 |
| **Мақоми корхона (рейтинги он тибқи ранг)** | **3** | **2** | **1** |

Ҳисоби муаллиф

Ҳамин тавр, мақоми аввалро дар раддабандии корхонаи ба сармоягузори ҷозибро ҶММ “Суғд семент” бо коэффитсиенти интегралии 1,12 касб менамояд. Мақоми дувум, насиби ҶММ “Моҳир семент” (1,74) гардида, дар ин раддабандӣ ҷои охиронро ҶММ “Ганҷ 2000” (3,91) ишғол менамояд.

Аз нигоҳи аввал, шояд аҷоиб намояд, ки корхонаи бо иқтидори молиявии камтарин дар раддабандӣ мақоми намоёнро дар бахши ҷозиб будани сармоягузорӣ касб намуда, корхонаи молияаш бештарро мегузарад. Аммо ташкили фаъолият дар ин корхона нишон медиҳад, ки корхона мавқеи устуворро касб намуда асту аз лиҳози нишондиҳандаҳои касбияти кормандон ва шумораи онҳо нисбат ба корхонаҳои дигари дар раванди таҳлил қарор дошта, бартарӣ дорад. Дар баробари шумораи бештари кормандонро ба фаъолият фаро гирифтан, корхона дорои иқтидори захираҳои молиявии устувор мебошад, ки дар раванди ҳисобкунӣ ба он коэффитсиенти баландатрини меъёрӣ дар миёни нишондиҳандаҳо (0,41) далолат медиҳад. Ҳамчунин, маълум гардид, ки дар корхонаи мазкур фишангҳои амалиётӣ нисбат ба дигар корхонаҳо хуб татбиқ гардидаанд, ки коэффитсиенти он (3,1) нисбат ба нишондиҳандаҳои ду корхонаи дигар бамаротиб баланд мебошад.

Муссалам аст, ки татбиқ ва истифодаи методикаи мазкур дар доираи муайян сохтани мақоми корхона ва ҷудо намудани мақеи нисбии он нисбат ба дигар корхонаҳо раванди баҳогузориро ба таври сода инъикос менамояд ва корхонаеро интихоб мекунад, ки воқеан дорои нишондиҳандаҳои беҳтарини қиёсӣ буда, натиҷаҳои молиявии назаррас дорад.

Таҳлили дар доираи татбиқи усули пешниҳодгардида барои ба таври фаврӣ ва зудтар ошкор намудани мақоми корхона вобаста ба ҷаззибияти муҳити сармоягузориаш абзори хуб мебошад.

Бояд қайд намоем, ки муайян сохтан ва арзёбӣ намудани ҷаззобияти муҳити сармоягузории корхона, фарогири авомили сершуморе мебошад, ки бештари онҳо дорои қиматҳои калони нишондиҳандаҳои хусусӣ буда, дар раванди ба ҳисоб гирифтани нишондиҳандаҳои интегралӣ мураккабиро ба вуҷуд меоваранд ва ба баҳоҳои муайян сохтани ҷаззобияти сармоягузории корхонаҳои мавриди таҳлил қарор мегирифта таъсир мегузоранд. Аз тарафи дигар, барои сармоягузор ҳолатҳои аниқи нисбии ҷаззобияти сармоягузорӣ ва хавфҳои имконпазир норавшан боқӣ мемонад, ки дар доираи таҳлили бо ин методика фаро гирифташуда, онҳоро муайян намесозанд. Илова бар ин, дар усули мазкури тамойилҳои рақамии нишондиҳандаҳо метавонанд дар як ҳолат ночиз бошанду дар ҳолатҳои дигар фарқияти калон дошта бошанд.

Таҳлили аз ҷониби мо гузаронидашуда дар мисоли корхонаҳои бахши саноати коркард, ки асосан ба истеҳсоли семент машғул мебошанд, амалӣ карда шуда, дар раванди амалисозии он нишондиҳандаҳои умумии фаъолияти иқтисодиву техникии корхонаҳо истифода шудаанд, ки онҳо дараҷаи ҷаззобияти сармоягузориро арзёбӣ менамоянд. Натиҷаҳои таҳлил аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки потенсиали мавҷуда дар самти ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба таври кофӣ истифода намешаванд. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат сатҳи нокифояи рушди менеҷменти сармоягузорӣ дар корхонаҳо бошад, сабаби дигар ва асосии он истифодаи ғайрисамараноки технологияҳои муосир дар раванди азхуднамоии маблағҳои ҷудошуда ба ҳисоб меравад.

Барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои ҷалби сармоягузорӣ, бояд дар корхонаҳо шуъбаҳои менеҷменти сармоягузорӣ ташкил дода шаванд. Чун таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳое, ки дорои низоми ҷудогонаи идора ва танзими фаъолияти сармоягузориро дошта бошанд, хеле каманд ва масоили ба равандҳои сармоягузорӣ вогузошта ба дӯши шуъбаи умумии иқтисодӣ меафтад, ки сарбории онҳоро зиёд намуда, дар натиҷа самаранокӣ коҳиш меёбад. Дар ин замина менеҷменти сармоягузорӣ низомеро инъикос мекунад, ки усулҳо ва принисипҳои татбиқ ва амалисозии қарорҳои идоракунии фарогирандаи равандҳои мухталифи сармоягузориро дар бар мегирад.

Бо мурури рушд ёфтани корхона, равандҳои тиҷоратӣ ва банақшагирии лоиҳаҳои буҷетии корхона мураккабтар мегардад ва он талаб мекунад, ки масоили фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо ва ба тарзи алоҳида мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ҳамчунин, менеҷменти сармоягузории корхона метавонад дар алоҳидагӣ таҳлили хавфҳои сармоягузории корхонаҳоро ба таври фарох ва мушаххас ба роҳ монад. Инчунин, дар доираи фаъолияти худ менеҷменти сармоягузории корхона интихоби тарзи сармоягузориро амалӣ месозад, ки ин аҳаммияти хосса дорад. Масалан, равандҳои маблағгузориҳо метавонанд сарчашмаҳои гуногун дошта бошанд, аз қабили сармоягузориҳои мустақиму ҷомадонии хориҷӣ, қарзи бонкӣ, лизинг, маблағгузориҳои худи корхона аз ҳисоби фоидаи фаъолияти истеҳсолиаш, истифодаи коғазҳои қиматнок ва ғ. Масъалаи дигаре, ки менеҷменти сармоягузории корхона метавонад роҳандозӣ кунад, ин паҳн кардани иттилооти зарурии вобаста ба самаранокии фаъолияти корхона ва дастовардҳои он, ки омили баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ шуда метавонад, мебошад. Аз ҳама муҳим бо дарназардошти бурдани чунин фаъолияти фарогири омилҳои сершумори равандҳои сармоягузорӣ ба менеҷменти сармоягузории корхона шароит фароҳам меоварад, ки банақшагирӣ ва тартиб додани лоиҳаҳои ҳадафманди корхонаро дуруст ва самаранок ба роҳ монад.

Ҳамин тавр, бояд дар назар дошт, ки дар раванди арзёбӣ намудани ҷаззобияти сармоягузорӣ ва кӯшишҳои пайдо намудани варианти беҳтарини он, ба ҳисоб гирифтани меъёрҳои оптималии сершумор тақозо мегардад. Таҳлили методикаҳои сершумори дар адабиёти иқтисодӣ дарҷ гардида, далолат ба он медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мавҷудбуда наметавонад нишондиҳандаи ягонаи инъикоскунандаи сатҳу дараҷаи натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона бошад. Ин бошад водор месозад, ки дар раванди арзёбии равандҳои сармоягузорӣ аз маҷмуи методикаҳое истифода шаванд, ки онҳо

битавонанд ҳамаҷониба фаъолияти корхонаҳоро таҳлил намуда, манфиатҳои ҳам корхона ва ҳам сармоягузорро ба инобат гиранд.

Ҳамин тавр, ҷаззобияти сармоягузории соҳаҳо ва корхонаҳои ба онҳо шомил фарогири авомили сершумор буда, онҳо тағйирпазир мебошанд ва вобаста ба давраҳо ва хусусиятҳои хосси истеҳсоливу техникии корхонаҳо, лоиҳаҳои сармоягузории мақсадноки аз ҷониби корхонаҳо пешниҳодмешуда ва ҳатто вобаста аз шумораи сармоягузорон тағйир меёбанд. Дар ин замина тартиб додани барномаи ҳадафманди лоиҳаи маблағгузорӣ метавонад асоси татбиқи сиёсати дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти минбаъдаи корхона гардида, ҳамзамон, имкон медиҳад, ки камубдиҳо ва норасогиҳои равандҳои фаъолияти истеҳсоливу кории корхонаҳо муайян карда шаванд ва барои бартараф сохтани онҳо чораҳои судманд андешида шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Буторина О.В. Инвестиционная привлекательность компании: сущность, сопоставление методик оценки / О.В. Буторина, И.В. Шишкина // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. Социально-экономические науки. -Пермь, 2017. -№2. -С.206-221.
2. Исайнов Х.Р. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Х.Р. Исайнов, Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М., 2018. -№2. -С.270-274.
3. Камышанов Т.А. Оценка инвестиционной привлекательности компаний / Т.А. Камышанов, Т.А. Мартынова // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. -Красноярск, 2019. -№3. -С.181-183.
4. Минько Л.В. Оценка инвестиционной привлекательности отраслей промышленности региона / Л.В. Минько // Вестник Тамбовского государственного технического университета. -Тамбов, 2004. -№4. -Том 10. -С.1176-1183.
5. Оценка эффективности инструментов промышленной политики в России: новые подходы / А.А. Яковлев [и др.] // ЭКО (Всероссийский экономический журнал). -Новосибирск, 2023. -№2. -С.60–83.
6. Поляков К.Л. Оценка инвестиционной привлекательности компаний нефтеперерабатывающей промышленности Российской Федерации / К.Л. Поляков, М.В. Полякова, М.И. Василевский // Вопросы статистики. -М., 2020. -№6. -С.56-65.
7. Фокина О.М. Оценка инвестиционной привлекательности промышленного предприятия / О.М. Фокина // ЭКОНОМИНФО. -Воронеж, 2015. -№23. -С.61-65.
8. Хофизов Х.А. Основные подходы к обеспечению инвестиционной привлекательности региона в современных условиях / Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М.: ДСМ-ПРЕСС, 2017. -№5-6. -С.341-346.
9. Хофизов Х.А. Основные принципы улучшения инвестиционного обеспечения освоения природно-ресурсного потенциала регионов / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№10. -Част I. -С.189-198.
10. Хофизов Х.А. Оценка инвестиционного обеспечения эффективного использования природно-ресурсного потенциала: эколого-экономические аспекты / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№3. -С.23-32.
11. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.
12. Чистов И.В. Инвестиционная привлекательность отраслей и предприятий промышленности: сущность и факторы, ее определяющие / И.В. Чистов, А.В. Газукин // Транспортное дело России. -М., 2013. -№1. -С.134-137.
13. Хофизов Х.А. Инвестирование в развитие гидроэнергетических ресурсов Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2016. - № 2/1 (193). - С.164-170.
14. Шарипов И.О. Регулирование производственного процесса инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве: опыт развитых стран / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№5. –С.185-191.
15. Шкодинский С.В. Оценка инвестиционной привлекательности промышленных предприятий: условия и детерминанты / С.В. Шкодинский, А.Г. Назаров // Вестник евразийской науки. -М., -№1. -Том12. -С.71-84.
16. Шмелева Н.В. Анализ инвестиционной привлекательности металлургических компаний / Н.В. Шмелева, Д.В. Гурин // Экономика промышленности. -М., 2014. -№2. -С.77-83.
17. Ястребова О.К. Международный опыт программного бюджетирования: общие принципы и модели / О.К. Ястребова, О.В. Богачева // Финансы и кредит. -М., 2014. -№40(616). -С.50-59.



**ҶАЗЗОБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ БАХШИ САНОАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА БУҶЕТИКУНОНИИ ҲАДАФМАНД**

Дар мақолаи мазкур оид ба ҷаззобияти сармоягузории бахши сантаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба равандҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дида баромада шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мурури рушд ёфтани корхона, равандҳои тиҷоратӣ ва банақшагирии лоиҳаҳои буҷетии

корхона мураккабтар мегардад ва он талаб мекунад, ки масоили фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо ва ба тарзи алоҳида мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ҳамчунин, менеҷменти сармоягузории корхона метавонад дар алоҳидагӣ таҳлили хавфҳои сармоягузории корхонаҳоро ба таври фарох ва мушаххас ба роҳ монад. Инчунин, дар доираи фаъолияти худ менеҷменти сармоягузории корхона интихоби тарзи сармоягузориро амалӣ месозад, ки ин аҳаммияти хосса дорад. Масала,н равандҳои маблағгузориҳо метавонанд сарчашмаҳои гуногун дошта бошанд, аз қабили сармоягузориҳои мустақиму ҷомадонии хориҷӣ, қарзи бонкӣ, лизинг, маблағгузориҳои худи корхона аз ҳисоби фоидаи фаъолияти истеҳсолиаш, истифодаи қоғазҳои қиматнок ва ғ. Масъалаи дигаре, ки менеҷменти сармоягузории корхона метавонад роҳандозӣ кунад, ин паҳн кардани иттилооти зарурии вобаста ба самаранокии фаъолияти корхона ва дастовардҳои он, ки омили баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ шуда метавонад, мебошад. Аз ҳама муҳим бо дарназардошти бурдани чунин фаъолияти фарогири омилҳои сершумори равандҳои сармоягузорӣ ба менеҷменти сармоягузории корхона шароит фароҳам меоварад, ки банақшагирӣ ва тартиб додани лоиҳаҳои ҳадафманди корхонаро дуруст ва самаранок ба роҳ монад.

**Калидвожаҳо: с**армоягузорӣ, ҷаззобияти сармояугзорӣ, саноат, ҳадаф, буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, соҳа, иқтисодиёт, менеҷмент, идоракунӣ

## ИНВЕСТИЦИОННАЯ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТЬ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ЦЕЛЕВОЕ БЮДЖЕТИРОВАНИЕ

В данной статье рассмотрена инвестиционная привлекательность прмышленной сферы Республики Таджикистан и ее влияние на процессы программного и целевого бюджетирования. Анализы показывают, что с развитием предприятия бизнес-процессы и планирование бюджетных проектов предприятия усложняются, а это требует отдельного и всестороннего рассмотрения вопросов инвестиционной деятельности. Управление инвестициями предприятия также может отдельно анализировать инвестиционные риски предприятия в широком и конкретном смысле. Также в рамках своей деятельности инвестиционное управление предприятия осуществляет выбор метода инвестирования, что имеет особое значение. Например, процессы финансирования могут иметь разные источники, такие как прямые иностранные инвестиции, банковские кредиты, лизинг, финансирование самого предприятия за счет прибыли от его производственной деятельности, использование ценных бумаг и т. д. Еще одним вопросом, который может управлять инвестиционным менеджментом компании является распространение необходимой информации, связанной с эффективностью деятельности компании и ее достижениями, что может стать фактором повышения инвестиционной привлекательности. Самое главное, что с учетом такого комплексного воздействия многочисленных факторов инвестиционного процесса, управление инвестициями предприятия создает условия для правильного и эффективного планирования и организации целевых проектов предприятия.

**Ключевые слова:** инвестиции, инвестиционная привлекательность, отрасль, цель, программное и целевое бюджетирование, промышленность, экономика, менеджмент.

## INVESTMENT ATTRACTIVENESS OF INDUSTRY AND ITS IMPACT ON TARGET BUDGETING

This article examines the investment attractiveness of the industrial sector of the Republic of Tajikistan and its impact on the processes of program and target budgeting. Analyses show that with the development of the enterprise, business processes and planning of budget projects of the enterprise become more complex, and this requires a separate and comprehensive consideration of investment activities. Enterprise investment management can also separately analyze the investment risks of the enterprise in a broad and specific sense. Also, as part of its activities, the investment management of the enterprise selects the investment method, which is of particular importance. For example, financing processes can have different sources, such as foreign direct investment, bank loans, leasing, financing of the enterprise itself at the expense of profits from its production activities, the use of securities, etc. Another issue that can be managed by the company's investment management is the dissemination of necessary information related to the efficiency of the company's activities and its achievements, which can become a factor in increasing investment attractiveness. The most important thing is that, taking into account such a complex impact of numerous factors of the investment process, the investment management of the enterprise creates conditions for the correct and effective planning and organization of target projects of the enterprise.

**Keywords:** investments, investment attractiveness, industry, goal, program and target budgeting, industry, economics, management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **906-01-66-66.** E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Ханифаи Эмоми Азимзода*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

**Information about the author:** ***Hanifai Emomali Azimzoda*** - Tajik National University, Competitor of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. Phone: **906-01-66-66**. E-mail: **azimovahanifa@gmail.com**

ТДУ: 339 (575.3)

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ширинов Ҳ.М., Ғаффориён М.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ хеле пурмуаммо буда, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ташкилоти байналмилалии органҳои назорати олӣ (INTOSAI) аз ҳама бонуфузтарин ташкилоти байналмилалӣ дар соҳаи назорати молиявӣ дар сектори давлатӣ мебошад, ки соли 1953 ташкил карда шудааст.

INTOSAI ташкилоти сиёсӣ ва ҳукуматӣ набуда, ташкилоти аз вобастагиҳо озод мебошад. Ин ташкилот мақоми махсуси машваратиро аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ дар шурои Созмони Милали Муттаҳид дорад. Органҳои назоратии зиёда аз 192 давлати дунё бо хоҳиши худ афзалтар аз ҳама барои гирифтани таҷриба ба ин созмон шомил шудаанд. Ба ғайр аз ин, қисме аз давлатҳо органҳои назоратии муттаҳиди худро дар минтақаашон ташкил карданд: дар Аврупо- EUROSAI, дар Осиё- ASOSAI; ва AFROSAI, OLACEFS, ARABOSAI, SPASAI, CAROSAI вуҷуд доранд.

Ҳамаи онҳо бо якдигар муттаҳид гаштаанд. Тоҷикистон ба ҳайяти INTOSAI соли 2013 шомил гаштааст.

Ҳангоми фаъолияти худ INTOSAI якқатор стандартҳоро баровардааст, ки регламентҳои худи ташкилот ва функсияҳои назоратии олӣ ва ҷанбаҳои гуногуни назорати молиявии давлатро дар бар мегирад.

Ба андешаи Ю.М, Воронина ва Р.Е. Мешалкина, «стандартҳои INTOSAI ба ягонакунии системаи назорати молиявии давлат барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байналмилалӣ мубориза бо коррупсия, қаллобӣ, ва ғорати манбаҳои давлат равона карда шудааст. Вале стандартҳои INTOSAI-ро набояд ҳамчун чизи шахшудае, ки якбор ва барои ҳамеша муқаррар шудааст шуморем. Дар пайдоиши тамоюлҳои нав, дар системаи назорати молиявии давлатии баъзе аз давлатҳои азои INTOSAI лозим шумориданд, ки бояд стандартҳо аз нав дида баромада шаванд ва ҳангоми зарурат баъзеи онҳо иваз карада шаванд».

Яке аз мақсадҳои асосии давлат, ин беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Давлат вобаста ба шароити доштаи худ стратегияҳоро тартиб медиҳад, дар оянда боиси пешрафти давлат ва аҳолӣ мегардад. Қисми зиёди нақшаҳои тартибдодаи давлат аз ҷониби буҷет сароягузорӣ карда мешаванд ва буҷети давлатӣ бошад дар навбати худ фонди асосии захираи давлат ба ҳисоб меравад. Аз сабаби оне, ки қисми маблағҳо барои иҷрои стратегияҳо сарф карда мешавад, бояд босифат иҷро шудани нақшаҳои давлат ва самаранок истифода шудани маблағҳои буҷет кафолат дода шаванд.

Дар раванди инкишофи потенсиали буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, ташкили системаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ, сохтани сиёсати самаранок ва пойдории буҷетӣ, ташкили системаи баҳодиҳии ҳолати молиявӣ аз ҳама чизи муҳим, ин таҳияи системаи баҳодиҳандаи самарнокӣ ва мақсаднокии иҷрошавии нақшаҳои давлатӣ мебошад, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ карда мешавад.

Таҳияи чунин системаи мақсаднок барои баҳодиҳандаи самаранокии иҷроиши нақшаҳои буҷетӣ аз натиҷаҳои назарраси давлатҳои хориҷӣ вобастагии калон дорад. Дар якқатор мамлакатҳои тараққикардаи аврупо ва ҳамунин дар Федеретсияи Русия, Канада, Австралия ва Япония таҷрибаи бой оиди босифат иҷро намудани нақшаҳои буҷетӣ, ташкили системаҳои назоратӣ оид ба самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ доранд.

Дар шароити трансформатсияи низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва инкишофи усули банақшагирии самаранок, ин асоси инкишофи системаи буҷети маҳаллӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, сиёсати буҷетӣ ва механизми идоракунии буҷет мебошад.

Шароити ҳозира барои ташкил ва сохтани барномаҳои дар боло зикршуда мусоид нест ва аз ин сабаб мо таҷрибаи давлатҳои хориҷаро дар ташкил ва иҷрои нақшаҳои

буҷетӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои он дар иҷрои ин нақшаҳо омӯхта, ҷиҳати мусбии онро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем.

Дар чунин давлатҳо ба монанди Германия, ИМА, Зеланидияи Нав, реформаҳои гузаронидашуда дар нимаи дуюми асри XX шароити мусоид барои ташкили механизми самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ гашт. Пайдоиши назоратчиён аз болои нақшаҳои буҷетӣ боиси иҷрои босифати онҳо гашта, самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетиро таъмин менамуданд.

Дар системаи ИМА банақшагири буҷети солона тамоман ба назар гирифта нашудааст. Хароҷоти ҷории давлат ба воситаи қонунҳо дар бораи таъинот муайян менамоянд, ки мухлати онҳо метавонад 10 сол ҳам бошад, ҳамчунин, дар ин қонун ҷудокунии ҳарсолаи маблағ ба соҳаи иҷтимоӣ дарҷ гаштааст. Ҳамин тавр дар ИМА хусусияти буҷети федералӣ ба таври структуравӣ аз ду категорияҳои асосӣ иборат мебошад.

Қисми якуми хароҷотҳо: ин хароҷотҳое мебошанд, ки дар замони ҷудокунии маблағ аз ҷониби Конгрес ба назар гирифта шудааст ва худи Конгрес аз болои он ба воситаи комитетҳои махсус назорати бевостита менамояд, ин хароҷотҳо қариб 35% хароҷоти буҷетӣ федерали ИМА мебошанд. Қисми дуюми хароҷотҳо, ин хароҷотҳои ҳатмӣ ба мандадҳои федералӣ мебошанд, ки ба онҳо таъиноти буҷетӣ вобаста ба қонуни федералӣ дохил мешаванд. Хароҷоти ҳатмӣ зиёда аз 50% буҷети федералиро ташкил мекунад. Характеристикаи асосии хароҷоти ҳатмӣ, ин набудани муқаррароти ҳарсолаи нормавии хароҷот ба соҳаҳои пешбинишуда мебошад.

Ҳамчунин, дастгирии иҷроиши барномаҳо дар сатҳи ҳокимияти иёлот гузаронида мешавад. Бар замми ин, дар ҳар як иёлот структураҳои давлатӣ барои таҳия ва ташкили барномаҳои дастгирии молиявии тиҷорат ва пешниҳоди хизматрасониҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ фаъолият менамояд. Барои ташкил ва идораи барномаҳо метавонанд ширкатҳои махсуси давлатӣ ташкил карда шаванд, ки аз чанд ҷиҳат барои пешрафти тиҷорат кумак мекунад.

Барои идораи барномаҳои минтақаҳо органҳои омехта ташкил карда мешаванд. Барои таъмини назорати умумӣ дар рафти тайёрӣ ва иҷрошавии нақшаҳои калоне, ки аз тарафи шахсони алоҳида идора карда мешаванд, метавонанд органҳои идоракунанда ва назораткунанда ташкил карда шаванд.

Дар Австралия реформаи системаи буҷети солҳои 90 асри XX гузаронида шуд. Аз он ҷониб дар Австралия раванди инкишофи буҷет дида мешавад. Нишондиҳандаҳое, ки ба системаи нави нишондиҳии буҷетии Австралия дохил мешаванд, ин ҳисоботи ҳарквартали онҳо мебошад.

Дар Зеландияи Нав гузарондани реформаи буҷетӣ ба сохтани системаи самаранокии банақшагирии буҷетӣ замима гузошт. Реформаҳои сектори давлатӣ дар он ҷо дар солҳои 1980 оғоз гардиданд. Стратегияи реформаро бошад қонун дар бораи молияи ҷамъиятӣ соли 1989 муайян намуд.

Барои иҷрои вазифаҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоии сиёсати давлат, бояд ҷиҳати самаранокии молиявию буҷетии он ба назар гирифта шавад. Аз ҳамин сабаб назорат аз болои маблағҳои буҷетӣ актуалӣ ҳисобида мешавад. Яке аз намуди муҳимтарини назорат, ин назорати аудити (аудити самаранокӣ) мебошад.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои аудити самаранокӣ дар таҷриба имкон медиҳад, ки сарфакорӣ, натиҷанокӣ ва самаранокии барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамин тавр, мо мехоҳем ба шумо аудити самаранокии давлатҳои хориҷаро пешниҳод намоем.

Бояд қайд кард ки дар миёнаи асри XX органҳои назорати молиявии давлатҳои хориҷа таҷрибаи хеле калон барои гузаронидани таҳлили молиявӣ ҷамъоварӣ намудаанд. Ба қисмати таҳлили молиявӣ таҳлили ҳисоботӣ ва таҳлили мутобиқат дохил мешаванд. Таҳлили молиявӣ - ин тафтиши қонунӣ ва пайдарҳамии иҷрои амалиётҳо бо мақсади нишондиҳии мутобиқати амалиётҳои мавҷудбудаи итоатшавандаи қоидаҳои умумӣ ва махсус; ин мутобиқати хароҷот ва ҷамъоварии маблағ дар вақти муайяншуда; баҳодиҳии дурусти қарорҳо ва ухдадориҳо мебошад. Таҳлили ҳисоботӣ маънои дурусти бурдани

таҳлил ва ҳисоботи даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявиро дорад. Мақсади асосии таҳлил, гузаронидани назорат барои иҷроиши даромаду хароҷоти буҷети далатӣ дар ҳисоботи марҳилаи молиявӣ мебошад.

Аудити самаранокӣ солҳои 50 уми асри XX пайдо шудааст ва ба он дигаргуншавии институтсионалӣ дар соҳаҳои иқтиодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар қисми зиёди мамлакатҳои ҷаҳон замина гузоштааст ва ҳамчун намуди нави назорати молиявии давлатӣ инкишоф ёфтааст. Дар ин марҳила органҳои назорати молиявӣ яккатор давлатҳо (Британияи Кабир, Канада, ИМА ва дигарон) ба гузаронидани назорати хароҷотҳои давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ шуруъ намуданд [4].

Канада ба қатори давлатҳои аввалини истифодабарандагони таҳлили самаранокӣ дохил мешавад. Аудити самаранокӣ дар Канада баъди гузаштани ҳукумат ба принсипҳои идоракунии ба натиҷа нигаронидашуда паҳн шуд, ҳамаи вазоратҳо вазифадор буданд, ки натиҷаҳои муҳимми характери иҷтимоидоштаро, ки аз истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба даст оварда мешавад, муайян намоянд [3].

Ауидити самаранокӣ дар Канада – ин ба таври пай дар пай, мақсаднок, ташкилӣ ва объективӣ омӯхтани фаъолияти мақомотҳои давалтӣ мебошад. Фаъолияти онҳо аз нигоҳи самаранокӣ, натиҷанокӣ ва инчунин бо таҳлили он дар робита ба муҳити атроф, методҳои баҳодиҳии самаранокӣ, нигоҳдории сармояи давлат баҳо дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар Канада аудити самаранокӣ аз аудити молиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дуюмин дар навбати худ дурустии ҳисоботи молиявӣ ва мухолиф набудан ба қонуну қарорҳое, ки бо онҳо амалиётҳои моливӣ гузаронида шуданд, тафтиш менамояд.

Нақши Мақомоти Генералии аудити Канада, ки дар навбати худ элементи иловагии ҳамкории байни Парламент ва Ҳукуматро ташкил медиҳад, аз он иборат аст, ки якҷоя бо Парламент назорати самарнокии фаъолияти органҳои давлатиро амалӣ намоянд. Яке аз роҳҳои иҷрои ин функсия – гузаронидани аудити самаранокии хароҷотҳои давлатӣ мебошад. Зиёда аз 60% чорабиниҳои назоратие, ки аз тарафи органи болоии назорати молиявӣ - Мақомоти Генералии аудити Канада ҳамчун аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ гузаронида мешавад [4].

Ба ҳисоби миёна дар давоми сол Мақомоти Генералии аудити Канада дар 20 ҷаласа, ки аз тарафи коммитети Палатаи Ҷамъият ва 15 ҷаласа, ки аз тарафи комитети Сенат таҳия мешавад, иштирок менамояд. Наздики 60% ҳамаи ҳисоботҳо оиди назорати самаранокии маблағҳои буҷетӣ, ки Мақомоти Генералии аудити Канада пешниҳод менамояд аз тарафи коммитетҳои Парламент дида баромада мешавад.

Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки парламентҳои мамлакатҳои хориҷӣ диққати махсус ба фаъолияти органҳои назорати молиявӣ оид ба назорати самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ зоҳир менамоянд ва натиҷаҳои ин фаъолиятро барои мустаҳкам намудани функсияи назоратии худ аз болои ҳукумат истифода мебаранд. Дар навбати худ органҳои давлатии назорати молиявӣ бо ҳамкории бевосита бо парламенти давлати худ ниёз доранд, зеро ин тавр онҳо ба фаъолияти худ дастгирии иловагӣ ва сабаби инкишофи аудити самаранокиро ба даст меоранд.

Ба ин маъно, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаштан ба аудити самаранокӣ барои гузаронидани назорати молиявии давлатӣ истифодаи таҷрибаи Канада ба фоидаи кор аст.

Бо ин дар ИМА дар байни солҳои 60-ум методҳои нави ташкил ва иҷрои барномаҳои хароҷоти буҷетӣ, хусусан методи мақсади-барномавӣ (програмно-целевой метод) пайдо шуд. Ҳангоми банақшагирии барномаи чорабиниҳо, ки бо истифодаи маблағҳои буҷетӣ амалӣ мешуданд, ҳисобҳои муҳимми барои амалӣ шудан ва ба мақсад расидани он гузаронида мешуданд. Амалӣ кардани чунин барномаҳои буҷетӣ боиси сохтани системаи баҳодиҳии ҳадафҳои иҷрошуда ва манбаъҳои сарфшуда гашт, ки барои пайдоиши аудити самаранокӣ дар ИМА замина гузошт.

«Декларатсияи Лимси идоракунандаи принсипҳои назорат», ки аз тарафи Конгресси Ташкилоти Байналмилалии органҳои назорати болоӣ (INTOSAI) слои 1977 қабул гашт, пайдоиши аудити самарнокиро ҳамчун намуди нави назорати буҷетӣ донист.

Вобаста ба ҷойдошти стандартҳои INTOSAI, аудити самаранокӣ ин назорат аз

ҷиҳати сарфакорӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ мебошад. Зери мафҳуми сарфакорӣ кам кардани хароҷот барои ин ё он мақсад, барои кафолат додани сифати иҷроиш фаҳмида мешавад. Маҳсулнокӣ ин ҳиссаҳои натиҷаи фаъолияти ташкилот бо он маблағҳои истифодашуда мебошад. Зери мафҳуми натиҷанокӣ сатҳи иҷрои масъалаҳои муайян дар шакли ҳиссавии байни нақша ва иҷроиш фаҳмида мешавад.

Чунин фаҳмиши аудити самаранокии истифодабарии маблағҳо нақши худро дар қарорҳои қонунии мамлакатҳои ғарб, ки органҳои назорати молиявӣ ва инчунин қоидаҳо ва стандартҳои гузаронидани аудити самаранокии дарёфт назорат карда мешаванд.

Имрӯзҳо дар бисёр мамлакатҳои дунё органҳои назорати молиявии давлатӣ, ки аудити самаранокиро мегузаронанд, вуҷуд доранд. Ташкилоти Байналмилалии органҳои назорати болоӣ (INTOSAI), ки соли 1953 ташкил шуд, органҳои аудити давлатии 194 давлатро муттаҳид менамоянд. Чунин рӯйдод имконият медиҳад, ки давлатҳои аъзо аз таҷрибаи якдигар самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ истифода бурда, дар фаъолияти худ онҳоро истифода баранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2013 ба ин созмон аъзо шуда буд, таҷрибаи онро дар идоракунӣ ва самарнок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ истифода мебарад.

Аудити самаранокӣ дар қисми зиёди мамлакатҳои дунё паҳн ва ташаккул ёфт. Ҳамин тавр, ҳиссаи аудити самаранокӣ дар онҳо 50-60%-ро нисбат ба дигар намуди назоратҳои молиявӣ ташкил медиҳад. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳиссаи аудити самаранокиро зиёд намояд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи ҷамъшудаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки истифодабарии аудити самарнокӣ имконият медиҳад, ки сифати идоракунии маблағҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас боло шавад. Барои он ки аудити самарнокӣ ҷойи намоёнро дар системаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намояд, бояд ба модернизатсияи раванди буҷетӣ ва сифати иодракунии давлатӣ саҳм гузошта шуда, инчунин шартҳои асосии такмили он риоя карда, муаммоҳои мавҷудбуда ҳал карда шавад. Ин фаъолият имкон медиҳад, ки сатҳи сифати истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ва самаранокии он боло шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи пешсафи байналмилалӣ наздик шавад.

Аз натиҷаҳои мақолаи мазкур метавон гуфт, ки муаммоҳои дар раванди истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ҷойдошта метавонанд паёмади ногувор дошта бошанд ва барои рушди мамлакат таъсири манфӣ расонанд.

Вобаста ба он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммо оиди самарнокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ вуҷуд дорад, Палатаи ҳисоб механизми идоракуниро чун аудити самаранокӣ барои баланд бардоштани сатҳи назорати давлатии молиявӣ истифода мебарад. Вале ба ин нигоҳ накарда таҷрибаи ҷаҳонӣ иқрор мекунад, ки методологияи аудити самаранокӣ васеъ истифода бурда шавад.

Инкишофи иқтисоди миллӣ дар соҳаи молияи давлатӣ мақомотҳои идоракунандаи молияи давлатиро маҷбур сохт, ки на танҳо барои мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, балки барои смаранокии истифодабарии он чора андешанд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро ба назар гирифта, аудитро ба соҳаи идоракунии давлатӣ ворид намудан то ҳол мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Мухсинов Д.С.**


**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоев А.Х. Теоретические основы межбюджетных мтношений / А.Х. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/4. –часть 2. - С.41-45.
2. Государственный бюджет: Учебное пособие. Под ред. М.И. Ткачук. –Минск: Высшая школа, 1995.
3. Ножкина Т.В. Международный аудит. Учебное пособие / Т.В. Ножкина. – 2007.
4. Учебное пособие по аудиту эффективности использования государственных средств. -М., 2004. -С.10.
5. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
6. Шарифзода Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=46618754 (санаи истифодабарӣ: 04.01.2022).

7. Шарифзода, Н.Ш. Международная валютная система и этапы ее развития / Шарифзода Н.Ш., Фасехзода И.С., Х.Ф. Нуралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№5. –часть 2. -С.100-105. – EDN HOMQVT.
8. Экономика: Учебник / Под ред. доц. А.С. Булатова. -М.: Издательство БЕК, 1996. -632 с.
9. [Манбаи электронӣ]. URL: moliya.tj
10. [Манбаи электронӣ]. URL: sai.tj

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан оиди таҷрибаи хориҷии истифодаи самаранокии маблағҳои буҷетӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Муаллифон қайд менамоянд, ки аудити самаранокӣ дар қисми зиёди мамлакатҳои дунё паҳн ва ташаккул ёфтаанд. Ҳамин тавр, ҳиссаи аудити самаранокӣ дар онҳо 50-60%-ро нисбат ба дигар намуди назоратҳои молиявӣ ташкил медиҳад. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳиссаи аудити самаранокиро зиёд намояд. Ҳамин тавр, таҷрибаи ҷамъшудаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки истифодабарии аудити самарнокӣ имконият медиҳад, ки сифати идоракунии маблағҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас боло шавад. Барои он ки аудити самарнокӣ ҷойи намоёнро дар системаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намояд, бояд ба модернизатсияи раванди буҷетӣ ва сифати иодракунии давлатӣ саҳм гузошта шуда, инчунин шартҳои асосии такмили он риоя карда, муаммоҳои мавҷудбуда ҳал карда шавад. Ин фаъолият имкон медиҳад, ки сатҳи сифати истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ва самаранокии он боло шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи пешсафи байналмилалӣ наздик шавад. Аз натиҷаҳои мақолаи мазкур метавон гуфт, ки муаммоҳои дар раванди истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ҷойдошта метавонанд паёмади ногувор дошта бошанд ва барои рушди мамлакат таъсири манфӣ расонанд.

**Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,и самарнокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, механизми идоракунӣ, аудити самаранокӣ, бардоштани сатҳи назорати давлатии молиявӣ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ И ЕГО ПРИМЕНЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье говорится о зарубежном опыте эффективного использования бюджетных средств и его реализации в Республике Таджикистан. Авторы отмечают, что аудит эффективности получил распространение и развитие в большинстве стран мира. Таким образом, доля аудита эффективности в них составляет 50-60% по сравнению с другими видами финансового контроля. Для повышения эффективности использования бюджетных средств Республике Таджикистан необходимо увеличить долю проверок эффективности. Таким образом, накопленный международный опыт свидетельствует, что использование аудита эффективности позволяет существенно повысить качество управления бюджетными средствами Республики Таджикистан. Для того, чтобы аудит эффективности занял видное место в системе государственного финансового контроля Республики Таджикистан, необходимо способствовать модернизации бюджетного процесса и качества государственного учета, а также соблюдать основные условия для его совершенствования и решения существующих проблем. Данная деятельность позволит повысить уровень качества использования бюджетных средств и его эффективности, а Республика Таджикистан приблизится к передовому международному опыту. По результатам данной статьи можно сказать, что проблемы в процессе использования бюджетных средств могут иметь неприятные последствия и оказывать негативное влияние на развитие страны.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, эффективность использования бюджетных средств, механизм управления, аудит эффективности, повышение уровня государственного финансового контроля.

## FOREIGN EXPERIENCE OF EFFECTIVE USE OF BUDGET FUNDS AND ITS APPLICATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses foreign experience of effective use of budget funds and its implementation in the Republic of Tajikistan. The authors notes that performance audit has been widespread and developed in most countries of the world. Thus, the share of performance audit in them is 50-60% compared to other types of financial control. In order to improve the efficiency of using budget funds, the Republic of Tajikistan needs to increase the share of performance audits. Thus, the accumulated international experience shows that the use of performance audit can significantly improve the quality of budget management in the Republic of Tajikistan. In order for performance audit to take a prominent place in the system of state financial control of the Republic of Tajikistan, it is necessary to promote the modernization of the budget process and the quality of public accounting, as well as to comply with the basic conditions for its improvement and solving existing problems. This activity will improve the quality of use of budget funds and its efficiency, and the Republic of Tajikistan will come closer to the best international practices. Based on the results of this article, it can be said that problems in the process of using budget funds can have unpleasant consequences and have a negative impact on the development of the country.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, efficiency of using budget funds, management mechanism, efficiency audit, increasing the level of state financial control.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ширинов Ҳайдаршоҳ Муҳаммадшоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915-63-44-95**
***Ғаффориён Муҳаммадҷон Шоҳрух*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **552-55-22-62**

**Сведения об авторах:** ***Ширинов Хайдаршох Мухаммадшоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-63-44-95**
***Гаффориён Мухаммаджон Шохрух*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **552-55-22-62**

**Information about the authors:** ***Shirinov Khaidarshoh Muhammadshoevich*** **-** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Finance and Insurance Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-63-44-95**
***Gafforiyon Muhammadjon Shokhrukh*** **-** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Finance and Insurance Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **552-55-22-62**

ТДУ: 336.645.3

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТИНИ САМАРАНОКИИ МАКРОИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

*Комилов Н.Б., Холиқзода А.Ю.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Дар илми иқтисод таҳқиқотҳои зиёд оид ба таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ осебпазирии ҷомеа, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, аммо таъсири чунин сиёсат ба рушди иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ карда нашудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде, ки барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба пастравии сатҳи камбизоатӣ таъсир мерасонад, таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ назаррас нест. Зеро новобаста аз иқтидори зеҳнии хонаводаҳои камдаромад ва аҳолии камбизоат, ки сарчашмаи ками даромад доранд, иқтидори воқеиашон ба маҳдудиятҳои қарзӣ ва имкониятҳои маҳдуд пойбанд шудаанд. Ба андешаи мо, аз ин нуқтаи назар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд самти сиёсати беҳдошти ҳифзи иҷтимоиро дар ҳамон шакле таҳия кард, ки на танҳо ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии ниёзманд таъсир расонад, балки ба таъмини рушди иқтисоди босубот дар мамлакат саҳмгузор бошад.

В.А. Жуков чунин мешуморад, ки сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути низоми бисёрҷанба ва сатҳи кафолатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ бо мақсади эҳтироми ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба инобат гирифта мешавад, ки хусусиятҳои хосси минтақаро вобаста ба паҳншавии баъзе мушкилоти иҷтимоӣ, усулҳои инноватсионии амалии сотсиологияи идоракунӣ ва тарроҳии иҷтимоиро барои ҳалли масъалаҳои амалии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода мебарад [1,с.25-34].

Академикони мушҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.К. Раҳимов, Т.Н. Назаров, Н.К. Қаюмов қайд менамоянд, ки бояд сиёсти иҷтимоиии давалат, пеш аз ҳама, ба паст кардани дараҷаи тафовут байни аҳолӣ равона карда шуда бошад. Новобаста аз принсипҳои иқтисоди бозорӣ, ки нобаробарии аъзоёни ҷомеаро нисбат ба истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъияти эътироф мекунад, бояд баробарии имкониятҳои ҳифзи иҷтимоии ҳамаи табақаи аҳолӣ таъмин карда шавад [5,с.99-144].

Ба андешаи Д.Б. Қодирзода «Яке аз масъалаҳои калидии беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ба шумор меравад. Ҳаллаи масъалаи мазкур ба коркарди тадбирҳои фаъол ва ғайрифаъоли танзими бозори меҳнат алоқаманд аст» [2,с.143].

М. Кошонова дар кори илмии худ бештар ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ, барои беҳтар намудани таъминоти иҷтимоӣ ва бунёди иқтисодиёти бозории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши давлат беназир аст. Дар барбари ин, боз ҳам баланд бардоштани нақши давлат дар раванди беҳдошти иҷтимоии ба баландлбардории нақши буҷет дар азнавтақсимкунии фондҳои мумуммиҷамъиятӣ махсусан таъминоти молиявии ҳифзи иҷтимоӣ алоқаманд аст [4,с.97-98].

С.Ҷ. Комилов дар масъалаҳои таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ нигоҳи мутавозини дошта, қайд менамояд, ки низомии иҷтимоии нав, ки дар иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст, вазъи иқтисодиву иҷтимоии тамоми шаҳрвандонро тағйир додааст ва ҳар касе, ки қобили кор аст, бояд худаш талаботҳои иқтисодиву иҷтимоии худро таъмин намояд. Ҳифзи иҷтимоии ҳамаи аҳолии даромади паст ва истеъмолоти пастдошта имконпазир нест. Мувофиқтар аст агар равиши иҷтимоии ин раванд табақаҳои иҷтимоии нисбатан эҳтиёҷмандро фаро гиранд [3,с.79].

Таҳлили вазъи муосири сиёсати иҷтимоӣ ва сохтори даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки айни замон сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ, даромадҳои меҳнатӣ ба шумор меравад. Дар соли 2022 ба даромади меҳнатӣ 43,0%-и даромади умумии аҳолӣ рост меомад, ки нисбат ба соли 2016 3,7% камтар аст. Ҳиссаи нафақа, ёрдампулӣ, стипендия дар даромади умумии аҳолӣ дар 7 соли охир 6,3-5,2%-ро ташкил медиҳад ва тамоюли афзуншавиро дорад. Ба нишондиҳандаи даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва

фаъолияти мустақилонаи касбӣ 45,25-%-и даромади умумии аҳолӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2016 1,14% зиёдтар аст. Дар ташаккулёбии сарчашмаи даромади аҳолӣ, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ низ нақши назаррасро дорад, гарчанде солҳои охир тамоюли пастравии он ба чашм мерасад. Агар дар соли 2016 даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ 12,49%-ро аз ҳисоби умумии даромад ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2022 то 5,3% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 1. Ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна (аз рӯи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо)**

**Table 1. Total income per capita on average (according to data from a sample survey of households)**

| | Воҳиди ченак | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | Сомонӣ | 351,14 | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 684,17 | 794,12 |
| | % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| даромадҳои меҳнатӣ | Сомонӣ | 164,07 | 177,63 | 196,98 | 217,93 | 213,37 | 277,60 | 341,76 |
| | % | 46,7 | 47,5 | 48,1 | 45,81 | 41,2 | 40,6 | 43,0 |
| нафақа, ёрдампулӣ, стипендия | Сомонӣ | 21,97 | 24,8 | 26,70 | 30,82 | 38,81 | 41,77 | 41,65 |
| | % | 6,3 | 6,6 | 6,5 | 6,5 | 7,5 | 6,1 | 5,2 |
| пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона | Сомонӣ | 4,64 | 0,17 | 0,03 | 0,08 | 3,56 | 1,23 | 17,85 |
| | % | 1,32 | 0,1 | 0,01 | 0,02 | 0,7 | 0,2 | 2,2 |
| даромад аз моликият | Сомонӣ | 0,29 | 0,38 | 0,46 | 0,75 | 23,05 | 16,97 | 17,16 |
| | % | 0,08 | 0,10 | 0,11 | 0,16 | 4,4 | 2,5 | 2,2 |
| даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул | Сомонӣ | 0,66 | 0,39 | 0,33 | 0,44 | 1,71 | 3,85 | 4,83 |
| | % | 0,19 | 0,10 | 0,08 | 0,10 | 0,3 | 0,6 | 0,6 |
| даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | Сомонӣ | 43,84 | 19,90 | 22,43 | 23,02 | 36,75 | 42,18 | 42,45 |
| | % | 12,49 | 5,3 | 5,5 | 4,8 | 7,1 | 6,2 | 5,3 |
| -дигар даромадҳои пулӣ (аз ҷумла даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ) | Сомонӣ | 94,27 | 150,77 | 162,85 | 202,68 | 203,68 | 300,57 | 328,42 |
| | % | 26,8 | 40,3 | 39,7 | 42,61 | 39,3 | 43,9 | 41,4 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.118.

Таҳлили сохтори истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар соли 2022 99,6% даромади аҳолӣ барои хароҷоти истеъмолӣ сарф шудааст. Аз ин миқдор 47,4% барои хариди хӯрокворӣ, 28,5% барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа, 0,09% барои хариди машрубот ва 21,2% барои пардохти хизматрасониҳи шахсӣ ва истеҳсолӣ сарф гардидааст. Ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ дар истифодаи умумии даромади аҳолӣ дар соли 2016 90,2%-ро ташкил медод ва таносубан ҳиссаи хароҷот барои хариди хӯрокворӣ ба 54,3%, барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа ба 23,7%, барои хариди машрубот ба 0,1%, барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ ба 12,1% баробар буд.

Ҳамин тавр, таҳлили сохтори ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна ва истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ нишод медиҳад, ки новобаста аз он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст, ҳиссаи нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона дар сохтори даромади аҳолӣ ночиз буда, асосан онҳо барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешаванду халос. Аз ин рӯ, зарур аст сиёсати маблағгузорӣ дар беҳдошти иҷтимоӣ дар шакле таҳия карда шавад, ки маблағгузории давлатӣ фаъолиятҳои хоҷагидориро дар байни аҳолӣ ҳавасманд гардонад. Зеро аҳолии осебпазир имконияти нисбатан самаранок истифода намудани маблағҳои ночизро нисбати табақаҳои миёна ва сарватманди ҷомеа доранд.

Агар маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ аз рӯи маҳсулнокии он ба роҳ монда шавад, ба андешаи мо, он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири назарас расонад. Ин дар умум ба болоравии маҳсулнокии умумии меҳнат дар ҷомеа таъсир расонида, маҷмуи тақозоро аз ҳисоби зиёд намудани хароҷоти зиддисиклӣ ҳангоми бӯҳронҳои иқтисодӣ ба шуғл ва даромади миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Ҷадвали 2. Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ, бо % (аз рӯи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо)**

**Table 2. Use of the total income of the population, in % (according to the data of the sample survey of households)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| а) Хароҷоти истеъмолӣ | 90,2 | 89,9 | 88,7 | 85,2 | 99,0 | 98,0 | 99,6 |
| барои хариди хӯрокворӣ | 54,3 | 49,2 | 46,5 | 45,9 | 60,7 | 46,9 | 47,4 |
| барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа | 23,7 | 27,1 | 27,91 | 24,7 | 26,7 | 26,8 | 28,5 |
| барои хариди машрубот | 0,1 | 0,08 | 0,07 | 0,05 | 0,2 | 0,09 | 0,09 |
| барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ | 12,1 | 13,6 | 14,2 | 14,5 | 10,7 | 21,7 | 21,2 |
| Андозҳо, пардохтҳо | 9,8 | 10,1 | 11,3 | 14,8 | 2,83 | 1,95 | 0,44 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.120.

Дар баробари ин, самараҳои ғайримустақими он тариқи ҳавасмандгардонии ҳифзи иҷтимоӣ, афзунсозии сармояи инсонӣ, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва таъсиррасонӣ ба маҳсулнокӣ метавонад ба афзоиши минбаъда мусоидат кунад.

Қайд кардан зaур аст, ки ба синни аз қобили меҳнат хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 624,1 ҳазор нафар ё 36,21% ва ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар 5804,7 нафар ё 6,18% аҳолӣ рост меояд. Маблағгузорӣ ба ин табақаи аҳолӣ албатта ба ҳамроҳшавии як гурӯҳ аз ин табақаи аҳолиро дар оянда ба қувваи коргари соҳибтахассус имконият медиҳад.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои муаррификунандаи сохтори умумии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 3. Indicators representing the general structure of the population in the Republic of Tajikistan**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 9886,8 | 10078.4 |
| Синни аз қобили меҳнат хурд | 3009,6 | 3063,6 | 3129,9 | 3191,0 | 3258,0 | 3600,0 | 3649,6 |
| Синни қобили меҳнат | 5273,2 | 5379,8 | 5473,9 | 5567,4 | 5664,3 | 5703,3 | 5804,7 |
| Аз синни қобили меҳнат калонтар | 460,0 | 487,8 | 522,8 | 555,4 | 584,0 | 583,5 | 624,1 |
| Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд | 73,7 | 74,9 | 75,0 | 75,1 | 75,2 | 75,2 | 76,3 |
| Афзоиши солонаи аҳолӣ, % | 2.2 | 2.2 | 2.2 | 2.2 | 2.4 | 4,00 | 1,94 |
| Сатҳи саводнокии аҳолии калонсол (%) | 99.9 | 99.8 | 99.5 | 99.4 | 99.8 | 99.8 | 99.8 |
| Фарогирии умумӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ (%) | 100.5 | 100.7 | 101.0 | 101.5 | 100.9 | 100.9 | 100.6 |
| Аҳолии камбизоат (%) | 30.3 | 29,5 | 27,4 | 26.3 | 24,5 | 23,4 | 22,5 |
| Дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ (%) | | | | 70.4 | 81.2 | 84.2 | 85.3 |
| Аҳолии дорои дастрасӣ ба санаторияҳо (%) | | | | 93.9 | 97.0 | 97.5 | 98.2 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –414 с.

Самти муҳимми сиёсати иҷтимоӣ бояд ба паст гардонидани нобаробарии тақсимоти даромадҳо дар мамлакат равона карда шавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сатҳи нобаробарии тақсимоти даромад дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон ба 20 ва қимати коэффитсенти Ҷини ба 0,34 воҳид баробар аст. Мувофиқи маълумотҳои ташкилотҳои байналмилалӣ агар қимати коэффитсиенти Ҷини ба 0,3 то 0,4 воҳид баробар бошад, ин ифодакунандаи он аст, ки дар мамлакат сатҳи муътадили нобаробарӣ ҷой дорад. Дар баробари ин, чи тавре аз чадвал бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати

нишондиҳандаи сатҳи нобаробар тақсим шудани даромадҳо ва коэффитсиенти Ҷини дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ хело баланд аст. Ба андешаи мо, агар муқобили чунин раванд чораандешӣ карда нашавад, он метавонад сабаби аз сатҳи муътадил баромадани ин нишондиҳанда гардад.

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои ифодакунандаи дараҷаи набаробари тақсимоти даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2020**

**Table 4. Indicators representing the level of unequal income distribution in the Republic of Tajikistan, р. 2020**

| | Тоҷикистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Туркманистон |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи нобаробарии даромад. % | 20.3 | 10.3 | 12.2 | 26.8 |
| Коэффисиенти Ҷини % | 36.4 | 26.9 | 26.8 | / |

Сарчашма: Шуъбаи омории СММ. URL: http://data.un.org/Search.aspx?q=Tajikistan

Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар давлатҳои сатҳи даромадашон баланд ва миёна, ки дар онҳо сатҳи фарогирии суғуртаи иҷтимоӣ фарох аст, таъсири суғуртаи иҷтимоӣ ба тақсимоти даромадҳо назаррас аст. Махсусан дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ вобаста ба зиёд шудани маблағгузорӣ дар самти суғуртаи иҷтимоӣ коэффитсиенти Ҷини 16% паст гардид. Дар давлатҳои сатҳи даромадашон паст нақши ин нишондиҳанда дар таъмини баробарии даромадҳо ночиз аст.

Ба андешаи мо, тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат метавонад ба воситаи се нишондиҳанда ба рушди иқтисодӣ таъсиррасон бошад:

1. Содагардонии низоми қарздиҳӣ ба табақаҳои камбизоат ва ниёзманде, ки қобилияти хуби фаъолияти пешбурди соҳибкориро доранд.

2. Таъмини амнияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии табақаҳои гуногуни ҷомеа ба дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ. Ҳифзи иҷтимоӣ метавонад истеъмолот ва дороии шахсони эҳтиёҷмандро аз ҳар гуна хавфҳо ҳифз намояд, ки ин боиси истифодаи самараноки захираҳо аз тарафи онҳо мегардад.

3. Беҳтаргардонии низоми тақсимоти оптималии захираҳои аҳолӣ ва шахсони эҳтиёҷманд. Ҳифзи иҷтимоӣ метавонад ба тақсимоти оптималии вақт ва захираҳои хонаводаҳо таъсир расонад, ки ин дар навбати худ, ба афзоиши даромади онҳо вобаста ба тағйирёбии қобилияти харидории онҳо, сармоягузорӣ ба таҳсилот, шуғли кӯдакон, тақсимоти кор байни аъзоёни оила ва тасмимҳояшон барои муҳоҷират таъсир расонад.

Сармоягузорӣ ба рушди табақаҳои осебпазир метавонад имкониятҳои баробарро барои онҳо барои пешбурди фаъолият ва воридшавӣ ба бозорҳои қувваи корӣ мусоидат намояд.

Сармоягузорӣ ба рушди қишри осебпазир омили муҳим барои дастрасӣ ба омӯзиши якумрӣ ва азхудкунии малакаҳои касбӣ ва ба даст овардани малакаҳо барои шуғли оянда, рушди ҳиҷрати аҳолӣ; баланд бардоштани беҳошти иҷтимоӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба манзил, беҳтарсозии тафриқаи байни минтақаҳо, рушди сармоягузорӣ ба некуаҳволии ҷомеаҳо ва сармояи иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Дастгирии рушди мунтазами фаъолияти соҳибкорӣ ва бозорҳои форогири меҳнат, бояд сиёсати калидии ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор равад. Зеро он ба болоравии маҳсулнокии меҳнат, рушди тиҷорат, мутобиққунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ширкатҳои хурд ва ҷавон ба рақамикунонии равандҳои истеҳсолот дар тамоми ҷаҳон, ноил шудан ба бозорҳои фарогири меҳнат ва идоракунии оптималии захираҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Дар муқоиса ба роҳандозии сиёсати ҳифзи иҷтимоии нофаъол, сиёсати иҷтимоии ба рушди фарогир асос ёфта, маҷмуи чорабиниҳои фарогирро дар самти рушди иқтисодӣ, таҳсилот ва касбомӯзӣ, беҳдошти саломатӣ, ҳавасмандгардонии маблағгузорӣ ба илм, мукаммалгардонии сиёсати андозиву буҷавӣ, сиёсати танзими давлатӣ ва сохторӣ, рушди савдо ва ҳавасмандгардонии рақобат, сиёсати ҳифзи муҳити зист ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, сиёсати иқтисодии фарогир бояд ба тағйирёбии сохтори оила ва шароити зиндагӣ мутобиқ карда шуда, маҷмуи васеи нишондиҳандаҳои иҷтимоиро дар

самти таъмини баробарии иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ кӯдак, пешгирии хавфҳои иҷтимоӣ ва ғ. фаро гирад.

Ба ақидаи мо, сиёсати ҳифзи иҷтимоии дар оянда татбиқшаванда, ҳамчунин, бояд ба оилаҳои камбизоат имконият диҳад, ки сармояи аввалияи истеҳсолӣ захира намуда, аз ҳисоби дастрасӣ ба қарз, барои таъсиси тиҷорати хурд сарчашмаи маблағгузорӣ пайдо намоянд, ки дар ниҳоят истеҳсолот ва истеъмолотро афзун намуда, маблағгузориҳоро ба ниёзҳои иҷтимоӣ зиёд мегардонад.

Ҳифзи иҷтимоӣ бояд маҷмуи чорабиниҳоро дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ байни гурӯҳҳои осебпазир дарбар гирад. Зеро агарчӣ ҷудосозии кумакҳои хурди ҳармоҳа асосан самараи кӯтоҳмуддат медиҳад, дараҷаи вобастагии ин гурӯҳи аҳолиро ба кумакпулиҳои давлатӣ кам намегардонад. Баъакс, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ самараи дарозмуҳлат дошта, имконияти таъмини мустақилияти аҳолии камбизоатро дар оянда фароҳам меоварад.

Таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоиро ба вазъи бозори меҳнат тариқи чораҳои бавосита ва бевосита зиёд намудан мумкин аст. Агар аз як тараф, пешниҳоди шароитои хуби корӣ ба шуғл таъсири мусбӣ расонад, аз тарафи дигар, ҷудо намудани кумакпулиҳо ба шахсони эҳтиёҷманд, баръакс метавонад вобастагии онҳоро ба чунин маблағҳо зиёд гардонад. Барои мисол гарчанде, ки дар давраи кӯтоҳмуддат кумакпулӣ ба бекорон муҳлати бекорӣ ва давраи дар қайди давлатӣ қарор доштани онҳоро зиёд гардонад, дар баробари ин, он метавонад раванди ҷустуҷӯ ва дарёфти корро вобаста ба малакаҳои онҳо беҳтар гардонад, ки дар ниҳоят хавфи такроран бекор мондани ин гурӯҳи аҳолиро камтар мегардонад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба таъсиси ҷойҳои корӣ ба шакл ва ҳадафи барномаҳои амалишаванда алоқаманд аст.

Дар баробари ин, сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ метавонад ба зиёдшавии сармоягузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат намояд. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ маъмулан ба сафабаркунии кӯдакони бесаробон ба мактаб барои таҳсилот ва беморхонаҳои шаҳрӣ барои эмгузаронӣ ва нигоҳдории саломатӣ дар мадди аввал қарор медиҳад. Таъмин намудани шароит барои чунин гурӯҳи кӯдакон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, имкониятҳои онҳоро барои воридшавӣ ба бозори меҳнат боз ҳам зиёдтар мегардонад. Аз ин лиҳоз, сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ва маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ, бояд дар асоси чунин принсипе ба роҳ монда шавад, ки ташаккулёбии сармояи инсониро ҳадафи асосии худ қарор дода, таъсири онро ба рушди иқтисодӣ зиёда гардонад.

Чи тавре ҳадафи асосии сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад, он бояд ба нобаробарии иҷтимоӣ хотима бахшад. Зеро мубориза бо нобаробари иҷтимоӣ нақши муҳимро дар ноил гардидан ба рушди иқтисодии устувор мебозад, зеро мавҷудияти он ба одамони камбизоат имконият намедиҳад, ки ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ шароит фароҳам оварад ва имконитяи худро пурра кушояд.

Дар микросатҳ низоми ҳифзи иҷтимоӣ метавонад нобаробарии иҷтимоиро бо ду роҳ батараф намояд:

1. Ин барномаҳо ҳадди ақали некуаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодии хонаводаҳоро кафолат медиҳад ва ҳамчун шабакаи суғуртавӣ барои хоҷагиҳои камбизоат ва осебпазир баромад менамояд, то он ки сатҳи бекориро паст намуда, ҳаракати иҷтимоии онҳоро таъмин намояд.

2. Барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дастрасии баробарро ба имкониятҳо аз ҳисоби бартараф намудани маҳдудиятҳои қарзӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ, ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ монеа эҷод менамояд, фароҳам меоварад. Он монеаҳоро барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф бартараф месозад. Ҳамзамон, дастрасӣ ба муассисаҳои оилавиро таъмин менамояд, ки рушди фарогирро барои онҳо кафолат медиҳад.

Дар сатҳи ҷомеа маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби афзунсозии истеъмолот ва истеҳсолоти маҳаллӣ таъсири мултипликативӣ ба вуҷад орад, ки он ба ташаккулёбии дороиҳои истеҳсолӣ дар сатҳи ҷамъият оварда мерасонад. Андозаи чунин самараи мултипликативӣ ба хусусият ва андозаи кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва дараҷаи фарогирии онҳо алоқаманд аст.

Ҳифзи самараноки иҷтимоӣ, гузаронидани сиёсати самаранокеро тақозо менамояд, ки ҳолатҳои иҷтимоии шахсро фаро гирифта, ба коҳиши норизогии иҷтимоии аҳолӣ, шиддати иҷтимоӣ, сар задани ихтилофҳои иҷтимоӣ тариқи беҳдошти вазъи шаҳрвандон мусоидат намояд. Ба андешаи мо, шаклҳо ва усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд гуногунранг ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад. Чунин сиёсат метавонад беҳдошти некуаҳволии аҳолиро таъмин намуда, пастравии сатҳи камбизоатӣ ва ниёзмандии аҳолиро пешгирӣ созад. Дар баробари ин, зарур аст, равишҳои комилан нави идоракунии равандҳои иҷтимоӣ коркард карда шаванд, ки мунтазам иттилооти заруриро оид ба тақозои шаҳрвандон ба кумакӣ иҷтимоӣ пайгирӣ намуда, тақсимоти боадолати захираҳои молиявиро таъмин созад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Комилов А.Қ.**


**АДАБИЁТ**

1. Жуков В.И. Модернизация социальных отношений в России: замыслы, итоги, возможности / В.И. Жуков // Социол. исслед. – 2005. -№6. -С.25-34.
2. Кодирзода Д.Б. Стратегия устойчивого экономического роста и благосостояние населения Таджикистана / Кодирзода Д.Б. // Устойчивое развитие: анализ тенденций российской и мировой экономики // Сборник материалов Международной научно-практической конференции. –Махачкала: Издательство АЛЕФ, 2023. - С.143.
3. Комилов С.Дж. Управление занятостью населения в условиях инновационного развития промышленности. Монография / С.Дж. Комилов, Шодибеки Сафар, Б.К. Шарипов. -Душанбе: ГУП «Матбаа», 2021. -277 с.
4. Кошонова М.Р. Роль финансового вливания в социальную сферу в обеспечении экономической безопасности Республики Таджикистан / М.Р. Кошонова // Вестник Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими. – 2014. -№3(27). -С.97-98.
5. Рахимов Р.К. Социальная политика Республики Таджикистан в условиях переходной экономики / Р.К. Рахимов, Т.Н. Назаров, Н.К. Каюмов / Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2000. -№2. –С.99-142.
6. Турсунов Р.Р. Эффективность использования трудоспособной части населения в аграрном секторе / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава. – 2019. -№1/3(65). ISSN 2663-5534


## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТИНИ САМАРАНОКИИ МАКРОИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ


Дар мақолаи мазкур усулҳо ва роҳҳои афзун гардонидани самаранонкии идоракунии соҳаи ҳифзи ичтимоӣ дар сатҳи микроиқтисод мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Муаллифон бо истифода аз назариёти олимон ва муҳаққиқони соҳа дар бораи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ истифода карда, фикру ақидаҳои худро пешниҳод кардаанд. Дар мақола таваҷҷуҳи бештар ба таҳлилҳои ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна (аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо), истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ, бо % нишондиҳандаҳои муаррификунандаи сохтори умумии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои ифодакунандаи дараҷаи нобаробари тақсимоти даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронида шуда, хулосаи муаллифон оид ба микросатҳи низоми ҳифзи ичтимоӣ бароварда шудааст. Ба андешаи муаллифон, шаклҳо ва усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд гуногунранг ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад. Чунин сиёсат метавонад беҳдошти некуаҳволии аҳолиро таъмин намуда, пастравии сатҳи камбизоатӣ ва ниёзмандии аҳолиро пешгирӣ созад.



**Калидвожаҳо**: ҳифзи иҷтимоӣ, микросатҳ, таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, пардохтҳои ҷубронӣ, қишри осебпазир.


## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ УПРАВЛЕНИЯ СФЕРОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ


В данной статье исследованы методы и пути повышения эффективности управления социальной защитой на уровне микроэкономики. Автор изложил свою точку зрения, используя взгляды ученых и исследователей в области социальной защиты. В статье большое внимание уделяется анализу совокупного дохода каждого жителя в среднем (по данным выборочного обследования домохозяйств), использованию совокупного дохода населения в % (по данным выборочного обследования домохозяйств), показатели, отражающие общую структуру населения Республики Таджикистан, показатели, отражающие уровень неравенства распределения доходов в Республике Таджикистан. На основе проведенного анализа сделан вывод автора о микроуровне социального развития, была предложена система защиты. На наш взгляд, формы и методы социальной защиты должны быть разнообразными и доступными для всех слоев населения. Такая политика может обеспечить благосостояние населения и предотвратить снижение уровня бедности и нуждаемости населения.



**Ключевые слова:** социальная защита, микроуровень, обеспечение социальной защиты, социальная политика, компенсационные выплаты, уязвимая группа.

**WAYS TO INCREASE MACROECONOMIC EFFICIENCY OF SOCIAL PROTECTION MANAGEMENT**

This article explores methods and ways to improve the efficiency of social protection management at the microeconomic level. The author presented his point of view using the views of scientists and researchers in the field of social protection. The article pays more attention to the analysis of the total income of each resident on average (according to a sample survey of households), the use of the total income of the population, in% (according to a sample survey of households). households), indicators reflecting the general structure of the population of the Republic of Tajikistan, indicators reflecting the level of inequality of income distribution in the Republic of Tajikistan. Based on the analysis, the author concluded about the micro level of social development, and a protection system was created. In our opinion, the forms and methods of social protection should be diverse and accessible to all segments of the population. Such a policy can ensure the well-being of the population and prevent a decrease in the level of poverty and neediness of the population.

**Keywords:** social protection, micro level, provision of social protection, social policy, compensation payments, vulnerable group.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Комилов Низомиддин Бегаҳмадович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **918-57-92-90.** E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**
***Холиқзода Аҳлиддин Юлдош*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 931-57-32-57**. E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Комилов Низомиддин Бегахмадович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита. **Адрес**: 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **918-57-92-90.** E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**
***Ахлиддин Халикзода Юлдош*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, старший преподаватель кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 931-57-32-57**. E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Komilov Nizomiddin Begahmadovich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Credit. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16. Phone**: 918-57-92-90.** E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**
***Akhliddin Khalikzoda Yuldosh*** **-** Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, senior lecturer at the Department of Finance and Credit**. Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16. Phone**: (+992) 931-57-32-57.** E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

ТДУ: 336.71: 137.22

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Ҷураева Н., Ҷиҳонова З.А.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити доимотағйирёбанда будани вазъияти иқтисодию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бамаротиб баланд гардидани сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ зарур аст, ки дар доираи имконият ва иқтидорҳои мавҷуда низоми бонкӣ аз таъсири манфии чунин тамоюлҳо эмин бошад. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки гузариш ба низоми нави муносибатҳои бозорӣ зарурати таҷдид ва азнавсозии тамоми самтҳои муҳимми иқтисодиёт, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкили муҳити рақобатро дар ин самт ба миён овард. Вобаста ба ин, дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба ҳам пайвастани равандҳо ва ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, васеъ паҳн шудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Навовариҳои вертуалӣ дар сатҳи низоми бонкӣ дар шароити имрӯза боиси он мегарданд, ки сатҳи самаранокии низоми бонкӣ дар бозори бонкӣ таъмин гардида, муҳити рақобатро ба миён оварад. Ҳамқадам шудан бо тамоюлҳои замони муосир аз тамоми ташкилотҳои қарзӣ талаб менамояд, ки сатҳи рақобатпазирии худро дар бозори бонкӣ таъмин намуда, мавқеи худро вобаста ба амалиёт ва хизматрасонӣ муайян намоянд.

Пешравӣ ва тағйироту таззодҳои ҷаҳони муосиро дар ҳама соҳаҳои муҳимми иқтисодиву иқтимоӣ, тиҷоратию истеҳсолӣ, хизматрасонию машваратӣ рақобат ташкил медиҳад. Дар ҷомеаи иқтисодӣ тамоми муваффақиятҳои комили соҳавӣ дар сатҳи зарурӣ новобаста аз соҳаи фаъолият ё истеҳсолот аз рақобат вобастагии зиёд дорад. Ҷомеаи илмӣ ва назарияҳои гуногуни иқтисодшиносон рақобатро ба давраҳои ҷамоаи ибтидоӣ, ки он аз ташкили қабилаҳо ва ҷамъият рабт медиҳанд, оғоз гардида, ҳамчун омили асосии пешрафти иқтисодиёт ва дар маҷмуъ, ҷамъият маҳсуб мегарданд.

Ҳамаи ин зарурятҳои рақобатро ба инобат гирифта иқтисодшиносон ин равандро дар ҳама давру замон яке аз муҳаррикҳои асосии пешбаранда ва ташкилдиҳандаи шакли дурусти ин ё он соҳа меҳисобанд. Аз ин лиҳоз, олимони машҳури соҳаи иқтисод К. Маркс, И. Шумпетер ва Фон Хейк рақобатро ҳамчун омили муҳимтарини рушди тамоми соҳа, аз он ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ меҳисобанд. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо қайд кардан зарур аст, ки ташкили муҳити рақобат дар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ имрӯз масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар ҷомеаи илмӣ мутаассифона таҳқиқотҳои бешумор ба нокомиҳои рақобат дар фаъолияти иқтисодӣ, ки марбути истеҳсолоту тиҷорат мебошанд, дучор гардидааст. Баъзе аз ин масъалаҳо бо хусусиятҳои хосси фаъолияти бонкӣ то ба ҳол бидуни посух ва дар сатҳи нокифоя боқӣ мондааст. Анҷом нашудани масъалаҳои муҳимтарини рақобатро ҳамчун омили асосии бомуваффақонаи ҷараёни истеҳсолот бо ба назар гирифтани ҷараёни навоварӣ дар ҳама соҳа муҳим арзёбӣ намудаанд.

Ҳамин заруратро ба инобат гирифта мувофиқи акидаи К.Маркс рақобат – ин шакли антогонии мусобиқаи иқтисодӣ ва муборизаи байни соҳибкорон барои шароитҳои беҳтари сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи зиёд мебошад [3]. Илова бар ин, нақши қарз низ дар тавсеа додани истеҳсолот хеле муҳим буда, дар ин замина ташкили муҳити рақобат мумкин як ҷараёни сода бошад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир, рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он бо самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва ташкили муҳити рақобати солим мебошад, ки он доираи васеи бонку ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба пешниҳоди маҳсулотҳои онҳо дар бар мегирад. Пайваста зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиётҳои хатарнок ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд [1,с.198]. Дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ тағйироти сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳилаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи

талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза мураккаб гардидани ҷараёнҳои макроиқтисодӣ ва доштани афзалияти бештар дар бозори бонкӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ҳолати рақобатпазирии онҳо таҳлилу баррасии ин масъалаҳо мебошад.

Арзёбии дурусти сатҳи рақобатпазирии низоми бонкӣ ва таъмини устуворӣ ва суботи низоми бонкӣ дар шароити имрӯза мебошад. Дар айни замон, ин тамоюл ва тағйироти раванди ҷаҳонишавӣ ба осебпазир гардидани низоми бонкӣ таъсир расонида, вазъияти бонкҳоро муаммодор намуд. Ҳамин буд, ки сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ афзоиш ёфта, муаммоҳои бехатарии онҳоро зиёд намуд [5,с.198]. Солҳои охир вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиётҳои қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқоти бештарро ба миён овардааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон, ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ як сохтори марказонидашудаи бахши институҳои молиявӣ буда ба ҷаъмкунӣ, тақсим ва аз навтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин, механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташаккули дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконотҳои мавҷуда ташкил намуда, тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун иистититутҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю истеъмокунанда иштирок намуда бо ин роҳ даромади худро таъмин менамоянд ва талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байн субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоиии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани равандҳои самараноки сиёсати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт зарурати ташкили муҳити рақобатпазирии бонкиро дар сатҳи зарурӣ тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, ташкили муҳити рақобат дар бозори бонкӣ шароит фароҳам месозад, ки нархи хизматрасониҳои бонкӣ ба таври доимӣ тағйир дода шаванд.

Дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани фарогирии молиявии аҳолӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳумҳои наве, ки механизми фаъолияти соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, истифода шаванд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар замони истиқлол фарогир ва таъсиррасон ба тамоми ҷомеаи имрӯза мебошад. Вобаста ба талаботи ҷомеа дар шароити мавҷудияти рақобати комил расонидани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ тавассути институтҳои бонкӣ ҳамчун заминаи инфрасохтори истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ барои эҳтиёҷоти корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз шартҳои асосии рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Ҳамчунин, баланд бардоштани дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ бо фарогирии молиявию хизматрасонии корхонаҳои бонкӣ алоқамандӣ дошта, ҷустуҷӯи механизмҳои нави ҳавасмандгардонии ҷалби мизоҷон яке аз муқаррароти асосииислоҳоти сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ вобаста ба фаъолияти устувори бонкҳо ташкили муҳити рақобат, ки хосияти умумиқтисодӣ дорад, шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таъмини стаҳи рақобатпазирӣ, пеш аз ҳама, пардохтпазирии низоми бонкӣ ва доштани фаъолияти устувор дар бозори бонкӣ муҳим мебошад. Бо ифодаи ин гуфтаҳо дар бозори бонкӣ сатҳи пасти рақобатпазирии низоми бонкиро аз дараҷаи дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани нишондиҳандаҳои муҳимми бонкӣ ва дараҷаи баланди барҳамхӯрии бонку ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида кардан мумкин аст (нигар ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2022**
**Table 1. The level of changes in the indicators of the banking system of the Republic of Tajikistan in 2014-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ нисбати соли (+/-) 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **Шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (адад)** | 138 | 104 | 79 | 75 | 69 | 63 | 64 | -53,6% |
| **Дороиҳои маҷмуии ташкилотҳои қарзӣ (млн.сомонӣ)** | 14,8 | **21,1** | **21,2** | **21,9** | 26,3 | 22,5 | 30, 03 | 102,1% |
| **Уҳдориҳои ташкилотҳои қарзӣ (млн.сомонӣ)** | 12, | **15,6** | **15,2** | **15,7** | 19,1 | 17,3 | 23, 7 | 131,7% |
| **Сармояи маҷмуии тавозуни ташкилотҳои қарзӣ (млн.сомонӣ)** | 2,3 | 5,4 | 5,9 | 6,2 | 7,1 | 5,07 | 6, 2 | 168,4% |

Сарчашма. Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305), 2021 №12 (316), 2022, №12 (329).

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ аз низоми бонкӣ талаб менамояд, ки дар сатҳи зарурӣ таъмини нишондиҳандаҳои муҳимми бонкиро ба амал оранд. Сатҳи пасти рақобатпазирии низоми бонкиро аз осебпазирии низоми бонкӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар сатҳи нокифоя ва баръакс аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти низоми бонкӣ яксон буда дар таркиби он муҳити рақобат кам ба назар мерасад. Илова бар ин, таҳлилҳои ҷадвали мазкур нишон медиҳанд, ки дар ин марҳала осебпазирӣ бештар ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ рост омада, шумораи онҳо дар як давраи кӯтоҳ бамаротиб коҳиш ёфт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи низоми бонкӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар ин давра аз 138 адади соли 2014 дар соли 2022 ба 64 адад расид, ки 53,6% коҳиш ёфт. Ҳамчунин, дар ин давра дороиҳои маҷмуии низоми бонкӣ низ ба маблағи 15176,6 млн сомонӣ ё 131,7% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, дар ин марҳала низ уҳдориҳои ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 11223,9 ё 131,7% афзоиш ёфтааст. Қайд кардан зарур аст, ки асосан сатҳи пасти рақобатпазирӣ ва баланд гардидани осебпазирии низоми бонкиро дар шароити муосир аз рӯи уҳдориҳои пардохтию пулӣ ба мизоҷон мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар шароити осепазир гардидани низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилотҳои зерин нақши асосӣ доштанд;

- доштани захираҳои пулии нокифоя ва сатҳи пасти пардохтпазирӣ дар бозори бонкӣ то солҳои 2014-2018;
- беназардошти ҳисоби дурусти талаботҳои нақдии мизоҷон ишғол намудани ҳиссаи бозори корҳои бонкӣ аз тарафи баъзе аз бонкҳои низомсоз;
- сари вақт иҷро накардани уҳдориҳои пардохӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ба тарви пай-дарпай;
- ғйримақсаднок сафарбар намудани захираҳои қарзӣ, ки эҳтимолияти баргаштани онҳоро душвор менамуд;
- якбора зиёд шудани шахсони тасодуфӣ дар бонкҳо, ки фаъолияти тавакалӣ доштанд ва ғ.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити вусъат ёфтани пардохтҳои электронӣ ва тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки пурра ба паст кардани сатҳи хавфҳои шизоми бонкӣ нигаронида шудааст, ташкили муҳити рақобат дар бозори хизмтрасониҳои вертуалӣ ё бидуни иштироки пули нақд шарти зарурист ва аз унсурҳои

асосие, ки низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистонро осебпазир намуд, ин сатҳи пасти гузариш ба пардохтҳои электронӣ дар заминаи технолгияҳои ҳозиразамонӣ пешрафта буд.

Талаботҳои барзиёди нақдии аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисод, инчунин хавфҳои баланди бонкию сатҳи пасти рақобатпазирии бонкҳо боиси он мегардад, ки таъмини суботи низоми бонкӣ кам гардад. Аз ин лиҳоз, яке аз бахшҳои афзалиятноки амалкарди рақобатпазирӣ ин гузаштан ба амалиётҳои бидуни маблағ ва технологияҳои ҳозиразамон мебошад. Баъд аз соли 2018 бинобар аз байн рафтани қисми зиёди бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ тақвияти ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои электронӣ бештар гардид (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Амалиётҳо бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар солҳои 2018-2023**
**Diagram 1. Transactions using electronic means of payment and the share of non-cash payments in 2018-2023**




Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои сомонаи электронии https://www.nbt.tj тартиб дода шудааст.

Ҷиҳати самаранок пеш бурдани сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ, инчунин барои таъмини сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва устувории қурби пули миллӣ нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва таъмини фаъолияти босуботи бехатарии низоми пардохтӣ дар шароити имрӯза аз густариши воситаҳои электронии пардохтӣ вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои густариши воситаҳои пардохтӣ дар низоми бонкӣ баъд аз соли 2018 оғоз гардида, он сол аз сол дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад.

Гирифтани пули нақд аз банкоматҳо дар баробари афзоиши ҳаҷми пули дармуомилотбуда зиёд гардида, он аз 0,5 млн. сомонии соли 2018 ба 15,5 млрд. сомонӣ дар соли 2023 баробар гардидааст, ки коҳиши ин масъала тақвияти баъзе паҳлуҳои инфрасохтори электронии пардохтро тақозо менамояд. Аз маълумотҳои диаграммаи мазкур бар меояд, ки пардохти молу хизматрасонӣ дар соли 2018 10 млрд.сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 63,7 млрд.сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2018 5,3 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин ба вусъати бевоситаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар маҷмуи умумии ҳисоббаробаркуниҳо мусоидат менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобат дар ду самти асосӣ ба таври зарурӣ бояд ташкил карда шавад:

1. Рарқобат дар сатҳи нархи хизматрасониҳои бонкӣ, ки он доираи васеи амалиёт, маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкиро дар бар мегирад;

2. Рақобат дар сатҳи ворид намудани техника ва технологияҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтӣ дар шароити балан гардидани хизматрасониҳои фарохмаҷро.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ пешрафти мунтазами соҳаҳои гуногун, ки аз рақобат ва бартариятҳои байниякдигарӣ иборат мебошад, дар бонкҳо нишон медиҳад, ки

вобаста ба бартарият ва афзалиятҳо муҳити рақобат кам ба назар мерасад. Вобаста ба ин, ба андешаи мо зарур аст, ки барои фаъолгардонии бахши бонкӣ бо роҳи таъмини фаъолияти самараноки онҳо дар дараҷаи аввал барои ҷалиби мизоҷон рақобат дар сатҳи нархи хизматрасониҳои бонкӣ ва дар марҳилаи дуюм, рақобат дар сатҳи ворид намудани техника ва технологияҳои ҳозиразамони ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтӣ ба роҳ монда шавада, ки дар айни замон асоси рушди минбаъдаи бонкҳоро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва пардохтҳои электронӣ агар аз як тараф, таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар ба ин масъала зиёд гардида бошад, аз тарафи дигар, рақобати бонкӣ дар ин замина боиси зиёдшавии ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳо дар маҷмуи умумии ҳисоббаробаркуниҳо мебошад (нигар диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Динамикаи тағйирёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар маҷмуи ҳисоббаробаркуниҳо дар солҳои 2018-2023**
**Diagram 2. The dynamics of changes in non-cash settlements in the set of settlements in 2018-2023**




Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои сомонаи электронии https://www.nbt.tj тартиб дода шудааст.

Тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ меҳвари дигари пардохтҳои электронӣ ва дараҷаи рақобатпазирии низоми бонкӣ дар доираи сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳои пардохтии низоми бонкӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, ташкили муҳити рақобат дар сатҳи пардохтҳои ғайринақдӣ омили асосии сатҳи дурусти рақобатпазирӣ маҳсуб ёфта, ба ин масъала аҳаммият додан ба манфиати бонкҳо мебошад. Аз таҳлили маълумотҳои диаграммаи мазкур бар меояд, ки ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар маҷмуи умумии ҳисоббаробаркуниҳо агар дар соли 2018 5%-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 20% баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2018 ба ҳисоби фоиз 15% ва баҳисоби тағйирёбӣ 150% зиёд гардидааст, ки ин имконияти баланд кардани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва кам дидани осебпазирии онҳоро ифода менамояд.

Таҳлилу ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз аксар бонку ташкилотҳои қарзӣ дар байни ҷомеа кортҳои бонкии худро ба таври ройгон ба мизроҷон пешниҳод менамоянд, ки ин амал дар тақвияти пардохтҳои минбаъдаи электронӣ ва шадид кардани рақобати бонкӣ мусоидат менамояд ва идомаи ин ҷараён шарти асосии муваффақиятҳои рақобатпазирӣ маҳсуб меёбанд.

Хулоса, баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирӣ дар низоми бонкӣ метавонад хусусиятҳои умумӣ ва таркибӣ дошта бошад. Айни замон дар аксар ҳолат баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар сатҳи умумӣ баҳо дода мешавад. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомгардида, вобаста ба ташкили муҳити рақобат ва рақамикунонии фаъолияти бонкҳо дар саатҳи зарурӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Фароҳам овардани шароити рақобат вобаст ба нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва нархи хизматрасониҳои онҳо дар сатҳи бозори бонкӣ вобаста ба талаботҳои замони муосир.

2. Ташкили инфрасохтори зарурӣ ҷиҳати тақвияти парохтҳои электронӣ ва рақамикунонии амалимётҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар аз тарафи тамоми бонку ташкилоти қарзӣ.

3. Ба таври доимӣ маҳдуд кардани талаботҳои нақдӣ ва ба ҷои он ташкили муҳити хизматрасонӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар сатҳи ҷомеа.

4. Бо роҳу воситаҳои гуногун ба даст овардани эътимодӣ аҳолӣ ва аз тарафи бонкҳо истифодаи усулҳои муассири ҳавасмандгардонӣ.

5. Пурзӯр кардани иқтидори захиравии бонкҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои арзони пулӣ ва дар ин замина дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт дар муҳити рақобат ва ғ.

6. Чораҳои ғайридолларикунонии низоми қарзӣ ва қабули амонату пасандозҳо мумкин аст то як андоза ба мушкилоти ҷойдошта мусоидат намояд [5,с.78].

Новобаста аз фаъол будани низоми бонкӣ дар пешрафти иқтисодиёт, ки он ба таври доимӣ дар зери фишорҳои ҷаҳонишавӣ қарор дорад, рушди иқтисодиёти кишвар аз идомаи дастгирии низоми бонкӣ, бисёр вобаста мебошад.

Новобаста аз он ки дар пайгирии рушди иқтисодиёт сатҳи рақобатпазирии низоми бонкӣ бисёр зарур мебошад, дар доираи таҳлилҳои анҷомшуда ва гирифтани пеши роҳи таъсири осебпазирӣ дар сатҳи низоми бонкӣ як қатор мушкилотҳо ҷой дорад ва ин масъала бисёр зарурӣ мебошад. Зеро осебпазирӣ бо рақобатпазирӣ алоқамандии зич дошта, онҳо ба якдигар таъсири мутақобила доранд. Ба ин хотир, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- дар сатҳи зарурӣ ва лозима баланд бардоштани пардохтпазирии низоми бонкӣ бо роҳи ба даст овардани эътимоди истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ;
- таъмини саривақтии талаботҳои пулӣ ва иҷрои одитарин уҳдадориҳое, ки ба боварӣ ва эътимоди мизоҷон ва аҳолӣ заминагузор мебошад;
- дар доираи имкониятҳои макроиқтисодии кишвар аз тарафи бонки марказӣ баланд бардоштани меъёри сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд ба андозаи 3 баробар зиёд аз меъёри ҷорӣ, ки айни замон ин ташкилотҳо амал менамоянд;
- дар заминаи мувофиқа муттаҳид кардани як қатор ташкилотҳои қарзие, ки захираҳои пулию қарзии нокифоя доранд;
- аз рӯи омилҳои таъсиррасон маҳдуд кардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки фаъолияти заиф доранд ва ин метавонад муҳити фаъолияти бонкҳоро коста гардонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсени ДМТ - Ғаюров Ғ.**

**АДАБИЁТ**


1. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирин. – 2021. -№12(316); 2022, -№12(329).
2. Деньги, банковское дело и денежно-кредитная политика / Э.Дж. Долан [и др.]; пер. с англ. В. Лукашевича и др.; под общ.ред. В. Лукашевича. -М., 1996. -448 с.
3. Карль Маркс. Капитал. Том третий / К.Маркс. –М.: Издательство политической литературы, 1978.
4. Махшулов С.Д. Банковские кредиты как важный источник финансовых ресурсов для производства сельскохозяйственной продукции / С.Д. Махшулов, Б.Б. Ходжаев, К.С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№11. -С.5.
5. Махшулов С.Ҷ. Таъмини бехатарии низоми қарздиҳӣ дар шароити муосир / С.Ҷ. Махшулов, И.Қ. Ҷумаев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. -№4-2(34). -С.78.
6. Махшулов С.Ҷ. Хатари қарзӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он / С.Ҷ. Махшулов, Қ.С. Сафаров, Г.М. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. -№4-1(33). -С.198.
7. Хикматов У.С. Необходимость и значение кредитного бюро в сокращении рисков микрофинансирования / У.С. Хикматов, М.С. Хикматов // Вестник Кыргызско-Российского (славянского) университета. - 2013. -Т. 13. -№2. -С.22-25.
8. Хикматов У.С. Необходимость повышения финансовой грамотности населения (теоретический аспект) / У.С. Хикматов, М.Т. Койчуева // Вестник Кыргызско-Российского (славянского) университета. - 2015. -Т. 15. -№8. -С.174-178.
9. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj (санаи муроҷиат 23.02.2023)


**МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**


Муаллифон ба яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ барои тамоми бахшҳои иқтисодӣ муҳим ва зарурӣ мебошад, аҳаммияти зарурӣ дода, масъалаҳои рақобатпазириро дар сатҳи низоми

бонкӣ баррасӣ намудаанд. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии рушди устувори низоми бонкӣ дар шароити имрӯз, ин ташкили муҳити рақобатпазирӣ бо пешниҳоди афзалиётҳои амалиёт ва хизматрасониҳои гуногун иборат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ҳама шароит ташкили муҳити рақобат дар сатҳи низоми бонкӣ бояд аввалиндарача бошад. Таъмини муҳити рақобат дар заминаи фановариҳои замони муосир ҳамчун механизми зарурии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо маҳсуб меёбад, ки он ҷанбаи дигари муҳтавои мақолаи мазкур мебошад. Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии низоми бонкӣ дар шароити имрӯза хусусияти инноватсионӣ дошта, дар он бояд истифодаи технологияҳои муосири ҳозиразамон мавқеи асосӣ дошта бошад. Вобаста ба ин зарурат, мо ҷанбаҳои ибтидоӣ ва муосири сатҳи рақобатпазириро бо нишондиҳандаҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем.

**Калидвожаҳо:** рақобатпазирӣ, низоми бокнкӣ, сиёсати иқтисодӣ, таъмини устуворӣ, суботи низоми бонкӣ, бозори хизматрасонӣ, амалиётҳои бонкӣ, иқтидори иқтисодӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Авторы уделили должное внимание одному из основных вопросов, который важен и необходим для всех отраслей экономики в современных экономических условиях, и обсудили вопросы конкурентоспособности на уровне банковской системы. Потому что опыт показывает, что одним из главных факторов стабильного развития банковской системы в современных условиях является создание конкурентной среды с преимуществами различных операций и услуг. С этой точки зрения, при любых обстоятельствах создание конкурентной среды на уровне банковской системы должно быть первоочередной задачей. Обеспечение конкурентной среды на основе современных технологий рассматривается как необходимый механизм повышения эффективности деятельности банков, что также отражено в данной статье. Повышение уровня конкурентоспособности банковской системы в современных условиях носит инновационный характер, и использование современных технологий должно стать основным направлением деятельности. Исходя из этой необходимости в статье проанализированы оригинальные и современные аспекты и уровни конкурентоспособности в зависимости от индикаторов.

**Ключевые слова:** конкурентоспособность, банковская система, экономическая политика, обеспечение стабильности, устойчивость банковской системы, рыночные услуги, банковские операции, экономический потенциал.

## PROBLEMS OF ENSURING COMPETITIVENESS OF THE BANKING SYSTEM IN MODERN CONDITIONS

The authors paid due attention to one of the main issues, which is important and necessary for all sectors of the economy in modern economic conditions, and discussed issues of competitiveness at the level of the banking system. Because experience shows that one of the main factors for the stable development of the banking system in modern conditions is the creation of a competitive environment with the advantages of various operations and services.From this point of view, under any circumstances, creating a competitive environment at the level of the banking system should be a top priority. Ensuring a competitive environment based on modern technologies is considered as a necessary mechanism for increasing the efficiency of banks, which is another aspect of the content of this article. Increasing the level of competitiveness of the banking system in modern conditions is innovative in nature, and the use of modern technologies should become the main focus of activity. Based on this need, we analyzed and discussed the original and modern aspects of the level of competitiveness depending on. according to indicators.

**Keywords:** competitiveness, situation, policy, environment, relationships, market, service, bank, operation, power, risk, system, trend, economy, modernity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷураева Наргис*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **101-86-86-10**. E-mail: **hargis.juraeva.@mail.ru**

***Ҷиҳонова Зебуниссо Абдураҳмоновна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **905-07-06-97**. E-mail: **zebo.chikhonova.@bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Джураева Наргис*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **101868610**. E-mail: **hargis.juraeva.@mail.ru**

***Джиханова Зебуниссо Абдурахмоновна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **905-07-06-97**. E-mail: **zebo.chikhonova.@bk.ru**

**Information about the authors:** ***Dzhuraeva Nargis*** - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Economics and Management. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. Phone: **101868610.** E-mail: **hargis.juraeva.@mail.ru**

***Dzhikhanova Zebunisso Abdurakhmonovna*** - Tajik State University of Finance and Economics, applicant of the Department of Banking. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. Phone: **905-07-06-97.** E-mail: **zebo.chikhonova.@bk.ru**

ТДУ: 336.01+336.6

# ТАМОЮЛИ ТАҒЙИРЁБИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Хидиралиев Р.З., Имомов М.Қ., Рустамов Р.У.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорон яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаб ба ҳисоб меравнад. Бо ин мақсад дар ҷалби сармоягузорон дар тамоми давлатҳо имкониятҳои хуб барои сармоягузорон пешниҳод гардидааст. Дар давлатҳои рушдкарда барои ҷалби сармоягузорон бозорҳои молиявӣ ташкил карда шудааст, ки онҳо дар он бозорҳо иштирок намуда, сармоягузориҳоро дар корхонаҳои ин ё он давлат равона намуда, фоидаи зиёдро ба даст оварда истодаанд.

Дар шароити муосир бозори молиявие, ки дар тақсимоти маблағҳо байни субъектҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ ва низоми бозорӣ миёнарав мебошад, иштирокчии асосӣ дар ҷалби сармоягузориҳо ба сектори воқеии иқтисодиёт мегардад. Дар баробари ин, дар бозори молиявӣ ширкат метавонад захираҳои сармоягузориро танҳо дар ҳамон шароите пайдо кунад, ки дар айни замон аксари муомилоти молиявӣ тибқи онҳо анҷом дода мешавад ва танҳо аз ҳамон манбаъҳое, ки маҳдудиятҳои мавҷудаи сармоягузории корхонаро қонеъ мекунанд [3,с.45].

Сармоягузорӣ унсурест, ки фаъолияти пурсамари системаи молиявӣ-қарзии иқтисодиёти миллиро таъмин менамояд. Фаҳмидани он, ки сармоягузорӣ на хароҷот, балки гузоштани маблағ барои ба даст овардани фоида ва бехтар намудани вазъи молиявии кишвар дар оянда мебошад, хело муҳим аст. Истифодаи сармоягузориҳо тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ҳам давлат ва ҳам корхона нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Мушкилоти ҷалби сармоя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои мақомот ва ҳам барои тиҷорат ҳамеша як масъалаи калидӣ будааст. Дар замони зарбаҳои иқтисодӣ ва дар давраи пас аз бухронӣ ҳалли ин мушкилот боз ҳам тезу тундтар мегардад.

Марҳилаи муҳимтарини рушд ва фаъолияти бомуваффақияти фаъолияти сармоягузорӣ муносиб кардани манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ мебошад. Айни замон ба масъалаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дурнамои имконпазири рушди шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла гузаштҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Сарфи назар аз таҳқиқотҳои бисёртарафае, ки олимон ва таҷрибаомӯзон дар соҳаи таҳқиқот ва имкони ҷалби манбаъҳои нави сармоягузорӣ, истифодаи усулҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноктар, ҷалби захираҳои сармоягузорӣ бо мақсади асоснокии молиявии лоиҳа ба кор бурдаанд, боз бисёр мушкилотҳои соҳавӣ вуҷуд дорад ва аксари саволҳои ин соҳа ҷавоби таъҷилиро талаб мекунад.

Дар ҳолати пастшавии нақшаи истеҳсолоти миллӣ ва ба маҳсулоти воридоти гузаштани ҳаҷми калони бозори дохилӣ вобастагии иқтисоди мамлакатро бо давлатҳои ҷаҳон зиёд мегардонад. Барои баромад аз ин марҳилаи мазкур, бояд омилҳои таъсиррасон дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ бартараф карда шаванд [9,с.24].

Омилҳои мазкур ба ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва фазои сармоягузории мамлакат таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин хотир, барои бартараф намудани омилҳои мазкур имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт барои ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ имтёзҳои зиёд ҷорӣ намудааст, ки ҳамаи сармоягузорон метавонанд аз он имтиёзҳои додашуда истифода баранд.

Ба ғайр аз омилҳое, ки иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии байналхалқии ширкатҳои ватанӣ мақоми хоссаро касб мекунад. Барои аз байн бурдани омилҳои таъсирасон дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз ҷониби давлат бисёр муаммоҳо аз байн бурда шуда истодааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии бозори иқтисод, барои ин на танҳо азнавсозии техникии таҷҳизотҳо, ки бе он рушди сифатии истеҳсолот ғайриимкон аст, балки сафарбаркунии захираҳои молиявии дохилӣ ва хусусан, захираҳои молиявии беруна зарур мебошанд, ки

ин ба иштироки мамлакат дар равандҳои байнидавлатии сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст. Аз тарафи дигар, раванди мутобиқшавӣ ба тадбирҳои маҳдудкунандаи хусусияти иқтисодидошта аз корхонаҳои муосири Тоҷикистон васеъшавӣ ва амиқгардонии алоқаҳои дутарафаро тақозо менамояд, ки он дар навбати худ ширкатҳоро водор месозад, ки ҷустуҷӯи имкониятҳои иловагии баланд бардоштани хоҷагидориро амалӣ намоянд.

**Расми 1. Омилҳои таъсиррасон ба ҷалби сармоягузорҳо**
**Figure 1. Factors influencing the attraction of investors**




Таҳияи муаллифон

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд монеаву мушкилотҳо дучор меояд ва барои пешгирӣ ва бартараф намудани ин, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароит барои сармоягузории хориҷӣ хело зарур аст. Таҷрибаи аксари давлатҳо нишон медиҳад, ки ба туфайли истифода аз сармояи хориҷӣ аз бухрони шадиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромадаанд. Ногуфта намонад, ки дар шароити имрӯзаи ҷумҳурии мо, касри буҷет ва муфлисшавии шумораи зиёди корхонаҳои саноативу кишоварзӣ ба назар мерасад [5,с.96]. Маҳз ҳамин омилро ба назар гирифта, зарурати ҷалбнамоии сармоягузории хориҷӣ пеш омадааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади азнавсозӣ ва таҷдиди корхонаҳо, муҳайё намудани ҷойҳои корӣ, рақобатпазир намудани он дар бозори дохил ва хориҷа ба роҳ монда мешавад. Барои ҳамин, ҷалбнамоии васеи сармояи хориҷӣ яке аз масъалаҳои умумӣ дар сиёсати иқтисоди хориҷии кишварамон ба ҳисоб меравад.

Сармоягузории хориҷӣ ифодакунандаи ҳамон маблағи сармоя мебошад, ки аз ҷониби сароягузорони хориҷӣ мувофиқи мақсаду муҳлати муайян барои объектҳои моддию ғайримоддӣ бо тамоми шаклҳои он ва ба хотири ба даст овардани фоида (даромад), афзоиши маҷмуи маҳсулот, фурӯш, захираҳои молиявӣ ва дарёфти самараҳои дигар, ки на ҳамеша ба манфиати иқтисодӣ вобаста мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

Ба сармоягузории портфелӣ (ба истиснои вомбаргҳои давлатӣ) ҳаҷми ниҳоят хурд хос аст, ки мустақиман ба дараҷаи ғайрикофии инкишофи бозори фонд, номукаммалии механизми суғуртаи хавфҳо ва ғайришаффоф будани сохторҳои интишордиҳандаи коғазҳои қиматнок вобаста мебошад.

Аз маълумотҳои дар ҷадвалӣ 1 овардашуда бар меояд, ки дар таркиби сармоягузориҳои хориҷӣ бештар суръати афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ ба назар мерасад. Ҳолати афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дар солиҳои 2007-2015 таҳлил намоем, дар соли 2007 - 388, 4 млн доллар ва 2015 – 470,9 млн долларро ташкил медиҳад [13,с.4]. Дар соли 2015 - 82,5 мил доллар бо фоиз 21,2% нибати соли 2007 самоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ворид гардидааст.

Агар соли 2007-2021-ро таҳлил намоем, дар соли 2007 ҳаҷми сармоягузории мустақими ҳориҷӣ 388,4 млн доллар ва дар соли 2021 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ 342,2 млн долларро ташкил медиҳад, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 2007 - 46,2 млн доллар бо фоиз 13,5% сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ворид гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёт аз мавқеи инкишофи иқтидори содиротию истеҳсолии он ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ таъсири хуб мерасонад. Аз ин лиҳоз, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ барои иқтисодиёт яке аз омилҳои пураҳаммият ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Ҷадвали 1. Таҳлили аналитикии ҳаҷми шаклҳои сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2021**

**Table 1. Analytical analysis of the volume of foreign investment in the Republic of Tajikistan in 2007-2021**

| солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн. доллари амрикоӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории портфелӣ | |
| *2007* | *388,4* | *472,2* | | ***860,6*** |
| *2008* | *425,7* | *563,6* | | ***989,3*** |
| *2009* | *89,4* | *293,8* | | ***383,2*** |
| *2010* | *238,9* | *228,2* | | ***467,1*** |
| *2011* | *161,4* | *164,0* | *0,1* | ***325,5*** |
| *2012* | *391,3* | *355,0* | *0,1* | ***746,4*** |
| *2013* | *341,1* | *670,6* | *0,2* | ***1011,9*** |
| *2014* | *377,4* | *530,4* | *1,4* | ***909,2*** |
| *2015* | *470,9* | *506,9* | *0,0* | ***977,8*** |
| *2016* | *434,2* | *408,4* | *0,1* | ***842,7*** |
| *2017* | *354,5* | *245,9* | *500,0* | ***1100,4*** |
| *2018* | *326,8* | *317,7* | | ***644,5*** |
| *2019* | *345,9* | *261,1* | *0,1* | ***607,1*** |
| *2020* | *162,5* | *265,9* | | ***428,4*** |
| *2021* | *342,2* | *376,0* | *0,1* | ***718,3*** |
| ***Ҳамагӣ*** | ***4850,6*** | ***5659,7*** | ***502,1*** | ***11012,4*** |

Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Дар бораи дигар намуди сармоягузориҳо агар ҳарф занем, ба он дохил мешаванд қарзҳои тиҷоратӣ ва қарзҳои дигар, яъне аз маблағҳои кӯтоҳмуддат иборат буда, бо мақсади ба даст овардани фоида истифода мешаванд. Ин намуди сармоягузориҳо ҳам зиёд гарданд, боиси пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир тамоюли намоёни болоравӣ нишон медиҳад. Аз рӯи суръати афзоиш дар айни ҳол СМХ бартарӣ доранд ва болоравии ҳиссаи онҳо дар арзиши сармоягузориҳои андӯхташуда ба назар мерасанд. Вазни қиёсии сармоягузориҳои қарзӣ, гарчанде поён рафта бошад ҳам, то ҳол хеле назаррас боқӣ мемонад.

Дар асоси маъмумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021 718,3 млн доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз он 342,2 млн доллари амрикоӣ сармояҳои мустақим, 0,1 млн доллари амрикоӣ сармояҳои портфелӣ ва 376,0 млн доллари амрикоӣ дигар намуди сармояҳо мебошанд.

Дар асоси диаграмма таҳлил намоем соли 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 179,7 млн доллари амрикоӣ ё 110,6% ва дигар намуди сармояҳо ба маблағи 110,6 млн доллари амрикоӣ ё 41,7% зиёд шудааст.

Вобаста ба ҳаҷми воридоти сармоягузориҳо ҳамасола таҳлил намоем, бештари сармоягузориҳо сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба назар мерасанд. Асоси зиёд воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нисбат ба сармоягузориҳои портфелӣ ин аст, ки дар он сармоягузори хориҷӣ ҳуқуқи назорат ба объектҳои сармоягузоришавандаро доро мебошад.

Агар ҳаҷми сармоягузориҳоро дар асоси воридшавӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намоем, бештар аз ҳисоби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мебошад. Имрӯзҳо тамоми сармоягузорони хориҷӣ ҳаракат мекунанд дар давлате сармоягузории мустақимро ба роҳ монанд, ки дар он давлат суботи амниятӣ пойдор бошад, фоидаи зиёд ба даст оранд ва раванди фаъолияти молиявии корхонаро идора

намуда, фаъолияти онро ба танзим даноранд. Аз ин хотир, ҳар як сармоягузор дар шароити имрӯза кӯшиш менамояд, ки бештар сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба роҳ монанд.

**Диаграммаи 1. Ҷалби ҳаҷми сармояи хориҷӣ дар солҳои 2020-2021**
**Diagram 1. Attraction of foreign capital in 2020-2021**

млн. доллар




Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳоро таҳлил намоем, дар диаграмма тамоюли рушди воридоти онҳо ба назар мерасанд. Аз рӯи соҳаҳо таҳлил намоем, бештари сармоягузорӣ ба соҳаи саноати истихроҷ рост меояд. Сабаби дар соҳаи истихроҷ зиёд ворид гардидани сармоягузориҳо дар шароити имрӯза, ин зиёд будани даромаднокии онҳо нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат мебошад [10,с.86].

**Диаграммаи 2. Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2021**
**Chart 2. Attracting foreign direct investment to industries in 2021**

(доллар)




Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021.

Дар шароити имрӯза аз рӯи соҳаҳо гирем бештар сармоягузориҳои мустақим асосан ба саноати истихроҷ – 194,6 млн доллари амрикоӣ (ё 56,9%), натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ – 43,4 млн доллари амрикоӣ (ё 12,7%), саноати коркард – 34,0 млн доллари амрикоӣ (ё 9,9%), соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн доллари амрикоӣ (ё 8,3%), соҳаи сохтмон – 8,1 млн доллари амрикоӣ (ё 2,4%), соҳаи нақлиёт ва алоқа – 7,1 млн доллари амрикоӣ (ё 2,1%) ва ғайра 26,5 млн доллари амрикоӣ (ё 7,8%) равона карда шудаанд. Дар асоси диаграммаи овардашуда таҳлил намоем, бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соҳаи саноати истихроҷ ва фаъолияти молиявӣ зиёдтар равона гардидааст.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" ба дигар намуди сармояҳои хориҷӣ асосан ба соҳаи фаъолияти молиявӣ – 266,2 млн доллари амрикоӣ (ё 70,8%), соҳаи сохтмон – 88,4 млн доллари амрикоӣ (ё 23,5%), нақлиёт ва алоқа –

3,3 млн доллари амрикоӣ (ё 0,9%), соҳаи саноат – 0,6 млн доллари амрикоӣ (ё 0,2%) ва дигар соҳаҳо – 17,5 млн доллари амрикоӣ (ё 4,6%) равона карда шудаанд. Таҳти мафҳуми «Дигар намуди сармоягузорӣ» қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд дар назар дошта мешавад.

**Диаграммаи 3. Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи давлатҳо дар солҳои 2007-2021**
**Chart 3. Import of foreign capital by country in 2007-2021**

(млн. доллар)




Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯи давлатҳоро таҳлил ва муқоиса намоем, дар солҳои 2007-2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештари онҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой – 3 млрд 252 млн доллари амрикоӣ ё 29,5% (алоқа, сохтмон хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон ва дигар намуди хизматрасониҳо), Федератсияи Россия- 1 млрд 647,9 млн доллари амрикоӣ ё 15,0% (сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат сохтмон, савдо энергетика, туризм ва дигар намуди хизматрасонӣ), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – 712,8 млн доллари амрикоӣ ё 6,5% (алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат), Британияи Кабир – 714,6 млн доллари амрикоӣ ё 6,5% (омӯзиши геологӣ, истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат ва савдо), Қазоқистон 585,7 млн доллари амрикоӣ ё 5,3% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), Филиппин – 581,7 млн доллари амрикоӣ ё 5,3% (кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, маориф), Люксембург – 461,8 млн доллари амрикоӣ ё 4,2% (хизматрасонии молиявӣ), Эрон – 314,4 млн доллари амрикоӣ ё 2,9% (саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо), Озарбойҷон – 242,0 млн доллари амрикоӣ ё 2,3% (хизматрасонии молиявӣ), Австрия – 254,8 млн доллари амрикоӣ ё 2,3% (хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ), Кипр – 237,8 млн доллари амрикоӣ ё 2,2% (сохтмон, туризм, савдо), Арабистони Саудӣ - 288 млн доллари амрикоӣ ё 2,6% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), Аморати Муттаҳидаи Араб - 204,5 млн доллари амрикоӣ ё 1,9% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), Туркия – 221,7 млн доллари амрикоӣ ё 2% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), Олмон – 197,2 млн доллари амрикоӣ ё 1,8% (хизматрасонии молиявӣ), Швейтсария – 204,5 млн доллари амрикоӣ ё 1,9% (хизматрасонии молиявӣ), Фаронса – 125,8 млн доллари амрикоӣ ё 1,1% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо) ва дигар давлатҳо – 765,2 млн доллари амрикоӣ ё 6,9% мебошанд [13,с.6].

Аз рӯи маълумотҳои диаграмма муқоиса намоем, воридоти сармоягузориҳоро вобаста ба давлатҳое, ки сармоягузорӣ намуданд, бештари сармоягузориҳои хориҷӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Қазоқистон, Филиппин, Люксембург ва Эрон мебошад. Дар доираи ин маълумотҳои овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки ин давлатҳое мебошанд, ки ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд доранд ва бештар мехоҳанд сармоягузорӣ намоянд. Давлатҳое, ки имрӯзҳо зиёдтар ба мо сармоягузорӣ намуданд, ин давалтҳои рушдкарда мебошанд ва бештари сармоягузориҳои онҳо ба соҳаҳои саноати истихроҷ ва хизматрасониҳои молиявӣ мебошанд.

**Диаграммаи 4. Ҳаҷми воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2021**
**Chart 4. The volume of foreign direct investment inflows in 2007-2021**




Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Аз рӯи ҳаҷми воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҳлил ва муқоиса намоем, дар солҳои 2007-2021 асосан ба соҳаҳои энергетика – 598,3 млн доллари амрикоӣ, алоқа - 527,9 млн доллари амрикоӣ, сохтмон – 396,6 млн доллари амрикоӣ, хизматрасонии молиявӣ – 476,8 млн доллари амрикоӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1657,2 млн доллари амрикоӣ, саноат – 747,8 млн доллари амрикоӣ, савдо – 55,3 млн доллари амрикоӣ, саноати хӯрока – 12,4 млн доллари амрикоӣ, сохтмони роҳҳо – 14,3 млн доллари амрикоӣ, тандурустӣ – 5,1 млн доллари амрикоӣ, кишоварзӣ – 106,1 млн доллари амрикоӣ, сайёҳӣ – 39,4 млн доллари амрикоӣ, маориф – 47,3 млн доллари амрикоӣ, нақлиёт – 7,6 млн доллари амрикоӣ, саноати сохтмонӣ – 16,2 млн доллари амрикоӣ ва дигар соҳаҳо – 132,2 млн доллари амрикоӣ равона шудааст.

Имрӯзҳо дар мамлакат тамоюли воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷиро таҳаҳлил намоем, бештар ба соҳаҳои аҳммияти муҳимми иқтисодӣ ва фоиданокии он зиёдтар мебошад, сармоягузории мустақими хориҷӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Масалан, сармоягузории мустақими хориҷӣ ба истихроҷи канданиҳои фоиданок, энергетика, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва алоқа бештар ворид гардидааст.

Бо мақсади рушди истеҳсолот ва рушд додани соҳаҳои истеҳсолот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшин намуда истодааст, ки бештар сармоягузориҳои мустақисми хориҷиро ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ баробар тақсим намуда ва дар ҳамаи минтақаҳо захираҳои мавҷуд буда самаранок истифода бурда шаванд.

Дар асоси маълумотҳои диаграмма таҳлил намоем, дар солҳои 2008-2021 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 7 млрд 384,8 млн. доллари амрикоӣ ё 68%, Вилояти Суғд – 2 млрд 406,4 млн доллари амрикоӣ ё 21%, Вилояти Хатлон – 876,1 млн доллари амрикоӣ ё 8,3%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 103,7 млн доллари амрикоӣ ё 1% ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 231,5 млн доллари амрикоӣ ё 2,2% равона гардидааст [2,с.28].

**Диаграммаи 5. Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2007-2021**

**Diagram 5. Import of foreign investments to regions of the republic in 2007-2021**

(млн. доллар)




Сарчашма: Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ сармоягузорӣ нобаробар тақсим гардидаанд. Мақоми аввалро дар ҷалби сармоягузорӣ ш. Душанбе ишғол менамояд, ки дар марҳилаи таҳлилшаванда ба он 7384,8 млн доллари ИМА маблағ ворид гардидааст. Душанбе аз нигоҳи сармоягузорӣ диққатҷалбкунанда мебошад ва инфрасохтори иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорӣ рушдкардаи ш. Душанбе имконият медиҳад, ки маблағҳои зиёдтар ба иқтисодиёти шаҳр ворид карда шаванд. Ба вилояти Суғд 2406,4 млн доллари ИМА сармоягузорӣ карда шудааст. Сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон 876,4 млн доллари ИМА, НТҶ, 231,5 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд. Сармоягузорӣ дар давраи солҳои 2007-2021 ба ВМКБ 103,7 млн доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбати дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ камтар мебошад. ВМКБ дорои захираҳои зиёди табиӣ буда, дар сурати беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва ташкил намудани заминаи моддии ҷалби сармоягузорӣ, ташкили инфрасохтори иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамояд [12,с.78].

Аз маълумоти овардашуда таҳлил намоем, бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба шаҳри Душанбе мебошад ва ин зиёдворидшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба шаҳри Душанбе аз он шаҳодат медиҳад, ки мавқеи ҷойгиришваии он барои сармоягузорони хориҷӣ диққат ҷалбкунанда буда, аз ин хотир, бештари самоягузориҳои хориҷӣ ба ин минтақаи ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Дар маҷмуъ, воридоти ҳамаи намуди сармоягузориҳоро таҳлил намоем, дар мамлакат бештар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тамоюли зиёдшавиро дорад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи сармоягузорон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст. Ин зиёдшавӣ бо дастгириҳои роҳбари оқилу донои мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар тамоми сафарҳои ба хориҷа намудаш бо соҳибкорон ва сармоягузорони ҳамон давлатҳо вохӯриҳо намуда, шароитҳои хуби сармоягузориро ба онҳо пешниҳод менамояд ва онҳоро барои дар Тоҷикистон сармоягузорӣ намудан, даъват менамояд.

Дар ҷамъбасти мақола хулоса намудан мумкин аст, ки имрӯзҳо бо мақсади рушди истеҳсолот ва тараққӣ додани тамоми соҳаҳои иқтисодиёт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ҷалби сармоягузорони ҳориҷӣ дар тамоми самти фаъолиятҳои онҳо имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва сабукиҳо дар равандҳои бақайдгирии дар фаъолияти онҳо ҷорӣ намудааст, ки воридоти сармоягузориҳо дар мамлакат зиёд гарданд. Аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки тамоюли зиёдшавии сармоягузориҳо аз рӯи воридоти сармоягузориҳои давлатҳо бештар сармоягузориҳои хориҷӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Қазоқистон, Филиппин, Люксембург ва Эрон ва аз рӯи соҳаҳо агар таҳлил намоем, бештар ба соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок, энергетика, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва алоқа ворид гардидааст.

Дар баробари ин, тамоюли рушди сармоягузориҳои хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам кӯшиш намуда истодааст, ки таҷрибаи давлаҳои хориҷиро омӯхта,

раванди сармоягузориҳоро боз ҳам аз ин зиёдтар намуда, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва раванди истеҳсолотро зиёд гардонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Исмоилов А.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Бердиев Р.Б. Омилҳои институтсионалии рушди сармоягузорӣ дар давраи Шуравӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореферат дис. док. илмҳои иқтисодӣ / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
2. Блауг М. Рушди сармоягузорӣ аз назари иқтисодӣ / М. Блауг. –М., 1994. -46 с.
3. Игонина Л.Л. Сармоягузоӣ: Васоити таълимӣ / Л.Л. Игонина; Дар таҳрири. В.А. Слепова. -М.: Юристъ, 2012. -480 с.
4. Индекси қабули коррупсионии соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://gtmarket.ru/ratings/corruption-perceptions-index/info. (12. 04. 2019).
5. Кейнс Ц.М. Назарияи умумии истифодаи фоизщо ва пул. Назарияи иқтисодии классикӣ / Дж.М. Кейнс. -М: Эксо, 2007. -960 с.
6. Қодиров Ф.А. Бехатарии иқтисодии иқтисодиёти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷалби шаклҳои минтақавии сармоягузории хориҷӣ: дис. и.и. иқтисодӣ / Ф.А. Қодиров. -Душанбе, 2010. -С.21.
7. Маркс К. Сармоя / К.Маркс. -М.: Адабиёти сиёсӣ, 1975. -Т. 2. -752 с.
8. Нешитой, А.С. Сармоягузорӣ: Нешитой,-6. -М.: «Дашков и К0», 2010. -23 с.
9. Сармоягузорӣ: Васоити таълимӣ / Дар таҳрири. В.В. Ковалева. -М.: Проспект, 2008. -360 с.
10. Сармоягузорӣ: Васоити таълимӣ / Дар таҳрири. М.В. Чиненова. -М.: Кно Рус, 2011. -368 с.
11. Сафоев А.К. Инвестиционно-инновационные аспекты индустриализации экономики Республики Таджикистан в современных условиях / А.К. Сафоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№5. -часть I. –С.71-76.
12. Хоҷаев Д.Қ. Таъсири ҳамгироии минтақавӣ ба раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти н.и.и. / Д.Қ. Хоҷаев. -Душанбе, 2018. -156 с.
13. Ҳисоботи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.
14. Ҳофизов Ҳ.А. Таъмини сармоягузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -Душанбе, 2023. -№1(81). -С.247-262.
15. Шарипов И.О. Научный подход к изучению некоторых теоретических аспектов инвестиций и их классификация / И.О. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№3. –С.39-46.


## ТАМОЮЛИ ТАҒЙИРЁБИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола моҳияти сармоягузорӣ шарҳ дода шуда, андешаҳои муфид оид ба имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти кишвар оварда шудааст. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда шарҳ дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сармоягузории мустақим таҳлил карда шудааст. Дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сармоягузорӣ, инчунин омилҳои таъсиррасон ба ҷалби сармоягузориҳои мустақим гурӯҳбандӣ карда шуда, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода шудааст. Зимни таҳқиқи мавзуъ аз ҷониби муаллифон шаклҳои сармоягузорӣ оварда шуда, хусусиятҳои сармоягузории портфелӣ шарҳ дода шудааст. Дар мақола нишондиҳандаҳои сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, таҳлили аналитикӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ вобаста ба соҳаҳои кишвар, ҳаҷми воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, тамоюлҳои онҳо муайян карда шудааст. Ҳамчунин, дар мақола дар асоси маълумотҳои дар диаграмма ва ҷадвалҳо оварда шуда, таносубҳои тақсими сармоягузориҳо ба соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар муайня карда шуда, андозаҳои онҳо нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ, сармоягузории давлат, ҷалби сармоягузорӣ, ташкилотҳо, фазои сармоягузорӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, сармоягузори мустақим, инноватсия, сармоягузори ғайримустақим.


## ТЕНДЕНЦИИ ИЗМЕНЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье объясняется сущность инвестиций и приводятся полезные идеи о возможностях привлечения инвестиций и их роли в экономике страны. Объясняется важность исследуемой темы, анализируются теоретические и практические аспекты прямых инвестиций. Наряду с теоретическими и практическими аспектами инвестирования, а также факторами, влияющими на привлечение прямых инвестиций, они сгруппированы и каждый из них поясняется отдельно. В ходе исследования темы авторы представили формы инвестирования и объяснили особенности портфельного инвестирования. В статье представлены показатели иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан, аналитический анализ привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан, объем прямых иностранных инвестиций, связанных с отраслями страны, объем иностранных инвестиций. Определен приток прямых инвестиций в Республику Таджикистан и их тенденции. Также на основе данных, представленных на диаграмме и в таблицах, в статье рассмотрены коэффициенты распределения инвестиций по отраслям и регионам страны и показаны их размерности.

**Ключевые слова:** инвестиции, иностранные инвестиции, государственные инвестиции, привлечение инвестиций, организации, инвестиционное пространство, внутренний продукт, прямой инвестор, инновации, косвенный инвестор.

**TRENDS CHANGES IN FOREIGN INVESTMENTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article explains the essence of investment and provides useful ideas about the possibilities of attracting investment and their role in the country's economy. The importance of the topic under study is explained, and the theoretical and practical aspects of direct investment are analyzed. Along with the theoretical and practical aspects of investing, as well as factors influencing the attraction of direct investment, they are grouped and each of them is explained separately. During the study of the topic, the authors presented forms of investment and explained the features of portfolio investment. The article presents indicators of foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan, an analytical analysis of attracting foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan, the volume of foreign direct investment related to the country's industries, the volume of foreign investment. The influx of direct investment into the Republic of Tajikistan and their trends have, been determined. Also, based on the data presented in the diagram and tables, the article examines the coefficients of distribution of investments by industry and region of the country and shows their dimensions.

**Keywords**: investments, foreign investments, public investments, attracting investments, organizations, investment space, domestic product, direct investor, innovation, indirect investor.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**

***Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Телефон: **(+992) 880801355**

***Рустамов Раҳим Умаршоҳович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-510-90-60**

**Сведения об авторах:** ***Хидиралиев Рустам Зулфалиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры финансов и налогообложения. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 939-00-07-37**

***Имомов Муродали Курбонмахмадович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры финансов и налогообложения. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 880801355**

***Рустамов Рахим Умаршохович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, зав. кафедрой экономического анализа и статистики. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-510-90-60**

**Information about the authors:** ***Khidiraliev Rustam Zulfalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **hidir.88@mail.ru**. Phone: **(+992) 939-00-07-37**

***Imomov Murodali Kurbonmahmadovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Phone: **(+992) 880-80-13-55**

***Rustamov Rahim Umarshokhovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis and Statistics. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **rustamovtj@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-510-90-60**

ТДУ: 631.672:628.16.004.14

# МУШКИЛОТИ АСОСИИ РУШДИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАИ УСТУВОРИ ОБ ВА СИСТЕМАИ ПАРДОХТИ ОБ ДАР КИШОВАРЗИИ ОБЁРИШАВАНДА

*Абдумухторозода Нигина Абдумухтор*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Солҳои охир дар бахши об мушкилот вобаста ба таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, афзоиши буҳрони молиявӣ, урбанизатсия, зуҳуроти фавқулоддаи гидрометеорологӣ, зери таъсири зуҳуроти иқлимии коҳиши захираҳои об, афзоиши талабот ба захираҳои об вобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ ва ғайра афзоиш ёфта истодааст.

Ба фаъолияти бахши об, истифодаи об, аз ҷумла мутобиқсозии идоракунии об ба шароити нави иқтисодӣ, дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодии дар ҷумҳурӣ рухдода низ таъсир мерасонанд.

Дар ҷумҳурӣ, яке аз омилҳои муҳиме, ки ба таъминоти об таъсир мерасонад, афзоиши баланди аҳолӣ мебошад. Афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ 2,52 талаботи обро 6% зиёд мекунад. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ андешидани чораҳои таъхирнопазирро барои танзими одилона ва оптималии захираҳои об, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ба истеҳсолот, идоракунии талабот ба об, идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об ва дар ниҳоят истифодаи самараноки обро талаб мекунад.

Баланд бардоштани устувории экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои обу замин шарти зарурии таъмини самаранокии кишоварзӣ, ташкили низомҳои устувори истифодаи об мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти баландсифат дар ҳаҷми мувофиқ, ба самаранокии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд ва ҳифзу такрористеҳсоли ҳосилнокии хок, устувории экологии системаҳои обро таъмин мекунанд.

Бояд қайд кард, ки гузариш ба модели рушди устувор сатҳи сифатан гуногуни фаъолияти ҳифзи табиат, таҳия ва истифодаи амалии технологияҳои каммасрафи истифодаи замин ва обро дар бар мегирад, ки тавассути он самаранокии максималии фаъолияти истеҳсолиро ноил шудан мумкин аст. Ҳангоми асоснок кардани он, маҳдудияти қобилияти бозор ва нотавонии минтақаҳоро барои мустақилона мубориза бурдан бо мушкилоти экологӣ бояд ба назар гирифт. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои устувории низоми истифодаи об дар заминаи истифодаи усулҳои гуногуни танзими давлатӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ ва бехатарии экологии фаъолияти системаҳои хоҷагидорӣ равона шудаанд, баррасӣ карда мешаванд.

Дар байни воситаҳои гуногуни давлатӣ (ҷадвали 1) пардохтҳо барои истифодаи захираҳои обу замин аҳаммияти муҳим доранд.

**Ҷадвали 1. Усулҳои танзими давлатии механизми истифодаи устувори об**
**Table 1. Methods of state regulation of the mechanism of sustainable water use**

| *Индикативӣ* | *Маъмурӣ* |
|---|---|
| Истифодаи пулакии об | Иҷозатномадиҳӣ |
| Ҷаримаҳо | Муқаррар намудани лимити истифодаи об |
| Суғуртаи экологӣ ва аудит | Экспертизаи экологӣ ва иқтисодии лоиҳаҳои экологӣ |
| Муқаррар намудани имтиёзҳои андоз ва дигар имтиёзҳо барои ҷорӣ намудани технологияи камоби истифодаи об ва ғайра | Такмили қонунгузорӣ оид ба истифодаи об |
| Муқаррар намудани меъёрҳои афзудани амортизатсияи фондҳои асосии истеҳсолии экологӣ | Саводнокии экологӣ |
| Истифодаи нархҳои ҳавасмандкунанда ва мукофот барои маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза | Ташкили фондҳои махсуси экологӣ ва назорат аз болои истифодаи мақсадноки онҳо |
| Додани қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳое, ки муҳити зистро самаранок ҳифз менамоянд | Гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои инвеститсионии комплекси тадбирҳои мелиоративӣ |

Ба андешаи мо, муҳим он аст, ки механизмҳои зикршудаи танзими системаи истифодаи об дар методологияи муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии самаранокии чорабиниҳои ҳифзи табиат инъикос меёбанд. Арзёбии таъсири усули ҳавзавии идоракунии истифодаи об ба методологияи муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии устувории кишоварзии обёришаванда тавассути андозаи пардохтҳо барои истифодаи захираҳои обу замин, ташаккули фарҳанги сифатан нави соҳибкорӣ, тағйир додани андозбандӣ, васеъ кардани таҷрибаи пардохтҳо барои татбиқи чорабиниҳои ҳифзи табиат ва ғайра гузаронида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ пардохти хизматрасонии об дар соҳаи кишоварзии обёришаванда тибқи Қарори Ҳукумат аз 26 июни соли 1996 таҳти №281 ҷорӣ карда шуд. То ин вақт хароҷоти хизматрасониҳои обёрии замин пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ пӯшонида мешуд. Гарчанде ҳаққи хизматрасонии об то андозае ба вазъи кунунӣ мутобиқ карда шудааст, аз ҷониби аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ ин муқаррарот риоя карда намешавад.

Натиҷаҳои озмоишҳо мақсаднокии ҷорӣ намудани истифодаи пулакии обро барои корхонаҳои кишоварзӣ тасдиқ карданд, ки аз инҳо иборатанд: кам кардани истеъмоли оби зироатҳои кишоварзӣ; кам кардани хароҷоти ҷорӣ барои нигоҳдорӣ ва истифодаи низомҳои обёрӣ; афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон; баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ; беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо ва дар ниҳоят, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии обёрии заминҳо [6].

Инчунин, принсипи пардохти истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ эътироф гардид ва дар бисёр кишварҳои ҷаҳон васеъ истифода бурда мешавад, ки дар он маблағҳои дар шакли пардохти об ситонидашуда хароҷоти сохтмон ва истифодаи системаҳои хоҷагии обро пурра ё қисман мепӯшонанд.

Бояд қайд кард, ки дигаргуниҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ аз равандҳои ислоҳоти хоҷагии халқ хеле қафо мондаанд. Дар ин соҳа механизмҳои иқтисодии идоракунии истифодаи об ба таври васеъ истифода нашудаанд. Масъалаи истифодаи оби пулакӣ дар кишоварзии обёришаванда то имрӯз ҳал нашудааст, гарчанде пардохтҳо барои истифодаи захираҳои об дар механизми иқтисодии истифодаи табиат ҷойгоҳи марказӣ доранд. Самти асосии баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ин ҳолат ҳавасмандгардонии иқтисодии коҳиши истеъмоли об ва талафоти ғайриистеҳсолии об аз ҳисоби рушди технологияҳои обтаъминкунии истифодаи об мебошад. Илова бар ин, нигоҳдорӣ ва рушди системаҳои мелиоративии байнихоҷагӣ аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ амалӣ карда мешавад, ки сатҳи он барои фаъолияти муқаррарии онҳо кофӣ нест.

Сатҳи пасти дастгирии молиявии давлат дар соҳаи истифодаи об ба суст шудани хизматрасонии истифодаи системаҳои мелиоративӣ, бад шудани ҳолати техникии онҳо оварда расонд. Бисёр иншоотҳои гидротехникӣ, истгоҳҳои насосӣ, каналҳо, қубурҳо дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, низомҳои обёрӣ бо воситаҳои обтаъминкунӣ хеле паст муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Ҳамаи ин аз зарурати таҳияи механизмҳои муосири ҷалби манбаъҳои маблағгузории системаи обтаъминкунӣ ва мелиоративӣ шаҳодат медиҳад ва пардохт барои истифодаи захираҳои об (дар баробари рушди механизми субсидияи фоизҳо аз рӯйи қарзҳои бонкӣ, лизинг, ширкатҳои обтаъминкунӣ ва суғуртаи экологӣ, такмили сиёсати амортизатсия ва андоз ва дигар технологияҳо), бояд яке аз манбаъҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ бошад.

Бояд қайд кард, ки масъалаи муносибати байни ташкилотҳои хоҷагии об ва корхонаҳои кишоварзӣ (истеъмолкунандагони об), идоракунии захираҳои об ва ҷорӣ намудани механизми истифодаи пулакии об солҳои охир мавриди баҳс қарор гирифтааст. Дар ин ҳолат, ташкили муносибатҳои молиявӣ байни иштирокчиён хусусияти таҷрибавӣ дошт, ки асосан ба беҳтар кардани муносибатҳои байни онҳо ва таҳияи самтҳои самараноки ҷалби маҷмааи хоҷагии об дар гардиши бозор дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои хоҷагии қишлоқ ва об равона карда шудааст. Омилҳои асосии таъсиррасон ба андозаи пардохтҳо барои истифодаи захираҳои об дар шароити кишоварзии обёришаванда инҳоянд: ҳолати инфрасохтори обёрӣ ва хоҷагии об; мавҷудият ва дастрасии об, сифати он; даромаднокии зироатҳои кишоварзӣ. Инчунин дар муайян

кардани системаи пардохти об афзалиятҳои сиёсати миллии давлат нақши муҳим мебозанд.

Бо вуҷуди як қатор нуқтаҳои мусбат, дар иқтисодиёти нақшавӣ дар назди системаи фармондеҳии маъмурии идоракунии захираҳои об ва тақсимоти мутамаркази захираҳои табиӣ ва моддӣ-молиявӣ хусусияти ройгон, тухфавии истифодаи об бартарӣ дошт ва ҳамчун унсури муносибатҳои молӣ-пулӣ баромад мекард, аммо рушди муносиб нагирифт ва аксари озмоишҳо қатъ карда шуданд. Дар ҳалли ин мушкилот оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нақши манфӣ бозиданд ва тамоми талошҳо дар натиҷаи озмоишҳо натиҷаи муносиб надоданд.

Қариб дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо ёрии пардохти истифодаи захираҳои об танҳо як қисми хароҷоти истифода ва нигоҳдории қисми байнихоҷагии системаҳои обёриро мепӯшонанд ва қисми боқимондаи хароҷоти ташкилотҳои хоҷагии об аз ҳисоби маблағҳои давлат, маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат, ҷуброни пурраи арзиши хароҷот тадриҷан аст ва ба имконияти корхонаҳои кишоварзӣ барои пардохти оби истифодашуда асос ёфтааст, ки дар он андозаи пардохти об аз фоидаи корхонаҳои кишоварзӣ дар кишоварзии обёришаванда вобаста аст ва он бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор қонунӣ карда шудааст.

Низоми пардохтҳо барои истифодаи захираҳои об ва механизмҳои ситонидани онҳо дар кишварҳои хориҷӣ гуногун аст ва аз бисёр омилҳо вобаста аст: андозаи майдони обёришаванда ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷуброни хароҷоти истифода ва нигоҳдории системаҳои обёрӣ; сифати оби ба корхонаҳои кишоварзӣ додашуда; механизмҳои субсидияи ташкилоти хоҷагии об, корхонаҳои кишоварзӣ ва ғайра. Ҳамин тариқ, ҳиссаи субсидияҳои давлатӣ дар ҷуброни хароҷоти интиқоли об ба корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷопон ва Испания тақрибан 60%, дар Ҳиндустон зиёда аз 54%, дар Малайзия тақрибан 50% ва дар Италия тақрибан 20%-ро ташкил медиҳад [1].

Сабаби ин доштани даромади ноустувор ва пасти корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Барои онҳо маъмул аст, ки пардохтҳои об ҳамчун механизми муҳим дар шароити норасоии захираҳои об, ки барои эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ мувофиқанд, амал мекунанд ва хароҷоти сарфакорона ва самараноки онҳоро таъмин мекунанд. Дар ин ҳолат корҳо оид ба муайян кардани меъёри пардохтҳо ва мустаҳкам кардани заминаи қонунгузории такмили механизми истифодаи пулакии об пайваста гузаронида мешаванд.

Ҷорӣ намудани истифодаи пулакии об дар кишоварзии обёришаванда бе таъсиси заминаи дахлдори меъёрӣ-методӣ, ки қисми таркибии он методикаи асосноккунии меъёрҳои пардохти об мебошад, ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, таҳлили усулҳои мавҷудаи муайян кардани пардохтҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки андозаи меъёрҳои пардохти об дар кишоварзии обёришаванда аз унсурҳои зерин вобаста аст: ҷалби об ҳамчун захираи табиӣ дар асоси арзёбии иқтисодии он; ҷуброни хароҷот ба корхонаҳои истифодаи об барои оби ба корхонаҳои кишоварзӣ додашуда; андозаи зарар аз таъминоти оби пастсифат барои обёрии зироатҳо; фоидаи ташкилоти истифодаи об, таҷдиди васеъ, ҳавасмандгардонии меҳнат ва дигар чорабиниҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ.

Арзёбии иқтисодии захираҳои об, механизми муҳимми баланд бардоштани устувории экологии истифодаи об мебошад ва ба вазифаҳои иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад, тадбирҳоро барои нигоҳ доштани мувозинати ҳудудҳо талаб мекунад, ки ба таназзули объектҳои об, аз даст додани об дар манбаъҳо, ҷамъоварии маблағҳои зарурӣ барои такрористеҳсол ва ҳифзи гуногуни биологии замин ва об роҳ надиҳад.

Номукаммалии механизми истифодаи устувори об ва низоми пардохти об, махсусан дар кишоварзии обёришаванда, риоя накардани технологияҳои обёрӣ ва пеш аз муҳлат аз кор баромадани низомҳои обёрӣ, набудани низоми обтаъминкунии гардишӣ ва тозакунии шабакаи коллекторӣ-дренажӣ ва самаранокии паст, ки ҳоло тибқи маълумотҳои Институти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 0,45-0,60%-ро ташкил медиҳад, боиси баланд шудани обҳои зеризаминӣ ва дигар оқибатҳои манфӣ, рушди равандҳои эрозия ва шӯршавии замин мегарданд. Аз ин рӯ, бо кам кардани шиддати эрозияи об, оптимизатсияи меъёрҳои мелиоративӣ ва ифлосшавии объектҳои об, шиддати мубодилаи намӣ байни обҳои хокӣ ва зеризаминӣ бояд маҳдуд карда шавад.

Қисми дуюми муҳимми пардохти об дар кишоварзии обёришаванда, андозаи зарари

истифодаи оби пастсифат барои обёрии зироатҳо мебошад. Мушкилоти сифати захираҳои об, ҳамчун хусусияти муҳимтарини онҳо аҳаммияти бисёрҷониба дорад ва на танҳо ба натиҷаҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, балки ба ҳолати маҷмуаҳои мелиоративӣ-обёрӣ, инчунин ба сифати маҳсулот ва дар натиҷа, ба саломатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад ва аз ҳисоби унсурҳои зерин ташаккул меёбад: зарар аз коҳиши ҳосилнокии зироатҳо, хароҷоти иловагӣ барои нигоҳ доштани ҳосилнокии хок; зарар аз паст шудани сифати маҳсулоти кишоварзӣ ва зарар аз фарсудашавии бармаҳали унсурҳои системаҳои гидромелиоративӣ.

Масъалаи баҳодиҳии сифати оби обёрӣ ва муайян кардани миқдори зарар аз истифодаи оби обёрии пастсифат солҳои зиёд дар таҳқиқоти олимон баҳс карда мешавад. Дар айни замон, қариб ҳамаи муаллифон дар бораи зарурати пурра ба назар гирифтани таъсири оби пастсифат ба ташаккули андозаи пардохти оби обёрӣ мувофиқа мекунанд. Аммо, равишҳои мавҷуда барои муайян кардани зарар ва арзёбии сохтори он аз нокомилии ҳисоб ва нопурра ба назар гирифтани ҷузъҳои зараре, ки аз истифодаи оби обёрии пастсифат ба вуҷуд меоянд, азият мекашанд.

Ҳамчун меъёри баҳодиҳии андозаи ҷубронпулии давлат барои хароҷоти ташкилотҳои хоҷагии об сатҳи меъёрии даромаднокии истеҳсоли зироатҳои кишоварзиро қабул кардан пешниҳод карда мешавад. Ҷубронпулӣ аз ҷониби давлат дар ҳолате пешбинӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи пардохти хизматрасониҳои обтаъминкунӣ даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии корхона аз андозаи меъёрӣ кам шуда, андозаи ҷуброн аз шарти ба арзиши меъёр расонидани фоидаи истеҳсолот муайян карда мешавад.

Таҷрибаи дар боло овардашуда оид ба ситонидани маблағ барои истифодаи захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ аз инҳо шаҳодат медиҳад:

- низоми пулакии истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ воситаи самараноки таъмини истифодаи оқилонаи об ва дигар намудҳои захираҳо мебошад;
- дар асоси муайян кардани пардохти об принсипи ҷуброни хароҷоти сохтмон, истифода ва нигоҳдории системаҳои обёрӣ гузошта шудааст;
- рушди истифодаи пулакии об бо дастгирии молиявии давлат сурат мегирад.

Гузариш ба ҷуброни арзиши пурраи хароҷот тадриҷан аст ва ба қобилияти истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ барои пардохти об асос ёфтааст, яъне андозаи пардохти об аз даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда вобаста аст.

Асоси методикаи муайян кардани пардохти истифодаи об заминаи меъерию ҳуқуқӣ мебошад, ки бе он истифодаи пулакии об дар кишоварзии обёришаванда ғайриимкон аст.

Дар амал, усулҳои гуногуни ҳисоб кардани меъёри пардохт барои истифодаи захираҳои об мавҷуданд. Дар робита ба ин, мо таҳлили муқоисавии усулҳои истифодашударо анҷом додем. Тавре таҳлил дар усулҳои истифодашаванда нишон дод, танҳо омилҳои экологӣ, яъне истифодаи меъёри обёрӣ ба назар гирифта мешаванд ва меъёрҳои обёрӣ вобаста ба он, ки чӣ гуна ва чӣ қадар талаботи растаниҳо дар оби обёрӣ қонеъ карда мешаванд, муайян карда мешаванд. Маълум аст, ки дар баробари омилҳои экологӣ ба меъёрҳои пардохт омилҳои иқтисодӣ, яъне вазъи молиявии истифодабарандагони замин низ таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди ин, омили зикршуда дар усулҳои баррасишаванда нодида гирифта мешавад.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда, метавон хулоса кард, ки усулҳои мавҷудаи муайян кардани пардохтҳои об ба талаботи рушди устувори истифодаи об ва ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ нестанд ва такмили минбаъдаро талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, низоми пардохтҳои обӣ доираи муайяни татбиқ дорад ва воситаи универсалӣ нест, ки бо ёрии он мушкилоти ҷамъшудаи кишоварзӣ ва хоҷагии обро ҳал кардан мумкин бошад. Гузаронидани корхонаҳои кишоварзӣ ба истифодаи пулакии об, бояд бисёр масъалаҳоро ҳал намояд, ки асосии онҳо инҳоянд: рушди системаи идоракунии захираҳои об; муҷаҳҳаз кардани системаҳои обёрӣ бо дастгоҳҳои обсанҷӣ; тасдиқи мақомоти дахлдор оид ба баҳисобгирии ҷудогонаи хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда; диспаритети нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва

саноатӣ; такмили низоми заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ-методӣ дар соҳаи мелиоратсия ва ҳифзи муҳити зист.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Раҳимзода Ҳ.Р.**


**АДАБИЕТ**

1. Аграрная наука. – 2002. -№7. -С.4.
2. Анойкин, Н.И. Определение оптимальной оросительной нормы / Н.И. Анойкин // Проблемы гидроэнергетики и водного хозяйства. - 1975. -Вып. 2. -С.35-48.
3. Байрамов, Б.М. Учет качества оросительной воды в экономических расчетах / Б.М. Байрамов. -М., 1992. -73 с.
4. Бегматов, А.А. Водное хозяйство в условиях рынка / А.А. Бегматов, Д.М. Умаров. – 2007. -190 с.
5. Ганиев, Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана / Т.Б. Ганиев. -М.: Диалог, МГУ, 1997. -116 с.
6. Горбунова, Е.Н. Опыт перевода управлений оросительных систем на хозяйственный расчет / Е.Н. Горбунова, В.Н. Краснощеков // Мелиорация и водное хозяйство. Мелиоративные системы: Обзорн. информ. ЦБНТИ Минводхоза СССР. -М., 1989. -Вып. 7. -С.41.
7. Демин, А.П. Вопросы учета качества оросительной воды при разработке нормативов платы за воду / А.П. Демин // Водные ресурсы. – 1997. -Том 24. -№1. -С.111-118.
8. Кирюшин, В.И. Экологизация земледелия и технологическая политика / В.И. Кирюшин. -М.: Изд-во МСХА, 2000. -473 с.
9. Краснощеков, В.Н. Методика обоснования нормативов платы за использование водных ресурсов в сельском хозяйстве / В.Н. Краснощеков, С.В. Марьин // Международный научный журнал. -М., 2008. -№3.
10. Норов Х.Г. Развитие экономического механизма управления водными ресурсами в сельском хозяйстве / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2014. -№2/2(131). -С.97-101.
11. Норов Х.Г. Состояние и уровень эффективности использования водных ресурсов в сельском хозяйстве / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/2. -С.49-52.
12. Носиров, Н.К. Мировой опыт финансирования водохозяйственных организаций на базе платного водопользования / Н.К. Носиров, М.А. Аминджонов, А.М. Мадаминов // Мелиорация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения: материалы научно-практической конференции (г.Душанбе, 25 декабря 2010 г.). -Душанбе, 2010. -С.146-152.
13. Урунбаева, Н.А. Совершенствование механизма регионального управления устойчивого водопользования в Республике Таджикистан. Монография / Н.А. Урунбаева, Р.Р. Кудратов, А. Урунбоев. -Душанбе, 2021. -142 с.


## МУШКИЛОТИ АСОСИИ РУШДИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАИ УСТУВОРИ ОБ ВА СИСТЕМАИ ПАРДОХТИ ОБ ДАР КИШОВАРЗИИ ОБЁРИШАВАНДА


Дар мақола хусусиятҳои тақсимоти ҳудудии захираҳои об, таъмини оби ҳудудҳо ва аҳолии минтақаҳои гуногуни табиӣ-иқтисодӣ, сохтори истеъмоли об ва талафоти бебозгашти об таҳлил карда шудааст. Зарурати таҳияи механизмҳои муосири ҷалби манбаъҳои маблағгузории системаи об ва мелиоративӣ ва пардохт барои истифодаи захираҳои об (дар баробари рушди механизми субсидияи фоизҳо аз рӯи қарзҳои бонкӣ, лизинг, ширкатҳои обтаъминкунӣ ва суғуртаи экологӣ, такмили сиёсати амортизатсия ва андоз ва дигар технологияҳо) ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ дар боло зикршуда, баррасӣ карда шуд. Дар мақола инчунин системаи пардохтҳои обӣ, ки доираи муайяни истифода дорад ва воситаи универсалӣ нест, омӯхта шудааст, ки бо ёрии он мушкилоти ҷамъшудаи хоҷагии қишлоқ ва обро ҳал кардан мумкин аст.



**Калидвожаҳо**: танзими давлатӣ, механизми иқтисодӣ, захираҳои об, истеъмолкунандагони об, минтақаҳои хушк, истифодаи экосистемаи об, устуворӣ, маблағгузорӣ, системаи пардохт, майдонҳои обёришаванда.


## ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ МЕХАНИЗМА УСТОЙЧИВОГО ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ И СИСТЕМЫ ПЛАТЫ ЗА ВОДУ В ОРОШАЕМОМ ЗЕМЛЕДЕЛИИ


В статье анализированы особенности территориального распределения водных ресурсов, водообеспеченности территорий и населения различных природно-экономических районов, структуры водопотребления и безвозвратных потерь воды. Рассмотрена необходимость разработки современных механизмов привлечения источников финансирования водохозяйственной и мелиоративной системы, и плата за использование водных ресурсов (наряду с развитием механизма субсидирования процентных ставок по банковским кредитам, лизинга, водосервисных компаний и экологического страхования, совершенствованием амортизационной и налоговой политики и других технологий) является одним из основных источников привлечения инвестирования вышеуказанной деятельности. В статье также изучена система водных платежей, имеющая вполне определенную область применения и не являющаяся универсальным средством, при помощи которого можно решить накопившиеся проблемы сельского и водного хозяйства.



**Ключевые слова:** государственное регулирование, экономический механизм, водные ресурсы, водопотребители, аридные зоны, экосистемное водопользование, устойчивость, финансирование, система платежей, орошаемые площади.

## THE MAIN PROBLEMS OF THE DEVELOPMENT OF THE MECHANISM OF SUSTAINABLE WATER USE AND THE SYSTEM OF PAYMENT FOR WATER IN IRRIGATED AGRICULTURE

The article analyzes the features of the territorial distribution of water resources, water availability of territories and populations of various natural and economic areas, the structure of water consumption and irretrievable water losses. The necessity of developing modern mechanisms for attracting sources of financing for the water management and reclamation system, and fees for the use of water resources (along with the development of a mechanism for subsidizing interest rates on bank loans, leasing, water service companies and environmental insurance, improving depreciation and tax policies and other technologies) is considered as one of the main sources of attracting investment in the above-mentioned activities. The article also examines the system of water payments, which has a well-defined scope and is not a universal tool with which to solve the accumulated problems of agriculture and water management.

**Keywords:** state regulation, economic mechanism, water resources, water consumers, arid zones, ecosystem water use, sustainability, financing, payment system, irrigated areas.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдумухторозода Нигина Абдумухтор*** **–** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 971-23-60-23; 555562195**. E-mail: **urunbaevan@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдумухторозода Нигина Абдумухтор*** – Таджикский государственный фiнансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 971-23-60-23; 555562195**. E-mail: **urunbaevan@list.ru**

**Information about the author:** ***Abdumukhtorozoda Nigina Abdumukhtor*** **–** Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. Phone**: (+992) 971-23-60-23; 555562195.** E-mail: **urunbaevan@list.ru**

ТДУ: 632.15

# БОЗОРИ НЕРУИ БАРҚ ВА САМАРАНОКИИ ТАНЗИМИ ТАРИФӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ашуров К.Р., Миров Ф.Т*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

**Баҳодиҳии самаранокӣ ва фаъолияти сарфакунии энергияи корхона: баҳогузорӣ ва самти мукаммалгардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфаҷӯии энергия** – истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия;

– **намудҳои алтернативии сӯзишворӣ** – намудҳои гуногуни сӯзишворӣ (гази моеъ, биогаз, гази генераторӣ, маҳсулоти коркарди биомасса, сӯзишвории ангишти моеъ ва ғайра), ки барои кам ё комилан иваз намудани истифодабарии захираҳои сӯзишворию энергетикии аввалияи гаронбаҳо ва камчин истифода бурда мешаванд;

– **манбаъҳои барқароршавандаи энергия** – манбаъҳои гуногуни ба намудҳои истихроҷи сӯзишворӣ номарбути ҳамеша мавҷуд, ки такроран дар муҳити ҷараёни офтоб, бод, обҳои гарми зеризаминӣ, биомасса ва дарё пайдо мешаванд;

– **самаранокии энергия** – истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ бо дарназардошти дараҷаи инкишофи техника ва технологияи мавҷуда ва риояи талаботҳои ҳифзи муҳити зист, ноил шудан ба истифодаи самараноки захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок карда шудааст;

– **нишондиҳандаи самаранокии энергия** – муайян намудани фарқи мутлақ ё нисбии андозаи истеъмоли воқеӣ ё талафоти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ барои маҳсулоти (кор ва хизматрасониҳо) таъиноти гуногун дар муқоиса бо меъёри муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ;

– **сарфи ғайриистеҳсолии захираҳои энергетикӣ** – риоя нагардидани сарфи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, ки ба талаботи муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ ё санадҳои дигари меъёрӣ, дастури технологӣ ва маълумоти шиносномаи таҷҳизоти фаъол вобаста мебошад.

Ҳангоми самаранок истифода бурдани ин захираҳо минтақаро метавон бо ин энергияи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин намуд. Захираҳои асосии энергияи барқии обӣ дар манотиқи дарёи Вахш, Панҷ, Амударё, Сирдарё ва Зарафшон ҷойгир аст [2; 8].

Ҳангоме, ки сухан дар бораи тариф, сиёсати тарифӣ ва талафоти неруи барқ меравад, саравввал мо бояд ба сарчашмаи пайдоиш, мафҳумҳо ва хосиятҳои он назар афканем ва донем, ки Комплекси энергетикию сӯзишворӣ гуфта чиро меноманд ва неруи барқ аз куҷо пайдо мешавад.

**Комплекси энергетикию сӯзишворӣ -** ин системаи мураккабе мебошад, ки маҷмуи истеҳсолот, ҷараён, таҷҳизотҳои молӣ оид ба истихроҷи захираҳои энергетикию сӯзишворӣ, табдилдиҳӣ, интиқол, тақсимот ва истифодаи онҳо дар шакли маҳсулоти аввалия ё ба энергия табдилдодашударо дар бар мегирад.

Сиёсати тарифӣ ва нақши он дар паст кардани талафот дар корхонаҳои энергетикӣ.

*Мафҳуми нарх ва тарофа:*

*Нарх* - ифодаи пулии арзиш буда, он мувофиқи меҳнати ҷамъиятии сарфшуда ба ҳар мол гузошта мешавад.

Тарофа ба энергияи электрикӣ ва шомили энергия бо чунин тарзҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад:

*Тарофаҳои як-асоса.*

*Тарофаҳои ду-асоса.*

*Тарофаҳои бисёр-асоса.*

*Тарофаҳои ҷаримавӣ.*

*Тарофаҳои имтиёзӣ.*

Одатан нарх ба ҳар як маҳсулот дар бозор ҳамон вақт ташкил меёбад, ки муносибат байни талабот ва пешниҳодот бошад.

*Талабот* - ин маҷмуи молии хизматҳое, ки ба нархи муайян ва дар вақти муайян харида мешавад.

*Пешниҳод* - маҷмуи мол ва хизматҳое, ки ба нархи муайян дар давраи муайян барои фурӯш омадааст.

Нархи маҳсулоти корхонаҳои энергетикӣ Ц ин: нархи истеҳсолот, яъне ин ҷамъи арзиши аслӣ (s) ва меъёри камтарини фоида (mн) мебошад:

Ц = s + mн

*Нарх* - ифодаи пулии арзиши молу хизматҳо мебошад.

**Ҷадвали 1. Тарофаҳои энергияи барқ ва гармӣ [2; 3]**
**Table 1. Electricity and heat tariffs**

| № | Неруи барқ | Дирам барои 1 кВт.с |
|---|---|---|
| 1 | Барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ | 63,99 |
| 2 | Барои КВД «Ширкати Алюминий Тоҷик» | 15,57 |
| 3 | Барои истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ, соҳаҳои коммуналӣ ва иншооти варзишӣ | 26,51 |
| 4 | Барои нақлиёти барқӣ | 26,51 |
| 5 | Барои насосҳои обкашӣ ва пойгоҳҳои обёрии мошинӣ, базаҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>- аз 1 апрел то 30 сентябр<br>- аз 1 октябр то 31 март | 9,2<br>26,51 |
| 6 | Барои чоҳҳои амудии мелиоративӣ, пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ | 9,2 |
| 7 | Барои аҳолӣ бо дарназардошти андоз аз арзиши иловашуда | 30,75 |
| 8 | Барои истифодаи энергияи барқ дар дегҳои барқӣ ва таҷҳизоти барқӣ, бо мақсади таъмини оби гарм ва гармкунии биноҳо:<br>- барои бахши ғайрибуҷетӣ<br>- барои мақомоту муассисаҳои буҷетӣ | 158,47<br>46,8 |
| 9 | Барои ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Комбинати металлургии Тоҷикистон»<br>- аз 1 май то 30 сентябр<br>- аз 1 октябр то 31 март | 10,64<br>60,65 |
| | **Неруи гармӣ** | **Сомонӣ барои 1 Гкал** |
| 1 | Барои муассисаҳо ва мақомоти идоракуние, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мешаванд | 114,45 |
| 2 | Барои харидорони яклухте, ки энергияи гармиро ба аҳолӣ интиқол медиҳанд | 8,85 |
| 3 | Барои ҳамаи истифодабарандагони боқимонда | 261,85 |

Гурӯҳҳои истифодабарандагони барқӣ.

*Ҳамаи истифодабарандагони қувваи барқ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:*

*Гурӯҳи I* – истифодабарандагони саноатӣ, ғайрисаноатӣ, кишоварзӣ ва ба онҳо баробаркардашуда.

*Гурӯҳи II* – истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ ва муассисаҳои хоҷагиҳои коммуналӣ.

*Гурӯҳи III* – насосҳои обгузар ва истгоҳҳои обкаши мошинҳои обёрӣ ва нақлиёти барқӣ.

*Гурӯҳи IV* – аҳолӣ, нуқтаҳои аҳолинишин ва хобгоҳҳо.

Гурӯҳҳои истифодабарандагони гармӣ:

*Гурӯҳи I* - идора ва мақомоте, ки аз ҳисоби маблағи буҷетӣ таъмин карда мешаванд.

*Гурӯҳи II* – истифодабарандагони яклухт, ки таҳвилдиҳандаи қувваи гармӣ ба аҳолӣ ҳастанд.

*Гурӯҳи III* – боқимонда ҳама истифодабарандагоне, ки ба гурӯҳи I ва II шомил нестанд [2; 4].

**Ҷадвали 2. Гурӯҳҳои истифодабарандагон**
**Table 2. Groups of users**

| Гурӯҳҳои истифодабарандагон | Соли 2021 | | Соли 2022 | | Соли 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн кВт.с. | %-и қиёсӣ | млн кВт.с. | %-и қиёсӣ | млн кВт.с. | %-и қиёсӣ |
| Истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ (бе КВД “ТАЛКО”) | 1 149,5 | 8,6 | 1 360,6 | 11,3 | 1 434,3 | 11,1 |
| КВД “ТАЛКО” | 4 458,2 | 33,4 | 3 073,0 | 25,7 | 3 186,6 | 24,9 |
| Ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои хоҷагии коммуналӣ ва нақлиёти барқӣ | 479,4 | 3,6 | 497,3 | 4,1 | 556,2 | 4,3 |
| Насосҳои обгузар ва насосҳои истгоҳҳои обёрии мошинӣ | 2 799,0 | 21,0 | 2 474,8 | 20,6 | 2 726,2 | 21,6 |
| Аҳолӣ | 4 470,2 | 33,4 | 4 582,3 | 38,3 | 4 914,0 | 38,3 |
| **Ҳамагӣ** | **13 356,3** | **100** | **11 988,0** | **100** | **12 817,3** | **100** |

**Ҷадвали 3; Table 3**

| № | Нишондиҳандаҳои асосӣ | Воҳиди ченак | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Даромад аз фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо) ва дигар даромадҳои амалиётӣ | млн. сомонӣ | 1 548,3 | 1 496,2 | 2 138,7 |
| 2. | - аз ҷумла аз фурӯши энергияи барқ | млн.сомонӣ | 1 224,9 | 1 303,6 | 1 665,7 |
| 3. | - аз фурӯши энергияи гармӣ | млн.сомонӣ | 3,0 | 2,42 | 5,92 |
| 4. | - аз дигар манбаҳои даромад | млн.сомонӣ | 150,8 | 190,2 | 467,1 |
| 5. | Арзиши аслии фурӯш бо назардошти хароҷотҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ | млн.сомонӣ | 2 158,6 | 3 217,1 | 4 822,2 |
| 6. | - аз ҷумла арзиши аслии фурӯши энергияи барқ ва гармӣ | млн.сомонӣ | 599,6 | 1 065,1 | 936,6 |
| 7. | - хароҷотҳои муомилотӣ (фурӯш) | млн.сомонӣ | 607,0 | 819,8 | 683,7 |
| 8. | - хароҷотҳои умумимаъмурӣ | млн.сомонӣ | 350,8 | 127,6 | 447,2 |
| 9. | - зарар аз фарқияти қурби асъор | млн.сомонӣ | 86,6 | 575,4 | 2 343,4 |
| 10 | - дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ | млн.сомонӣ | 514,6 | 629,2 | 411,3 |
| 11. | Натиҷаи ниҳоӣ (зарар) | млн.сомонӣ | - 610,4 | - 1 720,9 | - 2 683,4 |
| 12. | Дараҷаи даромаднокӣ | % | - 33,1 | -56,8 | - 61,6 |

**Ҷадвали 4; Table 4**

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Зарар аз фарқияти қурби асъор | млн. сомонӣ | 86,6 | 575,4 | 2 343,4 |
| 2 | хароҷотҳо барои фоизи қарзҳо | млн. сомонӣ | 239,0 | 276,3 | 341,2 |
| 3 | хароҷотҳо барои ҷаримаҳои қарзи бонкӣ | млн. сомонӣ | 290,0 | 200,4 | 374,7 |

**Нақшаи 1. Усулҳои ҳисоби талафоти технологии энергияи барқ**
**Figure 1. Methods of calculation of technological losses of electrical energy**



**Диаграммаи 1. Арзиши ҳаррӯзаи истеъмоли барқ дар Тоҷикистон дар давраи зимистон (21 декабри соли 2023)**
**Diagram 1. Daily cost of electricity consumption in Tajikistan during winter (December 21, 2023)**




Бехатарии электрикӣ

Бехатарӣ аз барқ - аз системаи ташкилӣ ва тадбирҳову воситаҳое иборат мебошад, ки муҳофизати одамонро аз таъсири зараровар ва хавфноки ҷараёни барқ, камонаки барқӣ, майдони электромагнитӣ ва қувваи барқи статистикӣ таъмин менамояд.

Ҷароҳатбардорӣ аз барқ - чунин навъи ҷароҳате мебошад, ки бо таъсири ҷараёни барқ ва ё камонаки барқӣ ба миён омадааст. Ҷароҳати барқӣ бо осеб дидани бофтаҳо ва узвҳо дар шакли сӯхтан, аз таъсири камонаки барқӣ пайдо шудани иллатҳои чашм, дар пӯст боқӣ мондани осори филизоти аз ҷараёни барқ ҳосилгашта ва захмҳои механикӣ асос меёбад.

Бехатарии электрикӣ - ин системаи чорабиниҳои ташкилӣ ва маводҳои техникӣ, ки бартараф кардани таъсири хатарнокии ҷараёни электрикӣ ва камони электрикиро ба коргар таъмин менамояд [2; 10].

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: Учебник / Под ред. В.И.Стражева. -Мн.: Высшая школа, 1998.
2. Ашуров К.Р. Маҷмуи тестҳо аз фанни назарияи иқтисодӣ. Васоити таълимӣ / К.Р. Ашуров, З.Т. Юсуфджонов, Н. Муртазоев. –Душанбе: Ирфон, 2014. -156 с.
3. Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан на период 2003-2015 гг. Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 03.08.2002 №318.
4. Копытов Ю.В. Экономия электроэнергии в промышленности: Справочник / Ю.В. Копытов, Б.А. Чуланов. -М.: Энергоатомиздат, 1982.
5. Макконел К.Р. Экономикс: принципы, проблемы и политика / К.Р. Макконел, С.А. Брю; пер. с англ. -М., 1999. -374 с.
6. Нажмуддинов Ш.З. Состояние вопросов энергетической зависимости РТ / Ш.З. Нажмуддинов // Экономики Таджикистана: Стратегия развития. - 2007. -№4. –С.128.
7. Назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / К.Р. Ашуров, А.А. Хоҷахонов, Н.А. Муртазоев, А.А. Акрамов. – Душанбе: Ирфон, 2016. -450 с.
8. Никитенко А.Ф. Перспективы развития электроэнергетики Таджикистана. В Кн. Народнохозяйственное значение Нурекской ГЭС / А.Ф. Никитенко. -Душанбе: Ирфон, 1964. -С.73.
9. «Программа по эффективному использованию гидроэнергетических ресурсов энергосбережению на 2016-2018 годы» в РТ Утверждена Постановлением ПРТ от 2 ноября 2017 года, №551.
10. Фортов Е.В. Энергосбережение – перспективный вид бизнеса / В.Е. Фортов // Энергополис. – 2009. -№1-2.

11. Ходжаев Д.Х. Зарубежный опыт формирования и развития энергетических услуг в условиях рыночной экономики / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№3. –С.166-173.
12. Ходжаев Д.Х. Приоритеты управления гидроэнергетической безопасностью Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№2. -С.106-114.
13. Юсуфджонов З.Т. Асосҳои назарияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / З.Т. Юсуфджонов, К.Р. Ашуров, Н. Муртазоев. -Душанбе: Ирфон, 2013. –нашри 3. -312 с.
14. Юсуфджонов З.Т. Основы экономической теории (курс лекции на тадж. яз.) / З.Т. Юсуфджонов, Н. Муртазоев, К.Р. Ашуров. -2-ое изд.2. –Душанбе: Издательство НПИ Центра Таджикистан, 2009. -244 с.

## БОЗОРИ НЕРУИ БАРҚ ВА САМАРАНОКИИ ТАНЗИМИ ТАРИФӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Айни замон роҳбари корхонаи энергетикӣ фаъолияти кулли барқдиспетчерию шабакаҳои интиқол ва фурӯши барқро назорат ва танзим менамояд ва баъд аз пурра ба анҷом расидани нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳар як корхона (истеҳсол, интиқол, фурӯш) роҳбари алоҳида таъин карда мешавад. Роҳбари корхонаи энергетикӣ кормандонро дар асоси озмун ба кор қабул менамояд. Ӯ уҳдадор аст, ки ба вазифаҳои пурмаҳсули соҳа мутахассисони таҷрибадорро интихоб намояд. Чунки дар соҳаи истеҳсоли энергияи барқ нишондиҳандаҳои муҳимми истеҳсолӣ, аз қабили банақшагирии истеҳсолӣ (нақшаи иқтисодию молиявии солона, ки ҷараёни истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ, сатҳи талафот ва натиҷаҳои ҷамъбастии онҳоро пешбинӣ менамояд) нақши муҳимро мебозад. Нақшаи иқтисодии корхона истҳсоли энергияи барқ, талафоти технологӣ, тақсимоти маблағҳо барои таъмир, хариди таҷҳизотҳо, музди меҳнати кормандон, фурӯши энергияи барқ аз рӯйи тарифҳои миёна, фоида ва зарари пешакии корхонаҳоро бояд дар бар гирад. Роҳбари корхонаи энергетикӣ сатҳи дониши кормандонро бо омӯзонидан дар курсҳои омӯзишӣ, даъвати мутахассисони баландихтисос ва ғайраҳо такмил медиҳад. Ӯ бо харидорон ва истифодабарандагони энергияи барқ дар дохил ва хориҷи кишвар ҷиҳати интихоби муътамади истеъмолгарон гуфтушунид намуда, шартномаҳои таҳвили энергияи барқро дар ҳаҷмҳои мувофиқашуда ба имзо мерасонад. Ҳавасмандии кормандонро таъмин менамояд. Дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаи техникӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ вазъи иқтисодию молиявии корхонаро танзим менамояд.

**Калидвожаҳо:** корхонаи энергетикӣ, интиқол, назорат, нақша, таҷдиди сохтор, роҳбар, озмун, истеҳсол, иқтисодию молиявӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, талафоти технологӣ, сатҳи дониш, баландихтисос, истеъмолгарон, харидорон, соҳаи техникӣ, танзим.

## РЫНОК ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ ТАРИФНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ В ЭНЕРГЕТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В настоящее время руководитель энергокомпании курирует и регулирует всю деятельность энергодиспетчерской, электропередающей и сбытовой сетей, а после завершения индивидуального плана реструктуризации ОАК «Таджик Пауэр» в каждую компанию будет назначен отдельный руководитель (производство, передача, продажа). Руководитель энергетической компании нанимает сотрудников на конкурсной основе. Он обязан подбирать опытных специалистов на продуктивные должности в отрасли. Потому что в сфере производства электроэнергии важную роль играют такие важные производственные показатели, как планирование производства (годовой экономический и финансовый план, предусматривающий производственный, социально-экономический, финансовый поток, уровень потерь и их общие результаты). Хозяйственный план предприятия должен включать производство электрической энергии, технологические потери, распределение средств на ремонт, закупку оборудования, заработную плату работникам, реализацию электрической энергии по средним тарифам, прибыль и предварительные убытки предприятий. Руководитель энергетической компании повышает уровень знаний сотрудников путем обучения на курсах повышения квалификации, приглашения высококвалифицированных специалистов и т. д. Он ведет переговоры с покупателями и потребителями электрической энергии внутри и за пределами страны с целью выбора надежных потребителей, подписывает контракты на поставку электрической энергии в согласованных объемах. Это обеспечивает мотивацию сотрудников. Регулирует экономическое и финансовое положение предприятия совместно с техническими, экономическими и финансовыми специалистами.

**Ключевые слова:** энергетическая компания, передача, контроль, план, реструктуризация, менеджер, конкуренция, важные производства, экономико-финансовые, социально-экономические, технологические потери, уровень знаний, высокая квалификация, потребители, покупатели, техническая сфера, регулирование.

## ELECTRICITY MARKET AND EFFECTIVENESS OF TARIFF REGULATION IN THE ENERGY INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Currently, the head of the energy company oversees and regulates all activities of the energy dispatch, power transmission and distribution networks, and after the completion of the individual restructuring plan of UAC Tajik Power, a separate head will be appointed to each company. (production, transfer, sale). The head of an energy company hires in the industry. Because in the field employees on a competitive basis. It is his responsibility to select experienced individuals for productive positions of electricity production, such important production indicators as production planning (an annual economic and financial plan that provides for production, socio-economic, financial flow, level of losses and their overall results) play an important role. The economic plan of an enterprise must include the production of electrical energy,

technological losses, the distribution of funds for repairs, the purchase of equipment, wages to employees, the sale of electrical energy at average tariffs, profits and preliminary losses of enterprises. The head of an energy company increases the level of knowledge of employees by taking advanced training courses, inviting highly qualified specialists, etc. He negotiates with buyers and consumers of electrical energy within and outside the country in order to select reliable consumers, signs contracts for the supply of electrical energy in agreed terms volumes. This ensures employee motivation. Regulates the economic and financial situation of the enterprise together with technical, economic and financial specialists.

**Keywords:** energy company, transfer, control, plan, restructuring, manager, competition, important production, economic-financial, socio-economic, technological losses, level of knowledge, high qualifications, consumers, buyers, technical sphere, regulation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға:** 735045, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 919-16-57-41.** E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70**
***Миров Фирдавс Туйчиевич*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға:** 735045, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 934-14-21-11**. E-mail: **Mirov-Fed@yandex.ru**

**Сведения об авторах:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** - Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес:** 735045, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 919-16-57-41.** E-mail: **kamoljddjn. ashurov.70**
***Миров Фирдавс Туйчиевич*** – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры экономики и управления производством. **Адрес:** 735045, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 934-14-21-11.** E-mail: **Mirov-Fed@yandex.ru**

**Information about the authors:** ***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** **-** Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Production Management. **Address:** 735045, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street, 10. Phone: **(+992) 919-16-57-41.** E-mail: **kamoljddjn. ashurov.70**
***Miro Firdavs Tuychievich*** **- T**ajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Senior Lecturer of the Department of Economics and Production Management. **Address:** 735045, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street, 10. Phone: **(+992) 934-14-21-11.** E-mail: **Mirov-Fed@yandex.ru**

ТДУ: 312.6

# МУБРАМИЯТИ РАҚАМИКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

*Амидов З.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои истеҳсолию муомилотӣ зарурати мутобиқшавӣ ба низоми пешрафтаи ташкил ва идоракунии фаъолият ба вуҷуд меояд. Дар шароити феълӣ ба сифати чунин низоми корбарӣ ташкили рақамикунонии раванди фаъолият ба вуҷуд омадааст. Ин падида, ки яке аз муҳимтарин аломатҳои тараққиёти муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, дорои бартариятҳои зиёди ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фановарии фардӣ мебошад.

Дар мавриди таҳлил ва омӯзиши сарчашмаҳои иттилоотии илмӣ маълум мегардад, ки равияҳои омӯзишӣ масъалаи таърихи ташаккулёбии рақамикунонии иқтисодиётро аз нигоҳи интихоби объект ва нишонгирии вақти гуногун пайгирӣ намудаанд. Тибқи хулосаҳои илмии баъзан олимони хориҷӣ, чун О.М. Гусарова, В.М. Кондрашов ва Е.В. Ганичева нахустин заминаҳои рақамикунонии раванди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ҳанӯз дар охири солҳои 70-уми асри XX пайдо шуда буд. Ба ақидаи онҳо тақрибан дар худи ҳамин солҳо, ки ба идоракунии низоми Шуравӣ рост меомад, нахустин шуда дар раванди истеҳсолот иқдоми ҷорӣ намудани низоми худкори (автоматикунонии) истеҳсолотро ташкил ва амалӣ намуданд. Илова бар ин, таҳти сиёсати “прогресси илмию техникӣ” кӯшиши алоқамандсозии неруи техникӣ ва илмро дар истеҳсолот амалӣ намуданд, ки ҳадафи асосии онҳо ба натиҷаи самараноки истеҳсолот расидани сохторҳои гуногуни хоҷагии халқ иборат буд.

Дар баробари ин, давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки нахустин шуда раванди истеҳсолотро бо техника ва технологияи пешқадам ва самаранок таъмин намудаанд, ба марҳилаҳои ташаккул ва рушди ин раванд далелҳоеро пеш меорад, ки пешсаф будани онҳоро дар тули таърихи саноат бо иштироки технологияи иттилоотӣ кафолат медиҳанд. Масалан, сарчашмаҳои илмию назариявӣ вобаста ба рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ИМА, чунин ақидаҳо пешниҳод мекунанд, ки яке аз муҳимтарин омилҳои рушди заминаи рақамикунонии ҷамъият, ин хоҳиши аз ҳад зиёди бахши хусусӣ буд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки бахши хусусӣ бе таъсири иҷборан гузаштан ба низоми рақамикунонӣ авлавиятҳои ин падидаи замонавиро дарк намуда, омода буданд, ки барои ташкил ва татбиқи низоми пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташкилот хароҷотҳои зарурииро пардохт намоянд. Вобаста ба ин, инқилоби технологияи иттилоотиро дар ИМА ба се марҳилаи асоси ҷудо намудаанд [17]:

*I-марҳила.* Ба истифода ҷалб намудани воситаҳои кор бо иттилоот дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо. Аниқтараш истифодаи технологияи интиқоли иттилоот тавассути телефон ва радио, ки тақрибан ба солҳои 1930–1950 рост меояд.

*II-марҳила.* Дар ин марҳила рушди саноати истеҳсоли воситаҳои иттилоотию иртиботии замонавӣ, ки бо истифодаи онҳо раванди фаъолият комилан бо бартарият шинохта мешуд, ба ҳсиоб меравад. Аниқтараш давраи рушди раванди истеҳсоли телевизион, дастгоҳҳои худкори истеҳсолӣ, воситаҳои сабти иттилоот (акс, овоз) ва ба инҳо монанд. Ин давраи истифодаи васеи компютерҳо дар ширкатҳои хусусии Амрико низ ба ҳисоб меравад, ки солҳои 1960–1980-ро дар бар мегирад.

*III-марҳила.* Ин марҳиларо рушди босуръати саноат меноманд, ки дар солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Он бо тезонидани якбораи рушди соҳаи хизматрасониҳои дорои иттилоот (коммуникатсия, савдо, молия) алоқаманд буда, ба рушди бозор (тиҷоратӣ)-и муҳимтарин дастовардҳои илмию техникӣ – интернет ва алоқаи кайҳонӣ, дар бораи васеъ кардани мавҷҳои ба мақсади тиҷоратӣ истифодашаванда, яъне диапазони спектри радиобасомад.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба мушоҳидаи рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар амалия ва консепсияҳои илмӣ Е.В. Купчишин санҷидакорона

марҳилаҳои рушди назарияҳои илмии рақамикунониро тасниф намудааст, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1. Таҳаввулоти консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар ҳошияи равишҳои назариявӣ** [1; 8; 9; 14]

**Table 1. Evolution of the concept of digital economy in the framework of theoretical approaches**

| Марҳила | Давраи таърихӣ | Равиш ва намояндагони он | Моҳияти консепсия | Нақши технологияи иттиоотию коммуникатсионӣ |
|---|---|---|---|---|
| I | Солҳои 90-уми асри ХХ | Равиши техномарказӣ (идеологияи техникӣ) Д. Тапскотт, Н. Негропонт, Э. Бринолфссон, Б. Йоханссон ва дигарон) | Раванди босозӣ ва дигаргункунии бахшҳои мавҷудаи иқтисодиёт тавассути технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ | Ҷорӣ намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти иқтисодӣ, хусусан истифодаи интернет |
| II | Солҳои 2000 | Равиши бозсозӣ (С. Шарма) | Ташаккули моделҳои нави тиҷоратӣ, бозор ва соҳаҳои нав дар натиҷаи таъсири ҳамгироии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ бо бизнес-равандҳо | Истифодаи интернет чун майдони ғунҷоиш ва амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ |
| III | Солҳои 2010 | Равиши низоми нави иқтисодӣ (М. Скилтон) | Қисми муайяни низоми иқтисодиёти рақамӣ, ки дар ҳамоҳангии технология ва тиҷорат боси гушаҳои нави бозорӣ, тиҷорат, истеъмолкунанда ва малакаҳои нави фаъолиятро созмон медиҳад | Воридшавии устувор ва босуръати технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми иқтисодиёти ҷаҳон |
| IV | Солҳои 2016 то инҷониб | Равиши такрористеҳсолӣ (Л.В. Лапидус, В.М. Кулков, Т.И. Чинаева, Т.Н. Юдина) | Маҷмуи муносибатҳо, ки дар натиҷаи истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маснуоти моддӣ бо назардошти истифодаи мақсадноки технологияи онлайн ба вуҷуд омадаанд. Ба ибораи дигар, дараҷаи рушди неоиқтисодиёт, ки бо махсусияти фарохмарзӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ дар равандҳои иқтисодӣ интихоб ва шинохта шудааст. Дар баъзан сарчашмаҳои илмӣ ин раванд бо номи шакли нави ҳамкорӣ "муоширати машина бо машина "M2M"", низ шинохта, ифода меёбад. | Паҳншавии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо дар соҳаи фурӯш, балки дар истеҳсолот ва идоракунии корхонаю муассисаҳои сатҳу соҳаи гуногун. |
| V | Солҳои 2016 то инҷониб | Равиши кибернизомӣ (Е.Н. Ведута, Т.Н. Джакубова) | Кибернизоми иқтисодӣ имконияти идоракунӣ ва танзими худи иқтисодиётро бо мақсади зарурати рушди | Давраи пайдоиши низоми мукаммал ва ташаккулёфтаи идоракунии иборат аз |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | минбаъдаи он мавриди истифода қарор мегирад. | амалиётҳои гуногуни танзимкунандаи иқтисодиёт дар назар дошта мешавад, ки омӯзиши онҳо бештар дониши кибернетикиро тақозо мекунад. |
| VI | Солҳои 2016 то инҷониб | Равиши институтсионалӣ (Е.В. Богомолов Е.В. Купчишина) | Маҷмуи институт ва ташкилотҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодиёти рақамӣ | Дарки ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки иқтисоди рақамӣ институтҳо ва муносибатҳои нав байни онҳоро талаб мекунад |

Ҳамин тариқ, дар робита ба ин масъала заминаҳои рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва расидан ба модели нави иқтисодӣ "иқтисодиёти рақамӣ" далелу иқтибосҳои илмӣ ниҳоят зиёд пешниҳод шудаанд. Аммо барои мо муҳимтар аз ҳама он аст, ки дар тули ду аср технология иттилоотӣ тавонистааст, ки муҳиммияти худро бо ҳавасмандии зиёд дар раванди муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ байни бахши хусусӣ ва идоракунии давлатӣ мустаҳкам нигоҳ доштааст ва албатта, бо тарҳи рушдёбандагӣ.

Дар ниҳоят маълум гардид, ки натиҷаи ниҳоии раванди рушёбандаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, ин рақамикунонии иқтисодият ё иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Масъалаи таҳлил ва баҳогузории нақш ва аҳаммияти иқтисодиёти рақамӣ дар асарҳои илмии олимон ва коршиносони дохилию хориҷӣ гуногун шарҳ дода шудааст. Маълум аст, ки машҳурияти рушди иқтисодиёти рақамӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷаҳон ба солҳои 1995 рост меояд, ки сабаби асосии пайдоиши он, ин рушди интенсивии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Ин давра замоне буд, ки интернет ва телефонҳои мобилӣ такягоҳи асосии рақамикунонии иқтисодиёт шуда, низоми фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ зина ба зина ба ин раванд ворид шуданд, аз ҷумла: хизматрасониҳои молиявӣ, машваратӣ, нақлиёт, тақсимоти мол, тандурустӣ, маориф ва ғ.

Тибқи аксарияти сарчашмаҳои илмӣ нахустин қоидаи ифодакунандаи мафҳуми "иқтисоди рақамӣ" соли 1995 аз ҷониби муҳаққиқи Донишгоҳи Массачусетс Николас Негропонт пешниҳод шудааст, ки чунин аст: "иқтисоди рақамӣ – ин иқтисодиётест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст ва махсусияти асосии он молҳо ва хидматҳои электронӣ буда метавонад".

Бештари вақт таърифи иқтисоди рақамӣ ба мафҳуми кӯтоҳ ва васеъ тасниф шудааст, масалан, В.В. Иванов иброз медорад: "Иқтисоди рақамӣ як муҳити виртуалӣ аст, ки воқеияти моро пурра мекунад».

Дар баробари ин радиф Г.В. Плеханов, бо таваҷҷуҳ ба хатарҳои иқтисоди рақамӣ, омилҳои тағйирёбанда, мушкилот дар самти ҳамкории одамон дар ин низом андешаҳои зиёдро пешниҳод ва асоснок намуда, илова бар ин, қайд мекунад, ки иқтисоди рақамӣ ба муҳити муассир барои ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ бо фаҳмиши ягонаи самти рушд табдил меёбад, ки дар мавҷудияти арзишҳои ягонаи идеалӣ ва мувофиқ ташаккул ва асос меёбад. Муаллиф иброз медорад, ки новобаста аз муҳиммият ва нақши калидии ин низоми муносибат эҳтимоли вайрон кардани асосҳои муносибат байни одамонро дорад [5; 6].

Профессори Донишгоҳи политехникии Санкт-Петербург А.В. Бабкин ва профессори Донишгоҳи давлатии Байкал О.В. Чистякова дар мақолаи муштарак, ки ба иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба рақобатпазирии сохторҳои тиҷорати иқтисодӣ бахшида шудааст, дар се қисми асосӣ баррасӣ намудаанд. «Иқтисоди рақамӣ як навъи иқтисодиётест, ки бо татбиқи фаъолона ва истифодаи амалии технологияҳои рақамӣ барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, табдил ва интиқоли иттилоот дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон тавсиф мешавад". Низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилию техникӣ ба истифодаи технологияҳои рақамии иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ин системаи мураккаби ташкилию техникӣ дар шакли маҷмуи унсурҳои гуногун (техникӣ, инфрасохторӣ, ташкилӣ, нармафзор, танзимкунанда, қонунгузорӣ ва ғ.) бо ҳамкории

мутақобила ва истифодаи мутақобилаи субъектҳои иқтисодӣ барои мубодилаи дониш дар шароити рушди доимӣ мебошад. Муаллифон тасдиқ мекунанд, ки бузургии қувваи иқтисодиёти рақамӣ дар иттиҳоди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ташкилию техникӣ ва технологияи инноватсионии рақамӣ мебошад. Натиҷаи муносибати оқилонаи ин низомҳо ба таври комил модели нави ҳамкорӣ ва ҳосилнокии баланди фаъолияти иқтисодию иҷтимоиро ба вуҷуд меорад [4; 5; 7].

Тибқи таърифи Бонки Ҷаҳонӣ, иқтисоди рақамӣ (ба маънои васеи калима), чун низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тасниф шудааст, ки ба истифодаи технологияҳои рақамии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ асос ёфта, мақсади ниҳоии он баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолот ва таъмини самаранокии раванди идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар баробари ин, таҳаввулотҳои илмию амалии ҷаҳони муосир вобаста ба рақамикунонии ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бетафовут набуда, ташаббус ва амалҳои асарбахшро анҷом додааст. Шуруъ аз солҳои 2000 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки муҳиммияти истифодаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ стратегия ва барномаҳои зиёди сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро қабул ва мавриди амал қарор дода, таҳти шиори компютерикунонии раванди фаъолият ва ба талаботи ҷаҳон мувофиқ намудани низоми корбарӣ дар корхонаю ташкилотҳои давлатию хусусӣ дастовардҳои зиёдро то имрӯз соҳиб шудааст.

Барои расидан ба натиҷаҳои интихоби ҳадаф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин татбирҳои судмандро пеш гирифт:

- коркард ва мавриди амал қарор додани Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174;
- коркард ва мавриди амал қарор додани Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 таҳти №468;
- коркард ва мавриди амал қарор додани Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008 таҳти №451;
- коркард ва мавриди амал қарор додани Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 таҳти №1713;
- коркард ва мавриди амал қарор додани Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти №643;
- коркард ва мавриди амал қарор додани Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021 таҳти №460 ва ғ.

Дар ин санадҳои маъмурӣ, меъёрӣ ва ҳуқуқӣ роҷеъ ба ташкили ҳамкории институтсионалӣ, мафумҳои асосӣ, мақсад, вазифа ва субъектҳои асосии раванд пурра маълумот пешниҳод шудааст.

Илова бар ин, муаллифони ватанӣ дар робита ба ин масъала корҳои арзишманди илмию амалии зиёдро анҷом додаанд. Масалан, А. Асоев иқтисоди рақамӣ барои расидан ба рушди устувор ва дар маҷмуъ, барои беҳбудии иҷтимоии кишвар афзалияти махсусро соҳиб аст. Ба андешаи мавсуф, яке аз омилҳои муҳимми муваффақият дар ин самт, ин «рушди муштарак» ё «рушд тавассути иштироки васеи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор» мебошад. Азбаски он ба техникаи иттилоотӣ-коммуникатсионии рақамӣ асос ёфтааст, таъмини чунин рушд барои кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳое, ки дар ҳолати гузариш қарор доранд, дастрас аст [3]. Дар ин радиф муҳаққиқони ватанӣ Ш.М. Исмоилов, Р.Б. Хуҷамкулов ва М.Д. Лутфуллоев иброз медоранд, иқтисодиёти рақамӣ ба маънои васеъ истифодаи одии технологияҳои иттилоотиро дар истеҳсолот, идоракунии коммункатсияҳоро дар назар дорад [8].

Ҳамзамон, Д.М. Азизқулов [1; 8] иброз медорад, ки иқтисодиёти рақамӣ низоми ягонаи фаъолияти иқтисоди тиҷоратӣ ва ҳамоҳангсозии технологияҳои иттилоотӣ ва

коммуникатсонӣ ба шумор меравад. Ба андешаи номбурда, онро ҳамчун иқтисодиёти бо технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд асоснок намудан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, ҳангоми омӯзиш ва баҳогузории андешаҳои мавҷуда роҷеъ ба аҳаммият ва муҳиммияти рушди иқтисодиёти рақамӣ маълум мегардад, ки кулли муаллифони ба самти илм таваҷҷуҳ намуда, аз бартариятҳои иқтисодию иҷтимоии ин падида ҳарф задаанд. Вобаста ба ин, хулоса кардан мумкин аст, ки дар воқеъ соҳаи тандурустӣ, ки имрӯз таъминкунандаи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии ҳаёти мардум ба ҳисоб меравад, бояд аз ин имконияти инноватсионии замони муосир васеъ истифода намояд. Албатта, ташкил ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар раванди истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои тиббӣ махсусият ва авлавиятҳои хосси худро дорад, ки дар ин масъала муаллифони зиёд андешаҳои худро иброз намудаанд.

Масъалаи рақамикунонии раванди истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ дар назария ва амалия бо номҳои гуногун мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор дода шудааст, ба монанди иқтисодиёти рақамии соҳаи тандурустӣ, истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ дар соҳаи тандурустӣ, интеллекти сунъӣ дар тиб, технологияи инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ, рақамикунонии соҳаи тандурустӣ, тибби рақамӣ ва ғ.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ниҳодҳои бевоситаи татбиқкунандаи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти таъмини беҳдошти саломатии аҳолӣ ва қонеъ намудани онҳо бо хизматрасониҳои фаврӣ ва самараноки тиббӣ махсус гардонида шудааст, пайваста ҷиҳати амалигардонии раванди рақамикунонии соҳаи тандурустӣ ё гузаштан ба модели тибби рақамӣ кор мебарад. Аз ҷумла 7 феврали соли 2023 дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вусъат бахшидани корҳо дар самти рақамикунонии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷаласаи корӣ доир гардид, ки дар он вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми вазир, роҳбарони хадамотҳои соҳавӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сардорони раёсатҳои зерсохтори вазорат иштирок намуда, ҳадаф гузоштанд, ки рушди системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар доираи ташаккули ҳукумати электронӣ, татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 тасдиқ гардидааст, бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани дастрасӣ ба хизматрасониҳои баландихтисоси тиббӣ, баргузор намудани маслиҳату машварат оид ба ташхису табобати беморон дар масофа бо истифода аз имкониятҳои телетиб, зери назорати қатъӣ қарор додани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, омӯзиши муттасил ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи тандурустӣ тавассути ташкили курсҳои бозомӯзӣ дар ҳамаи зинаҳои кадрии соҳа таъмин гардида истодааст. Ҳамин тариқ, дар доираи ин чорабинӣ аз заминаҳо ва имкониятҳои рушди ин модели инноватсионӣ суханронӣ намуданд.

Илова бар ин, дар Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, яке аз бахшҳои афзалиятнок соҳаи тандурустӣ интихоб гардида, дар доираи ҳадафҳои ояндабинонаи ин Барнома вазифаҳои зиёд гузошта шудааст. Хусусан вазифагузорӣ шудааст, ки чунин самтҳои фаъолият бояд ба талаботи раванди рақамикунонии соҳа таҷдиди назар карда шаванд: таҳия ва татбиқи низомҳои иттилоотии тиббӣ, маҳсулоти барномавӣ, замимаҳои мобилӣ барои автоматикунонии фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути ҷорӣ намудани методҳои инноватсионӣ, технологияҳои муосир мебошад; ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути татбиқи тибби рақамӣ ва муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо чораҳои мушаххас андешидааст ва ғ.

Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада, дар соҳа мушкилоти зерин вуҷуд доранд, ба монанди:

- сатҳи нокифояи тайёрии кормандони тиб барои истифодаи ТИК;
- сатҳи нокифояи татбиқи технологияҳои нав;
- пурра ҷорӣ нагардидани ҳамоҳангӣ дар порталҳои электронии сохторҳои тандурустӣ;

- мушкилоти пайвастшавии муассисаҳои тандурустии минтақаҳои дурдаст ба шабакаи интернет;

- ҷорӣ нагардидани корти электронии амбулаторӣ ё шиносномаи саломатӣ;

- мавҷуд набудани низоми ягонаи таъмини ҷамъоварӣ, коркард ва мубодилаи маълумот дар бораи саломатии шаҳрвандон дар низоми тандурустӣ.

Нигоҳ доштани потенсиали инсонӣ, ки имкониятҳои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, ин авлавияти муҳим бошад аз сифати хидматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ вобастагии зич дорад. Мавриди зикр аст, ки дар ҳали ин мушкилоти алоқаманд О.Э. Карпов, С.А. Субботин, Д.В. Шишканов ва М.Н. Замятин чунин мешуморанд, ки рушди технологияҳои рақамӣ дар тиб яке аз тамоюлҳои афзалиятноки ҷаҳонӣ мебошад ва оияндабинии рушду истифодаи мақсадноки он имкониятҳои васеъ ва гуногунҷанбаро таъмин месозад [17]. Системаҳои қабули электронии аллакай амалкунанда бо ёдраскуниҳои минбаъда ва фиристодани натиҷаҳо ба смартфон, пешрафтҳо дар соҳаи телетиб, барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, дастгоҳҳои мобилӣ ва хидматҳо барои амалияи ҳаррӯзаи тиббӣ, навтарин пешрафтҳо дар соҳаи фармасевтӣ ва ғайра аз ҷумлаи имкониятҳои фарроху фаврии ҳамгироии тиб бо технологияи рақамӣ мебошад.

Рақамикунонии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ - ҳамчун воситаи баланд бардоштани бароҳатӣ ва самаранокии хизматрасонӣ - дар соҳаи тиб ба бартарии рақобат табдил дода мешавад. Дар асоси бартариҳои рақобатпазирӣ, ки аз натиҷаи таҳлили мавзуъ, таҳлили таҷрибаи татбиқи қарорҳои рақамӣ дар соҳаи тандурустии давлатҳои ҷаҳон бар меояд, якчанд ҷанбаҳои калидӣ ва афзалиятноки онро қайд кардан мумкин аст:

Якум, платформаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки самаранокии муоширати байни беморон ва ташкилотҳои тиббӣ афзоиш ёбад.

Дар айни замон аз шаклҳои мавҷудаи бақайдгирӣ ва барасмиятдарории беморон даст кашидан ғайриимкон аст, зеро дар байни онҳо пиронсолон зиёданд, ки бо муҳити электронии рақамӣ ба қадри кофӣ ошно нестанд, дар ҳоле ки онҳо истеъмолкунандагони фаъолтар дар бозори хизматрасонии тиббӣ мебошанд, зеро бо назардошти хусусиятҳои синну сол ба онҳо бештар эҳтиёҷ доранд. Бо мақсади таъмини қулай барои ҳамаи категорияҳои муштариён рақамисозӣ фарогир нест. Барои ин категорияи аҳолӣ то як муддати муайян барасмиятдарории анъанавӣ боқӣ мемонад.

Дуюм, сифати нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилооти тиббӣ дар дохили муассисаи тиббӣ ба таври назаррас беҳтар шуда, хароҷоти ҳуҷҷатгузорӣ кам мешавад.

Сеюм, дар оянда истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар ҳама марҳилаҳои ҳамкорӣ бо бемор (пешгирӣ, ташхис, табобат, барқарорсозӣ) барои осон кардани кори кормандони соҳаи тиб пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз оқибатҳои иҷтимоии рақамикунонӣ талафоти пешбинишудаи ҷойҳои корӣ мебошад. Ҳангоми ба соҳаи тандурустӣ муроҷиат кардан, ин ҳолат он қадар маълум нест. Иваз кардани дугоникҳои рақамӣ дар он соҳаҳои фаъолият имконпазир аст, ки дар онҳо кор бештар ба расмият дароварда шудааст, ки онро ба системаи тандурустӣ нисбат додан мумкин нест. Барои тиб технологияҳои рақамӣ назар ба рақиби мутахассисони баландихтисос як ёвари муҳимтаранд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти имконият ва зарурати замонавии рақамикунонии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ консепсияи илмию назариявии мубрамияти ташкили рақамикунонии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ таҳия ва пешниҳод карда мешавад (расми 1).

.

**Расми 1. Равиши консептуалии мубрамияти ташкил ва рушди рақамикунони соҳаи тандурустӣ**
**Figure 1. Conceptual approach to the problem of organization and development of digitization in the health sector**

МАҚСАДИ ТАШКИЛ ВА РУШДИ РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ:
таъмини сатҳи зарурии дастрасӣ, кафолати шаффофияти муносибатҳо, таъмини бехатарӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар асоси баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидор ва имкониятҳои тандурустӣ тавассути ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии бо тақозои замон мутобиқ

МАҶМУИ УНСУРҲОИ АСОСИИ МАЙДОНИ ТАШКИЛ ВА ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯИ РАҚАМИКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАНДУРУСТӢ

УНСУРҲОИ АСОСИИ НИЗОМ:
иқтидори соҳаи тандурустӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, ҳайати кормандони тиббӣ, технологияи корбурд

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ КОРБАРӢ:
дастрасӣ, комплексӣ, иҷтимоӣ, мутобиқшавандагӣ, устуворӣ, самаранокӣ, шаффофият, фаврият

СУБЪЕКТҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ ТАНДУРУСТӢ:
- низоми давлатии тандурустӣ
- низоми хусусии тандурустӣ

МАҚСАД:
баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ ва таъмини дараҷаи баланди қаноатмандии аҳолӣ

УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАЪСИРРАСОНӢ:
- иқтисодӣ
- ташкилӣ
- ҳуқуқӣ

НАТИҶАҲОИ ИНТИЗОРӢ БАРОИ СУБЪЕКТҲОИ ИШТИРОККУНАНДАИ НИЗОМИ ТАНДУРУСТИИ РАҚАМӢ

ДАВЛАТ ВА СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДӢ
- пешниҳоди иттилоот дар соҳаи тандурустӣ ҳамчун маҳсулот барои ҷомеа ва мутахассисон
- мусоидат ба тадқиқот ва коркарди маҳсулот ва хидматҳои нав
- таъмини имконияти фурӯши васеъ ва фоидаовари молу хизматрасониҳои тиббӣ
- таъмин намудани гузориши боэътимод, фаврӣ ва саривақтӣ дар бораи саломатии аҳолӣ
- муҳайё намудани муҳити мусоид
- пайдоиши нақшҳои нав барои ҷонибҳои манфиатдор
- муайян намудани тамоюлҳои беморӣ ва омилҳои хавф, таҳлили маълумоти демографӣ, иҷтимоӣ ва тандурустӣ

АҲОЛӢ
Муҳимтарин манфиатбардориро дар ин раванд метавонад аҳолӣ бардошт кунад, зеро интихоби доираи васеи хизматрасониҳо аз хона, сарфи захираҳои вақт, пул, кӯшишҳои асабонӣ, назорати болоравӣ, рейтинги муассисаҳои тиббӣ, духтур ва дигар хизматрасониҳоро интихоб мекунад.

ТАНДУРУСТӢ
- табдил додани беморхонаҳо ба шабакаи виртуалии провайдерҳои хидматрасонӣ
- мусоидат ба ҳаракати шаҳрвандон ва маълумоти тиббии онҳо
- ба вуҷуд омадани имкониятҳои нави корӣ таҳқиқоти фундаменталию амалӣ
- вусъат додани доираи ҳамкорӣ
- хизматрасонӣ сарфи назар аз монеаҳои масофа ва вақт
- муттаҳид сохтани раванди фармоиш ва интиқоли доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ

Дар маҷмуъ барои ташкил ва рушди фаврии низоми тандурустии рақамӣ, ки афзалиятҳои зиёди иқтисодию иҷтимоиро дар худ дорад, омӯзиш ва ҳали фаврии мушкилотҳои зерин тавсия дода мешавад: ҷорӣ намудани низоми ягонаи рақамикунонии соҳаи тандурустӣ; омода намудан ва баланд бардоштани малака ва тайёрии кормандони тиб барои истифодаи ТИК; тақвияти корҳо дар самти татбиқи технологияҳои нав дар соҳаи тандурустӣ; амалисозии раванди ҳамоҳангӣ дар порталҳои электронии тамоми сатҳҳои сохтори тандурустӣ; фароҳам орвардани шароит барои таъмин ва дастрасии минтақаҳои дурдаст ба шабакаи интернет; ҷорӣ намудани корти электронии амбулаторӣ ё шиносномаи саломатӣ; ташкили низоми ягонаи таъмини ҷамъоварӣ, коркард ва мубодилаи маълумот дар бораи саломатии шаҳрвандон дар низоми тандурустӣ; татбиқи пурраи низоми телетиб дар кишвар.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Юсупов Ш.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке // Вектор экономики. - 2018. -№3(21). [Электронный ресурс]. URL: https:// elibrary. ru/ download/ elibrary_32751051_13924538.pdf (дата обращения: 05.09.2022).
2. Аксенова Е.И. Экспертный обзор: цифровизация здравоохранения опыт и примеры трансформации в системе здравоохранения в мире / Е.И. Аксенова, С.Ю. Горбатов. -М.: НИИОЗММ ДЗМ, 2020.
3. Асоев А. Таджикистан на пути цифровой экономики. [Электронный ресурс]. URL: https://avesta.tj/2021/12/02/tadzhikistan-na-puti-k-tsifrovoj-ekonomike/ (дата обращения: 15.09.2022).
4. Бельтюкова С.М. Цифровизация экономики и ее роль в управлении современными экономическими отношениями / С.М. Бельтюкова, В. Мокрушин, П. Самойлов // Экономика, управление, финансы: приоритеты, проблемы и направления развития: сб. науч. трудов. -Новосибирск: Профессиональная наука, 2019. -С.34-42.
5. Елохина Л.Н. Развитие рынка медицинских услуг в условиях цифровизации / Л.Н. Елохина // Экономика и управление. - 2022. -Т. 28. -№6. -С.615-620.
6. Ершова Н.А. Цифровизация экономики и ее роль в современных социально-экономических отношениях / Н.А. Ершова // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. - 2019. -№4. -С.102-105. DOI: 10.22394/2079-1690-2019-1-4-102-105
7. Зайцев В.Е. Цифровая экономика как объект исследования: обзор публикаций // Вопросы государственного и муниципального управления. - 2019. -№3. -С.107-122.
8. Исмоилов Ш.М. Перспективы развития цифровой экономики в условиях Республики Таджикистан / Ш.М. Исмоилов, Р.Б. Худжамкулов, М.Д. Лутфуллоев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. - 2020. -№3(84). -С.41-46.
9. Каримов М.И. Необходимость организация маркетинга в сфере здравоохранения / М.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2013. -№2/7(123). -С.91-93.
10. Каримов М.И. Ташкили маркетинг дар соҳаи тандурустӣ: ҷанбаҳои илмию назариявӣ / М.И. Каримов, З.С. Амидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. -№2. -С.192-200.
11. Каримов М.И. Использование индексного метода в анализе состояния капитала здоровья (в условиях Республики Таджикистан) / М.И. Каримов, Ш.Ш. Кодиров // Финансово-экономический вестник. - 2021. -№2(26). -С.102-112.
12. Луценко Е.В. Развитие медицинских информационных технологий в Российской Федерации / Е.В. Луценко // Вятский медицинский вестник. - 2017. -№2(54). -С.73-76.
13. Мишон Е.В. Промежуточные итоги цифровизации системы здравоохранения: направления развития и основные угрозы / Е.В. Мишон, В.А. Канапухин // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Экономика и управление. - 2022. -№3. -С.100-112.
14. Роговский Е.А. США: информационное общество (экономика и политика) / Е.А. Роговский. -М.: Междунар. отношения, 2008. -408 с.
15. Харламов А.В. Институциональные изменения, обеспечивающие инновационную направленность развития хозяйственной системы / А.В. Харламов, А.Э. Сибгатуллин // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. - 2021. -№4(130). -С.21-26.
16. Цифровизация здравоохранения. Необходимость и предпосылки / О.Э. Карпов [и др.] // Врачи и информационные технологии. - 2017. -№3. -С.6-22.
17. Цифровое здравоохранение в цифровом обществе / О.Э. Карпов [и др.]. -М.: Деловой экспресс, 2016. -491 с.
18. Эволюция интернет-технологий в системе здравоохранения / [Г.С. Лебедев, И.А. Шадеркин, И.В. Фомина и др.]// Журнал телемедицины и электронного здравоохранения. - 2017. -№2(4). -С.63-78.

## МУБРАМИЯТИ РАҚАМИКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии муҳиммияти ташкил ва рушди раванди рақамикунонӣ дар соҳаи тандурустӣ омӯхта шудааст. Бо ин мақсад сарчашмаҳои зиёди илмию назариявии дохил ва хориҷи кишвар мавриди таҳлил ва назарсанҷӣ қарор дода шудааст. Муаллиф давраҳои таърихии ташаккул ва руди технологияи иттилоотию коммуникатсиониро омӯхта, вобаста ба сол ва давраҳои ташаккулёбии илмию амалӣ, ин раванди замонавиро тасниф намудааст. Ҳамзамон, хулоса намудааст, ки раванди мазкур на бо роҳи иҷборӣ, балки бо ҳавасмандии зиёд вориди ҳаёт ва фаъолияти низоми давлатӣ ва хусусӣ шудааст. Ҳамин тариқ дар мақолаи мазкур муаллиф афзалиятҳои истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсиониро то замони рақамикунонии иқтисодиёт дар таҷрибаи дигар соҳаҳои хоҷагии халқ омӯхта, онро мутобиқан дар соҳаи тандурустӣ тасаввур ва тавсия намудааст. Тибби рақамиро дар натиҷаи меҳнати муаллифони дохилию хориҷӣ, инчунин дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон мавриди назарсанҷӣ қарор дода, консепсияи мукаммали самаранокии истифодаи рақамикунониро муайян ва тасия намудааст. Дар баробари ин, барои рушди босуръат ва бартараф намудани монеаҳои ташаккулёбии низоми мазкур тавсияҳои заруриро коркард ва пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** тандурустӣ, рақамикунонӣ, давлат, аҳолӣ, хизматрасонии тиббӣ, иттилоот, коммуникатсия, технология, инноватсия

## АКТУАЛИЗАЦИИ ЦИФРОВИЗАЦИИ УЧРЕЖДЕНИЙ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ: НАУЧНЫЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В данной статье изучены теоретические аспекты важности организации и развития процесса цифровизации в сфере здравоохранения. С этой целью проанализированы и обобщены многие отечественные и зарубежные научно-теоретические источники. Автор изучил исторические периоды становления и развития информационно-коммуникационных технологий и классифицировал этот современный процесс в зависимости от лет и периодов научного и практического становления. В то же время он пришел к выводу, что этот процесс вошел в жизнь и деятельность государственной и частной системы не силой, а с большой мотивацией. Таким образом, в данной статье автор изучил преимущества использования информационно-коммуникационных технологий до момента цифровизации экономики на опыте других отраслей экономики и соответственно представил и рекомендовал их в сфере здравоохранения. Цифровая медицина была рассмотрена в результате изучения работ отечественных и зарубежных авторов, а также на опыте передовых стран мира, определена и предложена комплексная концепция эффективности цифровизации. При этом он разработал и предложил необходимые рекомендации для быстрого развития и устранения препятствий на пути формирования этой системы.

**Ключевые слова:** здравоохранение, цифровизация, государство, население, медицинские услуги, информация, связь, технологии, инновации.

## ACTUALIZATION DIGITALIZATION OF HEALTHCARE INSTITUTIONS: SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS

This article examines the theoretical aspects of the importance of organizing and developing the digitalization process in the healthcare sector. For this purpose, many domestic and foreign scientific and theoretical sources have been analyzed and summarized. The author studied the historical periods of formation and development of information and communication technologies and classified this modern process depending on the years and periods of scientific and practical development. At the same time, he came to the conclusion that this process entered the life and activities of the public and private systems not by force, but with great motivation. Thus, in this article, the author studied the advantages of using information and communication technologies until the digitalization of the economy based on the experience of other sectors of the economy and, accordingly, presented and recommended them in the field of healthcare. Digital medicine was reviewed as a result of the work of domestic and foreign authors, as well as based on the experience of advanced countries of the world, a comprehensive concept of the effectiveness of digitalization was defined and proposed. At the same time, he developed and proposed the necessary recommendations for the rapid development and elimination of obstacles to the formation of this system.

**Keywords:** healthcare, digitalization, state, population, medical services, information, communications, technology, innovation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амидов Зикриё Саъдулоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 909-12-16-17.** E-mail**: zakariyoa96@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Амидов Зикриё Садулоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 909-12-16-17.** E-mail**: zakariyoa96@gmail.com**

**Information about the author:** ***Amidov Zikriyo Saduloevich*** **–** Tajik National University, Ph.D. student, Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 909-12-16-17.** E-mail**: zakariyoa96@gmail.com**

ТДУ: 338.246.027.2-001.894(575.3)

# РОҲҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИХТИРОЪКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## (тадбирҳои андешидашуда ва афзалиятҳои минбаъда)

*Вализода Ш.Ш., Сорбони С.*
**Маркази милии патенту иттилоот,**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо роҳи татбиқи модели иқтисодии индустриалӣ-инноватсионӣ мебошад, ки дар ин замина масъалаи рушди низоми моликияти зеҳнӣ, баланд бардоштани тафаккури зеҳнии аҳолӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди илму инноватсия ва ихтироъкорӣ хело муҳим аст.

Дар ҳуҷҷатҳои барномавию стратегии сатҳи миллӣ ва соҳавӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи муҳим дода шудааст.

Таъсири омилҳои беруна ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои нигоҳ доштани суръати нисбатан баланду устувори рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини динамикаи мусбати рушди индустриалӣ – инноватсиониро дар ин марҳила ба мадди аввал мебарорад [3].

Низоми моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ, фаъолнокии эҷодкорӣ, таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва таъмини рақобати озод, ҷорӣ намудани натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, таҳқиқотҳо ва донишҳо дар истеҳсолот ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, инчунин некуаҳволии шаҳрвандони Тоҷикистонро баланд мебардорад [1].

Ихтироъкорӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ яке аз унсурҳои асосии пешрафти иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои боз ҳам ривоҷу равнақ додани соҳаи ихтироот зарур аст, ки ихтироъкорон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, фаъолияти онҳо ҳамоҳанг карда шавад ва заҳмати кашидаи онҳо ҳавасманд гардонида шавад.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорию инноватсионӣ яке аз роҳҳои рушди низоми моликияти зеҳнӣ ва баланд бардоштани тафаккури зеҳнии аҳолӣ мебошад.

Роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорию инноватсиониро ҳамчун механизми рушди низоми иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем.

Дар низоми моликияти зеҳнӣ ва умуман иқтисоди миллӣ масъалаи рушди ихтироъкорӣ, илм, инноватсия ва истифодаи амалии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ҷойгоҳи махсус дошта, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба ин самт диққати бештар дода мешавад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти инсон, ин фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки он аз рушду иқтидорӣ илмию техникии давлат вобастагии калон дорад. Вазифаи асосии давлат дар ин самт таъмини шароити мусоид барои рушди илм, техника ва технология, ҷалби сармоягузориҳо, рушди истеҳсолот, таъмини рақобати солим, ҳифз ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ патент ба ихтироъ, ки ба ихтироъкор ҳуқуқи истисноиро барои истифода ва тиҷоратикунонӣ медиҳад заминаи асосии рақобатро ба вуҷуд меорад. Зеро, ҳарчанд ихтироъ наву татбиқшаванда ва дорои самараи баланди иқтисодию тиҷоратӣ бошад, ҳамон қадар рақобат барои офаридани ҳалли нави техникӣ зиёд мегардад [6].

Аз ин ҷо бармеояд, ки омили асосии рушди фаъолияти ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ на танҳо ҳавасмандгардонӣ, балки рушди илм, техника, технология ва маблағгузорӣ ба ин самтҳо, инчунин рушди истеҳсолот, тиҷоратикунонӣ ва рақобат низ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии мунтазами ихтироъкорон барои тавсеаю рушди минбаъдаи фаъолияти ихтироъкорӣ мусоидат менамояд.

Бо назардошти ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд, яъне давраи саноатикунонии босуръати кишвар талабот ва таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба

соҳаҳои илм, ихтироъкорӣ, маориф ва инноватсия, махсусан ба робитаи илм бо истеҳсолот рӯз ба рӯз афзоиш ёфта истодааст.

Тавре Роҳбари давлат дар ҷаласаи Шурои илм, маориф ва инноватсия қайд намуданд, барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки робитаи зичу самарабахши илм бо истеҳсолот таъмин гардида, технологияҳои муосир, дастовардҳои илму техника ва инноватсия дар истеҳсолоти кишвар ба таври васеъ истифода карда шаванд.

Зеро, фаъолияти самарабахши илмиву технологӣ ва инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад [2].

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати рушди соҳаи ихтироъкорӣ, илм ва инноватсия, татбиқи илм дар истеҳсолот, аз ҷумла пешбурди фаъолияти таҳқиқотӣ ва ихтирооти инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷониби Ҳукумати кишвар зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои зиёде дар намудани қабули барномаву стратегияҳо ва баргузории озмуну чорабиниҳо андешида шуда истодааст.

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илм яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд ва онро бо дарназардошти имкониятҳои буҷет сол ба сол зиёд карда истодааст.

Ҳамасола аз буҷети давлатӣ маблағҳои муайян барои гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷудо мегардад, ки ин дар навбати худ ба рушди соҳаи илму технология, ихтироъкорӣ ва инноватсия мусоидат менамояд. Тамоюли маблағгузории соҳаи илм аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 1. Тамоюли маблағгузории соҳаи илм барои солҳои 2015-2023 (млн. сомонӣ)**
**Diagram 1. The trend of science funding for the years 2015-2023 (million TJS)**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои МД “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 бармеояд, дар соли 2015 барои анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ 52,8 млн сомонӣ, соли 2016-55,5 млн сомонӣ, соли 2017-60,6 млн сомонӣ, соли 2018-67,0 млн сомонӣ, соли 2019-76,4 млн сомонӣ, соли 2020 - 82 млн сомонӣ, соли 2021- 100 млн сомонӣ, соли 2022 – 132 млн сомонӣ ва соли 2023 – 180 млн сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Агар соли 1992 ба соҳаи илм ҳамагӣ 58 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида бошад, дар соли 2023 ба ин соҳа 180 миллион сомонӣ ҷудо гардида, дар буҷети соли 2024 зиёда аз 225 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Маблағгузории соҳаи илм танҳо дар соли 2024-ум ба 225 миллион сомонӣ расонида шуд, ки назар ба соли 2023-юм 45 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки аз ин шумора даҳҳо лоиҳа ба соҳаи илм равона гардидааст [8].

Ҳиссаи маблағгузории соҳаи илм ё худ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 0,1%-ро (2021) ташкил медиҳад.

Боиси қайд аст, ки дар натиҷаи анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, олимон ва ихтироъкорони кишвар дар самти

илмҳои тиббӣ, техникию технологӣ, кишоварзӣ, ветеринарӣ, саноату коркардҳои химиявию физикӣ соҳиби ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ мегарданд.

Бахусус, соли 2021 ба Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 ҳисоботҳои муфассали корҳои илмӣ-таҳқиқотии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда супорида шудааст ва тибқи таҳлилҳо дар натиҷа 63 патенту нахустпатент ва 16 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионӣ ҳамагӣ 79 ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ ба даст оварда шудааст. Дар соли 2022-юм 33 ҳисоботи муфассал қабул шуда, дар натиҷаи онҳо 18 ҳуҷҷати муҳофизатӣ мавҷуд аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм 75 ба 15 ададро ташкил додааст.

Дар мавриди тиҷоратикунонии онҳо саҳми соҳаи илму ихтироот дар рушди иқтисодиёти мамлакат меафзояд.

Инчунин, ҷиҳати таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ ва инноватсия Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба неруи зеҳнии ҷомеа солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карда шуд.

Дар ин замина ҷиҳати рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи «Илм – фурӯғи маърифат» қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул карда шуд.

Илова бар ин, Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ҳадафи асосӣ аз таъсиси шурои мазкур баррасии мушкилоти дар соҳаҳои илм, маориф ва ихтироъкорию инноватсия ҷойдошта ва мусоидат кардан ба рушди ин бахшҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа мебошад.

Дар сохтори Академияи миллии илмҳо созмон додани муассисаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ – пажуҳишгоҳҳои масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон, Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нав, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ ва Маркази омӯзиши пиряххои Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои ҳамин давра мебошанд, ки барои рушди ихтироъкорӣ имкониятҳои навро фароҳам овarданд.

Ба хотири ҳавасмандгардонии олимону ихтироъкорон ва пешрафти илму маориф дар кишвар унвонҳои фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ба замми ин, Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ҷоизаҳои давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника, Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҷоизаҳои давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон таъсис дода шудаанд.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои амалӣ ва ихтироъкориву навоварӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» қабул гардидааст. Барои мусоидат ба рушди ихтироъкорӣ ва васеъ гардидани имкониятҳо соли 2021 паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз андоз озод карда шудаанд. Тибқи маълумот ҳоло дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ 24 парки технологӣ амал мекунад.

Бо мақсади суръат бахшидан ба рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии кишвар соли 2021 Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 қабул гардид.

Ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи моликияти зеҳнӣ ва мушаххас намудани механизми дастгирию ҳавасмандгардонии минбаъдаи фаъолияти ихтироъкорӣ ва навоварӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №210 «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст.

Қабули «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» гувоҳӣ он аст, ки ба соҳаи ихтироъкорӣ диққати бештар дода мешавад.

Ин ҳуҷҷати муҳим роҳҳои пешрафти фаъолияти ихтироъкориро, ки калиди рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, барои давраи то соли 2030 муайян намуда, ҷиҳати татбиқи ихтироот дар саноат мусоидат менамояд.

Дар навбати худ Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти ҳамоҳангсозии фаъолияти ихтироъкорӣ вобаста ба дастуру супоришҳои мунтазами Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии ихтироъкорон аз тамоми воситаҳои имконпазир истифода бурда истодааст.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои муқаррароти стратегияи мазкур бо мақсади дарёфт намудани истеъдодҳои ҷавон, тарғибу ташвиқи соҳа дар байни толибилмон, донишҷӯён, унвонҷӯён, ҳамчунин, дастгирӣ ва ҳавасманд намудани ҷавонони лаёқатманди дорои қобилияти зеҳнии эҷодӣ ва ба фаъолияти навоварию ихтироъкорӣ шавқу рағбат дошта, дар ду сол як маротиба Озмун-Фестивали ҷумҳуриявии «Навоварон ва ихтироъкорони наврас ва ҷавон» ташкил ва баргузор карда мешавад.

Ҳамзамон, ҷиҳати ҳавасмандгардонии ихтироъкорони беҳтарин, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд, мунтазам озмуни ҷумҳуриявии «Ихтироъкори беҳтарин» барои давраҳои муайян гузаронида шуда, дар доираи он ҳамасола шумораи зиёди ихтироъкорон бо медали ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ, нишони муассиса ва мукофотҳои пулию молӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

**Диаграммаи 1. Қадрдонии ихтироъкорон бо ҷоизаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар даврони 30-соли истиқлолияти давлатӣ**

**Diagram 1. Recognition of inventors with national and international awards during the 30 years of state independence**




Сарчашма: Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо

Инчунин, дар даврони истиқлолияти давлатӣ бо мусоидати муассиса ихтироҳои 40 нафар занҳои ихтироъкори тоҷик ба намоишгоҳҳои байналмилалӣ фиристода шуда, дар натиҷа 60 адад ҷоизаи байналмилалӣ, аз ҷумла 16 медали тилло, 19 нуқра, 15 биринҷӣ, 2 медали тиллои СУМЗ, 3 медали тиллои Ассотсиатсияи ихтироъкорони Ҷумҳурии мардумии Чин, 2 Гран-при Ассотсиатсияҳои ихтироъкорони Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва Тайланд ва 3 ҷоизаи махсуси кишварҳои Ӯзбекистон, Индонезия ва Эрон ба даст оварда шудааст.

Ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 28.12.2023 дар Паёми навбатӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» вобаста ба рушди сармояи инсонӣ, ҷалби олимону ҷавонон ба фаъолияти ихтироъкорӣ ва дар истеҳсолот татбиқ намудани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ баён доштанд, бо ташаббуси МД "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25 апрели соли 2024 Форуми байналмилалӣ оид ба рушди ихтироъкорӣ ва навоварӣ баргузор карда шуд. Бояд қайд

намуд, ки «Форуми байналмилалии ихтироъкорон ва навоварон» солҳои 2014 ва 2018 низ баргузор гардида буд.

Дар натиҷаи амалигардонии тадбирҳои судманди дар боло қайдшуда, ҳавасмандӣ ва фаъолнокии ихтироъкорон ва умуман ҷавонон барои фаъолияти ихтироъкорию навоварӣ зиёд шуда истодааст, ки ин тамоюлро ҷадвали 1 нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1. Тамоюли нишондиҳандаи пешниҳоди ариза барои гирифтани ҳуҷҷати ҳифозатӣ ба ихтироъ дар солҳои 2018-2022**

**Table 1. The trend of the indicator of submission of an application for obtaining a protection document for an invention in 2018-2022**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | Соли 2022 нисбат ба соли 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | бо адад | бо фоиз |
| Шумораи аризаҳо барои гирифтани ҳуҷҷати ҳифозатӣ, аз аризадиҳандагони миллӣ, адад | 100 | 110 | 106 | 120 | 156 | 56 адад | 156 фоиз |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Чуноне, ки тамоюли ҷадвали 1 нишон медиҳад, шумораи пешниҳоди аризаҳо барои гирифтани ҳуҷҷати ҳифозатӣ ба ихтироъ босуръат афзоиш ёфта истодааст, ки ин яке аз самараи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар дар самти рушди сармояи инсонӣ ва зиёд намудани шавқу завқи ҷавонон ба илмҳои дақиқу техникӣ, инчунин ихтироъкорию навоварӣ мебошад. Ба ҳолати соли 2023 шумораи умумии ихтироъкорони фаъол дар кишвар тақрибан 550 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда ҳар сол рӯ ба афзоиш дорад.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ доир ба дастгирии неруи илмӣ, азнавсозии соҳаи илм ва таваҷҷуҳ ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ андешида шуда истодааст. Дар кишвар барои пойдории неруи илмӣ-техникӣ, ҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ барои такмили иқтисодиёт ва давра ба давра гузаштани он ба роҳи инноватсионии рушд самтҳои стратегӣ муайян карда шудааст.

Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳои соҳа, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи нахустини Шурои илм, маориф ва инноватсия камбудиву норасогиҳоро марбут ба ин соҳа муҳокима намуда, таъкид сохтанд, ки дар байни олимону муҳаққиқони кишвар ихтироъкорон ва навоварон кам нестанд, вале дастовардҳои онҳо дар истеҳсолот қариб ки татбиқ намегарданд. Зеро, то ҳанӯз механизми татбиқи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот тарҳрезӣ ва дарёфт нагардидааст [2].

Дар ҳақиқат имрӯзҳо дар самти рушди фаъолияти ихтироъкорӣ дар баробари дигар мушкилот, масъалаи кам татбиқ гардидани ихтироот дар истеҳсолот, набудани институти нархгузорон дар ин самт ва ба таври пурра коркард нашудани механизми меъёрию ҳуқуқии нархгузории объектҳои моликияти зеҳнӣ бисёр ҳалталаб мебошанд.

Мушкилоти дигар дар самти рушди фаъолияти ихтироъкорӣ ин ба таври кофӣ бозоргир набудани ихтироот, самараи пасти иқтисодию иҷтимоӣ доштани онҳо ва бештар барои ҳимояи рисолаи илмӣ тааллуқ доштани онҳо мебошад.

Рушди низоми моликияти зеҳнӣ, бахусус ихтироъкорӣ метавонад яке аз сарчашмаҳои боэътимоди даромад ҳам барои ихтироъкор ва ҳам барои иқтисоди миллӣ гардад. Агар ихтироъкор аз тавлиди ғоя то ба маҳсулот табдил додани онро пурра омӯзад ва ба таври стратегӣ ба нақша гирад.

Имрӯз кишварҳои мухталифи дунё маҳз бар пояи илму дониш, ихтироъкориву истеҳсол ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир рушд карда истодаанд. Дар расми 1 механизми таъсири рушди ихтироъкорӣ ба рушди иқтисодиёт нишон дода шудааст.

Тавре аз расми 1 аён мегардад, ихтироъ ё худ офаридаи нави техникие, ки имконият медиҳад масъалаҳои мушаххаси истеҳсолот ва соҳаҳои дигари фаъолияти инсон ҳал карда шаванд [5], ба афзун гардидани истеҳсолнокии раванди кори истеҳсолот бидуни хароҷи иловагӣ, яъне хариди техника ва таҷҳизоти нав таъсир мерасонад. Афзун гардидани истеҳсолнокии раванди кори истеҳсолот дар навбати худ ба зиёд шудани ҳаҷми фурӯш ва мутаносибон ба баланд шудани манбаъҳои андозбандишаванда, музди меҳнат ва

имкониятҳои молиявии корхона боис мегардад. Бо чунин мезанизм ихтироот ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

**Расми 1. Механизми таъсири ихтироот ба рушди иқтисодӣ**
**Figure 1. The mechanism of the impact of inventions on economic development**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Ихтирооти муваффақ ин – сайр кардан дар атрофи ғоя, санҷишҳои бешумор, хастанопазирӣ, эҳсосот, ҳаяҷон ва боварӣ доштан ба имконияти гирифтани подош мебошад. Дар амал татбиқ намудани ин ҳама кори осон нест, вале бояд дарк намуд, ки дар охир шуморо имкониятҳои бешумори молиявию иқтисодӣ интизор аст.

Ихтироъкорӣ ин раванди махсуси эҷодӣ мебошад, ки боиси ҳалли нави масъалаҳо дар тамоми соҳаҳои техника, равандҳои истеҳсолӣ, инчунин маҳсулоти нав гардида, ба истеъмолкунандагон таъсири мусбат мерасонад. Натиҷаи ингуна фаъолият маҳсули иқтисодии сохташуда дар намуди ихтироъ ба ҳисоб меравад, ки онро дар истеҳсолот истифода бурдан мумкин аст.

Агар солҳои қалб дар низоми муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дорои моддӣ мавқеи назаррас доштанд, имрӯзҳо дар бештари кишварҳои ҷаҳон ин раванд тағйир ёфта истода, дороиҳои ғайримоддӣ ё худ зеҳнӣ зиёд гардида истодаанд.

Ҷиҳати зиёд намудани дороиҳои ғайримоддӣ ё худ зеҳнӣ, бояд ихтироот аз ғоя то ба маҳсулот расад. Барои то ба маҳсулот расонидани ихтироот аз нигоҳи муаллиф якум ҳавасмандии ихтироъкор ва нигоҳи стратегии он зарур аст. Баъд аз ин ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ хело муҳим аст, чунки барои ба маҳсулот табдил додани ихтироот маблағгузорӣ ва шароити техникию технологӣ лозим ва дар ин маврид бахши хусусӣ кумак расонида метавонад.

Сохтани инфрасохтори зарурӣ барои пайдоиши ихтироъкорӣ шароит фароҳам меорад. Дар навбати худ мавҷудияти низоми самараноки таълим, ки ба рушди қобилияти эҷодии толибилмон равона шудааст, боиси афзоиши шумораи ихтироъкорони неруманд мегардад.

Барои ихтироот муваффақ сохтан аз рӯйи марҳилаҳо ё қадамҳои зерин бояд амал намуд, ки онҳо дар расми 1 нишон дода шудаанд.

**Расми 2. Қадамҳо барои сохтани ихтирои муваффақ**
**Figure 2. Steps to create a successful invention**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Аз рӯи расми 2 хулоса кардан мумкин аст, ки барои муваффақ ё манфиатовар шудани ихтироъ нигоҳи стратегӣ бо мавҷудияти қадамҳои дар расми 2 нишондодашуда лозим аст. Яъне, пас аз оне, ки ғоя барои тавлиди ихтироъ пайдо мешавад, ихтироъкор саравval бояд бозор, муҳит ва имкониятҳоро ҳаматарафа таҳлил намояд. Таҳлили ҳамаҷонибаи бозор, муҳит ва имкониятҳо гуфта, муаллиф таҳлили мавҷуд будани талабот ба ихтироъ, имкониятҳои истеҳсол ё худ ба сифати молу хизматрасонӣ пешниҳод шудани он ва арзиши аслию иловашуда, инчунин ба сатҳи даромади аҳолию бахши хусусӣ мутобиқ будани ихтироъро дар назар дорад.

Пас аз таҳқиқоти бозор ва боварӣ пайдо кардан ба имкониятҳо, ихтироъкор бояд ҳатман ба ихтироъ ҳифзи давлатӣ гирад.

Ҳифзи давлатии ихтироъ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи бақайдгирии он (пас аз гузаштани санҷиш) дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо таъмин карда мешавад.

Баъди таъмини ҳифзи ҳуқуқии ихтироъ, ихтироъкор метавонад бо боварии комил ба таҳияи лоиҳаи тиҷоратӣ ва намунасозӣ ҷиҳати пешниҳод ба бахши хусусӣ, яъне сармоягузорон, шуруъ намояд. Вақте сармоягузор пайдо мешавад, марҳилаи минбаъдаи татбиқи ихтироъ дар истеҳсолот аз шартномаи тарафайн вобаста аст, яъне агар ихтироъкор ҳуқуқи истисноиро ба сармоягузор ё ширкат диҳад аз ҳуқуқи иштирок дар марҳилаҳои минбаъда маҳрум мешавад.

Чун қоида Ҳукумати кишварҳо шаҳрвандонро барои сохтани моликияти зеҳнӣ ба мисли ихтироот ва инноватсия бо роҳи мукаммалгардонии қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифону дорандагони ихтироъ ҳавасманд месозад.

Аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ дар кишварҳои ҷаҳон, ин рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти моликияти зеҳнӣ мебошад.

Яъне, давлат ширкатҳоеро, ки ба сохтани моликияти зеҳнӣ ва технологияҳои муосир машғуланд, дастгирии ҳамаҷониба менамояд. Мисол, ба чунин ширкатҳо сабукиҳои андозию қарзӣ пешниҳод шуда, имконияти дар бонк ҳамчун гарав гузоштани объекти моликияти зеҳнӣ барои гирифтани қарз фароҳам оварда мешавад.

Мавриди қайд аст, ки маблағгузории қарзӣ бо гарави моликияти зеҳнӣ таҷрибаи наву самаранок буда, дар зиннаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур, бахусус таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин самт интишороти навро зери унвони «Ҷалби маблағгузориҳо бо гарави моликияти зеҳнӣ: таҷрибаи давлатҳои гуногун» ба роҳ мондааст. Бо назардошти афзоиши арзиши дороиҳои ғайримоддӣ, бахусус моликияти зеҳнӣ кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати истифодаи самараноки онҳо ба манфиати корхонаҳои хурду бузург ва иқтисод дар маҷмуъ, чораҳои судманд андешида истодаанд. Тибқи интишороти якуми Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ зери унвони «Ҷалби маблағгузориҳо бо гарави моликияти зеҳнӣ: таҷрибаи давлатҳои гуногун» кишвари Сингапур таҷрибаи амалии бештарро дар самти ҷалби маблағгузориҳои қарзӣ бо гарави моликияти зеҳнӣ доро мебошад. Дар ин кишвар ҷиҳати амалигардонии ин тадбир заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иститутсионалии мустаҳкам гузошта шуда, механизми тақсимоти хавф байни ташкилоти қарзӣ ва давлат амал менамояд. Яъне, агар ташкилоти қарзӣ ба корхона бо гарави моликияти зеҳнӣ қарз диҳаду корхона муфлис шавад, маблағи зарар ё худ қарз қисман аз ҳисоби моликияти зеҳнӣ ва қисман аз ҳисоби давлат рӯйпуш мешавад. Дар умум, барои ин механизмро ба кор андохтан фазои муносиб фароҳам оварда шудааст ва пеш аз гарав мондани моликияти зеҳнӣ, арзиши бозории он пурра арзёбӣ карда мешавад [9]. Бояд қайд намуд, ки чунин механизм, яъне механизми ҷалби маблағҳои қарзӣ бо гарави моликияти зеҳнӣ дар ИМА, Ҷопон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Малайзия, Сингапур ва як қатор кишварҳои аврупо амал мекунад. Аз рӯи омӯзиши таҷрибаи ин кишварҳо хулоса кардан мумкин аст, ки барои татбиқи ин механизм, пеш аз ҳама, зарур аст, ки низоми нархгузории моликияти зеҳнӣ пурра ба роҳ монда шуда, объектҳои моликияти зеҳнӣ, бахусус ихтироот бозоргир бошад.

Дигар роҳи ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ ин якҷо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар давлатҳо таҳия намудани модел ё худ методологияи осони баҳодиҳии моликияти зеҳнӣ мебошад. Ин раванд муҳиммият ва арзишнокии моликияти зеҳнӣ, бахусус ихтироотро ҳамчун дорои нишон дода, ихтироъкорон дар мавриди фаҳмидани манфиатҳои иқтисодию молиявии ихтирооташон ҷиҳати тавлиди ғояҳои нав ҳавасманд мешаванд. Тавре дар боло қайд шудааст, дар шароити иқтисоди бозорӣ патент ба ихтироъ, ки ба ихтироъкор ҳуқуқи истисноиро барои истифода ва тиҷоратикунонӣ медиҳад, заминаи асосии рақобатро ба вуҷуд меорад. Зеро, ҳарчанд ихтироъ наву татбиқшаванда ва дорои самараи баланди иқтисодию тиҷоратӣ бошад, ҳамон қадар рақобат барои офаридани ҳалли нави техникӣ зиёд мегардад [4].

Фаъолноксозии паркҳои технологии дар назди донишгоҳҳо фаъолияткунанда низ метавонад яке аз роҳҳои рушди фаъолияти илмию ихтироъкорӣ бошад. Амалигардонии ин роҳ ба воситаи пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф ба паркҳои технологӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо соҳибкорони хурду миёна ҷиҳати амалигардонии нақшаҳо ва ғояҳои ихтироъкорон, инчунин дар минбаъда кушодани фирмаҳои хурду миёна берун аз донишгоҳ имконпазир аст. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар иброз доштанд «Илова ба хеле кам будани чунин паркҳо (яъне паркҳои технологӣ), фаъолияти онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, аксарашон ба ном вуҷуд доранд». Аз ин лиҳоз, вазорати маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро супориш доданд, ки ҷиҳати ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳои истеҳсолии алоҳидаи кишвар то охири соли ҷорӣ тадбирҳои дахлдор андешанд» [7].

Омодасозии кадрҳои баландихтисос дар самти идоракунии моликияти зеҳнӣ, бахусус нархгузорони объектҳои моликияти зеҳнӣ, мутахассисон оид ба бастани шартномаҳои литсензионӣ, мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ ва таҳқиқотчиён яке аз роҳҳои ба рушди фаъолияти ихтироъкорӣ мусоидаткунанда мебошанд.

Роҳи дигари ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, ин пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба ихтироъкорон мебошад. Дар Ирландия ҷиҳати бештар дар истеҳсолот татбиқ шудани ихтироот ва умуман объектҳои моликияти саноатӣ ба ширкатҳое, ки аз ҳисоби тиҷоратикунонии объекҳои моликияти саноатӣ фоида ба даст меоранд, сабукиҳои андозӣ пешниҳод мегардад. Чунин таҷриба дар кишвари Исроил низ татбиқ мегардад.

Амалисозии сиёсати ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ яке аз шартҳои асосии рушди индустриалӣ-инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза мебошад.

Дар маҷмуъ, ҳавасмандии ихтироъкоронро метавон бо роҳи содагардонии расмиёти бақайдгирии ихтироъ ва ҳифзи ҳуқуқии он, кам кардани хароҷот барои барасмиятдарорӣ, таъмини маблағгузории раванди таҳқиқоти илмию таҷрибавӣ, ташкили инфрасохтори мусоид дар самти маориф, илм, техника ва технология, зиёд намудани сармоягузории венчурӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, мусоидат ба тиҷоратикунонӣ ва таъмини рақобати солим зиёд намуд [10].

Инчунин, зарур аст, ки ҷавонони лаёқатманд пайдо ва дастгирӣ карда шаванд. Дар ҳамаи мактабҳои олии кишвар бояд курсҳо оид ба моликияти зеҳнӣ, дар мактабҳои олии техникӣ фанни патентшиносӣ ҷорӣ карда шавад. Инчунин зарур аст, ки ба корҳои курсӣ ва дипломии донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ ва дақиқ доир ба навгониҳо дар масъалаҳои техникии ҳалшаванда талабот ҷорӣ карда шавад.

Айни замон бо мақсади таъмини пешравии инноватсионӣ ва технологӣ дар кишвар талабот ба муттаҳидшавӣ ва ҳамоҳангсозии ташкилот ва шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти ихтироъкорӣ ва навоварӣ машғуланд, ба вуҷуд омадааст.

Яке аз роҳҳои дигаре, ки метовонад дар оянда барои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ ва рушди ин самт мусоидат кунад, ин таъсис додани ташкилоти ҷамъиятии «Ихтироъкорон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мақсади асосии ташкилоти ҷамъиятии «Ихтироъкорон» бояд зиёд намудани таваҷҷуҳ ба нақш ва муҳиммияти ихтироъкорӣ дар марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва муаррифии шоистаи дастовардҳои ихтироъкорон дар бозори дохилӣ ва берун аз кишвар бошад.

Дар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти касбӣ раванди робитаи илм бо истеҳсолот ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимону ихтироъкорон ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест.

Сатҳи нокифояи ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҷорӣ нагардидани механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо, алоқаи сусти байнисоҳавӣ дар пешбурди таҳқиқот дар асоси қонунҳои бозорӣ аз ҷумлаи камбудиҳо дар ин самт ба ҳисоб мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои дорои сатҳи баланди ихтироъкориву навоварӣ, ба омӯзиши асосҳои моликияти зеҳнӣ диққати махсус медиҳанд, зеро дарки асосҳои моликияти зеҳнӣ ба бедор шудани завқи ихтироъкорӣ ва истифодаи минбаъдаи маҳсулоти инноватсионӣ муосидат менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қишри зиёди ҷомеаи кишвар аз моҳият ва ҷанбаҳои асосии моликияти зеҳнӣ огоҳ нестанд, ки ин омил боиси суст рушд кардани ихтироъкорӣ ва навоварӣ дар кишвар мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таъсис додани сохтор ё ваколатдори махсус дар самти моликияти зеҳнӣ ва патентшиносӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷорӣ намудани таълими фанни асосҳои моликияти зеҳнӣ, таъсиси стипендия барои ихтироъкорон дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус, ҷорӣ намудани унвон ё ҷоизаи давлатии «Ихтироъкори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешниҳоди фармоишҳои давлатӣ ба ихтироъкорон ва таъсиси институти нархгузорон дар самти моликияти зеҳнӣ метавонад барои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ мусоидат намояд.

Барои аз ҷиҳати техникию технологӣ рушд додани кишвар, истеҳсоли молҳои рақобатпазир ва кам кардани вобастагии кишвар аз воридоти технологияҳои наву замонавӣ зарурати рушди фарогири фаъолияти ихтироъкорию навоварӣ дар кишвар пеш омадааст.

Аз ин рӯ, дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки асоси онро технологияҳои инноватсионӣ ташкил медиҳанд, бояд аз рӯйи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои ҷадидӣ ҳавасмандкунада барои пешбурди фаъолияти ихтироъкорию навоварӣ ва ҳамгироии ихтирооту истеҳсолот дар ҳамаи самту соҳаҳо таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Амалигардонии роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби муаллифон пешниҳод шудаанд, метовонанд дарояндаи наздик ба рушди соҳаи ихтироъкорӣ мусоидат намоянд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Шамсзода И.С.**

## АДАБИЁТ


1. Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар. –Душанбе, 30.05.2024.
2. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон // Ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -15.04.2021.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. аз 28 декабри 2016, №678.
4. Дариус Йокубайтис - директор по маркетингу компании Attention Insight.// Воплощение идей в реальность: шаги по созданию вашего изобретения. - 2023.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ"// Муасиссаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот". -Душанбе, 120 с.
6. Серия «Интеллектуальная собственность для бизнеса» // Изобретая будущее. Введение в тему «Патенты для малых и средних предприятий». Всемирная организация интеллектуальной собственности. ВОИС. –Женева, 2021.
7. Сомонаи расмии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо. [Манбаи электронӣ]. URL: www. ncpi.tj.
8. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 июни соли 2021, №210.
9. [Манбаи электронӣ]. URL: https://iccwbo.org/news-publications/policies-reports/intellectual-property-source-innovation-creativity-growth-progress/25 октября 2005 г
10. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.wipo.int/ip-financing/ru/index.html// Intellectual Property Finance. - 2022.

## РОҲҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИХТИРОЪКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(тадбирҳои андешидашуда ва афзалиятҳои минбаъда)**

Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти ихтироъкорӣ диққати махсус зоҳир карда шуда, самти мазкур дар сиёсати иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Тамоюлҳои технологию иттилоотӣ ва зеҳнии ҷаҳони муосир, ки бо суръати хело баланд рушд карда истодаанд, тақозо менамояд, ки кишварҳо мунтазам дар пайи ҷустуҷӯи роҳҳои нави рушди иқтисодӣ бошанд. Зеро, дар фазои имрӯзаи ҷаҳон, ки асоси онро технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, неруи зеҳнию зеҳни сунъӣ, илму технология ва ихтироъкорӣ ташкил медиҳад, таъмини рақобатпазирии кишвар бидуни рушди фарогири илму ихтироъкорӣ душвор мегардад. Бинобар ин, дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти ихтироъкорӣ бо нигоҳи стратегӣ масъалаи муҳимми замони муосир дар шароити татбиқи амалии афзалиятҳои иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар мақола, вазъи муосири ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадбирҳои андешидашуда дар самти рушди фаъолияти ихтироъкорӣ, механизми таъсири ихтироъкорӣ ба рушди иқтисодиёт ва мушкилоти асосии самти ихтироъкорӣ арзёбӣ гардида, роҳҳои муҳиму афзалиятноки ҳавасмандгардонӣ ва рушди фарогири фаъолияти ихтироъкорӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ихтироот, инноватсия, стратегия, рушди фарогир, мушкилот, ҳавасмандгардонӣ, рушди иқтисодиёт, моликияти зеҳнӣ, моликияти саноатӣ, роҳҳои рушд.

## МЕТОДЫ СТИМУЛИРОВАНИЯ ИЗОБРЕТАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**(принятые меры и дальнейшие приоритеты)**

В последние годы Правительство Республики Таджикистан уделяет особое внимание вопросу стимулирования и развития изобретательской деятельности, и данное направление является одним из приоритетных в социально-экономической политике Таджикистана. Стремительно развивающиеся технологические, информационные и интеллектуальные тенденции современного мира требуют от стран постоянного поиска новых путей экономического развития. Так как в современном мировом пространстве, основу которого составляют информационно-коммуникационные технологии, интеллектуальная мощь искусственного интеллекта, наука, техника и изобретательство, становится трудно обеспечить конкурентоспособность страны без всестороннего развития науки и изобретательства. Поэтому поиск путей стимулирования и развития изобретательской деятельности, со стратегической точки зрения, является важным вопросом современности в условиях практической реализации преимуществ рыночной экономики в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** изобретение, инновации, стратегия, инклюзивное развитие, проблемы, стимулы, экономическое развитие, интеллектуальная собственность, промышленная собственность, методы развития.

## WAYS TO STIMULATE INVENTIONAL ACTIVITY IN THE CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**(measures taken and future priorities)**

In recent years, the Government of the Republic of Tajikistan has been paying special attention to the issue of stimulating and developing inventive activity, and this area is one of the priorities in the socio-economic policy of Tajikistan. The rapidly developing technological, information and intellectual trends of the modern world require countries to constantly search for new ways of economic development. Because in the modern global space, which is based on information and communication technologies, the intellectual power of artificial intelligence, science, technology and invention, it becomes difficult to ensure the competitiveness of the country without the comprehensive development of science and invention. Therefore, the search for ways to stimulate and develop inventive activity from a strategic point of view is an important issue of our time in the context of the practical realization of the advantages of a market economy in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** invention, innovation, strategy, inclusive development, challenges, incentives, economic development, intellectual property, industrial property, development paths.

**Маълумот оид ба муаллифон:** ***Вализода Шавқат Шаробудин*** – Маркази миллии патенту иттилоот, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини аввали директор. **Суроға**: 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 14 А. Телефон: **(+992) 985844359.** E-mail: **shavkat-2003@mail.ru**

***Сорбони Саидҷалол*** – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**:734024, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 44. Телефон: **(+992) 918515256.** E-mail: **sorbon.info@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Вализода Шавкат Шаробудин*** – Национальный патентно-информационный цент кандидат экономических наук, заместитель директора. **Адрес**: 734042, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Айни, 14 А. Телефон: **(+992) 985844359.** E–mail: **shavkat-2003@mail.ru**

***Сорбони Саиджалол*** – Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни, 44. Телефон: **(+992) 918515256** E-mail: **sorbon.info@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Valizoda Shavqat Sharobudin*** – National Patent and Information Center, candidate of economic sciences, Deputy Director. **Address**: 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Ayni Street, 14A. Phone: **(+992) 985844359.** E–mail: **shavkat-2003@mail.ru**
***Sorboni Saidjalol*** – Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, PhD student. **Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni Street, 44. Phone: **(+992) 918515256.** E-mail: **sorbon.info@gmail.com**

ТДУ: 311:313(575.3)

# ТАҲЛИЛИ АЛОҚАМАНДИИ БАХШИ ЭНЕРГЕТИКА ВА РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Кенжаев И.У.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Бояд иброз дошт, ки баъд аз соҳибистиқлол эълон гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори фазои иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар ҳар як минтақаи алоҳидаи кишвар як навъ мушкилоти иқтисодие пайдо шуданд, ки дар умум боиси бад шудани иқтисодиёти мамлакат гардид. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар як минтақаи алоҳидаи кишвар вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ-ҷуғрофӣ мушкилотҳои ба худ хосро дорост.

Дар шароити кунунӣ пешрафти устувор ва муътадили иқтисодиёти минтақаҳои кишвар, пеш аз ҳама, бо татбиқи самараноки барномаҳои стратегии соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла бахши саноат муайян карда мешавад, вале барои рушди устувори ин соҳаи ҳаётан муҳим, шароити мусоид ва инфрасохтори зарурӣ бояд фароҳам оварда шавад, ки инфрсохтори асосии бахши энергетика мебошад. Зеро бахши энергетика яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, рушди тамоми сохторҳои соҳавии саноати кишвар ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ маҳз аз рушди бемайлони ин бахш вобастагии зич дошта, бо неруи барқ саривақт ва пурра таъмин нагардидани соҳаҳои саноат ва тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ на танҳо иқтисоди миллӣ пеш намеравад, балки тамоюли пастравӣ низ ба амал меояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки норасоии неруи барқ яке аз монеаҳои аслии рушди кишвар буда, дар бахшҳои мухталифи иқтисод мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Дар робита ба ин масъалаҳо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ доир ба бунёди корхонаҳо, хусусан корхонаҳои саноатӣ доимо таъкид менамоянд. Махсусан, дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 қайд карда мешавад, ки «...Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [7]. Айни ҳол рушди босуръати соҳаи саноат яке аз ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Барои дар амал татбиқ намудани ҳадафи мазкур барои марҳилаи аввал «Барномаи миёнамуҳлати саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» қабул карда шудааст. Таҳлили лоиҳаҳои саноатӣ, ки дар доираи Барномаи мазкур ба нақша гирифта шудаанд (то соли 2025), нишон медиҳад, ки талабот ба истифодаи неруи барқ 8,1 миллиард кВт-соат зиёд мешавад, ки барои бо неруи барқ таъмин намудани лоиҳаҳои зикргардида бояд манбаъҳои нави тавлидкунандаи иқтидор то 1000 МВт бунёд ва хатҳои барқии баландшиддати мавҷуда аз нав карда шаванд.

Чуноне, ки муҳаққиқи ватанӣ Назаров Т.Н. иброз медорад: «Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дар рушди саноат ва баъзе дигар соҳаҳои истеҳсолот аз кишварҳои ҳамсояи минтақа ақиб мондааст. Роҳбарияти мамлакат ин вазъиятро дарк намуда, саъю кӯшиш менамояд, ки дар солҳои наздик мушкилоти мавҷударо бартараф намуда, иқтисодиётро ба зинаи нави баланди тараққиёт бароранд. Яке аз роҳҳои ҳалли ин проблема, гузариш ба саноатикунонии сифатан нав мебошад» [6,с.7].

Муҳаққиқони дигари ватанӣ Ашуров И.С., Ғуломносирова Ф.М., Асоев М.М. вазъи инфрасохтори соҳаи саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои хосси соҳаи саноатро пешниҳод намудаанд. Соҳаи саноат бо сабабҳои зерин муҳимтарин соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад:

- тараққиёт ва рушди саноат, махсусан, электроэнергетика, мошинсозӣ ва кимиё асоси тараққиёти тамоми хоҷагии халқ мебошад;
- саноати вазнин, пояи устувори тамоми иқтисодиёт, ҳамчун асос барои такрористеҳсолоти васеъ ва инкишофи иқтисодии ҳамаи субъектони давлат баромад мекунад;

- қудрати иқтисодии давлат аз бисёр ҷиҳат бо дараҷаи тараққиёти саноат муайян карда мешавад;

- тараққиёту пешрафти саноати сабук ва хӯрокворӣ ба таъмини аҳолии мамлакат бо молҳои ниёзи мардум оварда мерасонад;

- умуман тараққиёти саноати миллӣ дар бахши таъмини бехатарии иқтисодиёти давлат аҳаммияти басо калон дорад [1].

Алҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози истеҳсолӣ ҳамчун кишвари аграрӣ-саноатӣ эътироф гардида, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 21%-23%-ро ташкил менамояд. Тибқи вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи нави то соли 2030 ба миён гузошташуда, Тоҷикистон роҳи гузариш аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиро интихоб кардааст, ки ноил шудан ба ин мақсад модернизатсияи назарраси соҳаҳои саноат аз ҷумла бо дарназардошти васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои навтарини ташкили истеҳсолотро тақозо менамояд [10]. Мувофиқи сенарияи индустриалии рушди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои амалкунанда ё оғозшудаи энергетикию инфрасохтор, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин, энергетикӣ ва дигарҳо, инчунин барқарор кардани иқтидорҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар саноат ва соҳаи кишоварзиро пешбинӣ мекунад. Дар доираи сенарияи мазкур ҳиссаи бахши аграрӣ дар сохтори ММД зиёда аз 1,1 маротиба коҳиш меёбад (дар давраи солҳои 2016-2020 сатҳи коҳишёбӣ аз 23,3 то 21%, солҳои 2021-2025 20,1% ва солҳои 2026-2030 то 19-19,5%), ҳиссаи саноат дар сохтори ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,8 маротиба афзоиш меёбад (дар давраи солҳои 2016-2020 афзоиш аз 12,3 то 12,5-13,2%, солҳои 2021-2025 то 16% ва солҳои 2026-2030 то 20-20,5%) (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии ҳиссаҳои бахши аграрӣ ва саноат дар сохтори ММД (мувофиқ ба сенарияи индустриалии рушди СМР-2030)**

**Table 1. Changes in the shares of the agrarian and industrial sectors in the GDP structure (according to the industrial development scenario of SMR-2030)**

| | Ҳиссаи бахши аграрӣ дар сохтори ММД (коҳишёбӣ) | Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД (афзоиш) |
|---|---|---|
| **2016-2020** | 23,3% то 21% | 12,3% то 12,5% - 13,2% |
| **2021-2025** | 20,1% | 16% |
| **2026-2030** | 19% - 19,5% | 20% - 20,5% |
| **Тағйирот (+/-)** | **-4,3%** | **+8,2%** |

Манбаъ: Таҳияи муаллиф аз рӯйи нишондодҳои СМР-2030

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали 1, дида мешавад, ки мувофиқи сенарияи мазкур ҳиссаи бахши аграрӣ дар сохтори ММД - ҷумҳурӣ сол ба сол коҳиш ёфта, аз 23,3% то 19% баробар шуда, тағйироти манфӣ 4,3% мебошад ва нишондиҳандаҳои фоизии ҳиссаи саноат дар сохтори ММД дар давраи солҳои 2016-2020 бошад аз 12,3% то ба 20,5% дар давраи солҳои 2026-2030 мерасад, яъне 8,2% афзоиш хоҳад ёфт.

Амалишавии ҳадафҳои мазкурро дар ҳудуди ҷумҳурӣ алалхусус дар минтақаҳо мавриди таҳлил қарор медиҳем. Тибқи маълумотҳои пойгоҳи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023, сохтори ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати умумии 141,4 ҳазор км$^2$ ба панҷ минтақаи мустақил ҷудо гардида, ВМКБ бо ҳисоби фоиз 44,5% ё ин, ки 62,9 ҳазор км$^2$, НТҶ – 20,1% ё ин, ки 28,5 ҳазор км$^2$, вилояти Суғд – 17,8% ё ин, ки 25,2 ҳазор км$^2$, вилояти Хатлон 17,5% ё ин, ки 24,7 ҳазор км$^2$, шаҳри Душанбе – 0,1% ё ин, ки 0,1 ҳазор км$^2$–ро ташкил менамоянд. Ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи нишондодҳои рушди иқтисодии онҳо ба гурӯҳи минтақаҳои мушкилотдор ворид кардан мумкин аст, аммо солҳои охир минтақаҳои кишвар дар алоҳидагӣ рушд карда истодаанд. Ҳар як минтақаи кишвар дорои потенсиали захиравии худ аз қабили табиӣ, истеҳсолӣ, қувваи корӣ, илмию техникӣ ва ғайраҳо мебошад, ки истифодаи самараноки онҳо барои иқтисодиёти миллӣ ва худи минтақа муҳим аст. Аз захираҳои дар боло зикргардида метавон қайд намуд, ки яке аз муҳимтарини онҳоро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ қувваи корӣ ташкил менамояд, зеро

тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо назардошти ҳамбастагӣ бо равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ равандҳои демографӣ барои рушди дарозмуҳлат хеле муҳим мебошанд.

То соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, ба 11,5 млн нафар хоҳад расид. Дар ҷумҳурӣ афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад. Шумораи аксарияти аҳолӣ (тақрибан 60%) аҳолии синни қобили меҳнат (аз 15 то 64-соларо) ташкил хоҳад дод, ки онҳо пешбарандаи рушди иқтисодӣ мешаванд. Шумораи зиёди кишварҳои Осиё, ки аз вазъи бамиёномада дуруст истифода бурданд, ба марҳилаи нави рушд баромаданд ва агар Тоҷикистон тадбирҳои муайян наандешад, “равзанаи имкониятҳои демографӣ” ба “равзанаи таҳдиди демографӣ” табдил меёбад [4,с.70]. Динамикаи афзоиши аҳолиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2022 мавриди таҳлил қарор медиҳем (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Шумораи аҳолии доимии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2000-2022, ҳазор нафар**
**Diagram 1. The number of permanent residents of the regions of the Republic of Tajikistan in 2000-2022, thousands of people**




Манбаъ: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. – С.125

Тавре таҳлили маълумоти диаграммаи 1 нишон медиҳад, дар давраи аз соли 2000 то соли 2022 шумораи аҳолии доимӣ дар кишвар беш аз 1,6 маротиба афзуда, суръати афзоиши табиӣ аҳолӣ 60,8% аст. Дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе дар соли 2022 шумораи аҳолии доимӣ ба 1221,2 ҳазор нафар баробар гардида, нисбати соли 2000 беш аз 2,1 маротиба ё 641,8 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Дар НТҶ беш аз 1,6 маротиба ё 766,5 ҳазор нафар, дар вилояти Суғд беш аз 1,5 маротиба ё 968,2 ҳазор нафар, дар вилояти Хатлон беш аз 1,6 ё 1412,8 ҳазор нафар ва дар ВМКБ бошад беш аз 1,1 маротиба ё 24,6 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар соли 2022 ҳиссаи шумораи аҳолии доимии минтақаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба шаҳри Душанбе – 12,1%, НТҶ – 21,3%, вилояти Суғд – 28,5%, вилояти Хатлон – 35,8% ва ВМКБ – ҳамагӣ 2,3% рост меояд. Дар баробари суръати баланди афзоиши аҳолии кишвар, суръати афзоиши истеҳсолот низ бояд таъмин карда шавад. Ин тамоюл барои пешгирӣ намудани коҳишёбии сатҳи некуаҳволии мардум, коҳишёбии қобилияти низомҳои мавҷуда ва самаранокии онҳо зарур мебошад. Чунин масъала дар асоси усулҳои анъанавии ғайрисамарабахши хоҷагидорӣ наметавонад ҳалли худро пайдо намояд. Таъмин намудани аҳолии минтақаҳои кишвар ба ҷойи кори доимӣ афзалияти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, соҳаи саноат ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар ҳалли мушкилоти мазкур ба ҳисоб меравад.

Чун дар боло қайд намуда будем, заминаи муҳим ва инфрасохтори асосӣ барои саноати ҷумҳурӣ бахши энергетика мебошад. Бо истифода аз мавҷуд будани иқтидори бузурги истеҳсолии неруи барқ дар кишвар, Ҳукумати ҷумҳурӣ ба амалисозии лоиҳаҳои муҳим дар соҳаи энергетика шуруъ намуда, ҷиҳати расидан ба яке аз ҳадафҳои дигари стратегии кишвар таъмини истиқлолияти энергетикӣ ҳамасола аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои молиявӣ махсусан буҷетӣ давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои сармоягузорӣ тадбирҳои судманд андешида истодааст. Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва

истифодаи самарабахши неруи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ ба маблағи умумии 86 миллиард сомонӣ бунёду таҷдид гардид, ки дар натиҷа 75%-и зерсохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ карда шуд. Аз ҷумла неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Помир – 1», «Тоҷикистон» ва Маркази барқу гармидиҳӣ дар шаҳри Душанбе сохта ба истифода дода шуда, неругоҳи «Сарбанд» пурра таҷдид гардид. Илова бар ин, корҳои таҷдиду барқарорсозии пурраи неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум», инчунин, бунёди неругоҳи «Себзор» бомаром идома дорад. Дар ин давра беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ ба истифода дода шуданд [5].

Натиҷаи тадбирандешиҳои саривақтии Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси он гаштааст, ки нишондодҳои истеҳсоли ҳаҷми неруи барқ дар мамлакат дар ҳоли афзоиш қарор дошта, дар соли 2022 ба 21,4 млрд кВт с. неруи барқ баробар гардидааст (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Тавозуни барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2016-2022 (миллион киловатт соат)**
**Table 2. Electricity balance in the Republic of Tajikistan in 2016-2022 (million kilowatt hours)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Соли 2022 нисбат 2016, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **Истеҳсоли неруи барқ** | **17232** | **19742** | **20677** | **19771** | **20624** | **21400** | 1,2 |
| Аз хориҷи ҷумҳурӣ неруи барқ гирифта шудааст | 103 | 559 | 281 | 379 | 883 | 797 | 7,7 |
| Ба хориҷи ҷумҳурӣ неруи барқ содир карда шудааст | 1428 | 2945 | 3175 | 1870 | 3307 | 3344 | 2,3 |
| Талафот дар шабакаҳои истифодаи умум | 2746 | 2878 | 2429 | 2549 | 4071 | 3920 | 1,4 |
| Барои истифодаи худӣ сарф карда шудааст | 164,1 | 204,0 | 213,3 | 311,4 | 299,9 | 222,2 | 1,3 |
| **Неруи барқ истеъмол карда шудааст** | **13161** | **14274** | **15141** | **15420** | **13829** | **14711** | 1,2 |
| дар саноат | 4114 | 3783 | 3990 | 2744 | 3934 | 3818 | 0,9 |
| дар сохтмон | 67 | 39 | 46 | 57 | 43 | 29 | 0,4 |
| дар нақлиёт | 35 | 7 | 8 | 8 | 9 | 9 | 0,3 |
| дар кишоварзӣ | 2807 | 2241 | 2338 | 2619 | 2086 | 2225 | 0,8 |
| дар дигар соҳаҳо | 1293 | 2625 | 2740 | 3135 | 2347 | 2781 | 2,2 |
| Аҳолӣ | 4845 | 5579 | 6019 | 6857 | 5410 | 5850 | 1,2 |

| **Ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли неруи барқ дар миқёси ҷумҳурӣ, дар соли 2022, бо %** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон, ҳамагӣ | I | II | III | IV | V |
| 100 | 7,2 | 7,8 | 2 | 82,1 | 0,9 |

**Эзоҳ:** I – шаҳри Душанбе; II – НТҶ; III – вилояти Суғд; IV – вилояти Хатлон; V – ВМКБ.

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.26. 83.

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 2, истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ дар ҳоли афзоиш қарор дошта, дар солҳои таҳлилӣ 2016-2022 аз 17232 млн кВт с. то ба 21400 млн кВт с. расида, зиёдшавӣ 4168 млн кВт с. ё 24,2%-ро ташкил менамояд. Содироти неруи барқ ба хориҷи ҷумҳурӣ низ тамоюли рушд дошта, аз 1428 млн кВт с. то ба 3344 млн кВт с. баробар гардидааст, ки афзоиш 1916 млн кВт с ё 1,3 маротиба мебошад. Соли 2022 аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли неруи барқ дар миқёси ҷумҳурӣ хусусан вилояти Хатлон бо 82,1% ҷойи намоёнро ишғол намуда, НТҶ – 7,8%, шаҳри Душанбе - 7,2%, вилояти Суғд 2% ва ВМКБ – 0,9%-ро ташкил менамоянд. Истеъмолкунандагони асосии неруи барқ дар ҷумҳурӣ аҳолӣ – 5850 млн кВт с., соҳаҳои саноат 3818 млн кВт с., кишоварзӣ – 2225 млн кВт с. ва дигар соҳаҳо 2781 млн кВт с. мебошанд. Тазаккур бояд дод, ки барои рушди минбаъдаи соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ истеҳсоли неруи барқ омили муҳимтарини такондиҳанда ба ҳисоб рафта, танҳо дар ҳолати рушди устувори бахши энергетика метавон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро зиёд намуд. Аз рӯйи нишондодҳои ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ мушоҳида мегардад, ки дар ин

самт корхои анҷомдошуда самаранок буда, мусбӣ арзёбӣ мегарданд. Бинобар ин, то кадом андоза аз рушди бахши энергетика вобастагӣ доштани дигар соҳаҳои саноатро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ҳангоми баҳодиҳии динамикаи рушди воқеии ҳаҷм, суръат ва сохтори соҳаҳои саноати кишвар истифодаи меъёрҳои муқоисавӣ ва занҷираи солонаи тағйирёбии чунин нишондиҳандаи макроиқтисодии мамлакат зарур мебошад (нигаред ба диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Динамикаи афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат, солҳои 2016-2022, бо %**
**Diagram 2. The dynamics of GDP growth of the Republic of Tajikistan and the share of added value of the industry, 2016-2022, in %**

**(млн. сомонӣ)**




Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2021. С.30. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.23.

Нишондиҳандаҳои диаграммаи 2, ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022 суръати солонаи афзоиши нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ - маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба тағйиротҳои назаррасӣ мусбӣ ноил гардида, бо ҳисоби маблағ 60949,1 млн сомонӣ ё ин ки 1,1 маротиба афзудааст. Вале ҳиссаи арзиши соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар, ки дар соли 2016-ум ба 16,9% баробар буд, дар соли 2022 17%-ро ташкил намуда, ҳамагӣ 0,1% афзоиш ёфтааст, ки қаноатбахш нест, вале дар солҳои таҳлилшаванда нишондиҳандаҳои мусбӣ хусусан дар солҳои 2018 – 21,2%, 2019 – 21,2% ва соли 2021 – 23,8% дида мешавад.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2016-2022**
**Table 3. The main indicators of the industry of the Republic of Tajikistan in 2016-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Соли 2022 нисбат ба соли 2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Бо рақам (+;-) | Бо % (+;-) |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 2043 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | +759 | +37,1 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2022, млн. сомонӣ | 19650 | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | +23375 | +119 |
| Шумораи миёнаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 80,9 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | +5,4 | +6,7 |
| аз он коргарон | 65,9 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | +5,3 | +8,1 |
| Индекси истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 116,0 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | | |

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.9.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот рӯ ба рӯ гардид, ки сабаби якбора коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ гардида буд, вале солҳои охир мушкилоти ҷойдошта зина ба зина ҳалли худро пайдо намуда истодааст. Барои муайян кардани тамоилҳои рушди соҳаи саноат дар ҷадвали 3 динамикаи нишондиҳандаҳои умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022 оварда шудааст, таҳлил менамоем.

Аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои асосии саноати ҷумҳурӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст ва бо нишондиҳандаҳои фоизӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 шумораи корхонаҳои саноатӣ 759 воҳид ё ин, ки 37,1% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ низ тамоюли зиёдшавӣ дошта, афзоиш 23375 млн сомонӣ ё 1,1 маротибаро ташкил медиҳад. Шумораи миёнаи кормандони саноатию истеҳсолӣ аз 80,9 ҳазор нафар то ба 86,3 ҳазор расида, зиёдшавӣ 5,4 ҳазор нафар ё 8,1% мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаҳои саноат баъд аз истиқлолият ба даст овардан аз рӯйи нишондодҳои иқтисодиву оморӣ ба оғози солҳои 2000-ум рост меояд. Мувофиқи нишондодҳои пойгоҳи додаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар солҳои 2000-2022 натиҷаҳои мусбӣ дошта, дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар ба 43025 млн сомонӣ баробар гардида, нисбати соли 2000-ум фарқияти мусбӣ 7,5 маротиба ва бо ҳисоби маблағ ба 37321 млн сомонӣ баробар мебошад. Истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ бо нархҳои солҳои таҳлилшаванда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ соли 2000 – 5704 млн. сомонӣ, соли 2005 - 9930 млн сомонӣ, соли 2010 – 11344 млн сомонӣ, соли 2015 – 16116 млн сомонӣ, соли 2019 – 28391 млн сомонӣ, соли 2020 – 30890 млн сомонӣ, соли 2021 – 38829 млн сомонӣ ва соли 2022 - 43025 млн сомониро ташкил додааст (нигаред ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Динамикаи зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2000-2022 млн сомонӣ**

**Table 4. The dynamics of the increase in the volume of production of industrial products in the regions of the Republic of Tajikistan in 2000-2022 million somoni**

| Солҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2020/2000 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон, ҳамагӣ | 5704 | 9930 | 11344 | 16116 | 28391 | 30890 | 38829 | 43025 | 7,5 |
| ***аз ҷумла*** | | | | | | | | | |
| шаҳри Душанбе | 376 | 1187 | 1991 | 2330 | 2831 | 2800 | 3339,4 | 3535,9 | 9,4 |
| НТҶ | 566 | 841 | 855 | 1607 | 2976 | 3289 | 3776,3 | 4186,1 | 7,4 |
| вилояти Суғд | 1668 | 2721 | 3300 | 6402 | 13414 | 15573 | 21064,8 | 24326,3 | 14,5 |
| вилояти Хатлон | 1562 | 2989 | 3694 | 5321 | 8900 | 8998 | 10333,0 | 10792,5 | 6,9 |
| ВМКБ | 37 | 63 | 77 | 126 | 256 | 229 | 315,5 | 184,1 | 4,9 |

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2021. -С.30. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.9.

Маълумотҳои ҷадвали мазкурро таҳлил намуда мушоҳида менамоем, ки дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, дар давраи таҳлилшавандаи солҳои 2000-2022 хусусан дар вилояти Суғд нишондоди мазкур аз 1668 млн сомонӣ ба 24326,3 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки афзоиш бо ҳисоби маблағ 22658,3 млн сомонӣ ё ин ки 13,5 маротибаро ташкил менамояд. Иқтидори саноатии вилояти Суғд дар соли 2022 аз 860 корхона иборат буда, самаранок истифодабарии онҳо дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии он дарҷ мегардад. Зеро корхонаҳои саноатии минтақа дар соли 2022 бо ҳаҷми истеҳсоли 24326,3 млн сомонӣ ё ин ки 56,5% аз ҳаҷми умумии маҳсулотҳои саноатии ҷумҳуриро истеҳсол намудаанд. Метавон қайд намуд, ки вилояти Суғд аз ҷиҳати саноат рушдёфта ба ҳисоб рафта, дар миқёси ҷумҳурӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Чунончи, сатҳи саноатикунонӣ ва такмили иқтидори саноатӣ дар бахши иқтисодии вилояти Суғд дуруст ва мақсаднок ба роҳ монда шудааст.

Дар вилояти Хатлон бошад, ҳаҷми афзоиши нишондоди мазкур бо ҳисоби маблағ 9230,5 млн сомонӣ ва 5,9 маротиба (576%)-ро ташкил намуда, дар соли 2022 аз ҳаҷми умумии 43025 млн сомонии миқёси ҷумҳурӣ 10792,5 млн сомонӣ ё ин, ки 25% ба вилояти

мазкур рост меояд, ки пас аз вилояти Суғд дар ҷои дуюм қарор дорад. Инчунин, дар шаҳри Душанбе ҳаҷми афзоиш бо ҳисоби маблағ 3159,9 млн сомонӣ ё ин, ки 8,4 маротиба, дар НТҶ – 3620,1 млн сомонӣ ё ин, ки 6,4 маротиба, дар ВМКБ –147,1 млн сомонӣ ё ин, ки 3,9 маротибаро ташкил менамояд.

Бахшҳои асосии сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои ҷумҳуриро саноати истихроҷи маъдан, аз он ҷумла истихроҷи маводҳои энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ; саноати коркард аз он ҷумла истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрока, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, чарм, коркарди чӯбу тахта, селулозаю коғаз, истеҳсоли маҳсулотҳои нафтӣ, кимиё, ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ, металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ, мошинсозӣ ва албатта, истеҳсолу тақсими неруи барқ, об ва газ ташкил менамоянд (нигаред ба ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022, бо %**

**Table 5. The structure of industries in the regions of the Republic of Tajikistan in 2022, in %**

| **Бахшҳо** | **Минтақаҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V |
| **Саноат, ҳамагӣ** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **1,5** | **27,7** | **29,5** | **4,2** | **30,6** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | - | 2,5 | 1,8 | 0,3 | - |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1,5 | 25,2 | 27,7 | 3,9 | 30,6 |
| **Саноати коркард** | **68,3** | **45,4** | **64,2** | **60,5** | **26,5** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 25,4 | 8,7 | 30,8 | 14,8 | 13,5 |
| истеҳсоли насоҷӣ ва дӯзандагӣ | 3,5 | 6,8 | 5,8 | 26,8 | 6,2 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 1,8 | 0,0 | 0,3 | 0,1 | - |
| коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб | 0,9 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 1,0 |
| истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 6,3 | 0,3 | 0,2 | 0,0 | 0,5 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафт | 0,1 | 0,9 | 0,1 | 0,1 | - |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 0,6 | 1,7 | 0,6 | 1,9 | 0,1 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 2,4 | 2,7 | 1,1 | 0,5 | 0,5 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,0 | 4,6 | 3,6 | 14,3 | 2,7 |
| истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ | 5,7 | 17,6 | 20,8 | 0,8 | 1,7 |
| Мошинсозӣ | 11,2 | 1,3 | 0,1 | 0,9 | - |
| дигар соҳаҳои саноат | 1,4 | 0,5 | 0,5 | 0,1 | 0,3 |
| **Истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об** | **30,2** | **26,9** | **6,3** | **35,3** | **42,9** |
| **Эзоҳ:** I – шаҳри Душанбе; II – НТҶ; III – вилояти Суғд; IV – вилояти Хатлон; V – ВМКБ. | | | | | |

Манбаъ: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.125.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали 5, мушоҳида карда мешавад, ки сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои кишвар дар соли 2022 ба таври гуногун тақсимбандӣ гардида, аз якдигар тафовути зиёд доранд.

Дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ба истиснои ВМКБ ҳиссаи саноати коркард махсусан истеҳсоли маҳсулоти хӯрока бештар ба назар мерасад.

Дар шаҳри Душанбе саноати коркард афзалият дошта 68,3%-ро ташкил намудааст. Дар саноати коркарди шаҳр ҳиссаи бештар дар истеҳсоли маҳсулотҳои зайл мушоҳида мегардад, аз он ҷумла истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку - 25,4%, мошинсозӣ - 11,4%, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ – 9%, истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр - 6,3% мебошанд. Дар соли 2022 истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об ба 30,2% ва саноати истихроҷи маъдан - 1,5%-и ҳиссаи умумии сохтори соҳаҳои саноати шаҳри Душанбе баробар аст.

Дар сохтори соҳаҳои саноати ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ), низ чун дар боло зикр намудем, ҳиссаи саноати коркард бештар ба назар расида 45,4% аз ҳиссаи умумии минтақаро ташкил намуда, саноати истихроҷи маъдан 27,7%, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об 26,9%-ро ташкил менамоянд.

Дар вилояти Суғд – саноати коркард ба 64,2% баробар буда, аз ин истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку - 30,8%, истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва масноути тайёри филизӣ - 20,8%, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ - 3,6% ва ҳиссаи боқимондаро дар бахши саноати коркарди минтақа дигар намуди маҳсулотҳо ташкил менамояд. Саноати истихроҷи маъдан 29,5%-и ҳиссаи умумии истеҳсоли маҳсулоти саноати минтақаро ташкил намуда, 27,7%-и он истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ мебошанд. Истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об дар ҳудуди вилоят нисбати дигар минтақаҳои ҳудуди ҷумҳурӣ фарқияти калони манфиро соҳиб гардида, ҳамагӣ ба 6,3% баробар аст.

Дар вилояти Хатлон ба монанди дигар минтақаҳо дар сохтори соҳаҳои саноати вилоят саноати коркард афзалият дошта, аз ҳиссаи умумӣ 60,5%-ро ташкил намудааст. Истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об дар ҳудуди вилоят 35,3%, саноати истихроҷи маъдан бошад ҳиссаи ночизро ташкил намуда, ҳамагӣ – 4% мебошад.

Дар ҳудуди ВМКБ соли 2022 ҳамагӣ - 0,4% аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотҳои саноатии ҷумҳурӣ рост омода, ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноати минтақа чунин раддабандӣ гардидааст, аз он ҷумла истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об – 42,9%, саноати истихроҷи маъдан – 30,6%, саноати коркард – 26,5%.

Хулоса, ҳолати кунунии истеҳсоли неруи барқ ва маҳсулоти саноатӣ дар таносуби минтақаҳои ҷумҳурӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулотҳои мазкур ба таври гуногун тақсимбандӣ шуда, метавон қайд намуд, ки дар ҳамаи минтақаҳо имкониятҳои энергетикӣ ба таври назаррас самаранок истифода гардидааст. Маҳз натиҷаи тадбирандешиҳои саривақтии Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси он гаштааст, ки нишондодҳои истеҳсоли ҳаҷми неруи барқ дар мамлакат дар ҳоли афзоиш қарор дошта, дар соли 2022 ба 21,4 млрд кВт с. неруи барқ баробар шуда, дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар бошад ба 43025 млн сомонӣ баробар гардида, нисбати соли 2000-ум фарқияти мусбӣ 7,5 маротиба ва бо ҳисоби маблағ ба 37321 млн сомонӣ баробар мебошад. Дар таносуби ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ва маҳсулоти саноатӣ дар ду минтақаи афзалиятдор, ки яке дар истеҳсоли неруи барқ ва дигаре дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳиссаҳои бештар доранд, дидан мумкин аст, ки танҳо дар вилояти Хатлон гарчанде аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ нисбати дигар минтақаҳо афзалият бараъло мушоҳида гардида, он 82,1%-и миқёси ҷумҳуриро ташкил намояд ҳам, мутаассифона дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳамагӣ аз чор як ҳиссаи миқёси ҷумҳурӣ ё ин, ки 25,1%-ро ташкил менамояд. Нишондодҳои вилояти Суғд баръакс буда, ҳиссаи вилоят дар ҳаҷми умумии истеҳсоли неруи барқи ҷумҳурӣ ҳамагӣ ба 2% баробар бошад ҳам, вале дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад 56,6%-ро ташкил намуда, аз лиҳози истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ устувор ва минтақаи куллан рушдёфтаи саноатӣ ҳисобида мешавад.

Дар умум, яке аз дастовардҳои муҳимми саноати мамлакат солҳои охир ин зина ба зина рушд кардани бахши энергетикаи кишвар мебошад. Аҳамияти бахши энергетика дар истеҳсолоти муосири моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон гидроэнергетикаро ба яке аз соҳаҳои калидӣ ва афзалиятноки тараққиёти хоҷагии халқ табдил дода, ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки амнияти энергетикии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муҳимтарин омили на танҳо таъмини амнияти иқтисодии мамлакат аз нигоҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар, балки дар ҳаёти аҳолӣ низ ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили алоқамандии бахши энергетика ва рушди соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла истиқлолияти энергетикӣ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши калидӣ дошта, танҳо дар ҳолати дар ҳаҷми зарурӣ бо неруи барқи арзон таъмин намудани корхонаҳои нави саноатӣ метавон ҳадафи дигари стратегии мамлакат саноатикунонии босуръатро дар амал татбиқ намуд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ФДБССТ**
**дар вилояти Хатлон – Турсунов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров И.С., Ғуломносирова Ф.М., Асоев М.М. Таҳлили вазъи инфрасохтори соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2021. -№4(76). -С.111-123. [Манбаи электронӣ]. URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_48039205_46534707.pdf (санаи муроҷиат 16.04.2024).

2. Кенжаев, И.У. Основные принципы обеспечения инвестиционной привлекательности водно-энергетического сектора региональной экономики / И.У. Кенжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№8. -С.64-73. – EDN WUXUEV.
3. Кенжаев, И.У. Энергетический сектор как стратегическая отрасль развития национальной экономики Республики Таджикистан / И.У. Кенжаев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. -№1-4-1(57). -С.210-213. – EDN YYEJVJ.
4. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2023. -С.125.
5. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маориф, аз 30.05.2024. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj (санаи муроҷиат 15.06.2024).
6. Назаров Т.Н. Экономика в эпоху перемен (Проблемы и поиски путей решения) / Т.Н. Назаров. -Душанбе: Дониш, 2022. -328 с.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2018//www.president.tj (санаи муроҷиат 26.05.2024).
8. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.9.,23.,26.,83.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30–соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2021. -С.30, 40-48.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -89 с.
11. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2021. -С.40.,403.,488-489.
12. Ҳофизов Ҳ.А. Захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои рушди он / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2022. -№11. -С.53-62.
13. Хоҷаев Д.Х. Ҳолати рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон ва нақши он дар таъмини амнияти иқтисодӣ / Д.Х. Хоҷаев, Убайдуллозода Ғ.Х. // Паёми ДДТТ. –Душанбе, 2022. -№1(40). -С.288-294.

## ТАҲЛИЛИ АЛОҚАМАНДИИ БАХШИ ЭНЕРГЕТИКА ВА РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола ҳолати алоқамандии бахши энергетика ва рушди соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳангоми нишон додани ҳолати кунунии истеҳсоли неруи барқ ва ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ чунин нишондиҳандаҳои асосӣ таҳлил гардидаанд, аз ҷумла тавозуни барқ дар ҷумҳурӣ, ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар ҳаҷми умумии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (МУД), шумораи корхонаҳо, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳо. Аз ҷониби муаллиф алоқамандии рушди бахши энергетика ва дигар соҳаҳои саноат мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши он дар рушди соҳаи мазкур нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** бахши энергетика, соҳаи саноат, саноати минтақа, неруи барқ, маҳсулоти саноатӣ, НТҶ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, ВМКБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## АНАЛИЗ ВЗАИМОСВЯЗИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ И РАЗВИТИЯ ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается взаимосвязь энергетического сектора и развития отраслей промышленности в регионах Республики Таджикистан. При отображении текущего положения производства электроэнергии и объема промышленной продукции анализировались следующие основные показатели, в том числе электробаланс в республике, доля добавленной стоимости промышленной отрасли в общем объеме валового внутреннего продукта (ВВП), количество предприятий, объем промышленной продукции, среднегодовая численность промышленно-производственных работников, темпы роста общего объема промышленной продукции, структура отраслей промышленности в регионах. Автором исследована связь развития энергетической отрасли с другими отраслями промышленности, и отмечена их роль в развитии данной отрасли.

**Ключевые слова:** энергетика, промышленный сектор, региональная промышленность, электроэнергия, промышленная продукция, РРП, Согдийская область, Хатлонская область, ГБАО, Республика Таджикистан.

## ANALYSIS OF THE RELATIONSHIP OF THE ENERGY INDUSTRY AND THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL INDUSTRIES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the relationship between the energy sector and the development of industrial sectors in the regions of the Republic of Tajikistan. When displaying the current situation of electricity production and the volume of industrial output, the following main indicators were analyzed, including the electricity balance in the republic, the share of added value of the industrial sector in the total gross domestic product (GDP), the number of enterprises, the volume of industrial output, the average annual number of industrial production workers , growth rate of total industrial output, structure of industrial sectors in the regions. The author explored the connection between the development of the energy industry and other industries, and noted its role in the development of this industry.

**Keywords:** energy, industrial sector, regional industry, electricity, industrial products, DRS, Sughd region, Khatlon region, GBAO, Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кенжаев Икром Умаркулович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **kenzhaev.ikrom@inbox.ru.** Телефон: **934-48-70-70**

**Сведения об авторе:** ***Кенжаев Икром Умаркулович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес**: 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **kenzhaev.ikrom@inbox.ru**. Телефон: **934-48-70-70**

**Information about the author:** ***Kenjaev Ikrom Umarkulovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer of the Department of Economic Theory. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini Street, 67. E-mail: **kenzhaev.ikrom@inbox.ru.** Phone**: 934-48-70-70**

ТДУ:338.431(575.3)

# ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ РАВНАҚИ БОЗОРИ АГРООЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

*Худойбердиева З.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди бозори агроозуқаворӣ омили муҳимми таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад. Ин далели он аст, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаи муҳимми иқтисодиёт ба шумор рафта, аҳолиро бо маводи озуқаворӣ ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамояд. Моҳияти бозори агроозуқаворӣ тавассути иҷрои вазифаҳои зерин: иҷтимоӣ, иттилоотӣ, миёнаравӣ, санитарӣ, назоратӣ муаяйн карда мешавад [2]. Ба фикри ин ҷониб, бозори агроозуқаворӣ бозоре мебошад, ки дар он хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба миён меояд. Ба ин маҳсулотҳо, аз қабили ғалладона, маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, мевагӣ, сабзавот ва дигар маҳсулотҳои хӯрокворӣ дохил мешаванд. Бозори агроозуқаворӣ метавонад маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва ҳатто байналмилалӣ бошад.

Бозори агроозуқаворӣ ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, савдо, логистика, молия, илм ва иттилоот шароит фароҳам оварда, ба амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва ҳифзи муҳити зист мусоидат намояд. Барои рушди бозори агроозуқаворӣ тавассути зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулоти он ва дастрасии аҳолӣ ба маводи озуқа шароит фароҳам овардан зарур аст. Инчунин, муҳим аст, ки таъмини рушди инфрасохтори бозор, беҳтар намудани ҳамлу нақли маҳсулот ва дастрасии қарз барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест. Ба ғайр аз ин, барои коркарди технологияҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва усулҳои нави парвариши зироатҳо ва чорвои маҳсулдеҳ гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ муҳим мебошад. Ин боиси баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва кам шудани арзиши аслии маҳсулот мегардад.

Бозори агроозуқаворӣ аз унсурҳои ба худ хос таркиб ёфтааст, ки ҳар кадоми онҳо дар ҷараёни мубодилаи молу маҳсулот вазифаҳои хешро иҷро менамоянд (расми 1). Барои арзёбии бозори агроозуқаворӣ нишондиҳандаҳои мухталиф, аз қабили ҳаҷми истеҳсолот, ҳаҷми содирот ва воридот, сатҳи нархҳо, рақобатпазирии маҳсулот, сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ, инчунин, вазъи инфрасохтору таҳқиқотҳои илмӣ, маълумотҳо оид ба даромад ва аҳолии машғули кор дар соҳаи кишоварзӣ, сифати маҳсулоти ғизоӣ ва сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагон низ метавонад истифода шаванд.

**Расми 1. Унсурҳои бозори агроозуқаворӣ**
**Figure 1. Elements of the agri-food market**




Мувофиқи ҷадвали овардашуда, унсурҳои бозори агроозуқавориро чунин шарҳ медиҳем:

1. Истеҳсолкунандагон: корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва ҷангал.

2. Истеъмолкунандагон: аҳолӣ, муассисаҳои хӯроки умум, савдои чакана ва дигар ташкилотҳо.

3. Таъминкунандагон: таъминкунандагони захираҳо, таҷҳизот ва хизматрасониҳо барои истеҳсолоти кишоварзӣ.

4. Инфрасохтор: маркази логистикӣ, фурӯшандагони яклухт ва чакана.

5. Органҳои идоракунӣ: вазорату идораҳое, ки сиёсати аграрӣ ва назорати сифати маҳсулотро пеш мебаранд.

6. Институтҳои молиявӣ: бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, ки барои иштирокунандагони бозори агроозуқаворӣ қарз ва хизматрасониҳо пешниҳод менамоянд.

7. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ: ташкилотҳое, дар самти аграномӣ, чорводорӣ, саноати хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳои ба он алоқаманд кору фаъолият менамоянд.

8. Муассисаҳои таълимӣ: мактабҳо, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо, ки барои соҳаи кишоварзӣ мутахассис тайёр менамоянд.

9. Иттилоот ва ВАО: хабарҳо, рӯйдодҳо ва тамоюли бозори агроозуқавориро инъикос мекунанд, маводҳои таҳлилӣ ва машваратӣ пешниҳод менамояд.

Бо мақсади ҳарчи бештар истеҳсол намудани маҳсулоти озуқаворӣ тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва савдо ба роҳ мондан ба манфиати кор аст. Барои ҳавасмандии рушди соҳаи кишоварзӣ амалӣ намудани чорабиниҳои зерин, ба мисоли пешниҳоди субсидия, имтиёзҳои андозию гумрукӣ, таъмини дастрасии молистеҳсолкунандагон ба қарз ва тараққиёти инфрасохтори он метавонанд истифода шаванд.

Аз ин рӯ, ҳарчи бештар истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини талаботи аҳолии кишвар ва тақвият бахшидан ба содироти он; кам кардани воридоти маҳсулоти кишоварзӣ аз хориҷ; истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир; ҷалби сармоягузории хориҷию дохилӣ дар соҳаи кишоварзӣ; дастрасии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба қарз ва дигар манбаҳои маблағгузорӣ; ба роҳ мондани ҳамгироии зич байни саноати хӯрокворӣ ва муҷтамаи агросаноатӣ; таҷдиди назар намудани инфрасохтори истеҳсолии кишоварзӣ; таъмини аҳолии деҳот бо ҷойи кори домӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ мавсимӣ фаъолият менамоянд; ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аз зумраи роҳҳои расидан ба амнияти озуқаворӣ мебошад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: “Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаврии истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85% расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад. Истеҳсоли картошка (122%-и талабот), сабзавот (174%), пиёз (527%), сабзӣ (360%), полезӣ (312%), гӯшту шир (100%) барзиёд аз меъёри истеъмолӣ таъмин гардидааст. Яъне, имрӯз кишвари мо бо ин намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ пурра таъмин мебошад” [8].

Ҳамгироии агроозуқаворӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши калидӣ дорад. Он ба хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки захираҳо ва донишҳои худро барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, беҳтарсозии дастрасӣ ба бозор ва коҳиш додани вобастагии воридот муттаҳид созад. Ҳамчунин, ба таъмини рушди босуботи кишоварзӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии деҳқонон ва истеъмолкунандагон мусоидат мекунад. Бо мақсади расидан ба амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори агроозуқаворӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар пайваста диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида дар ин самт истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 зиёд гардидааст (ҷадвали 1).

Чи тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ дар ҳамаи маҳсулотҳои кишоварзӣ аз соли 1991 ин ҷониб афзоиш ёфта истодааст.

Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи муҳимтарини истеҳсолоти моддӣ ба шумор меравад. Дар тули солҳои соҳибистиқлолии кишвар ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ таҷдиди колхозу совхозҳо ва дар заминаи хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ таъсис додани хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, пудратҳои оилавӣ ва ғайра ба миён омад, ки ин ҳолат самаранокии истеҳсолотро дар кишоварзӣ баланд намуд.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ**
**Table 1. Production of the main types of agricultural products**

*(бо фоиз)*

| № | Номгӯи маҳсулот | солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1. | **Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгӣ** | 100 | 495,9 | 444,0 | 484,5 | 534,8 | 543,3 |
| 2. | **Картошка** | 100 | 738,7 | 910,2 | 938,3 | 964,8 | 982,5 |
| 3. | **Сабзавот** | 100 | 576,5 | 657,2 | 676,8 | 768,8 | 805,5 |
| 4. | **Полизии озуқаворӣ** | 100 | 1145,4 | 1164,3 | 1272,2 | 1373,2 | 1485,5 |
| 5. | **Гӯшт** | 100 | 165,0 | 173,8 | 180,8 | 199,2 | 217,5 |
| 6. | **Шир** | 100 | 161,8 | 167,4 | 170,4 | 173,9 | 177,6 |
| 7. | **Тухм** | 100 | 75,1 | 99,1 | 159,7 | 216,4 | 231,9 |

Сарчашма: Омори кишоварзии ҶТ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С.21.

Ислоҳоти дар соҳаи кишоварзӣ гузарондашуда ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар интихоб ва парвариши ҳамаи намудҳои зироати кишоварзӣ, инчунин имконияти гузаронидани кишти такрорӣ дар бисёр ҷойҳои майдонҳои холишуда озодӣ дод, ҳамзамон, дар ҳалли масъалаҳои қарздории хоҷагиҳои пахтакорӣ иқтидори ин бахшро баланд кард. Гузаштан ба намудҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, ташкили тарзҳои нави хоҷагидорӣ ва хусусигардонии амвол тағйироти куллии соҳаи кишоварзиро ба миён овcovarданд.

Дар баробари соҳаи кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ низ дар рушди бозори агроозуқаворӣ ва таъмини он бо маҳсулоти хӯрокворӣ саҳми назаррас дорад. Таҳлилу таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯйи маҳсулоти ниҳоии КАС, ин маҷмуаи ҳамгироишудаи агросаноатӣ бударо ба ду комплекси бузург ҷудо мекунанд, ки яке аз онҳо комплекси саноати сабук ва дигаре комплекси агроозуқаворӣ маҳсуб меёбад. Комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ дар баробари ташаккули комплекси агросаноатии мамлакат ташкил шудааст. Зеро яке аз ҳадафҳои асосии КАС, ин бо маҳсулоти озуқавории худӣ таъмин кардани аҳолии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Инчунин, таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ вазифаи асосии саноати хурокворӣ ва коркард мебошад, ки қисми таркибии комплекси агросаноатиро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар ин соҳаи муҳимми иқтисодиёт ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ 171899 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 161 хоҷагиҳои давлатӣ, 59 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3731 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 348 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 591 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 167009 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар соли 2021-ум 39769,4 млн сомониро ташкил намуд, аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 28743,9 млн сомонӣ ва чорвопарварӣ 11025,5 млн сомонӣ. Аз ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ки дар соли 2021 истеҳсол шудааст, ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 10,7%, деҳқонӣ 48,5% ва хоҷагиҳои аҳолӣ 40,8%-ро ташкил кард [3].

Бахши аграрӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷойи махсус дошта, сатҳи рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат сатҳи бехатарии иқтисодии кишварро муайян мекунад. Тоҷикистон маъмулан мамлакати аграриву саноатӣ буда, қариб 74% аҳолии он дар деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд.

Комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаҳо ва корхонаҳои шакли моликияту хоҷагидорияшон гуногун: оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хариди он, нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, коркарди саноатӣ, хизматрасонии корхонаҳои савдо, таъминоти ташкиливу иттилоотӣ ва илмӣ иборат аст. Он дар байни комплексҳои хоҷагии халқ муҳимтарин ба шумор рафта, рушди иқтисодӣ, талаботи аҳолиро ба маҳсулоти истеҳсолӣ ва талаботи саноати сабук ва хӯрокворӣро бо ашёи хом таъмин мекунад.

Тайи солҳои ислоҳот тибқи натиҷаҳо КАС-ро ба шумори комплексҳои махсусан муваффақи хоҷагии халқ мансуб донистан мумкин аст. Тавре маълумотҳои ҷадвали 2,

нишон медиҳад, дар солҳои охир истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ рӯ ба афзуншавӣ дорад.

Ба роҳ мондани корҳои мақсаднок оиди батанзимдарорӣ, баъдан оид ба истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолию иқтисодии истеҳсолоти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим меояд. Ин омил метавонад сатҳи истеҳсолоти аграриро тавассути ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво баланд бардошта, на танҳо бо маводи ғизоӣ таъмин намояд, балки қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшавандаро дар фонди ҷумҳуриявӣ фурӯшад ва иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёд кунад.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ**
**Table 2. Production of agricultural products per population**

*кг*

| Номгӯй | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 54,3 | 161,2 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 175,0 | 13,8 |
| Картошка | 32,3 | 88,6 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 106,2 | 109,6 | 21 |
| Сабзавот | 112,1 | 210,4 | 234,7 | 236,7 | 263,5 | 264,9 | 272,0 | 61,6 |
| Полизӣ | 31,2 | 71,4 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 83,5 | 84,4 | 13 |
| Меваҳо ва бутта-меваҳо | 31,6 | 45,8 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 45,3 | 51,3 | 5,5 |
| Ангур | 21,6 | 25,8 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 27,3 | 30,2 | 4,4 |
| Гӯшт дар вазни кушташуда | 13,4 | 14,1 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | 17,5 | 161,4 |
| Шир | 104,9 | 107,5 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | 106,3 | 106,6 | -0,9 |
| Тухм, дона | 81,1 | 38,6 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | 121,4 | 82,8 |

Сарчашма: Омори солонаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2023. –С.15.

Дар шароити мавҷудаи иқтисодӣ иқтидори истеҳсолию иқтисодии доираи сеюми КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб кор мекунад. Масалан, дар шароити кунунии иқтисодӣ ихтисоршавии минтақаҳои ашёи хоми кишоварзӣ ба сохтмони оммавии сеххои хурд, бештар вобастагӣ дорад.

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки қариб дар ҳама номгӯйи маҳсулоти кишоварзӣ зиёдшавӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, метавонем якчанд номгӯйи маҳсулотро мавриди таҳлил қарор диҳем. Таҳлили нишондиҳанда инъикосгари он мебошад, ки истеҳсоли ғалладона дар соли 2022, нисбат ба соли 2017 ба 13,8 кг, картошка 21 кг, сабзавот 61,6 кг, полизӣ 13 кг, меваҳо ва буттамеваҳо 5,5кг, ангур, 4,4 кг, гӯшт дар вазни куштаюуда 161,4 кг ва тухм 82,8 дона зиёд шудааст. Аммо, истеҳсоли ширӣ дар соли 2022 106,6 кг ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 ба 0,9 литр кам гардидааст. Бинобар ин, ба андешаи мо, рушди бозорҳои агроозуқаворӣ то андозае дар солҳои таҳлилӣ зиёд ба назар мерасад. Аммо, ба дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти агроозуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои арзёбии сатҳи воқеии таъминот бо маҳсулоти озуқаворӣ кофӣ нест.

Ҳамин тариқ, таҳлили маводи овардашуда имкон дод, ки чунин натиҷагириҳо намоем:

1. Мафҳуми бозори агроозуқаворӣ фикри ин ҷониб чунин шарҳ дода шуд, “Бозори агроозуқаворӣ бозоре мебошад, ки дар он хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба миён меояд”.
2. Унсурҳои бозори агроозуқаворӣ дар намуди расм пешниҳод гардида, ҳар яки он шарҳ дода шуданд.
3. Бо мақсади арзёбии бозори агроозуқаворӣ як қатор тадбирҳои муайян пешниҳод карда шуд.
4. Барои ҳавасмандии рушди соҳаи кишоварзӣ амалӣ намудани чорабиниҳои зерин, ба мисоли пешниҳоди субсидия, имтиёзҳои андозию гумрукӣ, таъмини дастрасии молистеҳсолкунандагон ба қарз ва тараққиёти инфрасохтори он метавонанд истифода шаванд.
5. Тавассути ҳисобҳои оморӣ истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли он ба ҳар сари аҳолӣ муаяйн карда шуда, мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Файзуллоев Т.Т.**


## АДАБИЁТ

1. Бахтиери, И.М. Дурнамои рушди стратегии комплекси озуқаворӣ ҷумҳурӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ / Бахтиери И.М., Ҷ.Ҳ. Тағоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№5. –С.61-70. – EDN LBCGPC.
2. Васильева, Е.В. Формирование инфраструктуры современного агропродовольственного рынка: дис. … д-ра экон. наук / Е.В. Васильева. -Саратов, 2010. -373 с.
3. Маҷмуаи омори кишоварзӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 356с.
4. Маҷмуаи омори кишоварзӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -356 с.
5. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Махмадизода Ф.Б. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№1. -С.182-189.
6. Махмадизода, Ф.Б. Механизм формирования и функционирования аграрных кластеров в регионе / Махмадизода Ф.Б., Хушвахтзода К.Х. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№3. -С.5-12.
7. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№8. -С.36-43.
8. Менеджмент в агропромышленном комплексе / коллектив авторов; под ред. Р.Г. Мумладзе. -М.: КНОРУС, 2011. -382 с.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/node/32191 (01.02.2024).
10. Пириев Ҷ.С. Иқтисоди кишоварзӣ / Ҷ.С. Пириев, Ҳ.Р. Исайнов, Қ.Қ. Давлатов. –Душанбе: ДМТ, 2006. -273 с.
11. Постановление Правительство Республики Таджикистан от 1 августа 2012 г. № 383 «Программа реформирования. -Душанбе, 2012. -155 с.
12. Самиев, Ш.Ф. Обеспечение продовольственной безопасности: оценка и риски / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/7. -С.107-110.
13. Самиев, Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/10. -С.126-130.
14. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди ПҶТ. –Душанбе, 2022. -89 с.
15. Тагоев, Д.Х. Повышение эффективности управления инвестиционными проектами на предприятиях агропромышленного комплекса / Д.Х. Тагоев, Т.Т. Файзуллоев. -Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. -168 с. - ISBN 9789998536104.
16. Файзуллоев, Т.Т. Активизация инвестиционной деятельности в АПК Таджикистана / Т.Т. Файзуллоев // Современные научные исследования: исторический опыт и инновации: Сборник материалов XIX Международной (политематической) научно-практической конференции, Краснодар, 09–10 февраля 2023 года. -Краснодар: Академия маркетинга и социально-информационных технологий - ИМСИТ (г. Краснодар), 2023. -С.335-340.
17. Файзуллоев, Т.Т. Кластерный механизм оценки эффективности инвестиционных проектов в региональном агропромышленном комплексе / ТТ. Файзуллоев // Региональные проблемы устойчивого развития сельской местности: сборник статей XVI Всероссийской научно-практической конференции, Пенза, 30-31 мая 2019 г. -Пенза: Пензенский государственный аграрный университет, 2019. -С.211-215.
18. Файзуллоев, Т.Т. Совершенствование системы управления инвестиционными проектами на агропромышленных предприятиях Согдийской области / Т.Т. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№4. -С.109-116.
19. Худойбердиева З.С. Асосҳои илмии ташаккули бозор ва равнақи бозорҳои агроозуқаворӣ / З.С. Худойбердиева, Ф.С. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№12. -С.92-101.
20. Худойбердиева Ф.С. Ҷанбаҳои назариявии механизми иқтисодии истифодабарии захираҳои обӣ / Ф.С. Худойбердиева, З.С. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№11. -С. 66-72.


## ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ РАВНАҚИ БОЗОРИ АГРООЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

Бозори агроозуқаворӣ ҷузъи муҳимми иқтисодиёти ҷаҳон буда, талаботи аҳолиро бо маводи озуқаворӣ ва соҳаҳои мухталифи саноатро бо ашёи хом таъмин менамояд. Он тамоми марҳилаҳои истеҳсол, коркард, тақсимот ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин муомилоти савдо ва содироту воридотро дар бар мегирад. Иштирокчиёни асосии бозори агроозуқаворӣ истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон, фурӯшандагони яклухт ва чакана, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошанд, ки соҳаро танзим ва дастгирӣ менамоянд. Тайи солҳои охир рушду равнақи бозори агроозуқаворӣ ба назар мерасад,

ки бо афзоиши аҳолии ҷаҳон, тағйирёбии афзалиятҳои истеъмолкунандагон ва ҷаҳонишавӣ алоқаманд аст. Ба бозорҳои агроозуқаворӣ омилҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, буҳронҳои иқтисодӣ, технологияҳои инноватсионӣ, қарорҳои сиёсӣ ва созишномаҳои тиҷорати байналмилалӣ таъсир мерасонад. Барои таъмини субот ва рушди соҳаи агроозуқаворӣ танзим ва дастгирии давлатӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамкориҳои байни давлатҳо дар сатҳи байналмилалӣ зарур аст. Тамоюли муҳимми рушди бозори агроозуқворӣ, ин гузариш ба таҷрибаҳои амалии устувори кишоварзӣ мебошад, ки ба коҳиш додани таъсир ба муҳити зист ва баланд бардоштани сифати маҳсулот нигаронида шудааст. Ин тамоюлҳо бо афзоиши талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин зарурати иҷрои уҳдадориҳо ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи экология ва идоракунии муҳити зист алоқаманданд.

**Калидвожаҳо:** бозори агроозқаворӣ, комплекси агросаноатӣ, комлекси агроозуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, бозори маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, кишоварзӣ, инноватсия, иқтисодиёт.

**АНАЛИЗ И ОЦЕНКИ РАЗВИТИЯ АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА СТРАНЫ**

Агропродовольственный рынок является важной составляющей мировой экономики, обеспечивая население продуктами питания и сырьем для различных отраслей промышленности. Он охватывает все стадии производства, переработки, распределения и потребления сельскохозяйственной продукции, а также торговлю и экспортно-импортные операции. Основные участники агропродовольственного рынка - это производители, переработчики, оптовые и розничные торговцы, а также государственные органы, осуществляющие регулирование и поддержку отрасли. В последние десятилетия наблюдается активное развитие агропродовольственных рынков, связанное с ростом мирового населения, изменением потребительских предпочтений и усилением глобализации. Агропродовольственные рынки подвержены влиянию различных факторов, включая климатические изменения, экономические кризисы, технологические инновации, политические решения и международные торговые соглашения. Для обеспечения стабильности и развития агропродовольственной отрасли необходимо эффективное государственное регулирование и поддержка, а также сотрудничество между странами на международном уровне. Важной тенденцией в развитии агропродовольственного сектора является переход к устойчивым практикам ведения сельского хозяйства, направленным на снижение воздействия на окружающую среду, сохранение биоразнообразия и повышение качества продукции. Эти тенденции связаны с растущим спросом на экологически чистые продукты питания со стороны потребителей, а также с необходимостью выполнения международных обязательств и стандартов в области экологии и природопользования.

**Ключевие слова:** агропродовольственный рынок, агропромышленный комплекс, продовольственный комплекс, продовольственная безопасность, аграрный рынок, производство сельскохозяйственной продукции, сельское хозяйство, экономика

**ANALYSIS AND ASSESSMENT OF THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S AGRI-FOOD MARKET**

The agri-food market is an important component of the global economy, providing the population with food and raw materials for various industries. It covers all stages of production, processing, distribution and consumption of agricultural products, as well as trade and export-import operations. The main participants in the agri-food market are producers, processors, wholesalers and retailers, as well as government agencies that regulate and support the industry. In recent decades, there has been an active development of agri-food markets associated with the growth of the world population, changing consumer preferences and increased globalization. Agri-food markets are influenced by various factors, including climate change, economic crises, technological innovations, political decisions and international trade agreements. To ensure the stability and development of the agri-food industry, effective government regulation and support are needed, as well as cooperation between countries at the international level. An important trend in the development of the agri-food sector is the transition to sustainable farming practices aimed at reducing environmental impacts, preserving biodiversity and improving product quality. These trends are related to the growing demand for environmentally friendly food products from consumers, as well as the need to comply with international obligations and standards in the field of ecology and environmental management. Keywords: agro-food market, agro-industrial complex, food complex, food security, agricultural market, agricultural production, agriculture, economy

**Keywords:** agro-food market agro-food complex, food security, agro-food security, regional food market, agriculture, agricultural production, improvement, formation, economics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худойбердиева Зуҳро Суҳробовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **904-24-88-40**

**Сведения об авторе:** ***Худойбердиева Зухро Сухробовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **904-24-88-40**

**Information about the author:** ***Khudoyberdieva Zukhra Sukhrobovna*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Economics and Management of the Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Phone: **904-24-88-40**

ТДУ: 338.48(575.3)

# МАСЪАЛАИ НИШОНДОДҲОИ ОМОРИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2010-2023)

*Қосимов С.А.*
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ барои иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши хеле муҳим дорад. Соҳаи сайёҳӣ ба афзоиши шуғлнокии аҳолӣ таъсир расонида, дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири назаррас дорад ва ба беҳтар гардидани некуаҳволии мардум мусоидат хоҳад кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари ҳудуди онро кӯҳсор ташкил менамояд, дорои захираҳои бузурги табиӣ ва иқтидори таърихию фарҳангӣ буда, барои рушди сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ имконоти зиёд дорад. Як қисми умдаи аҳолии Тоҷикистон метавонанд дар сурати дуруст ба роҳ мондани соҳаи сайёҳӣ дар алоқамандӣ бо ин соҳа кору фаъолият намоянд ва манбаи даромади аслиашон қарор гирад. Дар бораи манфиати соҳаи сайёҳӣ дар иқтисоди кишварҳо мисолҳои зиёд овардан мумкин аст. Масалан, дар Миср 60%, дар Швецария 34% аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд [3,с.28].

Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки сол аз сол соҳаи сайёҳӣ дар бозори хизматрасониҳо дар аксари кишварҳои ҷаҳон мавқеи устувор касб намуда истодаанд [14,с.71]. Дар ҳолати оқилона ба нақша гирифтани хатсайрҳои мухталифи сайру сайёҳатӣ бо дарназардошти талаботи хоҳишмандон метавон рушди устувори тиҷорати сайёҳиро дар ин ё он минтақа таъмин намуд [13,с.32].

Воқеан, таҷриба собит месозад, ки дар сурати мақсаднок ба роҳ мондани таблиғу ташвиқи захираҳои сайёҳӣ ва маблағгузории сариватӣ ба объектҳои сайру сайёҳатӣ, шумораи сайёҳони хориҷӣ афзоиш ёфта, барои ташкили ҷойҳои корӣ ва ҷалби асъори хориҷӣ мусоидат менамояд ва ба иқтисодиёти мамлакат таъсири назарраси мусбӣ хоҳад расонд.

Андоза ва дараҷаи таъсири сайёҳии байналмилалиро дар ҷаҳон бо нишондиҳандаҳои гуногун баҳодиҳиву баррасӣ мекунанд. Масалан, агар соли 1950 теъдоди саёҳони байналмилалӣ ба 25 млн баробар бошад, дар соли 2000-ум ин теъдод ба 698 млн расид. Даромад аз соҳаи сайёҳии байналмилалӣ бошад ба 478 млрд доллар баробар шуд, ки 60% сайёҳаткунандагонро шахсони дар рухсатибуда ташкил медоданд [3,с.6]. Яъне, сарфи назар аз бештар шудани шумори ҳавасмандон ва ширкаткунандагон дар ин соҳа ба иқтисоди умумии сайёра таъсири манфӣ нахоҳад расид.

Аз рӯйи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии машваратии сайёҳӣ, (WorldTravelandTourismCounsel (WTTC) ва **Созмони умумиҷаҳонии саёҳӣ** (СУС) (**UNWTO**), саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ба 3,5 трлн доллар баробар аст, ки ин мутаносибан 10,9% маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳониро ташкил медиҳад. Индустрияи саёҳат ва сайёҳӣ дар бисёр давлатҳо миқдори зиёди ҷойҳои кориро таъмин менамояд. Дар ин соҳа бевосита 130 млн одамон б**а** фаъолият фаро гирифта шудаанд (ё ин ки як нафар аз ҳар 15 нафаре**,** ки дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ банд ҳастанд)[1]. Соҳаи сайёҳӣ зиёда аз 11% сармоягузориҳо**и байналмилалиро таъмин менамоя**д ва ба хазинаи давлатҳо дар шакли андозҳо зиёда аз 302 млрд доллар даромад меоранд [3,с.7].

Байни тамоюли рушди индустрияи сайёҳӣ ва дастовардҳои умумии иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ алоқаи бевосита вуҷуд дорад. Болоравии сатҳи зиндагӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ба дарозшавии муҳлати рухсатии кормандон ва дараҷаи баланди таъминоти нафақавӣ мусоидат менамояд, ки ин низ ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсири муайян мерасонад. Талабот ба саёҳат ва сайёҳӣ ҳам бо механизмҳои

[1]Мувофиқи маълумотҳои WorldTravelandTourismCounsel (WTTC), дар соли 1997 дар соҳаи туризм ва саёҳат дар ҷаҳон қариб 260 млн одамон кор мекарданд, гардиши солонаи соҳа бошад 3,8 трлн долларро ташкил медод. СУС дар базаи Иттифоқи байналмилалии ташкилотҳои расмии сайёҳӣ бо ибтикори СММ соли 1975 таъсис ёфтааст. СУС ташкилоти байнидавлатист. Айни ҳол зиёда аз 150 давлат аъзои доимии он мебошанд. Тоҷикистон „27" ноябри соли 2007 ба СУС ҳамроҳ шуд. Қароргоҳи СУС дар шаҳри Мадриди Испания воқеъ гардидааст.

бозорӣ (талабот ба хизматрасонии сайёҳӣ, экскурсионӣ ва ғ., пешниҳоди ин хизматрасониҳо ва тақсимоти онҳо) ва ҳам бо тағйирёбандаҳои экзогенӣ (омилҳое, ки бевосита бо саёҳат ва сайёҳӣ алоқамандӣ надоранд, лекин ба дарача ва шакли талабот таъсири муайян мерасонанд) муайян карда мешавад [1,с.22].

Баъзе муҳаққиқон қайд менамоянд, ки омилҳои экзогенӣ тағйироти демографӣ ва иҷтимоӣ, дастовардҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, рушди савдо, инфраструктураи нақлиётӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва болоравии бехатарии саёҳатро дар бар мегиранд [2,с.7].

Ба тағйиротҳои демографӣ ва иҷтимоӣ дохил мешаванд: пиршавии аҳолӣ, ба нафақабароии нисбатан барвақт бо таъминоти нафақавии кофӣ, зиёдшавии шахсони танҳо, занҳои коргар, оилаҳое, ки ду аъзои он кор мекунанд, тамоюли дерхонадоршавӣ, зиёдшавии оилаҳои бефарзанд, дарозшавии муҳлати рухсатиҳои пардохтшаванда, дарки имкониятҳои саёҳат ва ғамхорӣ нисбати муҳити зист [6,с.23].

Ҳамин тариқ, тағйиротҳое, ки дар сохтори демографӣ ва иҷтимоии ҷамъият ба вуҷуд меоянд, ба он оварда мерасонанд, ки теъдоди зиёдтари одамон дар ҷаҳон вақт, хоҳиш ва имкониятҳои молиявӣ барои саёҳат пайдо мекунанд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки маблағгузорӣ ба рушди сайёҳӣ метавонад онро ба соҳаи даромаднок табдил диҳад. Масалан, Ҳукумати Туркия солҳои 1990-2000-ум ба соҳаи сайёҳӣ беш аз се миллиард доллар сарф намуд. Дар натиҷа, аз ин мамлакат ҳар сол аз 15 то 20 миллион сайёҳ дидан мекунад ва даромади соф аз соҳа солона аз 8 то ба 10 миллиард доллар мерасад [5,с.15].

Дар даҳсолаҳои охир нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ рушди устуворро касб намудаанд. Тибқи нишондоди Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ навъҳои сайёҳии экологӣ, фарҳангию маърифатӣ, мавзуӣ, илмӣ ва ҷаҳонгардӣ (круиз) бештар ривоҷ ёфтааст. Мувофиқи дурнамои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар даҳсолаи наздик суръати рушди ҷаҳонгардӣ нигоҳ дошта мешавад [14,с.26].

Омори соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи дуру дароз надорад. Танҳо аввалин маротиба масъалаи ҷамъоварии маводҳои оморӣ оид ба соҳаи сайёҳӣ соли 2005 ба миён гузошта шуд. Барои гузаронидани омори соҳаи сайёҳӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шуда буданд. Имрӯзҳо бошад, барои гузаронидани омори соҳаи сайёҳӣ, Кумитаи рушди сайёҳӣ масъулияти бештар дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон бомайлон рушд карда истодааст. Аммо дар низоми омории соҳаи сайёҳӣ ноқисиҳои зиёд, аз қабили нокифоя будани низоми ҳисобгирии омории соҳаи сайёҳӣ, мавҷуд набудани таҷрибаҳо оид ба гузаронидани мушоҳидаҳои интихобӣ дар омори соҳаи сайёҳӣ, баҳогузорӣ нашудани соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи мазкур, ҳамоҳангсозии нишондиҳандаҳои оморӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ҷараёни ташаккулёбии соҳаро гоҳ-гоҳ халалдор месозанд [5,с.1].

Мувофиқи нишондодҳои оморӣ, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид, Тоҷикистон аз 136 ҷойи имконпазир мақоми 107-умро касб кард. Бино ба маълумоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,2 хол гирифта, дар давоми ду сол аз 119-ум ба 107-ум ҷой боло рафт. Беҳтарин нишондодро (5,7 хол) Тоҷикистон дар категорияҳои «амният», «тандурустӣ ва беҳдошт» ба даст овард [8,с.1]. Ин нишондиҳандаҳо яке аз омилҳои ҷалби бештари сайёҳон ба кишвари мо маҳсуб мешаванд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омории бозори соҳаи сайёҳӣ, дар давраи солҳои 2010 то 2020 дар Тоҷикистон тамоюли устувори баландшавии гардиши сайёҳӣ ба назар мерасад (дар соли 2019 зиёда аз 1 миллиону 350 ҳазор нафар шаҳрванди хориҷӣ ба кишвар ташриф овардаанд), ки ба он, пеш аз ҳама, вазъи муътадили сиёсати дохилӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд (нигаред ба ҷадвали 1).

Бино ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳии ҷумҳурӣ, дар соли 2018 шумораи сайёҳони ба кишвар воридшуда ба 1 млн 154 ҳазору 478 нафар, дар соли 2019 ба 1 млн 350 ҳазор нафар ва соли 2020 ба 355 ҳазор нафар расид.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷрои сайёҳӣ бо сабаби пандемияи коронавирус, ки бар асари он алоқаи байналмилалии байни кишварҳо вайрон гардид, дар соли 2020 коҳиш ёфт [5,с.41].

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2010-2023**
**Table 1. Statistical indicators of the tourism industry in 2010-2023**

| Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи талаботи СУС ба ҳайси сайёҳ арзёбӣ мегарданд. | Нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2010-2020 | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| | 160 000 нафар | 183 000 нафар | 245 000 нафар | 207 911 нафар | 213 265 нафар | 413 834 нафар | 344 903 нафар | 430922 нафар | 1млн154000478 нафар | 1млн 350 000 нафар | 355 000 нафар |
| | Соли 2022-999,3 ҳазор нафар<br>Январ-сентябри соли 2023 - 802,3 ҳазор нафар | | | | | | | | | | |

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми моҳҳои январ-декабри соли 2022 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1151,9 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 634,3 ҳазор нафар ё 2,2 баробар зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 999,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,4 баробар зиёд шудааст.

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 1094,1 ҳазор нафар (95,0% аз шумораи умумӣ), аз он 950,1 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 57,8 ҳазор нафар (мутаносибан 5,0% аз шумораи умумӣ), аз он 49,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз кишвар хориҷ шудаанд, 2649,7 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1414,4 ҳазор нафар ё 2,1 баробар зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ-марти соли 2023 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 264,0 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 61,3 ҳазор нафар ё 30,2% зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 209,0 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 44,5% зиёд шудааст.

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 248,7 ҳазор нафар (94,2% аз шумораи умумӣ), аз он 197,5 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 15,3 ҳазор нафар (мутаносибан 5,8% аз шумораи умумӣ), аз он 11,5 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 812,1 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 225,4 ҳазор нафар ё 38,4% зиёд мебошад.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми нуҳ моҳи соли 2023 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1 миллиону 27,6 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 156,9 ҳазор нафар ё 18% афзудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 802,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 17% зиёд шудааст.

Дар соли 2023 дар ҷумҳурӣ 240 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият намуда, ба сайёҳон хизмат расониданд. Дар моҳҳои январ-марти соли 2023 дар ҷумҳурӣ 185 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 5 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 20 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 14 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 4 меҳмонхонаи 2 ситорадор, 2 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 140 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар ин давраи ҳисоботӣ 27 адад хостелҳо ва мотелҳо, 52 адад осоишгоҳҳо, 5 адад осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагери солимгардонӣ, 7 адад марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 6 адад хонаҳои истироҳатӣ, 1 адад кемпинг ва 3 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 3815 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 67315,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2017 ва 2018 як қатор имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, аз ҷумла, дар тули панҷ соли аввали фаъолият аз андози фоида озод кардани ширкатҳои сайёҳӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизот ва маводи сохтмонӣ барои сохтмони иншооти сайёҳӣ, аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ, истироҳатгоҳу табобатгоҳ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ, ба андозаи 50% коҳиш додани меъёри боҷи гумрукӣ барои воридоти автомашинаҳои нави сабукрав ба рушди соҳа такони нав бахшида истодааст [11].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалии Раҳмон чунин қайд карданд, ки "Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шавад. Дар ин раванд, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад. Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад". Ғайр аз ин, бори дувум, солҳои 2019 ва 2021 солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд. Ин иқдоми сарвари давлат, муҳтарам Эмомалии Раҳмон тамоми мардуми кишварро руҳбаланд намуд, зеро аксарияти ҳунармандон имконият надоштанд, ки маҳсули дастранҷи худро ба бозорҳои дохиливу хориҷӣ ба фурӯш бароранд. Пешвои миллат беҳтарин кори хайрро нисбати онҳо амалӣ гардониданд ва дар ин замина ба эҳёи як қатор дастовардҳои фарҳангҳои аҷдодӣ, ки ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода буд, мусоидат намуданд. Имрӯз ҳар як ҳунарманд бе пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ ҳунарҳои миллии худро ба гардиши бозори дохиливу хориҷӣ бароварда, маҳсулотҳои худро муаррифӣ сохта, сатҳи зиндагии худро беҳтар месозад.

Бо мақсади ба ҷараёни ҷаҳонии сайёҳии байналмилалӣ шомил намудани Тоҷикистон, аз соли 2008 масъулини соҳаи сайёҳӣ дар намоишгоҳҳои калонтарини сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар шаҳрҳои Берлин (Олмон), Токио (Япония) ва Лондон (Британияи Кабир) ва Москва (Федератсияи Русия) баргузор мегарданд, иштирок ва манобеи сайёҳии кишварамонро муаррифӣ менамоянд. Дар натиҷа, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун кишвари дорои 4 пайраҳаи Шоҳроҳи абрешим эътироф гардидааст [9,с.4].

Мавриди зикр аст, ки рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон сол то сол раванди устувор касб карда, нуфузи мамлакат дар ин самт дар арзёбиҳои минтақавию байналмилалӣ зина ба зина боло меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати амну субот аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ин омил барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Пешвои миллат дар қатори соҳаҳои дигари

иқтисодиву иҷтимоӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ ислоҳоти муҳим амалӣ карда шуданд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аввалин ва камназиранд. Дар ин робита, пеш аз ҳама, ҷорӣ гардидани низоми раводиди электронӣ ва низоми содакардашудаи дастрас намудани раводид, инчунин аз байн бурдани бақайдгирии дохилии сайёҳонро метавон ном бурд. Механизми дастрас намудани раводиди электронӣ имконият медиҳад, ки сайёҳон ва шаҳрвандони дигари хориҷӣ бе муроҷиат ба ниҳодҳои консулии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, тариқи онлайн (www.evisa.tj) раводиди электронӣ дастрас намуда, ба ҷумҳурии мо сафар намоянд. Ҳоло дар Тоҷикистон барои шаҳрвандони зиёда аз 80 кишвар низоми содакардашудаи раводиди электронӣ ҷорӣ карда шудааст. Тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ соли 2018 низоми раводиди электронии Тоҷикистон ба панҷгонаи низомҳои беҳтарини пешниҳоди раводид ворид гардида, зинаи чорумро сазовор гашт [10,с.27].

Тоҷикистон сарзаминест, ки таъриху фарҳанг ва табиати ҷолиб дошта, диққати дӯстдорони сайру саёҳати ҷаҳониён гаштааст. Имрӯзҳо Тоҷикистон чун яке аз давлатҳои амнтарину осоишта дар миёни кишварҳои ҷаҳон маъруфият касб намуда, дар ин замина, дар минтақа имкониятҳои зиёдеро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардида, дар раддабандиҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавқеи намоён касб намудааст. Масалан, маҷаллаи сайёҳии бритонии «Wanderlust» Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон кард ва шабакаи иҷтимоии «Globe Spots» Тоҷикистонро дар сархати даҳгонаи давлатҳои ҷолиб барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой дод [7]. Нашри русии маҷаллаи маъруфи «National Geographic» шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил намуд, нашрияи «The Independent» пойтахти мамлакат-шаҳри Душанберо ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф намуд. Ҳамзамон, Тоҷикистон дар раддабандии Ташкилоти байналмилалии «British Backpacker Society» аз рӯи имкониятҳои саёҳатӣ, махсусан пиёдагардӣ, ба даҳгонаи аввали давлатҳои беҳтарини ҷаҳон шомил шуда, мавқеи 7-умро ишғол намуд. Дар соли 2022 бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози амнияту субот ва эътимоду боварии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни 142 кишвари ҷаҳон мақоми аввалро ишғол намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳошияи Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «ITB» Берлин - 2018 маросими супоридани ҷоизаи «100 самти беҳтарини пешоҳангони глобалӣ дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон ба соҳаи сайёҳӣ дар соли 2018» баргузор гардид. Минтақаи баландкӯҳи Бадахшони Тоҷикистон ба ин садгона ворид шуда, дар минтақаи Осиё ва Укёнуси ором ҷойи аввалро сазовор шуд.

Соли 2019 аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ шаҳри Душанбе «Пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021» интихоб гардид. «Кохи Наврӯз»-и пойтахти Тоҷикистон ба сифати муъҷизаи муосир муаррифӣ гардида, ба қатори 8 муъҷизаи Созмони Ҳамкории Шанхай пазируфта шуд. Дар соли 2019 расонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла, расонаҳои маъруфи давлатии Федератсияи Россия-ТАСС, Ӯзбекистон-«УзА» ва Қирғизистон-«Кабар» доир ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, табиати нодиру нотакрор, обҳои мусаффо, манзараҳои зебо, маконҳои таърихию фарҳангӣ мавод нашр намуда, Тоҷикистонро кишвари дорои иқтидорҳои бузурги сайёҳӣ дар оинаи бозори байналмилалии сайёҳӣ арзёбӣ намудаанд.

Соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ғолиби ҷоизаи бонуфузи тиҷорат дар ҷаҳон-«The BIZZ Business Excellence Award 2019» гардид. Дар назарсанҷии маҷаллаи байналмилалии бонуфузи «Lonely Planet» миёни 10 минтақаи беҳтарини саёҳат ва сафар Шоҳроҳи Абрешими Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал қарор гирифт. Ин назарсанҷиро «Lonely Planet» дар нашрияи солонаи худ вобаста ба 10 кишвари беҳтарини саёҳат, шаҳрҳои беҳтарини сайёҳӣ, минтақаҳои беҳтарин ва арзишҳои беҳтарини саёҳат ва сафар арзёбӣ намудааст.

Маҷаллаи сайёҳии бритонии “Вандерласт” (“Wanderlust”) дар соли 2020 ҳафт муъҷизоти зебои табиӣ дар Тоҷикистонро муаррифӣ ва барои боздиди сайёҳон эълон кард, ки онҳо пиряхи “Федченко”, “Гармчашма”, “Искандаркӯл”, кӯли “Сарез”, долони “Вахон”, “Қарокӯл” ва “Чапдара” мебошанд.

Тоҷикистон дар рейтинги Индекси ҷаҳонии сулҳ, ки Пажуҳишгоҳи иқтисодиёт ва сулҳ (The Institute for Economics and Peace) таҳия намудааст, 12 зина боло рафт. Тоҷикистон дар байни 163 кишвар ҷойи 105-умро ишғол намуд.

Мавриди зикр аст, ки ташаббусҳои Пешвои миллат дар масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи олам эътироф гашта, аз ин иқдом масъулони соҳавии минтақа пайравӣ карда истодаанд. Аз ҷумла, иқдоми «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028» аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифии 177 кишвар якдилона қабул гардид.

Инчунин, эълон гардидани солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои баланди Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ низ дастгирӣ ёфта, дар Анҷумани 23-юми Ассамблеяи генералии СУС дар шаҳри Санкт-Петербург соли 2020 Соли рушди сайёҳии деҳот эълон карда шуд [8].

Хуллас, айни ҳол барои беҳтар гаштани вазъи ҳисобкунии нишондодҳои омории сайёҳӣ низоми коргузорӣ дар бахшҳои лозимаро пурзур кардан лозим аст. Ғайр аз ин, барои рушд ёфтани соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, бояд дар мавзеъҳои вуруди сайёҳони хориҷӣ, аз ҷумла дар фурудгоҳҳои ҳавоӣ, нуқтаҳои марзӣ ва гумрукӣ, муносибат, муошират ва хизматрасонии кормандони мақомоти давлатӣ ва сатҳу сифати хизматрасонӣ дар сатҳи олӣ ба роҳ монда шавад. Сатҳи забондонии роҳбаладҳо, инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ куллан беҳтар карда шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДФСТ**
**ба номи М.Турсунзода – Арабзода Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Александрова А.Ю. Международный туризм / А.Ю. Александрова. -М., 2012. -270 с.
2. Асроров Р.А. О проблемах развития сектора туризма в Таджикистане. [Электронный ресурс]. URL: http.ww.lega]-club.tj.
3. Ашуралиев М.И. Ташкили сайёҳии байналмилалӣ: Курси мухтасари лексияҳо / М.И. Ашуралиев, Ализода А., М.И. Қодирова. -Душанбе, 2018. -152 с.
4. Ашуралиев М.И. Сайёҳии барномавӣ. Китоби дарсӣ / М.И. Ашуралиев. -Душанбе: Ашуриён, 2022. -400 с.
5. Ашуралиев М.И. Сайёҳии байналмилалӣ. Воситаи таълимӣ / М.И. Ашуралиев. -Душанбе, 2022. -288 с.
6. Ёров Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка / Дж.Н. Ёров. -Душанбе: Ирфон, 2007. -160 с.
7. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: Travel tajikistan.tj
8. Масъалаҳои мубрами рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. -Душанбе: ДДОТ, 2018. -132 с.
9. Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо: Ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2013. -94 с.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. URL: htp://www.prezident.tj
11. Феденева И.Н. Организация туристской индустрии: учеб. пос. / И.Н. Феденева. –М.: Издательство Юрайт, 2021. -205с.
12. Федорова Т.А. Управление рисками и страхование в туризме. Монография / Т.А. Федорова. –М.: ИНФРА-М, 2020. -192 с.
13. Шубаева В.Г. Маркетинг в туристской индустрии: учебник и практикум для вузов / В.Г. Шубаева, И.О. Сердобольская. -2-е изд., испр. и доп. –М.: Издательство Юрайт, 2021. -120 с.
14. Globes pots: Top 10 destinations 2014. [Манбаи электронӣ]. URL: www.globespots.com.


## МАСЪАЛАИ НИШОНДОДҲОИ ОМОРИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2010-2023)


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои нишондодҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон давоми солҳои 2010-2023 маълумот оварда, тамоюли устувори баландшавии гардиши сайёҳиро таҳлил карда, таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба рушди соҳаи сайёҳиро нишон додааст. Ғайр аз ин, дар бораи дастовардҳо оид ба соҳаи сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, фикру идеяҳои нав, роҳҳои ҳарчи бештар рушд ва тақвият додани ин соҳаи афзалиятноки ҷомеаро таҳқиқ кардааст. Имрӯзҳо Тоҷикистон на фақат давлати мусоид барои сайёҳон, балки барои сармоягузорон низ мебошад. Созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва ташкилоти гуногун барои сармоягузорӣ ба инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон мароқ зоҳир намуда, айни ҳол татбиқи якчанд лоиҳаҳои хурду бузург шурӯъ шудааст. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ва Бонки ҷаҳонӣ

татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» оғоз гардидаанд, ки барои рушди самтҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Рушди соҳаи сайёҳӣ ва омадурафти меҳмонону сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон, бо дастгириҳои давлату Ҳукумати кишвар ба соҳаи соҳибкорӣ дар даҳсолаи охир вобастааст. Бахусус, таваҷҷуҳи сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалии Раҳмон дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва соҳибкорӣ беандоза зиёд аст, ки он ҳамчун омили сиёсӣ дар рушди соҳа таъсири назаррас мегузорад. Сарвари давлат аксар вақт ба соҳибкорон, коршиносон ва мутахассисон сабукиҳо эҷод намуда, фаъолияти онҳоро осонтар менамояд.
**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, саёҳат, нишондод, омор, рушди сайёҳӣ,захираҳои сайёҳӣ, омилҳои таъсиррасон, андоз, боҷи гумрукӣ.

## ПРОБЛЕМА СТАТИСТИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ (2010-2023 гг.)

В данной статье автор предоставляет данные о статистических показателях туристической отрасли Таджикистана за 2010-2023 годы, анализирует устойчивую тенденцию увеличения турпотока, показывает заинтересованность государства и правительства в развитии туристической отрасли. Кроме того, были обсуждены достижения в сфере туризма и его роль в развитии экономики Республики Таджикистан, изучены новые идеи и пути дальнейшего развития и укрепления этой приоритетной сферы деятельности общества. Сегодня Таджикистан является благоприятной страной не только для туристов, но и для инвесторов. Международные организации, партнеры по развитию и различные организации проявили интерес к инвестированию в инфраструктуру туристической отрасли Таджикистана, и в настоящее время началась реализация нескольких малых и крупных проектов. В частности, в сотрудничестве с Азиатским банком развития и Всемирным банком приступили к реализации проектов «Развитие туризма» «Развитие сельской экономики», которые способствуют развитию различных направлений туристической отрасли. Развитие туристической отрасли и прибытие иностранных гостей и туристов в Таджикистан зависит от поддержки государства и правительства страны в сфере бизнеса в последнее десятилетие. В частности, огромно внимание главы государства, Лидера нации, Достопочтенного Эмомали Рахмона развитию туризма и предпринимательства, что как политический фактор оказывает существенное влияние на развитие отрасли. Глава государства часто идет на уступки предпринимателям, экспертам и специалистам, облегчает их деятельность.
**Ключевые слова:** туризм, путешествия, показатели, статистика, развитие туризма, туристические ресурсы, факторы влияния, налог, таможенная пошлина.

## THE PROBLEM OF STATISTICAL INDICATORS OF TOURISM DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN (2010-2023)

In this article, the author presents data on the statistical indicators of the tourism industry in Tajikistan for 2010-2023, analyzes the steady trend of increasing tourist flows, and shows the interest of the state and government in the development of the tourism industry. In addition, achievements in the field of tourism and its role in the development of the economy of the Republic of Tajikistan were discussed, new ideas and ways to further develop and strengthen this priority area of society were explored. Today Tajikistan is a favorable country not only for tourists, but also for investors. International organizations, development partners and various organizations have shown interest in investing in the infrastructure of Tajikistan's tourism industry, and several small and large projects have now begun implementation. In particular, in cooperation with the Asian Development Bank, the implementation of the “Tourism Development” project and the World Bank began to implement the “Rural Economy Development” project, which contribute to the development of various areas of the tourism industry. The development of the tourism industry and the arrival of foreign guests and tourists in Tajikistan depends on the support of the state and the country's government in the business sector in the last decade. In particular, the Head of State, Leader of the Nation, the Honorable Emomali Rahmon, pays great attention to the development of tourism and entrepreneurship, which, as a political factor, has a significant impact on the development of the industry. The head of state often makes concessions to entrepreneurs, experts and specialists and facilitates their activities.
**Keywords:** tourism, travel, indicators, statistics, tourism development, tourism resources, influencing factors, tax, customs duty.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қосимов Султон Азизович*** **-** Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, унвонҷӯйи кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 73а. E-mail: **sulton78@mail.ru.** Телефон: **882-22-83-22**

**Сведения об авторе:** ***Касимов Султон Азизович*** - Таджикский государственный институт искусств и културы имени М. Турсунзаде, соискатель кафедры социально-культурных и туристических технологии. **Адрес:** 734055, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 73А. E-mail: **sulton78@mail.ru.** Телефон: **882-22-83-22**

**Information about the author:** ***Kasimov Sulton Azizovich*** - Tajik State Institute of Arts and Culture named after M. Tursunzade, applicant of the Department of Social, Cultural and Tourism Technologies. **Address**: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 73A. E-mail: **sulton78@mail.ru.** Phone: **882-22-83-22**

ТДУ: 327.733

# ТАМОЮЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ДАР ШАРОИТИ УЗВИЯТИ ТОҶИКИСТОН БА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

*Давлатзода Раҳмоил Умедҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз муассисони Созмони ҳамкории Шанхай Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Кирғизистон ва Ӯзбекистон ташаббус нишон доданд.

Тавре маълум аст, Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун як созмони байналмилалӣ дар заминаи механизми "Панҷгонаи Шанхай", ки баъди мулоқоти сарони панҷ давлат - Русия, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон 27 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар ин ҷо тасмим гирифта шуд, марҳалаи нави ҳамкории муштараки кишварҳои дар боло зикршударо оғоз кунад.

Дар ҷаласаи панҷуми сарони панҷуми Шанхай 5 июли соли 2000 дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи табдили Панҷгонаи Шанхай ба созмони байналмилалии минтақавиро пешниҳод намуданд. Барои Тоҷикистон Созмони Ҳакории Шанхай яке аз созмонҳои калидӣ маҳсуб ёфта, барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва таъмини суботу амният байни кишварҳои аъзо нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар ҳама давру замон инсоният барои ҳифзи макони зист ва манфиатҳои ҳастии худ ба ҳар гуна иттиҳодияҳо гирдиҳам меомад. Авҷгирии хатару таҳдидҳо инсонҳоро ба ҳам наздик ва муттаҳид месозад. Созмони Ҳамкории Шанхай, имрӯз созмони қудратманди ҷаҳонист, ки 34,4 млн км$^2$, яъне чоряки масоҳати хушкии сайёраи моро фарогир аст. Аҳолии давлатҳои аъзо 3,13 млрд мебошад, ки қариб нисфи аҳолии дунёро дарбар мегирад. Иқтидори иқтисодии Созмони Ҳамкории Шанхай низ хеле назаррас аст. Соли 2016 маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай 15,6 трлн долл. ИМА, ё худ 21%-и ММД-и ҷаҳониро дар бар мегирифт.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бар асари гардишҳои азими таърихӣ инсоният дучори таҳдидҳо ва хатарҳои нав гардид. Паҳн гардидани яроқи ҳастаӣ, терроризми байналхалқӣ, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир, фурӯши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, қашшоқӣ, заҳролудшавии обу ҳаво, нарасидани оби тоза, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ боиси нигаронии аҳли башар гардида, инсониятро барои ҳалли ин проблемаҳо водор месозад [15,с.4]. Имрӯз ин мушкилоту масъалаҳо дар маҳдудаи як кишвар ва як минтақа маҳдуд набуда, балки тамоми ҷаҳонро фаро мегирад, ки заминаи асосии онҳоро масъалаҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад.

Рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва суботи ҷаҳонӣ маҳдудиятҳои марбут ба пандемия, халалдоршавӣ ва тақсимоти занҷирҳои таъминот, ки дар натиҷаи тиҷорати хориҷӣ ба вуҷуд омадаанд, номутобиқатии талабот ва пешниҳод, болоравии нархи мол ва тағйирот дар сиёсати макроиқтисодӣ, дар иқтисодиёти пешрафтаи ҷаҳон ва дар посух ба хатарҳои заҳролудшавии муҳити зист мебошанд. Илова бар ин, муноқишаи Русияву Украина, ки 24-уми феврали соли 2022 сар зад ва ба дунболи таҳримҳои фарогир алайҳи Русия аз ҷониби ИМА ва як қатор кишварҳои Иттиҳоди Аврупо хатарҳо ва чолишҳои мавҷударо ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бештар карданд. Ин вазъияти носуботу ноамни минтақвӣ, вазъияти минтақаҳоро пешгӯинашаванда ва пешгиринашаванда нишон дода ва оқибати харобиовари ин низоъҳо маҳз дар иқтисоди кишварҳо мерасад.

Бо назардошти вазъи кунунӣ, стагфлятсияи ҷаҳонӣ, ки дар натиҷаи таконҳои нав, мисли чунин низоъҳо ба вуҷуд омадааст, дар оянда бадтар шуда, метавонад ба варшикастагӣ оварда расонад. Сарфи назар аз чораҳои пешгирикунанда аз ҷониби кишварҳои мухталиф барои барқарор кардани иқтисодиёти худ, иқтисоди ҷаҳонӣ таҳти

таъсири таварруми баланд қарор дошта, дигар наметавонад дар солҳои наздик ба сатҳи пеш аз пандемия бирасад.

Занҷираи ҷаҳонии таъминот тадриҷан эҳё хоҳад шуд, аммо дигар яксон нахоҳад буд ва дигаргуниҳои зиёдеро аз сар мегузаронад. Рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва гузариш ба энергияи сабз ба унсурҳои асосии рақобат воқеияти имрӯзро шакл медиҳад. Дар баробари ин, таҳримҳои ҳамаҷонибаи ИМА ва Иттиҳодияи Аврупо алайҳи Русия иқтисоди ҷаҳониро сиёсӣ кунонида, ба бесуботии системаи идоракунии иқтисодии ҷаҳон оварда расонида, системаҳои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва захираҳои асъориро вайрон карда, дар сохтори иқтисодии ҷаҳон тағйироти ҷиддиро ба бор меорад. Ин низоъҳои минтақавии Аврупои Шарқӣ ва Шарқи Миёна ва Наздик, ки бо пуштибониии бозингарони минтақавию байналмилалӣ роҳандозӣ шуда истодааст, СҲШ ягона гузина ё алтернативае мебошад, ки шиддати чунин низоъҳоро метавонад коҳиш диҳад. Яъне, бо мавҷудияти ин гузина кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон метавонанд дар асоси чораҳои пешгирикунанда имконоти рушди дохилии худро таъмин намоянд.

Дар асоси таҳлили муҳаққиқон “Суръати баланди рушди иқтисодӣ талаботи Чинро ба захираҳои энергетикӣ бамаротиб афзуд. То ин дам нафтро Чин аз Арабистони Саудӣ, Ангола, Ироқ, Россия, Уммон ворид менамуд. Муташанниҷ гардидани вазъи Халиҷи Форс ва минтақаҳои соҳили баҳрӣ ба амнияти ҳамлу нақли маводи сӯхт таҳдид ба бор меовард. Аз ин лиҳоз, барои Чин интиқоли захираҳои энергетикӣ аз Осиёи Марказӣ ба кишвари худ муносибтар, бо амнтар ва наздиктар мебошад. Ҳамчунин, бо густариши робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ Чин барномаҳои баробарсозии сатҳи тараққиёти қисматҳои ғарбиашро бо шарқии мамлакат татбиқ месозад ва ҳамкориҳо бо Осиёи Марказӣ ба ин мусоидат хоҳад намуд” [15,с.15]. Яъне, Ҷумҳурии Мардумии Чин афзалияти ҳамкориҳоро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ медиҳад, ки аз як ҷониб, бевосита ҳамсарҳад буда, захираҳои энергетикии зиёдро соҳиб буда, дастрасии онҳо камхарҷ мебошанд ва аз ҷониби дигар, фазои сулҳу суботи минтақа ва идорашавандаи он метавонад шиддати таҳдидҳои геополитикиро бе масрафи ҳазинаи зиёд ба даст оварад. Ин авлавият на танҳо ба Чин, балки ба тамоми кишварҳои аъзои ШОС дар тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ кумак менамояд.

Ба ақидаи М.С. Содиков, дар «...асоси таҳлили динамикаи воридшавии сармояи хориҷӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар доираи СҲШ, рушди имконоти дохилии Тоҷикистон ва истифодаи самараноки онҳо дар фазои созмонҳо шарти зарурии ҳамкориҳои минбаъдаи мутақобилан судманд дар соҳаи ҳамгироии минтақавӣ ба таври назррас дида мешавад. Қайд намудан бамаврид аст, ки бидуни фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди равобити байналмилалии иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар амалан ғайриимкон ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар, пеш аз ҳама, аз кишварҳои узви СҲШ масъалаи муҳимми фаъолияти иқтисодии кишвар мебошад. Ба масъалаҳои равандҳои ҳамгироӣ ва ҷалби сармояи кишварҳои узви СҲШ, ба иқтисоди Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардан бамаврид аст. Ҳамчунин, зикр бояд кард, ки афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, ҳалли мушкилоти фаъолгардонии сиёсати содиротӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ аз муҳимтарин омилҳои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд» [18,с.68-76].

Аммо сарфи назар аз чунин рушди мусбӣ, иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз рӯи ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ (3651 доллар) дар ҷойи 135-ум қарор дошт, дар ҳоле ки кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ, аз қабили Ӯзбекистон (ҷойи 111, 7735 ҳазор доллар як нафар), Қирғизистон (ҷойи 127, 4950 ҳазор доллар барои як нафар), Қазоқистон (ҷойи 54, 26725 ҳазор доллар барои як нафар) ва Туркманистон (ҷойи 81, 14104 ҳазор доллар барои як нафар) беҳтар аст [5].

Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳон ночиз аст, аммо дар давраи аз соли 2019 то соли 2020 аз 0,02% то 0,03% афзуд. Дар баробари ин, ҳиссаи аҳолии кишвар дар ҳаҷми умумии ҷаҳон дар соли 2020 0,12%-ро ташкил дод [5].

Тибқи пешгӯиҳои ХБА дар солҳои 2021-2026 суръати афзоиши иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоби миёна соле 4,1%-ро ташкил медиҳад. Дар ҳоле, ки тибқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, дар сурати амалӣ шудани сенарияи

рушди саноатикунонии кишвар, суръати миёнаи солонаи ММД дар ҳудуди 3,9-6% ба нақша гирифта шудааст. ММД-и номиналӣ 41%, ММД-и воқеӣ 22% ва ММД ба ҳар нафар 30,4% зиёд мешавад [17].

Мушкилоте, ки кишварҳои СҲШ ба он рӯбарӯ шудаанд, аслан бо тағйироту тамоюлҳое, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба амал меоянд, зич алоқамандӣ доранд, зеро ҷаҳонишавӣ барои эҷоди як тартиботи гуногуни иҷтимоию сиёсӣ замина фароҳам меорад, ки мавқеи як давлатро суст мекунад ва мавқеи дигар давлатҳоро дар сатҳи паст қарор медиҳад.

Яке аз ин тамоюлот афзоиши якбораи содироти металлҳои қиматбаҳо дар соли 2021 ва афзоиши воридоти пул аз муҳоҷирони корӣ, инчунин, сармоягузории хусусӣ мебошад. Эҳтиёткорона ва тадриҷан эҳёи дубораи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо кишварҳои минтақаи шомили СҲШ имкон дод, ки муҳоҷирон сафарҳои худро ба хориҷ аз сар гирифта, вуруди пули муҳоҷиронро барқарор кунанд. Фаъолияти иқтисодии дохилӣ дар ҳоле пурзӯр шуд, ки ҳукуматҳои аъзои СҲШ тадриҷан чораҳои карантинро сабук карда, аз миён бардоштанд.

Бо мақсади ҳамкорӣ ва танзими раванди татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва суст кардани таъсири хатарҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 қабул гардида, айни замон «…Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хатарҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ» мебошад [17].

Дар доираи ҳуҷҷатҳои қабулшуда як қатор ислоҳот ба роҳ монда шуданд, ки ба таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, фаъолияти устувори корхонаву бонкҳои давлатӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ ва содагардонии тиҷорат нигаронида шудаанд.

Дар натиҷаи муноқишаи низомӣ дар Аврупои Шарқӣ ва таҳримҳои иқтисодии кишварҳои ғарбӣ нисбат ба шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон – Русия, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситоди байниидоравӣ таъсис дода шуд, ки дар он нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири эҳтимолии хавф ба иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ин нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ як қатор чорабиниҳоро дар бар мегирад, ки вобаста ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолии кишвар бо молҳои зарурӣ, зиёд кардани истеҳсол ва воридоти он; пешгирии болоравии нарх, расонидани кумак ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, таъмини саривақтии иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, пешгирии зарари эҳтимолӣ ба низоми бонкии кишвар, паст кардани фишор ба қурби асъор, додани қарз ба соҳибкорони истеҳсолӣ бо фоизи паст, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, ба таъхир андохтани санҷишҳои ғайриандозӣ, ҷалби кумаки иловагии молиявӣ ва дигар тадбирҳо мебошад [5].

Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда, муноқишаи зикршуда, тавонист боиси коҳиши иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири соли 2022 тақрибан ба 2% паст гардад. Нишондоди асосии ин коҳиш метавонад 40% коҳиши пешбинишудаи интиқоли пул бошад, ки интизор меравад, боиси коҳиши назарраси истеъмоли хусусӣ ва коҳиши ҷараёни сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ шавад. Қазоқистон бозори асосии навъҳои гуногуни маъданҳо ва консентратҳои дар Тоҷикистон истихроҷшуда ва истеҳсолшударо харидорӣ намуда, коркард карда ба бозори ҷаҳонӣ пешкаш менамояд, ки аз ин ҳисоб даромади солонаи Тоҷикистон дар солҳои 2020-2021 афзуд. Инчунин ба Швейтсария фурӯхтани металлҳои қиматбаҳо, тавонист сатҳи таваррумро нисбат ба хеле кам шудани даромади пулии муҳоҷирон ба мамлакат нигоҳ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи таносуби интиқоли пул ба ММД яке аз се кишвари пешрафтаи ҷаҳон мебошад. Дар давоми даҳ сол ин таносуб ба ҳисоби миёна 1/3 ММД-и кишварро ташкил дод. Сатҳи баландтарин дар соли 2013 - 49% ва пасттарин дар соли 2021 - 20% буд. Динамикаи воридоти пулҳои интиқолӣ дар тули солҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми онҳо мустақиман аз зарбаҳои иқтисоди Русия вобаста ба буҳронҳои иқтисодӣ ва рӯйдодҳои сиёсӣ вобаста аст.

Тибқи пешгӯиҳои Бонки Осиёии Рушд, ҳаҷми интиқоли пул аз муҳоҷирони кории тоҷик дар соли 2022 тақрибан ду баробар коҳиш хоҳад ёфт [2].

Бино ба маълумоти Бонки маркази Федератсияи Русия, ҳаҷми интиқоли пул аз шахсони воқеӣ дар соли 2021 аз Русия ба Тоҷикистон 1,8 миллиард долларро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2020 3,4% зиёд аст [1].

Осебпазирии иқтисоди миллии Тоҷикистон дар назди Федератсияи Русия тавассути пайвастани пули тоҷик ба рубл зоҳир мешавад. Ҳар гуна тағйироти чашмрас дар қурби рубл ба асъорҳои ҷаҳонӣ ба сомонӣ таъсир мерасонад. Ин натиҷаи равобити зичи тиҷоратӣ ва иқтисодии ду кишвар аст, зеро сеяки воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Русия, ки дар он зиёда аз 1 миллион шаҳрванди мо кор мекунанд, рост меояд ва Русия яке аз ду кишвари шарики стратегии мо мебошад.

Яке аз мушкилоти дигари иқтисодии мо, мубориза и зидди нобаробарӣ ва қашшоқӣ ба ҳисоб меравад. Соли 2021 нисбат ба соли 2020 ҳиссаи хонаводаҳое, ки ҳадди ақал як узви он муҳоҷири кории дар хориҷа қарордошта буд, аз 29% ба 44%, даромад аз интиқоли маблағ аз 10% ба 18% ва даромад аз музди меҳнат аз 11% ба 21% афзуд. Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ, ки аз рӯйи хатти байналмилалии камбизоатӣ 3,2 доллари ИМА муайян шудааст, то 13,9% коҳиш ёфт ва шумораи ками хонаводаҳо гузориш доданд, ки истеъмоли ғизо дар соли 2021 камтар аст [5].

Додаҳои оморӣ сатҳи камбизоатиро дар кишвар дар соли 2022 то 14,3% нишон дода буданд, ки нисбат ба соли 2021 13,9% буд, афзоиш ёфта буданд. Бинобар ин, барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ аз ҷониби Ҳукумат ба 238 ҳазор оила кумаки иҷтимоӣ ва кумаки фаврии иловагии пулии яквақта барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маводи ғизоии беш аз 164 ҳазор оилаи кӯдакдор расонида шуд. Иқтисодиёти кишвар дар баробари тағйирот дар ҳаҷми интиқоли маблағ, ки истеъмоли хонаводаҳоро дастгирӣ ва хароҷоти бузурги воридотро маблағгузорӣ мекунад, хеле осебпазир боқӣ монд, ки маҳдудияти истеҳсоли ватанӣ ва вобастагии зиёд аз воридот кишварро дар баробари тағйирёбии нархҳои беруна, бахусус маводи сӯзишворӣ ва маводи ғизоӣ осебпазир нишон медиҳад.

Мушкилоти дигар, таҳдидҳои эҳтимолии оқибмонӣ дар рушди иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба иқтисоди сабз дорои захираҳои воқеии табиӣ мебошад. Партобҳои газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон дар як сол камтар аз як тонна барои ҳар нафарро ташкил медиҳад ва саҳми ин кишвар дар партовҳои минтақавӣ 5% аст. Ин асосан аз ҳисоби истифодаи ресурсҳои обии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва қувваи барқ мебошад, ки ҳиссаи он дар баланси энергетикӣ зиёда аз 98%-ро ташкил медиҳад. Айни замон дар кишвар, дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Консепсияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки барои ноил шудан ба 4 ҳадафи стратегӣ сафарбар карда шудааст, ки ин ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, инчунин сиёсати истифодаи самараноки сармояи табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини устувории экологӣ мувофиқат мекунад.

Мушкилоти дигари кишварҳои узви СҲШ таъмини амнияти ғизоист. Тоҷикистон аз воридоти ғалла, орд, чой, равған ва шакар вобаста аст. Аммо бо вуҷуди маҳдудиятҳое, ки барои воридоти ин навъи коло аз Русия ва Қазоқистон эъмол шудааст, дар ин кишвар захираҳои маҳсулоти ғизоии зарурӣ фароҳам оварда шуда, истеҳсоли он қисман ба роҳ монда шудааст. Тоҷикистон барои таъмини воридкунандагони маводи ғизоӣ ва доруворӣ бо асъори хориҷӣ захираву имкониятҳои зиёд дорад, вале марҳила ба марҳила дар ин самт корро бояд ба таври зарурӣ тариқи гузариши кластерӣ ба роҳ монда, дар рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ саҳмгузор бошанд.

Мутобиқи шохиси ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ (The Global Food Security Index) рейтинги Тоҷикистон 51,6 хол буда, ҷумҳурӣ дар ҷойи 83-юм қарор дорад. Мамлакат ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи муътадили амнияти озуқаворӣ шомил аст. Аммо барои солҳои 2021-2022 Тоҷикистон мавқеашро 7,4 банд беҳтар кардааст.

Мушкилоти дигар барои кишварҳои СҲШ, нобаробарии рақамӣ аст. Рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввали ташаккул қарор дорад. Дар кишвар бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 таҳти №642 Консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар он гузариши

тадриҷан дар се марҳила ба татбиқи дурнамои рушди трансформатсияи рақамӣ дар ҷумҳурӣ то соли 2040 дар назар дошта шудааст. Марҳилаи 1 то соли 2025, марҳилаи 2 то соли 2030 ва марҳилаи 3 то соли 2040. Ҳама марҳилаҳои табдилдиҳии рақамӣ дар доираи лоиҳаи Digital CASA амалӣ карда мешаванд. Дар ҳамин ҳол, дар бисёре аз кишварҳои узви СҲШ рушди иқтисоди рақамӣ нисбат ба Тоҷикистон бо суръати хеле тезтар пеш меравад, ки Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаҳои ҳамсоякишварҳо истифода намояд. Дар ин самт "Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди рақамӣ, инноватсия ва саноати кайҳонии Ҷумҳурии Қазоқистон" [11] дар сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон имзо гардид.

СҲШ як қатор бартариятҳои ошкоро дорад, ки ба кишварҳои узви он имкон медиҳанд, суръати ҳамкориҳои иқтисодиро хеле баланд бардоранд. Инҳо имкониятҳои молиявӣ ва сармоягузории иқтисоди босуръати рушдёбандаи Чин ва иқтидори технологии Русия мебошанд, ки дар коркард ва ба маҳсулоти рақобатпазир табдил додани захираҳои ғании табиии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, бо назардошти тафовути сатҳи рушд ва сохторҳои иқтисодӣ ҳамкориҳои амалӣ дар доираи СҲШ дар марҳилаи мазкур ба татбиқи лоиҳаҳои азим, ки ба манфиатҳои аксарияти давлатҳои аъзо ҷавобгӯ мебошанд, бештар ба мақсад мувофиқ мебуд. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи чунин соҳаҳо, аз қабили нақлиёт, энергетика, сохтмони инфрасохторӣ, телекоммуникатсия, таъмини амнияти озуқаворӣ, истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва каммасраф, тиҷорат ва савдо, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ меравад. Ва барои татбиқи ин самтҳо ҷалби кишварҳои нозир ва шарикони муколама комилан имконпазир аст.

Омили муҳимми ҳамкории бомуваффақияти мутақобилаи кишварҳои СҲШ, таъсиси механизми мониторинги динамикаи иқтисодии минтақа ва огоҳии барвақт аз бӯҳронҳо мебошад. Самти эҳтимоли фаъол кардани кор дар таъсиси Бонки рушд ва Фонди рушди (ҳисоби махсуси) СҲШ ва идомаи машваратҳои мутақобилан судманд бо мақсади таҳлили механизмҳои имконпазири фаъолияти ниҳоди нав хоҳад буд. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши молия дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай метавонад василаи муассир дар таъмини рушди устувори иқтисодии кишварҳои узви СҲШ бошад.

Ҳамин тарик, ба куллӣ аз нав дида баромадани нақшаҳои ҳамкории иқтисодӣ ва муҳокимаи проблемаи вусъат додани интегратсияи саноатӣ дар мамлакатҳои аъзои СҲШ аҳаммияти калон дорад. Инчунин, тамоюлҳои навро ба вуҷуд овардан зарур аст, то афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷии мутақобилаи кишварҳои СҲШ ба соҳаҳои норасоии мутахассисон ва ҳалталаб, афзоиши робитаҳои корпоративӣ ва сармоягузорӣ, ки ба амиқтар шудани ҳамгироии иқтисодии кишварҳои минтақа рушду тавсеа пайдо кунад. Соҳаҳои асосӣ, мисли бо истифода додани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот метавонанд истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, энергияи табиӣ, иқтисоди сабз, истихроҷи канданиҳои фоиданок, кимиё ва маҳсулот, нақлиёти заминӣ ва қубурҳоро дар пешбурди иқтисоди ватанӣ мусоидат намояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. АБР прогнозирует резкое сокращение притока денежных переводов в Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20220407/abr-prognozir uet-rezkoe-sokratshenie-pritoka-denezhnih-perevodov-v-tadzhikistan
2. АБР прогнозирует сокращение денежных переводов в Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: https://halva.tj/news/abr_prognoziruet_sokrashchenie_denezhnykh_perevodov_v_tadzhikistan
3. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Ф.Б. Махмадизода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 2. – С. 153-158.
4. Внешнеэкономические связи в аграрной сфере и состояние продовольственной безопасности Республики Таджикистан / Ш.Т. Одинаев, Ф.Б. Махмадиев, М.Х. Маджнунова, Х.Ш. Хабибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/1(157). – С. 156-159.
5. Гиви Мачавариани Мир в 2020 году. [Электронный ресурс]. URL: https://www.imemo.ru/ index.php?page_id =1863 &article_id=10739.

6. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С. М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Peasant. – 2014. – № 3. – С. 91-93.
7. Гоибназаров, С.М. Роль экономически активного населения в продовольственном обеспечении страны / С.М. Гоибназаров, Х.И. Муминов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/1(157). – С. 305-310.
8. Джабборова, З. М. Зарубежный опыт формирования и развития региональных агропромышленных кластеров экономически развитых стран / З.М. Джабборова, Махмадизода Ф.Б., З.Х. Сохибназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 196-201.
9. Джабборова, З.М. Оценка конкурентоспособности мясопродуктового подкомплекса в условиях формирования агропродовольственного кластера / З.М. Джабборова, Махмадизода Ф.Б., Махмадизод Р.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – №1. – С. 176-183.
10. Исвалиев, С.Д. Формирование аграрных кластеров как основа активизации инвестиционной деятельности в регионах (на материалах Согдийской и Хатлонской областей Республики Таджикистан): специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством дисс. на соис. уч-й степ. кан. эконом наук / С.Д. Исвалиев. -Душанбе, 2017. -174 с.
11. Маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон. [Электронный ресурс]. URL: https://www.president.tj/event/news/46938. Санаи муроҷиат: 29.08.2024.
12. Махмадиев, Ф.Б. Кластерный подход к развитию сельского хозяйства Республики Таджикистан / Ф.Б. Махмадиев // Евразийский союз ученых. – 2015. – № 6-6(15). – С. 37-38.
13. Махмадиев, Ф.Б. Формирование и развитие регионального зернопродуктового кластера (на материалах Юго-Восточного Таджикистана): специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством: автореф.дисс.на соис. уч-й степ. Канд. эконом. наук / Душанбе, 2016. – 22 с.
14. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 8. – С. 36-43.
15. Мирзоев Н.М. Тоҷикистон – Созмони Ҳамкории Шанхай: уфуқҳои ҳамкорӣ. –Душанбе, 2021. -269 с.
16. Насыров, Р. Особенности интеграционных отношений сельскохозяйственных предприятий в рыночных условиях / Р. Насыров, Д.Х. Тагоев, Н.Ш. Кабиров. -Душанбе: Типография Ирфон, 2020. -150 с.
17. План мероприятий по координации реализации макроэкономической политики и предотвращению влияния возможных рисков на национальную экономику. [Электронный ресурс]. URL: http://adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=132789.
18. Содиков, М.С. Развитие инвестиционного сотрудничества РТ со странами ШОС / М.С. Содиков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№2. -С.68-76.

## ТАМОЮЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ДАР ШАРОИТИ УЗВИЯТИ ТОҶИКИСТОН БА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

Дар мақолаи мазкур нақши кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар иқтисодиёти ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тавре маълум аст, Созмони ҳамкориҳои Шанхай як созмони байналмилалиест, ки бар пояи механизми “Панҷгонаи Шанхай” дар пайи мулоқоти сарони панҷ давлат – Русия, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар рӯзи 27 апрел таъсис ёфтааст. Соли 1996 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин тасмим гирифта шуд, ки марҳилаи нави ҳамкориҳои муштараки кишварҳои дар боло зикршударо оғоз кунад. Мо боварӣ дорам, ки дар шароити имрӯзаи душвор рушди иқтисодӣ ин принсипҳо барои ҳамаи аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки новобаста аз модели интихобкардаи онҳо, сарфи назар аз модели сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо, дар муқобили мушкилоти наве, ки ба сари мо омадаанд, ба ягонагӣ ва муттаҳидӣ ниёз доранд, аз ҳарвақта бештар мувофиқанд.

**Калидвожаҳо:** СҲШ, созмони байналмилалӣ, ҳамкории муштарак, кишварҳои узви СҲШ, иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

## ТЕНДЕНЦИИ И РАЗВИТИЕ МИРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В УСЛОВИЯХ ЧЛЕНСТВА ТАДЖИКИСТАНА В ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА

В данной статье рассматривается роль стран-членов Шанхайской организации сотрудничества в мировой экономике. Как известно, Шанхайская организация сотрудничества – международная организация, созданная на основе механизма «Шанхайской пятёрки» по итогам встречи глав пяти государств – России, Китая, Казахстана, Кыргызстана и Таджикистана. 27 апреля 1996 года в городе Шанхае Китайской Народной Республики было принято решение начать новый этап совместного сотрудничества между вышеназванными странами. Мы считаем, что в сегодняшних сложных условиях экономического развития эти принципы важны для всех членов международного сообщества, независимо от выбранной ими модели, независимо от их политической и социальной модели, перед лицом новых вызовов, которые пришли к нам, потребности в единстве и солидарности более актуальны, чем когда-либо.

**Ключевые слова:** ШОС**,** международная организация, совместное сотрудничество, государства - члены ШОС, мировая экономика, социально-экономическое развитие.

## TRENDS AND DEVELOPMENTS OF THE GLOBAL ECONOMY IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN'S MEMBERSHIP IN THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

This article examines the role of the member countries of the Shanghai Cooperation Organization in the global economy. As is known, the Shanghai Cooperation Organization is an international organization created on the basis of the mechanism of the "Shanghai Five" following the meeting of the heads of five states - Russia, China, Kazakhstan, Kyrgyzstan and Tajikistan on April 27. In 1996, in the city of Shanghai, People's Republic of China, a decision was made to begin a new stage of joint cooperation between the above-mentioned countries. We believe that in today's difficult conditions of economic development, these principles are important for all members of the international community, regardless of the model they choose, regardless of their political and social model, in the face of new challenges that have come to us. the need for unity and solidarity is more urgent than ever.

**Keywords:** SCO, international organization, joint cooperation, SCO member states, global economy, socio-economic development.

## TRENDS AND DEVELOPMENTS OF THE WORLD ECONOMY IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN'S MEMBERSHIP IN THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

This article examines the role of the SCO member states in the global economy. As is known, the Shanghai Cooperation Organization is an international organization based on the mechanism of the "Shanghai Five", which was created after the meeting of the heads of five states - Russia, China, Kazakhstan, Kyrgyzstan and Tajikistan on April 27. In 1996, in Shanghai, People's Republic of China, a decision was made to begin a new stage of joint cooperation between the above-mentioned countries. I believe that in the current difficult conditions, these principles are more relevant than ever for all members of the world community who need unity and cohesion in the face of new challenges that have befallen us, regardless of the model of political and socio-economic development they have chosen.

**Keywords:** SCO, international organization, joint cooperation, SCO member states, global economy, socio-economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Раҳмоил Умедҷон*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 886-00-04-86**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Рахмоил Умеджон*** - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 886-00-04-86**

**Information about author:** ***Davlatzoda Rahmoil Umedjon*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 886-00-04-86**

ТДУ: 331.108

# МАРҲАЛАҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

***Рустамов Ф.М.***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар охири асри XX ва оғози асри XXI олимони иқтисоддон ба чунин хулоса омадаанд, ки яке аз омили муҳимми рушди иктисодиёти ҷаҳон на сармояи ҷисмонӣ, балки сармояи инсонӣ мебошад, чунки номбурда, пеш аз ҳама, ба боло бурдани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки дар тули садсолаҳо арзиши сармояи инсонӣ дар тафовут бо сармояи ҷисмонӣ ва табиӣ назаррас намоён набуд. Олимон ва мутахассисон дар давраҳои қадим бисёр кам ба назар мерасиданд ва онҳо дар ҷамъият ангуштшумор боқӣ мемонданд. Ташаккулёбии инсоният дар давраҳои қадим аз сабаби тағйироти ночиз дар олоти меҳнат маҳорат ва қобилияти инсонҳоро (бо истилоҳи ҳозира), донишҳои махсус ё фундаменталиро талаб намекард. Афзоиши нақши сармояи инсонӣ бештар аз дусад сол пеш ба вуҷуд омадааст, ки ин дар замони таърихи инсоният бо ҳазорон сония муқоиса карда мешавад. Мафҳуми сармояи инсонӣ ва рушди назарияи сармояи инсонӣ ба олимони барҷастаи иқтисоддонҳо Т. Шулс ва Г. Беккер тааллуқ дорад, ки онҳо аввалин шуда доир ба мафҳум ва назарияи рушди саромяи инсонӣ таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом додаанд. Ба андешаи Т. Шулс, дар мамлакатҳои рушёфта ҳиссаи сармояи инсонӣ дар сарвати миллӣ 80-90%-ро ташкил медиҳад [18,с.17]. Г. Беккер дар навбати хеш мафҳуми сармояи инсониро чунин манидод намудааст, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳои фитри дониш, малака ва ҳавасмандии бадастомада мебошад, ки истифодаи самараноки онҳо ба афзоиши даромад ва дигар неъматҳо мусоидат мекунад. Яъне, шахси дорои чунин қобилиятҳо метавонад дар ҷамъият ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад, агар дар он дониш, малака, маҳорат ва ҳавасмандӣ мушоҳида гардад [9,с.23].

Инчунин, дар таҳқиқотҳои илмии хеш Шулс ва Беккер, бартарии одамони дорои маълумоти олиро нисбат ба одамони дорои маълумоти миёнаи умумӣ аз рӯи даромадашон асоснок намуданд ва сармоягузорӣ ба маорифро яке аз омилҳои муҳимтарини рушди сармояи инсонӣ маънидод намудаанд. Онҳо исбот намуданд, ки агар сармоя ба маориф зиёд гардад, инсон метавонад он дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳои эҷодии хешро афзун намуда, ба рушди сармояи инсонӣ дар ҷамъият саҳми назарраси хешро гузоранд. Таҳқиқотҳои илмии гузаронидаи олимони иқтисодшинос Т. Шулс ва Беккер доир ба сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар соҳаи маориф, дар асарҳои илмии олимон ба монанди Абрамовис, Дэвид, Голдин ва Катс инъикос ёфтаанд, онҳо низ исбот намудаанд, ки дар соли 1890-уми асри гузашта, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сиёсати давлатӣ сармоягузории молиявиро ба рушди сармояи инсонӣ ду баробар афзоиш дода, дар ҳоле, ки сармоягузорӣ ба соҳаи ҷисмонӣ то ҳадди ақал коҳиш ёфт. Бештар таваҷҷуҳ маҳз ба рушди сармояи инсонӣ равона гардида буд [13,с.1001]. Ба андешаи Голдин ва Катс суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар давраи солҳои 1890-1915 дар як сол 0-29%-ро ташкил медод, ки дар ин давра тақрибан 11%-и афзоиши солонаи маҳсулот ба ҳар сар аҳолӣ рост меомад. Суръат афзоии ҳосилнокии дониш дар солҳои 1915-1999 дар як сол 0-53%, ё худ қариб 20%-и суръати афзоиши маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ рост меомадро дар ҳамин давра ташкил менамуд [15,с.18]. Абрамовис ва Дэвид дар кори илмии хеш вобаста ба ҳиссаи афзоиши маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ, ки бевосита ба ҷамоварии сармояи ҷисмонӣ вобаста мебошад, дар давраи солҳои 1800-1890 56%, 1890-1927 31% ва 1929-1966 21% коҳиш ёфтаро, шарҳ доданд [8,с.236]. Дар солҳои зикршуда аксарияти мамлакатҳои рушдкарда кӯшиш менамуданд, ки бештар ба саромяи инсонӣ сармоягузорӣ намоянд, зеро аллакай технологияҳои навтарин аз ҷониби олимон ихтироъ гардида буданд, ки аз одамон қобилиятҳои баланди истифодабарӣ ва донишҳои замонавиро тақозо менамуд. Қайд намудан зарур аст, ки дар раванди индустриякунонии Англия назар ба сармояи ҷисмонӣ, таваҷҷуҳи махсус ба сармояи инсонӣ авлавият пайдо намуда буд. Солҳои 1760-1830 дар давраи якуми инқилоби саноатӣ ҳиссаи сармояи инсонӣ дар ММД-и Англия, сарфи назар

аз он ки дарачаи саводнокии аҳолӣ бетағйир боқӣ монд, хеле афзоиш намуд [14,с.1001]. Нисбат ба малака ва маҳорати касбии кормандон давлат талаботи минималиро ба миён гузошт, таъминоти молиявӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи саводнокии аҳолӣ мавҷуд набуд, коргаронро дар ҷойи корашон ба таълим фаро мегирифтанд, аксарияти зиёди корҳро метавонистанд дар истеҳсолот таъмин намоянд, ки онро коргарони дорои маълумотҳои миёна ё бе маълумот ба анҷом мерасониданд, ки шумораи ками корҳо маҳорати хондан ва навиштанро талаб мекард [17,с.1].

Дар инқилоби дуюми ташаккулёбии саноатӣ, ки солҳои 1860-1913-ро ташкил менамуд, нисбати маҳорат, малака ва қобилиятҳои коргарон талаботҳои навро ҷорӣ намуд, ки ин ба рушди низоми маориф бе таъсир намонд. Давлат таваҷҷуҳи бештарро барои омӯхтан ва аз бар намудани донишҳои замонавӣ барои коргарон зоҳир менамуд, ки ин боиси аз 6%-и соли 1760 то ба 11,7%-и соли 1913 оварда расонд [11,с.193]. Дар соли 1856-1913 таносуби саромягузорӣ ба саромяи инсонӣ дар соҳаи маориф афзоиш намуда, сол аз сол фоизи сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ баланд мегардид. То солҳои 1830-ум миқдори солҳое, ки барои таълими мардон сарф шудаанд, бетағйир боқӣ монданд, ин рақам аз солҳои 1840-ум то оғози асри XX-ум се маротиба зиёд гардид [16,с.37]. Дар ин солҳо нобаробарии гендерӣ мушоҳида мегардид, зеро занон умуман ба таълим фаро намегардиданд ва донишҳои заруриро доро набуданд ва қисми ками онҳо дар хона ба таълим машғул мегаштанд. Дар бораи таҳсилоти мактабӣ ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки таҳсили кӯдак аз синни 10-солагӣ оғоз мегардид. Шумораи мардоне, ки аз синни 10-солагӣ таҳсилро оғоз намудаанд, аз шумораи умумии дар соли 1870 40%-ро ташкил менамуд. Ин шумора дар солаи 1900 ба 100% рост меомад [10,с.21]. Дар нимаи дуюми асри XIX шумораи кудакони синни 5-14-сола ҳамагӣ 11%-ро ташкил медод, баъдан ин шумора дар соли 1900 ба 74% расид [12,с.758].

Тамоюли афзоиши хароҷот ба соҳаи маориф аз охири асри XIX манша гирифта, ба ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон таъсири худро расонид. Рушди сармояи инсонӣ, баланд гардидани нақши дониш, малака, маҳорат ва қобилият дар иқтисодиёт, динамикаи рушди иқтисодиро куллан тағйир дод. Дар ин замина давлат кӯшиш менамуд, ки барои рушди сармояи инсонӣ якчанд барномаву консепсияҳоро амалӣ намояд, то дар оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад.

Мамлакатҳое, ки бештар таваҷҷуҳро ба рушди сармояи инсонӣ равона намудаанд, тавонистанд мизони ММД-и худро миқдоре боло баранд ва аз мавҷҳои бесуботии иқтисодӣ худро ҳифз намоянд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ чор марҳилаи рушди сармояи инсонӣ мавҷуд мебошад (расми 1).

**Расми 1. Марҳилаҳои рушди сармояи иноснӣ**
**Figure 1. Stages of human capital development**




Марҳилаи анъанавӣ (то асри XVIII) бо якхелагии назарраси сармояи инсонии оммавӣ хос аст; арзишҳо ва салоҳиятҳо ҳангоми иҷрои нақшаҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ ташаккул меёбанд. Давлат танҳо барои рушди арзишҳо тавассути дин дар мамлакат сармоягузорӣ менамояд. Коргарони оммавӣ ҳамчун қоида зиёданд ва дар бораи ҳаҷми

сармояи инсонӣ хеҷ гуна нигаронӣ мавҷуд нест (ба истиснои баъзе ҳолатҳо вақте, ки сармояи инсонӣ кам мегардад, дар низоми воридоти қувваи корӣ душвориҳо ба вуҷуд меоянд). Таҳсилот яке аз имтиёзи истисноӣ буд, барои аҳолӣ зарурати ҳаётан муҳим арзёбӣ намегардид.

Оғози инқилоби аввали саноатӣ ба балнд шавии ҳосилнокии меҳнат таъсир гузошта, омилҳои нави рушди иқтисодиро (илм ва таҳсилоти умумӣ) муайян намуда, дар нимаи оғози асри XX асоси рушди иқтисодиёти саноатӣ ва ҷомеа гардид. Ин марҳила бо тағйироти сифатӣ дар сохтори сармояи инсонӣ муҳим арзёбӣ мегардид:

1. Ташаккул ёфтани сармояи инсонӣ, дониш ва технологияи нав дар саноат ба вуҷуд омад.

2. Пайдо гардидани технологияҳои нави замонавӣ меҳнати дастӣ коҳиш ёфта, истеҳсолоти маҳсулот пурра ба технологияҳои замонавӣ ба роҳ монда шудаанд, ки ин зарурати баланд бардоштани дараҷаи сармояи инсониро ба миён овард.

3. Рушди илму маориф боиси он гардид, ки дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандон ва иқтисодиёт беҳтар гардид.

4. Сармоягузориҳои зиёд ба рушди сармояи инсонӣ ба соҳаи маориф назаррас гардида, институтҳову пажуҳишгоҳҳо бавуҷуд омаданд, ки мақсади асосии онҳо гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ оид ба баланд бардоштани мақоми сармояи инсонӣ дар ҷаъмият гардид [3,с.285].

Асри XIX – нимаи оғози асри XX марҳилаи омӯзиши оммавӣ – коргарони соҳибихтисос ва соҳибкасб дар баробари афзоиш ёфтани сармояи пулӣ, технологияҳои нав ва сарватҳои табиӣ ба захираи маҳдуд табдил ёфтаанд. Давлатҳо барои рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ якчанд барномаҳои муҳимро қабул менамуданд, ки барои маблағгузории соҳаи маориф сарф мегардид. Дар ин замина давлат кӯшиш менамуд, ки бештари аҳолии дорои қобили меҳант аз донишҳои зарурӣ ва истифодаи технологияҳои нав бархӯрдор бошанд ва аксарияти мабалғҳои сарфшударо давлат ба уҳда мегирифт. Дар аксари мамлакатҳо ин равандҳои омӯзиш ва расонидани кумакҳои иҷтимоӣ аз ҷониби корфармо пардохт мегардиданд. Дар ин марҳила фарқи сармояи оммавии инсонӣ аз рӯи сатҳи маълумот ва даромади меҳнатӣ ташаккул меёбад.

Рушди босуръати сармояи инсонӣ ва афзоиши арзиши таҳсил дар давраи инқилоби дуюми саноатӣ, муҳим арзёбӣ гардида, ба шаклҳои 2, 3 ва 4-уми технологии иқтисодиёт таконе дод, ки дар он ҷомеаи рушдёфтаи индустриалии дорои ҳосилнокии баланди меҳнат ба вуҷуд омадаст. Насли нави дорои малака, маҳорат ва донишҳои баланд, боиси афзоиши мунтазами ҳосилнокии меҳнат гардида, таваҷҷуҳи бештар ба коргарони соҳибтахассус ва соҳибкасб зиёд мегардид, ки ин асоси ба вуҷуд омадани саноати дониш гардид. Дар шароити муосир марҳилаи постиндустриалӣ бо он тавсиф мегардад, ки сармояи баландихтисоси инсонӣ ва «гурӯҳҳои ронандагон» омили асосии маҳдудкунандаи рушд мегарданд. Аксарияти мамлакатҳо дарк намуда буданд, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ояндаи давлат ва траекторияи рушди онро пешакӣ муайян менамуд. Сиёсати пешгирифтаи мамлакатҳои тараққикарда дар охири солҳои 90-ум гувоҳӣ аз он медод, ки 70%-и сармоягузориҳо ба рушди сармояи инсонӣ нигаронида шуда буданд ва танҳо 30% ҷиҳати рушди сармояи ҷисмоӣ боқӣ монд.

Нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт бо сабаби он меафзояд, ки соҳаҳое, ки сармояи инсониро ташкил медиҳанд, дар сохтори ММД калонтарин соҳаҳо мегарданд.

Илова бар ин, сохтори истеъмоли оммавӣ тағйир меёбад - он ба эҷод ва паҳн намудани навоварӣ оғоз меёбад. Ҳамаи одамон ҳамчун коргар, (соҳибкор) ва истеъмолкунандагон дар маркази иқтисодиёт қарор мегирифтанд.

Салоҳиятҳои иҷтимоӣ - қобилияти дарк кардани мавқеи худ дар ҷомеа (донишҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва малакаҳои амалӣ) ва салоҳиятҳои коммуникатсионӣ (донишҳои гуманитарӣ, аз ҷумла донистани забонҳои хориҷӣ ва тафаккури хаёлӣ) аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Дар мамлакатҳои тараққикарда ташаккули иқтисоди дониш ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ оғоз мегардад. Дар кишварҳои пешрафта саноати дониш ба як қисми пешбари иқтисодиёт табдил ёфтааст. Рушди сармояи инсонӣ аз инқилоби

саноатӣ сарчашма гирифта, дар ташаккули сохторҳои нави технологӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозид.

Инқилоби чоруми саноатӣ, ки дар хориҷи кишвар бо номи "Саноат 4.0" маъруф аст, аввалин маротиба дар кишварҳои ғарбӣ дар соли 2011 ҳамчун лоиҳае пайдо гардид, ки мақсади асосии он баланд гардидани рақобатпазирии саноати истеҳсолӣ башумор мерафт. Мутахассисон пешниҳод намуданд, ки ба истилоҳ "системаҳои киберфизикӣ" (CPS) ё мошинҳои автоматишуда ва марказҳои коркарди ба интернет пайваст ба равандҳои саноатӣ ворид карда шаванд. Мақсади асосии пешниҳод намудаи мутахассисон дар он буд, ки чунин низом имконият медиҳад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ шакли истеҳсолиро мустақилона иваз намоянд.

Дар ҳолати пайваст намудани интернет ба технологияҳои навтарини замонавӣ дар раванди истеҳсолоти маҳсулот, метавон ба нақш ва аҳаммияти нигоҳдории маҳсулот ва ҷалби фикру андешаи мутахассисон маҳсулотҳои нави баландсифат истеҳсол намуд.

«Саноат 4.0» на танҳо раванди истеҳсолот, балки доираи хизматрасонии марбут ба маҳсулоти истеҳсолшударо низ ба куллӣ тағйир медиҳад. Ин меъмории комилан нави системаҳои саноатӣ метавонад тадриҷан тавассути модернизатсияи рақамии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда амалӣ карда шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки консепсияи мазкурро на танҳо дар корхонаҳои нав, балки дар тамоми корхонаҳое, ки арзи ҳастӣ менамоянд, метавонанд дар раванди инқилобҳои рушди корхона амалӣ намоянд.

Мафҳуми «Саноат 4.0» аввалин маротиба аз ҷониби ҳукумати федералии Олмон ҳамчун нақшаи стратегии рушди саноат, ки ба муттаҳидсозии таҷҳизоти саноатӣ ва системаҳои иттилоотӣ дар фазои ягонаи иттилоотӣ асос ёфтааст, пешниҳод гардида, ба онҳо имконият дод, ки бе дахолати инсон бо муҳити дохила ва беруна муомила намоянд. Рақамҳои «4.0» чунин мазмунро доро мебошанд, ки ин самти асоси тараққиёти саноат чунон иқтидори бузург дорад, ки он метавонад ба инқилоби чоруми саноатӣ оварда расонад.

Консепсияи инқилоби чоруми саноатӣ дар асоси чор принсип асос ёфта амалӣ карда мешавад:

1. Ҳамоҳангии одам ва таҷҳизот - қобилияти тамоси мустақим тавассути интернет.
2. Шаффофияти иттилоот ва қобилияти системаҳо барои эҷод намудани нусхаи виртуалии ҷаҳони ҷисмонӣ.
3. Ёрии техникии таҷҳизтҳо ба одамон - якҷоя намудани миқдори бузурги маълумот ва иҷрои як қатор корҳое, ки барои одамон хавфнок мебошанд.
4. Қобилияти системаҳо барои мустақилона қарор қабул намудан [6,с.43].

Аз ҳамон вакт то инҷониб консепсияи мазкур моҳияти аслии хешро гум накарда, дар байни мамлакатҳо беш аз пеш паҳн мегардад. Боз як зикри барҷаста ва пурсарусадои ин консепсия Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ (ФУИ) дар Давос, ки соли 2016 баргузор гардида буд, шуда метавонад.

Асосгузор ва раиси Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ Клаус Мартин Шваб дигаргуниҳоеро, ки дар иқтисодиёт ба амал меоянд, инқилоби чоруми саноатӣ (саноати 4.0) меномад ва мавқеи онро дар таърихи иқтисодиёт чунин шарҳ додааст: «Инқилоби якуми саноатӣ дар нимаи дувуми асри XVIII оғоз гардида, бо ёрии обу буғ аз меҳнати дастӣ ба кори технология гузаштан имконпазир гардид».

Ба андешаи Шваб, мо ҳанӯз дар давраи инқилоби сеюми саноатӣ (ё рақамӣ) зиндагӣ дорем, ки дар нимаи дуюми асри гузашта бо эҷоди компютерҳои рақамӣ ва таҳаввулоти минбаъдаи технологияҳои иттилоотӣ оғоз ёфт.

Нақши сармояи инсонӣ бо рушди иқтидори техникии кишварҳо меафзояд, эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи муосир мутобиқ шуда метавонанд, зиёд гардида, аз ин рӯ, масъалаи навсозии таҳсилот ва рушди илм барои эҷоди неруи технологии давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди сармояи инсонӣ нисбат ба марҳилаҳои рушди истеҳсолот**
**Table 1. Stages of human capital development compared to production development stages**

| Номи марҳила | Давра | Пешвоён | Асосӣ | Шаклҳои ташкили илм | Таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|
| Инқилоби якуми саноатӣ | Асри XVIII – оғози асри XIX | Голандия, Англия, Франсия ва Белгия | Текстил, ҳаракаткунандаҳои обию мавҷӣ, чуян | Фаъолияти илмии инфиродӣ | Паҳншавии саводнокӣ ва пайдоиши таълими касбӣ |
| Инқилоби дуюми саноатӣ | Нимаи дуюми асри XIX ва XX | Голандия, Англия, Франсия, Белгия, Олмон ва ИМА | Мошини буғӣ, роҳи оҳан, мошинсозӣ ва киштии буғӣ, саноати дастгоҳсозӣ, металлургияи сиёҳ, ангишт | Пайдошавии таҳқиқотҳои махсуси илмӣ | Таълими умумӣ ва махсус |
| Инқилоби сеюми илмию - техникӣ | Асри XXI | Голандия, Англия, Франсия, Белгия, Олмон ва ИМА, ИА, Канада, ИДМ, Япония ва Австралия | Электроника, робототехника, биотехнология, лазер ва дигар оптика, таҷҳизоти суратгирӣ, идоракунии дурдаст, кайҳон ва газ | Табдил ёфтани илм ба саноати дониш ва соҳаи иқтисодиёт | Баланд гардидани дараҷаи миёнаи маълумот, рушди босуръати маълумоти олӣ |
| Саноати 4 | Асри XXI | Олмон | Шабакаҳои ҷаҳонии саноатӣ, интернет ашё, нақлиётҳои худидорашаванда ва зеҳни сунъӣ | Тақсим намудани маҳсулот, интиқоли барқ ва мубодилаи иқтисодиёт | |

**Расми 2. Марҳилаҳои рушди истеҳсолот**
**Figure 2. Stages of production development**




Шумораи одамоне, ки технологияҳои замонавиро дар истеҳсолот аз худ намуданд, тибқи таҳқиқоти McKinsey & Company, рӯ ба афзоиш дошта, ҳосилнокии баланди меҳнат ба чашм мерасад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Баҳодиҳии афзоиши ҳосилнокии меҳнат аз рӯи рушди технологияи нав дар истеҳсолот**
**Table 2. Assessment of labor productivity growth based on the development of new technology in production**

| Давра | Технологияҳои нав | Афзоиши ҳосилнокӣ дар як сол, % |
|---|---|---|
| 1850–1910 | Муҳаррики буғӣ | 0,3 |
| 1993–2007 | кори механиконидашуда | 0,4 |
| 1995–2005 | Технологияи иттилоотӣ | 0,6 |
| 2015–2065 | Роботизатсия, зеҳни сунъӣ, омӯзиши мошинҳо | 0,8 то 1,4 |

Гузариш ба намудҳои нави меҳнат ба рушди иқтисодиёти мамлакат такони зарурӣ бахшида, барои бартараф намудани таъсири манфӣ, яъне кам гардидани ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат ёрӣ мерасонад. Аммо барои соҳаи маориф дар шароити бозомӯзии одамони синну соли гуногун, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои ҷойҳои нави аз ҷиҳати технологӣ комилан таъминшуда як чолиши нав ба шумор меравад. Барои рушди сармояи инсонӣ иқтисоди дониш талаботи куллан навро талаб мекунад, ки яке аз омилҳои асосии он эҷодкорӣ, тафаккури навоварона ва қобилияти омӯхтан дар тули ҳаёти хеш ба шумор меравад.

Дар шароити муосир сармояи инсонӣ омили муайянкунандаи рушди босамари иқтисодӣ ва ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ мегардад. Ба андешаи бисёре аз олимон тағйироти технологӣ, ки рушди иқтисодӣ бештар аз он вобастагӣ дорад, дар натиҷаи ҷамъоварӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ пайдо мегардад. Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки омили асосии рушди иқтисодиёти муосир на сармояи ҷисмонӣ (масалан, заводу фабрикаҳо), балки сармояи инсонӣ - дониш, саломати, таҷриба ва малакаю маҳорати шахсоне мебошад, ки ҳосилнокии баланди меҳнатро таъмин менамояд, ба шумор меравад. Аксарияти мамлакатҳои тарақикарда сиёсати иқтисодии хешро ба рушди сармояи инсонӣ равона намудаанд, зеро дар ҳолати омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, метавонад дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳми арзандаеро гузоранд. Олимону муҳаққиқони соҳа баъди таҳлилҳои илмии хеш, ба хулосе омадаанд, ки дар ҳолати дуруст омода намудани мутаххасисон ва сармоягузорӣ намудан ба сармояи инсонӣ метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, афзалиятҳои мусбати сармояи инсониро ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъмин намоянд.

Дар шароити муосир рушди ташкилотҳои хориҷию ватанӣ шаҳодати он аст, ки сармояи инсонӣ яке аз захираҳои асосӣ башумор рафта, ҳама гуна муваффақиятҳо ва навовариҳо аз гурӯҳи шахсоне вобаста мебошад, ки онҳо тавлидкунандаи ғояҳои нави инноватсионӣ мебошанд. Барои чунин ташкилотҳо шахсоне лозим мебошанд, ки тавонанд бо доштани қоибилиятҳои эъҷодӣ молҳоеро тавлид намоянд, ки дар баробари дигар молҳо рақобатпазир бошанд.

Ба ақидаи олимони соҳаи иқтисодиёт Мануэлли, Сешадри, Лукас ва Ҷонс сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккули иқтисодии кишварҳои гуногун нақши ҳалкунанда дорад.

Дар шароити муосир фаъолият намудани шахс бештар аз донишу истеъдод, малакаю маҳорат, қобилияти эъҷодии ӯ вобаста буда, аз донишгоҳу донишкадаҳое, ки шахс дар он ҷо таълим ва тарбия фаро гиирфта буд, сарчашма мегирад.

Ба монанди консепсияҳои дигари иқтисодӣ, ғояи сармояи инсониро дар корҳои илмии А.Смит мушоҳида кардан мумкин аст, ки таҳсилотро бо сармоягузорӣ ба таҷҳизот муқоиса намудааст: «Вақте як мошини қиматбаҳо сохта мешавад, интизор меравад, ки ҳаҷми бузурги коре, ки он пеш аз фарсуда шуданаш анҷом медиҳад, сармояи ба он сарфшударо бо фоидаи муқаррарӣ иваз менамояд. Шахсе, ки бо меҳнати зиёд ва муддати дуру дароз ягон касберо, ки маҳорати фавқулодаро талаб мекунад, аз худ намудааст, бо ҳамон дастгоҳи гаронбаҳо муқоиса менамояд” [19,с.958].

Ба андешаи олимони дигари машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд: «Сармягузорӣ ба сармояи инсонӣ омилҳои муҳимтарини калидӣ башумор рафта, воридшавӣ ба иқтисодиёти навро фароҳам меорад. Барои ноил гардидан дар

рушди сармояи инсонӣ, таваҷҷуҳи махсусро барои омода намудани мутахассисони баланди ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат тавассути низоми муосири таҳсилоти касбӣ равона намудан зарур аст» [7,с.311].

**Расми 3. Рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт**
**Figure 3. Development of human capital in the economy**




Рушд ва инкишофи сармояи иносонӣ дар шароити иқтисодӣ аз усулҳо ва воситаҳои рушддиҳандаи захираҳои инсонӣ сарчашма мегирад.

Дар шароити муосир рушди захираҳои инсонӣ аз институтҳо ва манбаҳои асосии сармоягузориҳо, ки талаботи асосии захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад, сарчашма мегирад.

Барои рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт шуруъ мегардад, аз ҷамъият, муассиса, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо. Инҳо институтҳое ҳастанд, ки барои инкишофи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Дар шароити иқтисодӣ манбаҳои асосии маблағгузории захираҳои инсонӣ худи шахси омодашаванда ба шумор меравconfigure. Маблағгузориҳои мазкур дар шароити навин бояд бе натиҷа набошад, зеро мутаххасиси омодашаванда шахсе бошад, ки дорои қобилиятҳои баланди эъҷодӣ, дониш, маҳорат ва малакаи баланди тахассусиро дошта бошад, ки ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир бошад.

Афзоиши сармояи инсонии инфиродӣ захираи сармояи инсониро дар сатҳи мамлакат бештар намуда, он дар иқтисодиёт барои истеҳсоли бештари молҳои технологияҳои баланд истифода мегардад. Ин андеша як пешравии ҳақиқии назарияи иқтисодӣ гардид, зеро пеш аз эҷодиёти Шулс ва Беккер маориф ва тандурустӣ молҳои истеъмоли халқ ба шумор мерафтанд ва арзиши онҳо бо истеъмол алоқаманд буд. Дар соҳаи маориф ва тандурустӣ сармоягузориро аз истеъмолот ҷудо намудан хеле душвор аст, зеро молу хизматҳо қисматҳои сармоягузорӣ ва ҳам қисмҳои истеъмолиро дар бар мегиранд ва пас аз пур гардидани қисматҳои сармоягузорӣ, истеъмоли минбаъда дигар сармояро афзоиш намекард.

Чунон ки асосгузори назарияи сармояи инсонӣ Г. Беккер мефармояд: ҳама чизеро, ки тавассути маблағгузорӣ ба маориф, таҳсилот ва тандурустӣ равона мегардад, дар оянда самараи муфид ба вуҷуд меорад, сармояи инсонӣ меноманд. Қайд намудан зарур аст, ки ягона объекте, ки ба он сармоягузорӣ мегардад ва он натиҷаи самарабахш ба бор меорад, ин сармоягузорӣ ба инсон ба шумор меравад. Дар шароити муосир аксарияти ташкилотҳову корхонаҳо кӯшиш менамоянд, ки барномаҳои дарозмуҳлат қабул намоянд

ва барои омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланд як қатор имкониятҳо фароҳам оваранд:

1. Ҳавсамандӣ.
2. Додани мукофотпулиҳо барои ҳосилнокии баланди меҳнат.
3. Таъмини кормандон бо ҷойи зист.
4. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволи кормандон.

Яъне, сармоягузорӣ ба инсон манбаест, ки барои беҳтар идора кардани истеҳсолот ва ҷиҳати ба даст овардани фоидаи ҳамешагӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи Г. Беккер «Захираи ояндаи дониш дар малака, маҳорат қобилият, эъҷодиёт ва ҳавасмандӣ сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад» [1,с.450]. Дар навбати хеш Т. Шулс чунин мефармояд: «Сармояи инсонӣ, ин сарчашмаи асосии даромади оянда ба ҳисоб меравад. Зеро сармояи инсонӣ аз инсон вобаста буда, аз он ҷудо намегардад” [2,с.520]. Қайд намудан зарур аст, ки ба андешаи Беккер ва Шулс, нақши сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккули ҷамъият аҳаммияти аввалиндараҷаро тақозо менамояд. Барои дар оянда беҳтару хубтар роҳандозӣ намудани бахшҳои иқтисодӣ, омода намудани мутахассисони баланди касбӣ омода карда шаванд.

Л. Туроу сармояи инсониро ҳамчун маҳорати истеҳсолӣ, қобилиятҳои эъҷодӣ ва донишҳое мешуморад, ки шахс соҳиби он аст, маънидод намудааст. Ба андешаи Ҷ. Кендрик идоранамоии сармояи инсонӣ дониши инсон, малака, маҳорат ва қобилиятҳои эъҷодии ӯро маънидод менамояд. Баъд аз чунин таҳқиқотҳои илмии асосёфта, ки аз ҷониби олимони барҷастаи соҳаи иқтисод ба вуқуъ омада, чунин хулоса намудан зарур аст, ки сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ ба пешрафти истеҳсолот ва рушд намудани он нақши ҳалкунандаро мебозад, ин сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи Искандаров Ҳ.Ҳ. ва Абдуллозода Р.А. гузариш ба муносибатҳои навини иқтисодӣ, яъне иқтисодиёти муосир чӣ дар доираҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва чӣ дар истеъмолот, ки қисматҳои асосии дилхоҳ иқтисодиёт ҳисобида мешаванд, инсонҳоро водор месозад, ки дар ҳар яке аз ин доираҳо усулҳои навини истифодабарии захираҳоро омӯзанд, ки он дорои чунин шаклҳо мебошад:

- дар доираи истеҳсолот – тайёр намудани маҳсулоти фармоишӣ аз техникаю технологияҳои нав, ки талаботи асосии истеъмолии имрӯза инро талаб карда истодааст;
- дар доираи тақсимот – дастрасии молу маҳсулот, бо кушодани суратҳисобҳои суроғавӣ ва ба воситаи онҳо сари вақт пешкаш намудани молу маҳсулоти истеҳсолшуда;
- дар доираи мубодила – адолат дар мубодилаи навини иқтисодӣ, яъне мубодилаи маҳсулот ба воситаи пулҳои электроние, ки дар суратҳисобҳои ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда мавҷудбуда, амалӣ карда мешавад;
- дар доираи истеъмолот – самаранок истифода намудани молу маҳсулот, он харҷҳое, ки дар истеҳсоли молу маҳсулот масраф мешаванд, ба қадри онҳо расидан [4,с.45].

Идоранамоии истеҳсолоти инноватсионӣ ва хусусияти асосии иқтисодиёти муосир аз дониш, малака ва маҳорати эҷодии корманд вобастагӣ дорад. Инчунин, дар асоси дониш, малака ва маҳорати эҷодӣ ҳамзамон, таъсири асосии иқтисоди инноватсионӣ дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхароҷот истеҳсол кардани маҳсулоти навин дида мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мувофиқ ба ин гуфтаҳо олимони рус Е.Н. Лобачева ва Л.Н. Борисенкова дар мақолаи худ «Нақши сармояи инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти инноватсионӣ», ин гуфтаҳоро чунин маънидод менамоянд: «Самаранокии фаъолияти инноватсионӣ дар инкишофёбии нақши қобилиятҳои инсон ва худидоракунии он, ки вобастагии қавии раванди истеҳсолоти инноватсионӣ ва инкишофёбию мукаммалгардии худи субъекти ин иқтисодиёт дониста мешавад» [5,с.2].

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ҳодиев Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2017. -450 с.
2. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Рушди неруи инсонӣ / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 520 с.
3. Запарий В.В. История науки и техники / В.В. Запарий, С.А. Нефедов. -Екатеринбург, 2003. -285 с.

4. Искандаров Ҳ.Ҳ. Хусусиятҳои омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / Ҳ.Ҳ. Искандаров, Абдуллозода Р.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2018. -№5. -С.45.
5. Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н. Роль человеческого капитала в инновационной экономике // Гуманитарный вестник. – 2013. №8. -С.2. [Электронный ресурс]. URL: http://hmbul.bmstu.ru/catalog/ econom/hidden/101.html
6. Трачук А.В. Инновации и производительность: эмпирическое исследование факторов, препятствующих росту методом продольного анализа / А.В. Трачук, Н.В. / Управленческие науки. - 2017. -Т.7. -№3. -С.43-58.
7. Федченко А.А. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе / А.А. Федченко, С.М. Полухина // Современные проблемы экономики и менеджмента. Матер. межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). -Воронеж, 2016. -С.311
8. Abramovitz M. Two Centuries of American Macroeconomic Growth from Exploitation of Resource Abundance to Knowledge-Driven Development / M. Abramovitz, P.A. David // Stanford Institute for Economic Policy.
9. Becker G.S. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis, with Special Reference to Education. –New York, 1975. –P.23. [Electronic resource]. URL: http://www.nber.org/ chapters/c3730.pdf.
10. Clark R.E. Fostering the Work Motivation of Individuals and Team // Performance Improvement. – 2003. – Vol.42. -No.3. -P.21–23.
11. Crafts N.F.R. British Economic Growth During the Industrial Revolution. -Clarendon Press, 1985. -193 p.
12. Flora P., Kraus F., Pfenning W. State, Economy, and Society in Western Europe 1815-1975: The growth of industrial societies and capitalist economies. -Campus Verlag, 1983. -758 p.
13. Galov O. Fro Physical to Human Capital Accumulation Inequality and the Process of Development / O. Galov, O. Moav // Review of Economic Studies. – 2004. -№71. -P.1001-1026.
14. Galov O., Moav O. Fro Physical to human capital accumulation inequality and the process of development. Review of Economic Studies. – 2004. -No. 71. -P.1001–1026. Research Stanford University, Stanford, CA. - 2001. -236 p. [Electronic resource]. URL: https://myweb.rollins.edu/tlairson/pek/ davidusecogth.pdf.
15. Goldin C. The legacy of U.S. educational leadership: Notes on distribution and economic growth in the 20th century / C. Goldin, L.F. Katz // American Economic Review. – 2001. -No.91. -P.18-23.
16. Matthews R.C.O., Feinstein C.H., Odling-Smee J. British Economic Growth 1856-1973: The Post-War Period in Historical Perspective. -Oxford: Clarenden Press, 1982. -C.37. [Electronic resource]. URL: http://www.oxfordscholarship.com/view.
17. Mokyr J. The New Economic History and the Industrial Revolution. The British Industrial Revolution: An Economic Perspective. -Boulder, CO: Westview Press, 1993. -P.1-131.
18. Schultz T.W. Investment in Human Capital / T.W. Schultz // The American Economic Review. – 1961. -Vol. L1. -№1. -P.1–17.
19. Smith A. Issledovanie o prirode i prichinakh bogatstva narodov [An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations]. Moscow, Eksmo, 2007958 p. (In Russian).

## МАРҲАЛАҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур марҳалаҳо ва хусусиятҳои рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Олимон ва мутахассисони соҳаи мазкур таваҷҷуҳи бештарро ба рушди сармояи инсонӣ, ки дар он хусусиятҳо ба монанди малакаву маҳорат, дониш, таҷриба ва қобилиятҳои эъҷодӣ равона намуданд. Дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани иқтисодиёти муосир ин доштани таҷриба ва донишҳои замонавӣ ба шумор меравад. Нақши сармояи инсонӣ бо рушди иқтидори техникии кишварҳо афзуда, эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи муосир мутобиқ мегардад, зиёд гардида, аз ин рӯ, масъалаи навсозии таҳсилот ва рушди илм барои эҷоди неруи технологии давлат муҳим арзёбӣ гардидааст. Дар замони муосир рушди захираҳои инсонӣ аз институтҳо ва манбаҳои асосии сармоягузориҳо, ки талаботи асосии захираҳои инсонӣ ба шумор меравад, манша мегирад. Барои рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт шуруъ мегардад, аз ҷамъият, муассиса, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, фоида, иқтисоди инноватсия, иқтисодиёти дониш, хусусиятҳои мушаххас, идоракунӣ ва самаранокӣ.

## ЭТАПЫ И ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ

В данной статье анализируются и обсуждаются этапы и характеристики развития человеческого капитала в экономике в современных условиях. Ученые и специалисты в этой области стали уделять больше внимания развитию человеческого капитала, который включает в себя такие характеристики, как навыки, знания, опыт и творческие способности. В современных условиях одним из главных факторов роста современной экономики становится наличие современного опыта и знаний. Роль человеческого капитала возросла с развитием технического потенциала стран, возросла потребность в высококвалифицированных кадрах, адаптирующихся к современным требованиям, поэтому для создания технологической мощи важным стал вопрос модернизации образования и развития науки государства. В наше время развитие человеческих ресурсов берет свое начало от институтов и основных источников инвестиций, которые считаются основными потребностями человеческих ресурсов. Для развития и формирования человеческого капитала в экономике он исходит из общества, институтов, учреждений высшего профессионального образования и организаций.

**Ключевые слова:** человеческий капитал, инвестиции в человеческий капитал, прибыль, инновационная экономика, экономика знаний, специфические характеристики, управление и эффективность.

**STAGES AND CHARACTERISTICS OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN THE MODERN ECONOMY**

In this article, the stages and characteristics of human capital development in the modern economy in modern conditions are analyzed and considered. Scientists and specialists in this field paid more attention to the development of human capital, which includes such characteristics as skills, knowledge, experience and creative abilities. In modern conditions, one of the main factors of increasing the modern economy is the possession of modern knowledge and experience. The role of human capital has increased with the development of the technical capacity of countries, and the need for highly qualified personnel that adapts to modern requirements has increased, therefore, the issue of modernizing education and developing science is considered important for creating the technological power of the state. In modern times, the development of human resources originates from the institutions and the main sources of investments, which are the main requirements of human resources. For the development and formation of human capital in the economy, it starts from society, institutions, higher professional education institutions and organizations.

**Keywords:** human capital, investment in human capital, profit, innovation economy, knowledge economy, specific characteristics, management and efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамов Фитрат Музафарович*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумрук. ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ, 1/2. E-mail: **fitrat_f@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-39-20-20**

**Сведения об авторе:** ***Рустамов Фитрат Музафарович*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, доцент, декан факультета МЭО, права и таможенное. **Адрес:** 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 935-39-20-20.** E-mail: **fitrat_f@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rustamov Fitrat Muzafarovich*** - Tajik State University of Commerce, PhD in Economics, Associate Professor, Dean of the Faculty of International Economic Relations, Law and Customs. **Address**: 734061, Dushanbe, Republic of Tajikistan, A. Dekhoti Street, 1/2. Phone: **(+992) 935-39-20-20.** E-mail: **fitrat_f@mail.ru**

**ТДУ: 330.115(575.3)**

# БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ КУНУНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ҶУМҲУРӢ

*Худойбердиева Ф.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Механизми иқтисодии истифодаи захираҳои обӣ ба оқилона истифодабарии объектҳои об, ҳавасмандгардонии сарфаи об ва пешгирии ифлосшавии манбаъҳои обӣ нигаронида шудааст. Ин механизм низоми пардохт барои истифодаи захираҳои обӣ, танзими экологӣ, муқаррар намудани стандартҳо ва меъёрҳои сифати об, инчунин коркард ва амалинамоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои таҷдид ва рушди хоҷагии обро фаро мегирад.

Яке аз унсурҳои асосии механизми иқтисодӣ, ин пардохт барои истифодаи захираҳои об мебошад. Барои барқароркунӣ ва ҳифзи объектҳои об хароҷотҳо муқаррар карда шуда, ҳамчун манбаи маблағгузорӣ барои чорабиниҳо оид ба ҳифз ва такрористеҳсолкунии захираҳои обӣ хизмат мекунад. Танзими экологӣ тавассути муқаррар намудани меъёрҳо ва стандартҳои сифати об, назорати риояи талаботҳо амалӣ карда мешавад. Инчунин, танзими экологӣ таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба баландбардории ҳолати объектҳои обӣ ва пешгирии онҳо аз ифлосшавиро дар бар мегирад.

Муҳимтарин захираҳои табиӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовари Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин дарёву кӯлҳои он мебошанд, ки манбаи асосии онҳо аз пиряххо сарчашма мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро соҳиб буда, инчунин дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Захираҳои обии минтақаи Осиёи Миёна ё 55%-и он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Маҷрои миёнасолонаи дарёҳо дар кишвар 64 км$^3$, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Аму 62,9 км$^2$ ва дар ҳавзаи дарёи Сир 1,1 км$^3$–ро ташкил менамояд. Оби дарёҳои Тоҷикистон 54,4%-и ҳисоби миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил менамояд [14].

Амударё калонтарин дарёи Осиёи Марказӣ бо масоҳати 199350 км$^2$, дарозии 2294 км ва ҷараёни миёнаи солонаи 78,46 км$^3$ ба шумор меравад. Ба ҳавзаи ин дарё Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомил мебошанд. Ба ҳавзаи Амударё аз дарёҳои Вахш, Панҷ ва Кофарниҳон ҳаҷми зиёди об ворид мегардад, ки 75,5%-и ҳаҷми умумии захираи оби ҳавзаи дарёи Амуро ташкил менамояд. Амударё барои арзи вуҷуд доштани миллионҳо мардуми минтақа ва пешбурду рушди соҳаҳои кишоварзӣ, обёрӣ, истеҳсоли неруи барқ, саноат, таъминоти оби нушокӣ ва маишӣ муҳим арзёбӣ мегардад [5].

Сирдарё дуюмин дарёи калонтарин дар Осиёи Марказӣ бо масоҳати умумии 150100км$^2$ ба шумор рафта, дарозии умумии он аз нуқтаи якҷояшавии дарёҳои Норин ва Қарадарё 2684 км ва аз манбаи дарёи Нарин 3019 км – ташкил медиҳад. Сирдарё аз шимоли Тоҷикистон бо дарозии 192 км ҷорӣ ва ҳаҷми зиёди оби дар ҳудуди Тоҷикистон ба Сирдарё аз дарёҳои Исфара, Хоҷабоқирғон ва Оқсу ворид гардида, тақрибан 1,1 км$^3$–ро ташкил менамояд. Қисмати асосии ҷараёни оби Сирдарё дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон тақрибан 75%-ро ташкил менамояд ва тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гардида, дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон ба қисмати шимолии баҳри Арал пайваст мегардад [5].

Барои баҳодиҳии истифодабарии оқилонаи об дар саноат ҳангоми кор нишондиҳандаи обҷудокунии нисбӣ ба кор бурда мешавад, ки ба воситаи ҳаҷми обҳои ҷорӣи ифлоси ба манбаъҳои обии рӯи замин ҳангоми истеҳсоли як сомонӣ маҳсулоти молӣ дар саноат ба ҳисоб гирифта шудааст. Ғайриоқилона истифода бурдани захираҳои обӣ бо динамикаи болоравии нишондиҳандаи масрафи об ва истифодабарии он дар системаҳои гардиш собит мешавад. Дар давраи таҳлилӣ тамоюли пастшавии истифодашавии об дар системаҳои гардиш, ҳангоми дар як вақт афзудани обистифодабарии бебозгашт ва 1,5 баробар сарфшавии об мушоҳида мешавад. Ин маънои сатҳи пасти таъмин будани

истеҳсолот бо таҷҳизоти муосири ҳифзи табиат, инчунин дараҷаи баланди фарсудашавии фондҳои асосии хоҷагии об дар минтақаро дорад.

Ҳангоми ташаккули механизми самараноки иқтисодӣ зарурати истифодабарии қоидаи ҳавзӣ-минтақавӣ асоснок карда шудааст.

Ҷудо кардани минтақаҳо ҳамчун объектҳои идоракунӣ дар асоси қоидаи ҳавзӣ имкон медиҳад, ки системаи мониторинги объектҳои обӣ ба тартиб дароварда ва самтҳои асосии рушди сиёсати минтақавии об муайян карда шаванд, стратегияи он баррасӣ ва такмил дода шавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки механизми иқтисодии идоракунии истифодаи об, аз як тараф, бояд хусусиятҳои минтақа ва ҳавзаи дарёи мушаххасро ба инобат гирад, вале ҳамзамон, дар асоси як қатор қоидаҳои умумӣ: музднокӣ, комплексият ва худмаблағгузорӣ дар истифодаи об, илмият ва ошкорбаёнӣ дар назар дошта бошад.

Чорабиниҳои экстенсивӣ бо вақт дар фазо маҳдуд мебошанд; тадриҷан зиёд кардани онҳо бо афзоиши номураттаби хароҷот алоқамандӣ дорад. Ин номураттабиҳо ё "нуқтаҳои кандашавӣ" ҳамон вақт ба миён меоянд, ки ҳангоми зиёдкуниҳои минбаъдаи ҳаҷми захираҳои обии мавҷуда, барои мисол, лозим меояд, ки аз батанзимдарории ҷараёни сатҳи боло ба тақсимоти минтақавии он гузарем, сохтмони иншооти барқи обии бузург ва ҳ.к. анҷом диҳем.

Ҳароҷот барои амалӣ кардани чорабиниҳои интенсивӣ, чун қоида, беист зиёд мешаванд. Комплекси чорабиниҳои мувофиқ имкон медиҳад, ки бо тарзи муносибтарин талабот ба захираҳои обӣ дар он ҳолатҳо қонеъ карда шавад, ки афзудани (ба таври физикӣ) ҳаҷми мавҷудаи захираҳои обӣ ғайриоқилона бошад. Ҳадди иҷозатшудаи ҷамъиятии хароҷот ба чорабиниҳои хоҷагии об, ки ба натиҷаи таъсири ниҳоӣ дар доираи истеъмоли об баробар аст, дар ин ҳолат бо хароҷоти ниҳоии чорабиниҳои интенсивӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз тасаввуроти ҳанӯз дар адабиёт маъмулӣ, ки мувофиқи он ҳангоми муайян кардани хароҷоти охирин барои об танҳо вариантҳои экстенсивии таъмин намудани талабот ба об ба инобат гирифта мешаванд, бояд даст кашид.

Дар асоси консепсияи феълан умумиқабулшудаи арзёбии иқтисодии захираҳои обӣ ҳолатҳои зерин қарор доранд:

- баҳодиҳии захираҳои обӣ дар ҳар як ноҳия алоҳида аст;
- маҳаки ҷудо намудани ноҳияҳои дорои хоҷагии об пурра (ба истисноu иҷозатномаи санитарӣ) истифодабарии захираҳои обии мавҷуда маҳсуб мешавад;
- хароҷоти охирини оби ноҳияҳо аз рӯйи хароҷоти афзуншаванда барои зиёд кардани ҳаҷми захираҳои обии мавҷуда муайян карда мешаванд.

Баҳои иқтисодии захираҳои обӣ аз баҳисобгирии хароҷоти истифодабарии онҳо, такрористеҳсол ва ҳифз иборат буда, аз тамоюли ҳанӯз боқимондаи баррасӣ намудани захираҳои обӣ аз нуқтаи назари истеъмол хеле фарқ мекунад. Захираҳои обӣ бояд дар ҳошияи истифодашавии онҳо баррасӣ шуда, зимнан қимати экологии онҳо нишон дода шавад. Консепсияи қимати иқтисодии умумии захираҳои обӣ бояд ба таври комплексӣ тавсифоти миқдорию сифатӣ ва аҳаммияти иҷтимоиро инъикос намояд.

Баҳои қимати иқтисодии захираҳои обӣ ҳоло тағйиротро аз сар мегузаронад. Муносибати замонавӣ ба арзёбии иқтисодии захираҳои обӣ, дар фарқ аз муқоиса кардани (ченак кардан) баҳои онҳо бо хароҷоти истифодабарӣ ҳисоб кардани хароҷоти истифодабарӣ, ҳифз ва такрористеҳсолро дар бар мегирад.

Қимати экологии захираҳои обӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад ва гурӯҳбандии захираҳои обӣ дар расми 1 оварда шудааст. Ҳамаи андозаҳои миқдорӣ ва сифатии захираҳои обӣ имкон медиҳад истифодабарии консепсияи қимати иқтисодии умумӣ ба кор бурда шавад, ки он имконият медиҳад нишон дода шавад, ки объекти обӣ дар худ кадом қимати иҷтимоиро дорад ва хусусиятҳои истифодабарии иқтидори захиравии об ҳисоб карда шавад. Чунин тарз тавассути батанзимдарории нарх, ҳангоми муқаррар намудани тарифҳо, меъёрҳои пардохт барои об амалӣ карда мешавад. Давлати мо бояд ин равандро ба таври бо ҳам мувофиқе ба танзим дарорад, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои истеъмолкунанда ва ҳалли мушкилоти экологӣ бошад. Тафриқаи меъёри пардохтҳо барои захираҳои обӣ

мувофиқи сифати онҳо бояд бисёртар ба шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқат карда, ба ҳалли мушкилоти экологӣ ва масъалаҳои ҳифзи захираҳо мусоидат намояд.

**Расми 1. Гурӯҳбандии захираҳои обӣ**
**Figures 1. Grouping of water resources**




Таҷрибаи ҳисобкунӣ асоснокии илмии қоидаҳои методологӣ ва дар шароити иқтисоди бозорӣ пулакӣ будани истифодаи обро, инчунин қобилиятнокӣ ва самаранокии комплекси таҳияшудаи тавсияҳои методиро оиди ба ҳисоб гирифтани меъёрҳои иқтисодии пардохти захираҳои обӣ тасдиқ намуд. Ҳамзамон, барои таҳлили равандҳо ва муносибатҳои пулакии истифодаи об дар системаи умумии молиявию қарзӣ ва системаи андоз дар сатҳи федералӣ ва минтақавӣ, инчунин барои ташаккули сиёсати маблағгузорӣ дар доираи истифодабарии об ва барои баҳодиҳӣ имконоти истифодабарии меъёрҳои иқтисодии пардохти захираҳои обӣ ба сифати олоти иқтисодии батанзимдарории рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо маводи калон ба даст омад.

Арзёбии таъсири пардохтҳои захираҳои обӣ ба нишондиҳандаҳои самаранокии соҳаҳои иқтисодиёт ва ташаккули қисми даромадноки тамоми буҷетҳо, ки аз рӯи натиҷаи ҳисобҳои таҷрибавии нархҳои тафриқавии минтақаҳо барои захираҳои обӣ ва хизматрасониҳои хоҷагии об иҷро шудааст, нишон дод, ки дараҷаи ин таъсир ба фоиданокии истеҳсолоти соҳавӣ дар ҳудуди якчанд фоиз қарор дорад, ба истиснои ҳолати истеҳсолоти обталаби махсус, аз ҷумла зироаткории обёришаванда; ҳамзамон, ҳиссаи пардохтҳо барои захираҳои обӣ дар сохтори умумии воридоти захиравӣ ба буҷет хеле баланд мешавад.

Дар баробари ин, омӯзиш ва хулосаи корҳову интишороти мавҷудаи илмӣ нишон медиҳанд, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мушкили истифодабарии самараноки захираҳои обӣ дар зироаткории обёрнишаванда ҳанӯз яке аз мушкилоти кам коркардшуда боқӣ мемонад. То ҳол корҳои махсуси ба масъалаҳои такмили механизми идоракунии муташаккилонаи иқтисодии комплекси обӣ дар шароити реформаҳои бозорӣ бахшидашуда вуҷуд надоранд, методикаи умумиқабулшудаи баҳодиҳии истифодабарии самараноки захираҳои обӣ дар кишоварзӣ нест ва он ба асосноккунии иқтисодӣ, тартиби тарифҳои истифодашаванда барои об эҳтиёҷ дорад.

Усули пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба муайян кардани самаранокии обдеҳии обёрикунонӣ имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии фаъолияти ташкилотҳои алоҳидаи хоҷагии об, балки инчунин арзёбии муқоисавии самаранокии фаъолияти онҳо баҳо дода шавад. Дар ин ҳолат ташкилоти қиёсан хуб фаъолиятдоштаи хоҷагии об ҳамчун намуна интихоб шуда, нишондиҳандаҳои ташкилотҳои алоҳида бо нишондиҳандаҳои он муқоиса карда мешаванд. Чунин баҳои муқоисавии самаранокии обёрӣ дар системаҳои гуногуни обёрӣ ва ташкилотҳои хоҷагии об ба ошкор намудани захираҳои дохилиистеҳсолӣ ва дохилисоҳавии самаранокии хоҷагии об мусоидат мекунад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки натиҷанокии ин усули пешниҳодшудаи муайянкунии самаранокии обёрӣ пурра аз сифати баҳисобгирии оби гирифташаванда ва додашаванда вобастагӣ дорад.

Самаранокии додашавии оби обёрӣ - ин моҳиятан самаранокии фаъолияти ташкилоти хоҷагии об мебошад, ки ба хизматрасониҳо оид ба додашавии оби обёрӣ машғуланд. Бинобар ин, ин ҷо сухан дар бораи самаранокии фаъолияти ташкилотҳои хоҷагии об меравад ва барои арзёбии он, ба фикри мо, аз нишондиҳандаи коэффитсиенти кори фоиданок истифода кардан мумкин аст.

**Баҳодиҳии ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи водии Ёвон.** Истифодаи масъалаҳои назарияи филтратсия ҳангоми омӯзиши динамикаи таъсири мутақобилаи қабатҳои фишорӣ ва барои баҳисобгирии дренаж дар мавзеъҳои обёришавандаи водии Ёвон нишон дод, ки заминҳои мазкур дорои хокҳои сустобгузар мебошанд.

Дар ҳар сурат, баҳои ҳосилшудаи аҳаммиятнокии захираҳои обӣ, ки бо нақшаҳои оянда (пешгӯйиҳо) оид ба ташаккули сохтори маконии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд, метавонад ҳамчун далели иловагӣ ҳангоми гузаронидани гуфтушунидҳои байналмилалӣ (таҳияи созишномаҳо) барои ба ҳар як мамлакати Осиёи Марказӣ ҷудо намудани квотаҳои муайяни истифодабарии об хизмат кунад.

Бори дигар ба он диққат медиҳем, ки баҳои муҳиммияти захираҳои обӣ аз ин сенария то сенарияи дигар тағйир меёбад ва ҳам аз ҳаҷми оби иловатан ҷудонамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам то чи андоза самаранок амалишавии корҳои воридотиву содиротӣ ва чи қадар муайян шудани "ҷойҳои танг" дар сохтори хоҷагидории мамлакат вобаста аст.

Ҳоло баҳои иқтисодии захираҳои табиии объектҳои обӣ (обӣ, рекреатсионӣ, моҳипарварӣ ва ғ.), дар баҳо додани бойигарии миллии кишвар ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ҳамзамон, моликияти давлатӣ ба объектҳои обӣ гузарондани баҳои ҳатмии арзиши захираҳои табии объектҳои обиро барои ташаккули системаи пардохтҳои истифодабарии захираҳои обӣ дар бар мегирад, ки ба идоракунии фаврии корхонаи давлатӣ дода мешаванд, ё пешниҳод кардани объект (ё қисми он) бевосита ба обистеъмолгар барои истифода мебошад. Баҳои иқтисодии захираҳои обӣ, ки баҳисобгирии комплексии тавсифоти миқдорию сифатиро таъмин мекунад, бояд барои муқаррар намудани андозаи пардохти истифодабарии захираҳои обӣ асос ва вобаста ба ин, барои интихоби манбаъҳои обтаъминкунӣ ҳангоми афзоиши ҳаҷми истеъмоли об маҳак шавад.

Барои асоснок кардани сарчашмаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақаҳо ва мақсаднокии такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодаи об, муаллиф таҳлили комплексии (маҷмуии) истифодабарии захираҳои обиро гузаронидааст.

Барои мукаммалгардонии истифодаи об дар шароити интенсификатсияи истеҳсолоти ҷамъиятӣ таҳия намудани системаи арзёбиҳои иқтисодии захираҳои обӣ аҳаммияти калон дорад. Дар намуди умумӣ баҳои иқтисодии захираҳои обӣ ҳамчун ифодаи пулии натиҷаҳои иқтисодии истифодабарии оқилонаи захираҳои маҳдуди биосфера дар хоҷагии халқ муайян карда мешавад. Талаботи муҳимтарин ба системаи арзёбии иқтисодӣ дар он аст, ки онҳо бояд оид ба ҳар як намуди захираҳои табиӣ бартариҳои хоҷагии халқро нишон диҳанд, барои мутобиқ кардани фаъолияти соҳаҳо ва корхонаҳои алоҳида, ҳамчун сарфкунандаҳои захираҳо заминаҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд. То нимаи солҳои шастум масъалаҳои баҳои иқтисодии захираҳои обӣ ва истифодабарии амалии онҳо дар адабиёти махсус баррасӣ намешуд. Дар банақшагирӣ ва балоиҳагирӣ муносибати ҳалкунии мувозинатию аслӣ ва техникии мушкилоти хоҷагии об афзалият дошт.

Дар баробари ин, дар корҳои илмии охири солҳои 60-ум навишташуда, масалан, қайд шуда буд, ки баҳои иқтисодии захираҳои обӣ бояд пояи умумии методологиро бо баҳои иқтисодии тамоми намудҳои захираҳои табиӣ дошта бошад. Чунин арзёбиро дар заминаи муносибати рентавӣ сохтан мумкин аст: ҳамчун намуна хароҷи алоқаманд ба истифодабарии "қитъаи" бадтарин, "охирин", вале дар ҷомеаи зарурӣ, элементи иқтидори захиравӣ қабул карда мешавад.

Консепсияи баҳодиҳии иқтисодии захираҳои обӣ, ки ба ҳисобкунии хароҷоти охирин равона карда шудааст, дар адабиёти иқтисодии шуравӣ чандин сол коркард мешуд. Баҳои иқтисодии об барои гузаронидани баҳисобгириҳои техникию иқтисодӣ оиди асоснок кардани нақшаҳои рушд ва ҷойгиркунонии хоҷагии халқ, лоиҳаҳо, параметрҳо ва технологияи асосии ҷойгиркунонии истеҳсолоту меъёрҳои обистифодабарӣ;

ҷойгиркунонии объектҳои звеноҳои гуногуни системаҳои хоҷагии об; ҷорӣ намудани кадастри об ва ҳ.к. пешбинӣ шудаанд.

Баҳои иқтисодии захираҳои обӣ натиҷаи истифодабарию иқтисодии онҳоро тавсиф мекунад, ки бояд дар хоҷагии халқ аз истифодабарии захираҳои обии минтақаи додашуда ҳосил шавад. Ин баҳо дар ҳар як ноҳияи баррасишаванда ҳамчун фарқияти байни хароҷоти охирин ва мустақими об барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ муайян карда мешавад.

Ҳангоми сохтани системаи баҳои иқтисодии захираҳои обӣ бояд фаромӯш накунем, ки андозаҳои алоҳидаи он нисбат ба амалигардонии чорабиниҳои бузурги хоҷагии халқ - масалан, азнавтақсимкунии байниминтақавии резиши дарёӣ метавонад ноустувор бошад. Бинобар ин, баҳои иқтисодии захираҳои обӣ дар асоси ҳисобкунии хароҷоти охирин ҳангоми асоснок намудани чунин лоиҳаҳо қобили истифода нестанд.

Дар шароити сермаҳсул кардани истеҳсолоти ҷамъиятӣ баҳои иқтисодӣ бояд дар асоси муносибкунонии банақшагирии фаъолияти хоҷагии об ба роҳ монда шавад. Ҳангоми таҳияи нақшаи муносиб бояд ҳамаи вариантҳои алтернативие ба инобат гирифта шаванд, ки талаботро ба об қонеъ карда, ба чорабиниҳои ҳам экстенсивӣ ва ҳам интенсивӣ мувофиқат мекунанд. Чорабиниҳои экстенсивӣ бо зиёд кардани таъминоти об, афзоиши қисми даромади тавозуни хоҷагии об алоқаманд мебошанд. Чорабиниҳои интенсивӣ талабот ба оби тоза, қисми масрафшавии тавозуни хоҷагии обро кам мекунанд.

Дар баҳисобгириҳои иқтисодӣ ворид намудани параметри баҳои иқтисодии об дар як қатор ҳолатҳо метавонад ба дақиққунии назарраси хулосаҳо дар бораи даромаднокии ин ё он самти истифодабарии захираҳои обӣ аз мавқеи муносибати хоҷагии халқ оварда расонад. Аз ҷумла, бештар боварибахши онҳо баҳисобгириҳое мебошанд, ки бо арзёбии реҷаи истифодаи об дар зироаткории обёришавандаи мамлакат алоқамананд. Баҳисобгирии баҳои иқтисодии об натиҷаҳои боз ҳам ҷолибро, масалан, ҳангоми таҳлили иқтисодии лоиҳаҳои тақсимоти калонҳаҷми резиш бо мақсади рушди минбаъдаи обёрӣ дар ҷануби мамлакат медиҳад.

Баҳодиҳии комплекси идоракунии об дар соҳаи кишоварзӣ баҳои буҳронии таъсири иқтисодӣ, харҷҳо ва таъсири рушди сектори обӣ дар 50 соли охир, даъватҳо оид ба идоракунии об, ки бо инҳо имрӯз ҷомеа дучор шудааст ва усулҳои ҳалли онҳо мебошад, ки дар олам қабул шудаанд. Ин раванд бо ҷалби ниҳодҳои (институтҳои) зиёд аст, ки ба арзёбии ҳолати ҷории дониш ва ҳавасмандгардонии ғояҳои чи тавр идора кардани захираҳои обӣ равона карда шудааст, то ин ки талаботи афзуншавандаро ба маҳсулоти кишоварзӣ қонеъ гардонад, ба кам кардани камбизоатӣ кумак кунад, бехатарии озуқавориро беҳтар гардонад ва ба устувории муҳити зист саҳм гузорад. Натиҷаҳои баҳодиҳӣ имкон медиҳанд, ки дарояндаи наздик сармоягузориҳо зиёд ва оид ба обу кишоварзӣ ҳангоми баррасии таъсири онҳо дар 50 соли оянда қарорҳои дуруст қабул карда шаванд.

Баҳодиҳӣ бо иштирок ва ҳамкориҳои васеи таҷрибаомӯзон, олимон ва сиёсатмадорон, бо истифода аз худи раванди арзёбӣ, ки гурӯҳи шариконро барои хулосабарории донишу коркарди усулҳои ҳалли инноватсионӣ муттаҳид мекард, анҷом дода шуд.

Аудиторияи мақсадноки ин баҳодиҳӣ одамоне, ки сармоягузорӣ мекунанд ва оиди идоракунии об дар кишоварзӣ қарор мебароранд, истеҳсолотчиёни соҳаи кишоварзӣ, менеҷерҳо, инвесторҳо, сиёсатмадорон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Илова бар ин, баҳодиҳӣ бояд ҳамчун иттилоот барои тамоми ҷомеа дар бораи муҳим будани ин мушкилӣ хизмат кунад, то ин ки мо ҳама дар қабул кардани қарорҳои беҳтар (бештар дуруст) тавассути амалҳои сиёсии хеш, ёрӣ расонида тавонем.

Ин баҳодиҳӣ доираи идоракунии обро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар самтҳои моҳипарварӣ, чорводорӣ ва тамоми спектри рӯёнидани ҳосилро аз шудгори замин, обёрии иловагӣ ва ҷамъоварии обҳои рӯйизаминӣ то тамоми сикли обёрӣ дар ҳошияи муҳити зисти устувор фаро мегирад. Дар аввал баҳогузорӣ бо 10 суол маҳдуд буд, баъдан дар баробари афзоиши манфиат таваҷҷуҳ васеъ шуд ва суолҳои ҳамаҷонибаро дар бар мегирад: чи тавр обро дар кишоварзӣ бояд идора кард ва ин самтро чи тавр ривоҷ додан мумкин аст, то ин ки ба сатҳи зиндагии паст хотима дода шавад ва фаъолияти устувори

экологию амалӣ нигоҳ дошта шаваду мувозинати байни озуқа ва бехатарии муҳити зист пайдо карда шавад?

Баҳодиҳии комплексӣ, идоракунии обро дар кишоварзӣ дар ҳошияи иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ баррасӣ мекунад ва омилҳои барзиёдеро, ки боиси тағйирёбӣ мешаванд, баҳо медиҳад.

Дар нақши рақибон барои об на танҳо одамонанд. Оби дар кишоварзӣ истифодашаванда барои ветландҳо, дарёҳо, делтаҳо, инчунин барои рустаниҳову ҳайвонот дастнорас аст. Бар замми ин, экосистемаҳои обӣ ва рӯизаминӣ баробари ба онҳо зарар расонидан дигаргун мешаванд. Хизматрасониҳои экосистемаҳо бинобар усулҳои истифодашавандаи истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ зери хатар қарор мегиранд.

Шабакаҳои трендӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мо нодуруст рафтор мекунем. Тақсимоти беадолатонаи манфиатҳо аз истифодаи об байни сарватмандон ва камбағалон бар зарари истеҳсоли хӯрокворӣ пурзӯр хоҳад шуд. Ҳаҷми кифояи маҳсулоти ғизоӣ, ки дар сатҳи умумиҷаҳонӣ истеҳсол мешавад, маънои онро надорад, ки ғизо барои ҳар як нафар кофӣ аст. Баҳодиҳии комплекси идоракунии об дар кишоварзӣ кори панҷсолаи зиёда аз 700 олим ва таҷрибаомӯзро аз тамоми ҷаҳон ҷамъбаст мекунад. Онҳо қатъиян ва боисрор арз мекунанд, ки мушкилот то ҳалли худро наёбанд, пурзӯр ва мураккабтар хоҳанд гашт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои марзгузар. -Душанбе, 30 май-1 июни соли 2015. –С.10.
2. Вода и жизнь. -М.: Мысль, 1986.
3. Душанбинский Водный процесс второй международной конференции высокого уровня по Международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития», 2018-2028 6-9 июня 2022.
4. Захираҳои об – Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: mewr.tj.
5. Қаландарзода, Н.М. Арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қаландарзода Н.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -No. 4-1. -P.120-127. – EDN CONAGC.
6. Норов Х.Г. Оценка состояния водного сектора: преимущества, недостатки, возможности и угрозы // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2021. – №5. – С.146-152.
7. Ҳифзи муҳити зист // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: АСПРТ, 2020. -С.17.
8. Одинаев Ҳ.А. Роҳҳои беҳтар намудани истифодаи захираҳои обии марзгузар дар шароити Осиёи Марказӣ / Ҳ.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: Сино, 2012. -№2/7(98). -С.3.
9. Одинаев Х.А. Развитие механизмов управления водопользованием в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев, Х.Г. Норов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№6(60). -С.3-10.
10. Подольский Е.М. Методические основы определения и использования замыкающих оценок водных ресурсов / Е.М. Подольский, Л.Е. Флоров // Водные ресурсы. – 1973. -№5. –С.187-197.
11. Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ 30.05.2005. –Душанбе, 2005.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмиллалии оби тоза. –Душанбе, 30.08.2003.
14. Тезисҳои маърӯзаҳои конфронси байналмиллалӣ, ки Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кардааст. Захираҳои обии Осиёи Миёна ва истифодаи оқилонаи онҳо (9-11 октябри 2001). -Душанбе, 2001.
15. Худойбердиева З.С. Асосҳои илмии ташаккули бозор ва равнақи бозорҳои агроозуқаворӣ / З.С. Худойбердиева, Ф.С. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№12. -С.92-101.
16. Худойбердиева Ф.С. Ҷанбаҳои назариявии механизми иқтисодии истифодабарии захираҳои обӣ / Ф.С. Худойбердиева, З.С. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№11. -С.66-72.
17. Шарипов, И.О. Самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон / И.О. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. -№1-1(71). –С.202-206.

**БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ КУНУНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ҶУМҲУРӢ**

Мақола ба ташаккул ва истифодаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Баҳои иқтисодии захираҳои обӣ натиҷаи истифодабарию иқтисодии онҳоро тавсиф мекунад, ки бояд дар хоҷагии халқ аз истифодабарии захираҳои обии минтақаи додашуда ҳосил шавад. Ин баҳо дар ҳар як ноҳияи баррасишаванда ҳамчун фарқияти байни хароҷоти охирин ва мустақими об барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ муайян карда мешавад. Баҳодиҳии комплексии идоракунии об дар соҳаи кишоварзӣ баҳои буҳронии таъсири иқтисодӣ, харҷҳо ва таъсири рушди сектори обӣ дар 50 соли охир, даъватҳо оид ба идоракунии об, ки бо инҳо имрӯз ҷомеа дучор шудааст ва усулҳои ҳалли онҳо мебошад, ки дар олам қабул шудаанд. Натиҷаҳои баҳодиҳӣ имкон медиҳанд дарояндаи наздик сармоягузориҳо зиёд ва оид ба обу кишоварзӣ ҳангоми баррасии таъсири онҳо дар 50 соли оянда қарорҳои дуруст қабул карда шаванд. Баҳодиҳӣ бо иштирок ва ҳамкориҳои васеи таҷрибаомӯзон, олимон ва сиёсатмадорон, бо истифода аз худи раванди арзёбӣ, ки гурӯҳи шариконро барои хулосабарории донишу коркарди усулҳои ҳалли инноватсионӣ муттаҳид мекард, анҷом дода шуд.

**Калидвожахо:** истифодабарии об, тақсимоти об, захираҳои об, механизмҳои иқтисодии идоракунии об, баҳодиҳии захираҳои обӣ.

**ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННОГО МЕХАНИЗМА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ**

В статье рассмотрены вопросы формирования водных ресурсов Таджикистана. Водные ресурсы Республики Таджикистан формируется на ледниках, речном стоке, озёрах, водохранилищах и подземных источниках. Комплексная оценка управления водой в сельском хозяйстве является критической оценкой экономического эффекта, издержек и влияния развития водного сектора за последние 50 лет, вызовов по управлению водой, с которыми общество столкнулось сегодня, и методов их решения, которые были приняты в мире. Это процесс с привлечением многих институтов, направленный на оценку текущего состояния знаний и стимулирование идей о том, как управлять водными ресурсами, чтобы обеспечивать увеличивающиеся потребности в сельскохозяйственной продукции, помочь сократить бедность, улучшить продуктовую безопасность, и внести вклад в устойчивость окружающей среды. Результаты оценки позволят увеличить в ближайшем будущем инвестиции и принимать более правильные решения, связанные с водой и сельским хозяйством, при рассмотрении их влияния на следующие 50 лет. Оценка была выполнена при участии и широком сотрудничестве практиков, ученых и политиков, используя сам процесс оценки, который объединил группы партнеров, для обобщения знаний и выработки инновационных методов решений.

**Ключевые слова:** использование воды, водораспределение, водные ресурсы, механизмы управления водными ресурсами, оценка водных ресурсов.

**ASSESSMENT OF THE CURRENT STATE OF THE ECONOMIC MECHANISM OF WATER RESOURCES USE**

The article discusses the issues of formation of water resources in Tajikistan. The water resources of the Republic of Tajikistan are formed on glaciers, river runoff, lakes, reservoirs and underground sources. A comprehensive assessment of agricultural water management is a critical assessment of the economic benefits, costs and impacts of water sector development over the past 50 years, the water management challenges society faces today, and the methods the world has adopted to address them. It is a multi-institutional process aimed at assessing the current state of knowledge and stimulating ideas about how to manage water resources to meet increasing demands for agricultural products, help reduce poverty, improve food security, and contribute to environmental sustainability. The results of the assessment will allow for increased investment in the near future and better decisions related to water and agriculture when considering their impact over the next 50 years. The assessment was carried out with the participation and broad collaboration of practitioners, academics and policy makers, using the assessment process itself to bring together groups of partners to synthesize knowledge and develop innovative solutions.

**Keywords**: water use, water distribution, water resources, water resources management mechanisms, water resources assessment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худойбердиева Фотима Суҳробовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **887-77-79-92**

**Сведения об авторе:** ***Худойбердиева Фотима Сухробовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **887-77-79-92**

**Information about the author:** ***Khudoyberdieva Fotima Sukhrobovna*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Economics and Management of the Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Phone: **887-77-79-92**

ТДУ: 338.5

# АҲАММИЯТНОКИИ ТАРОФАҲОИ ХИЗМАТГУЗОРИИ САВДОЮ ХӮРОКИ ОММА ДАР РАҚАМИШАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Абдураҳмонов М., Содиқова Г.И., Раҳматова М.М.*
**Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Нархгузории озод ҷараёнест, ки тавассути оқилона истифода бурдани он самаранокии иқтисоди миллӣ, хосатан соҳаи савдою хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мегардад. Он саҳаҳои ҳаётан муҳим дар фазои ҷаҳони рақамӣ ташаккулу амал карда, ҳамчун пешсаф ва муаррифгарӣ хизматгузории аҳолии муқим ва хориҷии кишвар аҳаммият пайдо кардааст. Тавассути он фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷорат ва соҳибкорӣ, ки дар доираи хизматгузории савдо ва хӯроки омма амалкунанда мутлақан ба механизми нарху тарофаи таъиноти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, асос ёфта, барои шомил шудан ба иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ (омӯзиши саводи рақамӣ, саводи расонаӣ, саводи иттилоотӣ ва ғ.) ва ишкишофдиҳии он ҷараён талаб менамояд, ки кормандони соҳаҳо маҷмуи малака ва маҳорати зарурии иқтисодӣ, иттилоотӣ, технологияи компютерӣ, ки доир ба муайянкунии нарх ва тарофаи маҳсулот (хидмат) доранд, дар фаъолияти касбии худ (истеҳсолӣ, хариду фурӯш, хидматгузорӣ) истифода бурда тавонанд.

Дар мақолаи мазкур баъзе асосҳои назариявию амалии нарх ва тарофаҳои соҳаҳои савдою хӯроки оммаи Тоҷикистон мувофиқан ба талаботи рақамишавии иқтисодиёт мутобиққунанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар ин раванд механизми нархгузорӣ дар соҳаҳои савдою хӯроки омма омӯзиши масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии гуногуни бо ҷараёни рақамишавӣ вобастаро фаро гирифта, бояд дарк ва истифода бурда шавад, аз он ҷумла [1]: а) муайян кардани омилҳои асосии нархгузорӣ ва таъсири иҷтимоию иқтисодии онҳо ба даромад ва фоида; б) интихоби стратегияи нарху тарофаи истеҳсоли маҳсулот, хариду фурӯш ва хидматрасонии фоидаоварӣ ташкилот; в) коркард ва интихоби тамсилаи иқтисодии нархгузории афзалиятнок; г) истифодабарии усулу стратегияҳои муайянкунии нарх ва тарофа дар фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷорат ва хизмат; ғ) тартиб додани механизми коркард, амалиёт ва назорати нархии фаъолияти иқтисодӣ; д) бунёди механизми таҳлил, баҳогузорӣ ва қабули қарори идоракунии нарх ва тарофа барои таъмин намудани фаъолияти самараноки дохилӣ ва беруна.

Савдо мавзеи махсуси нархгузорӣ ҳисоб мешавад. Он дар иқтисодиёт ҳамчун як намуди фаъолияти хоҷагидорӣ буда, муомилоти пулро таъмин менамояд. Махсусиятҳои фаъолияти савдо дар сифати мавзеи нархгузорӣ таснифот мешаванд, вобаста ба: 1) муомилот ва гардиши мол; 2) намуд ва шохаҳои моликиятдорӣ; 3) амалиёти иқтисодию молиявӣ ва хоҷагидорӣ; 4) асосҳои ҳуқуқию ташкили савдо; 5) тартиби амали нархи яклухт ва чакана.

Мафҳумҳои муомилоти мол, табодул, хариду фурӯш, хидматрасонӣ ба харидорон, нигоҳдорӣ ва тайёр кардани мол барои фурӯш буда, махсусиятҳои дар нархгузорӣ асоси соҳаи савдоро ифода мекунад. Савдо ба шохаҳои гуногуни моликиятдорӣ ба монанди давлатӣ, кооперативӣ, дохилӣ, берунӣ ва хусусӣ тасниф мешавад. Иқтисодиёти соҳа ба савдои яклухти байни корхонаҳо, ташкилотҳои миёнрав, муассисаҳои яклухти хариду фурӯш ва чаканафурӯшӣ барои аҳолӣ асос ёфтааст. Савдои яклухт калон ва майда мешавад.

Иқтисодиёти савдо вобаста ба фаъолияти соҳибкории азнавфурӯши мол рушд меёбад. Муассисаҳои савдо ба сифати банди миёнрав дар байни истеҳсолкунанда, харидори воқеӣ ва оянда фаъолиятро инкишоф медиҳанд [9]. Даромад ва фоидаи муассисаҳои савдо аз ҳисоби дуруст ҳисоб кардан ва истифода бурдани нархҳои яклухт ва чакана ба амал меояд. Аз ин лиҳоз, нархгузорӣ дар савдо барои самаранок ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ нақши асосиро иҷро менамояд. Дар савдо чунин мафҳумҳои асосии нархгузорӣ истифода бурда мешавад: таркиб ва ҳайати нарх, нархи ба моли монанд, шохиси нарх, хароҷоти муомилот, нархи корхонаҳои рақиб ва меъёри фоида.

Ҷараёни ташкили нархгузорӣ дар савдо ба қонуниятҳои мухталифи иқтисоди бозор, нархгузорӣ ва тиҷорат, истифодабарии принсип ва усулҳои нархмуайянкунӣ, ба инобатгирии шавқи харидорон (истеъмолкунандагон), вазъи бозор асос мeёбад. Дар корхонаҳои савдо нархгузорӣ тибқи принсипҳои гуногун, ба монанди асоснок будани нарх, ягонагии нарх, пай дар пайии нарх, назорати нарх ва мақсаднокии нарх ташкил карда мешавад. Усулҳои нархгузорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, аз он ҷумла соҳаи савдо вобаста ба қонуни баҳодиҳӣ, низомнома ва нишондодҳои методии ҳукуматӣ ва тавсияномаҳои мақомотҳои дахлдор ва соҳавӣ доир ба нарх муайянкунӣ, амал, танзим, нархҳои танзимшаванда ва озодамалкунанда, назорати тартибу истифода бурда мешаванд [1; 9].

Интихобу истифодабарии принсип ва усулҳои нархмуайянкунӣ дар савдо бевосита аз сиёсати давлатии нарх ва сиёсат, стратегию одоби нархии ташкилотҳои савдо вобастаанд. Дар ташкилотҳои савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нархгузорӣ дар ду равия ҷараён мегирад: 1) нархҳои танзимшавандаи давлатӣ; 2) нархҳои озодамалкунанда.

Равияи якуми нархгузорӣ дар ҳудуди монополияи комили давлат муайян мегардад ва амал менамояд. Он нархҳо ба як ҳиссаи ками молҳои истеъмолии аҳаммияти иҷтимоию стратегӣ дошта, аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои мамлакат, вазорат ва комитетҳои дахлдор ҷорӣ гардида, дар назорати қатъии ҳукумат ва мақомотҳои ҳукуматии чумҳуриявию маҳаллӣ мебошанд. Нархҳои озод мустақилона аз тарафи ташкилотҳои савдо бо розигии Вазорати рушди иқтисод ва савдо вобаста ба вазъи бозор муайян ва ҷорӣ мегарданд. Онҳо дар назорати доимии иттиҳоди истеъмолкунандагони мамлакат ва аҳолӣ аст.

Ташкилотҳои савдо ҳангоми муайян ва ҷорӣ кардани нархҳои озоди яклухт ва чакана омилҳои гуногун, ки ба сатҳи нарх таъсир мерасонанд, ба монандаи хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва психологӣ доштаро ба эътибор мегиранд. Омилҳои иқтисодӣ зиёд буда, ба таври зерин гурӯҳбандӣ мешаванд: 1) мавқеи ташкилоти савдо дар бозор; 2) вазъи умумии бозор; 3) даври ҳаётии мол. Ба эътиборгирии он омилҳо самаранокии ҷараёни нархгузории ташкилотҳои савдоро дар хариду фурӯши бозори дохили мамлакат таъмин менамояд.

**Омили якум.** Мавқеи ташкилотҳои савдо вобаста ба вазъияти рақобат, комил ва монополияи бозор устувор мемонад, тағйир меёбад [11]. Ҳангоми рақобати комил ташкилотҳои савдо ва молфурӯшандаҳо ба нархи бозор таъсир расонида наметавонанд. Дар вазъияти монополияи бозор онҳо ба рақобат шомил шуда, ба сатҳи нархи озод таъсир расонида метавонанд.

**Омили дуюм**. Дар доираи вазъи умумии бозор каловишҳои муваққатии нархҳои озоди яклухт ва чакана вобаста ба таносуби талабу пешниҳод ба моли алоҳида баҳогузорӣ карда мешавад, ки барои муайян кардани нархи ҷоришаванда зарур аст. Дар он вазъият ду равияи нархгузорӣ амал менамояд: фаъол ва ғайрифаъол. Дар вазъияти мунтазам афзоишёбии талабот ба мол, ташкилотҳои савдо ҷараёни нархгузории фаъолро истифода мебаранд. Яъне, ба дархости молхаранда ва ҳамзамон, фавран ба тағйирёбии вазъияти бозор мутобиқшавӣ аст [19]. Дар вазъияти устувор будани талабот ба мол, ҷараёни нархгузории ғайрифаъол бо муваффақият истифода бурда мешаванд. Яъне, афзалият ба истеъмолкунанда дода шуда, механизми ба хароҷот асосёфтаи нархгузорӣ амал менамояд. Ҳамин тавр, ташкилотҳои савдо дар фаъолияти нархгузорӣ ду стратегияи нархиро истифода мебаранд: а) стратегияи нархгузории фаъол; б) стратегияи нархгузории ғайрифаъол.

**Омили сеюм**. Даври ҳайти моли фурӯхташаванда амалиётҳои зеринро ифода мекунад: а) истифода бурдани таъиноти нархҳои инфиродӣ барои молҳои нав; б) ҷорӣ кардани нархҳои яклухт ва чакана дар вазъияти устувор будани талабот ба молҳои фурӯхташаванда; в) ҷорӣ кардани нархҳои пасти яклухт ва чакана дар вазъияти бисёр будани мол.

Ҷараёни нархгузории миллӣ дар ташкилотҳои савдо равияҳои иқтисодии зеринро дар бар мегирад: а) интихоби мақсади сиёсати нарх; б) таҳлили талабот дар бозори мол; в) баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷоти худ; г) омӯзиши нархи рақибони ташкилот; ғ) интихоби усули нархгузорӣ; д) ҷорӣ кардани нархҳои мувофиқи яклухт ва чакана бо молҳои

фурӯхташаванда. Самаранокии онҳо аз мақсади сиёсати нархии ташкилоти савдо вобаста аст.

Мақсади сиёсати нархии ташкилотҳои савдо шуда метавонад: а) нигоҳ доштани фаъолият дар сатҳи ноилшуда; б) нигоҳ доштани мавқеи ташкилот дар бозор; в) таъмин намудани афзоишёбии фоидаи савдо; г) таъмин намудани васеъшавии доираи таъсири фаъолият ба бозор; ғ) ноил шудан ба мавқеи монополӣ.

Дар ҷараёни идоракунии нарх ташкилоти савдо роҳҳои мухталифи иқтисодӣ, ба монанди низоми тахфиф, бонус, низоми пасандозӣ, тухфа, кортҳои дисконтӣ ва ғ. истифода шуда, тавассути онҳо раванди фурӯши мол ҳавасманд карда мешаванд, ки баландбардории самаранокии фаъолияти ташкилотҳои савдоро таъмин менамояд.

Савдои чаканаи фурӯши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи муносибатҳои бозоргонии мамлакат нақши муҳим мебозад [12]. Он савдо намуди асосии фаъолияти тиҷорат буда, ҳамчун фурӯши мол (хидмат) ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ, ки барои истеъмоли шахсӣ, оилавӣ ва хонавода истифода мегардад, вобаста мебошад. Корхонаҳои савдои чаканаи мамлакат хусусӣ буда, ному насаб, намуд, бо баробари хариду фурӯши оммавию дохилимағозавӣ, умумӣ ва махсусгардонида шудаанд. Савдои “ғайримағозавӣ”, яъне супоришоти мол бо воситаи почта, телефон, компютер, интиқол ва дастрасии мол ба хона иҷроиши хидмати супоришот бо тахфиф ва дигар шаклу намудҳои хидматрасонӣ инкишоф ёфтааст. Хариду фурӯши молҳо асосан бо нархҳои озод ва шартномавӣ гузаронида мешавад. Нархи фурӯши чакана дар асоси нархи яклухт (калон, майда) шартномавӣ ё созишномавӣ ва ҳамзамон, бо эътиборгирии хароҷотҳои тиҷорат, фоида ва фонди эҳтиётии нуқтаҳои савдо муайян гардида, амал менамояд. Ба сатҳи хароҷотҳои тиҷорат ва фоидаи корхонаҳои савдо омилҳои иқтисодию ғайрииқтисодии гуногун таъсир мерасонад. Сатҳи хароҷоти тиҷоратро асосан хароҷот оид ба кашонидан, нигоҳ доштан, овоза кардан ва фурӯхтани мол муайян менамояд. Бо пасту баландшавии онҳо мутаносибан нархи озоди чаканафурӯшӣ тағйир ёфта, дар атрофи нархи миёна мекаловад. Фоидаи савдо аз нархи чаканафурӯшӣ вобастааст. Фаъолияти даромаднок дар ҳолати баланд будани нархи чакана нисбат ба яклухт, шартномавӣ ё созишномавӣ таъмин мегардад.

Нархи чаканаи савдо бо усулҳои мухталиф муайян карда мешавад. Онҳо бо усулҳои умумӣ ва махсус тасниф шуда, дар маҷмуъ, низоми усули нархузории савдои чаканаро ташкил медиҳанд. Моҳияти усули махсусро, ки аз тарзу услуб ва стратегияҳои гуногун иборат буда, ба монанди усули а) нархи маржаи фоида; б) нархи тавсиявии истеҳсолкунанда; в) нархи ба нархи рақиб монанд; г) нархи дукарата; ғ) нархи психологӣ; д) нархи якхела; е) нархи паст ба баъзе мол ва ғ. дохил мешаванд. Онҳо стратегияи ҷоришавии нархи савдоро ташкил медиҳанд. Моҳияти баъзеи он стратегияро муайян мекунем. Дар низоми нархгузории соҳаи савдо стратегия ё усули маржаи фоида (фарқияти байни даромади умумӣ ва хароҷот) васеъ истифода ёфтааст. Маржа ё фоизи фоида ҳамчун (ФФ) усули одию таҷрибавии мақсаднок дар нархгузории савдо муаррифӣ шудааст. Тариқи он нархи савдои чакана (НСЧ) дар натиҷаи ба арзиши моли харида шуда (АМХ) зам кардани фоизи маржи фоида муайян карда мешавад, яъне сатҳи маржа ё фоизи фоида аз намуди мол ва банди фурӯши он вобаста аст.

**НСҶ = АМХ + ФМ (АМХ *ФФ/100)**

Мисол. Муайян карда шавад НСҶ маҳсулоти костюми мардона. Дода шудааст: а) АМХ – 900с; б) ФФ – 35%. Роҳи ҳалли масъала:

900+(900*35/100) = 900 с + 315с = 1215с

Таркиби нархи костюми мардона муайян мегардад: а) АМХ = 74,1% яъне (900 / 1215 * 100); б) ФФ - (315 / 1215)*100 = 25,9%. Назорати санҷишӣ: 74,1% +25,9% = 100%

Аксарияти моли истеъмолӣ бо нархи чаканаи истеҳсолкунанда тавсия карда ба фурӯш ворид мешавад. Ташкилоти савдо метавонад нархи чаканае, ки истеҳсолкунанда тавсия менамояд, ҳамчун стратегияи худ истифода барад [19]. Он гоҳ ташкилот аз иштирок кардан дар қабули қарордоди нархӣ озод мегардад. Фурӯши мол бо нархи чаканаи истеҳсолкунанда ташкилоти савдоро аз вазифаи иштирок намудан дар рақобати нархии бозор соқит карда, барои гирифтани фоидаи миёна сафарбар менамояд, ки он мақсади иқтисодии на ҳамаи фурӯшандаро қонеъ гардонида метавонад.

Харидорон имконияти интихоби молро доранд. Мол асосан аз рӯи сатҳи нарх интихоб мегардад, ки омили ҷамъбасткунандаи нарх мебошад. Молҳои нархи пастдошта афзалияти зиёд дорад. Он корхонаи савдо, ки тибқи нархи рақиб фаъолият мебаранд, барои фурӯши мол бояд сатҳи хидматгузориро баланд намояд, хароҷоти овозапаҳнкуниро паст гардонад, мавқеи ҷойгиршавии нуқтаи савдоро беҳтар намояд, он гоҳ дар рақобат имконияти молфурӯшӣ меафзояд.

Бо баланд кардани сифати хидматгузорӣ, беҳтаргардидани мавқеи ҷойгиршавӣ ва паст намудани хароҷоти тиҷорат, инчунин барои баланд кардани нархи савдо (НС) имконият пайдо мешавад. Ҳангоми интихоби нархи рақиб (НР) фаъолияти тиҷорат ба се роҳ инкишоф ёфта метавонад: **а) НС =НР; б) НС ≤ НР; в) НС ≥ НР.**

Стратегия ё усули дукаратаи афзоиш додани нархро баъзе ташкилотҳои савдо истифода бурда метавонад. Он гоҳ нархи моли харидашуда (НМХ) дукарата афзоиш дода мешавад, яъне (НМХ * 2). Афзалияти стратегияи нархгузории савдои чакана дар содагии усули он ифода ёфтааст. Бо амалиёти < таъиноти як нарх барои якчанд мол истеъмолкунанда > якуякбора молҳои гуногунро интихобу харида метавонад. Он амал беҳтарин стратегия ҳисобида шуда, фурӯшро ҳавасманд мегардонад ва истеъмолкунандаро барои қонеъ гардонидани талаботи гуногун сафарбар менамояд. Стратегия бо услуби < таъиноти нархи пастарин барои баъзе молҳо > барои ба фурӯши оммавӣ ноил шудан истифода бурда мешаванд. Он гоҳ баъзе молҳо дар сатҳи арзиши аслии маҳсулот фурӯхта мешаванд. Ҳамзамон, ин амал сатҳи арзиши аслии маҳсулот фурӯхта мешаванд. Ҳамзамон, ин амал харидоронро барои гирифтани моли бо нархи баланд фурӯхташаванда водор менамояд.

**Самтҳои ташкили ҳуқуқии нархгузорӣ дар чаканаи савдои Тоҷикистон**. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои савдои чаканафурӯшии молҳои истеъмолӣ фаъолияти нархгузориро зери роҳбарии назорати Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Тоҷикматлубот ва талаботҳои мақомотҳои вилоят, шаҳрию ноҳиявии онҳо ташкилу инкишоф медиҳанд. Самти ҳуқуқии ташкилотҳои савдоро молиякияти хусусӣ ва кооперативӣ ташкил дода, инкишофёбии муносибатҳои бозоргониро дар дохили мамлакат ва берун аз он таъмин менамояд. Он ҷараён ба хариду фурӯши молҳои истеъмолӣ, яъне озуқаворӣ ва ғайриозуқаи ватанӣ ва хориҷӣ (бо нархҳои шартномавӣ, созишномавии яклухт ва чакана) асос ёфтааст.

Вобаста ба самти ҳуқуқи моликиятдорӣ, шарту омилҳои инкишофи тиҷорат, роҳи ташкили хариду фурӯш, инкишофдиҳии муносибатҳои байналмилалии ташкилотҳои мухталифи савдои чакана созмон гардида, амал мекунанд. Стратегияи тараққиёти онҳо вобаста ба намуд, таъиноти мол ва шакли хоҷагидорӣ, ҳаҷми даромад, махсусгардонӣ ва хусусияти фаъолият, реҷаи корӣ, номгузориҳои гуногуни ватанию хориҷӣ ва дигар ҷанбаҳои ташкилёбӣ тартиб гардида, барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва мусофирон омода шудаанд. Даромади савдо, хароҷотҳои тиҷоратӣ ва фоида нишондиҳандаҳои ҷамбасткунандаи иқтисодии он ташкилотҳо ҳисобида мешавад.

Хосатан хонаҳои савдо ва қисман марказҳои савдо ба хислатҳои гуногун амал карда, дар нархгузории яклухти миллӣ ва ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Хонаи савдо ҳамчун ташкилоти азими савдои дохилию берунӣ, савдо бо хариду фурӯшҳои молҳои зиёд машғул аст. Хислати фарққкунандаи хонаи савдо аз он иборат аст, ки амалиётҳои молиявию қарзии истеҳсолкунандаҳо фаъолона ширкат меварзад, ба ҷараёни бароришии мол таъсир мерасонад ва дар муттаҳидии марказҳои савдо ифода меёбад. Маркази савдо ҳамчун як гурӯҳи муайяни корхонаҳои савдои чаканафурӯш амал карда, дар як ҷо маскан мегиранд ва сокинони минтақаи муайянро бо молҳои ниёзи мардум таъмин менамояд.

Дар маркази савдо хидматгузориҳои бепулу пулакӣ, маҷмуавӣ ташкил мегардад. Дар шаҳри Хуҷанд марказҳои маҷмуавии савдои “Панҷшанбе”, “20-солагии Истиқлолият”, “Ҷумъа-бозор” бо хариду фурӯши молҳои озуқаворӣ ва талаботи ҳаррӯза супермаркетҳои шаҳр (“Амид”, “Анис”, “Асал”, “Доро”, “Оазис”), мағозаҳои фирмавӣ (“Кабири Хуҷанд”, “Қайрокум”, “Нур”, “Асл - фарм”), мағозаи махсус (“Олами компютер”, “Олами парандаҳо”, “Олами зардевор”) ва мағозаҳо (“Тобон”, “Асл”) ва бо монанди онҳо машғул буда, хариду фурӯши чаканаро инкишоф медиҳанд. Онҳо бо марказҳои савдои давлатҳои

хориҷӣ робитаи тиҷоратиро ривоҷ дода, дар пойдоршавию тақвиятёбии ҳамгироии иқтисодию минтақавӣ саҳмгузоранд.

Марказу мағозаҳои фирмавии савдо на танҳо бо амалиётҳои харидуфурӯшию хидматгузорӣ, балки бо истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ғайриозуқаю озуқа, аз он ҷумла тайёру нимтайёр, машғул шуда, муносибатҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратиро ривоҷ дода истодаанд.

Хӯроки омма ҳамчун маҷмуи муносибатҳои истеҳсолию иҷтимоии истеъмолкунандагон барои мақсаднок қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молҳои тайёр ва нимтайёр фаҳмида мешавад. Корхонаҳои хӯроки оммаи Тоҷикистон бо нархҳои озоди чакана фаъолияти иқтисодӣ мебаранд, инкишоф меёбанд ва баҳогузорӣ карда мешаванд. Ҷараёни гардиши хӯроки омма аз рӯи нишондиҳандаҳои алоҳида ҳисоб карда шуда, ҳамчун қисми таркиби ба ҳаҷми умумии гардиши моли мамлакат дохил мегарданд. Нархгузорӣ дар соҳаи хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мақсад ва хусусиятҳои корхонаҳои хӯрокпазӣ ташкил карда мешаванд. Нархҳои хӯроки омма дар асоси категорияҳо ё зинаи сифатнокии корхонаҳои он (тарабхона, ошхона, сихкабобхона, қаҳвахона) сатҳи хидматгузорӣ, ҷой ва фароғатнокии нуқтаҳои савдо, анъанаҳои миллӣ, супоришоту дархостҳои инфиродии истеъмолкунандагон муайян карда мешаванд. Хӯроки маҳсулоти асосӣ ба ҳисоб рафта, нархи он як намуди нархи озоди чакана аст.

Хусусиятҳои асосии фаъолияти иқтисодию иҷтимоии истеҳсолии корхонаҳои хӯроки омма чунинанд: 1) дар нархгузории пайдарпайии нархи хариди ашёи маҷмуавӣ – болонархии савдо бо назардошти ААИ – маблағи мизони андоз аз арзиши иловагардида – нархи фурӯш бо пайвастагии маҳсулот қатъиян риоя карда мешавад; 2) ду хислати асосии соҳа аз он ҷумла: а) истеҳсолот ва б) хизматгузории хӯроки омма; 3) арзиши аслии пурраи соҳа ҳисоб карда нашуда, нархи фурӯши маҳсулот муайян мегардад; 4) болонархии савдои озуқа аз аломатҳои мухталиф (зинаи сифатнокӣ, доираи рақобатпазирӣ, сатҳи хидматрасонӣ, обрую эътибори корхонаҳои озуқа, мавқеъ ва ҷойи минтақаи он) вобастагӣ дорад; 5) махсусияти истеҳсол ва таъиноти озуқаи алоҳида.

Фаъолияти корхонаҳои хӯроки омма вобаста ба махсусияти хосси тайёршавӣ ва фурӯши таом ҷараён гирифта, ба истеҳсолот монандӣ дорад. Барои ҳар як намуди таом варақаи баҳодиҳӣ тартиб дода мешавад. Дар он танҳо арзиши маҷмуавии ашёҳои барои як таом тайёркунӣ сарфшуда (ба андоз аз арзиши иловашуда) ба ҳисоб гирифта мешавад. Баъзан, ба арзиши маҷмуавии таом болонархии хӯрокпазӣ ва андоз аз арзиши иловагардида ҳамроҳ мегардад. Дар корхонаи хӯроки омма ҳатман варақаи баҳодиҳии таом тартиб дода мешавад. Варақаи баҳодиҳии таом ҳайати маҷмуавии ашёи хӯрок, меъёри сарфи ашёи маҷмуавӣ ва нархи ашёи харида шуда, бе андоз аз арзиши иловагардида дорад, муайян кардани нархи фурӯши таоми (маҳсулоти) корхонаи хӯроки омма якчанд ҳисобро дар бар мегирад.

**Ҳисоби якум.** Дар асоси нишондиҳандаҳои дар варақаи баҳодиҳӣ оварда шуда, арзиши пурраи ашёи маҷмуавии хӯроки миллӣ ё ғайримиллӣ ҳисоб мегардад. Болонархии савдои корхонаи хӯроки омма ($Б_{нсх}$) аз рӯи меъёри бо фоиз муқарраргардида (ММ) ва арзиши маҷмуавии ашёи хӯроки бо нархи ($А_{хо}$) харид (бе ААИ) муайян мешавад, яъне

$$\mathbf{Б_{нсх} = (А_{хо} * ММ) / 100}$$

Мисол: муайян карда шавад $Б_{нсх}$ як кг картошкабирён (фрӣ). Дода шудааст: $А_{хо}$ = 9,5 с; ММ = 50,0%. Он гоҳ нархи маҳсулоти яклухт – фурӯши нимтайёр 14,25 с мешавад (9,5 + 4,75). Роҳи ҳисоби $Б_{нсх}$ = (9,5 * 50,0) / 100 = 4,75с.

**Ҳисоби дуюм.** Пеш аз ҳисоби болонархии савдои корхонаи хӯроки омма ($Б_{нсх}$) бе андоз аз арзиши иловагардида ($М_{ааи}$) аз рӯйи мизони фоизи он ($Ф_{ааи}$) муайян карда мешавад: $\mathbf{М_{ааи} = (Б_{нсх} * Ф_{ааи})/100}$

Масалан. Муайян гардад $М_{ааи}$ таоми картошкабирён. Дода шудааст: $Б_{нсх}$ =14,25; $М_{ааи}$ = 15%. Роҳи ҳалли он, яъне 15% = (14,25 * 15)/100=2,14с

**Ҳисоби сеюм.** Бо он нархи фурӯши таоми (маҳсулот) корхонаи хӯроки омма бо формулаи зерин муайян карда мешавад: $\mathbf{Н_{фт} = А_{хо} + Б_{нсх} + М_{ааи}}$

Аломатҳо: $Н_{фт}$ – нархи фурӯши таом; $А_{хо}$ – арзиши маҷмуавии ашёи хӯроки омма бо нархи харид (бе ААИ); $Б_{нсх}$ – маблағи болонархии савдои хӯрока; $М_{ааи}$ – маблағи андоз аз арзиши иловагардида. Ҳалли масъала: муайян карда шавад $Н_{фт}$ барои картошкабирён.

Дода шудааст: $А_{хо}$ = 9,5 с; $Б_{нсх}$ = 4,75с; М $_{ааи}$ =2,14с; Ҳалли масъала: $Н_{фт}$ = 9,5с +4,75с +2,14с = 16,43. Дар асоси маълумотҳои ҳисоби сеюм таркиби нарх муайян гардида, натиҷаи ҳисобҳо таҳлил карда мешаванд.

Хусусияти асосии нархгузорӣ дар корхонаҳои хӯроки омма аз он иборат аст, ки арзиши пурраи маҳсулот ҳисоб карда нашуда, нархи фурӯши таом муайян мегардад. Ҳамаи хароҷотҳои соҳа аз ҳисоби болонархии савдо пӯшонида мешавад. Омилҳои нархмуайянкунандаи хӯроки омма ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) арзиши маҷмуавии ашё; 2)маблағи болонархии савдо; 3) маблағи андоз аз арзиши иловашуда.

Сатҳи арзиши маҷмуавии ашё аз нархи хариди он вобаста аст. Арзиши ашёи маҷмуавӣ бо нархҳои гуногун харида мешаванд: а) нархи хариди маҳсулоти кишоварзӣ; б) нархи шартномавӣ; в) нархи яклухт; г) нархи озоди чакана. Сатҳи нархҳои номнависшуда аз омилҳои мухталифи дохилӣ ва берунииқтисодӣ вобастагӣ (ҷой, минтақа, вақт, сатҳи нархи истеъмолӣ ва ғ.) дорад.

Корхонаҳои хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нархи фурӯши маҳсулотро мустақилона вобаста ба вазъи талабот ва пешниҳод бо риоя кардани дастуру талаботҳои Қонун дар бораи нархгузорӣ, Низомномаҳои дохилӣ, Дастури ҳукумати ватанӣ ва байналмилалӣ муайян намуда, истифода мебаранд.

Он корхонаҳои хӯроки омма, ки дар минтақаҳои муассисаҳои таълимӣ ҷойгир шудаанд, болонархии савдояшон набояд аз 60% зиёд бошад. Андозаи болонархӣ аз рӯйи аломатҳои зерин тафриқабандӣ мешаванд, тибқи: 1) ҳайати молгардиш; 2) хелу навъҳои нуқтаҳои хӯрокпазӣ; 3) намуди ашё ва мол; 4) намуди таом; 5) номгӯи дохилигурӯҳӣ; 6) реҷаи корӣ; 7) мавқеи ҷойгиршавӣ; 8) доираи рақобатпазирӣ ва ғ. Болонархиҳои савдои хӯроки омма мувофиқи ҳар аломатҳои номбаршуда тафриқабандӣ истифода мегардад, ки дигар хусусияти фаъолияти соҳаро дар нархгузорӣ ташкил медиҳанд.

Болонархии савдои хӯроки омма тибқи ҳайати молгардиш ба маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва харидашуда; а) вобаста ба хелу навъи корхонаҳо ба тарабхона, қаҳвахона, бар, мағоза – кулинар, ошхона, корхонаҳои махсус; б) намуди ашё ва маҳсулот ба гӯшт, моҳӣ, сабзавот, меваҷот, машрубот, бемашрубот, пиво; в) истифодабарии ашё ва мол ба нимтайёр ва тайёр; намуди таом ба фирмавӣ, таоми фармудаи гарм, хунук; г) дохилигурӯҳи ба гӯштӣ, моҳигӣ, сабзавотӣ; д) вақти кор ба рӯзона, шабона, бегоҳирӯзӣ; е)ҷойгиршавӣ ба ҷойи истироҳат, ҷойи серхаридор, фурӯш; ё)мавқеи рақобат ба миқдори рақибон ва сатҳи нархи онҳо, гурӯҳбандӣ мешаванд. Онҳо афзалият ва хусусиятҳои хосси пурраи фаъолияти корхонаҳои хӯроки оммаро муайян менамоянд, ки дар ҷараёни нархгузорӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Даромади корхонаҳои хӯроки омма аз сатҳи болонархиҳои савдо бевосита вобаста буда, ба онҳо на танҳо хароҷоти истеҳсолот, фурӯш ва ташкили истеъмоли маҳсулоти истеҳсоли худӣ, балки фоидаи фаъолият таъмин карда мешавад. Сатҳи тарофаи корхонаҳои хӯроки оммаро ҷараёни ташкили истеҳсолот, яъне тайёр кардани таом, истеҳсол ва фурӯши он муайян намуда, даромаднокии соҳаро таъмин менамояд. Мавқеи муҳимро марказҳои савдоюю хидматрасонии хӯроки омма ба монанди бозор, ошхонаю тарабхонаҳои азим, хосатан тӯйхонаҳо (“Истироҳат”, “Қасри сафед”, “Темурмалик”, “Мирзо-Ҳабиб”, “Парламент”, “Шаҳзод” ва ғ.) ишғол намуда, нақши онҳо дар афзудани даромади хӯроки омма ва хидматгузории маҷмуавӣ, инчунин дар ҷараёни нархмуайянкунӣ зиёд гардида истодааст.

Гузориши масъала. Нархи миёнаи як воҳиди маҳсулоти корхонаҳои хӯроки оммаи шаҳри Хуҷанд аз рӯи маълумотҳои шартӣ ва ҳисобҳои меъёрӣ муайян ва таҳлил карда шавад.

*Тарзи ҳисоби масъалаи намунавӣ.* Нархи ҳар як воҳиди маҳсулоти (таоми) тайёри корхонаҳои хӯроки омма дар натиҷаи якчанд амалиётҳои пайдарпайии бо усули нархгузорӣ мутобиқ буда, муайян мегардад. Ба ҳисоби аввал, фоизи даромади савдо ва маблағи он муайян карда мешавад. Бо ҳисоби дуюм, маблағи андоз аз арзиши иловагардида дарёфт мегардад. Бо ҳисоби сеюм, нархи фурӯши хӯроки тайёр муайян мешавад, алгоритми он дар ҷадвал дода шудааст. Бо дигар амалиётҳои ҳисобии оянда таркиб ва сатҳи тағйирёбии нарх таҳлил гардида, қарордоди нарх оид ба фурӯш қабул карда мешавад.

**Ҷадвали 1. Ҳисоби нархи миёнаи таоми истеҳсоли худӣ дар корхонаҳои хӯроки оммаи шаҳри Хуҷанд**

**Table 1. Calculation of the average price of self-produced food in public catering enterprises of the city of Khujand**

| № | Маҳсулот (таом) | В.ч. | Арзиши маҷмуавии ашё бо нархи харидашуда | Болонархии савдо | | ААИ | | Нархи фурӯш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Фоиз, % | Маблағ (сомонӣ) | Фоиз, % | Маблағ (сомонӣ) | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 = (4*5)/100 | 7 | 8= (4*7)/100 | 9 = (4+6+8) |
| 1 | Оши палав | 1 фарм. | 12,1 | 25 | 3,0 | 15 | 1,8 | 16,9 |
| 2 | Лахмбирён | 1 фарм. | 12,8 | 31 | 4,0 | 15 | 1,9 | 18,7 |
| 3 | Қимакабоб | 1 фарм. | 8,8 | 28 | 2,5 | 15 | 1,3 | 12,6 |
| 4 | Карамшӯрбо | 1 фарм. | 6,7 | 25 | 1,7 | 15 | 0,9 | 9,3 |
| 5 | Думшӯрбо | 1 фарм. | 9,5 | 32 | 3,0 | 15 | 1,4 | 13,9 |
| 6 | Мастова | 1 фарм. | 5,5 | 29 | 1,6 | 15 | 0,8 | 7,9 |
| 7 | Шӯрбо | 1 фарм. | 9,6 | 35 | 3,4 | 15 | 1,4 | 14,4 |
| 8 | Резашӯрбо | 1 фарм. | 9,8 | 33 | 3,2 | 15 | 1,5 | 14,5 |
| 9 | Сихкабоб | 1 сих | 14,1 | 40 | 5,6 | 15 | 2,1 | 21,8 |
| 10 | Кабобча | 100 гр. | 9,4 | 34 | 3,2 | 15 | 1,4 | 14,0 |
| 11 | Кабоб | 100 гр. | 11,9 | 36 | 4,3 | 15 | 1,8 | 18,0 |
| 12 | Қавурдоқ | 100 гр. | 12,6 | 34 | 4,3 | 15 | 1,9 | 18,8 |

*Таҳлили натиҷаи ҳисоб.* Бо он мақсад таркиб ва сатҳи тағйирёбии нархи хӯрок бо таври зерин муайян мегардад. Мисол: таркиби нархи оши палав вобаста ба ҳиссаҳои нархбавуҷудоваранда ҳисоб карда мешавад, яъне нархи оши палав 16,9 сомониро ба 100% баробар намуда, нисбат ба он ҳиссаи арзиши маҷмуавии ашё (12,1), болонархии савдо (3,0) ва андоз аз арзиши иловагардида дарёфт мешавад. Масалан: а) 12,1 ба 71,6% баробар аст: (12,1 /16,9)*100; б) 3,0 ба 17,8% баробар аст: (3,0/16,9)*100; в) 1,8 ба 10,6% баробар аст: (1,8/16,9)*100. Назорати санҷиш: 71,6% +17,8%+10,6% = 100,090.

Таркиби дигар намуди хӯрок бо ҳамин роҳ муайян гардида, таҳлил карда мешавад. Фоизи болонархии хӯрокро корхонаҳои савдо мустақилона вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон ва дастуру нишондодҳои ҷорӣ муқаррар шуда, муайян мекунанд. Фоизи андоз аз арзиши иловагардида бо қарори Маҷлиси миллӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Ҳаққи пешхизмат ва меҳмоннавозии он алоҳида пардохт мегардад.

Мушоҳида ва таҳлили ҷараёни нархгузорӣ дар соҳаи хӯроки омма аз он шаҳодат медиҳад, ки танҳо дар давоми панҷ соли охир нархи озуқаворӣ тақрибан ба 2,5 баробар афзудааст, бо баробари он ҳаққи хидматгузорӣ аз он ҳам бештар афзуда, ба баландшавии нархи савдои хӯроки тайёр ва нимтайёр овардааст. Пастшавии онҳо ба назар намерасад. Бо он ва бисёр дигар сабабҳо ба монанди аз ҳудуди идоракунӣ баромадани нархҳо, ҷаҳиши бекурбшавии пул, баландшавии нархи ашё ягон таҳлили муқоисавӣ ба мурод намеоварад ва маънавиёт надорад.

*Хулоса ва пешниҳод.* Таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои нархгузорӣ дар соҳаҳои савдою хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Дар ҷараёни он усулҳои мухталифи нархмуайянкунӣ истифода мегардад, ки ба умумию махсус таснифот шуда, амал менамояд ва истифода бурда мешавад. Аҳаммиятнокии усулҳои махсуси муайянкунии нарху тарофа ба маҳсулоти соҳаҳои савдою хӯроки оммаи

таъиноти истеҳсолӣ, хариду фурӯш ва хидматгузории миллӣ ошкор гардида, имкониятҳои дар оянда мақсаднок истифода бурдани онҳо дар фазои рақамишавии иқтисодиёт пешниҳод шудаанд, аз он ҷумла: 1) баҳо додани омилҳои иҷтимоию иқтисодии ба даромад ва фоида таъсиррасонанда; 2) интихоби стратегияи фаъолияти самарабахш; 3) тартиб додани модели иқтисодии нархгузории афзалиятнок; 4) самаранок истифода бурдани стратегияҳои нарху тарофамуайянкунӣ; 5) тартиб додани механизми коркард, амалиёт ва назорати фаъолияти нархгузорӣ; 6) таҳлил, баҳогузорӣ ва қабули қарори идоракунии фаъолияти истҳсолию тиҷорат ва хариду фурӯши бо нарх ва тарофа асосёфта. Амалигардонии пешниҳодҳои муаррифишуда самаранокии фаъолияти нархгузориро дар соҳаҳои савдою хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд гардонида, барои ба ҷараёни рақамишавии иқтисодиёт фаъол шомил шудан имконият фаро меоварад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДХ**
**ба номи Б.Ғафуров – Сатторова М.Р.**

### АДАБИЁТ


1. Абдураҳмонов М. Нархгузории миллӣ дар шароити тақвиятёбии ҳамгироии иқтисодӣ: назария, амалия ва танзим. Монография / М. Абдураҳмонов. -Хуҷанд: Ношир, 2023. -172 с.
2. Абдурахмонов М. Глоссарий: баҳисобгирии идоракунӣ ва нархгузорӣ / М. Абдурахмонов, М.З. Абдураҳмнова. -Хуҷанд: Ношир, 2021. -254 с.
3. Абдурахмонов М. Региональное ценообразование производственной сферы в условиях индустриализации экономики / М. Абдурахмонов, Г.И. Садыкова, М.О. Эсанова // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. –С.40-47.
4. Аминов И. Ценообразование. Учебник / И. Аминов, М. Абдурахмонов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -296 с.
5. Абчук В.А. Энциклопедия современного бизнеса / В.А. Абчук. -Спб. -М.: Энциклопедия, 2005. -640 с.
6. Атоходжаева М.А. Оценка и механизм регулирования уровня жизни в экономике Таджикистана. Монография / М.А. Атоходжаева. -М.: Центр «Транспорт», 2019. -144 с.
7. Баздникин А.С. Цены и ценообразование / А.С. Баздникин. -М.: Юрайт, 2016. -370 с.
8. Демцура С.С. Ценообразование: методические рекомендации / С.С. Демцура. -Челябинск, 2021. -53 с.
9. Закон о торговле в карикатурах и комментариях, ИД Retailer. -М., 2013. -216 с.
10. Исаев А.А. Совершенствование системы управления конкурентоспособностью предприятий розничной торговли / А.А. Исаев, Дж.С. Ниёзов. –Душанбе: Ирфон, 2013. -212 с.
11. Кемпбелл Р. Экономика / Р. Кемпбелл, Маконнелл, Б. Стенли. -М.: ИНФРА-М, 2005.
12. Комарова Г.Б. Торговля в условиях транзитивной экономики / Г.Б. Комарова, У.У. Ишанова. –Худжанд: Рахш, 2018. -100 с.
13. Липсин И.В. Ценообразование / И.В. Липсин. -М.: Юрайт, 2020. -368 с.
14. Садыкова Г.И. Формирование и развитие рынка общественного питания в условиях трансформирующейся экономики. Монография / Г.И. Садыкова. -Худжанд: Ношир, 2019. -124 с. - ISBN 978-99975-70-49-9.
15. Турсунов Р.Р. Фриланс как форма занятости в условиях цифровизации: проблемы и перспективы / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2024. -№3. –С.31-38.
16. Турсунов Р.Р. Цифровизация экономики и методы регулирования рынка труда. Опыт развитых стран / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№7. -С.42-48.
17. Турсунов, Р.Р. Рынок труда: структура и функции в условиях цифровизации, фриланс / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. -№1-2(110). -С.276-281. – EDN SSJIRA.
18. Урунов А.А. Единое экономическое пространство / А.А. Урунов. -М.: ИД СИНЕРГИЯ, 2012. -284 с.
19. Экономика организаций (предприятия). -М.: ЮНИТИ, 2008. -239 с.


### АҲАММИЯТНОКИИ ТАРОФАҲОИ ХИДМАТГУЗОРИИ САВДОЮ ХӮРОКИ ОММА ДАР РАҚАМИШАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Мақолаи илмӣ ба баҳогузории механизми фаъолияти самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои савдою хӯроки оммаи иқтисодиёти миллӣ дар шароити рақамишавии он бахшида шудааст. Дар он мавқеъ ва аҳаммиятнокии асосҳои илмию таҷрибавӣ ва хусусиятҳои хосси механизми нархгузорию тарофабандӣ ба маҳсулоту хидматгузориҳои соҳаҳои савдо (муомилот ва гардиши мол, равияи иқтисодиёт, шохаҳои моликиятдорӣ, амалиётҳои иҷтимоию иктисодӣ, асосҳои ҳуқуқӣ) ва хӯроки омма (пайдарпайии ҷараёни истеҳсолот ва нархгузорӣ, дараҷаи сифатнокӣ, хислати истеҳсолию истеъмолӣ, хизматгузорӣ, муайяншавии арзиши аслӣ ва болонархии савдо) таҳқиқ шудаанд. Таъсири омилҳои – истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, стратегияҳои махсуси ҷорию омезишшавии нарху тарофаҳо таҳлил гардидааст. Мавқеи муҳимро интихоб ва истифодабарии тамсилаю усулҳои нархгузорию тарофабандӣ, тартиби ҳисоб, амалиёт, назорат ва баҳогузорӣ ба амалиётҳои нархгузорӣ ишғол намуда, барои истифодабарӣ дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмии ҳамин равия ва таҷрибаи рақамишавии фаъолияти муассиса, корхона ва ташкилотҳои савдою хӯроки омма

пешноҳод шудааст. Ҷараёни бунёдгардӣ, коркард ва қабули қарордоди мувофиқии нархию тарофабандӣ оид ба таъмин намудани фаъолияти самараноки истеҳсолию хидматгузории соҳаҳои савдою хӯроки оммаи иқтисодиёти миллӣ дар шароити рақамишавии фаъолияти онҳо тавсия шудаанд.

**Калидвожаҳо:** нарх, тарофа, савдо, хӯроки омма, равияи иҷтимоӣ, хидматгузории пулакӣ, маркази савдо, рақамишавӣ, механизми нархгузорӣ, тарофабандӣ, омилҳо, усулҳои махсус, хусусиятҳо, стратегияи нарх, сиёсати нарх, қарордоди нарх, чаканафурӯшӣ, яклухтфурӯшӣ, савдои озод.

## ЗНАЧЕНИЕ ТАРИФОВ УСЛУГ ТОРГОВЛИ И ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Научная статья посвящена исследованию механизма функционирования социально-экономической эффективности торговли и общественного питания, национальной экономики в условиях цифровизации. Дана научная оценка роли и значимости научно-практическим основам и отличительным особенностям механизма ценообразования на продукцию и услуги торговли (обмен, товарооборот, социальная направленность, социально-экономическое функционирование, юридические основы), общественного питания (последовательность производственного процесса и ценообразования, себестоимость, торговая наценка). Анализировано влияние различных факторов (производственные, социальное, экономическое) и взаимодействие особых стратегий цен и тарифов на процесс производственно-хозяйственной деятельности предприятий торговли и общественного питания. Обоснованы роль и значение процесса выбора, применения и оценки действия различных экономическо-математических моделей и методов ценообразования при проведении расчетов выполнения процедуры по определению цен и тарифов, также их контроля и оценки, результаты которых рекомендуются для организации процесса исследования в данном направлении и использования на практике цифровизации деятельности предприятий и организации торговли и общественного питания.Рекомендуется оптимальный процесс формирования, разработки и принятия ценового управленческого решения по обеспечению эффективной производственной и коммерческой деятельности предприятий торговли и общественного питания в условиях цифровизации экономики.

**Ключевые слова:** цена, тарифы, торговля, общественное питание, социальная направленность, платные услуги, торговые центры, супермаркет, цифровизация, механизм ценообразования, факторы, социальные методы, ценовая стратегия, ценовые решения, оптовая торговля, розничная торговля, свободная торговля.

## THE IMPORTANCE OF TARIFFS FOR TRADE AND PUBLIC CATERING SERVICES IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZATION OF THE NATIONAL ECONOMY

The scientific article is devoted to the study of the functioning mechanism of the socio-economic efficiency of trade and public catering, the national economy in the conditions of digitalization. A scientific assessment is given of the role and significance of the scientific and practical foundations and distinctive features of the pricing mechanism for trade products and services (exchange, trade turnover, social orientation, socio-economic functioning, legal framework), public catering (sequence of the production process and pricing, cost, trade margin). The influence of various factors (production, social, economic) and the interaction of special pricing strategies and tariffs on the process of production and economic activity of trade and public catering enterprises is analyzed. The role and significance of the process of selection, application and evaluation of the effects of various economic and mathematical models and pricing methods are substantiated when calculating the implementation of the procedure for determining prices and tariffs, as well as their control and evaluation, the results of which are recommended for organizing the process of scientific research work in this direction and using in practice the digitalization of enterprise activities and the organization of trade and public catering. An optimal process for forming, developing and making a pricing management decision to ensure efficient production and commercial activities of trade and public catering enterprises in the context of digitalization of the economy is recommended.

**Keywords:** price, tariffs, trade, catering, social orientation, paid services, shopping centers, supermarket, digitalization, pricing mechanism, factors, social methods, pricing strategy, pricing decisions, wholesale trade, retail trade, free trade.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдураҳмонов Маҳмуд*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169

***Содиқова Гавҳар Иброгимовна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169

***Раҳматова Мавзуна Муминовна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. Телефон: **027-77-41-66**

**Сведения об авторах:** ***Абдурахмонов Махмуд*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерский учёт, анализ и аудит. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоили Сомони, 169

***Садыкова Гавхар Ибрагимовна*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерский учёт, анализ и аудит. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоили Сомони, 169

***Рахматова Мавзуна Муминовна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры бухгалтерский учёт, анализ и аудит. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоили Сомони,169. Телефон: **027-77-41-66**

**Information about the authors:** ***Abdurahmonov Mahmud*** - Institute economy and trade of Tajik state university of commerce, Candidate of economics, assistant professor department of Accounting, analysis and audit. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Ismoili Somoni Avenue, 169
***Sadikova Gavhar Ibragimovna*** - Institute economy and trade of Tajik state university of commerce, Candidate of economics, assistant professor department of Accounting, analysis and audit. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Ismoili Somoni Avenue, 169
***Rahmatova Mavzuna Muminovna*** - Institute economy and trade of Tajik state university of commerce, assistant department of Accounting, analysis and audit. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Ismoili Somoni Avenue, 169. Phone: **027-77-41-66**

ТДУ: 330.5:31(1-87)

# ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19 БА ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН

*Раҳмонзода М.Б.*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Ба вуҷуд омадани буҳрони ҷаҳонӣ ҳангоми бонги хатар задани пандемияи COVID-19 ба хоҷагии ҷаҳонӣ натавонист таъсири манфии худро ба ягон кишвари олам нарасонда бошад. Ин беморӣ аввалин маротиба моҳи декабри соли 2019 дар шаҳри Ухани Ҷумҳурии халқии Чин ба қайд гирифта шуда, бинобар зудсироятшаванда буданаш дар як муҳлати кӯтоҳ дар саросари олам ба зуди паҳн гардадида, барои тамоми аҳолии дунё хатари калонеро ба бор овард.

30-юми январи соли 2020 COVID-19 аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар тамоми давлатҳои дунё ҳамчун эпидемия ва вазъияти ногувор барои аҳолии сайёра эълон гардид, ки ин ба авзои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Ҳиндустон низ бе таъсир намонд. Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон то замони аввалин маротиба бақайдгирии бемории COVID-19 дар қаламрави кишвар чораҳои мубориза бо эпидемияро ҷустуҷӯ намуда, роҳҳои ҳимояи аҳолӣ аз сироятёбии ин бемории номуайян ва зуд паҳншавандаро ҷустуҷӯ ва назорат менамуд. Аввалин ҳолати сироятёбӣ дар Ҳиндустон 30-юми январи соли 2020 ба қайд гирифта мешавад, ки то замони паст гардидани авҷи сироятёбӣ тақрибан 83%-и сироятшудагонро одамони синну солашон хурд ташкил менамуданд [24] (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Фарқияти синну солии сироятёфтагони бемории COVID-19 дар Ҷумҳурии Ҳиндустон (нисбат ба 100% и беморон)**
**Figure 1. Age difference of people infected with COVID-19 in the Republic of India (relative to 100% of patients)**




Шумораи умумии сироятёфтагон ба ин беморӣ дар Ҳиндустон бо суръати баланд афзоиш ёфт, ки мувофиқи нишондоди сарчашмаҳои расмӣ, ки соли 2020 дар Ҳиндустон хабар додаанд: 1-уми апрел 2 ҳазор нафар, 1-уми май 37 ҳазор нафар, 1-уми июн 198 ҳазор нафар, 15-уми июл аз 1 миллион нафар зиёда, 15-уми август аз 2,5 миллион нафар зиёда, 10-уми сентябр 4,5 миллион нафар ва 26-уми сентябр 5,9 миллион нафар ба рӯйхати сироятёфтагони бемории COVID-19 ворид шудаанд (нигаред ба расми 2), ки ин нишондиҳанда нисбат ба шумораи сироятёфтагони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷойи дуюмро ишғол менамуд [7].

Агар вазъи иқтисодии кишварро дар ин давра таҳлил намоем, сараввал метавон гуфт, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Ҳиндустон то имрӯз тахти таъсири омилҳои дохилӣ, ба мисоли мушкилотҳо дар сохтори молияи дохилии давлат ва омилҳои беруна ба монанди буҳрони молиявии Осиё (1997), буҳрони молиявии ҷаҳонӣ (2008), пандемияи COVID-19 (2020) ва саршавии ҷанг дар Украина (2022) монда аст, ки ин омилҳо наметавонад ба ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоии ҳукумати Ҳиндустон бетаъсир бошад (нигаред ба расми 3).

**Расми 2. Ҷаҳиши шумораи сироятёфтагон ба бемории COVID-19 дар Ҷумҳурии Ҳиндустон**
**Figure 2. The jump in the number of people infected with the disease of COVID-19 in the Republic of India**




Ҳисоботи молиявии соли 2019/2020-и Ҷумҳурии Ҳиндустон, ки 31-уми марти соли 2020 ба охир расида буд, бинобар сабаби пештар ба ҳисоб гирифта шудани нишондодҳои оморӣ бе дарназардошти таъсири пандемия ба самтҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ интишор гаштанд. Мувофиқи баҳогузории Хазинаи байналхалқии асъор дар моҳи апрели соли 2020 афзоиши ММД барои кишварҳои рӯ ба рушди Осиё барои соли гузашта ба ҳисоби миёна 3,7% ва касри буҷа 1%-ро ташкил дода, афзоиши эҳтимолии ММД-ро барои соли 2021 6,6% пешбинӣ карда буд. Мутобиқи нақшаи дурнамои “World Economic Outlook 2020” гуфта мешуд, ки Хазинаи байналхалқии асъор динамикаи таназзул ва афзоиши иқтисодиро барои кишвари Ҳиндустон -4,2; 1,9 ва 7,2% муқаррар намудааст. Аммо Хазинаи байналхалқии асъор гузариши Ҳиндустонро ба барқарорсозии назарраси иқтисодӣ дар соли 2021 интизор буда, пас аз таъсири амиқи COVID-19 ба иқтисодиёти Ҳиндустон инро ҳамчун як имконият медонист.

**Расми 3. Зарбаҳои асосӣ ва ислоҳот дар иқтисодиёти Ҳиндустон (Қарзи давлатӣ ва афзоиши ММД, фоиз) [10]**
**Figure 3. Major shocks and reforms in the Indian economy (Government debt and GDP growth, percentage)**




Дар баробари аз байн бурдани ҳолати карантин ва барқароршавии иқтисодиёт дар давлатҳои Арикои Шимолӣ ва Аврупо, ки қисми зиёди ММД-и онҳоро хизматрасониҳо ташкил медиҳад, бори дигар собит сохт, ки тақрибан 50%-и ММД-и Ҳиндустонро хизматрасониҳо ташкил медиҳанд (нигаред ба расми 4), ки рушди иқтисодиро дар Ҳиндустон бе мавҷудияти соҳаи хизматрасонӣ тасаввур кардан мумкин нест [18].

**Расми 4. Тақсимоти даромади ММД нисбат ба соҳаҳо дар Ҷумҳурии Ҳиндустон (ба ҳисоби фоиз)**
**Figure 4. Distribution of GDP income by industry in the Republic of India (percentage)**




Ваъияти соҳаи тандурустии Ҳиндустонро дар замони пандемия метавонем як давраи душвор ва номуайяни оморӣ номем. Нишондиҳандаҳои рушди омории COVID-19 нишон медиҳад, ки бинобар сабаби мушкилоти бақайдгирии оморӣ, суръати дақиқи паҳншавии бемориро муайян намудан имконнопазир гардидааст. Шумораи табибону ҳамширагон, ки пеш аз хатари пандемия тибқи таъин намудани штатҳои корӣ нисбат ба сари аҳолии ҳар як минтақа муайян шуда буданд, дар давраи пандемия бинобар якбора афзоиш ёфтани шумораи беморони ба COVID-19 сироят ёфта, мушкилоти норасоии табибону ҳамширагонро нисбат ба муқаррароти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба шумораи табибон ба сари аҳолӣ дар замони хатари пандемия, ба бор овард. Махсусияти нигаронкунандаи Ҳиндустон дар замони пандемия ин буд, ки қисмати зиёди сироятшудагон ва фавтидагонро баръакси аксар кишварҳои олам ҷавонон ташкил менамуданд. Ин нишондиҳанда эҳтимолан 45%-и ҳиссаи аҳолии то 25-солаи Ҳиндустон аст, ки яке аз баландтарин аналоги нишондод дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад (нигаред ба расми 5). Ин нишондод дар Ҷумҳурии халқии Чин 30% ва дар Ҷопон 22% мебошад [14].

**Расми 5. Муқоисаи шумораи ҷавонони то 25-солаи ба бемории COVID-19 сироятёфта нисбат ба шумораи умумии сироятёфтагон дар мисоли Ҳиндустон, Чин ва Ҷопон (ба ҳисоби фоиз)**
**Figure 5. Comparison of the number of young people under the age of 25 infected with COVID-19 compared to the total number of infected people in the case of India, China and Japan (percentage)**




Оид ба омодагии ҳиндуҳо ба коронавируси COVID-19 аз оғози замони пандемия мушоҳида кунем агар мисли аксари мамлакатҳои дигар норасоии лавозимоти аввалиндараҷаи пешгирикунанда аз сироятшавӣ барои аҳолии осоишта аз қабили айнак, дастпӯшак ва ниқобҳо ба назар мерасид.

Ҳолати карантинӣ аз ҷониби Сарвазири Ҳиндустон 25-уми марти соли 2020 расман эълон гардид, ки бинобар сабаби зиёд будани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар Ҳиндустон риоя намудани ҳолати карантинӣ душвортар шудан гирифт ва ин ҳолат зуд аз байн

бардошта шуд. Мавриди зикр аст, ки дар баъзе шаҳрҳои Ҳиндустон зичии аҳолӣ нисбат ба Ню-Йорк 30% зиёдтар аст ва ин ҳолат имконият фароҳам меоварад, ки бемори тезтар паҳн шавад. Қисми зиёди аҳолӣ бошад дар хонаҳои танг истиқомат мекунанд ва ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. Дар шаҳри Мумбай, ки яке аз шаҳрҳои бойтарини Ҳиндустон ба ҳисоб меравад, ҳамагӣ 58%-и одамон ба оби равон ва ҳоҷатхона дастрасӣ доранд ва боқимондаҳо аз нуқтаҳои умумӣ истифода мебаранд. Масалан ба ин мисоли воқеӣ оварда метавонем бузургтарин маҳалла дар шаҳри Мумбай, ки "Даҳарави" ном дорад. Даҳарави яке аз калонтарин маҳаллаи камбағалнишинон (Самые большие трущобы мира - Дхарави, Мумбай) на фақат дар Мумбай, ҳатто дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки масоҳати он 215 гектарро ташкил намуда, аҳолии дар он истиқоматкунанда зиёда аз 1 миллион нафар мебошад (нигаред ба расми 6) [17]. Дар маҳаллае, ки одамон наметавонанд аз ҳамдигар масофа бигиранд (на кам аз 1,5 метр, ки Созмони умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқаррар намуда буд) ва ҳолати экологии хуб надорад, барои табибон фикри расонидани кумак ба беморони ин маҳалла ва пешгирӣ аз сироят барои аҳолии солим кори осон нест.

**Расми 6. Аксҳо аз маҳаллаи Даҳарави шаҳри Мумбай**
**Figure 6. Photos from Daharavi neighborhood of Mumbai**



Дар моҳи июни соли 2020 Ҳиндустон дар миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз руйи шумораи сироятёфтагон ба бемории COVID-19 ҷойи аввалро ишғол намуда, новобаста ба ин аз охирҳои моҳи июл даври сеюми кам кардани маҳдудиятҳои карантиниро оғоз намуд, ки на ҳамаи кишварҳо бинобар сабаби зиёд будани шумораи сироятшудагон метавонистанд ба ин раванди мураккаби аз ҳолати карантинӣ баромадан иқдом намоянд.

Шумораи умумии беморони аз COVID-19 сироятёфтаи Ҳиндустон, ки ҳукумати Ҳиндустон дар санаи 1-уми майи соли 2021 расман тасдиқ кардааст 19,2 миллион нафар мебошанд. Аз ин шумора 15,7 мллион нафар шифо ёфта, 211 853 нафар ҷон додаанд [8].

Масъалаи дигари ҳалталабе, ки Ҷумҳурии Ҳиндустон ва тамоми давлатҳои Сайёраи Заминро дар замони пандемия ба ташвиш оварда буд, пайдо намудани доруворӣ барои пешгирӣ аз сироят ва табобати шахсони сироятёфта буд. Ҳиндустон дар саноати дорусозӣ новобаста аз тараққиёти беназир доштанаш дар қатори дигар мамлакатҳои олам натавонист доруеро таҳия намояд, ки саривақт бемориро пешгирӣ ва ё ҳолати беморонро сабук намояд. Чунки дар замони пандемия тибби муосир наметавонист бо тамоми имкониятҳояш саривақт сирояти бемориро пешгирӣ ва табобат намояд. Новобаста аз чунин вазъияти душвори замони эпидемии ҷаҳонӣ, Ҳиндустон тавонист дар саноати доруворӣ худро ба дорухонаи ҷаҳонӣ табдил дода, тариқи хайрия ва бо роҳҳои тиҷоратӣ ба 133 мамлакати ҷаҳон дору фиристад. Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи совети тиббӣ-таҳқиқотии Ҳиндустон дар семоҳаи сеюми соли 2020 як ваксинаи ҳиндугиро тавонист ба даст орад [2]. Дар моҳи августи ҳамин сол кормандони илмӣ-таҳқиқотии маркази эпидемиология ва микробиологияи ба номи Н.Ф. Гамалеи Россия ваксинаеро бо номи "Спутник V" коркард намуданд, ин боис гашт миёни ин ду кишвар як созишнома оиди ҳамкорӣ дар самти таҳқиқоту коркарди ваксинаи боваринок ва ба талаботи ҷаҳон мувофиқ баста шавад. Мавриди зикр аст, ки агар Ҳиндустон дар ин давра ваксинаи дақикро ба даст меовард 2 сол лозим буд, ки 70%-и аҳолияшро ваксина намояд.

Дигар самти муҳиме, ки пандемия ба он такони ҷиддӣ бахшид, ин поён рафтани андозаи истеҳсолот, бекор мондани аҳолии осишта ва пайдошавии мушкилоти ҷиддӣ дар раванди муҳоҷират мебошад. Пандемияе, ки ба зудӣ тавонист масъалаи ҳалталаб барои тамоми бошандагони сайёраи ҷаҳон гардад, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳидустонро низ якбора дигаргун гардонид. Поёнравии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ баъд аз пайдоиши пандемия дар охирҳои соли 2019 оғоз гардид, ки суръати афзоиши ММД аз 6% поён рафт ва ин нисбат ба солҳои қаблӣ ба таври назаррас кам буд, вале ин ҳолат натавонист ҳукматдорони Ҳиндустонро аз хатари воқеӣ огоҳ созад. То моҳи марти соли 2020 ин нишондиҳанда то 2,1% коҳиш ёфт, ки ин боис гашт иқтисодиёти кишвар дар муҳлати камтарин якбора бо таъсири Covid-19 ба таври манфӣ дигаргун шавад (ниг. ба расми 7).

**Расми 7. Рушди воқеии Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) аз соли 2009 то 2021 (2020, 2021 – тахмин), %**
**Figure 7. Real growth of the Gross Domestic Product (GDP) from 2009 to 2021 (2020, 2021 – estimate), %**




Ҳамзамон, бо афзоиши беморӣи коронавирус Ҳиндустон ба кам намудани ҳаҷми истеҳсолот шуруъ намуд. Мувофиқи баҳогузории Бонки Рушди Осиё дар ин давра ҳаҷми фурӯши чакана якбора 20% коҳиш меёбад. Пурсишномае, ки охири моҳи майи соли 2020 дар Ҳиндустон гузаронида шуда буд, нишон дод, ки 35% корхонаҳои хурд ва миёна, 37% одамоне, ки беморӣи коронавирус водор сохта буд корро бас кунанд, иброз доштанд ки ҳанӯз маълум нест онҳо корро кай оғоз мекунанд [6].

Коҳиши вазъи иқтисодӣ якбора афзун гардида, ширкатҳо ва ҳатто бонкҳо паси ҳам ба муфлис гардидан оғоз намуданд. Якбора камшавии ҳаҷми истеҳсол дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мувофиқи маълумотҳои нодақиқ тақрибан аз 120 миллион нафар коргар аз ҷойи корашон маҳрум гардиданд. Соҳаи сайёҳӣ, бинобар баста шудани марзҳо ва ба реҷаи карантинӣ гузаштани аксарияти кишварҳои туристӣ пурра аз фаъолият бозмонда, инчунин яке аз манбаи муҳимми воридоти асъори хориҷӣ ба давлат, ки аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатии одамон ба амал меомад, аз байн рафт.

Бузургтарин маркази таҳлили Ҳиндустон Crisil дар моҳи майи соли 2020 тахмин кард, ки дар ҷамъбасти иқтисодии солҳои 2020-2021 эҳтимолан иқтисодиёт то 5% коҳиш ёфт [13]. Мутобиқи баҳогузории ин маркази таҳлилӣ, ин чорумин коҳиши бузурги иқтисодӣ дар таърихи Ҳиндустон аст ва аввалин зарбаи сахт пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва аз рӯйи низоми иқтисодиёт ё дарҳои кушод амалнамоиро оғоз карданаш (аз соли 1991 то ин ҷониб) маҳсуб меёбад (нигаред ба расми 3). Дар моҳи августи соли 2020 таъсири пандемия дар ҳисоботҳои қитсодии Ҳиндустон баръало аён гардид, ки коҳиш ёфтани ММД то ба 45% расид.

Натиҷаи ин равандҳои мураккаби иқтисодӣ сабабгори бо суръат паст гардидани даромади аҳолӣ гардида, талаботи мардумро нисбат ба молҳои босифат паст ва ҳаҷми хариди молҳоро то ба 3-маротиба коҳиш дод. Масалан, суръати фурӯши автомобили машҳур дар Ҳиндустон бо номи “BAJAJ” 70% кам гардид.

Талаботи асосии ташкили иҷрои ҳама гуна ҷазо, аз ҷумла маҳдуд кардани озодӣ риояи волоияти қонун дар фаъолияти муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ мебошад, ки иҷрои ҷазоҳо ба зиммаи онҳо вогузор шудааст. Кафолати асосии таъмини қонуният дар иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон ҳангоми адои ҷазо мебошад. Ба андешаи В.П. Марков, агар маҷмуи ҳуқуқҳо, озодиҳо, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои онҳо, ки ба маҳкумшуда тааллуқ доранд, бо қонун таъмин карда шуда бошад, танҳо дар он сурат он хусусияти мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо пайдо мекунад [11,с.356]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мазмуни мақоми ҳуқуқӣ баъзе муҳокимаҳо ҷой доранд. Масалан, Н.В. Витрук мақоми ҳуқуқии шахси воқеиро чунин муайян мекунад: «Ин низоми ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳое мебошад, ки аз ҷониби давлат эътироф ва тасдиқ карда шудаанд, инчунин, манфиатҳои қонунии шахсро ҳамчун субъекти ҳуқуқ муайян мекунанд» [5,с.23]. С.С. Алексеев чунин мешуморад, ки мақоми ҳуқуқӣ чунин унсурҳоро, ба монанди субъекти ҳуқуқӣ, доираи муайяни ҳуқуқҳои асосиро дар бар мегирад, ки мақоми ҳуқуқии шахсро дар ҷомеа муайян мекунанд [2,с.635]. Чунин мавқеъро Е.И. Козлов ва О.Е. Кутафин низ ишғол намудаанд. Онҳо вазъи (мақоми) ҳуқуқии шахс ва шаҳрвандро бо маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки ба ӯ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни татбиқи ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ба миён меоянд, алоқаманд мекунад [9,с.154]. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае оем, ки асоси мақоми ҳуқуқии шахсро ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои ӯ ташкил медиҳанд, ки дар қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд.

Ба андешаи В.И. Селиверстов, «иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда аз ҷониби маҳкумшудагон ва амалӣ гардонидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо низоми ҳуқуқии адои ҷазоро ташкил медиҳад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои дар назди ҷазо гузошташуда, пеш аз ҳама, ислоҳи маҳкумшудагон замина мегузорад. Танзими дақиқи мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон воситаи муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқии онҳо, бедор кардани эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар мебошад» [15,с.88]. Қонунгузор вазъи ҳуқуқии шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшударо муайян намуда, пеш аз ҳама, уҳдадориҳои онҳоро танзим мекунад. Чи тавре ки А.И. Зубков таъкид мекунад, «... ин аз уҳдадории иҷрои ҳукми суд бармеояд. Маҳкумшуда уҳдадор аст, ки ҷазоро бо тамоми сахтию маҳрумиятҳо, нангу номус, аз даст додани имтиёзу имкониятҳои муайян ва бисёр дигар оқибатҳои манфиаш адо намояд» [7,с.89]. Мақоми умумии ҳуқуқии шахсе, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудааст, бо хусусияти маҳдудиятҳои дахлдор, асосҳо ва тартиби татбиқи онҳо, асос ва тартиби бо ҷазои сабуктар ё вазнинтар иваз кардани маҳдуд кардани озодӣ, масъалаҳои мурофиавӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Мақоми соҳавӣ бояд бо чунин категорияҳо, ба монанди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшуда, уҳдадориҳои маҳкумшуда тавсиф карда шавад. Онҳое, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд, аз тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандони кишвар бо маҳдудиятҳое, ки аз қонун бармеоянд, истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили андешҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар шакли зарурӣ муқаррар карда нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ ба ин масъала ишора наменамояд. Танҳо аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳукми суд метавон оид ба таъин намудани ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ (ҳуқуқ, маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳои маҳкумшуда) шинос шуд, ки инҳо, дар маҷмуъ, мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо ифода менамоянд. Ҳамин тавр, мақоми ҳуқуқии маҳкумшуда гуфта, вазъи ҳуқуқии ӯро ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ фаҳмидан лозим аст, ки дар ҳуқуқу озодиҳо, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшуда ифода меёбад.

Маҳкумшудагоне, ки ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодиро адо мекунанд мавриди назорат ва контрол қарор дода мешаванд. Мақсади мушоҳида ва назорат аз болои рафтори маҳкумшудагон ин ба хотири аз ҷониби онҳо риоя шудани тартиботи муқарраргардидаи адои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ва пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав аз ҷониби онҳо мебошад. Оид ба масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, ба андешаи И.Р. Тулиев, назорат аз болои шахси ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда аз ҷониби маъмурияти муассисаи ислоҳӣ амалӣ карда шуда, аз назорат ва контроли маҳкумшуда дар маҳалли истиқомат ва ҷойи кори ӯ, инчунин, дар вақти ғайрикорӣ иборат мебошад [17,с.100]. Дар ин хусус В.П. Марков қайд мекунад, ки назорат бояд аз лаҳзаи ба муассисаи ислоҳӣ омадани маҳкумшуда муқаррар карда шавад. Маъмурият бояд аз лаҳзаи ба қайд гирифта шудани маҳкумшуда назоратро амалӣ намуда, минбаъд вазифадор аст, ки дар бораи омадани ҳар як маҳкумшуда фавран ба мақомоти корҳои дохилие, ки маҳкумшударо ба маркази ислоҳӣ фиристодааст ва ба суд, ки дар ҳаққи охирин ҳукм ё таъинот баровардааст ё ба маркази ислоҳӣ, ки маҳкумшуда аз он ҷо омадааст, хабар диҳад [11,с.370]. Мавриди зикр аст, ки чораҳои назоратӣ ва контролӣ ба назорати рафтори шахси ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда бо мақсади ошкор намудани вайронкунии тартиби адои ҷазо равона карда шудаанд.

Шахсоне, ки ба ҷазои маҳдуд кардани озодӣ маҳкум гардида, дар маркази ислоҳӣ адои ҷазо менамоянд, таҳти назорати маъмурияти ин марказҳо қарор дорад. Назорати маҳкумшудагон аз ҷониби кормандони маркази ислоҳӣ дар шакли мушоҳида ва назорат амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, маъмурияти ташкилоте, ки маҳкумшудагон дар он кор мекунанд, вазифадор аст рафтори онҳоро дар ҷараёни истеҳсолот оид ба риояи интизоми меҳнат назорат барад. Маъмурияти маркази ислоҳӣ метавонад бо мақомоти корҳои дохилӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳалли ҷойгиршавии маркази ислоҳӣ ва ҷойи кори маҳкумшуда дар самти назорати маҳкумшудагон ҳамкорӣ намоянд [16,с.257]. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи хусусиятҳои назорат дар хобгоҳҳо муҳокима карда нашудааст. Чунин ба назар мерасад, ки ташкили ин фаъолият бояд ба ташкили кори комендатураҳои махсуси қаблӣ монанд карда шавад. Ёдовар мешавем, ки дар комендатураҳо реҷаи махсуси дастрасӣ муқаррар карда шуда, маъмурият реҷаи ҳаррӯза, аз ҷумла соатҳои хоб ва истироҳатро таъмин намуда, инчунин, тавассути чорабиниҳои махсус (ташкил, тафтиши рӯйхат, кофтуков) риояи тартиботи қонуниро назорат мекунад. Мо чунин мешуморем, ки худи ҳамон усулҳои қонунӣ бояд асоси назорати маъмурияти маркази ислоҳӣ дар хобгоҳҳои махсусро ташкил диҳанд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти назоратӣ васеъ буда, баъзан анҷом додани он аз ҷониби як сохтор ва шахси муайян имконнопазир аст. Зеро вобаста ба маҳалҳо ва минтақаҳои дурдаст назорати маҳкумшуда дар маҳалли истиқомат душвориҳоро пеш меоварад. Бо назардошти ин, барои осонии кор мо пешниҳод менамоем, ки фаъолияти назоратию контролӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд: маҳаллӣ ва умумӣ. Фаъолияти маҳаллии назорат ва контрол татбиқи онҳоро дар минтақаи маҳдуд, чун қоида, дар маҳалли гузаронидани нозироти корҳои ислоҳӣ дар бар мегирад. Намунаи чунин фаъолиятҳо аз ташрифи давра ба давра ба нозироти дахлдор барои бақайдгирӣ ё занг задани телефони нозир ба воситаи телефони статсионарӣ, ки дар ҷойи истиқомати маҳкумшуда насб шудааст, иборат аст. Лозим ба қайд аст, ки фаъолияти умумии назорат ва контрол бо истифода аз воситаҳои электронии назорат ва контроли маҳкумшудагон амалӣ карда

мешавад. Мо ба мавқеи И.В. Борисенко мувофиқ мебошем, ки ба андешаи ӯ, истифодаи воситаҳои техникии назорат ва контрол се мақсадро пеш мегирад: пешгирӣ кардани ҷиноятҳое, ки аз тарафи шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда содир карда шудаанд; пешгирии вайронкунии тартиб ва шароити адои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ; гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи рафтори шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда [4,с.24].

Ҳамин тариқ, аз фаъолияти умумии назорат ва контроли нозироти корҳои ислоҳӣ нисбат ба шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшудагон ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар марҳилаи кунунӣ воситаҳои электронии назорат ва контрол дар амалияи татбиқи ҳуқуқ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. Аммо, истифодаи воситаҳои электронии нисбатан маҳдудкунундаи озодии шахс, хушбахтона, дар қонунгузории кишвар муқаррар карда нашудааст. Дар ин хусус, ба назари мо, мавқеи ишғолнамудаи Тоҷикистон дуруст мебошад. Зеро баъзе аз воситаҳои электроние дар кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд (аз ҷумла, дастмонаҳои электронӣ), ки онҳо доираи озодиҳои шахсро аз меъёр зиёд маҳдуд менамоянд. Ҳарчанд онҳо сифати назоратро беҳтар менамоянд, вале, аз як тараф, хароҷоти зиёдатӣ ва аз тарафи дигар, ба принсипҳои ҳуқуқи инсон мухолифат менамоянд.

Ба андешаи мо, сарфи назар аз камбудиҳои ошкоршудаи воситаҳои электронии назорат ва контрол баъзе аз онҳо (аз ҷумла камераҳои назоратӣ) дар ҷойҳои нигоҳдории маҳкумшудагон зарур мебошанд. Дар кишварҳои аврупоӣ, масалан, дар Шветсия, дастбандҳои ба ном электронӣ кайҳо боз васеъ истифода мешаванд. Ҳамин ки маҳкумшуда аз ҳудуди муқарраршуда мегузарад, сигнали махсус дода мешавад ва шахси масъул меояд. Дар баробари ин, арзиши дастбанд ва пули нигоҳдории он аз маҳкумшуда ситонида мешавад, ки дар як сол ҳудуди 2 ҳазор долларро ташкил медиҳад, бинобар ин маҳкумшуда ба воситаҳои техникии назорат эҳтиёткорона муносибат мекунад. Дар ҳудуди Русия бошад, дастбандҳои электронӣ то ҳол танҳо ба сифати як қисми таҷриба истифода мешаванд ва ҳанӯз пурра ҷорӣ карда нашудаанд [6,с.32]. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки чунин воситаҳои электронии маҳдудкунандаи озодии шахс барои кишвари мо номувофиқ мебошанд. Ҳамин тавр, назорати иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ маҷмуи чораҳоест, ки аз ҷониби муассисаи ислоҳӣ амалӣ карда мешавад, ки ба таъмини қатъии риояи қоидаҳои истиқомат, интизоми меҳнат ва тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби маҳкумшудагон дар ҷойи истиқомат дар ҳудуди маркази ислоҳӣ нигаронида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки раванди либерализатсия ва депенализатсия (аз ҷумла дар мамлакати мо) дар ҷустуҷӯи усулҳои мубориза зидди ҷиноятҷорӣ ҳоло тамоюли умумиҷаҳонӣ касб намудааст. Дар давоми чанд соли охир давлати мо дар бобати гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ аз таҷрибаи хориҷӣ бештар истифода мебарад. Яке аз мисолҳои барҷастаи ин раванд эҳёи ин намуди ҷазо ҳамчун маҳдуд кардани озодӣ мебошад, ки дар як қатор кишварҳои хориҷӣ маълум аст, ки давлати мо таҷрибаи татбиқи онро асосан аз худ кардааст. Дар ин хусус А.В. Звонов қайд мекунад, ки яке аз самтҳои муқовимат ба ҷиноятҳои имрӯза, ки аксари давлатҳои мутамаддини сайёра анҷом медиҳанд, истифодаи самараноки ҷазоҳоест, ки ба маҳрум сохтан аз озодии ҷиноятҷор алоқаманд нестанд [18,с.92]. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба масъалаи баррасишаванда аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаи иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ таҳлилҳои илмӣ гузаронида шудааст ва дар ин самт баъзе муҳокимаҳо ҷой доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷиҳати осон намудани омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ давлатҳоро шартан ба се гурӯҳ тақсим кардаанд [10,с.70]. Ба гурӯҳи якум давлатҳое дохил карда шудаанд, ки мутобиқи қонунгузории миллии онҳо маҳдуд кардани озодӣ дар муассисаҳои махсус адо карда мешавад. Сухан аз ҷумла, дар бораи чунин давлатҳо, монанди Белорус, Гурҷистон, Тоҷикистон меравад. Гурӯҳи дуюмро давлатҳое ташкил медиҳанд, ки дар қонунгузории ҷиноятии онҳо маҳдуд кардани озодӣ дар ҷойи истиқомати маҳкумшуда адо карда мешавад, масалан, Қазоқистон ва Литва. Гурӯҳи сеюм аз давлатҳое иборат аст, ки қонунгузории ҷиноятии онҳо ҷазоҳоеро дар бар мегирад, ки модели омехта дар шакли санҷиш амалӣ карда мешавад (Британияи Кабир, Ирландияи Шимолӣ, Олмон, Испания, Латвия, Молдова, ИМА, Фаронса, Шветсия).

Ҳамин тариқ, ин ҷазо дар давлатҳои гурӯҳи якум наметавонад ҳамчун воситаи маҷбуркунии алтернатива ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шавад. Мо чунин мешуморем, ки имрӯз баъзе қафомонӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии давлатҳои гурӯҳи якум аз суръати инкишофи қонунгузории як қатор давлатҳои аврупоӣ мавҷуданд. Муҳаққиқон таҷрибаи кишварҳои гурӯҳи якумро таҳлил намуда, чунин хусусиятҳои умумии қонунгузории давлатҳои гурӯҳи якумро нисбат ба ин намуди ҷазо муайян кардаанд: намуди махсуси муассисаи адои ин намуди ҷазо; мавҷудияти назорат аз болои маҳкумшудагон; синни ҳадди ақали таъин кардани ин ҷазо; муайян намудани рӯйхати шахсоне, ки ба онҳо маҳдуд кардани озодӣ дахл надорад. Мӯҳлати маҳдуд кардани озодӣ аз шаш моҳ то панҷ солро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ба давраи маҳдуд кардани озодӣ вақти зиёд аз як рӯз аз кор ё ҷойи истиқомати худ худсарона набудани маҳкумшуда дар бар намегирад. Инчунин, бояд қайд кард, ки барои ҳамаи давлатҳои ин гурӯҳ имкони ҳам иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҳам шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз ҷазо вуҷуд дорад [8,с.10-11].

Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноияи кишварҳои гурӯҳи I, метавон хулоса кард, ки ҳеҷ яке аз давлатҳои мазкур имкони истифодаи воситаҳои электронии назорат ва контролро нисбати шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда муқаррар накардааст, ки метавонад ба сифати адои ҷазо таъсири манфӣ расонад. Умуман, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои муҳаққиқон ва муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии давлатҳои гурӯҳи I чунин хусусиятҳоро қайд намудан бамаврид аст:

– маҳдуд кардани озодӣ дар кишварҳои гурӯҳи I дар муассисаи махсусгардонидашуда, одатан маркази ислоҳӣ амалӣ карда мешавад;

– аз болои маҳкумшудагон назорат вуҷуд дорад;

– дар як қатор давлатҳо синну соли ҳадди ақал барои таъини ин ҷазо муайян карда шудааст;

– муайян намудани рӯйхати шахсоне, ки нисбати онҳо маҳдуд кардани озодӣ татбиқ намегардад;

– иҷрои маҳдудиятҳои озодӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои якхелаи маҳкумшудагон, инчунин, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дахлдори маъмуриятро таъмин менамояд;

– мӯҳлати маҳдуд кардани озодӣ аз шаш моҳ то панҷ сол;

– ба давраи маҳдуд кардани озодӣ вақти аз як шабонарӯз зиёд дар ҷойи кор ё ҷойи истиқомат худсарона набудани маҳкумшуда дохил намешавад;

– имкони ҳам иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҳам шартан татбиқ накардани ҷазо мавҷуд аст.

Гурӯҳи дуюми давлатҳо низ дар қонунгузории худ як қатор меъёрҳои фарқкунандаро доранд. Зимни таҳлили қонунгузории давлатҳои гурӯҳи дуюм олимон баъзе хусусиятҳоро қайд кардаанд. Аввалан, маҳдуд кардани озодӣ дар ҷойи истиқомат сурат мегирад; дуюм, ба шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд, ҳам тибқи қонун ва ҳам дигар мамнуиятҳо ва (ё) ӯҳдадориҳо муқаррар карда мешаванд; сеюм, бо ҷаримаи пулӣ ба андозаи муқарраршуда иваз кардани маҳдудиятҳоро пешбинӣ мекунад; чорум, маҳдуд кардани озодӣ шартан татбиқ намегардад; панҷум, қисми адонашудаи маҳдуд кардани озодӣ метавонад бо ҳабс ё ҷарима иваз карда шавад (Ҷумҳурии Литва). Муҳим он аст, ки татбиқи ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ дар давлатҳои ин гурӯҳ истифодаи воситаҳои электронии назоратро дар назар дорад [8,с.12].

Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои қонунгузории давлатҳои дуюм ва андешаҳои олимон дар хусуси татбиқи ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ишора намудани чунин хусусиятҳоро зарур мешуморем:

– маҳдуд кардани озодӣ дар маҳалли истиқомат татбиқ карда мешавад;

– ба шахсони ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда ҳам мувофиқи муқаррароти пешбининамудаи қонун ва ҳам дигар манъкуниҳо ва (ё) ӯҳдадориҳо вогузор карда мешавад;

– барои ба андозаи муқарраргардида иваз намудани маҳдудиятҳо бо ҷаримаи пулӣ пешбинӣ карда мешавад;

– маҳдуд кардани озодӣ шартан татбиқ намегардад;

– қисми адонашудаи маҳдуд кардани озодиро метавон бо ҳабс ё ҷарима (масалан, Литва), бо маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷарима (масалан, Полша) иваз кард;

– маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз се моҳ то ду сол муқаррар карда мешавад;

– ҳангоми маҳдуд кардани озодӣ истифодаи воситаҳои электронии назорат таъмин карда мешавад.

Қонунгузории давлатҳои гурӯҳи 3-ро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки гурӯҳи сеюм аз давлатҳое иборат аст, ки қонунгузории ҷиноятии онҳоро ҷазоҳое дар бар мегирад, ки модели омехта дар шакли санҷиш амалӣ карда мешавад (Британияи Кабир, Ирландияи Шимолӣ, Олмон, Испания, Латвия, Молдова, ИМА, Фаронса, Шветсия). Намунаи барҷастаи чунин тадбирҳо хадамоти пробатсия мебошад, ки дар ИМА, Шветсия, Англия ва Латвия таъсис ёфта, бомуваффақият истифода мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши масъалаи мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба ҷазои маҳдуд кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд, як қатор хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ мавқеи хосса дошта, нисбат ба дигар ҷазоҳое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманданд, нисбатан инсондӯстона мебошад. Зеро дар ин ҷазо ҳарчанд ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда маҳдуд карда шаванд ҳам, вай аз ҷомеа дур намешавад ва ҷомеа яке аз муассиртарин воситаи ислоҳи маҳкумшуда маҳсуб меёбад. Ҷазои мазкур ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат мувофиқ мебошад. Дар замони муосир ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кӯшиш намуда истодаанд, ки низоми ҷазоҳои ҷиноятии худро гуманизатсия намуда, самти фаъолиятро на бахри ҷазодиҳӣ, балки бахри татбиқи мақсадҳои ҷазо, аз ҷумла ислоҳи маҳкумшуда равона созанд.

2. Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар шакли зарурӣ муқаррар карда нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ ба ин масъала ишора наменамояд. Танҳо аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳукми суд метавон оид ба таъин намудани ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ (ҳуқуқ, маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳои маҳкумшуда) шинос шуд, ки инҳо дар маҷмуъ мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо ифода менамоянд. Ҳамин тавр, мақоми ҳуқуқии маҳкумшуда гуфта, вазъи ҳуқуқии ӯро ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ фаҳмидан лозим аст, ки дар ҳуқуқу озодиҳо, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшуда ифода меёбад.

3. Дар марҳилаи кунунӣ воситаҳои электронии назорат ва контрол дар амалияи татбиқи ҳуқуқ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. Аммо, истифодаи воситаҳои электронии нисбатан маҳдудкунандаи озодии шахс, хушбахтона, дар қонунгузории кишвар муқаррар нашудааст. Дар ин хусус, ба назари мо, мавқеи ишғолнамудаи Тоҷикистон дуруст мебошад. Зеро баъзе аз воситаҳои электроние дар кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд (аз ҷумла, дастмонаҳои электронӣ), ки онҳо доираи озодиҳои шахсро аз меъёр зиёд маҳдуд менамоянд. Ҳарчанд онҳо сифати назоратро беҳтар менамоянд, вале аз як тараф, хароҷоти зиёдатӣ ва аз тарафи дигар, ба принсипҳои ҳуқуқи инсон мухолифат менамоянд.

4. Назорати иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ маҷмуи чораҳоест, ки аз ҷониби муассисаи ислоҳӣ амалӣ карда мешавад, ки ба таъмини қатъии риояи қоидаҳои истиқомат, интизоми меҳнат ва тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби маҳкумшудагон дар ҷойи истиқомат дар ҳудуди маркази ислоҳӣ нигаронида шудааст.

5. Зимни таҳлилу омӯзиши қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

– маҳдуд кардани озодӣ дар давлатҳои гурӯҳи 1 дар муассисаи махсусгардонидашуда, одатан маркази ислоҳӣ амалӣ карда мешавад; дар давлатҳои гурӯҳи 2 дар ҷойи истиқомати маҳкумшуда; дар давлатҳои гурӯҳи 3 модели омехта дар шакли санҷиш амалӣ карда мешавад;

– назорат аз болои маҳкумшудагон дар давлатҳои ҳамаи гурӯҳҳо сурат мегирад;

– воситаҳои электронии назорат ва контрол аз болои маҳкумшудагон танҳо дар давлатҳои гурӯҳҳои 2 ва 3 таъмин карда мешаванд;

– ба шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ ё чораҳои ба ин монанд маҳкум шудаанд, як қатор уҳдадориҳо ва манъкуниҳо ё танҳо уҳдадориҳо гузошта шудаанд;

– номгӯйи уҳдадориҳо ва (ё) мамнуъиятҳо барои шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ ё чораҳои шабеҳ маҳкум шудаанд, мумкин аст васеъ карда шаванд.


**АДАБИЁТ**

1. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук / У.А.Азизов. - Душанбе, 2015. – 414 с.
2. Алексеев, С.С. Право. Опыт комплексного исследования / С.С. Алексеев. – М., 1999. – 712 с.
3. Бирюкова, Е.А. Наказание в виде ограничения свободы: законодательство и практика назначения и исполнения / Е.А. Бирюкова // Бюллетень науки и практики. – 2018. – Т. 4. – №5. – С. 524-531.
4. Борисенко, И.В. Организация и правовые основы деятельности уголовно-исполнительных инспекций в сфере предупреждения повторных преступлений осужденных, состоящих на их учете: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Псков, 2012. – 223 с.
5. Витрук, Н.В. Правовой статус личности в СССР / Н.В. Витрук. –М., 1985. – 176 с.
6. Звонов, А.В. О проблемах исполнения наказания в виде ограничения свободы / А.В. Звонов // Преступление. Наказание. Исправление // Вестник Вологод. ин-та права и экономики ФСИН России. – 2011. – № 14. – С. 30-32.
7. Зубков, А.И. Проблемы корректировки государственной политики борьбы с преступностью в России / А.И. Зубков // Власть: криминологические и правовые проблемы. Российская криминологическая ассоциация. – М., 2000. – С. 25-34.
8. Иванцов, С.В. Законодательство государств постсоветского пространства о назначении и исполнении наказания в виде ограничения свободы / С.В. Иванцов, Е.В. Колбасова // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2018. – № 2 (69). – С. 9-13.
9. Козлов, Е.И. Конституционное право России / Е.И. Козлов, О.Е. Кутафин. – М., 1998. – 500 с.
10. Колбасова, Е.В. Правовое регулирование исполнения наказания в виде ограничения свободы: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2016. – 260 с.
11. Марков, В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ]: дис. ... д-ра юрид. наук / В.П. Марков. – СПб., 2007. – 447 с.
12. Минстер, М.В. Реализация международных стандартов, регулирующих положение женщин, осужденных к лишению свободы в России и за рубежом М.В. Минстер // Библиотека уголовного права и криминологии. – 2018. – №2 (26). – С. 110-122.
13. Минстер, М.В. Практика исполнения уголовного наказания в виде принудительных работ / М.В. Минстер, М.В. Фоминых // III Международный пенитенциарный форум «Преступление, Наказание, Исправление». – М.: Академия ФСИН России. – 2017. – С. 192-194.
14. Минязева, Т.Ф. Ограничение свободы как альтернатива лишению свободы / Т.Ф. Минязева, Д.А. Добряков // Уголовно-исполнительное право. – 2017. – Т.12. – №2. – С. 170-174.
15. Селиверстов, П.И. Правовое положение лиц, отбывающих наказания // Уголовно-исполнительное право / П.И. Селиверстов. Под ред. И.В. Тамарова. – М., 1996. – 418 с.
16. Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И.Ғаниев, П.Н. Наврӯзова. – Душанбе, 2018. – 636 с.
17. Тулиев, И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дис. ... канд. юрид. наук / И.Р. Тулиев. – М., 2010. – 217 с.
18. Ходжалиев, С.А. Исполнение наказания в виде ограничения свободы / С.А. Ходжалиев // Закон и право. – 2019. – №10. – С. 92-94.



**МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНЕ, КИ БА МАҲДУД КАРДАНИ ОЗОДӢ МАҲКУМ ШУДААНД**

Дар мақолаи мазкур масъалаи мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъала андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузориро таҳлил намуда, мақоми ҳуқуқии шахсонеро, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум карда шудаанд, муайян намудааст. Зимни таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ мавқеи хосса дошта, нисбат ба дигар ҷазоҳое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманданд, нисбатан инсондӯстона мебошад. Зеро дар ин ҷазо ҳарчанд ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшуда маҳдуд карда шаванд ҳам, вай аз ҷомеа дур намешавад ва ҷомеа яке аз муассиртарин воситаи ислоҳи маҳкумшуда маҳсуб меёбад. Ҷазои мазкур ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат мувофиқ мебошад. Дар замони муосир ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кӯшиш намуда истодаанд, ки низоми ҷазоҳои ҷиноятии худро гуманизатсия намуда, самти фаъолиятро на бахри ҷазодиҳӣ, балки бахри татбиқи мақсадҳои ҷазо, аз ҷумла ислоҳи маҳкумшуда равона созанд. Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии маҳкумшудагон дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар шакли зарурӣ муқаррар карда нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ ба ин масъала ишора наменамояд. Танҳо аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳукми суд метавон оид ба таъин намудани ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ (ҳуқуқ, маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳои маҳкумшуда) шинос шуд, ки инҳо дар маҷмуъ мақоми ҳуқуқии маҳкумшударо ифода менамоянд. Ҳамин тавр, мақоми ҳуқуқии маҳкумшуда гуфта, вазъи ҳуқуқии ӯро ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ фаҳмидан

лозим аст, ки дар ҳуқуқу озодиҳо, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшуда ифода меёбад.

**Калидвожаҳо:** мақоми ҳуқуқӣ, маҳдуд кардани озодӣ, иҷрои ҷазо, корҳои ислоҳӣ, адои ҷазои ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳдудият ва уҳдадорӣ, маҳкумшуда.

## ПРАВОВОЙ СТАТУС ЛИЦ, ОСУЖДЕННЫХ К ОГРАНИЧЕНИЮ СВОБОДЫ

В данной статье анализируется и обсуждается вопрос правового статуса лиц, осужденных к лишению свободы. Исследуя проблему, автор проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и нормы законодательства, определил правовой статус лиц, осужденных к ограничению свободы. В ходе исследования автор пришел к выводу, что наказание ограничением свободы занимает особое место в системе уголовных наказаний и является более гуманным, чем другие наказания, связанные с лишением свободы. Потому что при этом наказании, даже если права и свободы осужденного ограничены, он не покидает общество, а общество считается одним из наиболее эффективных средств исправления осужденного. Данное наказание соответствует уголовно-правовой политике государства. В настоящее время все страны мира стараются гуманизировать свою систему уголовных наказаний, направить свою деятельность не на наказание, а на реализацию целей наказания, в том числе на исправление осужденных. Исследование автора показывает, что понятие правового статуса осужденных в уголовно-правовой литературе не закреплено в необходимой форме. Уголовное законодательство и исполнение уголовных наказаний также не затрагивают этот вопрос. Только из содержания норм уголовного законодательства, законодательства об исполнении уголовного наказания и приговора суда можно узнать о назначении наказания в виде ограничения свободы (прав, ограничений и обязанностей осужденного), которые в целом отражают правовой статус осужденного. Таким образом, под правовым статусом осужденного следует понимать его правовое положение во время исполнения наказания в виде ограничения свободы, которое выражается в правах и свободах, обязанностях и ограничениях, установленных законодательством для осужденного.

**Ключевые слова:** правовой статус, ограничение свободы, исполнение наказания, исправительные работы, отбывание уголовного наказания, уголовная ответственность, уголовно-испольнителный инспекция, ограничения и обязательства, осуждённый.

## LEGAL STATUS OF PERSONS SENTENCED TO RESTRICTION OF FREEDOM

This article analyzes and discusses the issue of the legal status of persons sentenced to imprisonment. Investigating the problem, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and legal norms, determined the legal status of persons sentenced to restriction of freedom. In the course of the study, the author came to the conclusion that punishment by restriction of freedom occupies a special place in the system of criminal penalties and is more humane than other punishments associated with imprisonment. Because with this punishment, even if the rights and freedoms of the convicted person are limited, he does not leave society, and society is considered one of the most effective means of correcting the convicted person. This punishment corresponds to the criminal legal policy of the state. In modern times, all countries of the world are trying to humanize their system of criminal punishments, to direct the focus of activities not on punishment, but on the implementation of the goals of punishment, including the correction of convicts. The author's research shows that the concept of the legal status of convicts in criminal law literature is not fixed in the required form. Criminal legislation and the execution of criminal penalties also do not address this issue. Only from the content of the norms of criminal legislation, legislation on the execution of criminal punishment and a court verdict can one learn about the imposition of punishment in the form of restriction of freedom (the rights, restrictions and responsibilities of the convicted person), which generally reflect the legal status of the convicted person. Thus, the legal status of a convicted person should be understood as his legal status during the execution of a sentence in the form of restriction of freedom, which is expressed in the rights and freedoms, responsibilities and restrictions established by law for the convicted person.

**Keywords:** legal status, restriction of freedom, execution of punishment, correctional work, serving a criminal sentence, criminal liability, penal injunction, restrictions and obligations, convicted person.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, ш. Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 988-55-45-75.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление**. Адрес**: 735700, г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э. Мухиддин, 63. Телефон: **(+992) 988-55-45-75**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zokirzoda Zafar Khairullo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. **Address**: 735700, Garm, st., Republic of Tajikistan, E. Mukhiddin street, 63. Phone: **(+992) 988-55-45-75.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

ТДУ: 343:336.7(575.3)

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДИГАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶИ ДУР

*Раҳмонзода М.Ҷ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рӯ овардан ба таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ имконияти муаррифии низоми ҳуқуқии миллиро мутаносибан ба низоми ҳуқуқии давлатҳои дигар медиҳад, зеро чи тавре Рене Давид менависад: «Ҷаҳон ягона шудааст. Мо наметавонем аз одамоне, ки дар дигар давлатҳо ва қисмҳои курраи замин зиндагӣ мекунанд худро ҷудо намоем. Ҳамкории дахлдори байналмилалӣ талаб менамояд, ки мо тирезаи худро кушода ба ҳуқуқи хориҷӣ нигоҳ андӯзем» [2,с.5]. Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи давлатҳои хориҷӣ, ба истиснои давлатҳои аъзои ИДМ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми татбиқи принсипҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолиятҳои ғайриқонунии бонкӣ онҳо аз нуқтаи назари консептуалӣ ва фарқиятҳои муайян таркиб ёфтаанд. Ба ақидаи мо, маҳз ин гуна фарқиятҳо метавонанд маводҳои заруририро барои дарки хусусиятҳои принсипиалии ҷавобгарӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар Тоҷикистонро диҳанд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, диққати асосӣ ба қонунҳои ҷиноятии давлатҳои назди баҳри Балтик (КҶ Ҷумҳуриҳои Эстония, Латвия, Литва), КҶ Гурҷистон, инчунин қонунҳои ҷиноятии Австралия, Австрия, Англия, Аргентина, Афғонистон, Булғористон, Дания, Испания, Иёлоти муттаҳидаи Амрико (минбаъд – ИМА), Олмон, Чин, Ҳоландия, Ҷопон ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти бонкиро ба танзим медароранд, дода шудааст.

Пеш аз он ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкии дар КҶ ҶТ пешбинишударо бо дигар давлатҳои хориҷӣ анҷом диҳем, қайд кардан зарур аст, ки ҳар як давлатҳои зикршуда ба низоми гуногуни ҳуқуқии ҷиноятӣ шомил мешаванд. Вобаста ба оилаҳои ҳуқуқӣ чунин низоми ҳуқуқии ҷиноятиро ҷудо мекунанд: ҳуқуқи умумӣ (низоми ҳуқуқи ҷиноятии англосаксонӣ), ҳуқуқи романо-олмонӣ, ҳуқуқи сотсиалистӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқи ҷамъиятӣ (ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи Ҳиндустон, низоми ҳуқуқии Шарқи Дур, низоми ҳуқуқии Африқо). Ҳар як низоми ҳуқуқӣ хусусиятҳо, афзалиятҳо ва норасоиҳои худро доро мебошад» [12,с.107-110].

Дар замони муосир диққати махсус ба созишномаҳои байналмилалӣ, ки байни давлатҳо баста мешавад дода шудааст, зеро имрӯз нақши принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи баланд қарор доранд. Олимони ватании соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин ақида доранд, ки принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ шинохта шаванд. Ин ҳолатро бо он асоснок мекунанд, ки дар м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд»» [1,с.69]. Ба ақидаи Р.Ҳ. Раҳимзода созишномаҳои байналмилалӣ ҳамчун таҳкурсии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, ки дар асоси онҳо принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвият карда мешаванд, лекин худ аз худ созишномаҳои байналмилалӣ сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ шуда наметавонанд, чунки онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар наменамоянд» [16,с.217].

Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бо баробари пайдоиши аввалин бонкҳо пайдо шуда, онҳо дар намуди қаллобӣ ва муфлисшавӣ содир карда мешуданд. Барои он ки дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ маълумот дошта бошем, зарур аст, ки ба таҳлили қонунҳои ҷиноятии ин давлатҳо рӯ орем.

Кодекси ҷиноятии Дания дар боби 14 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» меъёреро (§131) муқаррар намудааст, ки мувофиқи он «ҳар шахс агар бе ваколати давлатӣ ҳаракатеро содир намояд, ки барои содир намудани он ҳуқуқ талаб карда мешавад ё ҳаркати худро новобаста аз он ки ҳуқуқи ӯ маҳрум карда шудааст давом медиҳад, ... ҷазо дода мешавад». Чунин ба назар мерасад, ки ба ин гуна кирдор анҷом додани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ки бе бақайдгирии дахлдор ё бе иҷозатнома содир шудааст, дохил

мешавад. Ба сифати ҷиноят чунин ҳолат, ки ташкилот ҳуқуқи амали намудани фаъолияти бонкиро дошт, лекин бо сабабҳои қонунӣ ин ҳуқуқи ӯ маҳрум гардид ва ӯ ба ин нигоҳ карда фаъолияти худро қатъ нанамуд, баромад карда метавонад. Тадқиқи қонунгузории Дания дар самти ҳифзи фаъолияти қонунии бонкӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолати набуди иҷозати махсус барои амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ бо банди 131 КҶ Дания сурат мегирад. Ҳамин тавр, дар мувофиқа ба КҶ ҶТ дар КҶ Дания меъёри (моддаи) махсус вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё меъёри умумӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои соҳибкории ғайриқонунӣ ҷой надорад.

Дар қонуни ҷиноятии Испания низ меъёри махсус вобаста ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муқаррар накардааст. Ин масъала умуман тавассути қонунгузории бонкӣ, аз ҷумла Қонун дар бораи фаъолияти бонкӣ аз 11 декабри соли 1946, Қонун дар бораи фаъолияти кредитӣ ва бонкӣ аз 14 апрели соли 1962, Қонун дар бораи ташкил ва танзими фаъолияти кредитии давлатӣ аз 19 июни соли 1971 мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешавад. Ба ҳайси санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ Декрет оид ба тартиби таъсиси бонкҳои хусусӣ ва филиал, шуъбаҳо, инчунин намояндагиҳои ташкилотҳои кредитии хориҷӣ аз 30 сентябри соли 1988 баромад мекунад. Мувофиқан ба ин Декрет иҷозат барои таъсиси бонки хусусӣ аз ҷониби Вазорати иқтисод ва молияи Испания бо тавсияи пешакии Бонки Испания дода мешавад. Ҳамчунин санадҳои локалӣ ва низомномаву дастурҳои Бонки Испания оид ба масъалаи фаъолияти кредитии ташкилотҳои бонкӣ ҷиҳати пешгирии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ нақши муҳимро мебозанд.

Ҳарчанд, ки қонуни ҷиноятии Испания фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ҳамчун таркиби алоҳида ҷудо накарда бошад ҳам, барои чунин кор шахсро бо м. 403 КҶ Испания» [4] барои машғул шудан ба фаъолияти касбӣ, ки доштани унвони касбиро талаб менамояд, ҳамчунин бе тайёрии касбӣ ва бе ваколатҳои қонунӣ иҷро намудани ин фаъолият ҷиноят мебошад. Дар амал сухан оид ба амалӣ намудани фаъолияте, ки иҷозатномаи махсусро талаб менамояд, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ, меравад.

Қонуни ҷиноятии амалкунандаи Олмонро» [3] тавсиф дода, қайд кардан ба маврид аст, ки он ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии имрӯзаро инъикос менамояд, зеро қонуни ҷиноятӣ ҳамон қадар самаранок бошад, ҳамон қадар бештар хусусиятҳои иқтисодӣ дар он инъикос мегарданд. Аз соли 1975 инҷониб ба Қонуни ҷиноятии Олмон тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда мешавад. Меъёр оид ба қаллобӣ ва сӯиистифодаи боварӣ дар фасли 22 Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳамин тавр, м. 263 Қонуни ҷиноятии Олмон қаллобиро ҳамчун бо мақсади барои худ ё шахси ғайриқонунӣ гирифтани даромади молӣ, бо расонидани зарари молу мулкӣ ба дигар шахс, ки бо роҳи таҳрифи нодурусти далелҳо, вайрон ё пинҳон намудани фактҳои аслӣ ба гумроҳӣ меоварад ё гумроҳиро тарафдорӣ мекунад, маънидод менамояд» [14,с.85]. Қонуни ҷиноятии Олмон ба сифати моддаи алоҳида «Гирифтани субсидия бо роҳи қаллобӣ» (§ 264), «Қаллобӣ дар соҳаи суғурта» (§ 265), «Гирифтани хизматрасонӣ бо роҳи бевиҷдонона» (§ 265-а), «Фиребе, ки бо кредитикунонӣ алоқаманд аст»-ро (§ 265-б) ҳамчун ҷиноятҳое, ки бо фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ алоқаманд аст, мустаҳкам кардааст.

Ҳамин тавр, ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ки дар м. 263 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар Олмон ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда мешавад ва чунин тавсияи ҷиноят кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳангоми бандубасти ҷиноят осон менамояд.

Мувофиқан ба қонуни ҷиноятии Фаронса намуди асосии ҷиноята, ки бо вайрон кардани гузаронидани амалиётҳои бонкӣ алоқаманд аст, қаллобӣ мебошад. Дар давраи давлатдории Наполеон Бонапарт соли 1810 Кодекси ҷиноятӣ қабул гардид ва он то соли 1992, замоне, ки Кодекси нави ҷиноятии Фаронса қабул гардид амал мекард ва ба ақидаи профессор И.Д. Козочкин маҳсули намунавии мактаби классикии ҳуқуқ буд»[15, с.97]. Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Фаронса ба таври дахлдор муқарраroти Кодекси Наполеонро вобаста ба вайрон намудаи қоидаҳои гузаронидани амалиётҳои бонкиро дигаргун накард ва он қаллобӣ ё намуди дигари фиреб ифода мегардад. Айни ҳол қонунгузории Фаронса барои қаллобӣ дар соҳаи амалиёти ғайриқонунии бонкӣ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол, ҷарима ва барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ муқаррар намудааст. Намудҳои ҷазо гувоҳи онанд, ки дар Фаронса субъекти ин

ҷиноят дар баробари шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ низ шуда метавонанд, лекин чунин таҷриба дар амалия чандон ба чашм намерасад. Ҷазо дар КҶ Фаронса назар ба қонуни ҷиноятии Тоҷикистон барои содир намудани кирдоре, ки дар КҶ ҶТ ҳамчун фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бандубаст мешавад, сахттар мебошад. Дар ҶТ барои чунин кирдор ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол татбиқ мегардад.

Низоми бонкии Англия аввалин дар минтақаи Аврупо мебошад. Мувофиқи Қонун «Дар бораи Бонк» соли 1694 расман Бонки Англия таъсис дода шуд, ки он ба таври фаъол ба кредитикунонии соҳаи савдову саноат машғул буд. Маҳз дар ҳамин давра додани иҷозатнома барои машғул шудан ба фаъолияти алоҳидаи амалиёти бонкӣ, ба хусус эмиссия дода шуд. Иҷозатнома танҳо аз ҷониби ҳукумат дода мешуд. Чунин ҳолат аз низоми мукаммали гузаронидани амалиёти бонкӣ ва контроли он нисбат ба давлатҳо Олмон, Фаронса ва давраи тошӯравии Тоҷикистон шаҳодат медод.

Намуди асосии ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми амалӣ намудани амалиёти бонкӣ дар он ифода меёфт, ки бештари ташкилотҳои хусусӣ ба баровардани вексел ба миқдори бемаҳдуд ва берун аз назорати давлат, инчунин баровардани воситаҳои дигари ҳисоббаробаркунӣ машғул буданд, ки оқибат ба бозхонди иҷозатнома оварда мерасонд.

Дар Англия ба монанди дигар давлатҳои Аврупо қаллобӣ бештар доман паҳн намуда буд, ки моҳияти он дар бадастоварии молу мулки манқул ё пул тавассути ба гумроҳӣ андохтани муштариён ифода мегардид. Ин таркиби ҷиноят ба қонунгузории ҷинояти Англия соли 1757 ворид карда шуд ва ба он ҳолатҳое паҳн меградид, ки бо роҳи фиреб коғазҳои қиматнокро тартиб ё имзо менамуданд, кредит мегирифтанд ва бо роҳи ба гумроҳи андохтан ба сармоягузорӣ маҷбур мекарданд. Ҷазо барои чунин кирдор дар намуди ба маҳбас андохтан татбиқ карда мешуд» [12,с.332].

Қонунгузории ҷиноятии муосири Англия дар бештар маврид анъанаҳои гузаштаро ҳифз намуда, фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ба гурӯҳи ҷиноятҳои хоҷагидорӣ ворид намудааст. Ба он, бахусус намудҳои зерини ҷиноятҳо дохил мешаванд: ҷиноятҳое, ки аз тарафи кормандони бонк, саҳмдорон, инчунин роҳбарони ширкатҳо, ки фаъолияти бонкиро бе иҷозатномаи дахлдори Бонки марказии Англия, бо мақсади даромади иловагӣ гирифтан содир мешаванд. Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муддати тӯлонӣ ҳамчун намуди қаллобӣ фаҳмида мешуд. Соли 1987 бо Санад дар бораи фаъолияти бонкӣ меъёри махсус, яъне м. 35 ворид карда шуд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои «нияти қаллобонаи гирифтани саҳм» пешбинӣ намуд. Мувофиқан ба он дар содир намудани ҷиноят шахсе эътироф мешавад, ки агар:

а) тасдиқ, ваъда ё пешбининамоии ӯ шахсро ба гумроҳӣ мебарад ё бо роҳи дуруғ, фиреб ё бевиҷдонона фактҳои воқеиро пинҳон менамояд;

б) бо роҳи дурӯғ ё фиреб беэҳтиётона тасдиқ, ваъда ё пешбинӣ менамояд, ки он шахсро ба гумроҳӣ мебарад.

Нишонаи муҳимми бандубасти ҷиноят чи тавре, ки дар он нишон дода шудааст, тарафи субъективии он буда, дар мақсади ҷиноят ифода мегардад. Мақсадро ба роҳбари гирифта шахс вазифадор мегардад, ки на танҳо оиди ҷой доштани ягон ҳолат (факт) изҳороти бардурӯг медиҳад, балки онро бо мақсади водор намудани ҷабрдида ё шахси сеюм оиди гузоштани саҳм ё худдорӣ намудан аз гузоштани он ё бастан ё худдорӣ намудан аз бастани созишнома бо мақсади амалӣ намудани чунин саҳм, содир менамояд, менависад Е.В. Чупрова» [17,с.55].

Барои баҳои ҳуқуқӣ изҳорот тасдиқ, ваъда ё пешбинӣ бардурӯғ буданд ё пинҳон намудани фактҳое, ки барои қабули қарор муҳим буданд, аҳамият надорад. Субъект барои қаллобӣ, яъне барои водор намудан барои гузоштани саҳм, ҳамчунин фиреби бадқасдона ё ин ки шахс аз беэҳтиётӣ ҷабрдидаро барои содир намудани ҳаракати зикршуда водор месозад, гунаҳгор эътироф карда мешавад. Ин гувоҳи он аст, ки тарафи субъективии ин ҷиноят дар гуноҳ дар намуди ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётӣ ифода мегардад. Мақсад ва ангезаи ҷиноят барои бандубасти он аҳамият надоранд.

Ҳамин тавр, қонунгузории ҷинояти Англияро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки то имрӯз меъёри мустақил барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҷой надорад ва ин кирдор ҳамчун яке аз намудҳои қаллобӣ бандубаст карда мешавад.

Қонунгузории ИМА таҳти таъсири низоми ҳуқуқии англисӣ ташаккул ёфтааст, бинобар ин, ҳуқуқи ҷиноятии Амрико низ асосан ин анъанаро дар худ нигоҳ доштааст. Аввалин бонки тиҷоратии ИМА, ки ҳуҷҷати расмӣ оид ба амалӣ намудани амалиёти бонкиро соҳиб шудааст, Бонки шимолии Амрико буда, соли 1781 дар Филаделфия ташкил ёфтааст.

Низоми ҳуқуқии Амрико ба ҳуқуқи одатӣ ва ҳолати вазъи англисӣ асос ёфтааст. Ҳангоми баррасии статутҳо аз ҷониби штатҳои амрикоӣ дар асри XIX мушоҳида намудан мумкин аст, ки предмети фиреб, ба ғайр аз пул ва молу мулк, инчунин имзои шахси дигар дар ҳуҷҷат-уҳдадорӣ, вексел ва дигар коғазҳои қиматнок баромад карда метавонист. Чунин ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти бонкӣ бо ҷарима ва дар баъзе ҳолатҳо бо корҳои ислоҳӣ ҷазо дода мешуд» [9,с.230].

Дар замони имрӯза доираи субъектҳои ҷиноятҳои бонкӣ васеъ гардидааст. Ба он на танҳо шахсони воқеӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои бонкӣ) низ дохил мешаванд. Ба монанди, ширкатҳои саҳҳомӣ, ки на кам аз 25% саҳмияҳои як ё зиёда бонкҳоро, ки дар баробари гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, инчунин ба дигар фаъолиятҳо, аз ҷумла идоракунии молу мулк дар асоси боварӣ, иҷораи таҷҳизот, додани машварат оид ба ҷойгиркунии сармоя ва ғайра машғуланд» [11,с.152].

Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ одатан дар намуди сохтакории ҳуҷҷатҳо ва фиреб содир мегардад. Мафҳуми ин ҷиноятҳо дар м. 224.1 «Сохтакории ҳуҷҷатҳо», м. 224.5 «Чекҳои беэътибор», м. 224.6 «Кортҳои кредитӣ», м. 224.10 «Фиреби кредиторон оид ба таъмини қарз», м. 224.11 «Фиреб ҳангоми муфлисшавӣ», м. 224.12 «Қабули депозитҳо дар ташкилотҳои молиявии муфлисшуда» Кодекси намунавии ИМА пешбинӣ гардиааст» [10]. Моҳияти ин ҷиноятҳо дар фиреб ва ба гумроҳӣ андохтан ифода мегардад. Дар муқоиса бо КҶ ҶТ ин ҷиноятҳо таркиби мустақил буда, ҳамчун ҷинояти алоҳида баромад мекунанд ва ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тааллуқ надошта, ба гурӯҳи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ дохил мешаванд.

Дар мамлакатҳои Осиё ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ то ҳадди имкон нисбат ба қонунгузории Аврупо тафсил дода шудааст. Ин ҳолат пеш аз ҳама аз хусусиятҳои инкишофи иқтисодии ин давлатҳо вобаста аст. Яке аз чунин давлатҳо Чин ба шумор меравад. Дар Чин чор намуди гуногуни банкҳо – давлатӣ-сиёсӣ, давлатӣ-тиҷоратӣ, саҳҳомӣ-тиҷоратӣ ва шаҳрӣ амал мекунанд. Қисмати бештари активҳои бонкӣ дар ин давлат байни бонкҳои давлатӣ-тиҷоратӣ тақсим карда шудааст. КҶ Чин, ки 14 марти соли 1997 қабул шудааст, барои қаллобии молиявӣ, ки аз ҳафт таркиби алоҳида, ба монанди қаллобӣ дар соҳаи муносибатҳои кредитӣ, векселҳои молиявӣ, суғурта, аккредитив ва ғайра иборат аст, ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд» [5].

Дар боби 3 КҶ Чин – «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби бозори иқтисодии сотсиалистӣ» ҷой гирифтааст ва он ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахсони зерин муқаррар кардааст:

а) кормандони бонк ё мақомоти молиявӣ, ки бо вайрон намудани қонунгузорӣ ва меъёрҳои маъмурӣ кредитро ё пешниҳод намудани шартҳои имтиёзнок оиди гирифтани кредитро ба шахсони наздики худ нисбат ба дигар шахсон пешниҳод менамоянд, агар ин кирдор боиси расонидани зарари калон гашта бошад;

б) кормандони бонк ё мақомоти молиявӣ, ки бо вайрон намудани қонунгузорӣ ва меъёрҳои маъмурӣ кредитро ба шахсони дигар додаанд ва ин кирдор боиси бавуҷуд омадани зарари калон гашта бошад.

М. 187 КҶ Чин ҷавобгариро барои аз ҷониби кормандони бонк ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои молиявии мизоҷон ба фоидаи худ бо мақсадҳои амалиёти қаллобӣ ва ғайриқонунӣ додани кредит, агар ин кирдор боиси бавуҷуд омадани зарари назаррас гашта бошад ё боиси расонидани зарари калон гашта бошад» [6,с.69].

Аз таҳлили меъёрҳои КҶ Чин бармеояд, ки қонунгузор субъекти ин ҷиноятро бевосита дар КҶ нишон додааст, ки онҳо кормандони бонк ё кормандони ташкилоти молиявӣ мебошанд. Ҳамчунин тарафи объективии қаллобӣ ва намудҳои он низ ба таври мушаххас номбар шудааст, ки кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро осон мегардонад.

Айни ҳол дар қонунгузории ҷиноятии Чин ҷараёни фаъоли ислоҳоти ҳуқуқии ҷиноятӣ рафта истодааст ва натиҷаи он ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ

шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Барои ин гурӯҳи ҷиноятҳо ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол, ҳабси кутоҳмуддат, ҷарима, мусодираи молу мулк муайян шудааст. Вобаста ба категорияашон бошад, онҳо ҷиноятҳо ба категорияи дараҷаи миёна дохил мешаванд, ки нисбат ба баъзе давлатҳои Аврупо ва ИДМ сабуктар мебошад» [7,с.64].

Дар КҶ давлатҳои Латвия, Литва, Австралия, Австрия, Туркия, Эстония, Аргентина, Ҷопон меъёрҳои махсуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, тартиби вайрон кардани бақайдгирии давлатӣ, бе иҷозатномаи махсус ба фаъолияти бонкӣ машғул шудан муқаррар нашудааст. Лекин, ин маънои онро надорад, ки барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мумкин аст дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки дар бобҳои гуногуни конуни ҷиноятии давлатҳои зикршуда вобаста ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҷой доранд, бавуҷуд меояд.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда ва дар ҳамандешагӣ бо А.Ж. Саркисян ва Р.В. Маркизов» [8,с.64] ҷиҳати таснифи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа вобаста ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, онро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) қонунгузори давлатҳое, ки дар қонуни ҷиноятии онҳо моддаи махсус оиди муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои машғул шудан ба фаъолияти муайян, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ гирифтани иҷозатномаро талаб менамояд, мавҷуд аст (КҶ Булғористон, Испания, Дания, Чин);

б) қонунгузории давлатҳое, ки дар онҷо фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун намуди қаллобӣ баҳо дода мешавад (КҶ Фаронса, Олмон, қонунгузории ҷиноятии ИМА ва Англия).

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши қонунгузории кишварҳои хориҷӣ дар самти муқовимат бо ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1) Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бештари давлатҳои хориҷӣ ғайриқонунӣ додан ва гирифтани кредитро, ки дар КҶ ҶТ таркиби мустақил мебошанд (моддаҳои 264-265 КҶ ҶТ) ҳамчун фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ эътироф менамоянд. Чунин ҳолат аз нуқтаи назари қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи бонкӣ дуруст мебошад, зеро додани кредит мувофиқи м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба гуруҳи амалиётҳои бонкӣ дохил мешавад.

2) Дар қонуни ҷиноятии Тоҷикистон ҷабҳаҳои муҳимми муносибатҳои молиявӣ-кредитӣ ҳифз карда шудаанд, ки дар мамлакатҳои аврупоӣ ва ИМА берун аз ҳудуди қонуни ҷиноятӣ мондаанд, ки чандон дуруст намебошад. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи чандинасраи давлатҳои хориҷаро оид ба баррасии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун қаллобӣ ва соҳибкории ғайриқонуниро ба инобат гирифта, роҳи худро пеш гирифтанд ва ин ҳолат ҳамчун ҷиҳати мусбати ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ ба шумор меравад.

3) Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории миллӣ ҳангоми коркарди меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, дар фарқият аз қонунгузории хориҷӣ, кӯшиш намудааст, ки тасвияҳои зиёдатиро истифода набарад, зеро дар баъзе ҳолатҳо онҳо ба меъёрҳои казуистӣ оварда мерасонанд ва дар амалия татбиқ намудани диспозитсияи моддаи қонуни ҷиноятиро мушкил мегардонад.

**АДАБИЁТ**

1. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – С. 69.
2. Уголовный кодекс Латвийской Республики / Науч. ред. А.И. Лукашова, Э.А. Саркисова. – СПб., 2001. – С. 5.
3. Уголовный кодекс Германии. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki
4. Уголовный кодекс Испании. [Электронный ресурс]. URL: https://search.rsl.ru/ru/record/01000562974
5. Уголовный кодекс КНР. [Электронный ресурс]. URL: https://asia–business.ru/law/law1/criminalcode/.
6. Кодеси ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин. – Пекин, 2018. С.69.
7. Ильин И.В. Понятие мошенничества в зарубежном уголовном законодательстве // Адвокат. – 2008. -№6. -С. 64.
8. Маркизов Р.В. Ответственность за преступления в сфере кредитных отношений по уголовному праву России. дис. ... канд. юрид. наук. –Казань, 2003. –С.64.

9. Примерный уголовный кодекс (США).– М.: Прогресс, 1969. – С.230.
10. Примерный уголовный кодекс США. [Электронный ресурс]. URL: https:// ru. wikipedia. org/wiki/ Кодекс_ Соединённых _Штатов_Америки (дата обращения: 19.10.2020.).
11. Розанова Н.М. Денежно–кредитная политика: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. М.: Издательство Юрайт, 2017. – С. 152.
12. Современное зарубежное уголовное право: Чили. Англия. Греция. Австрия. Перевод с немецкого. Т. 3 / Под ред.: Пионтковский А.А. (Предисл.); Пер.: Либерман С.Л. – М.: Иностр. Лит., 1961. – С. 332.
13. Сотиволдиев Р.Ш., Солеҳов М.А. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2015. – С. 107-110.
14. Уголовное право Федеративной Республики Германии / Пер. с нем.; Отв. ред., сост., авт. вступ. ст. И.Д. Козочкин. – М., 1981.– С.85.
15. Уголовное право Франции: Сборник нормативных актов / Сост., авт. вступ. ст. и отв. ред. И.Д. Козочкин. – М., 1984. – С.97.
16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода, И. Бобоҷонзода. -Душанбе: Эр граф, 2019. – С. 217.
17. Чупрова Е.В. Классификация преступлений в сфере банковской деятельности по законодательству Англии. // Банковское право. –2004. – № 3. – С. 55.

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДИГАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶИ ДУР

Дар мақола қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ аз қабили Дания, Испания, ИМА, Олмон, Чин, Ҳоландия, Ҷопон ва дигар давлатҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар қонунгузории Фаронса, Олмон, қонунгузории ҷиноятии ИМА ва Англия фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун намуди қаллобӣ баҳо дода мешавад. Муаллиф зикр менамояд, ки дар мамлакатҳои аврупоӣ ва ИМА бисёр аз ҷабҳаҳои муҳимми муносибатҳои молиявӣ-кредитӣ берун аз ҳудуди қонуни ҷиноятӣ мондаанд, ки чандон дуруст намебошад.

**Калидвожаҳо:** қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, қаллобӣ, фаъолияти иқтисодӣ, низоми бонкӣ, ташкилоти молиявӣ, субъекти ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, амалиёти бонкӣ, таркиби ҷиноят.

## СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПРЕСТУПЛЕНИЯ НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ НЕКОТОРЫХ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН.

В статье анализируется уголовное законодательство ряда зарубежных стран, таких как Дания, Испания, США, Германия, Китай, Нидерланды, Япония и других стран, в направлении установления уголовной ответственности за незаконную банковскую деятельность. В законодательстве Франции, Германии, уголовном законодательстве США и Англии незаконная банковская деятельность оценивается как вид мошенничества. Автор отмечает, что в странах Европы и США многие важные аспекты финансово-кредитных отношений находятся за пределами уголовного права, что не совсем верно.

**Ключевые слова:** уголовное законодательство, незаконная банковская деятельность, мошенничество, экономическая деятельность, банковская система, финансовая организация, субъект преступления, уголовная ответственность, банковские операции, состав преступления.

## COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE CRIME OF ILLEGAL BANKING ACTIVITIES UNDER THE LEGISLATION OF SOME FOREIGN COUNTRIES.

The article analyzes the criminal legislation of a number of foreign countries, such as Denmark, Spain, the USA, Germany, China, the Netherlands, Japan and other countries, in the direction of establishing criminal liability for illegal banking activities. In the legislation of France, Germany, the criminal legislation of the USA and England, illegal banking activities are assessed as a type of fraud. The author notes that in European countries and the USA, many important aspects of financial and credit relations are outside the criminal law, which is not entirely true.

**Keywords:** criminal legislation, illegal banking activities, fraud, economic activity, banking system, financial organization, subject of a crime, criminal liability, banking operations, elements of a crime.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Мухаммад Джамшед*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент заведующий кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rakhmonzoda Muhammad Jamshed*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption Crime. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

ТДУ: 34(575.3)

# ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ СУҒУРТАШАВАНДА ҲАМЧУН ТАРАФИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

***Муминзода О.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар баробари суғурташаванда, суғуртакунанда низ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошад. Суғуртакунанда тибқи қ. 1, м. 10 Қонуни ҶТ «Дар бори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» ҳуқуқҳои зеринро дороро аст:

– ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз суғурташаванда пешниҳоди маълумотро тибқи талаботи Қонуни мазкур дархост намояд. Суғуртакунанда шартномаи мазкурро дар асоси маълумоти ба суғурташаванда ва воситаи нақлиёти ба ӯ тааллуқдошта мебандад. Аз ин рӯ, ҳангоми бастани шартномаи суғурта суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки аз суғурташаванда пешниҳод намудани маълумотҳои муайянро талаб намояд. Масалан, шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ бо пешниҳоди шиносномаи техникии воситаи нақлиёт ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузаштани воситаи нақлиёт аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ баста мешавад. Дар ин замина, ташкилоти суғуртавӣ ҳуқуқ дорад, талаб намояд, ки шиносномаи техникии воситаи нақлиёт ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи гузаштан аз муоинаи техникӣ аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт пешниҳод карда шавад;

– аз мақомот ва ташкилоти дахлдор ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари ба ҷабрдидагон расондашударо дархост намояд. Суғуртакунанда ҷиҳати аниқ муайян кардани ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқ дорад, ки аз мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ ҳуҷҷат оид ба рух додани ҳодисаи роҳу нақлиётро талаб намояд. Воситаи нақлиёт танҳо дар ҳолати садамаи ду нақлиёт бо ҳамдигар, ки яке аз онҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои мақомоти дахлдор бегуноҳ ҳисобида мешавад, ҳақгузорӣ карда мешавад [1]. Дар баробари ин, суғуртакунанда имконият дорад аз ташкилоте, ки зарари ба ҷабрдида расонидашударо арзёбӣ менамояд, пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба арзиши зарари расонидашударо талаб намояд;

– аз хизматрасониҳои мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдидагон расондашуда истифода барад. Ин ҳуқуқ ба суғуртакунада кафолат медиҳад, ки аз хизматрасониҳои ташкилоти муайянкунандаи арзёбии зарари ба ҷабрдида расонидашуда истифода кунад. Ин ҳуқуқ дар б. 10.2 Қоидаи суғуртаи ҷавобгари соҳибони воситаи нақлиёти ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ» ва б. 3.11 Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» муқаррар гардидааст. Тибқи он андозаи зарарро суғуртакунанда мустақилона бо иштироки шахси зараррасонида, ҷабрдида ва ё шахси бовариноки онҳо муайян менамояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ КВД «Тоҷиксуғурта» ва «Суғуртаи аввалини миллӣ» ҳуқуқ доранд, ки барои муайян кардани андозаи зарар коршиносони соҳавиро ҷалб намояд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки ҳам суғуртакунанда ва ҳам суғурташаванда ҳуқуқи мазкурро доро мебошанд. Дар мавриде, ки агар ҳарду тараф аз хизматрасониҳои мақом ё ташкилоти нархгузорӣ истифода намояд, дар ин ҳолат нофаҳмӣ ва мушкилот мумкин аст, ки ба вуҷуд ояд. Агар ҳарду тараф аз хизматрасониҳои ин гуна ташкилотҳо ҷиҳати муайян кардани арзиши зарари ба ҷабрдида расонидашуда истифода баранд, дар ин маврид вобаста арзиши муайяншуда байни тарафҳо баҳс ба миён ояд (аз ҷониби тарафҳо эътироф накардани натиҷаҳои арзёбӣ), пас дар чунин ҳолат бояд тарафҳо ё яке аз онҳо ҷиҳати эътироф натиҷаи арзёбӣ ба суд мурочиат намоянд. Суд кадом натиҷаеро воқеӣ ва адаолатнок ҳисоб намояд, пас пардохти суғуртавӣ тибқи он анҷом дода мешавад.

Ҳамзамон, суғуртакунанда ҳуқуқи талаби мутақобила (регресс)-ро нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, доро мебошад. Ин ҳуқуқ дар қ. 1, м. 1053 КГ ҶТ, қ. 11, м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», қ. 9 Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи

давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт» [2], б. 12.1 Қоидаи ташкилоти суғуртавии «Суғуртаи аввалини миллӣ», «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии ҷавобгари шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» ва б. 3.12. Дастурамали КВД Тоҷиксуғурта «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» ишора шудааст. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ, ки пардохти ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) аз рӯйи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ анҷом додааст, дар доираи ин маблағ ҳуқуқи талаби регрессӣ нисбат ба шахси гунаҳкор, ки бо айби ӯ ба шахсони сеюм зарар расонида шудааст, мегузарад. Агар суғурташаванда аз даъвои худ нисбат ба шахси мазкур ё аз ҳуқуқҳое, ки иҷрои ин талаботро таъмин менамоянд, даст кашад, дар ин ҳолат ташкилоти суғуртавӣ аз пардохти он қисми ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ), ки бояд аз ин шахс меситонид, озод карда мешавад. Масалан, дар амалияи суди иқтисодии шаҳри Душанбе баҳс доир ба чунин ҳуқуқи суғуртакунанда ба вуҷуд омадааст. ҶДММ-и Ташкилоти суғуртавии «БИМА» ба суди мазкур доир ба ҷавобгарии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» даъвои болозикр намудааст.

Дар аризаи даъвогӣ зикр шудааст, ки ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» бо Намояндаи ташкилоти «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ санаи 1-уми марти соли 2019 маҷмуи шартномаҳои суғуртавӣ бо номи «Оромӣ дар сари чамбарак» бо силсилаи CIO №000000053731-ро то 29-уми феврали с. 2020 ба имзо расонидааст. Тибқи талаботи шартномаи мазкур, воситаи нақлиёти тамғаи IVEKO, р/д 202B085, с. барориш 2013, рақами VIN:ZCFA1TM0202615117 ба маблағи 293 929,85 сомонӣ аз рӯйи барномаи шартҳои суғуртавии «Автокаско» суғурта карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар санаи 4-уми августи соли 2019 соати 13:40 автомашинаи боркаши ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж», тамғаи XCMG, р/д 959ZA01, рангаш зард, рақами силсилаи шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт DB0162551 аз 16-уми ноябри с. 2017, VIN: LC1ARMAF7G0008161, с. барориш 2016, навъи муҳаррик 5000 дизелӣ, тавонии муҳаррик 105/143, вазни пурааш 20268 кг вазъи холисаш 1932**.** Ронанда Р.Х., ҳангоми ҳаракат дар асоси роҳхати автомобилии боркаши рақами 21012 аз 4 августи с. 2020 дар маҳалли майдончаи болои пешдарғоти неругоҳи барқи обии «Роғун» назди баромадгоҳи нақби Т-22 бо риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ бинобар аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромадани ронанда Р.Х., ба автомошинаи хизматрасонии техникии тамғаи IVEKO, р/д 202B085 бархӯрдааст. Оид ба ҳолати садамавии нақлиётии мазкур аз тарафи масъулини «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ ҳисобот оид ба ҳодисаи садамаи нақлиёти таҳти № 225 аз 4 августи с. 2019 аз тарафи шуъбаи БДА-и ш. Роғун, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таҳти силсилаи рақами АА№00872694 аз 26-уми августи с. 2019 дар доираи талаботи қ.1, м.333, «Риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ», ки боиси зарар гардидааст, КҲМ ҶТ аз тарафи масъулини ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» санади аввалини зарар таҳти рақами 1 аз 29-уми августи с. 2019 бо риояи талаботи қонунгузории ҶТ тартиб дода шудааст. Дар асоси ҳуҷҷатҳои татбиқдодашуда гунаҳгори садамаи нақлиётии бамиёномада ронандаи ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж» ронанда Р.Х., бо автомошинаи боркаши тамғаи XCMG, р/д 959ZA01 мебошад. Дар навбати худ, аз тарафи масъулини «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ санаи 16-уми августи с. 2019 бо ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» ариза дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ, барои баррасӣ пешниҳод кардааст. Дар натиҷа ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» дар асоси санади суғуратвии № 991 аз 30-уми апрели с. 2020 ва ба намояндагии масъулини «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ тибқи супоришномаи №15 аз 6-уми майи с. 2019 тариқи имкониятҳои ташкилоти қарзии пардохткунанда, бо суратҳисоби муросилотии № 20402972418201-и ҶДММ «ВАСЛ» дар шаҳри Душанбе ташкилоти қарзии пардохтгиранда ҶСК «Халил Бонк Тоҷкистон» дар шаҳри Душанбе маблағи пулии 259 825,78 сомонӣ пардохт намудааст.

Аз тарафи масъулини ташкилоти «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ санаи 30-уми апрели 2020 маблағи пулии 259 825,78 сомонӣ, қабул гардида, созишнома оид ба манъ набудани даъво, имзою муҳргузорӣ карда шудааст. Бо истифода аз ҳуқуқҳои суброгатсия, яъне ба ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» ҳамчун суғуртакунанда гузаштаи ҳуқуқи

суғурташаванда барои ҷуброни зарар ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» санаи 11-уми июни с. 2020 бо мактуби тахти №101 расман ба унвони роҳбарияти ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж» муроҷиат намуда, хоҳиш намудааст, ки зарари аз ҷониби корманди «Тоҷикгидроэлектромантаж» расонидашуда, аз ҷониби ширкати мазкур ба ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» ҷуброн карда шавад. Ба мактуби ҷовобии худ аз санаи 22-уми июни с. 2020 ҶСК»Тоҷикгидроэлектромантаж» посух додааст, ки оиди рӯёнидани зарари расонидашуда ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» ба ронанда Р.Х., муроҷиат намояд.

Аз суд хоҳиш намудааст, ки аз ҳисоби ҷавобгар ҶСК зараре, ки аз ҷониби кормандаш, ронанда Р. Х., ҳангоми иҷрои уҳдадории меҳнатӣ (хизматӣ, вазифавӣ) ба худ расонидааст, ба маблағи 259 825,78 сомонӣ ва маблағи боҷи давлати 5 197 сомонӣ ба фоидаи даъвогар ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» рӯйёнида шавад.

ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж» нисбати аризаи даъвогӣ ба суд бо норозигӣ муроҷиат намудааст.

Дар норозигӣ зикр карда шудааст, ки аз ҳисобот оид ба ҳодисаи садамаи нақлиётӣ таҳти рақами 225 аз 4-уми августи с. 2019, ки аз тарафи масъулиати «Салини Импреҷило С.п.А.» дар ҶТ татбиқ дода шудааст, бармеояд, ки гунаҳгори ҳодисаи нохуш ронандаи тамғаи XCMG, р/д 959ZA01 зарар дидааст. Аз санад дар бораи ходисаи нохуш дар истеҳсолот таҳти рақами 7 аз 4-уми августи с. 2019, ки аз тарафи шуъбаи БДА-ш.Роғун протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати ронанда Р. Х., тартибдодашуда он гунаҳгор дониста шудааст. Р.Х., қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон карда, дар асоси талаботи қ.1, м. 333 КҲМ ҶТ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст. Аз шартномаи меҳнатӣ аз 10-уми декабри с. 2019 байни ширкати ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж» ва ронанда Р. Х., банди 5.2.сархати 6 бармеояд, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба молу мулки корфармо қасдан ё аз беэҳтиётӣ ва хунукназарӣ корманд уҳдадор аст, ки зарари расонидаашро пурра барқарор намояд.

Аз суд хоҳиш намудааст, ки аризаи даъвогии ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» нисбати ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж» дар бораи ҷуброни зарар аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ, ки корманди он ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, вазифавӣ) расонидааст, бинобар беасос буданаш рад карда шавад.

Намояндаҳои даъвогар шаҳрвандон Қ.С., Қ.Ф., А.М., ва М.А. дар маҷлиси судӣ аъризаи даъвогиро дастгирӣ намуда, бо мазмуни аризаи даъвогӣ баёнот дода, аз суд хоҳиш намудаанд, ки аризаи даъвогӣ қонеъ карда шавад. Намояндаи ҷавобгар шаҳрванд М.М. дар маҷлиси судӣ аризаи даъвогиро эътироф накарда, бо мазмуни норозигияш баёнот дода, аз суд хоҳиш намуд, ки аризаи даъвогӣ бинобар беасос буданаш рад карда шавад.

Суд дар асоси таҳлили далелҳо ба чунин хулоса меоянд, ки даъвои ҶДММ «Ташкилоти суғуртавии БИМА» беасос мебошад. Суд вақти баргузории садамаи нақлиётиро берун аз вақти кории ронанда Р. Ҳ., муқаррар карда, дар асоси қ.2., м.1083 КГ ҶТ, яъне дар иртибот бо муқаррароти ҳамин Кодекс оид ба уҳдадориҳои вобаста ба ҷуброни зарари кормандон, он шаҳрвандоне эътироф карда мешаванд, ки корҳоро дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод), инчунин дар асоси шартномаи ҳуқуқи маданӣ ба ҷо меоранд, агар дар айни ҳол онҳо тибқи вазифа ё таҳти назорати шахси дахлдори ҳуқуқӣ ё шаҳрванди масъули пешбурди бехатарии корҳо амал кардаанд ё мебоист амал кунад, асоснок намудааст [3].

Мувофиқи м. 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт», суғуртакунандае, ки пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида амалӣ намудааст, дар ҳолатҳои зерин ба андозаи маблағи пардохтгардида нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, ҳуқуқи талаби мутақобиларо (регрессро) дорад:

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи ӯ, ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона гардидаанд, фаро расида бошад;

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда рух дода бошад;

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи идоракунии воситаи нақлиёт бе доштани ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт фаро расида бошад;

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи ғайб задани ронанда аз маҳалли рух додани ҳодиса фаро расида бошад;

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт берун аз меъёри ғунҷоиши мусофиркашиву боркашонии он фаро расида бошад;

– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт бе муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаи нақлиёт фаро расида бошад;

– ҳолатҳои дигаре, ки тарафҳо дар шартнома пешбинӣ кардаанд.

Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмӣ суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки тафтиши воситаи нақлиётро дар ҷойи истиқомати суғурташаванда (маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ) гузаронад, агар аз шартнома тартиби дигаре барнаояд [4].

Суғуртакунанда уҳдадориҳои зеринро иҷро менамояд:

– ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ суғурташавандаро бо шарту талаботи шартномаи зикргардида шинос намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯро, ки аз ин шартнома бармеоянд, фаҳмонад. Иҷрои ин уҳдадорӣ аз тарафи суғуртакунада ва аз ҳуқуқи суғурташаванда ба фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, ки аз шартнома бармеояд, вобаста аст. Нафаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои суғурташаванда ё нодуруст фаҳмонидани онҳо мумкин аст, боиси беэътибор эътироф кардани шартномаи мазкур гардад.

Ин уҳдадорӣ дар қ. 5, м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ишора шудааст. Тибқи уҳдадории мазкур, суғуртакунанда бояд пеш аз бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ба суғурташаванда шартҳо ва қоидаҳои суғуртавиро шинос намояд. Қайд намудан зарур аст, ки уҳдадории мазкур дар шароити кунунии ҶТ аҳаммияти хосса дорад, зеро суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ намуди суғуртае мебошад, ки аз намуд ва қоидаҳои суғуртавии он қисми зиёди соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ пурра огаҳ намебошанд. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки қисмати маҳдуди суғурташавандагон ба суғуртакунандагон барои пардохти суғуртавӣ муроҷиат менамоянд ё бар хилофи қоидаҳои суғуртавӣ амал менамоянд. Асосҳои ишорашуда, пеш аз ҳама, аз огоҳ набудан бо қоидаҳои суғуртавӣ алоқаманд аст

Ба ақидаи мо, талаботи қонун барои пурра иҷро намудани уҳдадории мазкур кифоя намебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар қонуни ишорашуда талаботи бевосита, ки суғуртакунанда уҳдадор аст дар вақти бастани шартномаи суғурта тамоми шартҳо ва қоидаҳои суғуртавиро ба суғуртакунанда шинос намояд, муқаррар карда шавад. Қайд намудан зарур аст, ки уҳдадории зикршуда дар қонуни қаблӣ аз с. 1994 муқаррар гардида буд [5];

–баъд аз бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ва пардохти мукофоти суғуртавӣ полиси суғуртавиро диҳад. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, полиси суғуртавӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бастани шартномаи суғурта ба ҳисоб меравад. Бо ҳамин назардошт, баъди бастани шартнома суғуртакунанда уҳдадор аст, ки полиси суғуртавиро ба суғурташаванда диҳад;

– ҳангоми аз тарафи суғурташаванда пешниҳод шудани ариза онро сари вақт баррасӣ карда, дар давоми панҷ рӯзи корӣ ҷавоби хаттӣ диҳад. Баррасии саривақтии аризаи суғурташаванда зарур мебошад, чунки манфтиатҳои поймолшудаи ҷабрдида бояд сари вақт барқарор карда шаванд. Дар муҳлати панҷ рӯз суғуртакунанда ҳолатҳои корро омӯхта, ба он ҷавоби хаттӣ медиҳад. Дар ҳолати фавти ҷабрдида ва дар асоси аризаи аз ҷониби фоидагиранда воридгардида, дар бораи пардохти суғуртавӣ ва маълумотномаи муассисаи тиббӣ доир ба ҳодисаи мазкур, суғуртакунанда уҳдадор аст панҷоҳ фоизи маблағи пардохти суғуртавиро дар муҳлати як рӯзи корӣ пардохт намояд.

Маблағи боқимондаи пардохти суғуртавӣ пас аз пешниҳод намудани шаҳодатномаи вафот дар муҳлати як рӯзи корӣ пардохт карда мешавад. Дар сурати риоя накардани муҳлатҳои мазкур барои муҳлатгузаронӣ нисбати суғуртакунанда ноустуворона муқаррар

карда мешавад. Барои гузаронидани ин муҳлатҳо дар қонунгузорӣ ноустуворонаи қонунӣ пешбинӣ карда шудааст. Тибқи қ. 3, м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» ҳангоми дар муҳлати муқарраргардида амалӣ накардани пардохти суғуртавӣ суғуртакунанда уҳдадор аст ба ҷабрдида (фоидагиранда) барои ҳар рӯзи ба таъхиргузошташуда ба андозаи 0,5 фоизи маблағи пардохтшаванда ноустуворона супорад;

– ҳангоми аз тарафи суғурташаванда барои пардохти суғуртавӣ пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар давоми на зиёда аз як рӯзи корӣ аз рӯзи воридшавии ҳуҷҷатҳои мазкур ба шахси мурочиаткунанда бо нишон додани рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳо хабар диҳад. Аввалан, суғурташаванда ҳам ҳуҷҷатҳои марбут ба рух додани ҳодисаи роҳу нақлиётро пурра ба суғуртакунанда бояд пешниҳод намояд. Дар ҳолати пурра пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо суғуртакунанда уҳдадор аст, ки суғурташавандаро оид ба пурра пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор огоҳ намояд;

– ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро бо тартиб ва муҳлатҳое, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, амалӣ намояд. Қонунгузор барои амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ муҳлатҳои мушаххасро муқаррар кардааст ва дар доираи ин муҳлатҳо суғуртакунанда пардохти суғуртавиро амалӣ мекунад. Масалан, пардохти суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ аз тарафи суғуртакунанда дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ амалӣ карда мешавад;

– хароҷоти суғурташавандаро, ки бо мақсади пешгирӣ ва ё кам кардани ҳаҷми зарар ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба вуқуъ омадааст, ҷуброн намояд. Суғурташаванда мутобиқи қонунгузорӣ уҳдадор карда шудааст, ки ҷиҳати пешгирӣ ё кам кардани оқибатҳои зарари ба ҷабрдида расонидашуда чораҳои зарурӣ андешад. Бо сабаби он ки суғурташаванда чораҳои заруриро на ба манфиати худ, балки ба манфиати суғуртакунанда анҷом медиҳад, аз ҳамин лиҳоз, суғуртакунанда уҳдадор аст, хароҷотеро, ки суғурташаванда барои пешгирии кам кардани оқибатҳои зарари расонидашуда андешидааст, ҷуброн намояд. Суғуртакунанда уҳдадор мегардад хароҷоти суғурташавандаро, ки барои кам кардани зарар сарф кардааст, ҷуброн намояд, агар чунин хароҷот зарурӣ бошад ё он барои иҷрои дастури суғуртакунанда анҷом дода шуда бошад, ҳатто агар тадбирҳои дахлдор натиҷа надода бошанд ҳам, бояд аз ҷониби суғуртакунанда пардохта шаванд;

– аз суғурташаванда барои гирифтани маблағи пардохти суғуртавӣ, ба истиснои ҳуҷҷатҳои дар Қонуни мазкур муқарраргардида, ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб накунад;

– ҳисоботи молиявии мутамарказонидаи худ ва ҳисоботи аудитории мустақилро ҳар сол дар на кам аз ду нашрияи даврӣ, ки дар ҳудуди ҶТ паҳн мешаванд ва ё дар сомонаи худ бо забони давлатӣ нашр намояд. Уҳдадории мазкур ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дахл дошта, ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ на он қадар таъсири зиёд дорад. Пешниҳоди ҳисоботи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ имконияти пардохтпазирии онҳоро нишон медиҳад;

– расмиёти санҷиши дахлдори суғурташаванда ё молик- бенефитсиарро аз рӯйи шартномаи суғурта тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» анҷом диҳад. Тибқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли с. 2016, № 1349 молик - бенефитсиар (манфиатгир) ин як ё якчанд шахси воқеӣ мебошад, ки бевосита ё бавосита соҳиби моликият (соҳиби зиёда аз 25 фоиз иштироки афзалиятнок дар сармояи муштарӣ ё миқдори умумии саҳмияҳои муштарӣ бо ҳуқуқи овоз) мебошанд ё муштарӣ ва ё шахсеро, ки ба манфиати онҳо амалиёт анҷом дода мешавад, воқеан назорат мекунанд, инчунин шахсоне, ки шахси ҳуқуқиро назорат мекунанд. Мутобиқи қ. 13, м. 20 Қонуни мазкур дар лаҳзаи аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда ё молик бенефитсиар ва фоидагиранда аз рӯйи шартномаи суғурта пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст расмиёти зерини санҷиши дахлдори суғурташаванда ё молик - бенефитсиар ва фоидагирандаро аз рӯйи шартномаи суғурта анҷом диҳад: а) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва ҷойи истиқомати суғурташаванда ё молик - бенефитсиар ва фоидагирандаи шахси воқеиро талаб намояд, шахсияти онҳоро муайян кунад ва санҷад; б) ном, рақами

мушаххаси андозсупоранда ё рамзи ташкилоти хориҷӣ, рақами бақайдгирии давлатӣ, ҷойи бақайдгирии давлатӣ ва ҳуқуқ ба моликият, инчунин суроғаи маҳалли ҷойгиршавии суғурташаванда ё молик - бенефитсиар ва фоидагирандаи шахси ҳуқуқиро муайян намояд;

– ҳуҷҷатҳо ва маълумоти заруриро на кам аз панҷ сол пас аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ ва баста шудани суратҳисоб нигоҳ дорад. Ин муҳлат аз қонунгузории суғуртавӣ бармеояд ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғуртавӣ низ пешбинӣ шудааст, ки маълумотҳои заруриро бояд ташкилоти суғуртавӣ на камтар аз панҷ сол нигоҳ дорад. Аз ҷумла, мувофиқи қ. 15, м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст ҳуҷҷатҳо ва маълумоти заруриро на камтар аз панҷ сол пас аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ ва баста шудани суратҳисоб нигоҳ дорад».

Дар асоси шартнома мумкин аст, ки нисбати суғуртакунанда уҳдадориҳои дигар созиши тарафҳо муқаррар карда шавад.

Дар баробари ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғурташаванда ва суғуртакунанда, дар қонунгузорӣ ҳуқуқҳои ҷабрдидаи ҳодисаи роҳу нақлиёт низ зикр карда шудааст. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад, ки: ба суғурташаванда ва суғуртакунанда дар бораи зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт расондашуда хабар диҳад; ба суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ пешниҳод намояд; дар ҳолатҳои зарурӣ аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор барои арзёбии андозаи зарари ба молу мулк расондашуда истифода барад; бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад; ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд; аз хизматрасонии муассисаҳои тиббӣ истифода барад; ба соҳиби воситаи нақлиёт оид ба ҷуброни зарари расондашуда нисбати он қисми маблағи зарари расондашуда, ки аз андозаи пардохти суғуртавии амалигардида зиёд аст, талабот пешниҳод намояд ва дар сурати иҷро нагардидани талаботи пешниҳодшуда аз ҷониби соҳиби воситаи нақлиёт бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба суд муроҷиат кунад.

Ҳуқуқҳои ҷабрдида, ки дар боло зикр гардид, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба шахсони дигаре, ки ба сифати фоидагиранда баромад мекунанд, мегузаранд.

**АДАБИЁТ**


1. Зоиров Ҷ.М. Ҳуқуқи суғуртаи ҶТ: дастури таълимӣ / Ҷ.М. Зоиров, И.Ҳ.Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С. 223.
2. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» аз 10 июни соли 1996, № 264// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj // Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.12.2023).
3. Бойгонии маводи Суди иқтисодии шаҳри Душанбеи ҶТ. Парвандаи бақайдгирӣ аз 20.11.2020, № 1-170/20. Шакли № А-3.
4. Лавров А.М. Правовое регулирование страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук / А.М. Лавров. – М., 2004. – С. 155.
5. Қонун ҶТ «Дар бораи суғурта» аз 20 июли соли 1994, №982 //Ахбори Шурои Олии ҶТ. – 1994. – № 14. – Мод. 207; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1997. – № 9. – Мод. 117. – № 23-24. – Мод. 333; с. 1999. – № 5. – Мод. 73; с. 2001. – № 4. – Мод. 179; с. 2005. – № 12. – Мод. 635; с. 2008. – № 3. – Мод. 197.


## ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ СУҒУРТАКУНАНДА ҲАМЧУН ТАРАФИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ


Дар мақолаи мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои суғуртакунанда, ки яке аз тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ мебошад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои суғуртакунанда, ки яке аз тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ мебошад, бояд мавриди баррасӣ қарор дода шуда, асосҳо ва намудҳои он муайян карда шаванд. Зеро яке аз мушкилоти амалии иҷроиши шартномаи суғуртаи ҳатмии ҳуқуқи мадании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ надониста ва дақиқ муайян нашудани он мебошад. Муаллиф дар мавриди таҳлил аз садандҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили Кодекси маданӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» ва таҷрибаи ташкилотҳои суғуртавӣ истифода бурдааст. Дар мақолаи мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои суғуртакунандаи давлатҳои аъзои ИДМ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки дар мавриди такмили қонунгузории суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании

соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, қонунгузории давлати Озарбойҷон ва Арманистон бояд истифода шавад.
**Калидвожаҳо:** суғурта, воситаи нақлиёт, садамаи нақлиётӣ, ҷавобгари ҳуқуқи маданӣ, суғурташаванда, суғуртакунанда, шартномаи суғуртаи ҳатмӣ, ҳуқуқу уҳдадорӣ, ҷуброни зарар, пардохти суғуртавӣ, қонунгузории маданӣ, фаъолияти суғуртавӣ, таваккали суғуртавӣ, ИДМ.

## ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТРАХОВЩИКА КАК СТОРОНЫ ДОГОВОРА ОБЯЗАТЕЛЬНОГО СТРАХОВАНИЯ ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ВЛАДЕЛЬЦЕВ АВТОТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

В данной статье анализируются права и обязанности страховщика, который является одной из сторон договора обязательного страхования ответственности гражданских прав владельцев транспортных средств. Потому что одной из практических проблем реализации договора обязательного страхования гражданских прав владельцев транспортных средств является его незнание и отсутствие точного определения. В анализе автор использовал такие правовые нормы, как Гражданский Кодекс, Закон Республики Таджикистан «Об обязательном страховании гражданско-правовой ответственности владельцев транспортных средств» и опыт страховых организаций. В данной статье анализируются права и обязанности страховщиков государств-участников СНГ. В статье отмечается, что законодательство Азербайджана и Армении должно быть использовано для совершенствования законодательства об обязательном страховании гражданских прав владельцев автотранспортных средств.
**Ключевые слова:** страхование, транспортное средство, транспортное происшествие, гражданско-правовая ответственность, страховщик, договор обязательного страхования, права и обязанности, возмещение вреда, страховая выплата, гражданское законодательство, страховая деятельность, страховой риск, СНГ.

## RIGHTS AND OBLIGATIONS OF THE INSURER AS A PARTY TO THE AGREEMENT OF COMPULSORY CIVIL LIABILITY INSURANCE FOR MOTOR VEHICLE OWNERS

This article analyzes the rights and obligations of the insurer, which is one of the parties to the compulsory insurance contract for the civil rights of vehicle owners. This article analyzes the rights and obligations of the insurer, which is one of the parties to the compulsory insurance contract for the civil rights of vehicle owners. Because one of the practical problems of implementing a compulsory insurance contract for the civil rights of vehicle owners is its ignorance and lack of an accurate definition. In the analysis, the author used such legal norms as the Civil Code, the Law of the Republic of Tajikistan “On compulsory insurance of civil liability of vehicle owners” and the experience of insurance organizations. This article analyzes the rights and obligations of insurers of the CIS member states. The article notes that the legislation of Azerbaijan and Armenia should be used to improve the legislation on compulsory insurance of civil rights of vehicle owners.
**Keywords**: insurance, vehicle, traffic accident, civil liability, insurer, insurer, compulsory insurance contract, rights and obligations, compensation for harm, insurance payment, civil legislation, insurance activity, insurance risk, CIS.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминзода Орифҷони Сафо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 938-05-91-91** E-mail: **Jurist_9191@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Муминзода Орифджони Сафо*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 938-05-91-91** E-mail: **Jurist_9191@mail.ru**

**Information about the author:** ***Muminzoda Orifjoni Sapho*** - Tajik National University, assistant of Department of transport law and the law to use natural resources faculty law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 938059191**. E-mail: **Jurist_9191@mail.ru**

ТДУ: 343.2/.7(575.3)

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА ДУРНАМОИ НАЗОРАТИ ҶАМЪИЯТИИ ФАЪОЛИЯТИ МИЛИТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТ

*Нуриддинзода С.Н.*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар давлатҳои муосир мақомоти милитсия яке аз мақомоти асосии давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, нигоҳдорандаи бехатарӣ, тартибот ва суботи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Фаъолияти амалии мақомоти милитсия аз иҷрои бемайлони уҳдадориҳои хизматӣ дар сатҳи баланди касбии кормандони мақомот дарак медиҳад. Аммо, ҳолатҳои суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тамаъкорӣ, маҳдудкунии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон, беаҳаммиятӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, майли расмиётчигӣ ва ғайра, зуҳуротҳое ба ҳисоб меравand, ки дар фаъолияти хизматии баъзе аз кормандони мақомот, мутаассифона, ҷой доранд. Маҳз мушкилиҳои зикршуда ва дигар мушкилиҳои ба инҳо монанд, ки эътибори кори мақомот ва обрӯи кормандони онро дар назди ҷомеа коста мегардонанд, асоси ислоҳоти милитсия дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гардидаанд. Бар замми он ки нақши таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ вобаста ба авзои сиёсии ҷаҳон бесобиқа меафзояд.

Бояд қайд намоем, ки новобаста аз дигаргунии низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳамаи давлатҳо барои нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, кам кардани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо, муқовимат ба ҷинояткорӣ манфиатдор мебошанд, ки ҳамаи ин ҷанбаҳо асосан ба функсияи асосии милитсия дохил мешаванд.

Агар таҷрибаи амалии субъектони таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятиро дар давлатҳои ҷаҳон дар охири асри XX ва аввали асри XXI таҳлил намоем, муносибати нави консептуалиро дар иҷрои вазифаҳои соҳавии баррасишуда дарёфт менамоем, ки моҳияти асосии он «пешбурди дастаҷамъонаи бехатарӣ» мебошад ва он танҳо дар натиҷаи ҳамкории зичи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус милитсия бо аҳолӣ ба даст оварда мешавад.

Дар замони ислоҳоти ҳуқуқӣ ва хусусан, соҳавии милитсия хусусияти мавқеъгирии марказӣ ва муҷозотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷойи худро ба мафҳуми башардӯстона ва дар айни замон муассиртари “шарикии иҷтимоӣ” байни милитсия ва аҳолӣ дод, ки нуфузи милитсияро дар ҷомеа баланд бардошта, то андозае ба пешгирии самараноки ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Дар ибтидо ин мафҳум дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ мувофиқи дархости ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инкишофи он пайдо шуда, баъдан ба далели муассир буданаш дар дигар кишварҳо бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо паҳн шуд.

Асоснокии муносибати консептуалии нави (муосири) ҳамкории байни милитсия ва ҷомеа дар ислоҳоти соҳа зоҳир гардида, падидаҳои навро дар фаъолияти амалии мақомот ва ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ касб намуд ё онҳоро тақвият бахшид. Матлаб аз ин иддао дар он мебошад, ки ниҳодҳои ҷамъиятии дастаҷамъӣ ва инфиродии ҳамкории аҳолӣ бо милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ неруи нав гирифта, такмили фаъолияти ташкилӣ ва сохтори таркибӣ намуданд, вазъи ҳуқуқии онҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян ва такмил дода шуда, баъзе аз онҳо хусусияти фаъолияти асосӣ – ҳифзиҳуқуқӣ касб намуданд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди истиқлолияти комил ба даст овардан ислоҳот тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятиро фаро гирифтааст. Иқтисоди бозоргонӣ ва эътирофи шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи иқтисодиёт, гуногунандешии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, иштироки ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ, ҳамчун татбиқи падидаи демократӣ дар идоракунии давлатӣ шаҳодат аз гуфтаҳои боло мебошад.

Яке аз падидаҳои муҳимме, ки дар раванди ислоҳоти милитсияи баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [1], аз ҷумла милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] мақоми расмӣ гирифт, ин назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ба ҳисоб меравад.

А.М. Сергиенко қайд менамояд, ки назорати ҷамъиятӣ институти муҳим ва воситаи асосии назоратии ҷомеаи демократӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад [3,с.89-90].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ назорат ба як маъно, ҳамчун назар кардан ва таҳти назар гирифтани рафтори касе [4,с.887] ва ҷамъият ба маънои аҳолии шаҳре ё маҳаллае [5,с.581] пешбинӣ мегардад. Бо ин мазмун, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия, ин таҳти назорат қарор додани фаъолияти хизматии корманди милитсия аз тарафи аҳолии маҳалли истиқоматии муайян дар назар дошта мешавад.

Назорати ҷамъиятиро ба фаъолияти милитсия мо метавонем ҳамчун як ниҳоди ҷамъиятӣ дар шакли худташкилдиҳии шаҳрвандон барои назорат ҷиҳати риояи талаботи қонун ва самарабахшии ваколати кормандони милитсия, инчунин дар фаъолияти хизматӣ роҳ надодан ба суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон маънидод намоем.

Назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар якҷоягӣ бо милитсия дар қабули қарор, татбиқи он, иҷрои вазифаҳои ба дӯши мақомот гузошташуда ва ҳам дар натиҷагирӣ аз иҷроиши талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштироки фаъолона дошта бошанд.

Назорати ҷамъиятӣ воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандон эътироф гардида, метавонад ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам дар шакли дастаҷамъона ба амал бароварда шавад. Шаклҳои зикршудаи назорати ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқӣ доранд. Чунончи, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки шаҳрвандон ҳаққи муттаҳид шуданро доранд [6]. Онҳо метавонанд, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд. Ҳамчунин, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» шаҳрвандон метавонанд дар шакли инфиродӣ ё ба таври дастаҷамъона дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок намуда, бо ин восита ба мақомоти корҳои дохилӣ ёрӣ расонанд [7].

Аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони илми ҳуқуқ ва назарияи идоракунӣ, шаклҳои гуногуни назорати ҷамъиятӣ пешбинӣ шудаанд.

А.А. Гончаров назорати ҷамъиятии фародавлатӣ ва дохилидавлатии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро қайд менамояд. Ба ақидаи ӯ, назорати ҷамъиятии фародавлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалии амалӣ карда мешавад, ки ба ҳудуди ягон давлат ва иттиҳодияи он алоқамандӣ надоранд. Назорати шаҳрвандии дохилидавлатӣ бошад, аз ҷониби шаҳрвандони давлат ё иттиҳодияҳои онҳо дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ сурат мегирад [8,с.9,75].

М.О. Дмитриенко вобаста ба дараҷаи амалигардонии функсияҳои назоратӣ, назорати ҷамъиятии бевосита ва бавоситаро муайян намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки назорати ҷамъиятии бавосита дар шаклҳои таҳқиқоти ҷамъиятӣ ва журналистӣ, нашри маълумот, баромадҳои шаҳрвандон дар васоити ахбори омма, муҳокимаи умумихалқии ташаббусҳои қонунгузорӣ ва назорати ҷамъиятии бевосита дар шакли иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар корҳои идоракунӣ тавассути мақомоти худидоракунии маҳаллӣ сурат мегирад [9].

Одиназода А.Ш., (Одинаев А.Ш) бар он ақида аст, ки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки мустақил аз давлат вуҷуд доранд, худташаккул ва худтанзимкунанда буда, дар шаклҳои гуногун бо давлат ҳамкории мутақобила доранд. Ҳамчунин, номбурда як қатор сабабҳоеро низ муайян намудааст, ки давлат ба ҳалли ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, чунин ҳамкорӣ ҳам дар шакли ёрӣ расонидан дар иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳам дар назорат аз болои фаъолияти он зоҳир мешавад [10,с.26].

Моҳият, мақсад ва намудҳои назорати ҷамъиятиро аз рӯйи ақидаҳои назариявии муҳаққиқони болозикр дар пешбурди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии самараноки давлатӣ манфиатбахш ҳисобида, дар умум, ба ақидаи Р.М.

Князев, оиди он, ки ҳамаи шаклҳои назорати ҷамъиятӣ имконияти дастрасии аҳолиро барои ба даст овардани иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор таъмин менамояд, ки ин таҳкурсии асосии ҳамаи давлатҳои демократӣ ба ҳисоб меравад, ҳамфикриро иброз медорем. Р.М. Князев ҳамчунин, қайд намудааст, ки шаффофияти иттилоот дар фаъолияти мақомоти ҳокимият, шарти асосии муносибати инкишофёфтаи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад [11,с.39].

Қайд намудан бамаврид аст, ки милитсия низ яке аз сохторҳои таркибии мақомоти ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад [12], аз ин рӯ назорати ҷамъиятӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи ақидаҳои дар боло зикршуда, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро низ дар бар мегирад.

Вобаста ба таҳлили масъала, моро зарурат пеш омад, ки меъёри мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки муносибатҳо оид ба назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро танзим менамоянд, баррасӣ намоем.

Масъалаи назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи умумӣ тибқи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия” [13], “Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ” [14] ва дар сатҳи мушаххастар дар Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2014 таҳти №296 тасдиқ гардидааст, Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021 таҳти №211 тасдиқ шудааст, Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия, ки бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми июни соли 2017 таҳти №256 тасдиқ гардидааст ва Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 2014 таҳти №841 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», тартиби таъсис ва фаъолияти Шурои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилиро муайян намуда, баъзе аз ҳуқуқҳои онро дар соҳаи назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия дар шаклҳои зерин пешбинӣ намудааст:

- ба роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳодҳо манзур намояд;
- бо тартиби муқарраркадаи вазири корҳои дохилӣ ҳангоми аз ҷониби шахсони мансабдори мақомот қабул намудани шаҳрвандон ва намояндагони шахсони ҳуқуқӣ оид ба ҳалли муроҷиати онҳо ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон иштирок намояд;
- ба роҳбарони дахлдори мақомоти корҳои дохилӣ оид ба гузаронидани санҷиш дар бораи аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, талаботи рафтори хизматӣ, меъёрҳои одоби касбӣ, дархост кунад, дар чунин санҷишҳо иштирок намояд ва бо натиҷаҳои онҳо шинос шавад;
- тибқи мақсад ва вазифаҳояш конференсияҳо ва семинарҳо ташкил ва баргузор намояд, бюллетенҳо барорад, ҳисоботро дар бораи фаъолияти худ нашр ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пахн намояд;
- дар таҳияи лоиҳаҳои барномаҳо ва стратегияҳои давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, барномаҳои рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иштирок намояд [15].

Тибқи талаботи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 яке аз вазифа ва мақсадҳои асосии ислоҳоти милитсияро таъсиси низоми назорати ҷамъиятӣ дар фаъолияти милитсия, таҳқиқоти (мониторинги) ҷамъиятӣ, экспертизаи ҷамъиятии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати корҳои дохилӣ, гузаронидани машваратҳо байни ҷомеа ва милитсия, инчунин ба роҳ мондани ҳисоботдиҳии роҳбарони сохторҳои милитсия дар назди аҳолӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ ташкил намуда [16], дар

муҳлати пешбинишуда пурра ҳалли худро наёфт, аз ин рӯ, тибқи Барномаиислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 масъалаи мазкур ҳамчун масъалаи ҳалталаб имрӯз ва оянда боқӣ мемонад.

Яке аз роҳҳои афзоиши эътимоди аҳолӣ ба мақомоти милитсия, ин иттилоотонии аҳолӣ оид ба вазъи оперативии маҳал, натиҷаҳои фаъолияти хизматии мақомоти милитсия ба ҳисоб меравад, ки чорабинии мазкур худ моҳиятан назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро низ инъикос менамояд.

Дар Низомномаи нозирони минтақавии милитсия пешбинӣ карда шудааст, ки нозири минтақавии милитсия бо аҳолии минтақаи хизматӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ алоқаи доимӣ барқарор намуда, на кам аз як маротиба дар се моҳ дар назди аҳолии минтақа ва на камтар аз як маротиба дар як сол дар назди вакилони халқӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ дар маҷлисҳои сокинони минтақаи хизматӣ дар хусуси натиҷаи фаъолияти хизматӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, профилактикаи пешбурди корҳои инфиродӣ ва дигар самтҳои фаъолияти хизматӣ (ба ғайр аз фаъолияти оперативӣ) ҳисобот пешниҳод менамояд [17].

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда дар алоқамандӣ ба таъкидҳои Роҳбари давлат оид ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯйи Стратегияи ислоҳоти милитсия, мувофиқи банди 8 Нақшаи чорабиниҳои ташкилӣ оид ба ворид намудани курси махсуси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии шарики иҷтимоии раванди ислоҳоти милитсия - Намояндагии ташкилоти байналмилалии «Дунёи бехатар» (Сейферволд) барои июни 2019 то апрели 2020, ки бо фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2019 тасдиқ шудааст ва бо мақсади таҳияи Роҳнамои ҳамкории милитсия бо ҷомеа, муаллифи мақола ҳамчун аъзои гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани пурсишҳои сотсиологии аҳолӣ, пурсиши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаҳо ва маниторинги андешаҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани сабабҳо ва омилҳои асосии таъсиррасони манфӣ ба ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, иштирок намудааст.

Арзёбии тадқиқот ва пурсиши сотсиологии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар мавзуи «Ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ» дар байни роҳбарияти Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ВМКБ, вилояти Суғд, минтақа ва ноҳияҳои Рашт, гурӯҳи минтақавии ноҳияҳои Кӯлоб ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 16 нафар, аз ҳисоби намояндагони васоити ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ ва аҳолии маҳаллии воҳидҳои марзию ҳудудии зикршуда дар ҳайати 77 нафар гузаронида шуд ва бо мақсади гирифтани посуххои аниқ оид ба мушкилиҳои ҷойдошта дар мавзуи таҳқиқшаванда дар байни пурсидашудагон 9 маротиба мусоҳиба ва гуфтугӯи мустақим анҷом дода шуд.

Дар иртибот ба саволи “Ташкили кори зердастон оид ба ҳисоботдиҳӣ дар назди аҳолӣ», пурсидашудагон аз ҳисоби роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷойҳо бо шумораи 75% иброз намуданд, ки кори зердастони мо дар ин самт ба таврӣ зарурӣ ба роҳ монда шудааст. 25% дигар бошад, қайд намуданд, ки айни замон зердастон, аз ҷумла нозирони минтақавии милитсия таҷрибаи пурраи ҳисоботдиҳиро дар назди аҳолӣ надоранд, аз ин сабаб дар чорабиниҳои ҳисоботдиҳӣ бештар роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ ҷалб мегарданд.

Аз муқоисаи натиҷаи пурсиш ва мусоҳиба бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ маълум гардид, ки онҳо баръакс 75% ҳисоботдиҳиро дар назди аҳолӣ ба фаъолияти роҳбарони мақомот вобаста медонанд. Яъне, қайд карда шуд, ки қариб дар тамоми чорабиниҳои ҳисоботдиҳӣ ба ҷойи нозирони минтақавии милитсия дар минтақаи хизматии онҳо роҳбарони мақомот ташриф оварда, чорабиниро мегузаронанд. Намояндагони шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳама ҷойҳои пурсидашуда қайд намуданд, ки баъзе ҳолатҳо мо ҳарчанд нозирони минтақавии милитсияро барои гузаронидани чорабинии ҳисоботдиҳӣ мехоҳем ҷалб намуда, ёрӣ расонем, аммо онҳо аз иҷрои ин уҳдадории хизматии худ бо ҳар баҳонаи беасос дӯрӣ меҷӯянд.

Пурсидашудагон аз ҳисоби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо шумораи 25% иброз доштанд, ки айни замон бар замми дар вақтҳои муқарарӣ баргузор накардани чорабинии ҳисоботдиҳӣ ва сатҳи нокифояи таҷрибаи кормандон, ҳисоботдиҳии нозирони минтақавии милитсия дар назди аҳолӣ доир карда мешавад.

Чи тавре ки аз натиҷаи таҳлили арзёбӣ ва назарсанҷӣ маълум гардид, ба саволҳои якхелае, ки дар самти ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шуд, посухҳои пурсидашудагон аз ҳисоби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Ба фикри мо, роҳбарони ҷузъу томҳои ҳудудии мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми мусоҳиба кӯшиш намуданд, ки манфиатҳои идоравиро боло гузошта, ба ин восита зердастони худро дастгирӣ ва ҳимоя намоянд. Аммо посухҳои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро мо бо чунин асосҳо ба мақсад қонеъкунанда ҳисобидем: Якум, дар назарсанҷӣ аз ҳисоби аҳолӣ шахсони фаъоли ҷомеа ҷалб гардида буданд; дуюм, шумораи пурсидашудагон аз ҳисоби ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба кормандони мақомот чанд маротиба зиёд буд; сеюм, мусоҳиба дар шароити озоди баёни фикру андеша доир карда шуд; чаҳорум, қисмате аз пурсидашудагонро нафароне ташкил менамуданд, ки аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ буданд ва онҳо бевосита пайвандгари байни милитсия ва ҷомеа дар масъалаи ҳамкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 қайд карда шудааст, ки ҳамкории милитсия бо ҷомеа на танҳо дар самти огоҳонӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ амалӣ мегардад, балки барои ҷомеа шароит фароҳам оварда мешавад, ки назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро амалӣ намояд [18]. Аз ин рӯ, Барнома дар қатори арзёбии дохилиидоравӣ, ҳамчунин арзёбии берунии назорати фаъолияти милитсияро пешбинӣ менамояд. Раванди арзёбии берунӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо гузаронидани пурсиш ва назарсанҷии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

Дар Барнома пешбинӣ гардидааст, ки назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия бо гузаронидани чунин чорабиниҳо ба роҳ монда мешавад: мониторинги ҳарсолаи натиҷаҳои фаъолияти милитсия; пешниҳоди ҳисобот оид ба фаъолияти хизматӣ; ташкил ва гузаронидани машваратҳои муштарак бо шуроҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Чорабиниҳо оид ба назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия аз ҳамкории мутақобила ва хусусиятҳои ҳамкорӣ дар намуди шарикии иҷтимоӣ дарак медиҳанд. Аз ин бештар, бояд қайд намоем, ки дар самти назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ҳуқуқҳои бештар ба шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ дода шудааст.

Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди милитсия назардошту пешниҳоди ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳидаро ҷиҳати ташаккул ва татбиқ намудани сиёсати давлатӣ вобаста ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа ба маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ расонида, дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар ин бобат назорати ҷамъиятиро амалӣ менамояд [19].

Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофият ва самаранокии истифодаи маблағҳои буҷавӣ, кумакҳои техникӣ ва грантҳоро, ки аз тарафи донорҳо ҷудо карда мешаванд, назорати (мониторинги) ҷамъиятӣ мебарад [20].

Шурои ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ташхиси (экспертизаи) ҷамъиятии лоиҳаҳои санадҳои меъёри ҳуқуқии ғайримахфии мақомоти корҳои дохилиро дархост намояд. Ҳамчунин, аъзоёни шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия, ҷиҳати холисона ва ҳаматарафа баҳогузорӣ намудани шахсони барои хизмат ба мақомоти милитсия қабулшаванда дар кори комиссияҳои аттестатсионии Вазорат ва раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ, ки тартиби онро вазири корҳои дохилӣ муайян мекунад, иштирок менамоянд.

Айни замон милитсияи тоҷик дар марҳилаи дуюми ислоҳоти давраи соҳибхтиёрии давлат қарор дорад ва вобаста ба раванди баамалбарории чунин ислоҳот қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ дар назар аст, ки дар байни онҳо аз ҳама муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи политсия” эътироф мегардад. Лоиҳаи қонуни

мазкур аллакай омода гардида, дар меъёрҳои он масъалаи назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия низ танзими худро ёфтааст. Аммо, фикр менамоем, ки дар ин самти фаъолият меъёрҳои лоиҳавии қонун то ҳадди имкон пурра нестанд ва хулосаи мавзу таҳқиқшаванда шаҳодати ин гуфтаҳост.

Аз натиҷаи таҳлили мавзуъ, бо мақсади дурнамои самараноки назорати ҷамъиятӣ ба фаъолияти милитсия, ки зуҳуроти воқеии инкишоф ва таҳаввулоти ҷомеаи шаҳрвандӣ (замони муосир) мебошад, пешниҳодҳои мазкур манзур карда мешаванд:

1. Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи политсия" назорат оид ба риояи талаботи қонуният дар фаъолияти политсия салоҳияти Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он муқаррар гардидааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар лоиҳаи Қонуни зикршуда назорати дохилиидоравӣ ва ҷамъиятӣ низ ҳамчун шаклҳои назорат ба фаъолияти политсия муқаррар карда шаванд.

2. Меъёрҳои лоиҳавии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи политсия" муқарраротҳоеро дар бар гирифтааст, ки корманди мақомоти корҳои дохилиро дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа соҳибихтиёр намегузорад, балки мавҷудияти чунин меъёрҳо зарурияти ҳамкории ҳатмиро тақозо менамояд. Ба таври мисол, афкори умум яке аз меъёрҳои асосии баҳогузории фаъолияти политсия муқаррар шудааст. Бо ин мақсад, айни муддаост, ки Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма ва марказҳои тадқиқотӣ, таҷрибаи хешро дар самти мунтазам гузаронидани мониторинги афкори ҷомеа мустаҳкам намояд.

3. Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи политсия" муқаррар шудааст, ки натиҷаи мониторингҳо ба самъи мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ ва шаҳрвандон ба таври хаттӣ, тавассути васоити ахбори омма ва шабакаҳои иттилоотии интернет расонида мешавад. Аз ин лиҳоз, барои оне ки фаъолияти хизматии корманди милитсия аз ҷониби ҷомеа хуб баҳогузорӣ карда шавад, мебояд, ки ӯ бо ҷомеа ҳамкорӣ намояд ва фикру ақидаи ҷомеа ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳалли вазифаҳои хизматӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ воқеан ба инобат гирад.

4. Дар фаъолият оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳама бештар нозирони минтақавии милитсия имконияти васеъ ва воқеӣ доранд. Чи хеле ки маълум аст, дар самти зикршуда фаъолияти нозирони минтақавии милитсияро шуъбаи дахлдори Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва назорат менамояд [21], аммо дар ин самти бисёр муҳимми фаъолият дар Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ то ҳол ягон воҳиди сохторӣ ва корӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳамчунин, аз таҳлили низомномаи сохтори зикршудаи ВКД муайян мегардад, ки то ҳатто ягон вазифа ва функсияи мушаххас оид ба назорати фаъолияти нозирони минтақавии милитсия дар самти ҳисоботдиҳии онҳо дар назди аҳолӣ дар низомнома пешбинӣ нагардидааст. Ба назари мо, дар ҳайати раёсати зикршуда таъсис додани сохтори алоҳида оид ба назорати ташкили кори нозирони минтақавии милитсия бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳисоботдиҳии он дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ё вазифагузории мушаххас ҷиҳати механизми ташкили фаъолият дар самтҳои зикршуда аз манфиат холӣ нест.

5. Билохира, то замони пурра барқарор шудани механизми амалигардонии назорати ҷамъиятӣ ба фаъолияти милитсия (дар оянда политсия) пешниҳод карда мешавад, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба курсҳои омӯзишии ҳамкории милитсия бо ҷомеа дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ ҳарчи бештар ҷалб карда шаванд.

**Муқарриз:н.и.ҳ., подполковники милитсия,**
**Академияи ВКД ҶТ – Амрудинзода М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Федералии Федератсияи Россия «Дар бораи политсия», аз 07.02.2011. №3-ҚФ. [Манбаи электронӣ]. kodeks.karelia.ru›api/show/902260215. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с); Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон», аз 23.04.2014. №199-V. [Манбаи электронӣ]. kodeksy-kz.com›ka/ob_organah_vnutrennih_del.htm. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с); Қонуни Украина «Дар бораи политсияи миллӣ» аз 02.07.2015. № 580-VIII. [Манбаи электронӣ]. kodeksy.com.ua›ka/o_natsional_noj_politsii.htm. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с).

2. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021 таҳти №211 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/barnomai-islo-oti-. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с).
3. Сергиенко А.М. Правовое регулирование форм общественного контроля в системе местного самоуправления: вопросы теории и практики. В сборнике: Актуальные вопросы развития российской государственности и публичного права / А.М. Сергиенко // Материалы III всероссийской научно-практической конференции. Ответственный редактор Е.В. Трофимов. -2017. – С. 89-95.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Зери таҳрири С.Назарзода (раис), А.Сангинов, С.Каримов, Мирзо Ҳ.С. –Душанбе, 2008. – 949 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Зери таҳрири С.Назарзода (раис), А.Сангинов, С.Каримов, Мирзо Ҳ.С. –Душанбе, 2008. – 944 с.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). // Сомонаи ММК http://base.mmk.tj.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023. -№ 1969.
8. Гончаров А. А. Гражданский контроль над органами власти / А. А. Гончаров. –М.: 2010. Издательство «Весь Мир». – 224 с.
9. Дмитриенко М. О. Общественный контроль как элемент государственно-общественного управления. // http://xn---- 7sbbaj7auwnffhk.xn--p1ai/article/12410.
10. Одинаев А.Ш. Формирование гражданского общества в Республике Таджикистан и правопонимание. Дисс. … канд. юрид. наук / А.Ш. Одинаев. – Москва, 2007. – 180 с.
11. Князев Р. М. Муниципальный Интернет-ресурс как форма эффективного взаимодействия муниципальной власти и населения // Проблемы современной экономики/ Р. М. Князев //Мат. междунар. научн. конф. (Челябинск, декабрь 2011 г.). – Челябинск: Два комсомольца, 2011. – С. 36–42.
12. Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 таҳти №592 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/nizomnomai-vkd. (санаи муроҷиат: 23.03.2024с).
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17- уми майи соли 2004, № 41. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 352).
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», аз 22 июни соли 2023. -№ 1969.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», аз 22 июни соли 2023. -№ 1969.
16. Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014 - 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2014 таҳти № 296 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/barnomai-islo-oti-. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с).
17. Фармоиши ВКД аз 23 феврали соли 2013 таҳти №10 б/з «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи нозирони минтақавии милитсия ва Низомномаи намунавии Шуъба, шуъбача, минтақаҳои хизматии милитсия ва нуқтаҳои такягоҳи тартиботи ҷамъиятии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
18. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021 таҳти №211 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/barnomai-islo-oti-. (санаи муроҷиат: 24.03.2024 с).
19. Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия, ки бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2017 таҳти №256 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/farmon-o/14496. (санаи муроҷиат: 21.03.2024 с).
20. Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2014 таҳти №841 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/farmon-o/14496. (санаи муроҷиат: 21.03.2024 с).
21. Низомнома дар бораи Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми ноябри соли 2007 таҳти №693 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/farmon-o/14496. (санаи муроҷиат: 21.03.2024 с).

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА ДУРНАМОИ НАЗОРАТИ ҶАМЪИЯТИИ ФАЪОЛИЯТИ МИЛИТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз падидаҳои муосири эҳёи ҷомеаи шаҳрвандӣ, яъне назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ислоҳоти милитсияи давраи соҳибистиқлолии давлат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Бо мақсади собит намудани асоснокӣ ва зарурияти назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зериқонунӣ, ҳамчунин баъзе аз санадҳои дохилиидоравии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳо оид ба масъалаи тадқиқшавандаро танзим менамоянд, номбар карда шуда, меъёрҳои дахлдори онҳо ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Муқоисаи байни санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия бо санадҳои қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ оид ба масъалаи зикршуда дар таълифи мақола истисно

нагардидааст.Қисмати муҳимми баррасии масъаларо аз рӯйи мавзуи таҳқиқшуда назарсанҷӣ ва арзёбии кормандони милитсия оид ба ташкили фаъолияти нозирони минтақавии милитсия дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил менамояд. Муаллиф кӯшиш бо мақсади пурра намудани ҷойҳои холигии қонунгузории соҳавӣ, санадҳои дохилиидоравии Вазорати корҳои дохилӣ ва мутобиқ намудани меъёрҳои онҳо бо қонунгузории дигар давлатҳо, пешниҳодҳои мушаххас манзур намудааст.

**Калидвожаҳо:** назорат, назорати ҷамъиятӣ, ислоҳоти милитсия, ҳисоботдиҳии милитсия, шурои ҷамъиятӣ, иттилоотонии аҳолӣ, нозири минтақавии милитсия, лоиҳаи Қонун "Дар бораи политсия".

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ОБЩЕСТВЕННОГО КОНТРОЛЯ ЗА ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ МИЛИЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СВЕТЕ РЕФОРМЫ

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел одно из современных явлений возрождения гражданского общества в годы независимости республики – общественный контроль за деятельностью милиции в Республике Таджикистан в свете реформы милиции. С целью упрочения обоснованности и необходимости общественного контроля за деятельностью милиции перечислены нормативные правовые и подзаконные акты, а также некоторые внутриведомственные акты МВД Республики Таджикистан, регулирующие взаимоотношения по исследуемому вопросу и подробно проанализированы соответствующие нормы. Статья, наряду с указанием положений нормативных правовых и подзаконных актов, также подкреплена теоретическими и научными мнениями. Также в статье проведен сравнительный анализ законодательных актов Республики Таджикистан по регулированию общественного контроля за деятельностью милиции с законодательными актами некоторых государств-участников СНГ.Важной частью рассматриваемого вопроса по исследуемой теме является оценка сотрудников милиции по организации деятельности участковых инспекторов милиции по линии сотрудничества с общественностью в обеспечении общественного порядка. В заключительной части статьи автором предпринята попытка внести конкретные предложения по восполнению пробелов в отраслевом законодательстве, внутриведомственных актах МВД, чтобы их нормы соответствовали законодательным актам других стран.

**Ключевые слова:** контроль, общественный контроль, реформа милиции, отчетность милиции, общественный совет, информирование населения, участковый инспектор милиции, проект Закона «О полиции».

## LEGAL REGULATION AND PROSPECTS FOR PUBLIC CONTROLOVER THE ACTIVITIES OF THE POLIS OF THE REPUBLIR OF TAJIKISTANIN THE LIGHT OF REFORMS

In this article, the author analyzed and considered one of the modern phenomena of the revival of civil society - public control over police activities in the Republic of Tajikistan in the light of police reforms during the period of state independence. In order to substantiate the validity and necessity of public control over the activities of the police, an attempt has been made to list legislative and by-laws, as well as some internal regulations of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. which regulate relations on the issue under study, and their corresponding norms must be specifically analyzed. The article is supported by legal and regulatory provisions, as well as theories and scientific opinions. It is possible to compare the legislative acts of the Republic of Tajikistan on the regulation of public control over the activities of the police with the legislative acts of some CIS member states on the issue specified in the article. An important part of the consideration of the issue according to the topic under study is a survey and assessment of police officers on the organization of the activities of regional police inspectors in the area of cooperation with the population in ensuring public order. In the summary part of the conclusion, the author made an attempt to make specific proposals in order to fill gaps in industry legislation, internal documents of the Ministry of Internal Affairs and harmonize their norms with the legislation of other countries.

**Keywords:** control, public control, police reform, police reporting, public council, informing the population, regional police inspector, draft law "On the Police".

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддинзода Суфи Нуриддин*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2. **Суроға:** 734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **908-11-55-98.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинзода Суфи Нуриддин*** **-** Академия МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции, доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета №2. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3 Телефон: **908-11-55-98.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinzoda Sufi Nuriddin*** **-** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police lieutenant colonel, associate professor of the department of administrative law and administrative activity of faculty No. 2. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastonqulov street, 3. Phone:**908-11-55-98.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

ТДУ: 343.98(575.3)

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

*Ғафурзода Далер Азалшо*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун қисми таркибии маҷбурсозии маъмурӣ барои батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз унсурҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Татбиқсозии чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ яке аз намудҳои фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он ба ҳисоб рафта, он дар доираи фаъолияти иҷрокунандагӣ амалӣ карда шуда, барои татбиқсозии меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ равона шудааст.

Зери мафҳуми ҷавобгарӣ уҳдадорӣ ва ҷавоб гуфтан барои амал ва ҳаракатҳои худ, ки оқибатҳои муайянеро ба вуҷуд овардааст, фаҳмида мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ - яке аз намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, моҳияти он аз тоб овардани ҳуқуқвайронкунанда ба чораҳои таъсиррасоние, ки тибқи муқарраротн меъёрҳои ҳуқуқ нисбати ӯ андешида мешавад, иборат мебошад. Яъне, шарти асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он иборат мебошад, ки ҳуқуқвайронкунанда ба чораҳои маҷбурсозии давлатие, ки нисбати ӯ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ андешида мешавад, таҳаммул намояд [1,с.694].

Дар ин росто ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои ҳуқуқии маҳв кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти фоидаовари ҷамъиятии инсон ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ дар бобати ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бахусус дар бобати мафҳуми томи ҷавобгарии ҳуқуқӣ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун чораи маҷбурсозии давлатӣ баҳогузорӣ карда шудааст, ки дар маҳкумсозии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунанда дар шакли муқаррар намудани маҳдудиятҳо ва оқибатҳои номусоиди молумулкӣ зоҳир мегардад.

Ба ақидаи Клюшниченко А.П., ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунанда дар тоб овардан ба чораҳои маҷбурсозии давлатии сарзанишкунандаи кирдорҳои гунаҳкоронаи ӯ ба ҳисоб рафта, он дар маҳрум намудани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии ӯ ифода меёбад [2,с.22].

Дар аксарияти тадқиқотҳои илмӣ оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумла Б.Л. Назаров, онро ҳамчун муносибати ҳуқукие, ки миёни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат ба вуҷуд меояд, шарҳ додааст [3,с.133]. Л.С. Явич ҷавобгарии ҳуқуқиро як намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мешуморад, ки он бо санксияи меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар карда мешавад [3,с.134]. Проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо проблемаи озодии ирода дар алоқамандии зич қарор дорад. Инсон дар сурате барои содир намудани кирдор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки агар ӯ ин кирдорро бо доштани иродаи озод содир намуда бошад [2,с.21].

Гурӯҳи дигари олимон, ба монанди Самошенко И.С., Фарукшин М.Х., ҷавобгарии ҳуқуқиро дар ҷомеаи сотсиалистӣ ҳамчун маҷбурсозии давлатӣ меҳисобиданд, ки он барои иҷрои ҳуқуқи шуравӣ равона шудааст [3,с.130].

Вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ Л.С. Явич ва О.Э. Лейст корҳои илмии назаррас анҷом дода, мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро нисбатан васеъ шарҳ додаанд. Масалан, О.Э. Лейст ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун амалисозӣ ва татбиқсозии санксия шарҳ додааст. Аммо ӯ иброз менамояд, ки мафҳуми ҷавобгарӣ вобаста ба ҳаҷми худ аз мафҳуми «татбиқи санксия» васеъ буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: бандубасти кирдор; кафолати комёбшавӣ ба ҳақиқати объективӣ аз рӯйи парванда; пешгирии поймолкунии ҳуқуқи шахс; асосҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ; ба инобат гирифтани вазъияти ҳуқуқвайронкунанда ҳангоми таъин намудани ҷарима ва дигар санксияҳои ҷазодиҳанда [3,с.131].

Аз рӯйи моҳият, нуқтаи назари С.Н. Братус ба нуқтаи назари Л.С. Явич ва О.Э. Лейст шабоҳат доранд. Аз нигоҳи ӯ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ин амалисозии санксияи меъёрҳои ҳуқуқ буда, он уҳдадорӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро ба миён меорад. «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадорӣ буда, вале ба таври маҷбурӣ иҷро карда мешавад, агар шахс (шаҳрванд ё

шахси ҳуқуқӣ), ин уҳдадории ба зиммааш гузошташударо ба таври ихтиёрӣ иҷро накунад» [3,с.131].

Албатта, масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ вобаста ба он фикру ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Вале ҳангоми ба моҳияти аслии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мақсади татбиқи он назар кардан, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгар намудани шахси ҳуқуқвайронкунанда барои содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқиаш дар назди қонун мебошад. Новобаста аз муҳокимаронихои зиёд оид ба ин масъала, моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусият ва намудҳои он баҳснок боқӣ монда, омӯзиши ҷиддиро талаб менамояд.

Ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дар як вақт қисмати таркибии маҷбурсозии маъмуриро ташкил медиҳад. Ҷавобгарии маъмурӣ дар баробари доро будани сифатҳои маҷбурсозии маъмурӣ дар як вақт дорои ҳамон хусусиятҳое мебошад, ки ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос аст.

Вобаста ба ин, ҷавобагии маъмурӣ, пеш аз ҳама, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровварда шуда, дар маҳкумсозии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии содиршуда зоҳир гардида, дар татбиқи санксияҳои меъёри ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки аз тарафи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар доираи меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ таъин карда мешавад.

Тибқи назарияи ҳуқуқи маъмурӣ ҷавобгарии маъмурӣ ин аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он муқаррар ва татбиқ намудани меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ нисбати шахси воқеӣ ва ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки кирдори маъмурӣ содир намудааст [4,с.16].

Вобаста ба истилоҳи «ҷавобгарии маъмурӣ» то имрӯз миёни олимон дар ин самт фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Новобаста аз мафҳумҳои илмии гуногун ва нақши онҳо дар ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти амалӣ, танҳо мафҳуми расмии дар қонунгузорӣ мустаҳкамшудаи ҷавобгарии маъмурӣ ба он хусусияти ҳуқуқӣ бахшида, дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳайси меъёри ҳатмӣ ҷой мегирад.

Мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун баён карда шудааст. Тимошенко И.В. оид ба ин масъала ба се давраи таърихӣ ишора кардааст: 1) давраи то қабули Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва республикаҳои иттифоқӣ оид ба хуқуқвайронкунии маъмурии соли 1980; 2) давраи баъди қабули Асосҳо ва қабули кодексҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ солҳои 1984-1985 ва 3) давраи муосир, яъне бо қабули Кодекси амалкунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия декабри соли 2001 ва мавриди амал қарор гирифтани он 1июли соли 2002 номгузорӣ шудааст [11,с.75].

Ҳангоми таҳлили давраи аввали таърихии пешниҳоднамудаи Тимошенко И.В., метавон иброз намуд, ки аксарияти олимоне, ки ҳамон вақт ба омӯзиши масъалаи ҷавобгарии маъмурӣ машғул буданд, такя ба мазмуни назарияи ҳуқуқии ҳамон давра намуда, иброз намудаанд, ки «ҷавобгарии маъмурӣ» истифода ва татбиқи санксия дар сурати содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ мебошад» [11,с.75].

Вобаста ба мафҳуми дар боло овардашуда баъзе муаллифони ин давра, ба монанди Ямполская С.А., Лазарев Б.М., Салишева Н.Г., Серегин А.В., Студенкина М.С., Бартиков И.Ф., Дагел П.С., Елисейкин П.Ф., Куклин В.А., Нестеров А.И. ва Якуба О.М. ҷавобгарии маъмуриро ҳамчун амалисозии чораи ҷазои маъмурӣ ё санксияи маъмурӣ шарҳ додаанд. Брокауз Ф.А., Ефрон И.А., мазмуни ҷавобгарии маъмуриро васеъ шарҳ дода, онро ҳамчун амалисозии чораи ҷазо ва чораи азнавбарқароркунӣ дар ҳуқуқи маъмурӣ меҳисобиданд [11,с.75]. Лунев А.Е., Попова В.И. ва Додин Е.В. бошанд, ҷавобгарии маъмуриро чораи амалисозии ҷазо ва чораи пешгирии маъмурӣ маънидод намудаанд [11,с.75]. Нуқтаи назари гурӯҳи чоруми муаллифон, асосан В.М. Манохина низ ҷой дошт, ки ба нуқтаи назари Брокауз Ф.А., Ефрон И.А.,наздикӣ дошт. Мувофиқи он, «ҷавобгарии маъмурӣ амалисозии чораҳои ҷазо, пешгирӣ ва азнавбарқарорсозӣ мебошад» [11,с.75].

Бо қабули Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ соли 1980 ва минбаъд қабули Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1985 давраи дигари ибрози нуқтаҳои назар оид ба мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ шуруъ гардид. Аксарияти ин ақидаҳо мисли пештара ба мафҳуми пешниҳоднамудаи О.С. Иоффе ва М.Д. Шаргородский оид ба ҷавобгарии

ҳуқуқӣ такя карда, онро ҳамчун чораи маҷбурсозии давлатӣ меҳисобиданд, ки дар асоси маҳкумкунии ҷамъиятӣ ва ҳуқуқии рафтори ҳуқуқвайронкунанда татбиқ шуда, барои ӯ оқибатҳои манфиро дар намуди маҳдудкунии шахсӣ ва молумулкӣ муқаррар менамояд [11,с.75]. Вале мафҳуми расмии ҷавобгарии маъмурӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номбаршуда дода нашуда буд.

Мафҳуми зикршударо ба асос гирифта, В.М. Манохина ва Ю.С. Адушкина дар монографияи худ «Ҷавобгарии маъмурӣ дар ИҶШС», ки соли 1988 ба табъ расидааст, мафҳуми ҷавобгарии маъмуриро чунин шарҳ додаанд: «ҷавобгарии маъмурӣ - ин институти маҷбурсозии маъмурӣ буда, он дар муқаррар намудани ҷазо нисбати ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад» [11,с.75]. Ин ҷазоҳо дар моддаи 12 Асосҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва минбаъд қисми махсуси кодексҳои иттифоқӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дарҷ гардида буданд.

Тибқи санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии зикршуда аломатҳои асосии ҷавобгарии маъмурӣ асоси ҷавобгарии маъмурӣ – содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва чораи ҷавобгарӣ – ҷазои маъмурӣ ба ҳисоб меравандд.

Мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ таркиберо дар бар мегирад, ки он нисбат ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамзамон ҳамаи аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дорост яъне: а) маҷбурсозии давлатиро ифода мекунад; б) нисбати ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои номусоиди шахсӣ ва ё молумулкиро ба миён меорад; в) дар натиҷаи татбиқи санксияи меъёрҳои ҳуқуқ нисбати ҳуқуқвайронкунанда фаро мерасад; г) дар шакли мурофиавӣ таҷассум меёбад.

Аммо новобаста аз он ки дар ин самт олимон, аз қабили Д.Н. Бахрах, К.С. Белский, И.А. Галаган, И.И. Веремеенко, Е.В. Додин, Б.М. Лазарев, А.Е. Лунев, В.М. Манохин, Н.Г. Салишева, М.С. Студенкина, Л.Л. Попов, А.П. Шергин, О.М. Якуба, С.А. Ямполская як қатор корҳои илмӣ ба анҷом расонидаанд на Асосҳои қонунгузории ИҶШС оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва на Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ солҳои 1984-1985 мафҳуми ҷавобгарии маъмуриро ифода накарда буданд. Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқии советӣ андешае мавҷуд буд, ки мувофиқи он «моҳияти мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ дар меъёрҳои қонунҳо, асосҳо ва кодексҳо ба таври аниқ муқаррар карда шудааст, аз ин рӯ зарурати додани чунин мафҳум ҷой надорад».

Танҳо пас аз истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабул гардидани Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2008 ба таври расмӣ мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ дар моддаи 22 Кодекси мазкур ифодаи худро ёфт. Мутобиқи он, ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) татбиқ карда мешавад [5].

Ю.М. Козлова ва Л.Л. Попова иброз менамоянд, ки ҷавобгарии маъмурӣ амалисозии меъёрҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ба ҳисоб меравад, ки хусусиятҳои хосси худро дорад [8,с.335].

Ҳама намуди ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳои хосси худро доранд, ки метавон тафовути онҳоро аз якдигар тавассути ҳамин хусусиятҳо нишон дод.

Дар хусуси хусусиятҳои ҷавобгарии маъмурӣ Холмаҳмад Ойев зикр менамояд, ки ҷавобгарии маъмурӣ ба монанди ҷавобгарии ҷиноятӣ, гражданӣ ва интизомӣ дорои чунин аломатҳо мебошад [9,с.383].

И.А. Галаган қайд менамояд, ки ҳангоми дида баромадани ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷиҳати моддӣ – ҳуқуқӣ чаҳор хусусияти асосии онро ҷудо намудан зарур аст:

- азбаски ҷавобгарии маъмурӣ татбиқи чораҳои ҷазои маъмуриро муқаррар менамояд, он дар шакли маҷбурсозии давлатӣ ифода меёбад;
- боиси маҳкумкунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ гардида, барои ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои манфиро ба миён меорад;
- барои кирдори (амал ва беамалии) гунаҳкоронаи зиддиҳуқуқӣ фаро мерасад;
- дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва амалӣ мегардад [10,с.13].

Натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ боиси он мегардад, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ба миён меоянд, зарар мерасад [10,с.20]. Дар натиҷа оқибатҳои манфии аз ин кирдор бавуҷудомада бар дӯши ҳуқуқвайронкунанда бо тартиби маҷбурӣ вогузор карда мешаванд. Ин оқибатҳо дар маҳрумкуниҳои хусусияти шахсӣ ва ё молумулкидошта ифода меёбанд. Маҳз оқибати маҳрумкуниҳои молумулкӣ хосси ҷавобгарии маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи ҳоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мераванд [10,с.20].

Маҳз ҷазои маъмурӣ марҳилаи ниҳоии мубориза давлат бо ҳуқуқвайронкунӣ буда, гунаҳкор мувофиқи хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиркардааш ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад [12,с.56]. Лекин дар қисми 2 моддаи 35 Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст, ки ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар руҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз ҷониби шахсони дигар татбиқ карда мешавад [12,с.56].

Холмаҳмад Ойев чунин мешуморад, ки яке аз хусусиятҳои ҷавобгарии маъмурӣ содир намудан ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад [9,с.383]. Бо ин фикри устод мо розӣ шуда наметавонем, зеро аз моддаи 2 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҳифзи саломатӣ, ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ, солимгардонии муҳити зист, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, моликият ва ғайраҳо иборат мебошад [5]. Ҳамин нуқтаи назар дар тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ИҶШС низ дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, ҳангоми назар намудан ба қисми 1 моддаи 10 Қонуни мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки на ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бар зидди идоракунии давлатӣ равона шудаанд. Объекти суиқасди онҳо дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ низ шуда метавонанд. Масалан, майдадуздӣ – дар соҳаи таъмини нигоҳдорӣ ва истифодаи молу мулк содир мешавад; майдаавбошӣ – дар соҳаи тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ содир шуда, истироҳати муътадили шаҳрвандонро халалдор сохта, бисёр вақт ба обрую эътибори онҳо зарар мерасонад; ё ин ки вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ бар зидди озодии виҷдон равона шудааст.

Олимони дигар Ю.М. Козлова, Л.Л. Попова дар хусуси ҷавобгарии маъмурӣ ҳамфикр буда, чунин мешуморанд, ки ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои содир намудани хуқуқвайронкунии маъмурӣ ба вуҷуд омада, объекти онро суиқасд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад [8,с.337].

Аз тарафи дигар, ҷавобгарии маъмурӣ барои на ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, балки барои вайронкунии он меъёрҳое, ки барои он ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, татбиқ мешавад:

1. Ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи ҳуқуқ ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, алалхусус ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баромад намуда, ба ҷамъият ҳавфнокии он камтар аст, вале назар ба ҷиноят бисёртар содир мешавад. Хавфнокии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ на танҳо дар худи амал ва беамалии зиддиҳуқуқии он, балки дар паҳншавии барзиёд ва «оммавишавии» ин кирдор, ки садҳо дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар мегирад, ифода меёбад.

2. Ҷавобгарии маъмурӣ бо таркиби субъективии худ фарқ мекунад. Субъекти ин намуди ҷавобгарӣ шахси воқеӣ, мансабдор, ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб меравад.

3. Хусусияти сеюми ҷавобгарии маъмурӣ дар он зоҳир меёбад, ки чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда аз тарафи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ бо мақсади тарбияи гунаҳкор, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои нав татбиқ карда мешавад.

4. Вайронкунии меъёрҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ боиси татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ мегарданд. Яке аз ин чораҳо ҷазои маъмурӣ мебошад. Маҳз ҷазои

маъмурӣ дар тафовут аз дигар чораҳои огоҳонӣ, пешгирӣ ва мурофиавӣ дар натиҷаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан татбиқ мешавад.

5. Ҷавобгарии маъмурӣ тартиби муқаррарнамоии худро дорад, ки бо ин хусусияташ аз дигар намуди ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Асоси ҳуқуқии ҷавобгарии маъмуриро Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд.

6. Чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби доираи васеи мақомотҳои ваколатдор ва шахсони мансабдор татбиқ мегарданд. Ҳамаи онҳо дар доираи ваколати худ нисбати ҳуқуқвайронкунандагони маъмурӣ ҷазо таъин мекунанд. Тибқи боби 10 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба онҳо дохил мешаванд: судҳо ва судяҳо, мақомоти корҳои дохилӣ ва шахсони мансабдори он, маъмурияти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти иҷроия [11].

7. Ҷавобгарии маъмурӣ нисбати он ҳуқуқвайронкунандагоне татбиқ карда мешавад, ки онҳо бо мақомотҳои ваколатдори татбиқкунандаи ҷазои маъмурӣ ва шахсони мансабдор дар муносибати хизматӣ қарор надошта, ба онҳо итоат намекунанд. Маҳз бо ҳамин хусусияташ ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷавобгарии интизомӣ фарқ мекунад. Зеро дар ҷавобгарии интизомӣ роҳбар, корманд ва хизматчӣ ба мақомоти болоӣ ва шахси мансабдор зертобеъ буда, бо фармони охирин ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Яке аз хусусиятҳои асосии ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои ҳуқуқвайронкунанда доғи судӣ намеорад ва асос барои аз кор озод кардани ӯ намегардад. Вале мо ба ин нуқта розӣ шуда наметавонем, зеро тибқи банди чоруми моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, № 233, яке аз асосҳои қатъ гаштани хизмати давлатӣ вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ба ҳисоб меравад [7]. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ҷавобгарии шахсони мансабдор пурзӯр карда шуда, ҷарима ба андозаи панҷсаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 39 600 (сию нуҳ ҳазору шашсад сомонӣ) муқаррар карда шуда, шахсони мазкур аз мансаб озод карда мешаванд.

9. Бо риояи тартиби хосси мурофиавии одӣ татбиқ карда мешавад, ки дар фарқият аз мурофиаи ҷиноятӣ, граждани ва иқтисодӣ ҳамчун қоида хусусияти фаврӣ, оҷилона ва сарфаҷӯёна дорад [9,с.383].

10. Ба ҷавобгарии маъмурӣ тамоми хусусиятҳо хос аст (қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ, қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва ғ.), ки чунин ифода меёбанд: аввалан, қойдаҳои ҳатмии рафтор барои ҳамаи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад, ки риоя накардани он боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад; дуюм, дар ҳама ҳолат ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар назди давлат фаро мерасад ва танҳо давлат мақомот ва шахсони мансабдори онро барои баррасӣ намудан ва таъни ҷазои маъмурӣ ваколатдор менамояд. Ҷавобгарии маъмурӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ монандӣ дошта, аз ҷавобгарии интизомӣ ва гражданӣ – ҳуқуқӣ фарқ мекунад, зеро ҷавобгариҳои охирин дар назди субъектони муносибатҳои шартномавӣ ва ғайришартномавии гражданӣ ва меҳнатӣ ба миён меояд.

11. Бо муҳлати татбиқи худ ҷавобгарии маъмурӣ фарқ мекунад. Агар қонунгузории гражданӣ барои даъвои молумулкӣ муҳлати даъворо то се сол муқаррар карда бошад, пас муҳлати ҷавобгарии маъмурӣ аз се то шаш моҳ аз рӯзи содир шудани кирдор муқаррар шудааст.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф шуда, он дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст. Ҷавобгарии маъмурӣ нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд ва оқибати ҷавобгарии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ мебошад, ки он тибқи қонунгузории маъмурӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва (шахсони мансабдор) нисбати ҳуқуқвайронкунанда таъин карда мешавад.

**Муқарриз:н.и.ҳ., подполковники милитсия,**

**Академияи ВКД ҶТ- Каримзода У.К.**

**АДАБИЁТ**


1. Большой юридический словарь. 2- е изд. Под. Ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. -М., 2001. - 704 с.
2. Бахрах Д.Н. Административная ответственность граждан В СССР; Учебное пособие / Д.Н. Бахрах. -Свердловск: Изд – во Урал. ун-та, 1989. – 201 с.
3. Денисов Ю.А. Общая теория правонарушения и ответственности; Монография / Ю.А. Денисов. -Ленинград: Изд – Ленинградского университета, 140 с.
4. Жданова Е.И. Административная ответственность юридических лиц за нарушение законодательства о защите прав потребителей: дис… канд. юрид. наук: 12.00.14 / Е.И. Жданова. -М., 2014. – 192 с.
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри 2008с., № 455. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.01.2024 № 2018, № 2019).
6. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли 2013с, № 975. (Ахбор Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи 2024с., № 2021).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти 2007с., № 233. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, мод. 166, №6, мод. 429; соли 2010, №3, мод.158; соли 2011, №6, мод. 452).
8. Козлова Ю.М. Административное право: Учебник / Ю.М. Козлова Л.Л. Попова. -М.: Юристь, 1999. -728 с.
9. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 / Х.Ойев. - ДМТ. –Душанбе, 2013. -651 с.
10. Резвых В.Д. Админситартивная ответственность за хозяйственные правонарушения. Учебное пособие / В.Д. Резвых. Горький, Горьковская высшая школа МВД СССР, 1976. - 136 с.
11. Тимощенко И.В. Проблемы административного и гражданского права / И.В.Тимощенко // Северо – Кавказский юридеский вестник. – 2009.- С. 74 - 79с.
12. Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсет Баҳриддинзода С.Э. – Душанбе, 2017. -1008 с.


## МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон оид ба масъалаи мафҳум ва хусусиятҳои асосии ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ суханронӣ намуда, нуқтаи назари олимони шуравӣ ва олимони муосирро вобаста ба мақсади асосии татбиқнамоии он иброз намудаанд. Бояд қайд намуд, ки муаллифон кӯшиш намудаанд, ки хусусиятҳои ҷавобгарии маъмуриро аз аломатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ҷудо карда, ба таври мухтасар пешкаши хонанда намоянд. Барои боз ҳам хусусияти илмию амалӣ пайдо намудани мақола, хусусиятҳои ҷавобгарии маъмурӣ вобаста ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаҳои муайян нишон дода шудаанд. Ногуфта намонад, ки мақола фарогири нуқтаҳои назари гуногуни олимон оид ба ҷавобгарии маъмурӣ аз овони ҳокимияти шуравӣ то замони муосир буда, қонунгузории шуравӣ ва пасошуравӣ тадқиқ шудааст. Қобили қайд аст, ки муаллифон роҷеъ ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ андешаронӣ намуда, фикру андешаҳои олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷиро рӯйи қоғаз овардаанд. Илова бар ин, мақола фарогири хусусиятҳои асосии фарқкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, алоқамандии ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ баён шудааст. Дар охир муаллифон барои боз ҳам асоснок намудани мавҷуд будан ва амал кардани хусусиятҳои ҷавобгарии маъмуриро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз қонунгузории амалкунанда мисолҳои равшан овардаанд. Дар ҳамин қисмат муаллифон вобаста ба мақолаи мазкур хулосабарорӣ намуда, фикрҳои худро вобаста ба мафҳум, моҳият ва мақсади татбиқнамоии ҷавобгарии маъмурӣ баён намудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, хусусиятҳои ҷавобгарии маъмурӣ,

## ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В данной статье авторы проанализировали вопросы понятия и особенностей административной ответственности как вида правовой ответственности, высказали мнения советских и современных ученых в связи с основной целью ее реализации. Необходимо отметить, что в статье авторы приложили усилия по разделению особенностей административной ответственности от признаков административной ответственности. Также для получения ещё более научного и практического характера в статье указаны особенности административной ответственности в связи с совершением административного правонарушения в определенной отрасли. Следует подчеркнуть, что статья охватывает понятие административной ответственности с советского периода по настоящее время, а также в ней исследуется советское и постсоветское законодательство. Авторы в статье уделили особое внимание вопросам правовой ответственности и привели мнения отечественных и зарубежных ученых по этому вопросу. Кроме этого в статье указаны основные отличительные особенности административной ответственности от правовой ответственности, и административная ответственность изложена как один из видов правовой ответственности. В конце статьи авторы приводят конкретные примеры из законодательства для того, чтобы обосновать наличие и действие особенностей административной ответственности в правовых отношениях. Также авторы выразили свое мнение по понятию, сущности и цели реализации административной ответственности.

**Ключевые слова:** правовая ответственность, особенности правовой ответственности, административная ответственность, особенности административной ответственности.

**CONCEPT AND FEATURES OF ADMINISTRATIVE RESPONSIBILITY**

In this article, the author analyzed the issues of the concept and features of administrative responsibility as a type of legal responsibility, expressed the opinions of Soviet and modern scientists in connection with the main goal of its implementation. It should be noted that in the article the author made efforts to separate the features of administrative responsibility from the signs of administrative responsibility. Also, the article indicates the features of administrative liability in connection with the commission of an administrative offense in a certain industry. It should be emphasized that the article covers the concept of administrative responsibility from the Soviet period to the present, and it also examines Soviet and post-Soviet legislation. The author of the article paid special attention to issues of legal liability and cited the opinions of domestic and foreign scientists on this issue. In addition, the article indicates the main distinguishing features of administrative liability from legal liability, and administrative liability is outlined as one of the types of legal liability. At the end of the article, the author provides specific examples from legislation in order to substantiate the presence and operation of the features of administrative responsibility in legal relations. The author also expressed his opinion on the concept, essence and purpose of implementing administrative responsibility.

**Keywords**: legal responsibility, features of legal responsibility, administrative responsibility, features of administrative responsibility, signs of administrative responsibility

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғафурзода Далер Азалшо*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2. **Суроға:** 734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **(+992) 904-04-10-00.** E-mail **dalergafurov88@mail.ru**

**Ҳамрозода** ***Моҳрусхсор Зариф*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2. **Суроға:** 734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **(+992) 888-11-22-98**

**Сведения об авторах:** ***Гафурзода Далер Азалшо*** **–** Академия МВД Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета №2. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3 Телефон **(+992) 904-04-10-00.** E-mail **dalergafurov88@mail.ru**

***Хамрозода Мохрусхсор Зариф*** - Академия МВД Республики Таджикистан, преподаватель кафедры уголовного процесса факультета №2. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3 Телефон: **(+992) 888-11-22-98**

**Information about the authors:** ***Gafurzoda Daler Azalsho*** **–** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Senior Lecturer of the Department of Administrative Law and Administrative Activities, Faculty No. 2. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastonqulov Street, 3 Phone **(+992) 904-04-10-00.** E-mail **dalergafurov88@mail.ru**

***Khamrozoda Mokhruskhsor Zarif*** **–** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Lecturer of the Department of Criminal Procedure, Faculty No. 2. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastonqulov Street, 3 Phone: **(+992) 888-11-22-98**

ТДУ: 347.2/.3(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ ҲУҚУҚИ АНДОЗУ МОЛИЯИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ТАЪРИХ ВА ЗАМОНИ МУОСИР

*Ҳаитов С.П., Ҳаитов С.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таъсис ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд фарҳанги баланди ҳуқуқиро тақозо мекунад, он ҳамеша ниёзманди ҷомеаи аз лиҳози ҳуқуқӣ огоҳ, руҳан омода ва дорои тарбия, дониш ва маданияти волои ҳуқуқӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023, соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд.

Бояд гуфт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2030 қабул карда буд, ки аз Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри с. 2018 бармеояд. Инчунин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ карда шуда буд, ки мавриди амал қарор дорад.

Дар доираи талаботи заминаҳои гузоштаи санадҳои ҳуқуқии зикргардида татбиқи амалии сиёсати мазкур ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеа мансуб аст. Мақомоти мазкур дар фаъолияти худ бояд на танҳо шаклҳои гуногуни кори тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими маърифати ҳуқуқиро истифода баранд, балки вазифадоранд тадбирҳои фаъолро барои баланд бардоштани савияи донишу фарҳанги аҳолии кишвар дар ин самт амалӣ намоянд. Чунки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, маълумоту тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон самти муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилот, шаҳрвандон, инчунин дигар табақаҳои ҷомеа амалӣ мегардад.

Маданияти ҳуқуқӣ аз қисматҳои зерин: шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, хусусан аз ташвиқу тарғиби (идеологияи) он ва ғайра иборат аст.

Тарбияи ҳуқуқӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишварро фаро мегирад. Он бисёрҷанба буда, дар маркази диққати муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илму дониш, аз қабили ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, педагогика қарор дорад. Ҳуқуқи молиявӣ ва соҳаҳои зертобеи он, ба монандӣ ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ғайра ҳам аз ин шумор истисно нестанд, баръакс дар низоми давлатдорӣ нақши аз ҳама муҳимро ишғол менамоянд.

Бинобар ин, тарбияи ҳуқуқӣ якҷоя бо ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун илм, ҳамчун предмети таълимӣ, ки омӯзиши соҳаро ба роҳ мемонад ва соҳаи алоҳидаи низоми ҳуқуқи Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати ҳуқуқи молиявии давлат таъсири ҷиддӣ мерасонад. Чунки тарбияи ҳуқуқӣ дар давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии молиявӣ аҳаммияти хос дорад.

Тавре ки амалия нишон медиҳад, баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлат, ҳамасола хароҷоти буҷети он низ меафзоянд, барои иҷрои он қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусан қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи андоз, гумрук, молия, бонкдорӣ ва ҳоказо тағйир дода мешаванд. Дар ин шумор Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1998, 2004, 2012 ва дар таҳрири нав с. 2021 қабул шудааст), меистад, ки ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии асосии танзимгари муносибатҳои ҳуқуқи андоз қобили зикр аст. Кодекси андози кишвар дар се даҳсола чор маротиба иваз карда шуд ва зиёда аз 17 маротиба тағйиру иловаҳо ба он ворид карда шудааст, ки аз инкишофёбӣ ва мукаммалгардии қонунгузории соҳа дарак дода, масъулияти андозсупорандагонро барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ин самт бештар мегардонад.

Дар ин замина муқаррароти б. 47 м. 1 Кодекси андози [8] кишварро мисол овардан мумкин аст, ки дар он сухан дар бораи нақзи масъулияти андозсупорӣ меравад, яъне андозсупорандае, ки уҳдадории андозии худро тибқи қонун иҷро накардааст. Аз мазмуни матни мазкури КА ҶТ бармеояд, ки баъзе аз табақаҳои ҷомеа ҳоло ҳам ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд пурра мутобиқ нагаштаанд. Яъне, тарбияи ҳуқуқии баъзе аз

андозсупорандагони ҷомеа беҳбудӣ мехоҳад, зеро фарҳанги ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқии онҳо дар соҳаи андозбандӣ, хусусан қонунгузории андоз то ҳол дар сатҳи муносиб нест. Таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ низ аз ҳамин гуна тамоюл дарак медиҳанд [20; 15].

Дар доираи мавзуи баррасишаванда ин нуқтаро қайд кардан зарур аст, ки дар соли ҳисоботии 2023 шумораи соҳибкорон зиёд гардида бошад ҳам, мутаассифона, нишондиҳандаи рафти пешниҳодҳои эъломияҳои андози низоми содакардашуда ҳоло ҳам дар мақомоти ҳудудии андоз ба талаботҳои КА ҶТ ҷавобгӯ нест. Чунки шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки эъломияҳои андози низоми содакардашудаи худро дар давраи семоҳаи сеюми соли 2023 пешниҳод накардаанд (яъне бе дарназардошти субъектҳои бефаъолият), ба ҳолати 2 ноябри соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои кишвар чунин аст: дар ВМКБ, дар маҷмуъ 131 нафар (15,3%), вилояти Суғд -654 нафар (8,2%), вилояти Хатлон 521 нафар (9,9%), ш. Душанбе 582 нафар (6,7%), дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, маҷмуан, 282 нафар (5,8%)-ро ташкил медиҳанд [16,с.7].

Дар баробари нишондодҳои зикргардида мисолҳои зерини тасдиққунанда номукаммалии сатҳи маърифати уҳдадориҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқи андоз собит месозад, яъне вазъи ҷамъоварии маблағи андозҳо аз воситаҳои нақлиёт, ки дар асоси қ.3 м. 362 КА ҶТ бақайдгирӣ, азнавбақайдгирӣ ва гузаронидани муоинаи техникии ҳарсолаи воситаи нақлиёт, танҳо пас аз пардохти андоз барои соли дахлдор анҷом дода мешавад. Яке аз манбаъҳо барои иҷрои нақшаи воридоти андози мазкур ин сари вақт гузаштан аз муоинаи техникӣ ва пардохти андози зикршуда аст. Вобаста ба мисоли овардашуда қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 аз шумораи умумии 601 136 адад воситаи нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ 572 924 адади он аз муоинаи техникӣ гузаронида шудаанд, ки ба 95,3% шумораи умумии воситаҳои нақлиёт баробар мебошад. Ба ҳамин давра аз шумораи умумии 43 515 адад воситаи нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ 40 039 адади он ба муоинаи ҳатмии техникӣ ҷалб карда шудааст, ки 92% шумораи умумӣ ва аз шумораи умумии 557 621 адад воситаи нақлиёти шахсони воқеӣ 532 935 адади он аз муоинаи ҳатмии техникӣ гузаштааст, ки 95,5% шумораи умумиро дар бар мегирад. Нишондодҳои оморӣ дар шаҳру вилоятҳо низ собит месозад, ки иҷроиши уҳдадории ин намуди андоз, дар маҷмуъ, дар ҷумҳурӣ қариб ки якзайланд [17,с.10].

Ҳамин гуна масъалаҳоро аз ҷониби субъектони муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ метавон рӯйи кор овард. Чи тавре аз ҷамъбасти фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2023 ва вазифаҳо оид ба идоракунии самаранокии молияи давлатӣ дар семоҳаи сеюми соли 2023, яъне ҷамъбасти 9–моҳа бармеояд, нақшаи даромади буҷаи ҷумҳуриявӣ 108,7% иҷро гардидааст, иҷроиши қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ бошад, 105,2%-ро ташкил медиҳад.

Аммо сарфи назар аз иҷрои барзиёди нишондиҳандаҳои алоҳидаи қисми даромади буҷаи давлатӣ, то ҳол як қатор омилҳои манфӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ мавҷуд мебошанд, ки ба иҷрои сифатноки қисми даромад ва хароҷоти буҷа ва маҷмуан ба мутавозинии молияи давлатӣ таъсири манфӣ расонидаанд, ки натиҷа дар чунин ҳолат қарор дорад:

- таъмин нагардидани нақшаи андозҳо барои захираҳои табиӣ ба маблағи 74,2 млн сомонӣ;
- андози иҷтимоӣ ба маблағи 19,3 млн сомонӣ;
- таъмин накардани уҳдадориҳои андозӣ аз рӯйи контингенти умумии даромадҳо дар назди буҷа аз ҷониби 8 шаҳру ноҳияҳо;
- коҳиш ёфтани даромади умумии 11 корхонаи давлатӣ ба маблағи 1,6 млрд сомонӣ ва бо зарари молиявӣ ҷамъбаст кардани як қисми онҳо бо маблағи 630,3 млн сомонӣ, инчунин аз ҷониби 16 корхонаи азими давлатӣ иҷро накардани нақшаи молиявӣ дар ҳаҷми 1,1 млрд сомонӣ;
- иҷро нагардонидани уҳдадориҳо аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ аз рӯйи созишномаҳои зерқарзӣ дар доираи 723,8 млн сомонӣ ва уҳдадориҳои қарзӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ;
- мавҷудияти бақияпулиҳои андозӣ дар ҳаҷми 764,3 млн сомонӣ;

- новобаста аз иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷаи маҳаллӣ, аз ҷониби мақомоти молия дар маҳал риоя нагардидани муқаррароти қонунгузорӣ вобаста ба андозҳои танзимкунанда ва дигар санаду меъёрҳои дар доираи қонунгузорӣ муқарраршуда.

Дар ҳамин давраи ҳисоботӣ сарфи назар аз барзиёд иҷро гардидани қисми даромад аз ҳисоби андозҳои ба буҷаи маҳаллӣ, иҷрои он аз тарафи 6 шаҳру ноҳия ба маблағи 16, 2 млн. сомонӣ таъмин нагардид. Аз ҷумла н. Дарвоз 1,1 млн сомонӣ, (9% нақша); Данғара 1,4 млн сомонӣ(2% нақша); Ховалинг 2,4 млн (13% нақша); Сангвор 857,0 ҳазор сомонӣ (12% нақша); ш. Ваҳдат 6,1 млн сомонӣ (5% нақша) ва шаҳри Турсунзода 4,3 млн сомонӣ (4% нақша).

Дар баробари ин, гарчанде мувофиқи талаботи м.18 қонунгузории буҷа азнавтақсимкунӣ ё ба дигар соҳаҳо гузаронидани маблағҳои нақшавии соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ қатъиян манъ бошад ҳам, аммо чунин муқаррарот аз ҷониби баъзе аз сарраёсатҳо ва раёсатҳои молия дар ҳудуди кишвар риоя намегарданд. Аз ҷумла, маблағҳои нақшавии соҳаҳои ҳимояшавандаи буҷавӣ аз ҷониби сарраёсатҳои Вазорати молия дар ВМКБ ба маблағи 3,0 млн сомонӣ, Хатлон 2,6 млн сомонӣ, ва раёсати Вазорати молия дар ноҳияи Мурғоб 348,1 ҳазор сомонӣ кам гардида, ба дигар соҳаҳо равона карда шудааст. Чунин муносибат дар ноҳияҳои Зафаробод дар ҳаҷми 2,3 млн сомонӣ, ноҳияи Панҷ 870,0 ҳазор сомонӣ, н. Шаҳритус 370,0 ҳазор сомонӣ ба нақшаи даромад ва хароҷот тағйирот ворид карда шудааст дар н. Сино бошад, ба маблағи 10,0 млн сомонӣ буҷаи иловагӣ бо қарорҳои дахлдори маҷлиси вакилони халқ қабул гардидааст [21,с.11-13].

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда зикр кардан бамаврид аст, ки то кунун аз тарафи баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар маблағҳои буҷавӣ аз як сатҳи пешбининамудаи буҷа ба самти дигар, ки дар қонунгузории буҷа пешбинӣ нагардидааст, харҷ карда мешаванд.

Давлати ҳуқуқбунёд ташкилоти ҳокимияти сиёсиест, ки шароитро барои таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин барои таъмини тартибот бо истифода аз ҳуқуқи ҳокимияти давлатӣ бо мақсади роҳ надодан ба суиистифода фароҳам месозад [19,с.95], мегӯяд олими рус А.В. Малко.

Олими рус А.В. Малко иброз медорад, ки «дар давлати ҳуқуқбунёд ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калидиро мебозад, ки он дар ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ, динӣ, миллӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, оилавӣ ифода меёбад, ки бо ёрии онҳо манфиати афрод ва гурӯҳҳои онҳо қонеъ карда мешавад».

Инчунин қайд мекунад, ки чӣ қадар ки ҷомеаи шаҳрвандӣ рушдкарда бошад, ҳамон қадар заминаи бештар барои фаъолияти шаклҳои демократии давлат ва истиқрори давлатдории ҳуқуқбунёд вуҷуд дорад. Ва баръакс, ҳар қадаре ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ақибмонда бошад, барои режимҳои худкома ва тоталитарии ҳокимият заминаи бештар хоҳад буд.

Бинобар ин, танҳо мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандиро чун нишонаи муҳимтарини давлати ҳуқуқбунёд метавон арзёбӣ кард, ки дар он давлат ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад [19,с.101].

Назару андешаи олимони назарияи ҳуқуқ дар бораи таърифи тарбияи ҳуқуқӣ бисёр аст. Бинобар ин, баъзе аз онҳоро барои мисол ин ҷо меорем.

Ш.М. Исмаилов, Р.Ш. Сотиволдиев, С.П. Ҳаитов ва У.А. Шарипов қайд мекунад, ки тарбияи ҳуқуқӣ «фаъолияти ҳадафмандона ва муташаккили давлат, мақомоти он, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ташаккули дониши ҳуқуқӣ ва беҳгардонии сифати фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад» [4,с.373].

Ба қавли А.А. Квашин, тарбияи ҳуқуқӣ «аз омӯзондан, андӯхтан ва аз худ кардани дониши принсипу меъёрҳои ҳуқуқ, инчунин ташкил кардани муносибати дахлдор ба ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он, қобилияти истифода аз ҳуқуқи худ, риоя кардани мамнуият ва иҷро кардани уҳдадориҳо иборат аст» [5,с.18].

Тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳама самтҳои ҳаёти ҷомеа дахл дорад ва баҳри рушди давлати ҳуқуқбунёд имрӯз он дар маркази диққати пажуҳишгоҳҳои илмии тадқиқотӣ қарор дорад, ки хусусиятҳои ҷомеа ва назари олимони гуногун ба онро, аз ҷумла дар самти сиёсати ҳуқуқи молиявӣ меомӯзанд.

Зеро ки сатҳи пасти тарбия ё дониши ҳуқуқии аҳолӣ дар соҳаи қонунгузории андозу молия ба иҷрои ухдадориҳои андоз, пардохти боҷҳо, инчунин сифати татбиқи сиёсати ҳуқуқи молиявии давлат ҳамчун қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Дар асоси мулоҳизоти овардашуда ҳаминро бояд гуфт, ки таҳқиқоти муосир, аз ҷумла дар самти сиёсати ҳуқуқи молиявӣ, бояд ба коркардҳои назариявӣ-методологии тарбияи ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ такя кунанд.

В.С. Нерсесянс қайд мекунад, ки то ҳол «низоми дурусти тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ дар руҳияи идеяҳо, арзишҳо ва иршоди фарҳанги баланди ҳуқуқии даврони муосир вуҷуд надорад», ки фаъолияти муназзами тарбияи ҳуқуқиро таҳлил мекунад, зеро ки «дар шуури ҷамъиятӣ ва баъзан касбӣ то ҳол унсурҳои муносибати нигилистӣ нисбат ва ҳуқуқ ва давлат боқӣ мондаанд, ки онро ба истилоҳ "худсарии ҳуқуқӣ" таҷдиду пурзӯр мекунад" [12,с.277].

Бинобар ин тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи андозу молия бояд дар заминаи қонунгузории феълии онҳо ташаккул дода шавад, ки он, мисли ҳар санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ, аллакай вазифаи тарбиятгариро дорад.

Масалан, дар б. 1, м. 35 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: «Ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар руҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад» [7].

Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки меъёрҳои КҲМ ҶТ ба мақсади тарбияи шахсоне, ки қонуншикании маъмуриро содир кардаанд, нигаронида шудаанд.

Дар баробари меъёрҳои КҲМ ҶТ, амалияи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам қонунгузорӣ навъҳои дигари тарбияро коркард менамоянд, ки онҳо хосси ҷавобгарии интизомӣ ва ҷиноятӣ мебошанд.

Бинобар ин, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус, донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти молия, созмонҳои ҷамъиятӣ, ВАО бояд якҷоя ва ҳадафмандона дар татбиқи вазифаи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ҷидду ҷаҳд кунанд.

Аз моҳияти суханони болозикр бармеояд, ки дар ҳақиқат молия воситаи асосии амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ мебошад. Дар татбиқи сиёсати ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти молия мавқеи махсусро ишғол менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар сиёсати ҳуқуқи молиявӣ бо қонунгузории молиявӣ робитаи ногусастанӣ дорад, бинобар ин маҳз ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун воситаи амалӣ ва ташаккули сиёсати ҳуқуқи молиявӣ баромад мекунад, ки дар он меъёрҳои молиявию ҳуқуқӣ бо роҳи муқаррар намудани қоидаҳои ягонаи ташкили муносибатҳои молиявӣ танзим карда мешаванд.

Бо гузариши ҷаҳон ба ТИК ва инкишофи он фаъолияти мақомоти андозу молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии молиявӣ оид ба мубодилаи иттилоот ва эҷоди шароит баҳри таъмини дастрасии заминаи ҳуқуқӣ ба маротиб меафзояд.

Азбаски интишори иттилооти ҳуқуқӣ дар ташкили базаҳои нашру тақсими иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад, ташкили нуқтаҳои дастрасии озоди шаҳрвандон ба маълумоти намунавии ҳуқуқӣ, ки Вазорат ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия таъсис медиҳанд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

Зеро ки мақомоти мазкур дар фаъолияти худ на танҳо аз шаклҳои мухталифи кори тарбиявӣ ва расондани иттилооти ҳуқуқӣ ба корбарон истифода мебаранд, балки тадбирҳои зарурироро барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии муштариёни худ тавассути хидматгузории иттилоотии корбарон, иттилоъдиҳии оммавӣ ва мутафарриқ (фардӣ ё гурӯҳӣ) амалӣ менамоянд.

Тибқи муқаррароти б. 4. м. 168 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [8], мақомоти гумрук вазифадоранд тарбияи ҳуқуқии идеологияи молиявӣ ва андоз, инчунин таъмину нашри санадҳои қонунгузории андозро дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ ва дастрасии андозсупорандагонро ба масъалаҳои дигари марбути андозбандӣ таъмин кунанд.

Дар хулоса мехостем қайд намоем, ки барои роҳандозӣ ва татбиқи тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии молиявӣ бояд принсипҳое амал кунанд, ки ба сифати роҳнамои фаъолияти илман асоснокшуда, мураттаб ва муназзам дар соҳаи афзоиши самараи механизми тарбияи ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ, андозу буҷавӣ баромад мекунанд.

Чунки таснифи тарбияи ҳуқуқӣ дар сиёсати ҳуқуқии молиявӣ имкони дарки бештари табиат, таркиб ва навъҳои гуногуни он, аз ҷумла барраси мавқеъ, нақши навъҳои алоҳидаи он дар низоми умумии сиёсати молиявӣ ва истифодаи навъи муносибатро дар ин ё он ҳолатҳо муҳайё мекунад. Аз ин сабаб алҳол низоми тавсияҳо барои муносибгардонии тарбияи ҳуқуқӣ, барои такмили табиати давлати ҳуқуқбунёд дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақамисозии иқтисод дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии молиявӣ аз ҳама арзишмандтар аст.

**Муқарриз: д.и.х., профессори ИФСҲ**
**ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ - Буризода Э.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Бартольд В.В. Сочинения. Том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия / В.В. Бартольд. - М.: Изд. Восточной литературы, 1963. -С.534-538, 564; Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.) / С.П. Хаитов. – Душанбе, 2012. – 208 с.
2. Востриков М.В. Развитие органической системы: условия предпосылки, результат // Развитие общественных отношений социализм как целостности / М.В. Востриков Ростов н/Д, 1989. -С.63; Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект / И.Н. Мысляева. –М., 1989. –С.8.
3. Д-р Билли Грэм Сулҳу осоиштагӣ бо Худо, 1953. 1984 by Billy Graham. Published by Thomas Nelson Inc., Nashville. TN. USA. – 190 с.
4. Исмаилов Ш.М. Назарияи ҳуқуқ ва давлат / Ш.М.Исмаилов, Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Деваштич, 2009. –398 с.
5. Кваша А.А. Правовые установки граждан: Дис. … к.ю.н./ А.А. Кваша. - Волгоград, 2002. –С.18.
6. Книга правил о народе Зиммы – Ибн Кайим аль-Джаузи. Имам Ибн Кайийм аль – Джаузийя. Мудрость ислама. Москва|Эксмо/Умма|2019/1437. – 831 с.
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 455), (бо тағйиру иловаҳо дар 22.06.2023) https://www.mmk.tj
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул кардани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23. 12.2021 №1844. https://www.mmk.tj
9. Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Молия ва ҳисобдорӣ /№12 (207) декабри 2023 – С. 23. – 42 с.
10. Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Молия ва ҳисобдорӣ. Шумораи ҷашнӣ бахшида ба 95-солагии мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, декабри соли 2019. -С. 3. – 243 с.
11. Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект / И.Н. Мысляева. –М., 1989. –С.8.
12. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник / В.С. Нерсесянц. –С. 277.
13. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – 200 с.
14. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2023 г. https://www.prezident.tj
15. Правовая культура: монография / Э.С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М . : Норма, 2014. – 352 с.
16. Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №47 (1402) 23 ноябри соли 2023. – С.7. – 16 с.
17. Рӯзномаи «Боҷу хироҷ». Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, -№4 (1411) панҷшанбе, 25 январи соли 2024. – С. 10.
18. Рыбаков О.Ю. Методологические проблемы формирования теории правовой политики / О.Ю.Рыбаков, С.В. Тихонова // Правоведение. 2010. № 1. -С. 36.
19. Теория государства и права: учебник / кол. авт. ; отв. ред. А.В. Малько. – М. : КНОРУС, 2006. – 400 с.
20. Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.) / С.П. Хаитов. – Душанбе, 2012. – 208 с.
21. Ҳисоботи муовини вазири молия Гулмуродзода Карим Гулмурод, оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати молияи ҶТ дар нимсолаи аввали соли 2023 ва вазифаҳо оид ба идоракунии самаранокии молияи давлатӣ // Молия ва ҳисобдорӣ. -№7 (202) июли 2023. -С. 11-13. – 42 с.
22. https://dic.academic.ru/dic.nsf/islam/ [Электронный ресурс] – дата обращения 11.07.2023г. (Источник: «Исламский энциклопедический словарь» А. Али-заде, Ансар, 2007 г.)


**МАСЪАЛАҲОИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ ҲУҚУҚИ АНДОЗУ МОЛИЯИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ТАЪРИХ ВА ЗАМОНИ МУОСИР**


Муаллиф дар мақола мубрамияти масъалаҳои маърифати ҳуқуқиро дар самти ҳуқуқи андозу молияи Тоҷикистон аз нигоҳи таърих ва замони муосир инъикос намуда, таъкид намудааст, ки маърифати ҳуқуқӣ хусусан дар самти андозу молияро бояд ташаккул дод, чунки соҳаи молиёт яке аз рукнҳои асосӣ ва муҳимми давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2023 соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Чунки маърифати ҳуқуқӣ, аз як тараф, талаби замон бошад, аз дигар тараф, сабабгори иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ва устувории молияви давлат мегардад. Ҳамзамон, муаллиф дар мақола қайд мекунанд, ки устувории пояи давлат ва рушди он дар ҳама давру замон аз вазъи молиёт вобастагии калон дорад. Гузашта аз ин, зикр менамояд, ки қонунгузории андозу молияи кишвар то ба дараҷаи сатҳи қонунгузории муосири давлатҳои пешрафта тараққӣ карда, механизм, усулу роҳҳои танзими он донишҳои махсусро талаб мекунад, ки аз маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва кормандони соҳа вобастагӣ дорад. Дар мақола мафҳум ва таркиби фарҳангӣ ҳуқуқӣ, таносуби он бо шуури ҳуқуқӣ ва як қатор масоили дигари вобаста ба фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** қонунгузории андоз, рушди давлат, Кодекси андоз, низоми андоз, самаранок, самти андоз, молиявӣ, буҷет, гумрук, кори бонкӣ, маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, қонунгузории давлатҳои пешрафта, механизм, тариф, маблағҳои буҷетӣ, андози иҷтимоӣ.

**ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ПО НАПРАВЛЕНИЮ НАЛОГОВОГО И ФИНАНСОВОГО ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСТОРИИ И СОВРЕМЕННОСТИ**

В статье автор отражает важность правового просвещения в сфере налогового и финансового права Таджикистана, с точки зрения истории и современности, и подчеркивает, что правовое просвещения должно развиваться, особенно в сфере налогового и финансового права, так как финансовая отрасль является самой важной для государства. Правовой основой правового просвещения является Послание Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли РТ от 28 декабря 2023 г., и подписанный Указ Президента РТ об объявлении 2024 г. «Годом правового просвещения» от 30 декабря 2023 г., №668. Потому что, с одной стороны, правовое просвещения -это требование времени, а с другой стороны, оно становится причиной своевременного сбора налоговых обязательств и стабильности финансов государства. При этом в статье автор особо отмечает, что устойчивость основ государства и его развитие во все времена в значительной степени зависели от его финансового состояния налогообложения. При этом он отмечает, что налоговое и финансовое законодательство страны развито до уровня современного законодательства развитых стран, а механизмы, тарифы, методы и способы его регулирования требуют специальных знаний, которые зависят от правового просвещения граждан, а также сотрудников отрасли. Рассматриваемая тема статьи является актуальной и научной, и ее исследование служит для правильного приобретения налоговых и финансово-правовых знаний, правильного использования финансовых средств. В статье анализируются понятие и состав правовой культуры, ее соотношение с правосознанием и ряд других вопросов, связанных с правовой культурой. В статье наблюдаются научные новации, и ее публикация полезна современному читателю.

**Ключевые слова:** налоговое право, налоговое законодательство, государственное развитие, налоговый кодекс, эффективная налоговая система, налоговое направление, финансовый, бюджет, таможня, банковское дело, правовое просвещение, правовая культура, правосознание, законодательство развитых стран, механизм, тариф, бюджетные средства, социальный налог.

**ISSUES OF LEGAL EDUCATION IN THE FIELD OF TAX AND FINANCIAL LAW OF TAJIKISTAN FROM THE POINT OF VIEW OF HISTORY AND MODERNITY**

The author reflects the importance of legal education in the field of tax and financial law of Tajikistan from the point of view of history and modernity and emphasizes that legal education should develop, especially in the field of tax and financial law, since the financial sector is the most important for the state. The legal basis for legal education is the Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated december 28, 2023, and the signed Decree of the President of the Republic of Tajikistan declaring 2024 the “Year of Legal Education” dated december 30, 2023 g., No. 668. Because, on the one hand, legal education is a requirement of the time, and on the other hand, it becomes the reason for the timely collection of tax obligations and the stability of the state’s finances. At the same time, in the article the author especially notes that the stability of the foundations of the state and its development at all times largely depended on its financial state of taxation. At the same time, he notes that the country’s tax and financial legislation has been developed to the level of modern legislation in developed countries, and the mechanisms, tariffs, methods and methods of its regulation require special knowledge, which depends on the legal education of citizens, as well as industry employees. The topic under consideration in the article is relevant and scientific, and its research serves for the correct acquisition of tax and financial-legal knowledge and the correct use of financial resources. The article analyzes the concept and composition of legal culture, its relationship with legal consciousness and a number of other issues related to legal culture. The article demonstrates scientific innovations, and its publication is useful for the modern reader.

**Keywords:** tax law, tax legislation, state development, tax code, effective tax system, tax direction, financial, budget, customs, banking, legal education, legal culture, legal consciousness, legislation of developed countries, mechanism, tariff, budget funds, social tax.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳаитов Саидали Поргиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **saidali.66@list.ru**

***Ҳаитов Сулаймон Саидалиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия**. Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **Somon94@list.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хаитов Саидали Поргиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: s**aidali.66@list.ru**
***Хаитов Сулаймон Саидалиевич*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **Somon94@list.ru**

**Information about the authors:** ***Khaitov Saidali Porgievich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: **saidali.66@list.ru**
***Khaitov Sulaymon Saidalievich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. candidate of the Department of Finance. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: **Somon94@list.ru**

ТДУ: 347.61/.64(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД АЗ РӮЙИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Акрамзода Шукрона Муҳаммадӣ*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои бисёр муҳимме, ки дар зери таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти давлат ва Ҳукумат қарор дошта, мавзуи таҳқиқотӣ ва предмети муҳокимаи илмӣ-назариявӣ гардида, ҳамчунин, то ҳадди аксар расонаӣ шудааст, масъалаи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба шумор меравад.

Дар ин маврид суоле ба миён меояд, ки оё осори мардуми соҳибтамаддун ва хирадманди мо, аз қабили «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Давонӣ ва боз садҳои дигар ҳамтоёни чунин асарҳои ниёгонамон, ки дар боби таълиму тарбияи фарзанд бахшида шудаанд, барои ташаккули таълиму тарбияи насли ин миллати куҳанбунёд басандагӣ намекунанд? Агар не, бо кадом сабаб?

Албатта, сабаб як нест. Омилҳои гуногуни аз руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус дур мондани фарзандон вуҷуд доранд, ки беиасъулиятии падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд низ аз ин сабабҳо истисно намебошад.

Таҳмили ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон пойдории фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро аз байн бурд. Фазо барои парвози тамоми зуҳуроти ҷамъиятии матлуб ва номатлуб холӣ гашт. Агар чи, фаъолияти муътадили муассисаҳои таълимӣ дар ҳама зина аз байн рафт, бар замми он падарону модарон дар гирдоби ғам аз эмин нигоҳ доштани амнияти хеш ва оила дар самти таълиму тарбияи фарзандон тамоман беаҳамият гаштанд, ки воқеан шароити замона инро талаб мекард.

Пас метавон гуфт, ки ба вуҷуд омадани низом ва сохтори нави давлатдорӣ, ки ботамом ташаккулнаёфта буд, таҳмили ҷанги шаҳрвандӣ, холигии фазо дар тамоми сатҳои фаъолияти давлатдорӣ дар умум ба мактаби бузурги таълимию тарбиявии насли навраси миллати тоҷик такони ҷиддии манфӣ расонид. Акнун бо мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ зарурияти барқарор намудани мактаби куҳани таълиму тарбияи насли наврас бо назардошти хусусиятҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир ба вуҷуд омад. Аз сабабе, ки насли калонсоли миллати тоҷик таҷрибаи ғании таълиму тарбияи насли наврасро сазовор буд, пас зарурияти муайян кардани масъулияти онҳо дар таълиму тарбияи фарзандон шарти зарурӣ ва амри воқеӣ ба ҳисоб мерафт.

То замони қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» заминаи ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон албатта ҷой дошт.

Пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое пешбинӣ гардиданд, ки барои ҳифз намудани манфиатҳои кӯдакон ва баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон равона карда шудаанд. Масалан, мутобиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд. Падару модар барои тарбияи фарзандон масъуланд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд» [2].

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки ҳуқуқи падару модар бояд ба манфиати кӯдакон татбиқ гардад. Падару модар барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд. Татбиқи ҳуқуқҳои онҳо набояд бархилофи манфиатҳои фарзандонашон бошад [3]. Яъне, падару модар бояд барои тарбияи ҳамаҷонибаи фарзандонашон ғамхорӣ

намоянд ва ин вазифаи муҳимтарини онҳо мебошад. Ғайр аз ин, ғамхорӣ нисбати фарзандон қарзи падару модар ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модарро аз масъулияти таълиму тарбияи фарзандони хеш дар ҳолати ҷудо зиндагонӣ намудан аз онҳо низ истисно намекунад. Вобаста ба ин, Маҳмудзода М. ва Б. Худоёрзода масъалаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модарро вобаста ба таълиму тарбия ва таъминоти моддии фарзандон таҳқиқ намуда, қайд кардааст: «… падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунад, барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ доранд ва вазифадор ҳастанд дар тарбияи ӯ ва ҳалли масъалаи гирифтани таҳсилоти кӯдак иштирок намоянд. Падар ё модаре, ки дар алоҳидагӣ аз кӯдак истиқомат мекунанд, метавонанд тартиб ва шакли иштироки худро дар раванди таълим ва тарбияи кӯдак, амалисозии ҳуқуқи падару модарӣ ба таври хаттӣ, дар асоси созиши байниҳамдигарӣ муқаррар намоянд» [11, с. 127].

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки бо мақсади мукаммал гардонидани низоми ҳуқуқӣ дар ин ҷода, дар кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон», «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку», «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оила, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024 ва ғайра қабул гардида, ҳамчунин, санадҳои меъёрии байналмилалӣ эътироф шудаанд, ки заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва танзимкунандаи муносибатҳо оид ба амалигардонии меъёрҳои қонуни зикршуда ба ҳисоб меравад.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки бар замми мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикршуда қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» талаботи замони муосир мебошад. Таҳлили низоми қонунгузории давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон собит намуд, ки дар сатҳи қонуни алоҳида муайян намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд танҳо ба таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутааллиқ мебошад, гарчанде ки онҳо дар қонунгузории дахлдории хеш барои иҷро накардани уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҷавобгарии муайяни ҳуқуқиро пешбинӣ намудаанд [4]. Ба андешаи мо, қабули Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» давоми мантиқии сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълиму тарбияи фарзандон ва яке аз бурдбориҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ масъулият ба маънои ҷавобгарӣ, масъул будан барои коре; аз масъулият гурехтан; кореро карда, аз ҷавобгарии он гардан тофтан; кори масъулиятнокро ба зимма нагирифтан; ба масъулият кашидан, касеро ҷавобгар кардан, пешбинӣ гардидааст [14,с.771]. Аз ин нигоҳ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарро дар раванди таълиму тарбияи фарзандони хеш ва ба воя расонидани онҳо ва ҳамчунин ҷавобгарии онҳоро барои бемасъулиятӣ дар иҷрои уҳдадориҳо пешбинӣ менамояд.

Мақсади асосии Қонуни зикршуда дар пурзӯр намудани масъулияти падару модар барои дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ тарбия намудани фарзанд ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз дар марҳилаи ба таври оммавӣ муҳокима намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва асосноккунии зарурияти қабули он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ иброз доштанд, ки «коста гардидани ахлоқи қисме аз

наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳаммиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки тарбияи кӯдак дар баробари ин, ки самти муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, дар мадди аввал вазифаи муқаддаси ҳар як падару модар, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва умуман аҳли ҷомеа низ ба шумор меравад» [13].

Маҳз дар ҳамин асос, қабул гардидани қонуни мазкур, ки ба урфу одат ва хусусиятҳои миллии халқи тоҷик асос ёфта, аз ҳуқуқҳои фитрии инсон сарчашма мегирад, ба андешаи мо, барои минбаъд дуруст ба роҳ мондани на фақат масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд, балки барои созгор намудани зиндагии мардуми кишвар дар ташаккули маънавии насли солим ва созандаи ҳозира ва ояндаи Тоҷикистон мақоми хосро дар замони муосир пайдо намудааст.

Тибқи талаботи қонуни болозикр ҳар як падар ва модар уҳдадор карда шудаанд, ки фарзандони худро бо тамоми воситаҳои зарурии хониш таъмин намуда, барои онҳо шароити муносибро фароҳам оваранд ва шаъну шарафи инсонии онҳоро эҳтиром намоянд; фарзандро дар рухияи эҳтиром ба Ватан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд; гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд; шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намояд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд; новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд; дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд; кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаю хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд [5].

Бо асоснокии камтарини зарурияти саривақтии қабули қонун ва изҳори мақсади он, мехостем ҷиҳати мухтаво, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии падару модар оид ба риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» андешаронӣ намое.

Тибқи талаботи моддаи 15 Қонуни зикршуда, нисбат ба падару модар барои иҷро накардани талаботи қонун ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври умумӣ бе нишон додани намуди он пешбинӣ мегардад [5]. Аммо, аз таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки барои вайрон кардани талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» нисбати падару модар, бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ [6]; бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷалб намудани ноболиғ барои содир кардани ҷиноят, кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба тарбияи ноболиғ [7]; бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои зараре, ки ноболиғон (фарзандони онҳо) расонидаанд [8]; бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ [9] пешбинӣ карда шудааст.

Искандаров Ш.Ф. ва Мизробов Ш.Ш. кафолати ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намуда, қайд менамоянд, ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз зумраи ҳуҷҷати муҳимме мебошад, ки хусусият ва моҳияти бузурги иҷтимоӣ ва маънавӣ дошта, дар таълиму тарбияи маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кӯдакон нақши муассирро доро мебошад [1,с.9-13].

Шосаидзода Ш.Ш. дар кори диссертатсионии худ, ки ба масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, иброз намудааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» маҳсули хираду адлофарии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, ҷавобгӯи талаботи муҳимми ҳифзи манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар шароити имрӯза аст. Чунки бидуни таълиму тарбия ҳифзи манфиатҳои кӯдакон ва

тартиботи ҷомеаро пойдору устувор, оянда дурахшони миллату давлатро инкишофёта тасаввур кардан ғайриимкон аст [15,с.3-6].

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда қайд намудан бамаврид аст, ки аз ҳама ҷавобгарии ҳуқуқии паҳнгардида ва бештар татбиқшавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши риоя накардани талаботи қонунгузорӣ оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ҷавобгарии маъмурӣ ташкил менамояд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ошкор кардани баъзе аз проблемаҳои назариявии қонунгузории соҳавӣ ва татбиқи амалии онҳо аз ҷониби субъектони ҳуқуқ саривақтӣ ва ба манфиати кор дониста мешавад.

Тавре қаблан зикр намудем, барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ нисбати падару модар дар асоси моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар моддаи 10 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он шахси воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои он кирдоре (амал ё беамалие) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки гуноҳаш дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ исбот шудааст.

Моддаи 24 Кодекси зикргардида бошад, муқаррар менамояд, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеие кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад. Аммо дар мувофиқа бо муқарраротии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” барои кирдори зиддиҳуқуқии фарзанди ноболиғ падару модар ё шахси онҳоро ивазкунанда масъулият ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорад. Ноболиғ бошад, мувофиқи муқаррароти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ шахсе дар назар дошта мешавад, ки ҳанӯз ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст [10].

Яъне, вобаста ба таҳлили меъёрҳои дар боло зикргардидаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад, ки барои амали зиддиҳуқуқии субъекти мустақили ҷавобгарӣ шахси дигар ҷавобгар аст, ки ин метавонад зидди принсипи ҷавобгарии фардӣ маънидод карда шавад.

Бо эътирофи муҳиммияти дар сатҳи қонунгузорӣ муайян намудани ҷавобгарии падару модар барои амалҳои зиддиқонунии фарзандони ноболиғ ҳамчунин, андеша дорем, ки субъектони татбиқкунандаи қонун дар мавриди пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бояд гунаҳгорӣ ё бегуноҳии падару модарро бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолати воқеии кор дар парванда мустаҳкам намоянд. Яъне, дар сурати муайян кардани ҳолате ки амали зиддиҳуқуқии фарзанди ноболиғи аз 16 то 18-сола аз беаҳаммиятии падару модар вобастагӣ надорад, пас худи ноболиғ тибқи талаботи моддаи дахлдори қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шавад. Вобаста ба ин, Шосаидзода Ш.Ш. дар ҳаммуалифӣ бо дигарон иброз доштаанд, ки барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии падару модар барои зарари расонидашуда, муқаррар намудани гуноҳи онҳо зарур мебошад. Аз ин ҷо, гуноҳ шарти муҳимми ба вуҷуд омадани ҷавобгарии иловагии падару модар мебошад. Агар муайян карда шавад, ки падару модар уҳдадории худро ба таври дахлдор иҷро намуда, ҳама чораҳои имконпазирро барои бартараф намудани нарасонидани зарар аз ҷониби ноболиғон ба шахсони сеюм андешидаанд, вале аз ҳолатҳои новобаста ба онҳо чунин зарар ба шахси сеюм расонида шудааст, он гоҳ ҷавобгарии пурра ба зиммаи ноболиғ гузошта мешавад, ки барои зарари расонидааш гунаҳгор мебошад [16,с.191]. Чи хеле ки болотар зикр шуд, мо ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, зиёда аз ин қайд менамоем, ки нисбати ноболиғе, ки даст ба кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мезанад, аз татбиқи ҷазои маъмурӣ дида, андешидани чораҳои махсуси таълимӣ ва тарбиявӣ афзалият дорад.

Аз рӯйи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба тарбия ва таълими муваққатӣ супоридани фарзанди ноболиғ аз ҷониби падару модар ба дигар шахс (мисол, хешу табори наздик) дар асоси қарори тасдиқшудаи мақомоти васояту парасторӣ бояд расмӣ гардонида шавад [12]. Фақат дар ҳамин ҳолат уҳдадориҳои шахси дигар оид ба таълиму тарбияи ноболиғ эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамоянд. Ҳамчунин, дар ҳолате, ки ноболиғ даст ба кирдори зиддиҳуқуқӣ зада, дар таълиму тарбияи муваққатии шахси дигар қарор дорад, ҷавобгарии ин шахс танҳо ҳангоми вуҷуд доштани қарори мақомоти васояту

парасторӣ ё шартномаи нигоҳубини муваққатии ноболиғ ба вуҷуд меояд. Аммо, мутаассифона, дар фаъолияти амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳолатҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ гирифтор намудани шахси нигоҳубинкунандаи муваққатии ноболиғ бе мавҷудияти қарори мақомоти васояту парасторӣ ё шартномаи нигоҳубини муваққатии ноболиғ ба чашм мерасад. Вобаста ба ин, аз рӯйи ҳисоботи аъзои гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани пурсишҳои сотсиологии аҳолӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаҳо ва маниторинги андешаҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани сабабҳо ва омилҳои асосии таъсиррасони манфӣ ба ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар алоқамандӣ ба таъкидҳои Роҳбари давлат оид ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва такмили маҳорати касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯйи Стратегияи ислоҳоти милитсия, мувофиқи банди 8 Нақшаи чорабиниҳои ташкилӣ оид ба ворид намудани курси махсуси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2019 тасдиқ шуда гузаронида шудааст, муайян гардид, ки на ин ки баъзе аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бе мавҷудияти қарори мақомоти васояту парасторӣ нисбати шахсони ноболиғро муваққатан нигоҳубинкунанда парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурд қарор медиҳанд, ҳамчунин аз рӯйи андешаи кормандони мақомоти зикршуда дар бештари мавридҳо судяҳо низ бо сабаби мавҷуд набудани чунин қарор парвандаро барои пурра намудани маводҳои он барнамегардонанд. Яъне, мавҷудияти ҳолати мазкур боис гардидааст, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ дар татбиқи қонунгузории соҳаи баррасишаванда беаҳаммиятӣ зоҳир менамоянд. Ин беаҳаммиятӣ аслан вайронкунии дағалонаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектони ҳуқуқтатбиққунанда эътироф мешавад.

Масъалаи дигари муҳимро дар соҳаи таҳқиқшаванда масъалаи ҷавобгарии на он қадар вазнини маъмурӣ нисбати падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ташкил медиҳад. Яъне, метавонем гуфт, ки дар қатори дигар сабаб ва омилҳои мусоидаткунанда, ҷавобгарӣ дар ҳадди сабук низ боис гардида метавонад, ки шахс уҳдадориҳои бо қонунгузорӣ муқарраргаштаро дар сатҳи баланд иҷро накунад. Мавриди зикр аст, ки тибқи талаботи моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ ҷазои маъмурии алтернативӣ дар шаклҳои огоҳӣ ё татбиқи ҷаримаи маъмурӣ ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо [9], пешбинӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз рӯйи масъалаи таҳқиқшаванда бо мақсади аз байн бурдани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва риояи ҳатмии талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектони татбиққунандаи қонун, пешниҳодҳои мазкур манзур карда мешавад:

- аз сабабе ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз синни 16-солагӣ муқаррар гардидааст ва яке аз принсипҳои қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмуриро принсипи ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ ташкил менамояд, фикр менамоем, ки барои кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии фарзанди ноболиғи то синни 16-сола муқаррар намудани ҷавобгарии падару модар басанда мебошад;

- кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯйи моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гунаҳгорӣ ё бегуноҳии падару модарро воқеан исбот намоянд. Дар сурати исбот нашудани гунаҳгории падару модар оид ба кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи фарзанди аз 16 то 18-сола, худи фарзанди ноболиғ бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб карда шавад;

- ҳангоми ҷалби ноболиғи синни 16 то 18-сола ба ҷавобгарии маъмурӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, хуб мешуд, агар маводҳои ҷамъовардашуда барои

татбиқи чораҳои махсуси таълим ва тарбия ба тобеият ва корбарии Комиссия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кудак ирсол карда шаванд;

- назорати фаъолияти субъектони татбиққунандаи қонун оид ба масъалаи роҳ надодан ба ҳолатҳои ҷавобгарии маъмурии шахси муваққатан нигоҳубинкунандаи кӯдак (ноболиғ) бе мавҷудияти қарори мақомоти васояту парасторӣ пурзӯр карда шавад;

- масъалаи то кадом андоза мусоидат намудан ба татбиқи андозаи ҷазои маъмурии муқарраршуда аз рӯйи қонунгузории амалкунанда ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, баланд бардоштани масъулияти падару модар ва ислоҳшавии онҳо, бояд аз тарафи субъектони ваколатдори ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шавад.

**Муқарриз:н.и.ҳ., подполковники милитсия,**
**Академияи ВКД ҶТ- Шарифзода С.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Искандаров Ш.Ф. Ҳуқуқи кӯдак. Воситаи таълимӣ / Ш.Ф.Искандаров, Ш.Ш. Мизробов. -Душанбе, 2018. – С. 9-13.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016) // Сомонаи ММК http://base.mmk.tj.
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017с. -№1395.
4. Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30.12.2001 № 195-ФЗ (ред. от 31.12.2017) (с изм. и доп., вступ. в силу с 29.01.2018) // «Собрание законодательства РФ», 07.01.2002, № 1 (ч. 1), ст. 1; Кодекс Украины об административных правонарушениях от 07.12.1984 (ред. 15.11.2016) // http://ovu.com.ua/koap_ukrainy; Кодекс Республики Беларусь об административных правонарушениях от 21 апреля 2003 г. № 194-З (ред. 24.10.2016) // «Национальный реестр правовых актов Республики Беларусь»; Кодекс Республики Казахстан об административных правонарушениях от 5.07.2014 (ред. от 26.07.2016) // «Ведомости Парламента Республики Казахстан»; Кодекс Республики Узбекистан об административной ответственности от 22.09.1994 (ред. от 25.04.2016) // «Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан», 1995 г., № 9, ст. 193.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7–8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 147; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1294; аз 17.05.2018 с., № 1532.
6. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 с., №1395.
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69,…… аз 24.12.2022 № 1924, № 1925, аз 13.11.2023 № 1984, аз 13.11.2023 № 1985.
8. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2022, №915. [Манбаи электронӣ].
9. https://mmk.tj/content/ Кодекси-мадании-Ҷумҳурии-Тоҷикистон. (санаи муроҷиат: 22.03.2024с).
10. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989,….мод. 543;……аз 19.07.2019 №1631.
11. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 // Сомонаи ММК http://base.mmk.tj; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7–8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 147. Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1294; аз 17.05.2018 с., № 1532.
12. Маҳмудзода М., Б. Худоёрзода. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. -Душанбе: Эр-граф, 2015. – 496 с.
13. Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017 таҳти №30 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. adlia.tj› show_doc.fwx?rgn=128520. (санаи муроҷиат: 22.03.2024с).
14. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 14.12.2010 сол, соати 15:00, шаҳри Душанбе. [Захираи Манбаи электронӣ]. дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2024 с.).
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Зери таҳрири С. Назарзода (раис), А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ.Султон. –Душанбе, 2008. – 949 с.
16. Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 3-6.
17. Шосаидзода Ш.Ш. Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Ш. Шосаидзода, Ш.Ф.Искандаров, М.Б.Бурҳонова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. -№ 3 (39). - 2022. – С. 191.

**БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД АЗ РӮЙИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз масъалаҳои ҳалталаби замони муосирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки бар замми мавҷудияти осори бойи ниёгонамон дар мавриди таълиму тарбияти фарзанд, ҳамчунин то қабули Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ҷой дошт. Вобаста ба ин, меъёрҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳо оид ба соҳаи таҳқиқшударо танзим менамоянд, дар мақола ба таври мушаххас ва ҳам умумӣ таъкид гардидаанд. Махсусан, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ оид ба таълиму тарбияи фарзандон, ки нисбати падару модар таъин карда мешаванд, ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Зарурияти қабули Қонуни зикршуда ва қисмате аз меъёрҳои дахлдори онро, ки ба мавзуи таҳқиқшуда алоқаманд мебошанд, муаллиф рӯйи коғаз овардааст. Дар мақола ҷанбаҳои амалии фаъолияти мақомоти ваколатдор ва баъзе мушкилоту камбудиҳои фаъолияти амалии онҳо дар самти татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, қайд карда шудаанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо мақсади аз байн бурдани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва риояи ҳатмии талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектони татбиқкунандаи қонун, пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд.

**Калидвожаҳо:** масъулият, таълим, тарбия, падару модар, ноболиғ, нигоҳубини муваққатӣ, кирдори зиддиҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, қарори мақомоти васоят ва парасторӣ.

**НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ РОДИТЕЛЕЙ ЗА ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел одну из важнейших проблем современности в Республике Таджикистан. В статье отмечается, что помимо ценных трудов наших предков по вопросам образования и воспитания детей, а также до принятия Закона «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» существовала прочная правовая база. В связи с этим в статье в конкретном и общем виде выделены соответствующие нормы Конституции Республики Таджикистан и другие нормативные правовые акты, регулирующие отношения в исследуемой сфере. В частности, конкретно указаны виды юридической ответственности по законодательству Республики Таджикистан за несоблюдение требований законодательства к обучению и воспитанию детей, которые возлагаются на родителей.Автор отмечает о необходимости принятия указанного закона и соответствующих норм, связанных с исследуемой темой. В статье рассмотрены практические аспекты деятельности уполномоченных органов, некоторые проблемы и недостатки в их практической деятельности по линии реализации положений Закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей». В заключительной части работы автором предпринята попытка внести конкретные предложения по устранению противоречий между нормативными правовыми актами об улучшении эффективности деятельности уполномоченных государственных органов по профилактике правонарушений несовершеннолетних и обязательном соблюдении требований законодательства субъектами правоприменительной деятельности.

**Ключевые слова:** ответственность, воспитание, обучение, родители, несовершеннолетний, временный опекун, противоправное деяние, административное правонарушение, административная ответственность, решение органов попечительства и опеки.

**SOME ISSUES OF PARENTAL RESPONSIBILITY IN TEACHING AND RAISING CHILDREN UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author analyzed and considered one of the most important issues of our time in the Republic of Tajikistan. The article notes that in addition to the rich works of our ancestors on issues of education and upbringing of children, before the adoption of the Law “On the responsibility of parents in the education and upbringing of children,” there was also a strong legal framework. ". In this regard, the article, in a specific and general form, highlights the relevant norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan and other normative legal acts regulating relations in the area under study. In particular, the types of legal liability under the legislation of the Republic of Tajikistan for failure to comply with the requirements of the legislation on education and raising children, which is entrusted to parents. The author presents the need to adopt this law and part of its corresponding norms related to the topic under study. The text of the article discusses the practical aspects of the activities of authorized bodies and some problems and shortcomings of their practical activities in the direction of implementing the provisions of the Law of the Republic of Tajikistan “On the responsibility of parents in the education and upbringing of children.” In the final part of the work, the author makes an attempt to make specific proposals in order to eliminate contradictions between regulatory legal acts, the effectiveness of the activities of authorized state bodies for the prevention of juvenile delinquency and the mandatory compliance with them. with legal requirements by law enforcement agencies.

**Keywords:** responsibility, education, training, parents, minor, temporary care, unlawful act, administrative offense, administrative responsibility, decision of the guardianship and guardianship authority.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Акрамзода Шукрона Муҳаммадӣ*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия, муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2. **Суроға:**

734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **900-09-04-69.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Акрамзода Шукрона Мухаммади*** **-** Академия МВД Республики Таджикистан, майор милиции**,** старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета №2. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3. Телефон: **900-09-04-69.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akramzoda Shukrona Muhammadi*** **-** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Major colonel, Senior Lecturer of the department of administrative law and administrative activity of faculty No. 2. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastonqulov street, 3. Phone: **900-09-04-69.** E-mail: **Sufi-1986@mail.ru**

ТДУ: 349.41(575.3)

# НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ЗАМИН

*Ашурзода Мунис Салоҳ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин дар китоби ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Зимни омӯзиши назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин мафҳуми онро донистан зарур аст. Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин фаъолияти мақомоти давлатиро дар бар мегирад, ки ба пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани вайронкуниҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳифз ва истифодаи замин, ки тибқи санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад фаҳмида мешавад. Идоракунии давлатии истифода ва ҳифзи замин фаъолияти мақомоти давлатӣ барои таъмини қонуният ва самти идоракунӣ, беҳтар намудани ҳосилхезии хок ва ҳифзи замин, инчунин таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои заминистифодабарандагон бо риояи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи замин фаҳмида мешавад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ё ҳуқуқие, ки дар доираи танзимнамоии меъёрҳои ҳуқуқ қарор доранд, набояд аз мадди назари мақомоти давлатӣ дур қарор дошта бошанд. Аз ин рӯ, гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатӣ имкон медиҳад, ки вайронкунии қонунгузории замин сариваќт ошкор ва бартараф карда шавад ва бо ин роҳ қонуният дар муносибатҳои замин таъмин карда шавад. Назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ҳамаҷониба ва доимӣ мебошад. Он ба ҳамаи категорияҳои заминҳои Ҷумҳурии Тоҷискистон ва ҳамаи истифодабарандагони замин дахл дорад. Назорати давлатии замин қисми таркибии назорат дар соҳаи истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Бинобар соҳаи васеъ ва мураккаб будани муносибатҳои заминистифодабарӣ, алоқамандӣ бо аҳолӣ, масъалаи таъмини қонуният ва интизом, умуман идоракунӣ дар соҳаи замин таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад.

Масоил вобаста ба идоракунии давлатии муносибатҳо оид ба замин дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Ба монанди, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, (м.4-8), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” аз 15 июли соли 2004 (м.7-17) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи заминсозӣ” аз 5 январи соли 2008, №356 (м.8-14) ва ғайра [4,с.159].

Бояд қайд кард, ки мақсаду вазифаи назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин дар мавриде таъмин карда мешавад, ки агар асосҳои онро принсипҳое, ки таҷрибаи заминистифодабариву муҳофизати заминро муайян кардааст ва қарорҳои онҳоро мустаҳакам намудаанд, ташкил менамояд:

- хусусияти мунтазам доштани идоракунӣ:
- қонуният асоси фаъолияти идоракунӣ:
- идоракунӣ бояд илман асоснок бошад:
- идоракунӣ бояд мақсаднок бошад.

Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин бояд ҳамчун фаъолияти ташкилии ҳуқуқии мақомоти ваколатдор ҳисобидашуда, барои таъмини истифодаи оқилона ва самараноки замин ба ҳамаи субъектони хоҷагидорӣ дар доираи муайян намудаи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида шавад. Ваколатҳои ин мақомот бо қонунгузории замин муайян карда мешаванд ва тартиби амалӣ намудани он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи такмили фаъолияти назорати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Намудҳои функсияи идоракунӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин: 1. функсияи умумӣ; 2. функсияи махсус.

Функсияи умумии идоракунии давлатӣ: банақшагирӣ; ҳамоҳангсозӣ; ташкилӣ; батанзимдарорӣ; назоратӣ.

Функсияи махсуси идоракунии давлатӣ: додан ва мусодираи қитъаи замин; доир намудани мониторинги захираҳои замин ва динамикаи тағйир ёфтани он; пешбурди кадастри давлатии замин; заминсозӣ; баҳои замин (нархгузории замин); назорати

давлатии истифодаи самаранок ва ҳифзи замин; ҳалли баҳсҳои замин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар бораи замин [11,с.160].

**Мақомоти ваколатдори умумӣ ва махсуси идоракунии давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин.** Мақомоти идоракуни давлатии заминистифодабарӣ вобаста ба тарзи низоми тақсимшавиашон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: мақомоти идоракунии умумӣ; мақомоти идоракунии махсус.

1) Мақомоти идоракунии умумӣ дар соҳаи замин. Ба ҷумлаи мақомотҳои идоракунии умумӣ он мақомотҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти идоракуниро доир ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, яъне саноатӣ, моддӣ ва аз он ҷумла истифода ва ҳифзи заминро иҷро менамоянд.

а) Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин, ин таъсис, барҳам ва тағйир додани ҳудуди воҳидҳои марзиву маъмурӣ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот) дохил мешаванд.

Ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин, таъсис додани минтақаҳои дорои низоми махсуси ҳуқуқӣ, муқаррар намудан ва тағйир додани ҳудуди онҳо дохил мешавад.

б) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин дорои чунин салоҳиятҳо мебошад: гирифтан ва додани қитъаи замин дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои умумидавлатӣ, муқаррар намудани тартиби ба заминистифодабарандагон бемузд ё музднок доданди ҳуқуқи истфодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо, андози қитъаи замине, ки бемузд ё музднок дода мешавад, андози ҳадди ақали қитъаи замини тақсимшаванда, инчунин тартиби додан ва гирифтани қитъаи замин, тасдиқи ҳуҷҷатҳои заминсозие, ки ба иҷрои корҳои дорои аҳммияти давлатӣ алоқамананданд, амалӣ намудани дигар салоҳиятҳое, ки Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст (м. 5 КЗ ҶТ) [2,с.162].

в) Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтрои Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳия дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин дар ҳудуди маъмуриашон дорои чунин салоҳиятҳо мебошад: ташкил ва амалигардонидани заминсозӣ, тасдиқ кардани ҳуҷҷатҳои заминсозии вобаста ба иҷрои корҳои аҳммияти минтақавӣ ва заминҳои дар ихтиёри онҳо буда, гузаронидани кадастраи замин ва мониторинги замин; додани қитъаи замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ; қатъ гардидани ҳуқуқӣ истифодаи қитъаи замин; таъмини баробари дастрасии занон ва мардон ба қитъаи замин; ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бемузд ё музднок додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он.

г) Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин дар қаламрави маҳалҳои аҳолинишини деҳот дорои чунин салоҳиятҳо мебошанд: ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо пешниҳод намудани таклифҳо доир ба ҷудо намудани қитъаи замин; муқаррар ва тасдиқ намудани андозаи заминҳои наздиҳавлигӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи КЗ ҶТ [2,с.164].

д) Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳое (шаҳрҳое), ки дар ҳудуди маъмурии шаҳрҳо (ноҳияҳо) ҷойгиранд, дар соҳаи танзими муносибатҳо вобаста ба замин дорои чунин салоҳиятҳо мебошанд: пешниҳод намудани таклифҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо доир ба ҷудо намудани қитъаи замин; вобасткунии қитъаи замин мутобиқи муқарароти КЗ ҶТ.

2) Мақомоти идоракунии махсус дар соҳаи замин. Ба ҷумлаи мақомоти идоракунии махсус он мақомотҳое шомил мегарданд, ки ки фаъолияти идоракуниро доир ба соҳаи алоҳида, аз он ҷумла соҳаи заминро ба танзим медароранд.

а) Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин кумита фаъолияти худро дар асоси Низомнома, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 таҳти №225 тасдиқ шудааст, ба амал мебарорад. Кумита мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, барои дар доираи салоҳияти худ таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи муносибатхои марбут ба корҳои далватии заминсозӣ, кадастраи замин, топографӣ-геодезӣ, аэрокайҳонӣ, харитасозӣ, бақайдгирии

давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин, назорати давлатии корҳои топогафӣ –геодезӣ ва харитасозӣ масъул аст [1,с.166].

б) Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентӣ фаъолияти худро дар асоси Низомнома, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2014 таҳти №125 тасдиқ шудааст, ба амал мебарорад. Оид ба пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи беҳдошти замин ва заминҳои обёришаванда, истифода ва нигоҳдошти объектҳои хоҷагии об, таъминот, истифода ва ҳифзи об фаъолиятро анҷом медиҳад.

в) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партовҳо). Ин Кумита фаъолияти худро дар асоси Низомнома, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2008 таҳти №189 тасдиқ шудааст, ба амал мебарорад Кумита мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, обуҳавошиносӣ, истифодаи оқилонаи замин, сарватҳои табиийиштирок намуда, назорати давлатии замин, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи табиатро амалӣ месозад.

г) Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин Вазорат фаъолияти худро дар асоси Низомнома, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2008 таҳти №191 тасдиқ шудааст, ба амал мебарорад. Вазорат мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи кишоварзӣ ба амал мебарорад. Яке аз ҳадафҳои асосии вазорат ҳамоҳангсозии тадқиқоти илмӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи замин мебошад.

**Назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин.** Назорати давлатӣ истифода ва ҳифзи замин дар асоси боби 9 ва моддаҳои 55-56 КЗ ҶТ ва Низомномаи назорати давлатӣ истифода ва ҳифзи замин, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 1997 таҳти №294 тасдиқ шудааст, тартиби амалигардонии назорати давлатиро дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин муқарар менамояд ва иҷрои он барои ҳама ашхоси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳамчун ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад [1,с.166].

Назорати давлатӣ яке аз шаклҳои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки риояи қонунҳо ва сандҳои дигари ҳуқуқро таъмин мекунад. Назорати давлатиро мақомоти гуногун амалӣ мекунанд, мисол, дар соҳаи молия Вазорати молия, дар соҳаи кишоварзӣ Вазорати кишоварзӣ, дар соҳаи замин Кумитаи идораи давлатии замин ва геодезии ҶТ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Мувофиқи моддаи 56 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи асосии назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин аз тарафи тамоми заминистифодабарандагон, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, шахсони мансабдор аз таъмини иҷрои қонунгузории замин, риояи талаботи қоидаю меъёрҳои махсус ва иҷрои чорабиниҳо оид ба истифода ва ҳифзи замин иборат мебошад [3,с.169].

Тибқи моддаи 55 КЗ ҶТ ва банди 1.3 Низомномаи мазкур мақомоте, ки назорати давлатии риояи истифода ва ҳифзи заминро анҷом медиҳад, пеш аз ҳама, аз тарафи мақомоти ваколатдори батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он анҷом дода мешавад.

**Назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин.** Пӯшида нест, ки айни ҳол баъзе аз омилҳо монеаи рушди қонунгузории замин, махсусан вайроншавии қонунгузорӣ дар масъалаи худсарона ишғол намудани қитъаи замин, сохтмони худсарона ва мубориза бар зидди он самти афзалиятноки назорати прокурорӣ гардидааст. Назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин ҳамчун самти назорати умумии прокурорӣ махсусиятҳои худро доро мебошад. Назорати прокурорӣ низ дар ин самт сол то сол пурзӯр гардида, ҳамарӯза ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо чораҳои судманд андешида шуда истодаанд, ки дар маҷмӯъ тартиботи ҳуқуқиро дар соҳаи заминистифодабарӣ ба вуҷуд овардааст.

Беҳтар гардидани ҳолат дар ин самт маҳз аз пурзӯр намудани талабот ва ҳамчун самти афзалиятноки назорати прокурорӣ эътироф намудани ҳолати иҷрои қонунгузории замин мебошад [1,с.162-172].

Аз ин лиҳоз, мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳим дар ҳифз ва истифодаи самараноки замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сабаб дар он аст, ки агар санади қабул намудаи мақомоти дахлдор дар шакли асл монад ва мавриди назорат қарор нагирад, ба истифодаи нодурусти замин ва халалдор гаштани ҳуқуқҳои марбути заминистифодабарандагон оварда мерасонад, ки ин нишондод нишондоди манфӣ мебошад [1,с.17].

Асосҳои ҳуқуқии назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2012 "Дар бораи қабули Дастурамал оид ба ташкили назорати пркурорӣ вобаста ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сохтмони худсарона (м. 246 КГ ҶТ) ва эътирофи ҳуқуқии қитъаи замин (м.49 КЗ ҶТ)", фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 "Дар бораи қабули Дастурамал оид ба тартиби санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузории замин" ба роҳ монда мешавад. Вақте ки сухан оид ба таносуби мақомоти прокуратура аз дигар мақомотҳои давлатӣ меравад, бахусус дар самти танзими муносибатҳои замин, ин таносубро мо дар шакли назораткунанда фаъолият намудани прокурор дар самти иҷроиши қонунгузории замин дида метавонем.

Назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин, фаъолияти прокурорӣ дар самти номбурда мебошад, ки натиҷаи он ба ҳолати аввала баргардонидани ҳуқуқҳои поймолкардашуда оид ба замин ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин маҳфум метавонад ба ду мазмун ифода ёбад:

а) дар шакли мушаххаси амал (амалӣ ё беамалӣ);

б) дар шакли санади ҳуқуқӣ (оқибати ҳуқуқӣ).

Амалӣ намудани назорат оид ба қонунгузории заминро прокурор мустақилона худаш месанҷад, дар асоси хатари содиршавии қонуншиканӣ, ё ин ки дар натиҷаи шоҳиди бевоситаи қонуншикании истифодаи замин, ё заминдор талаботи бевоситаи ҳамроҳшавӣ ва ҳамчунин дар ҳолати қонуншикании онҳо алоқа бо истифода, ё соҳибӣ кардани замин, халалдорсозии алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, замоне ки дахолати мақомоти назораткунанда ғайрифаъол.

Дар ҳолатҳои алоҳида, ба монанди қонуншиканиҳои маъмурӣ, прокурор ба мақомоти дахлдор оид ба ҳаллу фасли қонуншиканӣ ва ҷаримабандии субъекти содиркунанда санади дахлдорро ирсол менамояд. Дар натиҷаи қонунвайронкунӣ вобаста ба замин ислоҳ карда мешавад, ки дар ин гуна ҳолатҳо муҳлатҳои муқарраршудаи ислоҳкунанда нақши муҳим доранд. Сабаб дар он аст, ки ҳарқадар қонунвайронкуни тул кашад, ҳамон қадар ба ҷониби зарардида метавонад вобаста ба муносибат зарар расонида шавад, ки ин алакай аз муносибатҳи одии ислоҳшавӣ ба муносибатҳои мураккаби барқарорсозӣ оварда мерасонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми ба миён омадани зарурат оид ба оғоз намудани истеҳсолоти маъмурӣ ё ҷиноятӣ вобаста ба қонуншикание, ки ба замин вобастагӣ дорад ба ваколати прокурор шомил мешавад, ки инро дар расмиётҳои мурофиавӣ ва қонуни соҳавӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ҳақиқат ҳам, назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин дар замони ҳозира яке аз қисматҳои муҳимми назорати умумии прокурориро ташкил медиҳад, ки аҳаммияти муҳимми ҷамъиятӣ ва давлатиро доро мебошад ва барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд дар ин соҳа маҳсулноктарин фаъолият ба ҳисоб меравад [1,с.178].

Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин, яке аз шаклҳои амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ, ки риояи қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқии мақомоти давлатӣ баровардаро таъмин мекунад. Назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи замин ва сохторҳои маҳаллии он ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Тартиби анҷомдиҳии назорати давлатии риояи қонунгузории замин, истифодаю ҳифзи замин ва тақсими вазифаҳо дар байни мақомоте, ки назорати давлатиро

анҷом медиҳанд ва риояи низомномаҳои онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад [1].

Вазифаҳои назорати давлатии риояи қонунгузории замин, истифода ва ҳифзи замин аз инҳо иборат аст:

1) аз тарафи тамоми заминистифодабарандагон, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, шахсони мансабдор аз риоя ва иҷрои қонунгузории замин, риояи талаботи махсус ва иҷрои чорабиниҳо оид ба истифодаю ҳифзи замин;

2) таъмини амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин;

3) огоҳ намудан аз вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин, ошкор намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо;

4) таъмини риояи стандартҳо ва меъёрҳои дар қонунгузорӣ оид ба истифода ва ҳифзи замин пешбинишуда, инчунин огоҳ намудани заминистифодабарандагон дар бораи олудашавӣ ва паст шудани сифати хок, бад шудани ҳолати олами наботот ва ҳайвонот, объектҳои обӣ ва дигар захираҳои табиӣ [1].

Ба амал баровардани назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ба принсипҳои асосии зерин асос меёбад:

1) таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи замин ҳамчун асоси боигарии миллӣ ва дар ҳифзи давлат қарор доштани он;

2) афзалияти талаботҳои амнияти экологӣ дар истифодаи захираҳои замин нисбат ба манфиатҳои иқтисодӣ;

3) пурра ҷуброн намудани зарари ба муҳити зист дар натиҷаи вайрон намудани қонунгузории замин расонидашуда;

4) мувофиқати чораҳои ҳавасмандии иқтисодӣ ва ҷавобгарӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин.

**Муқарриз: н.и.ҳ., ДМТ – Амренова Ш.**

## АДАБИЁТ


1. Аксененко Г.А. Право государственной собственности на землю в СССР / Г.А. Аксененко. - М., 1950.
2. Алёхин А.П. Административное право Российской Феде рации. Учебник / А.П.Алёхин, Ю.М. Козлов. - М.: ТЕИС, 1995.
3. Государственное управление в сфере использования и охраны земель Российской Федерации. Дис...док, юрид. наук: 12.00.02 Будников Н.а.-С-Пб., 2000. -635с.
4. Земельное право: Учебник. Под ред. Г.Е.Быстрова, Р.К. Гусева.-: Проспект, 2006.
5. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №326 мод. 189.
6. Краснов Н.И. Теоретические основы правового режима земель специального назначения: Автореферат. дис...д-ра юрид. наук / Н.И. Краснов. - М.,1966.
7. Краснов Н.И. Теоретические основы правового режима земель специального назначения: Автореферат. дис...д-ра юрид. наук / Н.И. Краснов. - М.,1966.
8. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №326 мод. 189.
9. Маҷмуи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин соли 2014.
10. Низомномаи назорати давлатӣ ба истифода ва ҳифзи замин, ки бо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 1997, № 294 тасдиқ шудааст.
11. Петров В.В. Земельное право России: Учебник / В.В. Петров.– М.: Зеркало, 1998.
12. Суров А.Ф. Правовые проблемы регулирования охраны и использования земель обороны и безопасности / А.Ф.Суров, А.С.Шестерюк // Экологическое право, 2006. - №5.
13. Чиркин В.Е. Государственное управление. Элементарный курс / В.Е.Чиркин. - М.: Юрист 2003 .- С.25.
14. Тарновский Г.С. Прокурорский надзор за соблюдением законности в колхозах / Г.С. Тарновский. - 1970.- С.17.


## НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ЗАМИН

Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин бояд ҳамчун фаъолияти ташкилии ҳуқуқии мақомоти ваколатдор ҳисобида шуда, барои таъмини истифодаи оқилона ва самараноки замин ба ҳамаи субектҳои хоҷагидорӣ дар доираи муайян намудаи қонунгузори замини Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида шавад. Ваколатҳои ин мақомот бо қонунгузории замин муайян карда мешаванд ва тартиби амалӣ намудани он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи такмили фаъолияти назорати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Назорати давлатӣ яке аз шаклҳои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки риояи қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқиро таъмин мекунад. Назорати давлатиро

мақомоти гуногун амалӣ мекунад, мисол дар соҳаи молия Вазорати молия, дар соҳаи кишоварзӣ Вазорати кишоварзӣ, дар соҳаи замин Кумитаи идораи давлатии замин ва геодезии ҶТ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Мувофиқи моддаи 56 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи асосии назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин аз тарафи тамоми заминистифодабарандагон, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, шахсони мансабдор аз таъмини иҷрои қонунгузории замин, риояи талаботи қоидаю меъёрҳои махсус ва иҷрои чорабиниҳо оид ба истифода ва ҳифзи замин иборат мебошад.
**Калидвожаҳо:** назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин, ҳуқуқи замин, назорати давлатӣ, ҳифзи замин, заимнистифодабарӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОНТРОЛЬ В ОБЛАСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ И ОХРАНЫ ЗЕМЕЛЬ

Государственный контроль в области использования и охраны земель должен рассматриваться как деятельность правовой организации уполномоченного органа для обеспечения рационального и эффективного использования земель всех хозяйствующих подсекторов в пределах, определенных законодательством Республики Таджикистан. Полномочия этих органов определяются земельным законодательством, а порядок их осуществления определяется указом Президента Республики Таджикистан об улучшении деятельности государственного надзора в Республике Таджикистан. Государственный контроль – одна из форм реализации государственной власти, обеспечивающая соблюдение законов и других правовых документов, издаваемых органами государственной власти. Государственный контроль осуществляют различные органы, например, в сфере финансов - Минфин, в сфере сельского хозяйства - Минсельхоз, в сфере земли - Комитет Государственного земельно-геодезического управления г. Республики Таджикистан и Комитет охраны окружающей среды Республики Таджикистан и др. Согласно статье 56 Земельного кодекса Республики Таджикистан основная задача государственного контроля за использованием и охраной земель всеми землепользователями, государственными органами, физическими и юридическими лицами, независимо от их подчиненности и формы собственности, должностными лицами несут ответственность за обеспечение исполнения земельного законодательства, соблюдение специальных требований и норм и осуществление мероприятий по использованию и охране земель.
**Ключевые слова:** государственный контроль в области использования и охраны земель, земельные права, государственный контроль, охрана земель, землепользование, административная ответственность, уголовная ответственность.

## STATE CONTROL IN THE FIELD OF LAND USE AND PROTECTION

State control in the field of land use and protection should be considered as the activity of a legal organization of an authorized body to ensure the rational and effective use of lands of all economic subsectors within the limits defined by the legislation of the Republic of Tajikistan. The powers of these bodies are determined by the land legislation, and the procedure for their implementation is determined by the decree of the President of the Republic of Tajikistan on improving the activities of state supervision in the Republic of Tajikistan. State control is one of the forms of implementation of state power, which ensures compliance with laws and other legal documents issued by state authorities. State control is carried out by various bodies, for example, in the field of finance, the Ministry of Finance, in the field of agriculture, the Ministry of Agriculture, in the field of land, the Committee of the State Land and Geodetic Administration of the Republic of Tajikistan and the Environmental Protection Committee of the Republic of Tajikistan, etc. According to Article 56 of the Land Code of the Republic of Tajikistan, the main task of state control over the use and protection of land by all land users, state bodies, natural and legal persons, regardless of their subordination and form of ownership, officials are responsible for ensuring the implementation of land legislation, compliance with special requirements and standards and implementation of activities on land use and protection.
**Keywords**: state control in the field of land use and protection, land rights, state control, land protection, land use, administrative liability, criminal liability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ашурзода Мунис Салоҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: 019-82-97-97.** E-mail: **ashurzoda95@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ашурзода Мунис Салох*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Рнспублика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 019-82-97-97.** E-mail: **ashurzoda95@bk.ru**

**Information about the author: Ashurzoda Munis Saloh** – Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **019-82-97-97.** E-mail: **ashurzoda95@bk.ru**

**ТДУ: 346.2(575.3)**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНОСУБИ СИФАТИ ҚОНУН ВА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ

*Валиева Ф.С.*

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо бар ин нукта таъкид шудааст, ки сифати қонун аз тарҳу бастубанди он вобаста аст. Дар байни талаботи асосии тарҳрезии қонун консепсияи лоиҳаи қонун нақши ҳалкунанда дорад. Раванди таҳия, қабул ва татбиқи қонун ҳамеша зери таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва берунӣ қарор дорад. Яке аз ин омилҳо сифати консепсияи лоиҳаи қонун мебошад, ки иштибоҳ ва нодурустиҳо дар он метавонанд боиси нотавон гаштани қонун дар роҳи ноил шудан ба натиҷаи иҷтимоии пешбинишуда ё оқибатҳои манфии бештар гарданд [14,с.55].

Қонун бо назардошти табиати сиёсиву ҳуқуқии он барои ноил шудан ба шароити иҷтимоии муайяну устувор равона карда шудааст. Ин ҳадаф тавассути маҷбур кардани гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба қоидаҳои танзимшавандаи рафтор, ки дар ниҳоят бояд натиҷаи матлуб диҳанд, ба даст меояд. Асосҳои консептуалии санади оянда маҳз ҳамин пайдарпайии мантиқии робитаҳои сабабу натиҷа – роҳҳои расидан ба ҳадаф ва асоснокии самаранокии онҳоро ташкил медиҳанд. Марҳилаи техникаи ҳуқуқӣ бошад, танҳо дар дараҷаи дувум истифода мешавад. Амалан, техникаи қонунгузорӣ ба саволи «чӣ гуна бояд навишт?» ва консепсияи қонунугузорӣ бошад, ба саволи «чӣ бояд навишт?» ҷавоб медиҳад. Риоя накардани пайдарҳамии ин категорияҳо аксар вақт боиси эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии пастсифат мегардад, ки ҳатто дар сурати тадвини мутавозини матни лоиҳаи қонун равишҳое, ки барои расидан ба ҳадафҳо дар он корбурд ёфтаанд, бесамар мегарданд.

Ба унвони мисоли чунин пайомад метавон таърихи пайдоиши истилоҳи “Асари кобра”-ро овард. Ин истилоҳро замоне ба кор мебаранд, ки роҳу усули ҳалли қабулшудаи ягон масъалаи муайян, на танҳо мушкилотро бартараф намекунад, балки аксар вақт ба натиҷаи баръакси ҳадафи пешгузошта оварда мерасонад [15]. Тибқи ин таърих, замоне ки Ҳиндустон мустаъмираи Англия буд, теъдоди морҳои кобра ба шиддат дар Деҳли зиёд мешавад. Давлати вақт барои ғалаба бар ин мушкил эълон мекунад, ки ба таҳвилдиҳандагони морҳои мурда подош хоҳад дод. Дар аввал шумораи морҳо дар натиҷаи нобудшавии онҳо зуд кам шуд. Аммо пас аз он ҳиндуҳо ба хотири подош гирифтан ба парвариши кобра дар шароити хона шуруъ карданд. Дар ниҳоят, вақте ки давлат аз рафти воқеа огоҳӣ ёфта, мукофотпулӣ барои кобраи кушташударо бекор кард, чорводорон морҳои парваришдодаашонро накушта, раҳо карданд. Натиҷа ин шуд, ки саршумори кобраҳои захрнок аз аввала дида афзуд [15]. Сиёсатшиноси барҷастаи олмонӣ Ҳорст Зиберт атрофи ин падида дар сиёсат ва қонунгузорӣ таҳқиқи густарда анҷом дода, намунаҳои зиёди амалкард ва қонуну қарорҳои қабулкардаи сиёсатмадоронро овардааст, ки дар ниҳоят ба натиҷаҳои баръакс ва ғайриинтизор мунҷар шудаанд [13,с.3-7].

Тамоми фаъолияти қонунгузорӣ бар фарзияи рафтори инсон ва вокуниши эҳтимолии ҷомеа ба он роҳандозӣ мешавад. Аз ин рӯ, бар хилофи тахминҳо ва эътиқодҳое, ки аз ҷаҳонбинӣ, хостаҳо ва ё талаботи қишри муайян бармеояд, такя ба маълумоти дақиқтар ва тасдиқшуда дар бораи табиати руҳи инсон аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти қонунгузорӣ, ки бевосита ба сифати қонун ва самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ асар мекунад, рушди ислоҳот мебошад. Ислоҳоти ҳуқуқӣ аз рӯйи ду меъёр тасниф мешаванд:

- вобаста ба мавзуи ҳуқуқӣ, ки ислоҳоти ниҳод ё соҳаи ҳуқуқро дар назар дорад;
- вобаста ба мавзуи воқеӣ, ки ислоҳоти идоракунӣ ва танзимро дар бар мегирад [8,с.22].

Ислоҳоти ҳуқуқӣ тағйир додани аслҳо, заминаҳо ва ҳадафҳои танзими ҳуқуқии баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад [7,с.23]. Сергей Кравченко дар бораи ислоҳот чунин ибрози назар намудааст: «дигаргуниҳои сифатии такомулии иҷтимоӣ бо хусусиятҳои зерини муайянкунанда: таваҷҷуҳ ба рушди иҷтимоӣ, яъне баланд бардоштани

сифати зиндагии аксарияти кулли шаҳрвандони кишвар; нисбатан суст ва тадриҷӣ будани дигаргуниҳо, ки ба табиати органикии онҳо барои ҷомеа, устувории рушди иҷтимоӣ, канорагирӣ аз усулҳои зӯроварӣ ва падидаҳои бӯҳронӣ мусоидат мекунад; татбиқи он таҳти роҳбарии ҳокимияти давлатӣ, аз ин рӯ иқтидор ва самаранокии он калиди ислоҳоти муваффақ аст; мақсаднокӣ, яъне ғайриимкон будани татбиқи ислоҳот бидуни муайян кардани ҳадаф; қонуният, ки аҳаммияти таъмини конститутсионӣ ва қонунгузории дигаргуниҳои ислоҳотиро муайян мекунад; нигоҳ доштани асосҳои низоми мавҷуда, ки бо назардошти мавҷудияти конститутсияҳо дар аксари давлатҳои муосир, чунин шарҳ додан мувофиқи мақсад аст, ки ислоҳот асосҳои сохтори конститутсиониро вайрон намекунанд» [5,с.20].

Ислоҳот категорияи стратегӣ, раванди эҷоди низомҳои ҷаҳонии рушди давлат барои давраи дарозмуддати оянда мебошад. Ин хулоса масъулияти муаллифони ислоҳотро дар заминаи ҳисобу китоби дурусти робитаҳои сабабу натиҷа барои таъмини натиҷаи дарназаргирифташуда низ зиёд мекунад. Марҳилаи ибтидоии раванди ислоҳот бунёди ҳадафҳои стратегӣ – ба вуҷуд овардани ҳолати нави ниҳоди давлатӣ ҳамчун пайомади иҷтимоӣ мебошад. Падидаи банақшагирии стратегӣ барои рушди ҷомеа аҳаммияти калон пайдо мекунад. Ин раванд ба кӯшиши пешгӯии рӯйдодҳои оянда барои омодагии дуруст ба онҳо асос ёфтааст, мувофиқан имкон медиҳад, ки давлат рушд кунад ва аз шикаст дар ҳалли мушкилот канорагирӣ намояд. Банақшагирӣ инчунин тарҳҳои созиши ҳамкории байни гурӯҳҳои иҷтимоиро ташкил медиҳад, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои муҳимми иҷтимоӣ заруранд. Вазифаи асосии банақшагирии стратегӣ қобилияти таҳияи тарҳҳои матлуби истифодаи захираҳо ба маънои васеъ мебошад. Банақшагирии стратегӣ барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои самаранокии ҳукумат дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва ҳукумат дастурҳо пешниҳод мекунад [2,с.9].

Дар муқоиса бо дигар бархӯрдҳо, монанди ҳолатҳое, ки муқаррароти низоми нави қаблан аз тарафи қонунгузорӣ танзимнашуда таҳия мегарданд, ё ба низоми мавҷуда дигаргуниҳое ворид карда мешаванд, ки ба шакли он таъсири назаррас надоранд, ислоҳот бо он фарқ мекунад, ки дигаргунии шароити низоми иҷтимоии мавҷуда ба миён меояд. Дар ин сурат, арзёбии падидаҳои мавҷуда, ки бояд тағйир ёбанд, аҳаммият пайдо мекунад. Дар чаҳорчӯбаи ин раванди таҳлилӣ, аломатҳои дақиқи пайомадҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва муҳимтар аз ҳама сабабҳое, ки ин ҳолатро таъмин мекунанд, нақши асосиро мебозанд. Аксари ислоҳоти номуваффақ маҳз аз сабаби ақидаҳои нодурусти муаллифон дар бораи робитаҳои сабабу натиҷа дар дохили як низоми муайян ба ҳадафҳои худ намерасанд.

Дар ҷараёни таҳияи нақшаи ислоҳоти стратегӣ низоми нави муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, ки бо меъёрҳои муносибатҳои ҳуқуқи позитивӣ танзим карда мешаванд. Ҷойи шакке нест, ки қонун муносибатҳои ҳуқуқиро ба танзим медарорад ва дар ташаккули қоидаҳои рафтори инсон таъсири назаррас дорад. И. В. Риндюк сифати қонунгузориро аз ду ҷиҳат тавсиф мекунад: ҷанбаи иҷтимоии "*сифати қонунгузорӣ мутобиқати мазмуни қонунгузориро ба воқеияти иҷтимоӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра) ва ҷанбаи ҳуқуқии сифати қонунгузорӣ мутобиқати қонунгузориро ба талаботҳои забонӣ ва мантиқии техникаи қонунгузорӣ инъикос мекунад*" [10,с.42]. Аммо ба назари мо, ин натиҷагирӣ пурра нест.

Сифати қонун падидаи абстрактӣ мебошад, ки аз ҷониби инсон дар доираи дарки субъективии тавоноии қонун барои таъмини эҳтиёҷоти ӯ муайян карда мешавад. Қонун ҳамчун воситаи истисноии давлатӣ дар инҳисори ҳокимияти кунунии давлатӣ қарор дорад, ки бо кумаки он ҷомеаро маҷбур месозад, ки талаботи муайянро иҷро намояд. Дар ин ҳолат сифати қонун аз қобилияти расидани он ба ҳадафҳои сиёсӣ, ки нухбагони қудрат онҳоро муайян мекунанд, вобастагӣ пайдо мекунад. Масалан, агар ҳадафи муаллифи қонун маҳбубияти ҷамъиятӣ бошад, агар амали қонун ин ҳолатро таъмин кунад, пас дар фаҳмиши соҳиби инҳисории қонун (давлат) он дорои сифати баланд мебошад.

Ҷузъи иҷтимоии сифати қонун ба инъикоси равандҳои иҷтимоӣ дар мундириҷаву мазмуни он, бо тахмини чигунагии ин равандҳо дар оянда ва омилҳои ба онҳо таъсиркунанда нигаронида шудааст. Ҷузъи сиёсӣ аз он иборат аст, ки мақомот дар консепсияи умумии такмили низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бо назардошти мутобиқати онҳо ба эҳтиёҷоти рушди ҷомеа гузинаҳои танзими соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро

интихоб мекунанд [9,с.397]. Ҳамин тариқ, сифати қонун як категорияи баҳсбарангез аст. Чунончи К.М Умедов менависад: *«Ин категорияи мураккаб аз маҷмуи аломатҳои қонун, ки дар якҷояги онро ҳамчун як намуди алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар низоми қонунгузории давлатӣ ҷойгоҳи махсус дошта, муайян мекунанд, иборат аст»* [12,с.15].

Мақулаи “сифат” дар адабиёти фалсафии ватанӣ таъриф дода нашудааст, аммо дар сарчашмаҳои хориҷӣ дар таърифҳои гуногун пешниҳод гаштааст. Баъзеҳо онро ҳамчун шакли фарқияти хосиятҳои як ашё аз дигарӣ инъикос намуда, қайд мекунанд, ки маҳз чунин фарқиятҳо хусусияти ашёро ифода мекунанд. Дигарон ба муайян кардани сифат бо маҷмуи хосиятҳо тамаркуз мекунанд. Дар мавриди меъёрҳои сифати қонун, равишҳои илмӣ асосан барои муайян кардани ин мақула аз ҷиҳати ҳадафи қонун истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, худи мафҳуми ҳадаф дар доираҳои илмӣ таърифи якхела надорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба гароиши муаллифон ба консепсияи муайяни ҳадаф, меъёрҳои зерини сифати қонун ҷудо карда мешаванд:

- таъмини қонуният ва тартибот, ки талаботи асосан расмӣ, ҳуқуқӣ ва техникии сифатро, ки ба эҷоди оқибатҳои ҳуқуқӣ тавассути қабули қоидаи танзимшаванда аз ҷониби гурӯҳи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, муайян мекунад;
- танзими самарабахши ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ. Онҳо ба эҷоди натиҷаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ки дар он талаботи сифат ба қобилияти қонун барои таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст [1,с.24].

Қонун табдили қарори сиёсӣ дар соҳаи ташкили ҷамъият ба шакли ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳадафи сиёсии ба вуҷуд овардани тағйироти муайян дар низоми иҷтимоӣ ё давлатӣ тавассути маҷбур кардани ҷомеа ба иҷрои қоидаҳои муайяни рафтор амалӣ мегардад. Қонун бо табиати сиёсӣ-ҳуқуқиаш ба ду омил вобаста боқӣ мемонад: ҳуқуқӣ - омодагӣ ё қобилияти гурӯҳи иҷтимоӣ барои қабули қоидаи муқарраршуда ва сиёсӣ - қобилияти қоидаи нав барои таҳрики тағйироти пешбинишуда, ба вуҷуд овардани натиҷаи аз ҷиҳати сиёсӣ чашмдошт. Ба ақидаи мо, танҳо дар ягонагии онҳо ҳарду омил падидаеро муайян мекунанд, ки маъмулан сифати қонун номида мешавад.

Сифати қонун бояд дар маҷмуи хусусиятҳои моддӣ ва қобилияти воқеан қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ ва манфиатҳои шахсии аъзои он фаҳмида шавад. Меъёри муҳимми сифати қонун аз ҷониби одамон пазируфта шудани қоидаҳои рафтори танзимшуда дар қонун мебошад. Меъёрҳое, ки аз ҷониби ҷомеа пазируфта ва эътироф нашудаанд, қонунӣ ҳисобида намешаванд, ин гуна меъёрҳо аксаран маҳв мешаванд ва аз байн хоҳанд рафт. Ҳанс Келсен дар китоби «Назарияи софи ҳуқуқ» қонунро як падидаи истисноии ҳуқуқӣ мешуморад, ки ба ақидаи ӯ, бояд аз таъсири илмҳои дигар, аз қабили сиёсатшиносӣ ё ҷомеашиносӣ эмин бимонад [4]. Бо таваҷҷуҳ ба дидгоҳи муқобил дар мавриди зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва васеътари омилҳои ба равандҳои иҷтимоӣ таъсиркунанда ҳамчун шароите, ки қонун дар он амал мекунад, бо ин гуфтаҳо розӣ шудан душвор аст. Моҳияте, ки қонунро аз дигар ҳуҷҷатҳои хаттӣ фарқ мегузорад, он аст, ки қонун воситаи расонидани фармони ҳатмӣ ба иҷрокунандагони он мебошад. Воситаҳои идоракуниро ба се шакл тақсим кардан мумкин аст: тавассути фармони мустақим; фармоне, ки ба таври амудӣ ва ба воситаи ашхоси мутасаддӣ иҷро мешавад; идоракунӣ тавассути эҷоди низом.

Қонун низ воситаи идоракунӣ дар шакли ташкил ва таъмини фаъолияти низомҳо мебошад. Ин як меъёри иловагии арзёбии сифати он дар заминаи эҷод ва нигоҳ доштани низоми муассир ё бесамар мебошад. Шахс қонунро дар ҷузъи ҳуқуқии он аз рӯйи дарки субъективии воқеият нисбат ба имкониятҳои худсозӣ дар доираи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунӣ ва ҳамчунин дар ҷузъи сиёсии он дар асоси натиҷаи ниҳоии тағйирот дар соҳаи муайян, ки дар натиҷаи татбиқи талаботи танзим ба амал омадааст, арзёбӣ мекунад. Ва ин гуна арзёбӣ ба назар мерасад, ки бисёр мантиқӣ аст. Масалан, мо метавонем соҳибкорро барои масъулияти шахсиаш барои даромади кам танҳо дар сурате гунаҳкор кунем, ки чунин мушкилот танҳо ба худи ӯ хос бошад. Аммо, агар аксарияти иштирокчиёни бозор ба чунин шароит дучор шаванд, пас бояд сабабҳоро дар қонун ҷустуҷӯ кард, зеро ба истиснои монеаҳои ҷаҳонӣ (ҷангҳо, инқилобҳо, буҳронҳои иқтисодӣ) қонун ягона омиле боқӣ мемонад, ки метавонад ба ҳамаи иштирокчиёни бозор таъсири ҳамзамон расонад. Мувофиқан, арзёбии сифати сиёсии қонун, масалан, аз рӯйи сатҳи

даромади аҳолӣ, дар натиҷаи амали қоидаи муайянкардаи он дар аксар мавридҳо ба мақсад мувофиқ ва объективӣ мебошад.

Омили муҳимми эҷоди қонуни босифат риояи асли қатъияти ҳуқуқӣ мебошад. Қатъияти ҳуқуқӣ (Legal certainty), ки дар адабиёти ватанӣ барғалат гоҳо "муайянии ҳуқуқӣ" тарҷума кардаанд, ҳамчун яке аз аслҳои низоми ҳуқуқӣ бо маҷмуи талабот оид ба тартиби қабул ва амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷрои қарорҳои суд шарҳ дода мешавад. Яке аз унсурҳои муҳимми қатъияти ҳуқуқӣ ҳифзи шахс аз амалҳои беасос ё ғайриқонунии давлат мебошад, ки аз ҷумла дар шакли қабули қонунҳои норавшан инъикос ёфта метавонад. Тибқи ин асл, кафолати давлатии тағйирнопазирии муносибатҳои ҳуқуқӣ ва мақоми ҳуқуқии субъектҳои онҳо ҳамчун унсури волоияти ҳуқуқ амалӣ мегардад. Чунин кафолат тавассути баёни возеҳу равшани мазмуни қонунҳо, ки талаботи ҳатмии тартиботи ҳуқуқӣ ва некуаҳволии давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад, инчунин сифати дурусти санади меъёрӣ, ки бо назардошти принсипҳои адолат, ахлоқ, урфу одат ва анъана асос ёфтааст, ба даст оварда мешавад.

Бо мушаххас кардани натиҷаҳои пажуҳиш ва бо дарки табиати сиёсӣ-ҳуқуқии қонун лозим аст марҳилаҳои эҷоди санади меъёрӣ бо мақсади тадвини санади меъёрии ҳуқуқии босифат ба низом доровардa шавад,

Аввалин марҳилаи эҷоди санади меъёрӣ ҳамеша ҷанбаи асосноккунӣ буда, ҳамчун ҳодисаи объективӣ қонунгузорро ба дарки зарурати роҳандозии ташаббуси меъёрэҷодкунӣ водор месозад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҳадафи умдаи қонунҳо таъмини ҳуқуқи инсон аст, метавон асосҳои қонунгузориро ба ин шакл шарҳ дод: пайдоиши низоми нави муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки зарурати танзими он бо меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ пеш меояд; натиҷаи пасти иҷтимоии (сиёсии) низоми мавҷудаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки аз нав дида баромадани тартиби танзими онро тақозо менамояд; ба миён наомадани пайомадҳои ҳуқуқӣ ё пайдо шудани он дар дигар шаклҳои рафтори иҷрокунандагони қоида, ки қонунгузор пешбинӣ кардааст. Ҳар яке аз ин асосҳо дорои омилҳои бартаридоштаи воқеияти объективӣ мебошанд, ки ба сабабҳои пайдоиши онҳо таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, дар шароити рушди абарпӯёи (гипердинамикӣ) ҷомеа дар давраи пасосаноатӣ фановариҳои нав аксар вақт ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тарҳҳои гузинавии рафтор дар самти ба даст овардани объекти дилхоҳ ба миён меоянд. Ба сифати мисол метавон падидаи арзҳои рамзнигоришударо (cryptocurrency-криптовалюта) овард, ки якбора бо ду омили бесобиқа фарқ мекунанд: ҳам шакли навтарини объект ва ҳам тарҳи нави ба даст овардани он, ки дар даврaҳои қаблӣ ҳамто надоштанд. Аз ин рӯ, он дар доираи қоидаҳои таҳти назорати давлатбуда тарҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ надошт. Дар чунин шароити асосноккунии эҷоди қонун дар назди қонунгузор вазифа гузошта мешавад, ки на танҳо санади нав, балки низоми нав – як соҳаи ниҳоди ҳуқуқиро, ки дар шароити ҳамгирой ба низоми қонунгузории ҷорӣ инкишоф додан муҳим аст, ба вуҷуд оварад.

Марҳилаи дуюми таҳияи лоиҳа муайян кардани ҳадафҳо, роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба он мебошад. Ҳар як асосҳои дар боло зикргардидаи қонунэҷодкунӣ дар тартиби таҳқиқ ва ташаккули равишҳо барои ҳисоб кардани ҳадафҳо, усулҳо ва воситаҳои ноил шудан ба он инъикос меёбанд. Ҳангоми созмондиҳии низоми нав қонунгузор, пеш аз ҳама, ба асли зарурати воридсозии тағйироти дарназардошта такя мекунад. Бале, арзҳои рамзнигоришударо метавон як асъори нав ҳисобид, аммо барои ин арзёбии қонунгузории ҶТ дар соҳаи танзими муомилоти пулӣ, шакли мафҳумӣ ва моддии он зарур аст, то ки тарҳи дақиқи ҳуқуқие, ки арзҳои рамзкоришуда дар он метавонанд аз назари ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошанд, муайян карда шавад. Ба ҳамин монанд, барои кӯшиши эътироф кардани арзҳои рамзкоришуда ҳамчун коғази қиматнок, зарурати таҳлили соҳаи танзими бозори саҳомӣ ба миён меояд. Хатоии маъмул дар ин марҳила қабули фарзу тахмин ҳамчун як воқеият мебошад, ки боиси ташаккули муқаррароти асосии нодуруст мегардад, ки дар доираи он мақсад, усул ва воситаҳои танзими қонунгузорӣ ифода карда мешавад. Дар натиҷа, чунин иштибоҳ, дар беҳтарин ҳолат, раванди таҳияи қоидаҳоро ба муддати тулонӣ бозмедорад ва бадтар аз он, боиси эҷоди низомҳои пастсифат мегардад, ки дар шароити танзими баръакси унсурҳои низом бо дигар санадҳои меъёрӣ татбиқ карда намешаванд.

Марҳилаи сеюми қонунэҷодкунӣ техникаи қонунгузорӣ мебошад, ки дар он усул ва

воситаҳои муайяни танзими ҳуқуқӣ дар шакли матнии лоиҳаи санади меъёрӣ ба расмият даровarда мешаванд. Вазифаи асосии ин марҳала тадвини сохтори мафҳумии назми қудратии тарҳи рафторест, ки боиси татбиқи усули барномарезишуда мегардад ва фаъолияти қонунгузориро ба ҳадаф наздик месозад. Асоси шакли матнии қонунро дастгоҳи мафҳумии ҳуқуқӣ, устувории истилоҳот ташкил медиҳад, ки дар мувофиқа бо дигар санадҳои меъёрӣ низоми матлубу мантиқии амалҳоро тартиб медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми баррасии лоиҳаи Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [6], гуфта мешавад, ки «барои бартараф намудани гуногунфаҳмиҳо, пурра намудани мафҳумҳо ва мутобиқ намудани талаботи Қонуни мазкур бо дигар қонунҳои ҷорӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ якчанд моддаи қонуни амалкунанда такмил дода шуда, баъзе моддаҳо дар таҳрири нав қабул ва баъзе моддаҳои нав илова карда шудааст». Масалан, дар сархатти 8-уми банди 2-юми моддаи 12-и ин Қонун дар асоси тағйиру иловаҳои пешбинишуда бар иловаи мафҳуми "қонунигардонӣ" ҳамчунон мафҳуми "расмикунонӣ" дар қавс оварда шудааст ва бо ҳамин роҳ сатҳи мувофиқати Қонуни мазкур ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар боло бурда шудааст [6]. Ҳамин тариқ, қонуни баландсифат ҳамчун механизм бояд аз шахс иқдоми мушаххасу воҳидро талаб кунад ва сипас сохторҳои мураккаби низом, ки ба пайвастагии динамикии унсурҳои он дохил мешаванд, мустақилона натиҷаи заруриро ба вуҷуд меоранд, ки дақиқии сохтори ҳуқуқии дар марҳилаи техникаи қонунгузорӣ созмондодашударо таъмин мекунанд. Баррасиҳои болоро хулоса карда, натиҷа мегирем, ки барои ба даст овардани сифати баланд санади меъёрӣ бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

- дақиқ муайян кардани натиҷаи иҷтимоӣ;
- мафҳуми аз ҷиҳати мантиқӣ асоснокшудаи пайдарпайии усулу воситаҳо дар робитаи сабабу натиҷаи онҳо ба ҳадаф (аз меъёри рафтори муқаррарнамудаи қонун то натиҷаи иҷтимоӣ);
- дуруст истифода бурдани дастгоҳи мафҳумии техникаи қонунгузорӣ;
- фаҳмо будани меъёр барои иҷрокунанда, ки бо эмин будан аз хатарҳои тафсири дукарата ба ӯ имкон медиҳад, амал/беамалиеро, ки бояд дар шароити муайяни объективии мавҷудияти худ нишон диҳад, дақиқ дарк кунад;
- риояи асли қатъияти ҳуқуқӣ.

Ин нишонаҳо инчунин тартиби пай дар пайи амали қонунгузорро муайян мекунанд, ки дар сурати риояи онҳо муаллифи лоиҳаи қонун имкони эҷоди қонуни босифатро пайдо мекунад, дар ҳоле ки вайрон кардани пайдарпайӣ чунин имконро аз байн мебарад.

Бояд гуфт, ки натиҷагириҳои назариявӣ бе татбиқи нуктаҳои бадастомада дар фаъолияти амалӣ аҳаммияти худро аз даст медиҳанд. Танзими муосири фаъолияти қонунгузорӣ дар шароити навтарини рушди ҷомеа такмили механизмҳо ва ворид намудани унсурҳои иловагии равандро, ки ба баланд бардоштани сифати қонунҳои баррасишавандаи парлумон нигаронида шудааст, талаб мекунад [11,с.109].

Ҳангоми баррасии фаъолияти қонунгузорӣ дар самти ташаккули тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии он, мо ҳамеша нигоҳи худро ба категорияи сифати қонун равона мекунем, ки истилоҳи «самаранок»-ро инъикос менамояд. Барои омӯзиши амиқтари ин раванд, алоҳида баррасӣ кардани фаъолиятҳое, ки ба эҷоди натиҷаи иҷтимоии (сиёсии) қонун ва ба вуҷуд овардани сифати он нигаронида шудаанд, муҳим аст, зеро ҳарду раванд бо роҳҳои гуногун сурат мегиранд, вале натиҷаҳои онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд. Ҷараёни таҳияи қонун дар шароити низомҳои печида дигар ҷое барои тахмину тасаввуроти муҳаққиқ намегузорад. Ҳангоми талош барои эҷоди санади меъёрии босифат, фаҳмидани сабабҳое, ки одамро ба интихоби тарҳи рафтор дар шароити муайян водор мекунанд, муҳим аст. Дар ҷаҳони воқеӣ инсон таҳти таъсири омилҳои зиёди динамикии воқеияти объективӣ – аз обу ҳаво ва ҳолати саломатӣ то воситаҳои муошират бо одамони дигар ва дарки таҷрибаи онҳо қарор мегирад. Ҳамаи ин омилҳоро қонунгузор ҳангоми эҷоди меъёр бояд ба инобат гирад, зеро маҳз шахс иҷрокунандаи он аст ва барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ, меъёр бояд ба шароити ҳаёти воқеии иҷрокунанда мувофиқат кунад.

**Муқарриз: н.и.ҳ, дотсенти ДМТ - Саъдизода Ҷ.**

## АДАБИЁТ


1. Азизов У.А. Фаъолияти қонунгузорӣ: паҳлуҳои назариявӣ ва амалӣ / У.А. Азизов. Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҳиров Ф.Т. (Васоити таълимӣ). – Душанбе, 2014. – 207 с.
2. Беседин В.Ф. Логика стратегического планирования: сущность, реформирование, направления усовершенствования / В.Ф. Беседин, О.Г. Пенькова // Экономика и правительство – 2010. – №10. – С. 9-14.
3. Давлатзода, Ш. Ш. Бозгашт ба проблемаҳои забони қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Ш. Давлатзода, Г. С. Азизқулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 10-2. – Р. 263-265.
4. Кельзен Г. Чистое учение о праве. 2-е изд. / Г. Кельзен. Пер. с нем. М.В. Антонова и С.В. Лёзова. – СПб.: Алеф-Пресс, 2015. – 542 с.
5. Кравченко С. Теоретическое понимание реформ как формы общественных перемен /С. Кравченко // Вестник Государственной академии государственного управления – 2010. – №2. – С. 14–21
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-бонкӣ (санаи муроҷиат: 19.03.2024).
7. Лебедева Л. В. Постиндустриальная экономика и постиндустриальное общество: критерии разграничения и существующие модели /Л.В. Лебедова // Вестник Черновицкого торгово-экономического института. Экономические науки – 2010. – № 4. – С. 29–36.
8. Малышев Б. В. Правовая реформа: понятие, признаки, виды / Б.В. Малышев // Бюллетень Министерства юстиции Украины – 2011. – №3. – С. 19–23.
9. Мельник А. А. Качество как принципиальное требование действенного закона / А.А. Мельник // Альманах право. – 2012. –№3. – С. 396–399.
10. Рындюк В.И. Совершенствование законодательства как правотворческая деятельность / В.И. Рындюк // Научный вестник Ужгородского национального университета. Серия Право. – 2015. -№34. -Том 1. –С.40-43.
11. Сергеев К. О. Качество закона как критерий эффективности законодательной деятельности / К.О Сергеев // Visegrad Journal on Human Rights. – 2021. – №1. – С. 106–110.
12. Умедов, К. М. Законотворческая или законодательная деятельность / К. М. Умедов // Законодательство. – 2021. – № 2(42). – С. 5-7.
13. Зиберт Х. Эффект кобры: Как избежать заблуждений в политике / Х. Зиберт. Пер. с нем. – М.: Фонд Либер. миссия: Новое изд-во, 2005. – 268 с.
14. Червинская Н. В. Концепция законопроекта и его значение для повышения качества законов /Н.В. Червинская // Актуальные проблемы государства и права. – 2014. –№ 74. – С. 55-61.
15. Эффект кобры. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/ wiki/Эффект_кобры (дата обращения: 19.03.2024).


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНОСУБИ СИФАТИ ҚОНУН ВА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ


Таносуби сифати қонун бо самаранокии фаъолиятии қонунгузорӣ ба кадом асл҃ои назарӣ такя мекунад? Раванди таҳия, қабул ва татбиқи қонун ҳамеша зери таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва берунӣ қарор дорад, ки онҳо дар якҷоягӣ ба сифати қонун таъсири худро мерасонанд. Дар мақола муаллиф ба ҷанбаҳои назарии ин масъала пардохта, пеш аз ҳама, тазаккур медиҳад, ки техникаи қонунгузорӣ ба саволи «чӣ гуна бояд навишт?» ва консепсияи қонунгузорӣ бошад, ба саволи «чӣ бояд навишт?» ҷавоб медиҳад. Риоя накардани пайдарҳамии ин категорияҳо аксар вақт боиси эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии пастсифат мегардад, ки ҳатто дар сурати тадвини мутавозини матни лоиҳаи қонун равишҳое, ки барои расидан ба ҳадафҳо дар он корбурд ёфтаанд, бесамар мегарданд. Вобаста ба сифати қонун масъалаи ислоҳоти ҳуқуқӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ баррасӣ мешавад ва қайд мегардад, ки аксари ислоҳоти номуваффақ маҳз аз сабаби ақидаҳои нодурусти муаллифон дар бораи робитаҳои сабабу натиҷа дар дохили як низоми муайян ба ҳадафҳои худ намерасанд. Ба назари муаллиф, қонунэҷодкунӣ аз се марҳила иборат мебошад. Аввалин марҳилаи эҷоди санади меъёрӣ ҳамеша ҷанбаи асосноккунӣ аст. Марҳилаи дуюми таҳияи лоиҳа муайян кардани ҳадафҳо, роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба он мебошад. Марҳилаи сеюми қонунэҷодкунӣ техникаи қонунгузорӣ мебошад, ки дар он усул ва воситаҳои муайяни танзими ҳуқуқӣ дар шакли матнии лоиҳаи санади меъёрӣ ба расмият дароварда мешаванд. Дар асоси баррасиҳои ин марҳилаҳои қонунэҷодкунӣ муаллиф хусусиятҳои санади меъёрии босифатро муайян кардааст. Хулоса мегардад, ки натиҷагириҳои назариявӣ бе татбиқи нуктаҳои бадастомада дар фаъолияти амалӣ аҳаммияти худро аз даст медиҳанд. Танзими муосири фаъолияти қонунгузорӣ дар шароити навтарини рушди ҷомеа такмили механизмҳо ва ворид намудани унсурҳои иловагии равандро, ки ба баланд бардоштани сифати қонунҳои баррасишавандаи парлумон нигаронида шудааст, талаб мекунад.



**Калидвожаҳо:** қонун, сифати қонун, фаъолияти қонунгузорӣ, қонунэҷодкунӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ, низом, низоми иҷтимоӣ, низоми ҳуқуқӣ, санади меъёрӣ.

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СООТНОШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРАВА И ЭФФЕКТИВНОСТИ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

На каких теоретических принципах базируется связь между качеством права и эффективностью законотворческой деятельности? На процесс разработки, принятия и реализации закона всегда влияет множество внутренних и внешних факторов, которые в совокупности влияют на качество закона. В статье автор обращает внимание на теоретические аспекты данного вопроса, прежде всего указывает на то, что техника законотворчества отвечает на вопрос: «писать как?», а концепция – «писать что?». Несоблюдение последовательности указанных категорий нередко приводит к созданию актов низкого качества, где даже при взвешенной формулировке текста проекта закона использованные в нем способы достижения целей оказываются неэффективными. Относительно качества права обсуждается вопрос правовых реформ в законотворческой деятельности и отмечается, что большинство неудачных реформ не достигают поставленных целей именно вследствие ошибочных представлений авторов о причинно-следственных связях внутри определенной системы. По мнению автора, процесс создания нормативного акта состоит из трех этапов. Первым этапом создания нормативного акта всегда является обоснование. Вторым этапом разработки проекта является определение целей, способов и средств ее достижения. Третьим этапом законотворчества есть законодательная техника, где определенные способы и средства правового регулирования оформляются в текстовую форму проекта нормативного акта. На основе обзора этих этапов создания нормативного акта автор выделяет характеристики качественного нормативного акта. Делается вывод, что теоретические результаты теряют свою значимость без применения полученных результатов в практической деятельности. Современное регулирование законотворческой деятельности в новейших условиях развития общества требует совершенствования механизмов и внедрения дополнительных элементов процесса, направленных на повышение качества законов, рассматриваемых парламентом.

**Ключевые слова:** право, качество права, законотворческая деятельность, законодательство, правовые реформы, система, социальная система, правовая система, нормативный акт.

**THEORETICAL ASPECTS OF THE RELATIONSHIP OF THE QUALITY OF LAW AND THE EFFECTIVENESS OF LEGISLATIVE ACTIVITY**

On what theoretical principles is the connection between the quality of law and the effectiveness of legislative activity based? The process of developing, adopting, and implementing a law is always influenced by many internal and external factors, which together affect the quality of the law. In the article, the author draws attention to the theoretical aspects of this issue, first pointing out that the technique of lawmaking answers the question “how to write?”, and the concept – “write what?” Failure to comply with the sequence of these categories often leads to the creation of acts of low quality, where even with a balanced formulation of the text of the draft law, the methods used in it to achieve goals turn out to be ineffective. Regarding the quality of law, the issue of legal reforms in lawmaking is discussed and it is noted that most unsuccessful reforms do not achieve their goals precisely because of the authors’ erroneous ideas about cause-and-effect relationships within a certain system. According to the author, the process of creating a normative act consists of three stages. The first stage of creating a normative act is always the substantive aspect. The second stage of project development is the determination of goals, ways and means of achieving it. The third stage of lawmaking is legislative technique, where certain methods and means of legal regulation are formalized in the text form of a draft normative act. Based on a review of these stages of creating a normative act, the author identifies the characteristics of a high-quality normative act.It is concluded that theoretical results lose their significance without applying the results obtained in practice. Modern regulation of legislative activity in the new conditions of social development requires the improvement of mechanisms and the introduction of additional elements of the process aimed at improving the quality of laws considered by parliament.

**Keywords:** law, quality of law, legislative activity, legislation, legal reforms, system, social system, legal system, normative act.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Валиева Фарзона Сафаровна*** **-** Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, маҳаллаи Борбад. Телефон: **+992 987314040.** E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Валиева Фарзона Сафаровна*** - Институт технологий и инновационого менеджмента в г. Куляб, ассистент кафедры права и гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Борбада. Телефон: **+992 987314040.** E-mail: **raksana_83@mail.ru**

**Information about the author:** ***Valieva Farzona Safarovna*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulob, assistant at the Department of Law and Humanities. **Address:** 735360, Kulyab,Republic of Tajikistan, Khatlon region, st. Borbad. Phone: **+992 987314040.** E-mail: **raksana_83@mail.ru**

ТДУ: 346:336(575.3)

# ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ

*Раҳмонзода М.Ҷ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят объекти ҷиноят мебошад, ки он имкон медиҳад, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муайян карда шавад ва мазмуну моҳияти иҷтимоӣ-сиёсии он кушода шавад. Объекти ҷиноят мазмуни иҷтимоии ҷиноятро муайян менамояд ва барои бандубасти ҷинояти мушаххас хеле муҳим мебошад. Дар масири таърих дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи ягонае ҷой дошт, ки мувофиқи он ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таарруз меовард, ки он ҳамчун объект баромад менамуд [26,с.180-194].

Дар ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ муҳаққиқон зери мафҳуми объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро дар назар медоштанд [3,с.32-46]. Муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объекти ҷиноят криминалистҳои хориҷӣ низ эътироф менамоянд [30,с.23].

Солҳои охир дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи объекти ҷиноят чун муносибати ҷамъиятӣ низ мавриди баҳс қарор гирифт. Масалан, А.В. Наумов қайд менамояд, ки назарияи муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят дар замони муосир ҷавобгӯи талабот нест. Бинобар ин, бояд дар баробари муносибатҳои ҷамъиятӣ ашёҳоро низ чун объектҳои мустақил эътироф намуд [12,с.6]. Ё ин ки Г.П. Новоселов ба он ақида аст, ки «объекти ҷиноят- он чизе, ки ба муқобили он кирдорҳои ҷиноятӣ равона гаштааст, яъне шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсон, неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ, ки зери ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҷовузи ҷинояткорона қарор дода шудаанд»[23, с.213].

Олимони ватанӣ А.И. Сафарзода, Ш.Н. Саидзода, Н.А. Қудратов дуруст менависанд, ки «ин гуна фикрронӣ як навъ мудерн намудани масъалаи омӯзиши объекти ҷиноят ва ҷалби диққати муҳаққиқин ба ин самт мебошад» [6,с.136]. Чунки омӯзиши адабиёти илмии солҳои охир доир ба масъалаи объекти ҷиноят нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят муҳиммияти худро гум накардааст ва ҳамагуна неъматҳои муҳимми ҷамъиятии муосирро дар бар гирифтааст.

Ҳамин тавр, объекти ҷиноят – ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки зери ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта, дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба онҳо зарар расонида мешавад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор дода мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноят ба вертикалӣ (аз боло ба поён) ва горизонталӣ (аз чап ба рост) тасниф карда шудааст [27,с.6-17] ва Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин низоми дузинагӣ таснифоти ҷиноятҳоро босамар истифода бурдааст. Вобаста ба ин, объекти ҷиноят аз рӯи таснифоти вертикалӣ ба объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо мешавад.

Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар фасли XI КҶ ҶТ – «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 27 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» ҷойгир карда шудааст. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба тааррузи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон (истеъмолкунандагон) равона карда шудааст. Баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 оид ба намудҳои ҷиноятҳои дар боби 27 «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» дар байни олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки объекти хелӣ аз рӯи фасл ва объекти намудӣ бошад аз рӯи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки ҷиноятҳои таҳлилшавандаи соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 27 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» муқаррар карда шудааст. Аз рӯи мантиқи қонунгузор объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ, ки дар фасли XI ҚҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт мебошад. Иқтисодиёт бошад, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тариқ, аз рӯи хулосаи зикршуда, объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодиро бо

дарназардошти фасли XI КҶ ҶТ чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муқаррар кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд [17,с.6].

Мавриди зикри хос аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ягонаи объекти хелии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҷой надорад. Масалан, В.Е. Мелникова менависад, ки дар КҶ ФР объекти хелӣ дар ҳар як фасли КҶ муайян гардидааст ва объекти мураккабро дар сурате тасвият кардан мумкин аст, ки якчанд боб дар як фасл муттаҳид карда мешаванд. Асоси чунин муттаҳидсозиро робитаи дуҷониба ва амалии муносибатҳои моликиятӣ ва муносибатҳое, ки хоҷагии халқро дар шароити иқтисоди бозорӣ ба танзим даровarда, ташкил менамоянд [22,с.119].

Вобаста ба ҳолатҳои зикршуда, ба ақидаи мо, объекти хелии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии якхелаи ба ҳамдигар алоқаманде мебошанд, ки бо соҳаи фаъолияти иқтисодӣ робита доранд ё вобаста ба онҳо ба вуҷуд меоянд.

Иттифоқи муҳаққиқин бар он ақидаанд, ки объекти намудии ҷиноят – ин гуруҳи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки вобаста ба алоқаи байни худ ба ин ё он намуди манфиатҳо вуҷуд дошта, дар бобҳои қисми махсуси КҶ муқаррар шудаанд [29,с.78]. Одатан, объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхелӣ онҳо мебошад.

Вобаста ба объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Масалан, олим Б.В. Ятселенко чунин мешуморад, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар вақти муайян кардани фаъолияти муътадили иқтисодӣ, ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меоянд [21,с.143]. Аммо, чунин муайянкунии объекти намудӣ ба ақидаи Ш.Н. Саидзода, мазмуни хоси муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро бозгӯӣ наменамояд. Аз мафҳуми додашуда муайян нест, ки маҳз кадом манфиатҳо дар ҷараёни содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ мавриди таҷовуз қарор дода мешаванд. Ғайр аз ин, дар ин шарҳдиҳӣ мафҳуми «фаъолияти муътадили иқтисодӣ» чӣ маъно дорад ва он кадом паҳлуҳои муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад, эзоҳ дода нашудааст [15,с.60].

Объекти намудӣ бояд барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар боби 27 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, якхела бошад. Ҳангоми таҳлили ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ Ф.А. Мирзоахмедов объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиётро «муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми истеҳсол, ҷобаҷокунӣ, иваз ва истифода намудани неъматҳо ва хизматҳои моддӣ, пайдо мешаванд», мешуморад [11,с.652].

Нуқтаҳои назар ва ақидаҳои гуногунро вобаста ба муайян намудани объекти намудӣ ҷамъбаст намуда, ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки муҳақиқон дар ҳолати аввал объекти намудии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро чун «принсипҳои умумии муқарраршудаи тартиби амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ», дар ҳолати дуввум, ҳамчун «муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои фаъолияти иқтисодиро дар самти молия таъмин мекунанд [1,с.17-19], дар ҳолати саввум, ҳамчун «муносибатҳо дар соҳаи пулию кредитӣ, дар ҳолати чорум бошад ҳамчун «муносибатҳо дар соҳаи гумрук» [7,с.11-12] шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Муҳаққиқи тоҷик А.И. Сафарзода қайд менамояд, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби соҳибкорон содир карда мешавад дохил шуда, ба тартиби амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ таарруз меоварад. Дар мавриди дигар А.И. Сафарзода бо Ш.Н. Саидов ва Н.А. Қудратов зикр менамоянд, ки объекти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ – муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки фаъолияти бонкҳо ва ё дигар ташкилотҳои қарзиро ҷиҳати ба амал баровардани фаъолияти бонкӣ ба танзим медарорад. Чи тавре ки маълум гардид, дар як маврид объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун тартиби амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар мавриди дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти бонкҳо ва ё дигар ташкилотҳои қарзӣ эътироф шудааст. Ҳангоми баррасии объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ба ақидаи мо, бояд ба он ҳолат диққат дода шавад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ин ҳолати махсуси

соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад, яъне онро тавсиф мекунад, ки фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бе иҷозатномаи махсус ё бе бақайдгирии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Б.В. Ятселенко объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба амалинамоии фаъолияти бонкӣ ва дигар ташкилотҳои кредитӣ дар асоси қонун меҳисобад [25,с.83].

Дигар муҳаққиқон, ба монанди Т. Устинова ба он ишора менамояд, ки объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар байни субъектҳои онҳо вобаста ба амалинамоии фаъолияти қонунии бонкӣ робитаи муайяне ҷой дорад [24,с.14]. Ба ақидаи мо, мавқеи зикршуда бебаҳс намебошад, зеро зарар ба объекти ишорашуда метавонад на танҳо ҳангоми фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ҳамчунин тавассути ҳамагуна ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ расонида шавад.

Б.В. Волженкин объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ҳамчун таркиби махсуси соҳибкории ғайриқонунӣ маънидод менамояд. Объекти бевоситаи соҳибкории ғайриқонунӣ ин тартиби муқарраршудаи амалигардии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки бо риояи манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқи шаҳрванд-истеъмолкунанда, ташкилот, давлат таъмин карда шудааст. Ҳамин тавр, объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба ақидаи муҳаққиқ ин тартиби муқарраршудаи амалигардии фаъолияти бонкӣ мебошад, ки бо риояи манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқи шаҳрванд-истеъмолкунанда, ташкилот, давлат таъмин карда шудааст.

Маънидодкунии дигари объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро дар адабиёти илмӣ вохӯрдан мумкин аст. Чунончи, А.И. Фабричний менависад, ки ба сифати объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае баромад менамоянд, ки баҳри риояи қоидаҳо ва талаботҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти бонкӣ дар қисми бақайдгирии давлатӣ ва иҷозатномадиҳии бонкҳо, иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ, ки ба моликият ва дигар ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат зарар мерасонад ё таҳти хавфи расонидани зарар қарор медиҳад, инчунин муҳайё намудани шароит барои гирифтани фоидаи беназорат ва пешбининашуда равона шудааст [25,с.83].

Ба ақидаи муфассирони КҶ ҶТ «Мақсади ин модда таъмин намудани мустаҳкамӣ ва боэътимодии низоми бонкии мамлакат мебошад. Содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ дар ин бахш боиси боэътимодии низоми бонкӣ гашта, шартҳои фиреб намудани шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро муҳайё сохта, рақобати ғайриқонунӣ ва бевиҷдононаи муассисаҳои қарздиҳиро ба вуҷуд меорад, ки ба давлат ва низоми молиявӣ аз ҳисоби эмиссияи ғайриқонунӣ зиён мерасонад. Доираи татбиқи ин модда - фаъолияти сохторҳои соҳибкорие мебошад, ки ғайриқонунӣ фаъолияти бо қонун танзимгардидаи намудҳои фаъолияти бонкиро ба амал мебароранд. Ба сифати чунин сохторҳо шахсони ҳуқуқие баромад менамоянд, ки бо асосҳои қонунӣ таъсис шудаанд, вале барои ба амал баровардани фаъолияти бонкӣ ҳуқуқ надоранд, ташкилотҳои ғайриқонунӣ фаъолияткунанда (квазибонкҳо ё квазимуассисаҳои кредитӣ), муассисаҳои қарзии қонунӣ, ки аз ҳудуди иҷозатнома берун баромадаанд» [20,с.349-350].

Таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ақидаҳои мухталифи муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки ба чунин хулосабарорӣ вобаста ба объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ биёем, ки он ба таври мушаххас пешниҳод нашуда, асосан дар худ таъиноти объекти бевоситаи дигар таркиби ҷиноятро дохил мекунад (асосан объекти бевоситаи соҳибкории ғайриқонуниро).

Дар баробари ин, лоиқи зикри хос аст, ки ақидаҳои дар боло зикршуда, бешубҳа дорои хулосаҳои асоснок мебошанд. Чунки муҳаққиқин бо дарназардошти вақт, самт ва равиши таҳқиқоти худ ва аъзои ҷомеа масоили матраҳшударо мавриди ғавру баррасӣ қарор дода, ақидаи мустақили худро пешниҳод намудаанд.

Дар баробари ин, ба ақидаи мо, бояд он ҳолатро ба назар гирифт, ки барои бандубасти дурусти кирдори содиршуда ба таври мушаххас муайян намудани объекти бевосита, ки дар мувофиқа аз объекти хелӣ ва намудӣ аз рӯи фасл ва боби КҶ ҶТ муайян карда мешавад, аҳамияти хоса дорад. Зеро объекти бевосита ин муносибати ҷамъиятии

мушаххас мебошад, ки ба он ҷиноят тааруз мекунад ё зери таҳдиди таарруз қарор медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Вале вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ қонунгузор онро ба таври алоҳида чун ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Ҳамин тавр, объекти бевоситаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи амалинамоии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бавуҷуд меоянд. Фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба фаъолияти бонкӣ мафҳуми васеъ буда, охирон намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ин ҳолатро ба назари эътибор гирифта, қонунгузор ҳам фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам фаъолияти бонкиро дар алоҳидагӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додааст. Масалан, мафҳуми фаъолияти бонкӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он – ин аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ гардидааст, фаҳмида мешавад. Амалиёти бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар сурати доштани иҷозатномаи дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ метавонад анҷом дода шавад.

Категорияи фаъолияти бонкӣ дар умум дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ истифода мегардад, ба монанди ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра. Вобаста ба ин, дар назарияи ҳуқуқи бонкӣ таърифи гуногуни мафҳуми фаъолияти бонкӣ дода шудааст. Масалан, Ба ақидаи А.Ж. Саркисян фаъолияти бонкӣ – ин фаъолияти ташкилотҳои кредитӣ мебошад, ки амалиётҳои бонкиро анҷом медиҳанд ва аз қайди давлатӣ гузаштаанд, инчунин иҷозатномаи махсуси Бонки марказиро ҷиҳати амалинамоии амалиёти бонкии махсус дороанд. Мафҳуми зикршуда низ баҳснок мебошад, зеро муаллиф мафҳуми бонкиро дар алоқа бо ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ додааст, яъне ин ҳамон мафҳуми фаъолияти бонкӣ мебошад, ки дар қонунгузории бонкӣ дарҷ карда шудааст.

С.А. Маркунтсов тасдиқ менамояд, ки фаъолияти бонкӣ ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки барои амалисозии маҷмӯи амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳои бонкӣ равона гардидааст [10,с.37]. Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи муҳаққиқон бо он розӣ ҳастан, ки фаъолияти бонкӣ ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ аст. Масалан, А.П. Жеребтсов дар таҳқиқоти худ вобаста ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани тартиби амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ менависад, ки «фаъолияти бонкӣ намуди фаъолияти соҳибкорӣ намебошад ва он аз ҷониби субъекти махсуси фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад» [2,с.18]. Ба сифати далел оид ба асоснокунии ақидаи худ А.П. Жеребтсов чунин далелро пеш меорад, ки «фаъолияти бонкӣ аз тарафи қонуни махсус ба танзим дароварда мешавад, бақайдгирии давлатии онро Бонки марказӣ анҷом медиҳад, ва Бонки марказӣ барои ташкилотҳои кредитӣ тартиби пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва оморӣ, тартиб додани ҳисоботи солонаро муқаррар намудааст». Бо ҳамин муаллиф фикри худро асоснок менамояд, ки дар фаъолияти бонкӣ принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ дида намешавад.

Чунин ақидаи ҳаммонандро Н.А. Лопашенко низ пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки ташкилоти кредитӣ танҳо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти бонкӣ ва бастани аҳдҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, дорад ва он наметавонад ба дигар намуди фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад [8,с.52].

Фаъолияти бонкӣ чун яке аз намудҳои соҳибкорӣ ба таври куллӣ на танҳо ба устувории низоми пулию қарзии давлат таъсир мерасонад, балки манфиатҳои инфиродии молу мулкии доираи номаҳдуди шахсонро дарбар мегирад. Амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ бе ҳамкории иштирокчиёни он бо институтҳои бонкӣ дар шароити имрӯза имконнопазир аст, чунки маҳз низоми бонкӣ ба маблағгузорӣ ва хизматрасонии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ қодир аст [16,с.4].

Ҳамин тавр, фаъолияти бонкӣ – ин аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар қонунгузории фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзиро танзимкунанда пешбинӣ гардидааст. Ба фаъолияти бонкӣ он намуди фаъолиятҳое (амалиёте) тааллуқ доранд, ки амалӣ гардидани онҳо мумкин аст, танҳо баъд аз

бақайдгирии муассисаи кредитӣ ва гирифтани иҷозатномаи Бонки миллӣ мутобиқи нишондоди қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллӣ сурат гирад.

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки мафҳуми фаъолияти бонкӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқаррар шудааст бо мафҳуми фаъолияти бонкӣ, ки дар диспозитсияи м. 263 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, мувофиқат намекунад. Зеро ба фаъолияти бонкӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар баробари амалиётҳои бонкӣ анҷом додани аҳдҳои зерин низ дохил мешавад:

а) додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;

б) иҷораи молиявӣ (лизинг);

в) амалиёт бо металу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;

г) хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;

д) хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;

е) хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари таснифи объекти ҷиноят ба тариқи вертикалӣ, таснифи горизонталии он низ ҷой дорад. Ба тариқи горизонталӣ дар сатҳи объекти бевосита ду объекти ҳатмӣ (асосӣ ва иловагӣ) ва факултативиро ҷудо мекунанд. Объекти асосӣ дар ҷиноятҳои таркибашон дуобъекта, объекти бевосита ба ҳисоб рафта бо объекти намудӣ мувофиқ меояд. Объекти дигар нақши иловагиро иҷро мекунад. Объекти факултативӣ аломати ҳатмии таркиби мушаххас ба ҳисоб намеравад, мавҷудияти он ба банду басти ҷиноят таъсир надошта, дараҷаи барои ҷамъият хавфнокиро зиёд намекунад, танҳо ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта мешавад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ имконият медиҳад то ба чунин хулоса оем, ки объекти бевоситаи иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври дахлдор мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода нашудааст ва ягонафикрӣ дар муайян намудани он вуҷуд надорад. Барои исботи ин гуфтаҳо баъзеи онҳоро таҳлил намуда мебароем. Масалан, Д.И. Аминов зери объекти бевоситаи иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муносибатҳо вобаста муомилоти муътадили пулиро дар назар дорад. Ба ақидаи А.И. Фабричний объекти бевоситаи иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкиро вайрон намудани баробарҳуқуқии субъектони фаъолияти бонкӣ, тартиби ҳуқуқии ҷараёни ин фаъолият, ки ба муътадилият ва боэътимодии низоми бонкӣ таҳдидҳо меоварад, дар бар мегиранд. Т.В. Пинкевич чунин меҳисобад, ки объекти бевоситаи иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ метавонад манфиатҳои молии соҳибкорони инфиродӣ, ташкилотҳо ва давлат бошад.

Чунин баназар мерасад, ки чунин хулосабарорӣ қисмҳои алоҳидаи объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ташкил дода, моҳияти объекти иловагии бевоситаи онро кушода дода наметавонад.

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аломати ҳатмии он расонидани зарар ба миқдори калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат, ё гирифтани даромад ба миқдори калон мебошад ва ҷабрдида ҳангоми содир шудани ин ҷиноят аз моликияти худ маҳрум мегардад (зарари молумулкӣ). Дар асоси ин ва таҳлили ақидаҳои зикршудаи муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки объекти бевоситаи иловагии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ин манфиатҳои молу мулкӣ мебошад (ҳуқуқи моликияти шаҳрванди ҷабрдида, ташкилот ва давлат).

**АДАБИЁТ**


1. Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Преступления в сфере экономической деятельности. – М., 1998. – С. 17–19.
2. Жеребцов А.П. Проблемы уголовной ответственности за нарушения порядка осуществления предпринимательской деятельности. дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1998. – С. 18.
3. Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве // Труды ВЮА. Вып. ХШ. – М., 1951. – С.32–46.
4. Каиржанов Е. Интересы трудящихся и уголовный закон. – Алма–Ата, – 1973.
5. Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. 1955. – № 1. – С.111–124.
6. Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления. // – Советское государство и право. 1951. – № 8; – 5-8.
7. Кузнецов А.П. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, место, классификация. - М., 2000.

– С. 11–12.
8. Лопашенко Н.А. Вопросы квалификации преступлений в сфере экономической деятельности. – С.52.
9. Мазур С.Ф. Уголовно–правовая охрана экономической деятельности. – М., 1998. – С. 31.
10. Маркунцов С.А. О необходимости законодательного закрепления понятия «банковская деятельность» – М., 2005. – С. 37.
11. Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 652.
12. Наумов А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: комментарий судебной практики и доктринальное толкование. – М.: Волтерс Клувер, 2005. – С. 6.
13. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М., 1960; Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления. Сборник ученых трудов. – Свердловск, 1969.
14. Реннеберг И. Объективная сторона преступления. – М., 1956. – С.30.
15. Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ. дис....ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С. 60.
16. Сапожников Н.В. Правовые проблемы предпринимательской деятельности банков с валютными ценностями: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1997. – С.4.
17. Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Қудратов Н.А. Асари ишорашуда. – С. 6.
18. Советское Уголовное право. – М., 1938. – С. 86; Курс советского уголовного права. -М., 1970. -Т. 2. -С.124-126.
19. Таганцев Н.С. Курс лекций по русскому уголовному праву: Лекции. Общая часть. – М., 1994. – Т. 1. – С. 178.
20. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – С. 349-350.
21. Уголовное право России. Особенная часть. Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 143.
22. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть. Учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова. -М., 1996. - С.119.
23. Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов/ Под ред. И.Я. Козаченко. – М., 2008. – С.213.
24. Устинова Т.Д. Ответственность за незаконную предпринимательскую и банковскую деятельность // Законность. 1999. – № 7. – С. 14.
25. Фабричный А.И. Уголовно–правовая характеристика незаконного предпринимательства: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2001. – С. 83.
26. Федоров М.И. Понятие объекта преступления по советскому уголовному праву //Ученые записки Пермского университета. Т. XI. Вып.4. Кн.: 2. – Пермь, 1957. – С.180–194.
27. Фойницкий И.Я. Курс уголовного права. Часть особенная. Посягательства личные и имущественные. -СПб., 1900. – С. 6–7.
28. Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2019. – С. 59.
29. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2019. – С. 78.
30. Шуберт Л. Об общественной опасности преступного деяния. – М., 1960. – С. 23.

## ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ

Дар мақола масъалҳои муайян намудани объекти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Объекти ҷиноят мазмуни иҷтимоии ҷиноятро муайян менамояд ва барои бандубасти ҷинояти мушаххас хеле муҳим мебошад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, ақидаҳои гурӯҳи зиёди олимон вобаста ба объекти ҷинояти мазкур ба хулоса омадааст, ки объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба таври мушаххас пешниҳод нашуда, асосан дар худ таъиноти объекти бевоситаи дигар таркиби ҷиноятро дар бар гирифтааст (асосан объекти бевоситаи соҳибкории ғайриқонуниро). Объекти бевоситаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи амалинамоии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бавуҷуд меоянд.

**Калидвожаҳо:** объекти ҷиноят, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, объекти иловагӣ, таркиби ҷиноят, бандубасти ҷиноят, объекти хелӣ, объекти бевосита, фаъолияти соҳибкорӣ, низоми бонкӣ.

## ОБЪЕКТ ПРЕСТУПЛЕНИЯ НЕЗАКОННОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье анализируются вопросы определения объекта преступления незаконной банковской деятельности. Объект преступления определяет социальный контекст преступления и имеет большое значение для квалификации конкретного преступления. В результате анализа уголовного законодательства, мнений большой группы ученых, связанных с объектом данного преступления, автор пришел к выводу, что в теории уголовного права непосредственный объект незаконной банковской деятельности определяется по разному. По мнению автора непосредственным объектом преступления незаконной банковской деятельности являются общественные отношения, возникающие в сфере незаконной банковской деятельности.

**Ключевые слова:** объект преступления, незаконная банковская деятельность, общественные отношения, дополнительный объект, состав преступления, квалификация преступлений, непосредственный объект, предпринимательская деятельность, банковская система.

**OBJECT OF THE CRIME OF ILLEGAL BANKING ACTIVITIES**

The article analyzes the issues of determining the object of the crime of illegal banking activities. The object of the crime determines the social context of the crime and is of great importance for the qualification of a particular crime. As a result of the analysis of criminal legislation, the opinions of a large group of scientists related to the object of this crime, the author came to the conclusion that in the theory of criminal law, the direct object of illegal banking activities is defined differently. According to the author, the direct object of the crime of illegal banking activities are social relations arising in the sphere of illegal banking activities.

**Keywords**: object of the crime, illegal banking activities, social relations, additional object, corpus delicti, qualification of crimes, direct object, entrepreneurial activity, banking system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Мухаммад Джамшед*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент заведующий кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rakhmonzoda Muhammad Jamshed*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption Crime. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 880-78-78-28**. E-mail: **mrahmonzoda@mail.ru**

ТДУ: 347.1(575.3)

# НАҚШИ ПАРЛАМЕНТ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

*Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [4]. Парламент ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузори кишвар бештар ба халқ иртибот дошта, таввасути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иродаи халқро ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки Конститутсия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми тоҷик заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад [12]. Зеро Конститутсия ин санади роҳнамо ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, пешравию рушди кишвари мо ба он пайванди ногусастанӣ дорад.

Бо ин мақсад, дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» меъёрҳои мушаххас танзим гардидаанд. Масалан, мутобиқи моддаи 5-и он «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд» [4]. Ҳамчунин, боби 2 Конститутсия ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки ба рушду инкишофи ҳар шаҳрванди кишвар мусоидат намуда, ба сиёсати ҳуқуқбунёдии давлат пурра созгор мебошад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда карда шавад» [12]. Бо ин тасмими наҷиб яке аз меъёрҳои асосии Конститутсия – таъмини ҳуқуқбунёдӣ амалӣ мегарад, ки тавасути он шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Ҷиҳати рушди сиёсати ҳуқуқии кишвар ва маърифати ҳуқукии ҷомеа Маҷлиси Олӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамояд, ки бевосита танзимкунандаи ин ё он соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба Конститутсия рабт дошта, аз он сарчашма мегиранд. Ҳарчанд, қонунҳо аз номи давлат ба тасвиб мерасанд, вале дар онҳо, пеш аз ҳама бояд манфиати халқ ифода ёбад. Бо ин мақсад, давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт бояд ба манфиату иродаи халқ мувофиқ гардонад. Тавре А.Д. Каримов қайд мекунад: «мақомоти қонунгузор, ки бо тартиби интихоботи озодона ташкил ёфтааст, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ба инобат гирифтани манфиати халқ муайян мекунад» [3]. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ эътироф гардидааст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми қонунгузор ин меъёр бо тамоми назокати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида аз ҷониби мақоми қонунгузор арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд. Ба андешаи Шарофзода Р.Ш. «боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат маҳсуб мешавад» [14]. Ба ақидаи С.В. Лебедева

«воситаҳои шарҳу баёни ғояҳо ва принсипҳои сиёсию ҳуқуқӣ унсури муҳимми маърифати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд» [11]. Бо такя ба андешаҳои баёншуда, ба назари мо, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузор бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ ба рушди низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ва ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саҳми беназир мегузорад. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» [10] аз он шаҳодат медиҳад, ки Парлумони кишвар дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва тарбияи онҳо дар роҳи ватандӯстӣ бетараф нест. Чунки қабули Қонуни мазкур тақозои замон буда, он ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба Ватан, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳуввияти миллии шаҳрвандон мусоидат намуда, масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд мебардорад, инчунин барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, соҳаҳои фарҳанг, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «ояндаи Тоҷикистон низ маҳз аз сатҳи маърифати мардум ва пешрафти илму техника вобаста буда, ҷалби ҷавонону наврасон ба илму дониш ва касбу ҳунар бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи аҳолии ҷомеа қарор дошта бошад» [13]. Бо ин мақсад, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳониро таҳлил намуда, дар доираи салоҳияти худ қарорҳо (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо қонунҳо) қабул менамояд, ки иҷроиши онҳо дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ доранд.

Масъалаи бартараф намудани мухолифат байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар шароити имрӯза яке аз равандҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба андешаи З.М. Ализода «мухолифат миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масълаи нав набуда, он ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст» [1]. Аз ин рӯ, қонунеро сифатнок эътироф кардан мумкин аст, ки агар он ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро воқеан бо назардошти мақсаде, ки ҳангоми нашри он дар назар гузошта шуда буд, ба танзим дарорад.

Маҷлиси Олӣ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дошта, ин мавқеъ далолат аз он медиҳад, ки мақоми қонунгузор баёнгари иродаю манфиати шаҳрвандон мебошад. Ба инобат гирифтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Зеро то кадом дараҷа дуруст иҷро гардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии ҷомеа дарк медиҳад. Бояд қайд кард, ки рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ бе донистани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ки аз ҷониби мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва қонунгузор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарар мегарданд, ғайриимкон мебошад. Маҳз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, ки дар заминаи риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таъмин мешавад, шарти асосии амалишавии самаранокии донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунии давлат баҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, мақоми қонунгузор ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ, роҳҳои амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони воқеӣ ҳангоми ба онҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ»-ро қабул намуд. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур ин «фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ, ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин таъмини дастрасии онҳо ба адолати судӣ»[5] мебошад.

Дар шумули санадҳои меъёрии қабулшуда, қонунҳое ҳастанд, ки дар таърихи фаъолияти қонунгузории кишвар бори нахуст ва ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир аз ҷониби вакилони даъвати шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд, ки ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон

ва рушди низоми санадҳои қонунгузории кишвар саҳми намоён гузоштаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» [7], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» [6] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» [9]. Бо боварӣ метавон гуфт, ки қонунҳои қабулгардида муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим даровარда, ба устувории низоми қонунгузории кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, ба таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таккони амиқ мебахшанд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Ҳамаи мо вазифадорем дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза баҳри суботу амнияти кишварамон аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем» [12]. Қабули қонунҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳонро омӯхта, баҳри суботу амнияти Ватан, пешгирии содиршавии ҳуқуқвайрокунӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон санадҳои меъёрии ҳуқуқии бомавридро қабул менамояд. Зеро ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ ва умуман ба ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа таъсир мерасонад. Ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки ҷузъи асосии низоми ҳуқуқӣ мебошад, дар шароити ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба қонунгузории миллӣ боиси тағйири мазмуну шаклҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад. Тавре М.М. Ватанзода қайд менамояд: «яке аз мақсадҳои асосии тасдиқи санадҳои байналмилалӣ ин қабули уҳдадорӣ дар хусуси мутобиқ гардонидани санадҳои дохилӣ бо санадҳои байналмилалӣ мебошад» [2,с.31-35]. Аз ин рӯ, ворид гардидани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ, мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба асосҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки яке аз унсурҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ мебошад, таъсир мерасонад.

Инчунин, дар баробари санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, саҳми санадҳои зерқонунӣ низ дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи шаҳрвандон назаррас мебошад. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, 1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 «Дар бораи барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030». Дар санадҳои зикршуда самти сиёсати ҳуқуқии давлат оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, инчунин таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандонро ҳамчун самти фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон муайян гардидааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо оид ба роҳҳо ва усули баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷиҳати боз ҳам самаранок гардонидани роҳҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ озмунҳои ҳуқуқӣ, намоиши барномаҳои ҳуқуқӣ дар телевизион ва дастрасии аҳолиро ба иттилооти ҳуқуқӣ бештар намуда, ҳамзамон сомонаи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил карда шавад.

Дар асоси таҳқиқоти мавзуи мазкур пешниҳод менамоем, ки тартиби интишори санадҳои қонунгузорӣ дар нашриёҳои расмӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян гардидааст, дар баробари он сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои қонунгузорӣ расман эътироф карда шавад. Зеро дастовардҳои илмӣ ва техникии муосир имкон медиҳанд, ки интишори санадҳои қонунгузорӣ ва қабули он дар таҳрири нав бо мақсади пурра дастрас гардидан ба ҷомеа дар сомонаи электронӣ расман ба чоп расанд. Зеро чунин таҷриба дар давлатҳои

пешрафтаи дунё мақоми расмиро гирифтааст. Бо мақсади мутобиқ намудани низоми қонунгузории кишвар ба ҷаҳонишавӣ, рушди техникаи қонунгузорӣ ва дар ин замин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» моддаи $68^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $68^1$. Сомонаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. «Сомонаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сомонаи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқнамудаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо забони давлатӣ ва забони русӣ интишор мегарданд.

2. Дар сомона ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқнамудаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектони қонунгузор тафсири ғайрирасмӣ дода мешавад.

3. Фаъолияти сомонаро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд».

**АДАБИЁТ**


1. Алиев З.М. Мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба татбиқи қонунгузорӣ / З.М. // Алиев Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. -С.25-30.
2. Ватанов М.М. Масъалаҳои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда / М.М. Ватанов // Забон ва сифати қонун. - 2010. -С.31-35.
3. Каримов А.Д. Парламентское право России. Учебное пособие. -М., 1999. -246 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). -Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
5. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4 июли соли 2020. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. №7-9, мод. 600.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» аз 24 декабри соли 2022. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №12, қ. 2, мод. 762.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №7, мод. 432.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2023. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, №1-3, мод.1.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» аз 22 июни соли 2023. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, №4-6, мод. 154.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2022, №12 қ. 2, м. 760.
11. Лебедева С.В. Оснавы культурно-просветительской деятельности учителя математики. Учебно-методической пособие для студентов, обучающихся по направлению подготовки 44.03.01 Педагогичекое образование, профиль – математическое образование. -Саратова, 2019. -128 с.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 2008. [Манбаи электронӣ]. URL: https://sadoimardum.tj.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқотбо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, аз 9 марти соли 2024. [Манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
14. Шарофзода Р.Ш. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ: Таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил // Ҳаёти ҳуқуқӣ. -Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. -№1(45). -С.5-2339.


## НАҚШИ ПАРЛАМЕНТ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН


Дар мақола масоили вобаста ба вазъи ҳуқуқии мақоми қонунгузор, фаъолияти қонунгузорӣ ва намояндагӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули санадҳои қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон, тартиби пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Маҷлиси намояндагон ва сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баррасӣ гардидаанд. Муаллиф андешаву дидгоҳҳои гуногунро оид ба қонунгузорӣ ва сифати санадҳои қонунгузориро таҳлил намудааст. Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон таҳлил гардида, тартиби пешбурди коргузорӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо барраси шудаанд. Ба андешаи муаллиф, Маҷлиси Олӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ олӣ буда, қонун ва қарорҳои дар доираи салоҳияти худ қабулкардаи Маҷлиси Олӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ доранд.



Калидвожаҳо: Конститутсия, қонун, маърифати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, санадҳои қонунгузорӣ, мақоми қонунгузор, мақоми олии намояндагӣ ва ҳокимияти давлатӣ.

**РОЛЬ ПАРЛАМЕНТА В ПОВЫШЕНИИ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЕ ГРАЖДАН**

В статье аналиризуется и расматривается вопросы связанные с правовым статусом законодательного органа, законотворческой деятельностью и представительством в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, принятием законодательных актов в Маджлиси намояндагон, порядком внесения проектов законов и других нормативных правовых актов в Маджлиси намояндагон и рассмотрена государственная политика в направлении повышения правового сознания граждан. Автор проанализировал различные мнения и взгляды на законодательство и качество законодательных актов. Проанализированы полномочия Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, рассмотрен порядок осуществления их работы и их правовой статус. По мнению автора, Маджлиси Оли является высшим органом власти в системе государственной власти, а законы и решения, принимаемые Маджлиси Оли в пределах его полномочий, имеют высшую юридическую силу на всей территории Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Конституция, закон, просвещение граждан, законодательство, законодательные акты, законодательный орган, высший представительный орган и государственная власть.

**THE ROLE OF PARLIAMENT IN INCREASING LEGAL EDUCATION OF CITIZENS**

The article analyzes and examines issues related to the legal status of the legislative body, lawmaking activities and representation in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, the adoption of legislative acts in the Majlisi Namoyandagon, the procedure for introducing draft laws and other regulatory legal acts to the Majlisi Namoyandagon and examines state policy in the direction of raising the legal awareness of citizens. The author analyzed various opinions and views on legislation and the quality of legislative acts. The powers of the Majlisi Milli and Majlisi Namoyandagon are analyzed, the procedure for implementing their work and their legal status are considered. According to the author, the Majlisi Oli is the highest authority in the system of state power, and the laws and decisions adopted by the Majlisi Oli within its authority have the highest legal force throughout the territory of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Constitution, law, education of citizens, legislation, legislative acts, legislative body, supreme representative body and state power.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**. Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 785-00-01-01.** E-mail: **jkomron11@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Джамшедзода Комрон Джамшед*** **–** Таджикский национальный университет, старший советник Председателя Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, кандидат юридических наук. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 785-00-01-01.** E-mail: **jkomron11@mail.ru**

**Information about the author:** ***Jamshedzoda Komron Jamshed*** – Tajik National University, Senior Advisor to the Chairman of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **785-00-01-01**. E-mail: **jkomron11@mail.ru**

УДК: 347.62; 341.96

# К ВОПРОСУ О ПРАВОВОЙ ПРИРОДЕ ТРАНСГРАНИЧНОГО БРАКА В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ

*Менглиева Н.А.*

Семейное законодательство Республики Таджикистан основывается на необходимости укрепления семьи, построения семейных отношений на чувствах взаимной любви и уважения, взаимопомощи и ответственности перед семьей всех ее членов, недопустимости произвольного вмешательства кого-либо в дела семьи, обеспечения беспрепятственного осуществления членами семьи своих прав и исполнения обязанностей, возможности их судебной защиты (ч. 2 ст. 1 СК РТ). Несмотря на гарантированность и обеспеченность семьи и семейных ценностей со стороны государства, отечественное законодательство о семье не вобрало в себя положение, регламентирующее и закрепляющее юридическое понятие брака. Вместе с тем брак как важный феномен является предметом изучения различных наук (философии, социологии, медицины, права и т.п.), в рамках которых ученые исследуют и изучают отдельные его стороны, особенности, признаки и характеристики. Следует согласиться, что брак является достаточно древней формой социальной организации людей и традиционно сложившимся объектом правового регулирования [21,с.43].

Брак является достаточно древней формой социальной организации людей и традиционно сложившимся объектом правового регулирования [21,с.43]. Соответственно этому толкование брака во многом определялось тем периодом времени, когда он существовал, а также уровнем и степенью развития общественных отношений и правовой политики государства. Этим определяется многозначность и многоаспектность брака. Оттого и очень много его научных определений.

Вместе с тем, в последние годы в юридической науке очень широко стал использоваться термин «трансграничный брак», который несомненно обладает научной ценностью и новизной. Законодатель, к сожалению, не обозначил своей четкой правовой позиции относительно его легальной интерпретации, ввиду чего он широко обсуждаем в научных кругах, и проходит процесс научного осмысления. Как указывает Е.Ю. Хромова, понятие «трансграничный брак» нуждается в глубоком научном анализе и в должном правовом обосновании в вопросе введения его в научный оборот [25,с.134-135].

Отсутствие единого понимания сущности брака в таджикской правовой науке обуславливает также неоднозначную интерпретацию термина «трансграничный брак». Поэтому формирование единого подхода к определению понятия брака в таджикской науке представляется весьма полезным и эффективным. Следует подчеркнуть, что для должного урегулирования брачно-семейных отношений, в частности, браков с участием иностранных граждан, важным представляется правовое закрепление понятия брака в семейном законодательстве нашей страны, и, по возможности, на уровне международного частного права. Это, прежде всего, необходимо для установления определённых границ и исключения различных видов браков, которые существуют в современном обществе (например, гражданский брак, однополый брак) и, так или иначе, смещаются со словом «брак». Однако на сегодняшний день в таджикском законодательстве не сформулировано единое легальное понятие данного феномена. Но это не означает, что отечественное семейное законодательство игнорирует вопросы регламентации брачных отношений. Семейный кодекс Республики Таджикистан определяет форму, порядок, условия заключения брака и другие важные его элементы. Но подобная регламентация брака не представляется достаточной, так как конкретно не очерчивает его возможные границы. Так, из содержания норм отечественного Семейного кодекса можно сделать вывод о том, что в нем субъект брака, имеющий право заключить брак, не определен. Данное положение не оговорено и в нормах, определяющих препятствия к заключению брака. Поэтому, по сути, его могут заключать как разнополые, так и однополые лица. Подобное толкование норм семейного законодательства вряд ли было учтено законодателем, так как брак всегда подразумевал союз именно мужчины и женщины, т.е.

биологически разнополых лиц. Но подобное представление о браке не соответствует существующей тенденции заключения однополых браков, которое очень широко стало признаваться и практиковаться в зарубежных странах. К примеру, на сегодняшний день 34 страны узаконили однополые браки [18]. В частности, Нидерланды, Испания, Мексика, ЮАР, Бразилия, США, Австралия, Тайвань, Эквадор, Непал и другие страны. Эстония недавно присоединилась к этим странам, где однополые браки будут официально признаваться с 1 января 2024 года. Как показывают статистические данные, доля заключаемых однополых браков в этих странах составляет 1-3% от общего количества заключаемых браков. Возрастная категория лиц, вступающих в брак, в основном молодежь (25-35 лет).

Таким образом, признание и заключение однополых браков вступают в разрез с устоявшими многовековыми традициями и обычаями народов разных стран, законами и постулатами, нормами морали и стереотипами, которые всегда отражали и защищали строгие представления и мудрость о браке, заключаемого разнополыми лицами. Правильно подмечает Е.Н. Новоселова, что сегодняшняя тенденция и позиция западных обществ, прежде всего, направлена на искоренение сакрального смысла, заложенного в определении брака [17,с.86]. Свидетельством тому является появление в различных словарях определения понятия «однополый брак». К примеру, Оксфордский словарь английского языка (с 2000 года), словарь Королевской академии испанского языка (с 2012 года) и т.п.

Судя по всему, на первых порах считали, что легализация и признание однополых браков не будет серьезной проблемой и никак негативно не отразится на развитии современного общества. Нынешние представители, продвигающие идею о легализации однополых браков, аргументируют свою позицию тем, что вопрос заключения однополых браков вытекает из принципа свободы выбора человеком своей личной (интимной) жизни. Иначе говоря, именно двое свободных лиц самостоятельно определяют ту форму общения и ведения совместной частной жизни, личного досуга, которая наиболее им предпочтительна и приемлема. Но не все так легко и просто! Многочисленные доводы и оправдания в пользу узаконения однополых браков не могут перечеркнуть ценность брака и брачных отношений, основной смысл которого сводится к отношениям между мужчиной и женщиной в вопросах продолжения человеческого рода. «Это факт человеческого бытия, который существует независимо от человеческих утопий и который невозможно ниспровергнуть» [22]. Общество, которое придерживается позиции признания однополых союзов, фактически направлено на самоуничтожение. Исходя из этого, следует согласиться с Г.С. Працко и Е.А. Левицкой, что динамика современных общественных отношений и формируемые в нем ценности порождают ряд противоречивых правовых явлений и феноменов, отличных от действующего правопорядка. Но, как бы то там ни было, эти обстоятельства требуют внимания законодателя и адекватного правового регулирования [19,с.90]. Иными словами, отсутствие легального определения понятия брака влечет неурегулированность и неопределённость в некоторых важных аспектах данного феномена, из чего можно сделать вывод о том, что семейному законодательству не присуще та полная определенность, которой должно обладать право [27,с.41].

Между тем, многие ученые сошлись во мнении, что отсутствие легального определения брака связано, прежде всего, с тем, что институт брака является специфичным и сложным комплексным социальным явлением [16,с.160]. Действительно, институт брака выступает многогранным явлением, охватывающим многие разносторонние аспекты – будь то социологические, философские, физиологические, психологические, нравственные и т.д. В частности, А.И. Загоровский в феномене брака усматривал пять его составляющих элементов [9,с.45-46]:

1) естественный (физический), т.е. вложенное природой в человека естественное физиологическое (половое) влечение одного пола к другому;

2) нравственный (этический), который отражает взаимную нравственную привязанность супругов, общение их внутреннего, духовного мира;

3) экономический, определяющий взаимоотношения супругов в рамках ведения совместного общего хозяйства;

4) юридический, отражающий правовую сторону взаимосвязи мужа и жены, связанных супружеством и имеющих взаимные права и обязанности;

5) религиозный, т.е. влияние религии на регулирование брачных отношений (в любой религии есть определенные заповеди про семью и брак).

Представляется необходимым согласиться с позицией французского ученого М. Сегалена о том, что «…брак следует рассматривать только во взаимосвязи всех вышеперечисленных сфер, как юридическое, нравственное, религиозное, социально-психологическое, физиологическое и экономическое явление» [29,с.14].

Несмотря на сказанное, мы считаем, что многогранный характер брака не должен влиять на формирование его легальной дефиниции с той целью, чтоб установить общие границы его сущности и исключить применение иных схожих интерпретаций, посредством которых обозначают те или иные узы или связи.

Следует отметить, что семейное законодательство большинства зарубежных стран также не вобрало положений, легализующих понятие брака. В частности, французское представление законодателя о браке отражает его договорную природу и сущность [23, 53], что стало догмой для дальнейшего его научного осмысления. Эти идеи о сути брака заложены в первой французской Конституции 1791 г. и во Французском гражданском кодексе. В настоящее время во Франции брак рассматривается как законный союз между мужчиной и женщиной либо между однополыми лицами.

Точное определение понятия брака невозможно обнаружить и в английском семейном праве. Здесь процесс научного осмысления понятия брака усложняется тем, что полное представления о сущности брака можно сформировать, лишь проанализировав в совокупности различные положения

английского права касаемо недействительности брака (law of nullity). Так, Закон о браках 1949 г. [28] устанавливает определенные требования к заключению брака. Самым важным является «удостоверение в том, что лица, намеревающиеся вступить в брак, свободны для заключения брака и согласны его заключить» [3].

Немецкое семейное законодательство определяет брак как официальный союз между мужчиной и женщиной для совместного проживания и создания семьи [20,с.108]. При этом немецкий законодатель исходит из того, что в силу применения норм иностранного права (закона места совершения брака) в понятие «брак» может быть включено временное сожительство, которое не признается как форма брака немецким материальным правом. Вопрос о том, какая форма совместной жизни признается в качестве брака, решается на основе закона места совершения брака [14,с.131].

В современном отечественном семейном законодательстве не сложилось единой интерпретации брака. Поэтому в юридической литературе были высказаны разные определения данного феномена. Что касается сущности брака, то следует подметить, что в общем виде брак рассматривается как историческое социальное явление, предполагающее разнополый союз – мужчины и женщины, в рамках которого регулируются взаимоотношения супругов и определяется правовой статус ребенка в обществе [10,с.124].

В доктрине международного частного права наряду с понятием «трансграничный брак» применяется различная другая терминология - «интернациональный брак», «иностранный брак», «брак с иностранным элементом», «смешанный брак», «трансграничный союз», «международный брак» и т.д. В частности, Е.Ю. Хромова предлагает рассматривать термины «международный брак», «трансграничный брак» и «интернациональный брак» как синонимами [26,с.20]. И.В. Гетьман-Павлова и А.С. Касаткина приравнивают категорию «смешанный брак» с понятием «иностранный брак», обозначающий браки, оформление и заключение которых зависят от двух и более правопорядков [6,с.94].

Термин «трансграничные отношения» очень широко используется исследователями в доктрине международного частного права. Поэтому понятие «трансграничный брак» следует раскрыть через призму его соотношения с категорией «трансграничные отношения». Так, для характеристики трансграничных отношений очень часто используется признак фактического пересечения границы. Так, по мнению Е.Ю. Хромовой, основанием возникновения

трансграничных отношений является физическое пересечение субъектами и (или) объектами государственной границы [25,с.135], что, на наш взгляд не вполне правильно. Следует согласиться с О.Е. Савенко, что трансграничные отношения могут возникать и в тех случаях, когда отсутствует физическое (фактическое) пересечение государственных границ. Например, когда осуществляется электронный перевод денежных средств между субъектами, находящимися в разных странах [20,с.110].

Ряд авторов для придания отношениям статуса трансграничного характера в качестве критерия выдвигают «иностранный правопорядок». В частности, И.В. Гетьман-Павлова и С.Ю. Ли, характеризуя особенности брачно-семейных отношений, используют категорию иностранный правопорядок [6,с.466], под которым они понимают события и действия, с которыми нормы права связывают возникновение, прекращение или изменение брачно-семейных правоотношений, регулируемых нормами иностранного права [13,с.64]. Однако с такой позицией авторов трудно согласиться. Правопорядок обозначает систему общественных отношений, урегулированную нормами права и гарантированную государством [20,с.111]. Правопорядок отражает уровень урегулированности в обществе отношений, результат действия права, а не само право. Исходя из этого, суть трансграничных отношений сводить только к иностранному правопорядку, считаем некорректным.

На наш взгляд, суть трансграничных отношений наиболее ярко характеризует признак наличия иностранного элемента. К примеру, Б.И. Нефедов трансграничные отношения рассматривает как отношения с особым субъектным составом и отягощенным «иностранным элементом» [15,с.20]. Аналогичной позиции придерживаются Г.К. Дмитриева и О.Е. Савенко, которые полагают, что трансграничные отношения - это отношения, осложненные иностранным элементом [7,с.15; 20,с.111]. Вместе с тем, существует мнение, которое ставит под сомнение надежность применения критерия иностранного элемента для раскрытия сути трансграничных отношений. В частности, Г.В. Вильяминов полагает, что не все правоотношения обладают иностранным элементом. По этому поводу Г.В. Вильяминов пишет, что случай приобретения иностранцем, например, в России в кредит шубы, не считается международной сделкой и не подлежит регламентации с точки зрения международного частного права. Поэтому регулируется нормами конкретного национального права, в том числе коллизионными и процессуальными нормами. Автор далее подчеркивает, что подобные случаи имеют место быть и в семейных правоотношениях с иностранным элементом [4,с.137].

Таким образом, следует согласиться, что трансграничные отношения – это такие общественные отношения между физическими и юридическими лицами, которые связаны с правовыми системами различных государств, которые регулируются нормами международного частного права [20,с.111].

Статья 1306 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, закрепляя термин «иностранный элемент», указывает, что нормы международного частного права подлежат применению к гражданско-правовым отношениям с участием иностранных граждан или иностранных юридических лиц, либо осложненных иным иностранным элементом. Несмотря на юридическое закрепление данного термина, в науке международного частного права не сложилось однозначного мнения относительно его определения и применения. К примеру, Г.В. Вильяминов указывает на неоднозначность применения данной категории ввиду того, что он не всегда присутствует в правоотношениях [4,с.137]. По мнению Н.Ю. Ерпылевой, иностранный элемент не является структурным элементом правоотношения. Далее автор подмечает, что «это скорее когнитивная конструкция, выполняющая в процессе правового регулирования сигнальную функцию и открывающая дорогу к возможному применению иностранного права» [8,с.21].

По мнению В.П. Звекова, «иностранный элемент» - условное и не совсем точное понятие, но едва ли следует отказываться от устоявшегося термина. Кроме того, он уже употреблен законодателем [11,с.20-24].

Г.Ю. Федосеева в поддержку своих доводов о необходимости применения термина «иностранный элемент» приводит аргумент, что данный термин в международном частном

праве отражает наличие инородного характера в правоотношениях, выводящий его из-под юрисдикции одного государства [24,с.542].

Таким образом, на наш взгляд, именно наличие иностранного элемента создают атмосферу трангграничности правоотношениям, подпадающим под действие международных частноправовых норм.

О.Е. Савенко выделяет факты, характеризующие наличие иностранного элемента в брачно-семейных отношениях. В частности, к ним автор относит наличие иностранного гражданства или отсутствия гражданства у одного из брачующихся; проживание лиц за пределами страны их гражданства; юридический факт, который имеет место быть за границей [20,с.112]. Н.Ю. Ерпылева и Е.А. Криволапова полагают, что иностранный элемент в семейных правоотношениях указывает на субъект (иностранный гражданин, лицо без гражданства), место его проживания или место заключения брака [8,с.21; 12,с.9].

Исходя из вышесказанного, мы считаем, что категория «иностранный элемент» отражает всю специфику брачных правоотношений, подпадающих под воздействие международных частноправовых норм. Сама конструкция термина «иностранный элемент» воплощает то мерило, определяющее правовую связь отношения с двумя и более правовыми системами.

Проанализировав различные позиции ученых относительно понятия «брак» и «трансграничные отношения», а также с учетом специфики законодательства некоторых стран мира по вопросам признания однополых браков, на наш взгляд, трансграничный брак можно определить как совокупность брачно-семейных отношений между физическими лицами разного или одного пола, осложненных иностранным элементом.

Таким образом, закрепление легальных дефиниций «брак» и «трансграничный брак» помогут внести ясность в интерпретацию этих категорий, а также исключат неопределенности в использовании института брака в сфере правоприменительной деятельности.

**Рецензент: к.н.н., доцент РТСУ – Сидиков Д.А.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, №1918 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30447927 (дата обращения: 23.07.2023).
2. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 13 ноября 1998 г. (ред. 26.12.2011 г. №791) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.ilo.org/dyn/natlex/docs/ELECTRONIC/90339/104080/F1297490250/TJK90339%20Rus.pdf (дата обращения: 25.07.2023).
3. Бахаева А. Брак в английском праве [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://zakon.ru/blog/2015/4/11/brak_v_anglijskom_prave (дата обращения: 24.02.2022).
4. Вильяминов Г.В. Понятие международного частного права и наука о транснациональных частноправовых отношениях / Г.В. Вильяминов // Труды Института государства и права Российской академии наук. - 2015. - № 3. - С. 127 - 151.
5. Гетьман-Павлова И.В. Международное частное право / И.В. Гетьман-Павлова. - М., 2009. – 752 с.
6. Гетьман-Павлова И.В. Проблемы коллизионного регулирования брачно-семейных отношений в международном частном праве России / И.В.Гетьман-Павлова, А.С. Касаткина // Право. Журнал Высшей школы экономики. - 2017. - № 1. - С. 92-110.
7. Дмитриева Г.К. Международное частное право: учебник для бакалавров / Г.К. Дмитриева. - М.: Проспект, 2015. – 514 с.
8. Ерпылева Н.Ю. Международное частное право: учебник для вузов / Н.Ю. Ерпылева. - М.: Издательский дом ВШЭ, 2015. – 656 с.
9. Загоровский А.И. Курс семейного права / А.И. Загоровский. Под ред. и с предисл. В.А. Томсинова. -М.: Зерцало, 2003. – 464 с.
10. Закирова С.А. Брак как юридический факт / С.А. Закирова // Юристъ-Правоведъ. - 2011. - № 3. - С. 124-127.
11. Звеков В. П. Коллизии законов в международном частном праве / В. П. Звеков. - М., 2007. – 392 с.
12. Криволапова Е.А. Правовое регулирование брака с участием иностранного элемента: дис. … канд. юрид. наук / Е.А. Криволапова. - М., 2007. – 1181 с.
13. Ли С.Ю. Понятия «иностранец», «иностранный элемент», «иностранный правопорядок» в российском законодательстве и практика их применения к брачно-семейным отношениям / С.Ю. Ли // Вестник ХГАЭП. - 2010. - № 2. - С. 60-65.
14. Микитюк С.Я. Способы разрешения коллизий в сфере заключения международных браков / С.Я. Микитюк // Гуманитарный вестник. - 2012. - № 4. - С. 127-149.
15. Нефёдов Б.И. Фундаментальные проблемы теории международного права и трансграничные отношения / Б.И.Нефёдов // Евразийский юридический журнал. - 2015. - № 5 (84). - С. 18-23.

16. Никогосян С.А. К вопросу о правовой природе брака в российском и иностранном праве / С.А. Никогосян // Вестник экономики, права и социологии. - 2013. - № 1. - С. 160-163.
17. Новоселова Е.Н. Однополый “брак” — тупиковая ветвь эволюции семьи и общества / Е.Н.Новоселова // Вестник Московского ун-та. Серия социология и политология. - 2013. - № 4. - С. 85-03.
18. Однополые браки [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki. (дата обращения: 20.05.2023)
19. Працко Г.С. Институт брака в законодательстве РФ: некоторые проблемные аспекты/ Г.С.Працко, Е.А.Левицкая // Теория и практика общественного развития. - 2016. - №3. - С. 90-93.
20. Савенко О.Е. Понятие брака в международном частном праве / О.Е. Савенко // Lex Russica. - 2018. - № 6 (139). - С. 106 - 116.
21. Семенова И.Ю. К вопросу о генезисе правовых стимулов и ограничений в правовом регулировании семейных отношений / И.Ю. Семенова // Юридическая наука. - 2011.- № 3. - С. 43 - 45.
22. Спак А. 15 причин, почему общество не должно узаконивать гей-браки [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.invictory.org (дата обращения: 20.05.2023)
23. Трофимец И.А. Дефиниция «брак»: взгляды отечественных и зарубежных цивилистов / И.А.Трофимец, А.А. Косарев // Вестник ХГАЭП. - 2012. - № 1. - С. 51-58.
24. Федосеева Г.Ю. Брачно-семейные отношения международного характера и международное частное право: объект и отрасль или две самостоятельные отрасли права? / Г.Ю. Федосеева // Lex Russica (Научные труды МГЮА).- 2004. - № 2. - С. 536-545.
25. Хромова Е.Ю. Особенности правового регулирования браков с гражданами иностранных государств / Е.Ю. Хромова // Вестник МНЭПУ. - 2014. - № 1. - С. 134-140.
26. Хромова Е.Ю. Коллизионное регулирование трансграничных браков в международном частном праве: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Е.Ю. Хромова. - М., 2014. – 31 с.
27. Яковлев В.Ф. О функциях гражданского права / В.Ф. Яковлев // Российское право: образование, практика, наука. - 2011. - № 6 (77). - С. 38-42.
28. Marriage Act 1949 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.legislation.gov.uk/ukpga/Geo6/12-13-14/76 (дата обращения: 24.02.2022).
29. Segalen M. Éloge du marriage. P., 2003. P. 14.

## ОИД БА САВОЛИ ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ АҚДИ НИКОҲИ ФАРОМАРЗӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ХУСУСӢ

Имрӯз институти ақди никоҳи фаромарзӣ яке аз институтҳои марказии ҳуқуқи оила ба ҳисоб меравад. Ақди никоҳи фаромарзӣ барои шаҳрвандони мо кайҳо боз як чизи маъмулӣ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир истилоҳи «никоҳи фаромарзӣ» раванди мураккаби фаҳмиши илмӣ мегузарад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои гуногуни ин падида баён шудаанд. Дар ҳамин ҳол, дар қонунгузории оилаи ватанӣ шарҳи ягонаи никоҳи фаромарзӣ низ вуҷуд надорад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки номуайянии истилоҳи «никоҳи фаромарзӣ», пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар илми муосири тоҷик моҳияти ягонаи издивоҷ таҳия нашудааст. Барои танзими дурусти муносибатҳои ақди никоҳ ва оилавӣ зарур аст, ки мафҳуми ақди никоҳ дар қонунгузории оилавии кишвари мо ва агар имкон бошад, дар сатҳи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шавад. Аз ин рӯ, муаллиф ба хулосае меояд, ки муқаррар кардани таърифи ҳуқуқии никоҳи фаромарзӣ барои равшан кардани шарҳи он ва аз байн бурдани номуайянии истифодаи ин ниҳод дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад. Муаллиф мавқеъҳои гуногуни олимонро оид ба мафҳумҳои «муносибатҳои наздисарҳадӣ» ва «никоҳ» таҳлил намуда, дар натиҷаи тадқиқот мафҳуми категорияи «никоҳи фаромарзӣ»-ро тавзеҳ додааст.

**Калидвожаҳо:** никоҳ, ақди никоҳи фаромарзӣ, ақди никоҳ бо унсури хориҷӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

## К ВОПРОСУ О ПРАВОВОЙ ПРИРОДЕ ТРАНСГРАНИЧНОГО БРАКА В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ

На сегодняшний день институт трансграничного брака выступает одним из центральных институтов семейного права. Заключение трансграничных браков давно стали обыденностью для наших граждан. Автор подчёркивает, что в современной юридической науке термин «трансграничный брак» проходит сложный процесс научного осмысления. Поэтому в юридической литературе были высказаны разные определения данного феномена. Между тем в отечественном семейном законодательстве также не сложилось единой интерпретации трансграничного брака. Автор приходит к выводу, что неопределённость термина «трансграничный брак», прежде всего, связана с тем, что в таджикской цивилистике не выработан единый подход к сущности брака. Для должного урегулирования брачно-семейных отношений важным представляется правовое закрепление понятия брака в семейном законодательстве нашей страны, и, по возможности, на уровне международного частного права. Поэтому автор приходит к выводу, что закрепление легального определения трансграничного брака поможет внести ясность в его интерпретацию, а также исключит неопределенность в использовании данного института в правоприменительной сфере. Проанализировав различные позиции ученых относительно понятий «трансграничные отношения» и «брак», в результате исследования автором дается определение категории «трансграничный брак».

**Ключевые слова:** брак, трансграничный брак, брак с иностранным элементом, международное частное право.

## ON THE QUESTION OF THE LEGAL NATURE OF CROSS-BORDER MARRIAGE IN PRIVATE INTERNATIONAL LAW

Today, the institution of cross-border marriage is one of the central institutions of family law. Cross-border marriages have long become commonplace for our citizens. The author emphasizes that in modern legal science the term "cross-border marriage" goes through a complex process of scientific understanding. Therefore, different definitions of this phenomenon have been expressed in the legal literature. Meanwhile, in domestic family legislation there is also no unified interpretation of cross-border marriage. The author comes to the conclusion that the uncertainty of the term "cross-border marriage" is primarily due to the fact that Tajik civil law has not developed a unified approach to the essence of marriage. For the proper regulation of marriage and family relations, it is important to legally consolidate the concept of marriage in the family legislation of our country, and, if possible, at the level of private international law. Therefore, the author comes to the conclusion that establishing a legal definition of cross-border marriage will help clarify its interpretation, as well as eliminate uncertainty in the use of this institution in the field of law enforcement. Having analyzed the various positions of scientists regarding the concepts of "cross-border relationships" and "marriage", as a result of the study, the author gives a definition of the category "cross-border marriage".

**Keywords:** marriage, cross-border marriage, marriage with a foreign element, private international law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Менглиева Нигина Акмаловна* -** Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Турсунзода, 30. Телефон: **918-64-27-26.** E-mail: **niginamenglieva@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Менглиева Нигина Акмаловна*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, соискатель кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Турсунзаде, 30. Телефон: **918-64-27-26.** E-mail: **niginamenglieva@gmail.com**

**Information about the author:** ***Menglieva Nigina Akmalovna*** - Russian-Tajik (Slavic) University, applicant for the Department of Civil Law. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, M. Tursunzade street, 30. Phone: **918-64-27-26.** E-mail: **niginamenglieva@gmail.com**

ТДУ 327 (575.3)

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУҚОВИМАТҲОИ САРҲАДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Содиқзода Хушбахт Насреддин*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Сарҳад ҳамчун объекти муқовимат дар муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳои ҳамҷавор аҳаммияти калон дошта, омили асосии сар задани баҳсҳои ҳудудӣ, тақсими захираҳои наздисарҳадӣ ва дастрасӣ ба онҳо мегардад. Дар ин раванд баҳсу ихтилофҳои марзӣ дарозмуддат ва домангир шуда, ба таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар замони муосир муқовиматҳои сарҳадӣ боиси нигаронии ҷомеаи башар гардидаанд. Чунки дар шароити имрӯза тамоми воситаҳо фароҳам оварда шудаанд, то ин ки кишварҳо байни ҳамдигар мухолифат накунанд, алалхусус дар масъалаи сарҳад. Вале сарҳад мавзеи домангири манфиатҳо ва ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва стратегии ҳамаи тарафҳо мебошад.

Ба фикри доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, профессори кафедраи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Забайкал – Арсентева Ирина Илинична, «имрӯз сарҳад ҳамчун маконе ба ҳисоб меравад, ки дар он замина барои ҳамгироии кишварҳои ҳаммарз ва вобастагии байни онҳо фароҳам оварда мешавад. Аз ин рӯ, дар минтақаи сарҳадӣ таъсири мутақобилаи ниҳоят мураккаб ва муқовимати субъектҳои маъмурӣ ва ғайримаъмурӣ вуҷуд дорад» [2,с.25].

Дар ин маврид, мо низ андеша дорем, ки мақсади тамоми ҷонибҳо амалӣ гардонидани ҳадафҳо дар масъалаи сарҳад мебошад. Тарафҳо хостгори онанд, ки ба нафъи худ объектҳо ва ҳудудҳои марзиро соҳиб шаванд. Дар масоили сарҳадӣ тарафҳо намехоҳанд, ки мавқеашонро тағйир диҳанд.

Баҳсу муқовиматҳои сарҳадӣ бо дарназардошти бархӯрди манфиатҳои ҷонибҳо доир ба амали меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномавӣ ё одатӣ муайян карда мешавад [17, с.64]. Сарфи назар аз эътироф кардани меъёрҳои байналмилалӣ давлатҳо вобаста ба манфиаташон муқовиматҳои сарҳадиро ташкил намуда, ба ташаккулу инкишофи он роҳ медиҳанд.

Мавзуи вазъият назар ба муқовимат васеътар буда, ҳар як муқовимат бо вазъияти муайян ба вуҷуд меояд [13]. Вазъият падидаи фаррох буда, бо расонидани таъсири омилҳои обеъективӣ ва субъективӣ муқовиматҳои сарҳадиро боз ҳам афзоиш медиҳад. Махсусан, дар замони имрӯза муқовиматҳои сарҳадӣ вазъи мураккаби сиёсӣ ва сард гардонидани муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳои ҳаммарзро ба вуҷуд оварда, авзои минтақаро ноором менамоянд.

Вазъият асоситарин омили тезутунд шудани муносибати сокинони минтақаҳои наздисарҳадӣ гардида, мушкилоти этникиву сиёсиро ба вуҷуд меорад. Муқовиматҳои сарҳадӣ дар натиҷаи вазъи номусоиди сарҳадӣ, аз қабили норозигии аҳолӣ аз сиёсати давлатҳои ҳамсоя, поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои аҳолии маҳалҳои наздисарҳадӣ, ба вуҷуд омадани низоъҳо дар мавриди истифодаи захираҳо ва ғайра афзоиш ёфта, бо ташаккули munоқишаҳо инкишоф меёбад.

Ҳамзамон, вазъи муқовиматҳои сарҳадӣ ба зиёд шудани баҳсҳои марзиву ҳудудӣ оварда расонида, муноқишаҳои минтақавию байналмилалиро ташкил медиҳанд. Ихтилофҳои сарҳадии Индонезия бо Шоҳигарии Нидерланд аз ҷумлаи чунин раванд мебошанд. Соли 1962 муқовиматҳои сарҳадӣ дар Ирианаи Ғарбӣ боиси он шуд, ки байни ду кишвар дар минтақа низои байналмилалӣ оғоз гардид. Индонезия дар ин масъала қатъиян хостгори озод намудани ҳудуди таърихии худ аз зери мустамликаи Нидерланд буд. Тарафи муқобил низ намехост, ки бо ба амал омадани муқовиматҳои сарҳадӣ қаламрави иҳотанамудаашро аз даст диҳад. Норозигии ҷонибҳо даргирии мусаллаҳонаро ба вуҷуд оварда ва бо сабаби дахолати байналмилалӣ дар соли 1963 ҷангҳои ҳарбии ду кишвар ба итмом расиданд [12,с.538-541].

Муқовиматҳои сарҳадӣ дар заминаи вазъи ноустувори сиёсӣ инкишоф ёфта, сабабгори сар задани мухолифатҳои марзӣ мегарданд. Дар натиҷаи онҳо даъвоҳои ҳудудии кишварҳо ба вуҷуд меоянд.

Баҳсҳо ва мухолифатҳо дар бораи сарҳад ё қисмҳои алоҳидаи қаламрав, натиҷаи ҷараёни таърихии азхудкунии ҳудуди нав ва муқаррар намудани сарҳади давлатӣ мебошад [17,с.63].

Дар айни замон муқовиматҳои ҳудудӣ қариб дар тамоми гӯшаҳои ҷаҳон ба амал омада, авзои байналмилалиро ноором сохтаанд. Асоси ба миён омадани муқовиматҳои ҳудудиро ихтилофҳои сарҳадӣ ташкил медиҳад, ки дар мавриди муқаррар намудани низоми ҳуқуқӣ ва моликияти қаламрав фаҳмида мешаванд [13].

Барои таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи муқовиматҳои сарҳадӣ дар шароити имрӯза моро зарур аст, ки сабабҳо ва омилҳои пайдоиши онро омӯзем. Гуногунии муқовиматҳои сарҳадӣ ва заминаҳои он пажуҳишҳои ҳамаҷонибаро талаб карда, дарки ин омилҳо барои таҳияи стратегияҳои муассир ва пешгирӣ аз рух додани муқовиматҳои марзӣ дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд.

Омили асосии ба вуқуъ омадани муқовиматҳои марзӣ муқаррар набудани сарҳадҳо, даъвоҳои ҳудудӣ ва рақобат барои бартарӣ дар минтақаҳои наздимарзӣ мебошад. Дар ин бора қаблан мо қайд карда будем. Таҳлил ва муқоисаи аксарияти муқовиматҳои марзӣ маҳз бо сабаби делимитатсия ва демаркатсия нагардидани хатти сарҳад мебошад. Ин вазъ нигаронкунанда буда, оқибати он ба ноором гардидани минтақаҳои наздисарҳадӣ оварда мерасонад.

Дар ин асно, байни давлатҳо оид ба муайянкунии ҳудуд ва ҷойгиршавии хатти марзи давлатӣ ихтилофот ба миён омада, фазои ноустувори сарҳад метавонад оянда сабаби муқовиматҳо шавад.

Пажуҳишгари рус Клименко Михаил Борисович дар ин хусус иброз менамояд, ки баҳсҳои ҳудудиро аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ ду масъала: муайянсозии ҳудуд ва низоми сарҳадӣ ташкил медиҳад. То ин ду масъала ҳал нагардад, муқовиматҳо дар сарҳад доимо ба амал меоянд [10,с.6].

Дар ҳолати номуайян будани марзҳои давлатӣ муқовиматҳои сарҳадӣ пайваста ба амал омаданашон имконпазир аст. Номуайянии сарҳад боиси ташанну дар сарҳад гардида, муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳои ҳаммарзро номусоид мекунад [3].

Якчанд омилҳое мавҷуданд, ки сабаби номуайян гардидани хатти сарҳадӣ шудаанд. Аз қабили баҳсҳои дарозмуддат, таърихан таъсис ёфтани қаламрав, дар шароити осоишта қарор доштани робитаҳои кишварҳои ҳаммарз, номутобиқ будани шароити табиӣ ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, дар сурати инкишофи муқовиматҳои марзӣ кишварҳо муайян кардани хатти сарҳади давлатиро зарур меҳисобанд.

Сабаби дигар мавҷуд будани тафовутҳои этникиву мазҳабӣ ва дар маҷмуъ фарҳангиву тамаддунӣ мебошад. Бахусус, дар минтақаҳое, ки аҳолиашон бо хусусиятҳои динӣ ва миллӣ фарқ дошта бошанд. Ҳар як ҳодиса ва воқеъа метавонад, ки ба баҳсу мунозираҳои маҳаллӣ табдил ёбад. Дар ҳар ҳолат сокинон ба ҷой доштани омилҳои диниву ҳувияти миллӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нисбат ба ҳамдигар хусусматҳо ва бадбиниҳоро раво мебинанд. Ҳатто дар масъалаи истифодаи забони модарӣ ё давлатӣ низ мухолифатҳо ба миён меоянд.

Муқовиматҳои этникӣ дар марз ба омили иҷтимоию психологӣ нисбат дода мешаванд, ки дар муқоиса бо дигар муқовиматҳо унсури фарҳангиро ташкил медиҳад [14,с.34].

Гарчанде ки байни давлатҳо муносибатҳои устувор ва ҳамҷавор ба роҳ монда шуда бошанд ҳам, мутаассифона, ихтилофҳои этникиву диннӣ боиси ташаккули муқовиматҳои сарҳадӣ мегарданд. Дар гузашта равиши мазкур бештар ба амал меомад, вале ҳозир бошад, ин раванд боз ҳам инкишоф ёфта истодааст. Гуфтугӯи тамаддунӣ ва табодули фарҳангӣ ташаннуҷро коҳиш диҳанд ҳам, аммо онҳо на ҳамеша тавони комилан аз байн бурдани муқовиматҳоро доранд.

Аз ҷумлаи чунин навъи муқовиматҳо, масъалаи ихтилофҳои сарҳадии соли 1977 байни Сомали ва Ҳабашистон мебошад, ки дар натиҷаи истисмори Сомали ба ин давлат ба амал омадааст. Мавзуи муқовиматро норозигии аҳолии наздисарҳадии Ҳабашистон, ки

дар биёбони Огаден сукунат доштанд, ташкил медод. Дар ин биёбон аҳолии сомалитабор зиндагӣ доштанд, ки мақсадашонро пурра аз ҳайати Ҳабашистон баромадан ташкил медод. Вале дар натиҷа, байни сомалиҳо бо ҳабашиҳо муқовимати байнисарҳадӣ сурат гирифт, ки дар пайи он баҳсҳои марзиву ҳудудии ду кишвар ба амал омаданд. Тибқи маълумоти таърихӣ, ҳудуде, ки дар он муқовимати сарҳадӣ ба миён омада буд, аз сабаби озод шудан аз зери мустамлика ва ба минтақаи Ҳабашистон шомил карда шуд, вале он макони таърихии сомалиҳо ба шумор мерафт. Ҳодисаи мазкур хусусияти этникиву миллиро доро буда, он бо иштироки мардумони минтақа сурат гирифтааст [3].

Аслан, назар ба дигар қитъаҳои ҷаҳон муқовиматҳои марзиву ҳудудии дорои хусусияти этникӣ бештар дар минтақаи Африқо ва Осиё аз ҳама зиёдтар ба амал омада, ихтилофоти миллӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва тамаддуниро фаро мегирад. Масалан, дар Африқо беш аз 50 халқу миллатҳо ва 3000 этоносҳо, ки бо ҳазорҳо забон гуфтугӯ менамоянд, умр ба сар мебаранд. Дар доираи ҳамзистӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ Ҷумҳурии Муттаҳидаи Танзания, Намибия ва Подшоҳии Лесото ташаккул ёфта, бо кишварҳои ҳамсарҳади худ мунокишаҳои сарҳадӣ надоранд. Вале вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ кишварҳои мазкур бояд байни ҳамсоягонашон дар муқовиматҳои сарҳадӣ қарор медоштанд. Аммо вазъ чунин нест, зеро миёни ин давлатҳои ҳамҷавор муносибатҳои дӯстона ва боэътимод барқарор шудаанд.

Мутаассифона, муқовиматҳои марзиву ҳудудии баъзе аз кишварҳои Африқо сабаби ба миён омадани ҷангҳои вазнини ҳарбию сиёсӣ гардиданд. Аз қабили ҷангҳо дар Конго (соли 2000), Серра – Леоне, Либерия, Ангола, Сомали, Судон, Кот – д'Ивуар (соли 2002), Руанда, Мали, Камерун, Сенегал ва дигар мамлакатҳо [14,с.42].

Дар айни ҳол қитъаи Африқо аз ҳама минтақаи пешсаф дар рух додани мухолифатҳои сарҳадӣ мебошад, ки муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ аз ҳама бештар ба вуқуъ меоянд. Дар чил соли охир зиёда аз даҳ ҷанги шаҳрвандӣ, сад табаддулоти ҳарбӣ, 11 ҳолати генотсид ва терроризми оммавии сиёсӣ дар ин қитъа ба амал омаданд, ки аксарияти он муқовиматҳои сарҳадӣ мебошанд. Чунин дараҷаи баланди моҷароҳо дар Африқо, пеш аз ҳама, муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ якчанд сабабҳоро пайгирӣ менамояд, аз ҷумла:

– мавҷуд будани зиддиятҳои милливу этникии қабилаҳои наздисарҳадӣ;
– номутобиқатии хатти сарҳадӣ ва омилҳои номуносиби этнолингвистӣ;
– муқовиматҳои субъектҳои гуногун барои захираҳои табиии сарҳадӣ [11,с.189].

Таҳқиқи масъалаҳои муқовиматҳои марзӣ дар Африқо ва муайян кардани сабабу омилҳои он мавзуи муҳим буда, барои фаҳмиши амиқи он омӯзиши таърихи кишварҳои Африқо, мероси мустамликадорӣ, сохтори иҷтимоӣ, тақсимоти қудрат, дастрасӣ ба силоҳ, фаъолияти фаъолонаи байналмилалӣ ва дигар равандҳои инкишофи муқовиматҳои сарҳадӣ зарур мебошад. Роҳандозии тадқиқоти нави илмӣ бо дарназардошти шароити имрӯза дар ин самт метавонад ба таҳияи барномаҳои муассир барои пешгирӣ ва ҳалли муқовиматҳои сарҳадӣ мусоидат кунад ва инчунин талошҳои таъмини амнияту тамомияти марзии кишварҳои Африқоро фароҳам созад.

Дастрасӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ сабаби дигари ба вуҷуд омадани муқовиматҳои сарҳадӣ мебошанд, ки дар замони муосир чунин вазъ бо иштирок ва саҳмгузории тарафҳои сеюм низ ба амал меояд. Махсусан захираҳои табиии обӣ, энергетикӣ ва ғайра, ки мо пештар дар ин бора зикр карда будем.

Сарватҳои табиии минтақаҳои наздисарҳадӣ барои ҳар як кишвар аҳаммияти бузург доранд, зеро онҳо метавонанд манбаи рушди кишварҳо бошанд. Бисёр давлатҳо ба захираҳои табии фаромарзӣ, аз қабили обӣ, ҷангалзорҳо, канданиҳои фоиданок, моҳидорӣ ва ғайраҳо вобастаанд, то рушди иқтисодӣ ва қонеъ кардани ниёзҳои аҳолии худро таъмин созанд.

Бо вуҷуди ин, хоҳиши назорат кардани захираҳои табиӣ метавонад мунокишаро байни кишварҳо ба вуҷуд орад, бахусус агар сарҳадҳо дақиқ муайян нашуда бошанд ё ихтилоф дар ҳуқуқи моликиятдорӣ ба ин захираҳои наздисарҳадӣ мавҷуд бошад. Дар натиҷа муқовиматҳои ҳудудӣ ва баҳсҳои марзиву низоҳои мусаллаҳона, ё ин ки дигар мушкилоте пеш омада метавонад, ки дар маҷмуъ ба суботу рушди минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

Муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ барои захираҳои табиӣ дар шакли зӯроварӣ, ғоратгарӣ, ҳамлаҳо, хусумати байни гурӯҳҳо ва ниҳоят байни мамлакатҳои ҳамҷавор сурат гирифта, талафоти иҷтимоӣ ва вайроншавии муҳити зистро ба миён меорад [5,с.134].

Зимнан, мавҷудияти шумораи зиёди аҳолӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ боиси рух додани муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ мегардад. Ҷой доштани сатҳи баланди зичии аҳолӣ низ метавонад ба ноором гардидани вазъи сарҳад дар истифодаи сарватҳои табиӣ бошад. Чунки эҳтиёҷот ва талаботи аҳолӣ ба дастрасӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ афзоиш ёфта, ниёзҳои он бояд қонеъ карда шаванд. Дар ҳама ҳолат сокинони минтақаҳои наздисарҳадӣ домангири муқовиматҳо барои захираҳои табиӣ мешаванд. Ҳатто сар задани муқовиматҳо ба майли онҳо низ вобаста намебошад.

Дар аксар маврид муқовиматҳои сарҳадӣ бо иштироки аҳолии минтақа ва ҳам давлатҳо бештар дар истифодаи обҳои фаромарзӣ, ба монанди обҳои дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо зоҳир мегардад. Захираҳои обӣ барои таъмини оби нӯшокӣ, соҳаҳои кишоварзӣ, тавлиди энергия ва ҳаёти аҳолӣ муҳим мебошанд.

Дар ин бора, пажуҳишгари ӯзбек Тобиров Одилҷон Қобилҷон Углӣ чунин андеша дорад, ки мувофиқи далелҳо, тайи 50 соли охир дар ҷаҳон бар асари истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обҳои фаромарзӣ беш аз 500 муқовимат ва 40 моҷарои байналмилалӣ ба вуқуъ пайвастааст. Барои ҳамин захираҳои обии ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ бояд ба таври қатъӣ ва бо риояи қатъии меъёрҳои байналмилалӣ истифода шаванд [15].

Об дар ҳақиқат захираи ҳаётан муҳим буда, норасоии он боиси муқовиматҳои ҷиддӣ мегардад. Ҳифзи захираҳои об ва таъмини дастрасии он барои ҳама яке аз мушкилоти асосии замони мо, алалхусус дар минтақаҳои наздисарҳадӣ буда, ҳамоҳангсозии ҳамаи тарафҳоро дар ҳалли он тақозо менамояд. Дар гузашта ва то ҳол муқовимату мухолифатҳо дар масъалаи истифодаи обҳои фаромарзӣ мавҷуд аст.

Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза муқовиматҳои сарҳадӣ баъд аз тақсимоти сиёсии марзиву маъмурӣ низ ба вуқуъ меоянд. Иртиботи сареъ ва мавҷуд будани иқтидори пурқудрати низомӣ муқовиматҳои сарҳадиро боз ҳам таҳрик дода, баҳсҳои фаромарзиро бештар мекунанд. Даргириҳои муасаллаҳонаи хурди ҳарбӣ низ дар пайи сар задани муқовиматҳо ба амал меоянд.

Одатан, дар ин навъи муқовиматҳо саҳми кишварҳо назар ба сокинони навоҳии наздисарҳадӣ зиёдтар мебошад. Иштироки давлатҳо дар муқовиматҳои сарҳадӣ бо норозӣ будан аз тақсимоти марзӣ ва доштани мухолифат нисбат ба сиёсати пешгирифтаи кишвари ҳамсарҳадаш марбут аст. Дар ин шароит манфиатҳои миллӣ ва сиёсии мамлакатҳо ба муқобили ҳамдигар нигаронида шуда, муқовиматҳои сарҳадиро боз ҳам васеътар менамоянд.

Муқовиматҳои сарҳадии Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея (минбаъд, ҶХДК) ба ин навъи муқовиматҳо мисол шуда метавонанд, ки дар он нақши ҳарду давлат назаррас мебошад. Бояд гуфт, ки масъалаҳои сарҳадии ин ду кишвар на танҳо минтақаро ба худ вобаста кардааст, инчунин иштироки ҷомеаи байналмилалро низ дар он саҳмгузор намудааст. Барои амиқ намудани мушкилоти сарҳадии ин давлатҳо зарур аст, ки ҳамаи паҳлуҳои он мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Таърихи муқовиматҳои сарҳадӣ байни Кореияи Ҷанбуӣ ва ҶХДК зиёда аз панҷоҳ сол боз идома дорад [18,с.29]. Дар ин муддат дар минтақаи делимитатсияшудаи фазои ҳавоӣ, баҳрӣ ва хушкӣ муқовиматҳои зиёдии наздисарҳадӣ ба амал омаданд. Ин муқовиматҳои марзӣ хусусияти мусаллаҳона ва низомиро дар бар гирифтаанд.

Дар таърихи даргириҳои сарҳадӣ хеле ҷолиб аст, ки новобаста ба муайян будани хатти марзи давлатӣ муқовиматҳо аз ҷониби ҳарду тараф ба амал меоянд. Ҳанӯз 30 августи соли 1953 аз тарафи неруҳои СММ хатти демаркатсияи шимолӣ таъсис дода шуда буд ва хатти сарҳади давлатии баҳрии ҶХДМ дар пареллели 38-уми баҳри Зард муқаррар гардид. Аммо, новобаста ба ин муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ пайваста байни ду мамлакат ба вуҷуд меоянд [6].

Омилҳои асосии сар задани муқовиматҳои марзии ин ду кишвар ба он марбут мебошад, ки ҶХДК ҳеҷ гоҳ хатти демаркатсияшудаи шимолиро эътироф накардааст ва аз ин сабаб муқовиматҳои мусаллаҳонаи кишварҳоро ба ҳайси муқовимати ҳудудӣ

пазируфтан зарур мебошад. Барои ҳалли муқовиматҳои сарҳадӣ байни ду кишвар бояд созишномаи байниҳукуматӣ дар хусуси муқаррар намудани сарҳади давлатӣ қабул шавад. Мутаассифона, то кунун ду давлат ҳамдигарро расман эътироф накардаанд ва ин вазъ боиси маҳдуд кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ байни ду кишвар гардидааст.

Ба назари номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи давлатии Уқёнуси Ороми Россия – Александр Юревич Иванов, «ҷанг дар нимҷазираи Корея солҳои 1950 – 1953 як мамлакатро ба ду қисм ҷудо карда, муноқишаҳои ҷиддии мусаллаҳонаро ба миён овард. Сарфи назар аз қабули як қатор созишномаҳо ва санадҳои байниҳукуматӣ масъалаи сарҳади баҳрии ду давлат то ҳол ҳал нашуда, барои давра ба давра тезутунд гардидани муқовиматҳо шароит фароҳам овард» [9,с.98-107].

Нахустин маротиба бо вуҷуди мавҷуд будани муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ дар солҳои 90 – уми асри гузашта муайян кардани хатти марзии шимолии ду давлат оғоз ёфт. Вале, дар моҳи майи соли 1996 панҷ киштии марзбонии ҶХДК ба обҳои ҳудудии Кореяи Ҷанубӣ ворид шуда, муқовиматҳои мусаллаҳонаи ҳарбиро шуруъ намуд ва пас аз 4 соати задухӯрд муҳорибаи марзӣ ба итмом расид. Аз соли 1996 то инҷониб низ, чунин воқеаҳо пайваста ба амал меоянд.

Моҳи марти соли 2000 ҶХДК якҷониба таҷдиди хатти демаркатсияи сарҳади шимолиро эълон намуда, минтақаи нави сарҳадиро бунёд кард. Мутаассифона, чандин маротиба муқовиматҳои ҳудудӣ дар пайи ин ҳодиса рух медиҳанд.

Масъалаи муқаррар кардани хатти сарҳадӣ дар қаламрави шимол, ки ба ҳудуди обии ду давлат тааллуқ дорад, аз минтақаи Бэй Гангва (Кёнги) маншаъ мегирад. Ин маҳал дар наздикии бандари калонтарини Кореяи Ҷанубӣ – Инчон ҷойгир мебошад, ки ба ғайр аз аҳаммияти марзӣ, манфиатҳои иқтисодии минтақаи обиро ташкил медиҳад.

Ба назари мо, муқовиматҳои сарҳадие, ки байни ҶХДК ва Кореяи Ҷанубӣ ба миён меоянд, сабаби аслиаш дар набудани назари ягонаи давлатҳо вобаста ба хатти сарҳад мебошад. Давлатҳо ҳудуди баҳриро ба таври расмӣ эътироф накарда, ҷонибдори ақидаи худ ҳастанд. Тамомияти арзии ҳамдигарро аз нуқтаи назари муштарак қабул надоранд. Аз ин рӯ, дар пайи қазаияи мазкур муқовиматҳои зиёди низомӣ дар сарҳад ба амал меоянд. Инчунин, байни давлатҳо муносибатҳои густурдаи ҳуқуқӣ, дипломатӣ ва сиёсӣ ба роҳ монда нашудаанд, ки вазъиятро боз ҳам мураккаб менамояд.

Дар замони муосир омили мазҳабиву диниро дар ба амал омадани муқовиматҳои сарҳадӣ набояд нодида гирифт. Идеологияи диниву мазҳабӣ дар тафаккури инсон ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим дорад. Дин аз қадимтарин ва густурдатарин ҷанбаи фарҳанг ва идеология аст, ки ба ҷаҳонбинӣ ва рафтори одамон таъсир мерасонад. Муқовиматҳои сарҳадӣ бо ангезаҳои диниву мазҳабӣ мушкилии такроршавандае мебошанд, ки даъвоҳои ҳудудиро ба вуҷуд меоранд. Аз муноқишаҳои мусаллаҳона дида, баҳсҳои динӣ ба муносибатҳои кишварҳои ҳамҷавор таъсири калон мерасонанд. Зеро дину мазҳаб неруи тавоно дар ташаккули ҳувият ва инкишофи динамикаи геополитикии баҳсҳои ҳудудӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳоли ҳозир даргириҳои диниву мазҳабӣ дар Шарқи Наздик бештар ба амал омада меоянд, аз қабили муноқишаҳои наздисарҳадии Арабистони Саудӣ бо Ироқ, ки баҳс дар атрофи тафриқаи суннӣ ва шиа аз соли 1941 то кунун давом дорад [3].

Аксари муноқишаҳои сарҳадии арсҳои миёнаро мухолифатҳои диниву мазҳабӣ ташкил медод. Қариб дар ҳар гӯшаи ҷаҳон ҳамин гуна муқовиматҳо сар мезаданд, ки ба ҷомеа таъсири муҳими иҷтимоиву сиёсӣ дошт. Аз ҷумла, низоҳои салибӣ дар баҳри Миёназамин, ки мубориза барои назорати ҷойҳои муқаддаси диниро бо иштироки калотикҳову протестантҳо ба мақобили мусулмонон фаро гирифта буд.

Ба ҷуз аз омилҳои сиёсӣ сабабҳои иқтисодӣ низ бар асари бархӯрди манфиатҳо боиси рух додани муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ байни кишварҳо мегарданд. Масалан, баҳсҳо дар бораи танзими низоми тиҷорат, боҷҳои гумрукӣ, дастрасӣ ба бозори минтақавӣ, назорати роҳу бандарҳои транзитӣ, рақобат барои захираҳои арзишманд, аз қабили нафт, газ, маъданҳо ва ғайра.

Одатан, ихтилофи иқтисодии марзӣ бо ҷой доштани мухолифатҳо барои дастрасӣ ва истифодаи захираҳои табиии минтақаҳои наздисарҳадӣ бештар ба амал меоянд. Дар гузашта давлатҳои империалистӣ пайваста талош менамуданд, ки мамлакатҳои ноамн ва

заифро истисмор намуда, дар зери мустамликаи худ доранд ва дар натиҷа канданиҳои фоиданоку сарватҳои табиии онро ба манофеи худ истифода намоянд. Масъалаи захираҳои табиӣ ба муқовиматҳои сарҳадӣ алоқамандии зич дорад. Дар ҳолати набудани танзими мувозинати истифодабарии сарватҳои наздимарзӣ ҳар лаҳза муқовиматҳои хурд ва сипас муқовиматҳо байни кишварҳо низ ба амал меоянд.

Дар қитъаи Аврупо, ки яке аз устувортарин минтақаи ҷаҳон аз лиҳози нишонододҳои сиёсиву иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои ҳамгироӣ шинохта мешавад, мутаассифона, миёни бархе аз кишварҳои он ҳамоно баҳсҳо ва муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ мавҷуданд.

Баҳсҳои сарҳадии кишварҳои Аврупо назар ба дигар давлатҳо фарқи калон доранд. Хусусан, дар атрофи марзҳо ва ҳудудҳои қаблан дар тобеият дошта. Аз сабаби оне, ки дар гузашта аксари мамлакатҳои Аврупо ба ҳайси давлатҳои империализм ва истисморкунанда ба ҳисоб мерафтанд, баъд аз соҳибистиқлол гардидани мулкҳои дар иҳота қарор доштааш, мунозираҳои қаламравӣ байни давлатҳо бо собиқ мустамликаҳо ба амал омаданд. Кишварҳои Аврупо то кунун пойбанди амалҳои мустамликадории худ буда, хостгори он нестанд, ки заминҳо ва ҷазираҳои тули асрҳо муҳосира кардаашонро ба соҳибони аслӣ баргардонанд, ё ин ки намегузоранд мулкҳои дар тобеиятаашон буда, тибқи раъйи аҳолии онҳо мустақил гарданд.

Чунин баҳсҳо бештар байни Фаронса, Испания, Британияи Кабир, Португалия ва дигар кишварҳои Аврупо вуҷуд доранд. Дар мисоли таҷрибаи Фаронса, ки то ҳол дар тобеияти худ мустамликаҳои наздибаҳрӣ ва якчанд ҷазираҳоро дорост, ҳамеша дар толоши аз даст надодани ин ҳудудҳои ба ӯ таърихан тааллуқнадошта мебошад.

Ихтилофҳо ва муқовиматҳои марзӣ дар мулкҳои Фаронса то инҷониб боқӣ мондаанд. Фаронса кӯшиш дорад, ки давра ба давра муқовиматҳои марзии қаламрави наздибаҳрии худро бартараф намояд ва барои дар муддати дароз нигоҳ доштани ин ҳудудҳо омода аст, ки шароити заруриро фароҳам созад. Аз ҷумлаи баҳсҳои ҳудудӣ ин масъалаи нигоҳ доштани ҷазираи Маойтта дар ҳудуди Фаронса мебошад, ки бар хилофи қарори СММ амал мекунанд. СММ тибқи қарори худ Майотаро ба Иттиҳоди Ҷазираҳои Комор марбут донистааст. Вале бо ташвиқи сиёсати Фаронса сокинони ин ҷазира раъйпурсӣ гузаронида, худро дар тобеияти Фаронса мутааллиқ медонанд [7,с.155].

Шоҳигарии Испания кишвари дигари аврупоӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он масъалаҳои муқовиматҳои марзӣ ва низоҳои сарҳадӣ дар қаламрави берунаи он вуҷуд дорад. Баҳсҳо дар атрофи Гибралтар бо Британияи Кабир, минтақаи Оливенса бо Португалия, ҷазираҳои Канар бо Сахараи Ғарбӣ, Сеута ва Мелиля бо Марокеш, аз қабили масъалаҳои домангири ин кишвар ба ҳисоб мераванд [4,с.23-28].

Бояд қайд кард, ки назар ба дигар минтақаҳо муқовиматҳои сарҳадӣ дар шароити муосир байни кишварҳои Аврупо бештар хусусияти баҳсӣ доранд. Яъне, дар онҳо аломатҳои муқовимат мушоҳида намегардад. Дар аксар маврид ихтилофҳо байни давлатҳо барои муайянкунии қаламрав рух медиҳанд. Вале дар минтақа ва маконҳое, ки онҳо дар уқёнус, баҳр ва дигар қитъаҳо доранд, муқовиматҳои хурди аҳолии маҳалҳои наздисарҳадӣ ҷузъан ба амал меоянд.

Дар Осиё баҳсҳои минтақавии наздисарҳадии зиёд вуҷуд доранд, ки дар онҳо муқовиматҳои марзӣ пайваста ба амал меоянд. Аксари давлатҳои Осиё ба мисли Африқо, ки дар мунoқишаҳои калони марзӣ қарор доранд, бо сабаби муайян нагардидани хатти муштараки марзи давлатӣ, омилҳои этникӣ, диниву мазҳабӣ, таърихӣ ва дигар сабабҳо, ки мо қаблан онҳоро таҳлил карда будем, ба чунин ҳолат гирифтор шудаанд.

Осиё сарчашмаи тамоми тамаддунҳои башарият ва сераҳолитарини қитъаи ҷаҳон ба шумор меравад, ки таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ доимо ба он нигаронида мешавад. Зичии аҳолӣ низ дар сатҳи баланд қарор дошта, дар он гурӯҳҳои зиёди этникиву миллӣ умр ба сар мебаранд. Тамоми омилҳои оваранда ба муқовиматҳои сарҳадӣ ва низоъҳои марзиву ҳудудӣ дар ин ҷо рух медиҳанд. Чунки вазъи геополитикӣ ва геостратегии ин қитъа ба мисли сиёсати ҷаҳонӣ дар ҳолати номуайян қарор дорад.

Махсусан, пас аз фарҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, озод шудани кишварҳо аз зери мустамликаҳои кишварҳои аврупоӣ, ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ихтилофҳои марзиву ҳудудӣ дар байни бештари кишварҳои Осиё сар заданд. Кишварҳои мустамликадор сабаби асосии ба вуқуъ омадани низоъҳои сарҳадӣ миёни мамлакатҳои

ҳамҷавори Осиё мебошанд. Зеро дар давраи истисмори онҳо баъзе кишварҳои имрӯзаи Осиё натавонистанд, ки сарҳадҳои худро дуруст муайян созанд. Ҳолатҳое низ вуҷуд доранд, ки кишварҳои мустамликадор ба нафъи худ баъзе ҳудудҳои мустамликаашонро байни худ тақсим кардаанд. Дар натиҷаи чунин амалҳои ноадолатона бештари сарҳадҳо нодуруст тақсимбандӣ карда шудаанд. Ин вазъ дар ҳоли имрӯз минтақаро торафат ноамн месозад. Баъзе кишварҳо бо вуҷуди доштани баҳсҳои сарҳадӣ нисбати ҳамдигар муносибати сард доранд.

Вазъияти аксари кишварҳои собиқ ИҶШС дар ҳамин ҳол мебошад. Давлати Россия аз давраи подшоҳии худ дар пайгирӣ ба манфиатҳои худ вазъи минтақа, аз ҷумла Осиёи Марказиро торафт мураккаб намуд.

Масъалаҳои баҳсҳои ҳудудии Молдова бо Ҷумҳурии Молдоваи Приднесторв, Осетияи Ҷанубӣ бо Гурҷистон, Абхазия ва Гурҷистон, Украина бо Россия, Арманистон бо Озарбойҷон, Ӯзбекистону Қирғизистону Тоҷикистон ва дигарҳо, ҳамаи ин мероси боқимондаи ИҶШС мебошад, ки акнун мушкилоти ҷиддиро байни ин кишварҳо ба вуҷуд оварданд. Бештари кишварҳои худтаъсиси ИДМ, ки қисме аз онҳоро мо дар боло номбар кардем, дар пайи мunoқишаҳои марзиву ҳудудӣ таъсис ёфтаанд, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ мавҷудияти онҳо эътироф нагардидааст.

Ҳоло ҷаҳон дар ҳолати рушди устувор қарор дорад. Давлатҳо набояд байни ҳамдигар муқовимату баҳсҳои сарҳадӣ дошта бошанд, ҳамкориҳои самаранокро бояд ба роҳ монанд. Вале мавҷуд будани низои сарҳадӣ монеа барои ташаккули ҳамгироии кишварҳо гардида истодааст.

Байни Покистон, Ҳиндустон ва Чин (оиди минтақаи Кашмир), Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ (ҷазираҳои Лианкур), Чин бо Ҷопон (Сенкаку), Ветнам, Чин, Малайзия, Филипин, Тайланд (ҷазираҳои Спратли, Парасел, Мак – Клесфилд, Скарборо, нимҷазираи Пратас, Прэахвихеа, Тайван), Россия ва Ҷопон (Курили Ҷанубӣ), Кипр ва Туркия (Кипри Шимолӣ), Қатар ва Баҳрайн (ҷазираи Ховар) ва ғайра аз қабили баҳсҳои марзиву ҳудудӣ мебошанд, ки дар пайи он муқовиматҳои марзӣ, низоҳои мусаллаҳона, ихтилофҳои сиёсӣ, муноқишаҳои дипломатӣ, таҳримҳои иқтисодӣ ва ғайра аҳёнан ба амал меоянд.

Хулоса, муқовиматҳои сарҳадӣ дар замони муосир падидаи маъмул ва мураккабе мебошад, ки ба бисёр минтақаҳои ҷаҳон хосанд. Онҳо метавонанд бо сабабҳои гуногун, аз қабили воқеаҳои таърихӣ, ғаразҳои миллӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, тафовути мазҳабӣ ва ғайра ба вуҷуд оянд. Маҳаки асосии сар задани муқовиматҳоро дастёбӣ ба назорат ва истифодаи марзи давлатӣ ташкил медиҳад.

Барои рух додани муқовимат дар сарҳад омили хурд ҳам кифоя аст, ки вазъиятро дигаргун намояд. Ҷонибҳои манфиатдор ҳамеша дар талоши онанд, ки суботи сарҳад вайрон гардад, зеро таъмини бехатарии марзу бум ба нигоҳ доштани амният ва ҳифзи мамлакат вобаста аст. Бинобар ин, кӯшишҳо аксар вақт дар минтақаҳои низоъангез ва рушднаёфта барои ташкили муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ бештар мебошад.

Аз ин рӯ, барои ҳалли муваффақи муқовиматҳои марзиву ҳудудӣ дар байни ҷонибҳо муколамаи ошкоро, баррасӣ ва баёни мавқеъҳо, ба назар гирифтани манфиатҳои муштарак, муайян кардани мушкилот, ҷустуҷӯи созиш ва талош барои ҳалли мусолиматомез зарур мебошад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти АИД назди Президенти ҶТ – Тураев З.Ю.**

## АДАБИЁТ


1. Абдулхолики Х. Спорные территории как очаги напряженности на границе / Х.Абдулхолики, Н.Т.Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2015. -С.188 – 196.
2. Арсентьева И.И. Понятие «Приграничье» в современном научном дискурсе / И.И. Арсентьева // Вестник Забайкальского государственного университета. -2012. --№6 (85). С.24 – 29.
3. Бредникова О. Приграничные конфликты и споры / О.Бредникова // Журнал «Отечественные записки». -2002. -№6 (7).
4. Вартумян А.А. Территориальное измерение внешней политики Испании на рубеже XX – XXI веков / А.А.Вартумян // Гуманитарные и юридические исследования. -2021. -С.23 – 28.
5. Вельцер Х. Климатические войны: за что убивают в XXI столетии // Модернизация законодательства Европейского союза об охране климата и энергосбережении / Х. Вельцер. - 2014. -С.133 – 135.

6. Волощак В.И. Конфликты КНДР и Республики Корея в районе северной разграничительной линии // Научные исследования и разработки молодых ученых / В.И. Волощак. - 2015.
7. Зарифӣ Ҳ. Тоҷикистон – Хитой: ташаккули сарҳади давлатӣ. Таърих ва замони муосир / Ҳ.Зарифӣ, А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 544 с.
8. Зверева Т.В. Современные подходы Франции к разрешению территориальных споров / Т.В. Зверева // Современная Европа. -2020. -№5. -С.155.
9. Иванов А.Ю. Разграничительная линия между КНДР и Республикой Корея в Жёлтом море как фактор напряжённости на Корейском полуострове / А.Ю. Иванов // Россия и АТР. --2017. С.98 - 107.
10. Клименко Б.М. Мирное решение территориальных споров / Б.М. Клименко. – Москва: «Издательство Международные отношения», 1982. – 184 с.
11. Малов Д.В. Политико-правовой анализ деятельности ООН по урегулированию этнических конфликтов на территории Африки в 1990–2012 гг./ Д.В. Малов // Вестник Омского университета. -2013. -№1. -С.189 – 195.
12. Международные отношения после Второй мировой войны. Т.3. / гл. ред. Н. Н. Иноземцев. – Москва, 1965. – 777 с.
13. Орлов А.С. Понятие международного территориального спора / А.С. Орлов // Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право». -2010.
14. Сидорова Г.М. Вооруженные конфликты в практике внешнеполитических отношений государств района великих африканских озер: дисс. на соис. ученой степени д.п.н. / Г.М. Сидорова. – Москва. 2016.
15. Тобиров О.К.У. Разумное пользование трансграничными водными ресурсами и потоками / О.К.У. Тобиров // Журнал European science. 2017.
16. Тотх Д. Пограничные противоречия в районе великих африканских озер / Д.Тотх // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Общественные науки. --2022. №2 (848). С.30 – 35.
17. Ҳуқуқи байналмилалӣ (Дастури таълимӣ). – Душанбе: Ирфон, 2009. – 303 с.
18. Nanto Dick K. Report for Congress. North Korea: chronology of provocations, 1950-2003 / Dick K. Nanto - Congressional research service: The library of Congress, 2003. P.29.
19. Rongxing Guo. Territorial dispute and resource management. A global handbook. — Ney York: «Nova Science Publishers, Inc», 2007. -280 p.

## ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУҚОВИМАТҲОИ САРҲАДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Давлатҳо дар тамоми давраи мавҷудияти худ пайваста дар мунoқишаи байниҳамдигарӣ қарор доштанд. Баҳсу мухолифатҳо аксар вақт бо сабабҳои гуногун ва ҳар гуна баҳонаҳо сар мезаданд, ки дар натиҷа ба муҳорибаҳои муасаллаҳона ва ҷангҳои шадиди ҳарбӣ табдил меёфтанд. Дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ борҳо чунин муқовиматҳо рух додаанд, ки оқибатҳои манфӣ ва харобиовар доштанд. Муаллиф бар ин назар аст, ки бо анҷоми ҷангҳои ҷаҳонӣ ва ташаккули низоми бисёрқутбӣ дигарбора ба амал омадани муқовиматҳои сарҳадӣ ғайриимкон буд. Акнун ин гуна ҳодисаҳо набояд такрор меёфтанд. Мутаассифона, бинобар дигаргуншавии вазъи сиёсии ҷаҳон ва тағйирёбии доимии равандҳои геополитикӣ, ташкили иттифоқҳои нави сиёсӣ, мубориза барои қудрат ва нуфуз, рақобат барои захираҳо ва ҳудудҳо ҳамоно мушкилоти муқовиматҳои сарҳадӣ вуҷуд доранд. Дар мақолаи мазкур сабабҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва инкишофи муқовиматҳои сарҳадӣ дар замони муосир, инчунин омилҳое, ки ба муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор дода нд

**Калидвожаҳо:** сарҳади давлатӣ, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, делимитатсия, демаркатсия, баҳсҳои ҳудудӣ, муқовиматҳои сарҳадӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРИГРАНИЧНОГО ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ

На протяжении всего своего существования государства находились в постоянном конфликте друг с другом. Споры и конфликты нередко возникали по разным причинам и под всевозможными предлогами, приводя к вооруженным конфликтам и ожесточенным военным сражениям.Подобные конфликты между странами являются приграничными противостояниями. В истории международных отношений и мировой политики неоднократно происходили подобные противостояния, имевшие негативные и разрушительные последствия. Автор придерживается мнения, что с окончанием мировых войн и формированием многополярной системы повторение трансграничных противодействий стало невозможным. Теперь подобные инциденты не должны повториться. К сожалению, в связи с меняющейся политической ситуацией в мире и постоянным изменением геополитических процессов, образованием новых политических альянсов, борьбой за власть и влияние, конкуренцией за ресурсы и территории, по-прежнему существуют проблемы трансграничного противодействия. В данной статье рассматриваются основные причины возникновения, становления и развития трансграничного противодействия в современное время, а также факторы, влияющие на отношения между государствами.

**Ключевые слова:** государственная граница, суверенитет, территориальная целостность, делимитация, демаркация, территориальные споры, приграничные противостояния.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF BORDER CONFRONTATIONS IN MODERN TIMES.

Throughout their existence, states have been in constant conflict with each other. Disputes and conflicts often arose for various reasons and under all sorts of pretexts, leading to armed conflicts and fierce military battles. Such conflicts between countries are border confrontations. In the history of international relations and world politics, similar confrontations have repeatedly occurred, which had negative and destructive consequences.The author is of the opinion that

with the end of the world wars and the formation of a multipolar system, the repetition of cross-border counteractions became impossible. Now such incidents must not happen again. Unfortunately, due to the changing political situation in the world and constant changes in geopolitical processes, the formation of new political alliances, the struggle for power and influence, competition for resources and territories, there are still problems of cross-border counteraction.This article examines the main reasons for the emergence, formation and development of cross-border counteraction in modern times, as well as factors influencing relations between states.

**Keywords:** state border, sovereignty, territorial integrity, delimitation, demarcation, territorial disputes, border confrontations, regional security.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқзода Хушбахт Насреддин*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторант Ph.D. **Суроға:** 734012, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон**: (+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Содикзода Хушбахт Насреддин*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М. Мастонгулова, 3. Телефон**: (+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sodiqzoda Khushbakht Nasreddin*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, doctor Ph.D. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastonqulov street, 3. Phone: **(+992) 918-24-39-00.** E-mail**: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**ТДУ: 330.115(575.3)**

# РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ-ОМИЛИ РУШД ВА ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ МАМЛАКАТ

*Сафаров Ф.Г.*
**Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии "МИСиС" дар ш. Душанбе**

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳия ва тасдиқи консепсияю барномаҳои давлатии вобаста ба равандҳои рақамикунонӣ, дар марҳилаи аввали ташаккули иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Аз он ҷумла, Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионии технологӣ барои рушди Тоҷикистон», ки санаи 05.11.2003, №1174 ба тасвиб расидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, № 643 тасдиқ карда шудааст; Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №642 тасдиқ карда шудааст [1].

Амалисозии иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, даромади буҷет, шаффофият, содагардонии расмиёт, омода кардани мутахассисони лаёқатмандии соҳаҳои гуногун, ҷалби технологияҳои муосир ва дар маҷмуъ, сатҳи зиндагии аҳолии кишвар беҳтар гардад.

Дар пойгоҳи мустақили фаромилли www.Dodaho.tj барои шаҳрвандон метавон хизматрасониҳои электрониро, аз қабили Ҳуҷҷатгузории рақамӣ (Digi Doc), Суди электронӣ (e-Court), Манзили электронӣ (e-Residency), Корти электронии муаррификунандаи шахсият (E-ID Card), Хизматрасонии муқарраркунандаи минтақаи шахс (Location-Based (Services), Имзои рақамӣ (e-signature), Қонунгузориии электронӣ (e-Law), Мактаби электронӣ (e-School), Бақайдгирии электронии замин (E - Land Register), Таваққуфгоҳи мобилӣ (m-Parking), Бақайдгирии электронии тиҷорат (e- Business Register), Сиёсати электронӣ (e-Policy), Андози электронӣ (e- Tax), Овоздиҳии электронӣ (e-Voting), Шиносномаи мобилӣ (Mobile - ID), Идораи электронӣ (e-Cabinet), Дорухати электронӣ (e-Prescription), Сабти электронии вазъи тандурустӣ (e-Health Record), Зерсохтори бетугмаи тасдиқи имзоҳо (Keyless Signature Infrastructure) ва Пардохти мобилӣ (Mobile Payment) ба роҳ монд [2].

**Диаграммаи 1. Тамоюли афзоиши шумораи истифодабарандагони системаи миллии ҷусторӣ**




Дар ҳақиқат, марҳилаи кунунии рушди тамаддуни башарӣ, иқтисодиёти Тоҷикистонро низ ба маҷрои равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки шароити гузариш ба тарҳи нави рушди иқтисодиро дар асоси истифодаи пурраи технологияҳои рақамӣ фароҳам меорад, фаро мегирад. Дар навбати худ, ба иқтидори зеҳнии захираҳои меҳнатӣ ва тавсеаи неруи эҷодии онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ диққати бештар дода шудааст. Аз ин рӯ, ҳамаи ин аҳаммияти рушди технологияҳои рақамиро асоснок менамояд.

Имрӯз иттилоотонии ҷомеа гузариши аксари кишварҳои ҷаҳонро аз иқтисодиёти индустриалӣ ё постиндустриалӣ ба иқтисоди рақамӣ ногузир сохтааст. Сабабҳои умда ва бунёдии ногузирии гузариш ба иқтисодиёти рақамиро номбар мекунем:

**1.** пешрафти илму техника дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ;

**2.** паҳншавии васеи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

**3.** оммавӣ гардидани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар кулли самтҳои ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоии ҷомеа;

**4.** имкониятҳои нав дар ташаккули фазои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои тамоми табақаҳои аҳолӣ;

**5.** табдил додани технологияҳои рақамӣ ба омили баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди сохторҳои соҳибкорӣ.

Ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ дар кишварҳои ҷаҳон хусусиятҳои вижа дорад. Дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта заминаҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ хеле мусоиданд. Дар аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ки ба онҳо сатҳи ғайрикофии рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хос мебошад, ҷорӣ кардани иқтисодиёти рақамӣ амри муҳол аст. Лозим ба зикр аст, ки ривоҷу равнақи иқтисодиёти рақамӣ аз сатҳи рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон вобастагӣ дорад [3].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ беш аз пеш зиёд гардида, дар давлатҳои тараққикарда тақрибан 89 дарсади хариду фурӯши молу маҳсулот бо истифода аз шабакаи глобалии интернет анҷом дода мешавад. Дар Тоҷикистон низ ин тамоюл рӯ ба афзоиш дошта, дар ин марҳала лозим аст, ки ба фарҳанги истифодаи технологияи рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад [4].

Бинобар ин, дар асоси маълумотҳои оморӣ, то санаи 01 апрели соли 2024 усулҳои нави пардохт дар қаламрави мамлакат боис гардид, ки:

- шумораи ҳамёнҳои электронӣ ба 8 124 662 млн. адад баробар гардад. Ин нишондод нисбати соли 2023-юм ба миқдори 587869 ҳазор адад (7,8%) зиёд гардидааст. Албатта, ки афзоиши ин усули пардохт дар саросари ҷаҳон ба шиддат мушоҳида гардида, рӯз то рӯз афзоиш меёбад;

- афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ боис гардид, ки амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ 11,3 млн. адад ба маблағи 64,2 млн. сомонӣ анҷом дода шавад. Ин омор дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 мувофиқан 16,0 дарсад ва 9,5 дарсад зиёд мебошад;

- 6,8 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуд, ки корти миллӣ бо нишондоди 61,1 дарсад аз рӯйи низоми ҳиссаи кортҳои пардохтӣ ва аз рӯйи минтақа шаҳри Душанбе бо нишондоди 32,4 дарсад бештар мебошад. Омори кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот баровардашуда дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023-юм ба андозаи 39,2 дарсад афзудааст;

- дар муассисаҳои тиҷорату хизматрасонӣ ба миқдори 16 462 адад QR-рамзҳо насб гардида бошад ҳам, омори мазкур бинобар сабаби гузаштан ба QR-рамзи ягонаи Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 30,4 дарсад коҳиш ёфтааст;

- таносуби хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳиссаи амалиёти гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии кортҳои пардохтӣ 84,2 дарсад ва ҳамёнҳои электронӣ 21,4 дарсадро ташкил намуд, ки омори ҳиссаи амалиёти ғайринақдӣ дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 8,6 дарсад афзудааст [5].

Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ, иқтисоди рақамӣ асоси вусъат бахшидани неруи инсонӣ буда, яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад, зеро инкишофи тамоми таърихи башарият марҳалаи аграрӣ, саноатӣ ва баъдисаноатиро дар бар мегирад. Таърих гувоҳ аст, ки кишварҳои рушдёфта аллакай дар марҳалаи баъдисаноатӣ қарор дошта, соҳаи хизматрасонӣ дар доираи он вобаста ба таркиби иқтисод нақши асосиро мебозад. Чунки бо технологияҳои иттилоотии муосир ҷомеа ҳамеша дар ҳоли пешрафт буда, боиси хеле осон гаштани ҳаёти одамон гашта истодааст [6].

Албатта, Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ ба равандҳои ташаккули бахшҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, аз ҷумла, иқтисоди рақамӣ шомил буда, дар самти рушди инноватсиониву рақамикунонӣ, сатҳу сифати паҳншавии интернет-

хизматрасонӣ ва дараҷаи рушди инфрасохтори технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ фаъол аст.

Ҳамин тавр, дар самти рақамикунонии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба чашм мерасанд, аммо ҳалли чунин масъалаҳоро зарур мешуморем:

- дар татбиқи ҳадафҳои бахшида ба солҳои 2020-2040 – "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" бештар таҳия намудани лоиҳаҳои рақамӣ. Воқеан, иқтисодиёти рақамӣ омили рушди бемайлони иқтисодиёти муосири кишвар буда, зарурати таъсиси бештари марказҳои инноватсионӣ ва ҳамгироии мутахассисони соҳавӣ муҳим дониста мешавад;

- татбиқи ғояҳои нави инноватсионӣ дар раванди истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ. Бо мақсади ба даст овардани самаранокии баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ татбиқи дастовардҳои навтаринро дар истеҳсолот тақозо менамояд, ки фаъолияти густурдаи паркҳои технологӣ нақши хосса дорад;

-мутобиқ намудани рушди инфрасохтори замонавии телекоммуникатсионӣ ва коҳиш додани нобаробариҳои рақамӣ вобаста ба минтақаҳои кишвар. Дар раванди ҷаҳонишавӣ рақобати шадид афзоиш ёфта, дар ҳама самтҳо ҷорӣ намудани навовариро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ташаккули низоми тиҷорати электронӣ дар ноҳияҳо ва маҳалҳои дурдасти кишвар, тақози замон аст;

- татбиқи лоиҳаҳои сабз ва баланд бардоштани салоҳиятнокӣ дар раванди гузариш ба иқтисоди рақамӣ. Боиси хушнудӣ аст, ки имрӯзҳо тамоми шароитҳои зарурӣ, махсусан барои ҷавонон, фароҳам оварда шудаанд, ки технологияҳои пешрафтаро омӯзанд ва дар заминаи онҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд;

- ба рушди неруи зеҳнии ҷомеа дар заминаи баланд бардоштани донишҳои техникии аҳолӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар заминаи он кадрҳои боэътимодро омӯзонидан ва савияи дониши онҳоро такмил додан. Воқеан ҳам, имрӯз норасоии кадрҳо яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб рафта, ба рушди соҳа вобастагии зич дорад.

Бинобар ин, ташаккули иқтисоди рақамӣ дастрасиро ба иттилоот беҳтар намуда, муҳаррики пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисоди миллӣ дониста мешавад [7].

Қобили зикр аст, ки дар ин ҷараён илм ҳамчун воситаи муайян кардани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисод баромад мекунад. Яъне, дар асоси нишондодҳои илмӣ ҳамгироии технология ва иқтисодиёт ба амал меояд. Дар ин ҷараён ҷанбаи ҳуқуқии масъала дар он ифода меёбад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешаванд. Инчунин, маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегарданд, аз байн бурда мешаванд.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, интизом ва шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Имрӯзҳо истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ иҳота кардааст. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хосси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад. Масалан, дар донишгоҳ маъмурият тавассути технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти донишҷӯёнро дар дарс назорат намояд, сифати дарсгузарии устодонро мушоҳида намояд ва таълимро самаранок гардонад. Имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои пешрафтаи автоматикунонии раванди таълим ба ҳисоб мераванд. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ, базаи моддӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси устодон пешрафти бомуваффақияти татбиқи технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон дар соҳаи маориф дида мешавад. Инчунин, барои мониторинг ва таҳлил шароит ба вуҷуд меояд [8].

Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт на танҳо вақт, инчунин маблағро низ сарфа кардан мумкин аст. Масалан, ҳангоми коргузории электронӣ дар ташкилот имкон дорад, ки қисми зиёди хароҷотҳо доир ба қоғаз, ранг, мубодилаи ҳуҷҷатҳо сарфа гарданд. Барои чопи 100,000 (сад ҳазор) китоби дарсӣ масрафпулӣ ба

миқдори 1,900,000 (як миллиону нуҳсадҳазор) мерасад, аммо ҳамин миқдорро ё зидтар аз инро метавон ба миқдори ҳамагӣ 940 (нуҳсаду чиҳил) сомонӣ расонид.

Ҳамзамон, технологияҳои рақамӣ дақиқ муайян мекунанд, ки кадом миқдор маҳсулот барои истеҳсолот зарур аст, саҳми ҳар корманд дар корхона то кадом андоза лозим аст ва ғайра.

Истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт боиси сарфа шудани қувваи корӣ ва ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав мегардад. Айни замон дар бисёр корхонаву ташкилотҳо якчанд вазифаҳо ва кормандон ихтисор шуда истодааст, аз ҷумла котибон. Зеро ҳар корманд бевосита худаш маводҳои зарурирo омода ва нашр менамояд, ки ҳамаи ҳуҷраи кории онҳо бо технологиҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҳамзамон, ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳо нафари алоҳида зарур нест. Инчунин, корҳои хазинадор, муҳосибот ва дигар мутахассисон низ осон гаштааст. Масалан, тавассути барномаҳои махсуси муҳосиботӣ тамоми ҳисобу китоби даромад ва хароҷот дар як барнома ҷойгир шудааст ва истифодаи он қулай аст. Яъне, зарурат ба шумораи зиёди кормандон дар бахши муҳосибот аз байн меравад. Ҳамзамон, ҷойҳои нави корӣ пайдо мегарданд. Масалан, айни ҳол барои ба низом овардани шабакаҳои дохилию берунии корхонаву ташкилотҳо кормандони шабакавӣ қариб дар тамоми корхонаву ташкилотҳо зарур мебошанд. Онҳо барои ба низом овардани коргузории рақамӣ ё худ электронии корхона ва ташкилот мусоидат менамоянд [9].

Истифодаи технологияҳои рақамӣ даҳсолаи охир ҳамчун мояи асосии рушди иқтисодиёт дар пояи инқилоби чаҳоруми саноатӣ ба вуҷуд омада, боиси ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт гардидааст [10]. Дар заминаи истифодаи босамари технологияи рақамии муосир рушди иқтисодиёт таъмин гардида, сатҳи рақобатпазирии он баланд мешавад. «Бинобар ин, роҳбарияти олии мамлакат бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб доир ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ҷумҳурӣ ба ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи зеҳни сунъӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Ҳалли ин масъалаҳо ба истифодаи васеи зеҳни сунъӣ мусоидат намуда, дар маҷмуъ, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва тақвияти рақобатпазирии ширкатҳои ватаниро такони ҷиддӣ мебахшад [10].

Бо дарназардошти раванди татбиқи се ҳадафи асосӣ, 3 намуди рушд пешбинӣ шудааст: 1. Инерсионӣ; 2. индустриалӣ ва 3. индустриалӣ-инноватсионӣ. СМР-2030 аз се марҳилаи панҷсолаи рушд иборат мебошад: 1) гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ (солҳои 2016-2020); 2) рушди босуръати иқтисодиёт бо мақсади ҷалби сармоя (солҳои 2021-2025) ва 3) тадриҷан ба анҷом расонидани индустриализатсия тавассути тақвияти зарфият, алалхусус рушди илм ва навоварӣ (солҳои 2026-2030).

Марҳилаи якум ба рушди соҳаи саноат асос меёбад. Дар асоси ин модел афзоиши босуръати соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва молия мушоҳида хоҳад гардид. Дар доираи марҳилаи дуюми рушди иқтисодиёт ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҷоннок хоҳад шуд. Дар марҳилаи мазкур стратегияи амнияти энергетикиро, ки ҳадафи асосии он пурра қонеъ намудани талаботи иқтисодиёт бо захираҳои энергетикӣ мебошад, татбиқ намудан зарур аст. Ин иқдом ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро бо мақсади мусоидат ба афзоиши сармояи инсонӣ ба роҳ мемонад.

Барои татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ҳудуди 118 миллиарду 100 миллион доллари амрикоӣ зарур аст. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки дар доираи ин Стратегия вобастагии иқтисодӣ аз омилҳои беруна коҳиш ёфта, амнияти энергетикӣ комилан таъмин мегардад. Ба гуфтаи масъулон, дар доираи Стратегия роҳои пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ, коҳиши нобаробариҳо ва беҳбуди сифати зиндагии мардум пешбинӣ шудааст. Дар чаҳорчӯбаи Стратегия дар назар аст, ки ҳаҷми Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ сари ҳар сокини кишвар ду баробар зиёд шавад. Истеҳсоли саноатӣ 4,5 баробар афзоиш ёбад. Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил гардад. Чунки барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо дар мамлакат тамоми имконот мавҷуд мебошад.

Барои татбиқи ин ҳадафҳо чанд омил: рушди неруи инсонӣ, рақобатпазирии бахши иқтисод бо сатҳу сифати баланд, саҳми саноат дар рушди Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, аз

кишвари аграрӣ ба индустриалӣ - аграрӣ табдил додани Тоҷикистон, қариб се баробар, яъне, аз 17 то 45 миллиард киловатт соат боло бурдани иқтидори энергетикии ҷумҳурӣ нақши муҳим мебозанд. Маълумотнок кардани аҳолӣ, боло бурдани сатҳи дарозумрӣ, кам кардани шумораи фавти модару кӯдак, таъсиси ҷойҳои корӣ ва бо шуғл фаро гирифтани мардум, устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои рушди микро ва макроиқтисодии кишвар, аз омилҳои дигари татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 арзёбӣ мегардад. Коршиносон бар он назаранд, ки барои татбиқи Стратегияи миллии рушд ва таъмини зиндагии шоистаи мардум то соли 2030 бояд дар тамоми соҳаҳоислоҳоти ҷиддӣ гузаронда шавад.

Индикаторҳои мақсадноки асосии СМР-2030, таблисаи 2 [11]:

**ЗАМИМАҲО**

**Таблитса 1**

| **Номгӯйи индикаторҳо** | **Воҳиди ченак** | **2015** | **Сенарияи индустриалӣ** | | | **Сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2020** | **2025** | **2030** | **2020** | **2025** | **2030** |
| **Шумораи аҳолӣ (дар охири сол)** | **ҳазор нафар** | 8547,4 (то 01.01. 2016) | 9500 | 10490 | 11580 | 9500 | 10490 | 11580 |
| **ММД ба ҳар нафар аҳолӣ** | **сомонӣ** | 5663 | 8430 | 12297 | 17754 | 8869 | 14302 | 23131 |
| **Суръати афзоиши воқеии ММД ба ҳисоби миёна дар як сол** | % | 6,0 | 6,7 | 6,9 | 7,5 | 7,8 | 8,9 | 9,6 |
| | | | 6-7 | | | 8-9 | | |
| **Маҷмуи пасандозҳои дохилӣ нисбат ба ММД** | % | 18,0 | 22 | 26 | 28 | 30 | 35 | 40 |
| **Ҳиссаи маблағгузориҳои хусусӣ дар ММД** | % | 5 | 10 | 15 | 18 | 12 | 20 | 25 |
| **Ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД, аз ҷумла:** | % | 12,3 | 12,5-13,2 | 16 | 20-20,5 | 13-13,5 | 16-16,5 | 20-21,0 |
| **- соҳаи истихроҷ** | % | | 11-12 | 11-11,5 | 9-10 | 11-11,5 | 10-10,5 | 8-9 |
| **- соҳаи коркард** | % | | 72-74 | 74-75 | 76-76,5 | 73-74 | 75-76 | 78-78,5 |
| **- истеҳсол ва тақсимоти газ, об ва энергия** | % | | 15-16 | 14,0-14,5 | 14-14,5 | 15-15,5 | 14-14,5 | 13-13,5 |
| **Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД** | % | 23,3 | 21 | 20,1 | 19-19,5 | 19,5-20,5 | 18-18,5 | 17-18 |
| **Ҳиссаи соҳаи хизматрасониҳо дар ММД (бе назардошти соҳаи сохтмон)** | % | | 37-37,5 | 34-34,2 | 28,5-29,5 | 38-38,5 | 35-35,5 | 30-30,6 |
| **Аз ҷумла соҳаи сохтмон** | % | | 16-16,5 | 17-17,6 | 18,5-19,5 | 16-16,5 | 18-18,5 | 19,2-20,2 |
| **Андозҳои холиси ғайримустақим дар ММД** | % | 13,4 | 12,6 | 12,5 | 12,5 | 12,3 | 12 | 12 |
| **Истеҳсоли неруи барқ, ҳамагӣ** | **млрд. кВт соат** | 17,1 | 26,2 | 37,5 | 40,7 | 26,2 | 37,6 | 45 |
| **Истеҳсоли неруи барқ дар НБО** | **млрд. кВт.ст** | 16,8 | 24,5 | 34,4 | 37,6 | 24,5 | 34,5 | 41,6 |
| **Истеҳсоли неруи барқ ба ҳар нафар аҳолӣ** | **ҳаз. кВт. ст/наф** | 2,02 | 2,78 | 3,64 | 3,67 | 2,78 | 3,65 | 4,06 |
| **Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ (нисбат ба соли 2015)** | % | 100 | 160 | 260 | 400 | 200 | 400 | 510 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сатҳи монетизатсия (аз рӯйи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД)** | % | 22,3 | 32-34 | 36-38 | 40-42 | 44-46 | 48-50 | 52-56 |
| **Қарзҳо нисбат ба ММД** | % | 23,2 | 30-32 | 34-36 | 38-40 | 39-41 | 43-46 | 48-50 |
| **Капитализатсияи бозори коғазҳои қиматнок нисбат ба ММД** | % | - | 6-8 | 8-10 | 10-12 | 8-10 | 12-14 | 16-20 |
| **Истихроҷи нафт** | **ҳаз. т** | 24,6 | 25,0 | 30,0 | 36,0 | 30,6 | 37,5 | 45,0 |
| **Истихроҷи газ** | **ҳаз. м³** | 4102 | 4600 | 5000 | 6000 | 5750 | 6250 | 7500 |
| **Истихроҷи ангишт** | **млн т** | 1,04 | 4,05 | 6,9 | 10,4 | 5,3 | 10,3 | 15,1 |
| **Гардиши бор** | **млрд т. км** | 6,32 | 7,9 | 9,2 | 12,3 | 8,0 | 10,2 | 14,9 |
| **Мусофиргардиш** | **млрд мус. км** | 10,6 | 13,2 | 15,5 | 20,6 | 13,3 | 17,0 | 24,8 |

## Индикаторҳои иҷтимоии СМР-2030

| **Номгӯйи индикаторҳо** | **Воҳиди ченак** | **2015** | **Дурнамо** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2020** | **2025** | **2030** |
| **Дарозумрии чашмдошт ҳангоми таваллуд, аз ҷумла:**<br>**мардон**<br>**занон** | **сол** | 73,5<br>71,7<br>75,5 | 75,7<br>73,8<br>77,7 | 77,8<br>75,9<br>80,0 | 80,0<br>78,0<br>82,2 |
| **Ҳиссаи табақаи миёна** | % | 22,4 | 30 | 40 | 50 |
| **Таъсис додани ҷойҳои нави кории доимии пурмаҳсул** | **ҷой** | 61 ҳаз. | Солона на кам аз 100 ҳаз. | | |
| **Ҳиссаи шахсони дорои таҳсилоти касбӣ дар байни аҳолии ба кор машғул, аз ҷумла дар байни занон** | % | 26<br>20 | а кам аз 30<br>а кам аз 24 | на кам аз 50 на кам аз 40 | на кам аз 60 на кам аз 50 |
| **Афзоиши музди меҳнати воқеӣ (афзоиши миёна дар як сол)** | % | 0,6 | 5 | | |
| **Таносуби музди меҳнати занон бо музди меҳнати мардон** | % | 62 | 65 | 70 | 75 |
| **Таснифот ва стандартҳои таҳияшуда (мавҷудбуда) барои хизматрасонии аҳолии осебпазир** | **адад** | 6 | 10 | 12 | 15 |
| **Ҳиссаи муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустӣ, биноҳое, ки барои шахсони маъюб мувофиқ карда шудаанд, аз ҷумла дар деҳот** | % | 50 | 100 | 100 | 100 |
| **Фарогирии кӯдакони аз 3 то 6-сола дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ** | **% ба гурӯҳи синну сол** | 12 | 30 | 40 | 50 |
| **Ҳисоби миёнаи солҳои хониш дар мактаб** | **сол** | 9,6 | 10 | 11 | 12 |
| **Хароҷотҳои умумӣ ба соҳаи илм** | **% нисбат ба ММД** | 0,15 | а кам аз 0,8 | на кам аз 1,2 | на кам аз 1,5 |
| **Ҳиссаи шахсони ба КИТТЛ машғулбуда аз шумораи умумии машғулбудагон** | % | 0,15 | а кам аз 0,3 | на кам аз 0,5 | на кам аз |

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар асоси принсипҳои мазкур таҳия шудааст, роҳу равиши пешрафти кишварро то соли 2030 муайян хоҳад кард ва тибқи он Тоҷикистон аз кишвари рӯ ба рушд ба кишвари дар ҳоли рушд табдил хоҳад ёфт, дар ҳолати самаранок истифода бурдани вақт ва имкониятҳои мавҷуда.

Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ, беҳтар гардонидани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, таҳсилот, молия ва тиб аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии

давлат ба ҳисоб рафта, нақши технологияҳои рақамӣ дар ин самт бузург мебошад. Дар ҳамин ҳол, соҳаи интернет-тиҷорат дар тамоми кишварҳо яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ шуда метавонад. Мутаассифона, имрӯзҳо мушкилоти бо шиддат афзоиш ёфтани қаллобӣ дар фазои шабакаи глобалии интернет яке аз мушкилоте мебошад, ки ба пайдо гардидани шаклҳои нави ҷинояткорӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар баробари доштани афзалиятҳои бештари истифода аз технологияи пешрафти рақамӣ низоми ягонаи миллӣ таъсис дода шуда, вобаста ба вазъи имрӯза дар доираи ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ танзиму идора ва назорати маҷмуи хизматрасонӣ ва амалҳо зарур шуморида мешаванд [12].

Усули идоракунии иттилоотӣ дар қарни XXI дар қатори усулҳои анъанавии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маъмурии идоракунии давлатӣ усули асосӣ ва муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Дар шароити кунунӣ омилҳои зерини сиёсати давлатии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд менамояд:

- иқтисоди ҷаҳонӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ ва фарҳангию ақидавӣ;
- рақобати шадиди геополитикӣ дар фазои иттилоотӣ;
- зиддиятҳо, агрессия (таҳоҷум), тасарруф, бархӯрдҳои иттилоотӣ.

Таъсири глобализатсия ва, алалхусус, ҷомеаи иттилоотӣ ба сиёсати иттилоотӣ ва ҷузъи таркибии он – амнияти иттилоотӣ хеле муассир аст. Аз диди назарияи форматсияи ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ предмети меҳнат - ин иттилоот, воситаи меҳнат - технологияҳои иттилоотӣ мебошанд.

Пас, системае, ки технологияҳои иттилоотии муосир дорад, қодир аст ин ҷомеаро созмон диҳад ва онро идора кунад [13].

Ҷаҳонӣ шудани давлатҳои хурд ногузир буда, тамоми мушкилоти дохилии он кишварҳо новобаста аз ҷойгиршавиашон, ин равандро барои худ касб менамоянд. Яке аз омилҳои нигоҳ доштани амнияти миллӣ, фарҳанги техникӣ доштан аст [14].

Чун мо дар зинаи сохтмони ҷомеаи навин қарор дорем, пас бояд сатҳи саводнокӣ, ҷаҳонбинӣ, маданият (техникӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ) ва руҳияи миллиро бояд боло бурд.

Ҳамин тавр, ташаккули иқтисоди рақамӣ дастрасиро ба иттилоот беҳтар намуда, муҳаррики пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ, беҳтар гардонидани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, таҳсил, молия ва тиб аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, нақши технологияи рақамӣ дар ин самт муассир мебошад.

**Муқарриз:н.и.и., дотсенти ДТТ**
**ба номи академик м.С.Осимӣ – Назаров А.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khadamotialoqa.tj/
2. Системаи миллии ҷусторӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://dodaho.tj/ (санаи муроҷиат 21.03.2024).
3. Цифровая экономика: Учебник / Авторы-составители: Л.А. Каргина, С.Л. Лебедева [и др.]; под ред. Л.А. Каргиной. -М.: Прометей, 2020. -222 с.
4. Интернет-доступ (мировой рынок). [Электронный ресурс]. URL: https://www.tadviser.ru/index.php/ysclid=luidvh4to7782775932. (дата обращения 28.03.2024).
5. Омори Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/ (санаи муроҷиат 29.03.2024).
6. Зарубежный опыт развития цифровой экономики | Товма Н.А. Работа №223628. [Электронный ресурс]. URL: https://solncesvet.ru/ (дата обращения 31.03.2024).
7. Системаи миллии ҷусторӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://dodaho.tj/ (санаи муроҷиат 01.04.2024).
8. Барномаи иттилоотии соҳаи маориф "eDonish". [Манбаи электронӣ]. URL: https://edonish.tj/ (санаи муроҷиат 02.04.2024).
9. Рақамли иқтисодиёт асослари: китоби дарси / Аюпов Р.Ҳ., Балтабаева Г.Р. –Тошканд, 2020. - 575 с.
10. Шваб К.Четвертая промышленная революция / К. Шваб -«Эксмо», 2016. -138 с. - (Top Business Awards)
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ssb.tj/documents/.pdf (санаи муроҷиат 03.04.2024).
12. Системаи миллии ҷусторӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://dodaho.tj/ (санаи муроҷиат 03.04.2024).
13. Управление информационными технологиями: тренды, проблемы и перспективы. [Электронный ресурс]. URL: https://kachestvo.pro/kachestvo/ (дата обращения 04.04.2024).
14. Малые государства в эпоху глобализации. [Электронный ресурс]. URL: https://vasilievaa.narod.ru/7_5_99.htm Рушди иқтисодӣ – натиҷаи фаъолияти иқтисоди миллӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tj.allinweb.info/mikro-va-makro-iqtisod/24659/ (санаи муроҷиат 04.04.2024).

## РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ-ОМИЛИ РУШД ВА ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ МАМЛАКАТ

Дар мақола омилҳои таъсиррасонанда ба ташаккули иқтисоди рақамӣ дар кишвар, аз он ҷумла дар низоми идоракунии давлатӣ, ки рушди он аз самтҳое, ки дар солҳои охир афзалияти он ба таври назаррас дарк гардидааст, бо назардошти таҳдиду хатарҳои амнияти иттилоотӣ баррасӣ гардидаанд. Аз он ҷумла, қайд гардидааст, ки паҳншавии ин раванд онҷунон зуд ва густарда мебошад, ки зарурати истифодаи он аз тарафи тамоми қишри ҷомеа пеш омадааст. Норасоии кадрҳо яке аз мушкилоти асосии расидан ба рақамикунонии иқтисодиёт буда, зарурати қабули барномаҳои махсусгардонидашудаи давлатие пеш омадааст, то барои омода намудани мутахассисони лаёқатманди иқтисоди рақамӣ ҳам дар соҳаи тиҷорат ва ҳам дар соҳаи идоракунии давлатӣ заминаи асосӣ гузошта тавонанд. Инчунин, суръатбахшии ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, аз ҷумла дар низоми идоракунии давлатӣ ва дар ин асос тезонидани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ, табодули соҳаи хизматрасонӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, амнияти иттилоот, муҳити рақамӣ, интернет, рақамикунонӣ, киберҷиноят, ҳифзи маълумот, осебпазирӣ, шабакаҳо, таҳдидҳо, низоми электронӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ - ФАКТОР РАЗВИТИЯ И УКРЕПЛЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

В статье рассмотрены факторы, влияющие на формирование цифровой экономики в стране, в том числе в системе государственного управления, развитие которой существенно реализуется в последние годы с учетом угроз и рисков информационной безопасности. Отмечается, что распространение этого процесса настолько быстрое и повсеместное, что возникла необходимость его использования всеми слоями общества. Недостаток кадров является одной из основных проблем достижения цифровизации экономики и существует необходимость принятия специализированных государственных программ, чтобы заложить основу для подготовки талантливых специалистов цифровой экономики как в сфере бизнеса, так и в сфере экономики игосударственного управления. Также ускорение внедрения цифровых технологий в сферах экономики и общества, в том числе в системе государственного управления, и на этой основе ускорение развития экономики республики, дополнительный рост валового внутреннего продукта за счёт использования цифровых технологий, а также создание новых рабочих мест, обмен услугами и поставили целю повышение информационной безопасности.

**Ключевые слова:** цифровые технологии, цифровая экономика, информационная безопасность, цифровая среда, интернет, цифровизация, киберпреступность, защита данных, уязвимость, сети, угрозы, электронная система.

## DIGITALIZATION OF THE ECONOMY IS A DEVELOPMENT FACTOR AND STRENGTHENING OF THE COUNTRY'S INFORMATION SECURITY

In the article, the factors affecting the formation of the digital economy in the country, including in the state management system, whose development has been significantly realized in recent years, considering the threats and risks of information security, have been discussed. Among them, it is noted that the spread of this process is so fast and widespread that the need to use it by all segments of society has arisen. Lack of personnel is one of the main problems of achieving digitization of the economy, and there is a need to adopt specialized state programs in order to lay the foundation for the preparation of talented specialists of the digital economy both in the field of business and in the field of public administration. Also, the acceleration of the introduction of digital technologies in the fields of economy and society, including in the state administration system, and on this basis, the acceleration of the development of the economy of the republic, the additional increase of the gross domestic product due to the use of digital technologies, as well as the creation of new jobs, the exchange of services and has set the goal of improving information security.

**Keywords:** digital technologies, digital economy, information security, digital environment, internet, digitization, cybercrime, data protection, vulnerability, networks, threats, electronic system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Файзуллоҷон Гурезович*** – Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии “МИСиС” дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонӣ. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Назаршоев, 7. Телефон: **93 505 67 68.** E-mail: **safarov_f-o@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Файзуллоджон Гурезович*** **–** Душанбинский филиал Национального исследовательского технологического университета «МИСиС», кандидат технических наук, доцент кафедры информационных технологий и автоматизации. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Назаршоева, 7. Телефон: **93 505 67 68.** E-mail:**safarov_f-o@mail.ru**

**Information about the author:** ***Faizullojon Gurezovich Safarov*** – Dushanbe branch of the National University of Science and Technology "MISiS", Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Information Technologies and Automation. **Address**: 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nazarshoev Stree,t 7. Phone: **93 505 67 68.** E-mail: **safarov_f-o@mail.ru**

ТДУ: 32.001(575.3)

# ҶАНБАИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ВА ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

***Шералиева М.С., Ҷононов С.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара,**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар ҷомеаи муосир падидаву равандҳо ва ҷараёнҳои сершуморе мавҷуданд, ки аз як тараф, агар ҷанбаи мусбӣ дошта бошанд, аз тарафи дигар, ҷанбаи манфӣ низ доранд ва аксарияти онҳо имрӯз ба манфиати гурӯҳҳо ва ашхоси муайян фаъолият мекунанд ва характери террористӣ ва ифротгароиро ба худ касб менамоянд. Зуҳури ҳар яки онҳо ҳатман фикру мулоҳиза, таҳлилу тавсиф ва назариёти гуногунро ба бор меорад. Гарчанде баъзеи онҳо муддатҳои зиёд аст, ки дар илмҳои гуногун омӯхта мешаванд, аммо ҳамаҷониба таҳлил нагаштаанд.

Терроризм аз забони лотинӣ (terror – даҳшат, ҳарос) гирифта шуда, ба маънои муосираш дар охирҳои асри XVIII ҳангоми Инқилоби Бузурги Фаронса истифода шудааст [4,с.14]. Он як навъ сиёсат, идеология ё амали иборат аз таҳдид, фишороварӣ, зурӣ нисбати шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият, ниҳодҳои ҳокимиятӣ, давлат ва низоми идоракунии он буда, баҳри расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иделогӣ, геополитикӣ ва имкониятҳои гуногуни таҳрезишуда равона гардидааст. Ҳоло зиёда аз 200 навъи маънидод кардани терроризм мавҷуд аст, ки ҳеҷ яке аз он умумиэътирофшуда нест. Дарки падида бошад, аз тавсифи мафҳуми он осон нест. Зеро бо вуҷуди хислати бисёрсоҳа доштанаш, боз омили бавуҷудоӣ дар дохили як давлат ва мавқеъ гирифтан дар он, инчунин дар миқёси байналмилалӣ зуҳур карданаш як қатор мушкилиҳоро дар равшаннамоӣ ва дарки он ба миён овардааст.

Терроризм яке аз шаклҳои манфуртарини экстремизм ба шумор меравад. Мафҳуми экстремизм бошад, аз забони французӣ (*extremism*) ва аз лотинӣ (*extremus*) гирифта шуда, маънои канораро дорад [5,с.553]. Экстремизм дар пояи пайравӣ ё эътиқод ба ҳиссиёт, амал, стратегия ё муносибат ба чизеву касе сар зада, ҳолату вазъияти махсуси зоҳиршавиро дорад. Амалиёти экстремистӣ аз доираи эътирофи умум дур буда, имконияти созиш, гуфтушунид ва ризоият бо субъектҳои он душвор ё имконнопазир аст. Фаъолияти экстремистӣ, аслан, тавассути таблиғоту ташвиқоти осоишта ва тавассути ҷанг ё низои мусаллаҳона сурат мегирад. Терроризм як навъи мусаллаҳона ва муташаккилонаи экстремизми сиёсист.

Террорист– субъект, терроризм – сиёсат ва террор воситаи баамалбарории ин сиёсат аз ҷониби субъект аст. Аммо бо вуҷуди ин, наметавон ҳадафу мақсад ва воситаеро, ки терроризм онро дар фаъолияти худ истифода мекунад, мутлақо аз террор ва даҳшатфиканӣ иборат донист. Зеро тамоми навъи амалиёти мусаллаҳона ва барқасдона хоҳу ноxоҳ ҷониби муқобилро гирифтори тарс ва даҳшат месозад. Бинобар ин, даҳшатафканӣ мақсади асосии терорризм набуда, ҳадафи муайян ва ё як навъ ниқоргирии фаъолияти онро ташкил медиҳад. Шояд «Ал-Қоида» бо ба амал баровардани ҳодисаи 11 сентябр касеро тарсонидан намехост. Зеро моҳияти тарсонидан касе ё чизеро аз раъяш гардонидан ва монеъ шуданро дорад. Аммо ин ҳодиса Америкоро руҳшикаста нанамуд, баръакс, мубориза ва таъсиррасониашро ба муқобили терроризм тезонид ва шояд «Ал-Қоида» дар асоси ҳадафу бадастории манфиате ин амалро содир накарда буд,ки гӯё фаъолияти ӯ баёнгари пуштибонӣ аз ислом бошад. Чунки баъди ин ҳодиса давлатҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил менамуданд, бахусус давлатҳои мусулмонӣ, гирифтори амалиёти харобиовари зиддитеррористӣ ва сиёсати геополитикии давлатҳои қудратманд, аз ҷумла ИМА гардида, ҳолати ноороми низоми сиёсии дохилидавлатиро соҳиб гардиданд. Пас, хулосаи охирини ин амалиётро на тарсонидан, балки як навъ ниқоргирӣ метавон номид.

Тарс дар бештари ҳолатҳо хосси нотавонон ё зердастон буда, истифодаи террор чун воситаи баамалбарории сиёсат, бештар аз ҷониби барандагони сиёсат (синфи ҳукмрон)

дида мешавад. Террор нисбати халқ маҳз аз ҷониби онҳо сурат мегирад. Терроризм бошад, як навъ эътирозест алайҳи террор.

Террор ва терроризмро (ба он нигоҳ накарда, ки дар баъзе ҳолатҳо аломатҳои монандиеро ба худ мегиранд) метавон чунин шарҳ дод:

– террор ин таҳдид аз тарафи ҳокимият (ҳокимияти бо режими тотолитарии идоракунӣ асосёфта) ё зулми қудратмандон нисбати нотавонон (беқудратон) аст;

– терроризм бошад, баръакси террор зӯроварии ҷониби нотавон нисбати ҷониби пурқувват мебошад. Бинобар ин, дар як маврид ин ду падидаро метавон муқобили ҳам номид [8,с.10].

Терроррро беш аз ҳама дар навъи муносибатҳои зер, ки гузашта ва замони имрӯзаро дар бар мегиранд, метавон нишон дод:

–истилокориҳои шоҳон;

–ҳокимон (мансабдорон) ва субъектҳои дохилӣ (халқ);

Дар навъи муносибати аввал мақсад истилокориҳоро бо террор омехта сохтан ва ҳардуро як шуморидан набуда, баръакс терророро аз таркиби истилокорӣ ҷудо намудан аст, яъне байни онҳо фарқият ҷой дорад. Маълум аст, ки қисмати тавонманд, эминсоз ва неруи меҳварии ҳар як давлат ва халқи он лашкариёнаш ба шумор меравад. Ғасб кардани давлат ва мағлубияти як давлат аз ҷониби давлати дигар маҳз ба қувваи лашкариёни он вобаста аст. Пас, агар барои шикаст ва азхуднамоии давлате шикаст додани лашкари он кофӣ бошад, барои шоҳи истилогар ҳадафи муҳимтаре ба ҷуз азбайнбарии танҳо лашкариёнаш ҳадафи дигаре бояд набошад, вале аз таърих истилокориҳои подшоҳоне, ки ба мағлубияти лашкар иктифо накарда, бераҳмиҳои гӯшношунидро болои мардуми нотавону осуда овардаанд, метавон ёдовар шуд, ки аз ҷанги муқаррарӣ фарқ мекунанд. Мисолҳои зер далели гуфтаҳои болоянд: яке аз шоҳони сулолаи Ғазнавиён Султон Маҳмуд пас аз ишғол кардани қалъаи Маҳован бо сабаби он ки ҳокими қалъа пеш аз омадани ӯ гурехтааст, тамоми сокинони онро қатли ом намуда буд. Монанди ин истилокориҳои муғулҳо бо сардории Чингизхон хунхортарин ҷанг дар таърих боқӣ мондааст. Онҳо ба касе раҳм намекарданд, баръакс занон, мардон ва кӯдаконро мекуштанд, шиками занони ҳомиларо пора карда, кӯдакони ҳанӯз таваллуднашударо сар мезаданд. Даҳшатноктарин террорро Темур дар рафти истилокориҳояш ба амал баровардааст. Ӯ дар яке аз забткориҳояш баъди ба харобазор табдил додани шаҳри Бағдод, 90 ҳазор сари ғуломону афсаронро бурида, 120 калламанора бунёд намуд, ки он ба рӯзи Иди Қурбон рост меомад. Бераҳмии ӯ то ҳадде боло рафта буд, ки ҳатто ҳангоми ишғоли яке аз шаҳрҳои Осиёи Сағир фармон дод, ки ҳамаи кӯдаконро ба замин партофта, аз болои онҳо аспу ароба гузаронанд. Темур бо ин роҳ мехост дар ҳама ҷо воҳима афканад [3,с.607-622].

Террор дар навъи муносибати дуюм, яъне ҳокимон ва субъектҳои дохилӣ ҳанӯз дар асри XIII аз тарафи идораи Поп – Инкивизитсия нисбати табибон, шоирон, олимон ва озодандешон, ки тавассути воситаҳои гуногун тарсонидан, таъқиб намудан ва ба қатл расонидан сурат мегирифт, ба амал бароварда мешуд. Аз таърихи халқи тоҷик бошад, даврони ҳукмронии аморатро метавон мисол овард, ки ҳоли мардум то кадом андоза буд. Амир Олимхон охирин намояндаи хонадони Манғития равшанфикрон, ислоҳотхоҳон ва ҷонибдорони онро мубталои ҳукми даҳшатбор гардонида буд. Амалдорони амир ва муллоён гумонбаршудагонро аз кӯчаҳо кашон-кашон ба арк мебурданд ва баъзеи онҳоро фурсат надода, дар ҷойи дастгиршудаашон зада мекуштанд. Онҳо гӯшу бинии мурдагонро мебуриданд, чашмонашонро мекофтанд, рӯяшонро чок мекарданд, шикамҳояшонро пора мекарданд. Дар аъзои бадани баъзеи дастгиршудагон ин амалиётро дар ҳолати зиндагии онҳо иҷро карда, пас аз он мекуштанд, ки маҷруҳ бо азоб ва уқубатҳои шуниданошуда ҷон медод. Ҳар рӯз қариб 100 нафар ҷаллодон аз пагоҳ то бегоҳ ба одамкушӣ машғул бошанд ҳам, барои бандиёни наве, ки беҳадду ҳисоб оварда мешуданд, ҷой холӣ карда наметавонистанд. Амир аз тамошои манзараи кушташавандагон лаззат мебурд. Устод Садриддин Айнӣ бераҳмиҳои амирро дар асараш маҳкум намуда, ӯро дар беҳиссӣ ба сангу кулӯх ва дар бевиҷдонӣ бадтар аз ҳайвон ташбеҳ мекунад [1,с.78-79].

Террор шакли ноодилона ваҳшиёна ва муташаккилонаи ҷанг аст. Тафовути ҷангро аз террор дар асоси хусусиятҳои зер метавон нишон дод:

| | |
|---|---|
| 1 | - ҷанг (ҷанги мусаллаҳона) ба муқобили тарафи яроқнок ва ҷониби душман сурат мегирад. |
| | - террор бо истифода аз қудрат, даҳшат афкандан нисбати беяроқон ва истифодаи он на танҳо ба муқобили душман,балки ба муқобили худиҳост; |
| 2 | - дар ҷанг куштори зиёд аз харҷи зиёд аст; |
| | - террор харҷи ночиз ва куштору зарари бешумор меорад; |
| 3 | -ҷанг ҷониби муқобилро ғайричашмдошт далеру нотарс ва ҷонфидо месозад; |
| | - террор рақибро руҳшикаста, сустирода ва ваҳшатзада мекунад. |

Ҳар як мафҳум таърихи пайдоиш дорад. Гарчанде амалҳои террористӣ аз замонҳои хеле қадим вуҷуд доштаанд, аммо террор ба забони муосир дар давраи Инқилоби Фаронса, бо кӯшиши жирондистҳо ва якобинчиён дохил шуд. Онҳо соли 1792 муттаҳид шуда, хостанд шоҳро маҷбур кунанд, то вазирони ҳукуматро бо роҳбарони гурӯҳҳои тундрави чап иваз кунад. Маҳз ҳамин вақт ходимони инқилоб эълон карданд: «Бигзор террор масъалаи рӯз бошад». Ҳукумати якобинчиён системаи террори давлатиро ба роҳ монда буд.

Амалиёти террористӣ, махсусан дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хеле афзоиш ёфтанд. Агар аз соли 1970 то соли 1980 дар тамоми дунё 1814 амали террористӣ анҷом ёфта бошад, аз соли 1980 то 1986 шумораи онҳо ду баробар афзуд.

Террористон одамонро медузданд, дар ҷойҳои таҷаммуи мардум бомба метарконанд, ба куштори шахсиятҳои олирутбаи давлатӣ ва ҳизбӣ даст мезананд, ки мисолҳои зер баёнгари ин гуфтаҳоянд [9]:

Аз дасти террористони сикх 31 октябри соли 1984 сарвазири Ҳиндустон Индира Ганди ба қатл расид.

Солҳои 1990-1993 созмони террористии «Созмони озодибахши Тамил Илама» дар Шри-Ланка қатли якчанд шахсияти сиёсӣ, аз ҷумла сарвазири Ҳиндустон Раҷив Ганди (1991), президенти Шри-Ланка Ранасингх Премадс (1993) ва дигар ходимони баландрутбаи низомию давлатиро ба иҷро расонид. Рӯзи 9 сентябри соли 2001 фармондеҳи номдори муборизаи зидди Артиши Шуравӣ дар Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд аз тарафи ду нафар террористи араб ба қатл расид.

Терроризм дар сурат ва сирати гуногун ба амал меояд: таҳдидҳои бевосита дар вақти муборизаи сиёсӣ; зӯроварӣ нисбат ба шахсони гуногун ва махсусан ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ; ба гарав гирифтани шахсони гуногун бо мақсадҳои муайян; рабудани ходимони давлатӣ ва сиёсӣ ё куштани онҳо; талаби пул ва воситаҳои дигари моддиву молиявӣ ва коммуникатсионӣ; озод намудани маҳбусони сиёсӣ; муваффақ гаштан ба вазъияти умумии террор; душманӣ ангехтан байни ду давлат; паст намудани эътибори ҳокимият.

Унсури марказии террор амали террористӣ мебошад. Амали террористӣ асосан аз 3 қисм таркиб ёфтааст: ғояҳо ва омилҳои сиёсие, ки амали террористиро асоснок менамоянд; фаъолияти зӯроварӣ бо тамоми зуҳуроташ; худи амали террористӣ, ки ба муқобили кадом объект равона гардидааст.

Терроризм фаъолиятест баҳри дигаргунсозии сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вайронсозии идеологияи давлатӣ, тағйирдиҳии идоракунии давлатӣ ва режими давлатӣ, харобсозии ягонагии ҳудудӣ бо методҳои ҷиноӣ ва террор.

Якчанд шаклҳои терроризмро фарқ мекунанд, ки асоситарини онҳо навъҳои зер мебошанд [10,с.50]:

- ✓ **Терроризми сиёсӣ** ин навъи терроризм бо истифода аз таҳдид ҷомеаро ба ҳолати моҷарогароӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа ҷудоӣ ва бесарусомонӣ хосси он ҷомеа мегардад. Ба сифати субъекти терроризми сиёсӣ, чун қоида, ҳизбҳои сиёсии радикалӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи дохили ҳизб ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилоти экстремистӣ баромад мекунанд.
- ✓ **Терроризми миллатгароӣ** ин навъи терроризм ба таҳаммулнопазирии миллӣ асос ёфта, дар фаъолияти он маҳдудсозии фаъолияти намояндагони ин ё он халқ бо истифода аз террор асос ёфтааст. Терроризми миллатгароӣ бо сепаратизм алоқамандӣ дорад, ки он ҳамчунин баҳри иҷрои амалҳои дигар, тағйирот дар сохти давлатии мавҷуда, вайронсозии ягонагии ҳудудӣ, ташкили давлати соҳибистиқлол анҷом дода мешавад. Ба унвони намунаи чунин навъи терроризм Армияи ҷумҳуриявии Ирландия (Ирландияи

шимолӣ), Ҳизби коргарии Курдистон (Туркия), Фронти озодихоҳи Квебека (Канада), Палангҳои озодихоҳи Тамил Илама (Шри-Ланка)-ро номбар намудан мумкин аст.

✓ **Терроризми динӣ** ба муқобили сиёсати глобалии давлатҳои абарқудрат, ки кулли давлатҳои ҷаҳонро дар як «хонаи бузург» муттаҳид кардан мехоҳанд ва ин иқдом оқибат ба дини онҳо рахна ворид месозад, равона гардидааст. Баъзе аз ин навъи ташкилот, бахусус «Ҳизбуллоҳ», «Ал-Қоида» мақсади бунёди хилофати мусулмониро доранд.

✓ **Терроризми ҷиноӣ** ба куштор, низоъ андохтан дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, таъсир расонидан ба фаъолияти намояндагони ҳокимият асос ёфтааст.

✓ **Терроризми технологӣ**, ки таҳдиди аз ҳама бештар дора два бо истифода аз яроқи ядроӣ, кимиёвӣ, бактериологӣ ва воситаҳои радиоактивӣ, инчунин муҳосираи объектҳо, яроқҳо, маводҳои ядроӣ мақсадҳои хешро амалӣ мегардонад.

✓ **Терроризми кибернетикӣ** он нисбати ҳамаи навъҳои терроризм таҳдиди бештар дорад. Асоси фаъолияти он роҳ ёфтан ба васоити ахбордиҳӣ, аз ҷумла интернет ва пахш кардани маълумоти бардурӯғ, инчунин тағйир додани далелҳо мебошад. Ба монанди ин навъи фаъолияти террористӣ, террористон боз як методи дигареро пайдо кардаанд, ки ин ба оби ошомидании истифодаи умум ҳамроҳ кардани моддаҳои заҳролуд ба шумор меравад. Он ба аҳолӣ хатари бештар меорад.

Мақсадҳои терроризмро ба ду навъ ҷудо мекунанд:

1. **дохилӣ**, ба вуҷуд овардани бетартибиҳо дар минтақаҳои гуногуни як давлат, ҳизбҳоро ба ҳам ангехтан, паст намудани эътибори ҳокимият ва боварии мардум нисбат ба он.

2. **берунӣ**, суст намудани робитаҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, ба вуҷуд овардани моҷароҳо дар байни минтақаҳо, фишор ба шаҳрвандони давлатҳои дигар [2,с.76].

Бояд гуфт, ки мақсадҳои терроризм гарчанде гуногунаанд, вале метод ва шаклҳои расидан ба ин мақсадҳо қариб, ки монанд сурат мегиранд.

Терроризм ба гурӯҳ ва ташкилотҳо муттаҳид гаштааст. Ташкилоти террористӣ иттиҳодест, ки барои ба амал баровардани амалҳои гуногуни террористӣ асос ёфтааст. Гурӯҳҳои террористӣ бошанд, ҷузъи фаъоли дохили ташкилот буда, ҳадафҳо ва мақсадҳои асосии ташкилоти террористӣ тавассути онҳо таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар ҷаҳон шумораи зиёди ташкилотҳои терророристии зерин ба қайд гирифта шудаанд: 1. Ташкилоти «Абду-Нидал»; 2. гурӯҳи «Абу-Сайёф»; 3. Гурӯҳи мусаллаҳи исломӣ; 4.«Аум»; 5. ташкилоти баскҳо «Ватан ва озодӣ»; 6. «Ал-Гама ал-Исломия» («Гурӯҳи исломӣ»);7. «Ҳаммос» (Ҳаракати муқовимати исломӣ); 8. «Ҳаракат-ул-муҷоҳиддин»; 9. Ҳаракати исломии Ӯзбекистон; 10. «Ал-ҷиҳод»(«Ҷиҳоди исломии Миср»); 11. «Кхани-Чаи»; 12. Ҳизби коргарии Курдистон; 13. Палангҳои озодибахши «Тамил-Илама»(«ТОТИ»); 14. «Артиши озодибахши миллӣ» (Колумбия); 15.«Ҷиҳоди исломии Фаластин»; 16. «Ҷабҳаи озодибахши Фаластин». 17. «Фармондеҳии асосии Ҷабҳаи халқии озодибахшии Фаластин»; 18. «Ал-Қоида»; 19. «Аум синрикиё», (Ҳақиқати олии Аум) [6,с.10-11].

Терроризм оқибати харобиовар дорад. Ҳамасола дар натиҷаи ҳодисаҳои террористӣ ва умуман бо айби террористон ҳазорон нафар гирифтори марг мегарданд. Танҳо дар соли 2005 дар ҷаҳон 11111 амалиёти террористӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари он 24.7 ҳазор инсонҳо маҷруҳ, 24,7 ҳазор рабуда ва 16,6 ҳазор кушта шудаанд. Тахминан 30%-и ҳамаи ин ҳодисаҳо ва 55%-и натиҷаи ин нишондод ба Ироқ марбут аст. Террористон қариб 6,6 ҳазор полис, 300 нафар корманди давлатӣ, ҳазор нафар кӯдакони ноболиғ, 170 ҳазор намояндагони боломақоми динӣ, 140 муаллим ва 110 рӯзноманигоронро ба қатл расонидаанд [11].

Соли 2005 шумораи амалиёти террористие, ки бо худкушӣ (худро дар ҷойҳои махсуси серодам тарконидан) асос ёфтааст, боло рафт: ҳамагӣ 360 ҳодисаи монанди ин ба қайд гирифта шуд,ки 3 ҳазор одам бар асари он ҳалок гардид. Ба он нигоҳ накарда, ки дар солҳои охир монанди ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 амалиёте рух надодааст, вале террористон амалиёти мураккабу муташаккилтареро нисбат ба он ҳодиса анҷом дода истодаанд ва ҳамасола адади ҳодисаҳои террористӣ меафзояд.

Терроризм аз ҷанги муқаррарӣ аслан бо он фарқ мекунад, ки амалиёти бардавом нест. Онро як навъ ҷанги бемуҳлат ном мебаранд. Субъектҳои терроризм низ бо психологияи махсуси худ фарқ мекунанд, ки онро психологияи террорист меноманд:

- ✓ Бераҳмӣ (террорист медонад, ки бо амали содиркардаистодаи худ ҷони чандин нафарро аз байн мебарад, вале онро содир мекунад;
- ✓ дилмондагӣ аз ҳаёт (террорист пеш аз содир намудани амале худро бояд бовар кунонад, ки рӯзе мемирад ва ё агар дастгир шавад, умри минбаъдаи ӯ паси панҷараи зиндон мегузарад);
- ✓ нафрат доштан (ба худ, ба шахсони алоҳида, ба ҷомеа);
- ✓ фанатизм (таассуб);
- ✓ ноустувории психологӣ, бемории психикӣ;
- ✓ боварӣ ба он ки амали ҳақро содир мекунад.

Терроризм дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд. Омилҳое мавҷуданд, ки ба пайдоиши терроризм сабаб мешаванд. Дар замоне ки ҷомеа масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро танзим карда наметавонад ва ҳолати буҳронии ҷомеа дуру дароз ҳукмфармоӣ менамояд, давраи табдили арзишҳо ва ормонҳои сиёсӣ ба ҳолати сифатан нав ба вуҷуд меояд. Ба амал омадани амалҳои террористӣ дар зери таъсири омилҳои эътирозӣ низ ба ҳақиқат наздик аст. Он эътирозест бар зидди сохти сиёсӣ, режими сиёсии ҳукмрон ва беадолатиҳои иҷтимоии ҷомеа, ки мақом ва нақши воқеии одамон, умумиятҳои гуногуни иҷтимоиро таҳриф менамояд.

Бенавоӣ, камбағалӣ, сатҳи пасти маърифат пурра омили бавуҷудорандаи терроризм нестанд. Шояд омилҳои номбурда то дараҷае ба зуҳури терроризму ифротгароӣ мусоидат намоянд, аммо онҳо наметавонанд сабаби ягонаи пайдоиши ин зуҳурот шаванд. Решаҳои пайдоиши ифротгароӣ дигар омилу сабабҳое мебошанд, ки онҳо эътироф нашуда, баҳри рафъи онҳо кӯшишҳо ба харҷ дода намешаванд. Майл ба ифротгароиву терроризм вақте пайдо мешавад, ки дар ҳолати нобарории қувваҳо онҳое, ки наметавонанд ба қувваи афзалиятноки душман рӯ ба рӯ муқобилият нишон диҳанд, маҷбуранд ба дигар воситаҳо, ҳатто ба худтарконӣ рӯй оранд.

Аксарияти кишварҳои олам аз ҷиҳати этникӣ гуногунчеҳра мебошанд. Ҳокимияти давлатӣ навобаста аз сатҳи инкишофи худ асосан дар ҳимояи манфиатҳои аксарияти миллӣ қарор дорад, ки ин манбаи эътироз ва муқовимати ақаллияти миллии дигар мегардад [7,с.16].

Дар замони муосир якчанд омилҳо боиси сар задан ва ё пайдоиши терроризм мегарданд:

1.сиёсӣ, ноустувории сиёсӣ, мавҷудияти режими диктаторӣ, низои Шарқу Ғарб (дар масъалаи фарҳанг, анъана ва сарватҳои табиӣ);

2.иҷтимоӣ-иқтисодӣ: сатҳи пасти зиндагӣ, бекорӣ (инсонҳои нодор баҳри соҳибсарват шудан чун дигарон дар даст задан ба амалҳои вазнинтарини ҷиноӣ қудрат пайдо мекунанд);

3.иқтисодӣ: терроризм имрӯз хосияти тиҷоратро (бизнесро) ба худ гирифтааст. Ақидае мавҷуд аст, ки даромади ташкилотҳои террористӣ аз даромади ташкилотҳои нефтистеҳсолкунанда баштар аст;

4.динӣ: маҳдудсозии дин ва фишор ба диндорон, бартариятдиҳӣ ба мазҳабу оини худ ва дурӯғ хондани мазҳабҳои дигар, ки аслан ин навъи фаъолият ва амалҳои канора дар муносибатҳои яке аз ҷараёнҳои равияи шиа, ваҳҳобизм ба назар мерасад;

5. маънавӣ: буҳрони маънавии ҷомеа ва сатҳи пасти фарҳанги сиёсии он.

Пайдоши терроризм ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ рабт дорад. Ба омили дохилӣ маҳдудияти иштирок ва фаъолияти мардум дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ба омилҳои берунӣ таъсири давлатҳои пурзӯр ва кӯшиши онҳо барои дар зери таъсири худ нигоҳ доштани давлати дигар дохил мешаванд.

Пешрафти техника, ташаккули воситаҳои иттилоотӣ, навсозӣ ва ҷаҳонишавӣ барин падидаҳо ба паҳнгардии терроризм боис гаштаанд, ки ҳар яки инҳо шарҳи махсусро талаб менамояд. Инкишофи техника ба мураккабгардии дараҷаи амалиёти террористӣ (террористон бо яроқҳои наву хатаровар мусаллаҳ гардида, доираи таъсиррасониашон аз доираи як давлат берун мебароянд) боис гардид.

## АДАБИЁТ


1. Айнӣ С. Акнун навбати қалам. – Ҷ. II. -Душанбе, 1978. – С.78-79.
2. Бернгард А.С. Стратегия терроризма / А.С. Бернгард. – Варшава, 1978. – С.76.
3. Вешняков А.Д. Основы противодействия терроризму / А.Д. Вешняков. – М.: Академия, 2006. – 240 с.
4. Витюк В.В. «Левый» терроризм на Западе: история и современность / В.В. Витюк. – М., 1987. – 230 с. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ. I / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
5. Договор между Республикой Казахстан, Кыргызской Республикой, Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан о совместных действиях по борьбе с терроризмом, политическим, религиозным и транснациональным экстремизмом.
6. Жаринов К.В. Терроризм и террористы / К.В. Жаринов. – М., 1999.– С.14.
7. Жаринов К.В. Терроризм и террористы / К.В. Жаринов. -– М.: Харвест, 1999. – 608 с.
8. Зокиров Г Н. Донишномаи сиёсӣ / Г Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. – С.553.
9. Зокиров Г.Н. Терроризм / Г. Н. Зокиров–Душанбе, 2004. – С.11- 10.
10. Зокиров Г.Н. Терроризм / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – С.16.
11. Зокиров Г.Н. Терроризм / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – С.5.
12. Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – С. 151.
13. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 553.
14. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе, Деваштич, 2007. – С. 553.
15. Исламский фактор в международных отношениях. Азия. – М., 1987. – С.121.
16. Лансов С.А. Террор и террористы / С.А. Лансов. – М., 2004. – С.10.
17. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. -Ҷ. I / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 607- 622.
18. Хронология терроризма с 1960-х по наши дни: www.google.ru
19. Хоффман Б. Н. Терроризм. Взгляд изнутри / Б. Н. Хоффман. – М., 2003.– С.50.
20. http://arctogaia.org.ru.
21. Шарифов Р.А. Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон-асоси давлати ҳуқуқбунёд / Р.А. Шарифов. – Душанбе, 2011 – С.53.
22. Ҳасанов Ш.Қ. Худшиносии миллӣ ва худогоҳии ҷавонон / Ш.Қ. Ҳасанов. – Душанбе, 2017 – С. 193.
23. Ҳасанов Ш.Қ. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқи маҳкумшудагон / Ш.Қ. Ҳасанов– Душанбе , 2011 – С. 41.
24. Ҳасанов Ш.Қ. Фарҳангшиносӣ / Ш.Қ. Ҳасанов. - Душанбе, 2021- С.9.


## ҶАНБАИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ВА ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ


Дар мақолаи мазкур муаллифон ҷанбаи методологии омӯзиши фарҳанги сиёсии ҷавонон ва зарурати ташаккули онро дар шароити истиқлолияти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Терроризм ҳамчун таҳдиди бузург ба амнияти давлатҳои ҷаҳон дониста мешавад. Мафҳуми мазкур бо назардошти таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Ҷанбаи методологии омӯзиши фарҳанги сиёсии ҷавонон ва зарурати ташаккули он дар шароити истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муҳаққиқ ба таври васеъ таҳқиқ ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудааст. Пайдоши терроризм ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд мебошад. Ба омили дохилӣ маҳдудияти иштирок ва фаъолияти мардум дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ба омилҳои берунӣ таъсири давлатҳои пурзӯр ва кӯшиши онҳо барои дар зери таъсири худ нигоҳ доштани давлати дигар дохил мешаванд. Пешрафти техника, ташаккули воситаҳои иттилоотӣ, навсозӣ ва ҷаҳонишавӣ барин падидаҳо ба паҳнгардии терроризм боис гаштаанд, ки ҳар яки инҳо шарҳи махсусро талаб менамояд. Рушди техника ва технология ба мураккабгардии дараҷаи амалиёти террористӣ (террористон бо яроқҳои наву хатаровар мусаллаҳ гардида, доираи таъсиррасониашон аз доираи як давлат берун мебарояд) боис гардид.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги сиёсӣ, ҷавонон, истиқлол, ифротгароӣ, терроризм.


## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЕЕ ФОРМИРОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ


Терроризм считается серьезной угрозой безопасности народов во всем мире. Эта концепция подробно изучена в данной статье с учетом влияния на умы молодых людей. Методологический аспект изучения политической культуры молодежи и необходимость ее формирования в условиях государственной независимости широко исследован и обоснован исследователем. Возникновение терроризма связано с внутренними и внешними факторами. К внутреннему фактору относится ограничение участия и активности людей в политической, социальной и культурной жизни, а к внешним факторам – влияние могущественных государств и их усилия по удержанию других государств под своим влиянием. Технологический прогресс, развитие информационных инструментов, модернизация, глобализация и др. явления, вызванные распространением терроризма, каждое из которых требует особого объяснения. Развитие технологий привело к усложнению террористических операций (террористы вооружены новым и опасным оружием, а сфера их влияния выходит за пределы одного государства).



**Ключевые слова:** политическая культура, молодежь, независимость, экстремизм, терроризм.

## METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR STUDYING YOUTH POLITICAL CULTURE AND THE NEED FOR ITS FORMATION IN THE CONDITIONS OF STATE INDEPENDENCE

Terrorism is considered a serious threat to the security of peoples throughout the world. This concept is explored in detail in this article, taking into account the impact on the minds of young people. The methodological aspect of studying the political culture of youth and the need for its formation in conditions of state independence has been widely studied and substantiated by the researcher. The emergence of terrorism is associated with internal and external factors. The internal factor includes the restriction of people's participation and activity in political, social and cultural life, and the external factors include the influence of powerful states and their efforts to keep other states under their influence. Technological progress, the development of information tools, modernization, globalization and other phenomena caused by the spread of terrorism, each of which requires a special explanation. The development of technology has led to the complication of terrorist operations (terrorists are armed with new and dangerous weapons, and their sphere of influence extends beyond the borders of one state).

**Keywords:** political culture, youth, independence, extremism, terrorism, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шералиева Меҳринисо Сафаровна*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯй. **Суроға:** 735320, ноҳияи Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 881-88-88-06**

***Ҷононов Саидамир Ҷононович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, профессори кафедраи илмҳои иҷтимоӣ. **Суроға:** 734055, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Борбад, 48/5. Телефон: **907-44-29-99**

**Сведения об авторах:** ***Шералиева Мехринисо Сафаровна*** - Дангаринский государсвенный университет, соискатель. **Адрес: 735320,** район Дангара, Республика Таджикистан, улица Центральная, 25. Телефон: **(+992) 881-88-88-06**

***Джононов Сайдамир Джононович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистан, профессор кафедры обществоведения. Адрес: 734055, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Борбад, 48/5. Телефон: **907-44-29-99**

**Information about the authors:** ***Sheralieva Mehriniso Safarovna*** **-** Dangara State University, applicant. **Address:** 735320, Dangara district, Republic of Tajikistan, Central street, 25. Phone: **(+992) 881-88-88-06**

***Dzhononov Saidamir Dzhononovich*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, professor of the Department of Social Science. **Address:** 734055, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Borbad street, 48/5. Phone: **907-44-29-99**

ТДУ:355.233

# АҲАММИЯТИ СИЁСАТИ ОБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

*Мусоев Ш.М., Абдулоев А.Ш.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Дар оғози Паёми имсолаашон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид. Тағйирёбии иқлим, гармшавии ҳаво ба як қисми кишварҳои олам таъсири манфӣ расонида истодааст. Аз таъминоти сариваќтии оби ошомиданӣ миллионҳо одами сайёра танқисӣ кашида, заминҳои кишоварзӣ ба мушкилии ҷиддӣ гирифтор гардиданд. Дар ин минтақаҳо одамон аз маҳсулотҳои полезӣ меваю сабзавот танқисӣ мекашанд [7].

Воқеан, сиёсати обии мамлакат аз амру фармонҳо ва паёмҳои Пешвои миллатамон рушду такомул меёбад. Дар ин ҳошия, меарзад, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорандаи неруи сабз ва аз лиҳози захираҳои оби тоза бой муаррифӣ намуд. Воқеан, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи геополитикӣ дар маркази қитъаи бузурги Осиё ҷойгир аст ва аз ҷиҳати захираи оби ошомиданӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро соҳиб гардидааст. Агар захираи оби Осиёи Миёнаро 100 фоиз гӯем, 55,8 фисади онро захираҳои обии Тоҷикистон ташкил менамояд. Масалан, дар Қирғизистон-26 фоиз, Ӯзбекистон-14,5 фоиз, Туркманистон-4,3 фоиз ва Тоҷикистон 55,2 фоизи захираҳои обии минтақаро дар даст дорад. Воқеан, Офаридгор ба кишварҳои Қазоқистону Туркманистону Ӯзбекистон газу нафт дода бошад, барои Тоҷикистони азиз диёри обшору кӯҳсорро ато намудааст [1,с.57]. Дар қуллаи кӯҳҳои осмонбӯси мамлакатамон захираи бузурги об, барфу пиряхҳо арзи ҳастӣ доранд.

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои асосии рушди соҳаи иқтисодии кишварро таҳкими сиёсати обӣ ва индустрикунонии об ҳамчун манбаи ҳаёт ташкил медиҳад. Дар шароити муосир аз лиҳози экологӣ ҳифз намудани об ҳамчун омили стратегӣ маҳсуб ёфта, мушкилии ояндаи кишварҳои минтақа, аз ҷумла мамлакати мо хоҳад гардид. Идора ва танзими оби мамлакат, пеш аз ҳама, бояд фаъолиятро дар самти коркард ва ҳифзу тоза нигоҳ доштани об оғоз намоянд. Дар бистсолаи охир коркарди саноати обтозакунӣ, нигоҳ доштани захираҳои обӣ ва ҳифзи вазъи экологии кишвар яке аз барномаҳои стратегии рушди сиёсати обии мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Чунки аз лиҳози экологӣ, аз як тараф, тоза нигоҳ доштан ва аз ҷониби дигар, таъмини амнияти захираҳои обии мамлакат яке аз мушкилиҳои глобалии кишвари моро ташкил менамояд.

Воқеияти иҷтимоӣ далели он аст, ки ғайримақсаднок истифоданамоии захираҳои табиӣ, яъне аз меъёр истифодаи зиёди технологияҳои инноватсионӣ боиси ба миён омадани ифлосию партовҳо дар секторҳои саноатӣ гардида истодааст. Ин ҳолат боиси вайроншавии муҳити экологии кишвар гардида, ба ҳолати табиии обҳо таъсири манфӣ хоҳад расонид.

Илми муосир собит намудааст, ки аз меъёри зарурӣ зиёд истифода намудани саноат оқибатҳои нохуши экологӣ дошта, ба тағйирёбии иқлими муҳит оварда мерасонад. Ин аст, ки яке аз муҳимтарин мақсади сиёсати саноатикунонии кишвар таъмини вазъи экологӣ ва насб намудани дастгоҳҳои партовтозакунӣ дар корхонаҳои инноватсионӣ мебошад [3,с.40].

Дар корҳои илмӣ доир ба пешгирии ин масъала дар сатҳи зарурӣ тадқиқоти характери экологидошта гузаронида истодаанд. Ақидае вуҷуд дошт, ки саноатикунонии муҳити атроф ҳам тарафи мусбӣ ва ҳам тарафи манфӣ дорад. Аз воқеият ба мо маълум аст, ки аз ҷиҳати экологӣ ҷомеаи мо зарурият ба коркард ва тоза нигоҳ доштани муҳити экологиро талаб менамояд. Шумораи секторҳои саноатие, ки масъулияти нигоҳ доштан ва ҳимояи захираҳои табииро дар кишвар ба дӯши худ гирифтаанд, кам нест. Ҳамин тариқ, саноат на танҳо боиси ташаккулёбӣ, балки бояд ба яке аз самтҳои коршоями соҳаи экологии кишвар табдил ёбад.

Дар ин ҳошия, яке аз вазифаҳои сиёсати обии Тоҷикистон таъмини амнияти захираҳои обии мамлакат буда, аз лиҳози экологӣ шароити хуби кор фароҳам овардан аст. Ҳанӯз дар мамлакат дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани технологияҳои нави обтозакунӣ, истифодаи об ва энергияи обӣ ба тариқи сарфаю сариштакорона, кам ба мушоҳида мерасад.

Пешгирӣ аз ифлосшавии муҳити атроф, обу дарёҳо бояд ба яке аз масъалаҳои калидии идораи оби мамлакат, махсусан корхонаҳои саноатии обтозакунии кишвар табдил ёбад. Ҳол он ки баъзе аз корхонаҳои саноатӣ партовҳоеро содир мекунад, ки боиси ифлосшавии кӯлу дарёҳои кишварамон гардида, ба саломатии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонанд [2,с.94].

Дар замони муосир баъзе аз минтақаҳои обгузари ватанӣ аз сабаби замонавӣ набудани технологияи коркарди об безарар карда намешаванд (корхонаҳои тозакунандаи об ва шаҳрвандоне, ки ба ҷӯю дарёҳо партов ҳамроҳ карда, обро ифлос менамоянд). Асосан, ин обҳо қисман тоза карда шуда, қисми дигараш ба дарёҳо равона карда мешавад, ки ба саломатии аҳолӣ ва муҳити экологии кишвар хеле хатари калон дорад. Аз лиҳози нишондодҳои кимиёвӣ ва биокимиёвӣ, чунин ифлосиҳо ба қаъри дарёҳо ҷорӣ шуда, ба ҳамдигар бармехӯранд ва дар натиҷаи таъсиррасонӣ қисмҳои таркибии онҳо ба моддаҳои заҳрнок табдил меёбанд. Як қисми онҳо дар шароити мавсими гармӣ буғ шуда, ба масофаҳои дур меравад, ки ба вазъи саломатии аҳолии кишвар зарар мерасонанд. Ғайр аз ин, ҳаворо ғализ ва аз ҷиҳати экологӣ зарарнок мегардонанд.

Ҳукумати кишвар на он қадар хароҷотҳои калони моддӣ барои дастгоҳҳои тозакунии обҳои партовӣ ва партовҷойҳо масраф намекунад, ки ба мақсад мувофиқат бошад. Имрӯзҳо тоза нигоҳ доштани обҳо як соҳаи маблағталабест, ки доимо афзудани хароҷотҳои иловагии ҷориро талаб менамояд. Ташкили истеҳсолоти саноатии бепартов, беҳтар намудани шароити мусоиди экологӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои кимёвӣ-саноатӣ ба чунин мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардидаанд.

Даҳсолаҳои охир аҳолии шаҳр зиёд шуда истодааст. Аз дигар тараф саноат ва нақлиёти дохилишаҳрӣ низ зиёд мегардад. Аслан дар шаҳрҳое, ки саноати мутараққӣ доранд, ҳаҷми хатти обҳои партовӣ (ОП) зиёдтар ба нақша гирифта мешаванд ва афзудани элементҳои таркиби партовҳое, ки обро ифлос мекунанд, пешгирӣ карда мешавад [5,с.120].

Ин масъала зарурияти мақсаднок истифода бурдани захираҳои обро дошта, талаботро нисбат ба сифати обҳои ошомиданӣ, ки аз кӯлу дарёҳо меоянд, зиёд мекунанд. Ягона роҳи ҳалли масъала, ин ҷудо кардан, ба маконҳои тозакунӣ равона кардан ва хуб коркард намудани обҳои партовии маишию истеҳсолӣ мебошад.

Дар давлатҳои мутараққии саноатӣ тозакунии кӯтоҳмуддат ташкил карда шудааст, ки он ба тариқи механикӣ, кимёвӣ ва биологӣ сурат мегирад. Бо воситаи онҳо обҳои партовиро аз моддаҳои органикии ифлоскунандаи аввалиндараҷа ва моддаҳои оксидшавандаи биологӣ тоза менамоянд [4,с.129].

Мутахассисони соҳаро зарур аст, ки имкониятҳои каммасрафи иқтисодӣ-истеҳсолии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии тозакунандаро омӯзанд. Аз ин лиҳоз, дар баромадҳояшон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамин нуқта ишора мекунанд, ки яке аз муҳимтарин таҳқиқоти зарурии илми муосирро, омӯзиши масъалаи технологияҳои нави бепартов ва коркарди обҳои коркардшудаи маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Воқеан, мустаҳкам намудани сиёсати обии мамлакат дар шароити глобалӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Ҷорӣ намудани усулҳои коркарди партовҳои истеҳсолӣ дар саноати инноватсионӣ боиси рақобатпазирии молу маҳсулот дар оянда мегардад. Аз тарафи дигар, таҳия ва татбиқи чунин усулҳои безараркунии партовҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки вазъи экологии Тоҷикистон минбаъд бехатар гардад.

Тавре дар тадқиқоти илмӣ доир ба истифодабарии захираҳои оби ошомидании Тоҷикистон зикр гардидааст, сифати оби нӯшоки барои таъмини саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ оби ифлос сабабгори ба вуҷуд омадани бемориҳои вазнини сирояткунандаи меъдаю рӯда мегардад. Ин аз сифати пасти оби ошомиданӣ дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, дар маркази сиёсати обии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъмини саривақтии оби тоза, нигоҳдории об аз ифлосшавӣ, таъмини бехатарии захираҳои обӣ бояд қарор дошта бошад. Чунки дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёнаи солона 51,2 млрд. мк об мегузарад. Аз ҷумла, аз дарёи Ому - 50,5 млрд. мк, дарёи Сир – 0,7 млрд. мк. об ҷорӣ мегардад. Аз ҳаҷми умумии оби дар қаламрави кишвар тавлидшаванда 20%-аш дар дохили мамлакат истифода мешавад, 80%-и он берун аз қаламрави мамлакат ба давлатҳои ҳамсоя ворид мешавад.

Дар маҷмуъ, дар ҳудуди Тоҷикистон 947 дарёи дарозиашон аз даҳ км боло мавҷуд буда, ҳамаи онҳо кӯҳӣ ба шумор меравaнд. Дарозии умумии ин дарёҳо 30 ҳазор км-ро ташкил медиҳад. Дар давоми як сол аз дарёҳои Тоҷикистон 64 млрд. метри мукааб об ҷорӣ мешавад. Аз ҷумла, ба воситаи дарёи Аму наздики 53 млрд. мк об ҷорӣ мешавад. Дар ҳудуди Тоҷикистон 8492 пирях мавҷуд аст, ки масоҳаташ 8476,2 км, ё ин ки 6% масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Пиряхҳо дар худ 400 млрд мк об дошта, ҳиссаи оби аз пиряхҳо ҳосилшуда 10-12%-ро ташкил медиҳад. Ба пиряхи Федченко наздик 100 пирях дохил мешавад, ки 25-тояш шохобҳои пиряхи Федченко мебошанд. Пиряхи Федченко калонтарин пиряхи ҷаҳон буда, дар китоби «Рекорди замин» сабт шудааст. Кӯлҳои Тоҷикистон теъдоди умумиашон 1300 адад буда, 43,3 км (ё ин ки 43,3 млрд мк) об доранд. Кӯли калонтарин Қарокӯл мебошад, ки дар обанбораш 26,6 млрд мк. об дорад. Кӯлҳои шириноби Тоҷикистон, Сарез – масоҳаташ 88 км, ҳаҷми обаш 17 млрд. мк, Зӯркӯл – масоҳаташ 39 км, Яшилкӯл – 35,6 км, ҳаҷми обаш 0,45 млрд. мк, Искандаркӯл масоҳаташ - 3,4 км буда, 0,25 млрд. мк об дорад [6].

Ғайр аз ин, дар кишвар теъдоди зиёди обанборҳое мавҷуданд, ки (200) аҳолиро бо оби нӯшокӣ таъмин менамоянд. Чунки ҳаҷми обҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ақидаи олимон, ба 18,7 млрд. мк баробар буда, дар ҳамаи минтақаҳои аҳолиниш дастрас нест. Аз ин рӯ, як қисми аҳолии кишвар ба тариқи кандани чоҳ таъминоти оби нӯшокии худро ба қадри имкон пайдо менамоянд (2,8 млрд. мк). Дар баробари ин, дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи чашмаҳои шифобахш ва обҳои минералӣ низ ба 150 адад расидааст.

Аз ин рӯ, яке аз ҷузъиётҳои муҳимми Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмонро масъалаи таъмини амнияти захираҳои обии кишвар ташкил медиҳад.

Дар ин замина, сарчашмаҳои ҳуқуқии сиёсати оби кишварро “Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъмин намуда, ҳамчун санади ҳуқуқӣ назорати давлатии истифодаи об дар мамлакатро ба танзим медарорад. Хусусан, истифодаи обҳои дохилӣ, обҳои сарҳадгузари кишвар, тарзи истифодаи об ва муҳофизати он аз ифлосшавӣ, камшавӣ, таъсири маҳлулҳои зарарнок, банақшагирии чорабиниҳо доир ба истифода ва ҳифзи об, тавозунҳои (балансҳои) хоҷагии об, назорату ҳифзи захираҳои об ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

“Консепсияи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои оби ҷумҳурӣ”, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 2001 таҳия ва тасдиқ шудааст, ҳамчун санади ҳуқуқӣ ин соҳаро фарогир аст.

Консепсия ва асноди ҳуқуқӣ дар таъмини амнияти захираҳои обӣ, манбаҳои таъминкунии об, ҳифзи обҳои маъданӣ, пиряхҳо, идоракунии захираҳои об, дурнамоии комплекси хоҷагии об, корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба об, тайёр намудани кадрҳои илмӣ, таъмини базаи ҳуқуқӣ-институтсионалии комплекси хоҷагии об ва ғайраҳоро мусоидат менамоянд.

Бехатарии об аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, таъминоти саривақтии об, нигоҳ доштани захираҳои обӣ ҳадафи сиёсати обии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт эълон доштани соли байналмилалии «Оби тоза», даъват ва ташкили Форуми байналмилалии оид ба оби тоза, инчунин аз ҷониби СММ солҳои 2008-2018, 2018-2028 ҳамчун даҳсолаи амалиёти «Об-барои ҳаёт»-ро поягузорӣ намуданд, ки аз ҷониби зиёда аз 140 давлати ҷаҳон дастгирӣ гаштааст [9].

Паҳлуи дигари баҳсталаб дар сиёсати обии Тоҷикистон, таҳкими энергияи сабз мебошад. Имрӯзҳо кишварҳои минтақа доир ба нигоҳ доштани захираҳои обу энергетикӣ як қатор принсипу талаботҳои ҳуқуқӣ ҷорӣ намуда истодаанд. Тавре тадқиқот нишон

медиҳад, ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар ҳалли босамар ва мутақобилан судманди масоили марбут ба захираҳои обу энергетика буда, яке аз воситаҳои нигоҳ доштан ва таъмини сулҳу суботи кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад.

Ба ин мазмун, идоракунии захираҳои обии фаромарзӣ аз лиҳози сиёсӣ ба масъалаи нозуки баҳсангез табдил ёфтааст. Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб набояд онро на ҳамчун манбаи низоъ, балки яке аз самтҳои самарабахшу дипломатӣ метавонад нигоҳ дорад.

Дар ин хусус, Созишнома доир ба таъмини обҳои байналмилалӣ вуҷуд дошта, ҳамчун манбаи ҳуқуқӣ ба таъмину таҳкими сулҳ, ҳамсоягии нек, субот ва рушди ҳамкориҳои судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

То ба имрӯз, мушкилиҳои зиёд атрофи масоили об дар ҷаҳон ва минтақа вуҷуд доранд, аз ҷумла:

- ҳалли мушкилоти баҳри Арал ва ҳифзи он, ки боиси вайроншавии тавозуни экологии иқлим ва фазои минтақа гардида, ба ҳастии зиёда аз 35 млн. нафар аҳолии минтақа таҳдид мекунад;
- тақсимоти дурусти об дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар, бахусус оби дарёҳои наздисарҳадии ба ҳавзаи баҳри Арал мерехтае, ки аз он 6 давлати минтақа истифода мекунад;
- муносибатҳои тарафайни байни давлатҳои обдиҳанда ва обгиранда, яъне болооб ва поёноб дар минтақа;
- масоили танзими пардохти хароҷотҳои мавсимии об (Норак, Қайроққум) аз ҷониби давлатҳои минтақа ва ғайра [11,с.292].

Қайд намудан бамаврид аст, ки масъалаи об дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ омили баҳсталаб набуд. Зеро додугирифти захираву маҳсулотҳо миёни 15 ҷумҳурии иттифоқӣ аз як марказ идора карда мешуд. Тоҷикистону Қирғизистон дар Осиёи Марказӣ соҳиби захираҳои бузурги обӣ мебошанд. Ягона кишварҳое мебошанд, ки дар муқоиса бо давлатҳои ҳамсоя захираҳои камтарини нафту газро дар даст доранд.

Барои давлатҳои болооб (Тоҷикистон ва Қирғизистон) захираҳои об ҳамчун сарвати миллӣ ба шумор рафта, аз он мехоҳанд пурсамар истифода намоянд. Ба таври васеъ истеҳсоли қувваи баркро афзоиш диҳанд, онро ҳамчун манбаи содиротии саноатӣ ба кишварҳои эҳтиёҷманд интиқол диҳанд ва ғайра.

Дигар ин ки дар фасли зимистон сар додани об аз обанборҳо ба хотири истеҳсоли барқ ба нафъи ҳамсоякишварҳо нест. Баръакс, заминҳои Қазоқистону Ӯзбекистонро аз зиёдшавии обҳо селу обхезӣ вайрон мекунад.

Дар фасли тобистон бошад, ҳангоми обёрии заминҳои ин давлатҳо талабот ба об бениҳоят меафзояд, ки он дар обанборҳои кишварҳои болооб нигоҳ дошта мешавад. Дар давраи шуравӣ барои пардохти об давлатҳои болооб дар асоси низоми ҳисоббаробаркунӣ аз Қазоқистон ангишт ва аз Ӯзбекистон газ мегирифтанд ва дар мавсими зарурӣ ба онҳо оби даркорӣ медоданд. Айни ҳол бошад, барои ангишту газ «пули нақд» талаб мекунанд, вале дар масъалаи пардохти об намешитобанд. Ҳамин хел мушкилиҳои соҳавӣ аз ҳаминҳо сар мезанад.

Тавре ки маълум аст, дар дунё шумораи зиёди манбаъҳои оби сарҳадгузар вуҷуд доранд, ки марзҳои сиёсии ду ва зиёда кишварҳоро убур менамоянд. Давлатҳои дар соҳили дарёҳои байналмилалӣ воқеъ буда, дар масъалаи истифодаи об ҳамкорӣ мекунанд. Чунин ҳамкориҳои минтақавӣ аз давраҳои қадим вуҷуд дошта, чандин ҳазорсолаҳоро дар бар мегиранд.

СММ мушкилоти оби дарёи Меконгро дар байни давлатҳои Камбоҷа, Лаос, Таиланд ва Ветнам дар доираи Комиссияи байналмилалӣ натиҷагирӣ кардааст. Ё ин ки ҳамкории байнидавлатии Исроил ва Урдун дар масъалаи истифодаи муштараки дарёи Урдун вуҷуд дорад. Бо мусоидати Бонки Ҷаҳонӣ фаъолияти Комиссияи дарёи Ҳинд дар ҳалли ихтилофоти байни Ҳиндустон ва Покистон, аз ҷумлаи мушкилиҳои обие мебошад, ки бо роҳи музокират матраҳ гардидааст. Дар 50 соли охир дар кишварҳои олам зиёда аз 37 низоъҳои шадид ба миён омадааст, ки яке аз омилҳои асосии онро об ҳамчун манбаи ҳаёт ташкил медоданд [10,с.45].

Истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад. Дигар ин ки таъмин намудани амнияти захираҳои обӣ, яъне пешгирӣ намудани ифлосшавии захираҳои обӣ, яке аз роҳҳои босамари идоракунии захираҳои обии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: н.и.ф., ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ – Саидумаров С.С.**


**АДАБИЁТ**

1. Аминов И.А. О взаимосвязях рыночной экономики и экономической науки / И.А. Аминов, Х.И. Аминов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. Выпуск 4 (52). - Худжанд: Ношир, 2012. - С.57-66.
2. Ашуров И.С. Сельское хозяйство: состояние и перспективы форм хозяйствования / И.С. Ашуров. -Душанбе: Адиб, 2008. – 94 с.
3. Бойматов А.А. Региональные аспекты формирования рыночных отношений / А.А. Бойматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. Выпуск 1 (49). -Худжанд: Ношир, 2012. - С. 40-48.
4. Каландарзода Н.М. Организационные вопросы управления водными ресурсами в странах бассейна Аральского моря // Вестник ТНУ- Душанбе, 2016.-№ 2/4 (204).-С. 129-135.
5. Каландарзода Н.М. Арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. - №4/1.- С.120-127.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 28.12.2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www. president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 20.01.2024).
7. Промышленность РТ за 1991-2011 гг., статистический сборник - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2012.
8. Регионы Таджикистана / Статистический сборник - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2011.
9. Сельское хозяйство РТ за 2005-2011 гг., статистический сборник - Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2012.
10. Тағоев Ҷ. Давлати тоҷикон. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 43 с.
11. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: Современное состояние и перспективы развития / Н.Хоналиев. - Душанбе, 2007. – 292 с.



**АҲАММИЯТИ СИЁСАТИ ОБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН**

Сиёсати обӣ яке аз омилҳои асосии стратегии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин минтақаҳои он маҳсуб меёбанд. Самтҳо, сатҳи рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама истеҳсолоти ба об алоқаманд, аз вазъ ва дараҷаи таъмини сиёсати обӣ вобастаанд. Фаъолияти ҷории истеҳсолию хоҷагии муассисаҳо аз ҳар ҷиҳат бо истифодабарии захираҳои об алоқамандӣ дорад. Мутаассифона, истифодабарии захираҳои обӣ имрӯзҳо дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, ҳамчунин дар соҳаи хоҷагии манзилию маишӣ ба талаботҳои истифодабарии сарфакоронаи захираҳои табиӣ мувофиқ нест. Ҳолати мазкур ба истифодабарии ғайримақсадноки захираҳои об, ифлосшавии он, харобшавии иншоотҳо, афзоиши хароҷот барои барқароркунӣ ва ҳифзи объектҳои об оварда мерасонад.



**Калидвожаҳо:** сиёсати об, тоҷикони кӯҳистон, захираҳои об, гидроэнергетика, инқилоби энергетикӣ, ҳифзи сарватҳои табиӣ.



**ЗНАЧИМОСТЬ ВОДНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

Водная политика является важным стратегическим фактором в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан. Направления, уровень развития, расстановка производственных сил, прежде всего, производство, связанное с водой, зависит от состояния и степени обеспечения водной политики. Нынешняя производительная активность всесторонне связана с использованием водных ресурсов. К сожалению, сегодня использование водных ресурсов во многих регионах нашей страны, в частности в жилищно-коммунальных хозяйствах не соответствует рациональному использованию природных ресурсов. Нынешняя ситуация может привести к неправильному использованию водных ресурсов, загрязнению объектов, сооружений и ухудшению безопасности населения, расходам для восстановления и защиты водных объектов.



**Ключевые слова:** водная политика, горные таджики, водные ресурсы, гидроэнергия, энергетическая революция, защита природных ресурсов.



**THE IMPORTANCE OF WATER POLICY IN TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS**

Water resources are an important strategic factor in the socio-economic development of the Republic of Tajikistan. Directions, level of development, distribution of production forces, especially production related to water, depend on the state and degree of provision of water resources. Current productive activity is comprehensively related to the use of water resources. Unfortunately, today the use of water resources in many regions of our country, in particular in housing and communal services, does not correspond to the rational use of natural resources.The current situation can lead to improper

use of water resources, pollution of facilities, construction and deterioration of public safety, costs for the restoration and protection of water bodies.

**Keywords:** water policy, mountain Tajiks, water resources, hydro energy, energy revolution, protection of natural resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мусоев Шуҳрат Маҳмадиевич*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **930777187**
***Абдулоев Абдулло Шайдулоевич*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, муаллими калон.**Суроға:** 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10. Телефон:**988-88-96-88**

**Сведения об авторах:** ***Мусоев Шухрат Мухаммадиевич*** **-** Таджикский технический университет имени М.С. Осими, кафедры общественных наук старший преподаватель. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **930-77-71-87**
***Абдуллоев Абдулло Шайдулоевич*** - Таджикский технический унверистет имени М.С. Осими, кафедра общественных наук старший перепадаватель. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **988-88-96-88**

**Information about the authors:** ***Musoev Shukhrat Mukhammadievich*** - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Department of Social Sciences, Senior Lecturer. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street 10. Phone: **930-77-71-87**
***Abdulloev Abdullo Shaidulloevich*** - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Department of Social Sciences, Senior Lecturer. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Street 10. Phone: **988-88-96-88**

ТДУ: 323/324+34

# НАҚШИ ОМИЛҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚӢ ВА СИЁСИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ


***Мунаварова Д.О.***

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд**


Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон бори дигар исбот намуд, ки муқаддас донистани сарзамин ва поку мубарро нигоҳ доштани он бунёди фалсафаи тоҷиконро ташкил медиҳад. Ин сиришти азалии фарҳанги мардуми мо, аз даврони Авасто то ба имрӯз моҳияти хешро гум накардааст ва ба ин хотир тоҷик наметавонад даст ба низоъ занад.

Муҳимтарин омили бедории миллат истиқлолияти давлатӣ мебошад. Истиқлолият бузургтарин неъмат барои озодӣ, мустақилият ва пешрафти миллат ба ҳисоб меравад. Расидан ба истиқлолият нишонаи муайянкунандаи худшиносии аҳли ҷомеа мебошад. Тавре муаллифони китоби “Фалсафаи худшиносии миллӣ” таъкид менамоянд: “Рукнҳои асосии истиқлолиятро, пеш аз ҳама, бунёди давлати миллӣ бо истиқлолияти комили сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки ба он махсусияти ғояи миллӣ, ваҳдати миллӣ, артиши миллӣ, маорифи миллӣ, ғурури миллӣ, ифтихори миллӣ, фарҳанги миллӣ, қаҳрамонҳои миллӣ ва ғайра алоқамандӣ доранд” [25].

Аз ин ҷо чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки истиқлолияти сиёсӣ барои миллат дигар шаклҳои истиқлолиятро фароҳам меорад, ки дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир мебозанд. Аз ҷумла, истиқлолияти сиёсие, ки пас аз ҳазор сол дубора ба даст омад, барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ имкониятҳои фарогир фароҳам овард. Дар ин робита, масъалаи баррасии ҷойгоҳи ғояи миллӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ба миён меояд. Дар ин ҷо, баҳсу талошҳо дар ин хусус аст, ки “Оё дар шароити ҷомеаи озод ғояи ягонаи миллӣ вуҷуд дошта метавонад ё не”?

Дар моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар гаштааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад» [10,с.7].

Аз тарафи дигар, ҳамаи мо новобаста ба эътиқоди ҳизбию мазҳабӣ соҳиби як Ватанем, ки номаш Тоҷикистон аст. Пас суоле ба миён меояд, ки чӣ чиз метавонад ҳамагонро ба ҳам орад? Ҷавоби ин суол мусаллам аст. Дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯза фақат худшиносии миллӣ ва фарҳанги миллӣ метавонад дар таъмини ваҳдати миллии ҷомеаи мо нақши меҳварӣ бозад. Зеро, агар худшиносии миллӣ ин дарёфтани хеш дар байни дигар миллатҳо, шинохти муқаддасоти миллӣ, дарки зебогии табиати ватани хеш, ки дар афсонаю ривоятҳо, шеъру суруд, санъат ва образҳои бадеӣ инъикос ёфта бошад, фарҳанги миллӣ тамоми фаъолияти халқ дар тули таърих ва инъикоси он дар предметҳои меҳнат, маишату рӯзгор ва анъанаву расму оинҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бояд ғояи соҳибистиқлолӣ, ваҳдатгароӣ, сулҳу субот маҳаки асосии ғояи миллиро ташкил диҳанд. Зеро тарҳрезии идеологияи ба унсурҳои ватанпарастонаи шуури миллӣ асос ёфта, имконият фароҳам меорад, ки рукнҳои муҳимми эъмори давлати соҳибистиқлолу демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ заминаи амиқи ақидатию назариявӣ пайдо намоянд ва ба як ҷузъи муҳимми ҷаҳонбинии сокинони кишварамон табдил ёфта, заминаро барои ташаккули асосҳои арзишии идоракунии ҷомеа, низоми шарҳу тавсифи ҳадафҳои фаъолияти ҷамъиятии мардумро муҳайё созад.

Ташаккулёбии идеологияи умумимиллӣ тақозо менамояд, ки созишу ҳамдигарфаҳмии субъектҳои фаъолияти сиёсӣ дар мавзуи арзишҳои марказии ҷомеа, майлгирӣ ва барномаҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, масъалаҳои ташаккулу инкишофи давлатамон таҳким ёбад. Дар асоси сохторёбии сиёсии консепсияи мазкур чунин арзишҳои умда бояд ҷой дошта бошанд: анъана ва ҳувияти миллии тоҷикон ва дигар этносҳои дар Тоҷикистон маскуншуда; эҳсоси соҳибдавлатӣ, соҳибватанӣ, худдорӣ аз бегонапарастӣ; демократияи намояндагӣ; иқтисоди бозоргонӣ.

Идеяи миллӣ инчунин арзишҳои зеринро бояд фарогир бошад:

- дарки шарикии ҳар шаҳрванди тоҷикистонӣ бо тақдири мамлакат, бо тақдири тамоми халқи Тоҷикистон;
- хотираи нек аз ниёгони халқамон, ки дар инкишофи илму фарҳанг саҳми босазо гузоштаанд;
- эҳтиром ба калонсолон, ки бо ҷаҳду ҷасораташон неруи иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кишвар созмон ёфтааст;
- масъулиятшиносӣ, қавииродагӣ ва ташаббускорӣ баҳри ташаккули давлати демократӣ, иқтисоди мутараққӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир.

Фарҳанги миллӣ ғояҳои баланди миллӣ, имкониятҳои воқеии рушди миллат ва ормонҳои онро дар роҳи расидан ба қуллаҳои баланди тараққиёт инъикос менамояд. Аз ин лиҳоз, фарҳанги миллии халқи тоҷик дар таърих решаҳои чуқур дорад. Он дар тафаккури халқи тоҷик баробари эҳсос намудани худ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Дар давраи ҳукмронии Сомониён фарҳанги миллӣ ба пояи пурқувват ва устувори ҳаёти маънавии давлати миллӣ табдил ёфта буд. Маҳз ҳамин падида имконият дод, ки Сомониён давлати муқтадир созанд, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодии худро ривоҷ дода, сиёсати дохилию берунаро ба роҳ монанд. Муносибатҳои дӯстонаро бо дигар давлатҳо ва халқҳо мустаҳкам карда, руҳу сиришти инсонпарварӣ ва башардӯстии халқи тоҷикро ба онҳо муаррифӣ намоянд. Мисоли равшани он эҷодиёти нобиғаҳои адабиёти мо Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз, Камол, Саъдӣ, Хайём, Ҷомӣ ва дигарҳо мебошанд. Ғояи миллии халқи тоҷик дар рафти мубориза̄ҳои сиёсию идеологӣ ташаккул меёфт.

Дар замони муосир, ки аз боби ташаккули тафаккури миллӣ, худшиносии миллии ҳар шаҳрванд сухан меравад, бештар қазовати онҳо дар сатҳи умумимиллӣ сурат мегирад. Аслан ин дуруст аст, зеро тавре ки дар боло ишора рафт, баъд аз замони Оли Сомон то ба кунун бори аввал мо имконияти дар бораи давлати миллӣ сухан рондан, дар бораи рушду нумуи фарҳанги миллӣ ғамхорӣ зоҳир намуданро пайдо кардем.

Баробари эътирофи қадамҳои устувори хеш дар ин самт мо набояд аз қазовату танқиди камбудию норасоиҳо рӯй гардонем. Зеро ки дар ҳама гӯшаю канори мамлакатамон масъалаҳои рушду нумуи иҷтимоиёту фарҳанги миллӣ, ки заминаи боэътимоди пояи худшиносии миллист, дар як сатҳ нест. Масалан, мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дараҷаи худшиносии миллӣ дар шаҳрҳои марказии мамлакатамон аз музофотҳои кишвар ба куллӣ фарқ мекунад. Қазовати сабабҳои мушкилоти ташаккули худшиносии миллӣ дар музофотҳо дар ҳар минтақа баҳсу мунозираҳои доманадорро талаб менамояд. Таҳлилу омӯзишҳо нишон медиҳад, ки номутаносибии сатҳи ташаккули худшиносии миллии мардуми ноҳияҳо ва шаҳрҳои азими кишвар, аз як тараф, ба омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар, масалан, ноҳияҳои наздисарҳаддӣ, аксаран гуногунмиллат мебошанд ва аз он то кадом андоза ҳар як қавмият хешро мансуби миллати тоҷик ё тоҷикистонӣ меҳисобад, барои ташаккули андешаи миллӣ аҳаммияти калонро дорост. Албатта, барои коҳиш додани ин номутаносибӣ аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, аҳзобу созмонҳои ҷамъиятӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Масалан, дар ноҳияҳои наздисарҳадии вилояти Суғд дар солҳои соҳибистиқлолӣ даҳҳо мактабу боғча, дигар объектҳои маърифатию фарҳангӣ бунёд ёфтанд, ки онҳо бегуфтугӯ ба вазъи таълиму тарбия ва рушди ҳаёти фарҳангӣ бетаъсир намемонанд. Вале вазъи ташаккули худшиносии миллӣ фақат аз таълиму тарбия вобаста нест. Ба фикри мо, дар ин ҷо масъалаи ба мардум дастрас будани арзишҳои фарҳанги миллӣ, сари вақт расонидани иттилоот оид ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ хеле муҳим аст. Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш махсус таъкид карда, чунин гуфта буданд: «...Аз ин ҷиҳат (сухан аз боби вазъи инкишофи фарҳанг ва ҳолати иттилоотии ҷомеа меравад. М.Д.) хусусан вазъи ноҳияҳои наздисарҳадӣ... ва минтақаҳои кӯҳистон ташвишовар аст. Холигиҳои иттилоотиро дар аксари минтақаҳои наздисарҳадӣ пахши барномаҳои телевизиони кишварҳои хориҷӣ пур мекунанд. Натиҷаву оқибатҳои чунин ҳолат маълум аст: аҳолӣ аз ҳаёти сиёсиву иҷтимоию фарҳангии мамлакат бехабар мемонад ва ба сиёсату идеологияи бегона меравад» [22]. Дар ин ҷода низ дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ қадамҳои нек гузошта шуданд. Имрӯз имконияти тамошои барномаҳои телевизиони Тоҷикистонро на фақат аҳолии мамлакат, балки берун аз он ҳам доранд.

Заминаҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли мушкилоти ташаккули тафаккури миллӣ ба таври ҳамешагӣ аз ҷониби роҳбарияти давлат таъкид мегардад.

Дар пиёда намудани ин вазифаи басо муҳим аҳаммияти асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, хусусан китоби ӯ «Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён)» хеле калон аст. Бунёди ин асар талаботи замон буд. Саҳифаҳои таърихи халқи тоҷикро варақгардон намуда, муаллифи он дар бораи муборизаи тоҷикон баҳри нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва соҳибистиқлолӣ андеша меронад. Ӯ ба таври махсус таъкид менамояд, ки зудуда гаштани ҳофизаи таърихӣ, бефарқ нигоҳ кардан ба фарҳанги миллати хеш, муқаддасоти он, дар ниҳоят ба суст гаштан, ҳатто аз байн рафтани давлату миллат сабаб мегарданд. Муаллиф қайд менамояд, ки мисоли равшани ин гуфтаҳо ҳодисаҳои хунбори солҳои 90-уми асри XX дар кишвари мо мебошанд. Зеро маҳз ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтани таърихи давлату миллат, коста гаштани ҳисси ифтихори миллӣ, ватандорӣ ба як гурӯҳ ифротгарон имконият дод, ки тоҷиконро, ки он қадар таҷрибаи бойи сиёсӣ надоштанд, ба вартаи ҷанги даҳшатовари шаҳрвандӣ бикашанд.

Муаллифи китоб аллакай дар муқаддимаи он ба таври амиқ нақши фарҳанги миллиро дар худшиносӣ ва сулҳу суботи ҷомеа ба сифати масъалаҳои калидӣ муайян намуда, ба таҷрибаи таърихи давлати руҷуъ Сомониён намуда, диққати асосииро ба омӯзиши омилҳои иҷтимоиву фарҳангии ин давлат ва аҳаммияти бебаҳои он барои ҳалли масъалаҳои мубрами давлатсозии тоҷикон дар замони муосир равона намудааст. Ӯ ба таври алоҳида таъкид бар он дорад, ки арзишҳое, ки аз замони Сомониён то ба мо расидаанд, на фақат дар таъмини ваҳдату ризоияти миллӣ, балки барои вусъати тозаи худшиносии миллӣ нақши муассир бозида метавонанд.

Дар асар қайд карда шудааст, киомӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои озод намудани ғояи миллии давлатдориамонро аз шиканҷаи карахтӣ ва тақлиди кӯр-кӯрона берун орем. Вобаста ба ин Пешвои миллат менависад: «Мо мехоҳем зери парчами ниёгони худ муттаҳид шавем, сохибистиқлолӣ, ягонагии ҳудуди худро мустаҳкам намуда, воқеан ҳам давлати демократию ҳуқуқбунёд барпо намоем”. Андешаҳои Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид ба он доранд, ки фақат ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳангӣ миллати хеш метавонад худшиносии миллии инсонро боло барад. Ӯ таъкид намудааст, ки миллате, ки забону адабиёт, расму оин ва дигар арзишҳои фарҳангии миллати худро эҳтиром намекунад, соҳибистиқлолии худро дифоъ карда наметавонад. Ин масъала барои давлатҳои пасошуравӣ, аз он ҷумла барои Тоҷикистон низ, муҳиммият пайдо намуд, зеро ҳамаи давлатҳои навбунёд кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар гузаштаи дуру наздики худ пойгоҳе ё такягоҳе дарёфт намуда, онро барои бунёди давлати соҳибистиқлоли худ истифода баранд.

Пешвои миллат баъзе тамоюлҳои ин ҷараёнро мавриди баррасӣ қарор додааст ва қайд менамояд, ки дар ин ҷараён баъзан аз будаш зиёд нишон додани нақши ин ё он миллатҳо, аз ҳад зиёд «рангубор» додани гузаштаи миллатҳои алоҳида ва беэътиноӣ нисбати дигар миллатҳо низ ба назар мерасад.

Худшиносию ватанхоҳӣ мисли решаест, ки ба туфайли он дигар арзишҳои волои миллӣ (анъанаҳои миллӣ, расму оинҳо) барқароранд. Дар ин радиф қобили зикр аст, ки ҳатто дар давраҳое, ки тоҷикон зери юғи ин ё он аҷнабиҳо қарор доштанд, ин решаи амиқи таърихию фарҳангӣ имкон надод, ки илму фарҳанг, адабиёту санъати миллӣ, таҷрибаи фарҳангофарину сулҳофарини миллати мо ба нестӣ равад.

Маҳз ҳамин решаи таърихӣ имкон фароҳам овард, ки арзишҳои иҷтимоиву фарҳангии миллии мо аз умқи таърих то ба насли имрӯза ҳамчун неъмати бебаҳо ирсол дода шаванд.

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани Истиқлолият, таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон, муттаҳид намудани ҳамаи гурӯҳҳову қишрҳои ҷомеа, ваҳдату ризоияти миллӣ ҳадафҳои стратегии давлату ҷомеаи муосири Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, ки дар маҷмуъ моро ба сӯйи бунёди

ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ ҳидоят менамояд.

Раванди демократикунонии ҷомеа барои ҳалли масъалаҳои ғуншуда дар соҳаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ мавҷуда шароит фароҳам меорад. Имрӯз вазифаи муҳимтарин бунёди механизмҳои фаъоли давлатӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои ғуншуда мазкур маҳсуб меёбад.

Дар тартиби ҳалли масъалаҳои мазкур омӯзиши ҳолати ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқии ҳаёти ҷомеа дар ҳақиқат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ж.Ж. Руссо барҳақ мефармояд, ки: «…озодии ахлоқӣ инсонро соҳиби воқеии худаш мекунад, зеро танҳо дар зери таъсири хоҳиши худ кор кардан ғуломӣ ба шумор меравад ва риояи қонун, ки онро ту худат барои худ муқаррар намудӣ, озодӣ мебошад» [18].

Дар ҳалли ин масъала ҷойгоҳи махсусро низоми таҳсилот бар дӯш дорад. Муҳиммияти ин ниҳоди иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни иҷтимогароии шахс дар оила оғоз ёфта, дар ин ниҳод шаклу мазмуни нав мегирад. Ин раванд ҳамеша бо он вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва мафкуравие, ки дар назди ҷомеа меистанд, алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ба андешаи муҳаққиқон дар замони муосир таҳсилот се ҳадафи асосиро иҷро менамояд. Аввалан, интиқоли дониш, баъдан интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ ва ахиран парвариши маҳорати истифодабарии донишу таҷрибаи андӯхта дар муҳассилин аст. Мураккабияти вазъият дар таҳсилоти муосир дар тамоми дунё аз он иборат аст, ки низоми мавҷудаи таҳсилот ба ташаккули шахсияти таълимгиранда камтар диққат дода, бештар ба тахассусмандии ӯ таваҷҷуҳ менамояд [12].

Дар ин радиф бояд зикр кард, ки ҷомеаи Тоҷикистон, ки дар ҳолати гузариш ба муносибатҳои сифатан нави иҷтимоӣ қарор дорад, ҳалли як қатор муаммоҳои мубрам, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи маънавию ахлоқиро тақозо дорад. Воқеияти имрӯза чунин аст, ки дар даврони ҷаҳонишавии арзишҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, вусъати босуботи технология ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ парадигмаи таҳсилот тағйир ёфта, дар назди ин низом вазифа ва мақсадҳои нав гузошта мешаванд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ба рушди солим ва ташаккули минбаъдаи худогоҳии миллӣ мусоидаткунанда ҳалли дурусти масъалаҳои танзими сиёсиву ҳуқуқии муносибатҳои миллӣ дар ҷомеа ба шумор меравад.

Эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии мустақими рушди танзими ҳуқуқиро аз моҳияти иҷтимоии ҳукумат, хислати танзимоти ҳуқуқӣ, таркиби ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ва конститутсионӣ ва қонунгузориҳои махсус зоҳир менамояд. Дараҷа ва комилияти танзими сиёсиву ҳуқуқии муносибатҳои миллӣ аз бисёр ҷиҳат бо махсусиятҳои рушди таърихии ҷумҳурӣ низ алоқаманд мебошанд. Ҷумҳурӣ дар раванди сохтмонҳои миллӣ бо усулҳо ва воситаҳои ба худ хосси он (истифодаи ҳокимияти оммавӣ ва дастгоҳи он, амалисозии он, танзими ҳуқуқӣ, барномарезии сохтмонҳои иҷтимоиву иқтисодӣ) заминаҳои ташаккули ҳамаи миллатҳоро дар ҳудуди сарҳадҳои давлатӣ, ки аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият ба миён омадаанд, фароҳам месозад. Аз ин нуқтаи назар, бояд элементи муҳимми худогоҳии миллӣ - манфиати миллиро низ бояд ба назар гирифт.

